Дар сатҳи байналмилалӣ мафҳуми ягонаи истилоҳи «деҳот» вуҷуд надорад, ки барои ҳамаи кишварҳо мувофиқ бошад, вале маъмултаринаш бо андозаи хурдтарини воҳиди маъмурии кишвар муаррифӣ мегардад. Масалан, чун минтақаҳои шаҳрӣ аксар вакт маҳалҳои дорои аҳолии на камтар аз 2000 нафар ҳисобида мешаванд, симои минтақаҳои деҳот бошад, бештар бо маҳалҳои камтар аз 2000 нафар аҳолӣ бо зичии пасти ҷойгиршавӣ пайваст аст [6, с. 57]. Барои кишварҳое, ки зичии аҳолӣ барои фарқ кардани шаҳру деҳот нишондиҳандаи кофӣ нест, тавсияҳои байналмилалӣ истифодаи меъёрҳои иловагиро пешниҳод мекунанд: масалан, фоизи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар соҳаи кишоварзӣ, таъминоти маҳаллаҳои истиқоматӣ бо неруи барқ ва об, мавҷуд будани ёрии тиббию мактабҳо ва марказҳои истироҳатии махсусгардонидашуда. Дар ҳар сурат эътирофи он, ки шаҳру деҳот як фазои ягонаро ташкил медиҳанд ва ба ҳам зич алоқаманданд, ҷой дорад.

Дар маҷмуъ, мафҳуми «деҳот», новобаста аз шакли истифодабарии замин, дараҷаи рушди иқтисодӣ ва бартарияти ҳар як бахши иқтисодӣ, таваҷҷуҳро ба ҳудуд ё минтақа ҷалб менамояд. Ва дар мавриди берун аз чорчӯбаи ҳудудҳои маъмурии минтақа ташкили баррасии масъалаҳои рушди деҳот, ҷамъоварии маълумотҳои оморӣ душвор мешавад, зеро деҳот на бо сарҳади маъмурӣ ё минтақаи таъсири як бахши иқтисодӣ мувофиқат мекунад.

Тақсимоти маъмурию ҳудудӣ – ин чунин намуди минтақабандиест, ки барои ба амал баровардани идоракунии мақсаднок, инкишоф додани ҳудуди муайян бо таъсиррасонии доимӣ ба рафти таҳаввулоти иқтисодию иҷтимоӣ, бо дарназардошти хусусиятҳои ҳудудии мавриди назар имконият медиҳад.

Минтақаҳои деҳот дорои фазои иқтисодӣ мебошанд, ки маҷмуи муносибатҳои иқтисодиро тавсиф мекунанд.

Арзёбии фазои иқтисодӣ бештар аз рӯйи ҷанбаҳои зерин сурат мегирад:

- зичӣ, ки дараҷаи то ҷӣ андоза зиёд будани ягон навъи иншоот, захираҳоро дар минтақа ифода менамояд;
- ҷойгиршавӣ, ки бо нишондиҳандаҳои ҷойгиршавии марказҳои аҳолинишин, корхонаҳо ва муассисаҳо муайян карда мешавад;
- иртибот, ки нишондиҳандаҳои инкишофи шабакаҳои нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ дар он инъикос меёбанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бештари олимон, аз ҷумла олимони шинохтаи хориҷӣ - П. Жорж, Д. Энеди, Р. Чамберс, олимони Россия Т.В. Блинова, В.В. Ивантер, Т.И. Заславская, И.В. Мишенко, Т.Г. Нефедова, О.С. Пчелинтсев, Р.В. Ривкина, А.Я Тротсковский ва М.А. Шабанова, ки масъалаҳои марбут ба низоми ободонии деҳотро баррасӣ мекунанд, бештар дар он ақида ҳастанд, ки деҳот минтақаҳои берун аз шаҳрҳои калон буда, дорои аҳолии кофӣ ва шароити табиӣ, инфрасохтор, инчунин унсурҳои гуногуни моддию фарҳангӣ мебошанд.

Минтақаҳои деҳот, махсусан дар муқоиса бо минтақаҳои шаҳрӣ, бо алоқаҳои нисбатан маҳдуди саноатӣ ва зичии пасти аҳолӣ тавсиф мегарданд.

Дар аксари минтақаҳои деҳот шуғли аҳолӣ асосан бо меҳнати кишоварзӣ пайваст буда, сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ нисбатан пасттар аст.

Тадқиқоти олимон дар ин самт нишон медиҳанд, ки ба минтақаҳои деҳот - бартарияти оилаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва миллӣ якхела, ошкорбаёнии бештар дар муошират, баландтар будани нуфузи афкори ҷамъиятӣ, назорати иҷтимоӣ, махсусан аз насли калонсол, анъанаҳо хос аст.

Ҳамзамон, хусусияти минтақаҳои деҳот дар он аст, ки онҳо манбаи маводи ғизоӣ ва ашёи кишоварзӣ, сарватҳои табиӣ, ҷои нодири истиқомат мебошанд.

Вазифаҳои иқтисодии минтақаҳои деҳот гуногунанд ва ҳадди ақал инҳоро дар бар мегиранд:

- *вазифаи истеҳсолӣ* - қонеъ гардондани талаботи ҷамъият ба озукаворӣ ва ашёи хом, ба маҳсулоти хоҷагии ҷангал ва шикор, инчунин, ба маҳсулоти дигар соҳаҳои саноат ва намудҳои фаъолияти иқтисодӣ;
- *вазифаи иҷтимоию демографӣ* - такрористеҳсолкунии аҳолии деҳот, бо захираҳои меҳнатӣ таъмин намудани кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт;
- *вазифаи фарҳангию миллӣ* - ҳифзи забону фарҳанги асили миллӣ, анъанаҳои мардумӣ, расму оинҳои мардумӣ, таҷрибаи идораи иқтисодиёт ва азхудкунии сарватҳои табиӣ, ёдгориҳои табиат, таърих ва маданияти дар деҳот воқеъгардида;
- *вазифаи экологӣ* - нигоҳ доштани мувозинати экологӣ дар саросари ҷумҳурӣ, нигоҳдории мамнуъгоҳҳо, паркҳои миллӣ;
- *вазифаи рекреатсионӣ* – фароҳам овардани шароит барои барқарор намудани саломатӣ ва истироҳати аҳолии шаҳру деҳот;
- *вазифаи алоқавию коммуникатсионӣ* - таъмини заминаю фазои мушаххас ба ҷойгиркунии истеҳсолот ва нигоҳдории алоқаҳои коммуникатсиявӣ (роҳҳо, хатҳои барқӣ, алока, об, нафту газ);
- *вазифаи идораи рушди маҳал* - таъмини фаъолияти мақомотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва бехатарии маҳалҳои аҳолинишин, идораи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, замин, обу ҷангал, олами набототу ҳайвонот бо самтгирӣ ба рушд ва сатҳи баланди зиндагонӣ.

Ба маънои геополитикӣ, минтақаҳои деҳот қисми зиёди қаламрави аксарияти кишварҳоро, аз ҷумла, аз ҳама пешрафтатаринашонро дар бар мегиранд. Аз сатҳи азхудкунии имкониятҳои минтақаҳои деҳот ва таъмини устувории рушди онҳо ба дараҷаи баланди амният, ягонагии ҳудудии давлат ва иқтидори он барои муқовимат ба таҷовузи ҳудудӣ аз берун пайваст аст.

Таҷрибаи андухтшудаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки типҳои гуногуни минтақаҳои деҳот ҷой дорад. Типологияи минтақаҳои деҳот шарти муҳимми баҳодиҳии вазъи рушди онҳо, сохтор ва бартариятҳои эҳтимолии рақобатӣ аз рӯйи нишондодҳои микдорӣ мебошад.

Ташаккули типҳои минтақаҳои деҳот таърихан дар раванди идоракунии замин ва табиат сурат гирифтаст. Маҷмуи захираҳои дар минтақаҳои деҳот мавҷудбуда (замин, об, моҳӣ, ҷангал, канданиҳои фоиданок, иқлим ва ғайра), усулҳои идоракунӣ, наздикии онҳо ба шаҳрҳо, хатҳои нақлиётӣ ба марказҳои савдо ва фаъолнокии иқтисодӣ хусусияти асосии иҷтимоию иқтисодии рушди деҳотро муайян мекунанд.

Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд чунин мешуморад, ки «минтақаҳои деҳот - аҳолӣ, замин ва дигар захираҳои маҳалҳои кушоди берун аз марказҳои бузурги шаҳриро фаро мегиранд» [11]. Созмони мазкур дар доираи сиёсати минтақавии худ ба се хусусият такя мекунад, ки ҷолибовар аст.

**Ҷадвали 1. - Типҳои минтақаҳои деҳот дар доираи сиёсати минтақавии Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд**

| Типи минтақа | Зичии аҳолӣ, нафар/км$^2$ | Ҳиссаи аҳолии деҳот дар шумораи умумии аҳолии кишвар, % | Шумораи аҳолие, ки дар марказҳои шаҳрӣ истиқомат мекунанд, ҳазор нафар |
|---|---|---|---|
| Минтақаҳои деҳот | камтар аз 150 | бештар аз 50 | - |
| Минтақаҳои мобайнӣ | беш аз 150 | 15-50 | беш аз 200 |
| Минтақаҳои шаҳрӣ | | камтар аз 15 | беш аз 500 |

Аз ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта дар кишварҳои пешрафта мушкилоти марбут ба баҳисобгирии муназзами микдорӣ ва сифатии вазъи деҳот бештар ба миён меомаданд. Типологияи муқоисашавандаи байналмилалӣ аз ҷониби Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд дар доираи лоиҳаи мушаххаси «Нишондиҳандаҳои деҳот» таҳия карда шуд, ки дар он бори аввал низоми минтақавии ҷамъоварӣ ва пешниҳоди маълумоти миллӣ доир ба минтақаҳои кишвар дар сатҳи байналмилалӣ таъсис дода шуд [12].

Дар аксари кишварҳои ҷаҳон меъёри ҷудо кардани маҳалҳои аҳолинишини шаҳрӣ ва деҳотӣ шумораи аҳолӣ, зичии ҷойгиршавии аҳолӣ ва хусусияти шуғли аҳолӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки рушди минтақаҳои деҳот на танҳо бо истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва моҳидорӣ бояд пайваст бошад.

Ҳамзамон, аз рӯйи анъана, маҳз истеҳсолоти кишоварзӣ асоси ободонии деҳот, асоси иқтисодии онҳо мебошад. Нақши махсуси он дар байни дигар бахшҳои иқтисодиёт бо як қатор омилҳо вобаста аст:

- дастрасии иқтисодӣ ва ҷисмонии аҳолӣ ба навъҳои асосии озуқаворechо хушсифатро таъмин менамояд;
- ба инкишофи соҳаҳои аз ҷиҳати технологӣ алоқаманди иқтисодиёт мусоидат мекунад;
- намуди асосии шуғл дар деҳот мебошад [13].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳои деҳот, тақвияти сохтори онҳо бо - инкишофи технологияҳои истифодаи омилҳои табиӣ, баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ, ташаккули саноати маҳаллӣ ва муносибатҳои бозорӣ, ҷараёнҳои ҳамгироӣ зич алокаманд аст [7, с.105].

Минтақаҳои деҳот аз дараҷаи вобастагӣ ба кишоварзӣ чун сутун ё пояи асосии рушди онҳо аз ҳамдигар метавонанд фарқ кунанд. Яъне, онҳо метавонанд соф аграрӣ бошанд, ё аграрӣ-саноатӣ, ё аграрӣ-сайёҳӣ ва ғайра. Вариантҳо метавонанд гуногун бошанд, ки бештар маҷмуи омилҳо, мисол, бо омилҳои мавҷудаи табиӣ, инфрасохтори мавҷуда хеле пайваст аст.

Дар раванди муайян намудани хусусиятҳои рушди минтақаҳои деҳот таъмини таваҷҷуҳ ба чунин нишондиҳандаҳо хеле муҳим аст:

1) ҳиссаи кишоварзӣ дар сохтори Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ;

2) ҳиссаи аҳолии деҳот дар шумораи аҳолии минтақаҳои кишвар;

3) ҳиссаи шуғл дар кишоварзӣ дар шумораи умумии шуғл дар миқёси минтақаҳои кишвар;

4) масоҳати заминҳои кишоварзӣ ба 1 нафар аҳолӣ дар минтақаҳои кишвар;

5) сохтори истеҳсолоти кишоварзӣ аз рӯйи категорияҳои хоҷагиҳо;

6) махсусгардонии минтақаҳо ба истеҳсоли навъҳои алоҳидаи маҳсулоти кишоварзӣ;

7) маблағгузорӣ ба сармояи асосии кишоварзӣ дар минтақаҳои деҳот.

Чунин нишондиҳандаҳо дар нашрияҳои Ф. Муминова ба мушоҳида мерасад [5, с.134], мисол, дар онҳо қайд мегардад - ҳама воҳидҳои маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои Душанбе, дар соли 2021 ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ дар Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ назаррас аст. Ва ин ҳисса дар вилояти Хатлон ва ВМКБ нисбатан баландтар аст. Аз ин лиҳоз, бештар минтақаҳои аграрӣ ҳисобида мешаванд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои мазкур имконияти арзёбии минтақаҳои деҳот, ҷудо намудани хусусиятҳои онҳо (дар қисмати сатҳи аграрӣ будани онҳо)-ро, ба назарамон, афзун мегардонад.

Дар минтақаҳои деҳот, ки бештар аграрӣ ҳастанд, ҳиссаи умумии маҳсулоти асосии кишоварзӣ ва коркарди минбаъдаи он, маҳсулоти соҳаҳои дастгирии кишоварзӣ бартарӣ (беш аз 50%) дорад.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ низ типологияи минтақаҳои деҳот мавҷуд аст [9, с.284]:

• минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ муттаҳидшуда нисбатан бештар дар наздикии марказҳои иқтисодӣ воқеъ гардида, бо афзоиши аҳолӣ, ҷойи корҳои гуногунҷанба ва инфраструктураи хеле рушдёфта тавсиф мегарданд. Таъмини мувозинати экологӣ ва ҳифзи қабати табиию фарҳангӣ дар чунин минтақаҳо талаботи аввалиндараҷа ба шумор меравад. Дар бахши кишоварзии ин минтақаҳо аксар вақт мушкилоти зерин ба миён меоянд: шароити оптималии истеҳсолӣ ва бозорёбӣ фароҳам оварда мешавад, аммо нархи баланди замин ва таъсири эҳтимолии манфии муҳити зист ин бартариҳои ҷойгиршавиро маҳдуд мекунад;

• минтақаҳои мобайнии деҳотӣ, ки аксар вақт дурнамои нисбатан мусоиди рушди иқтисодӣ доранд, хусусан, агар онҳо дар минтақаҳои марказии кишвар ҷойгир бошанд ва ба шабакаи нақлиёт хуб пайваст бошанд. Илова бар ин, ба кишоварзӣ ва соҳаҳои ба он алоқаманд вобастаанд. Пешомадҳои ояндаи рушди минтақаҳои миёнаро, пеш аз ҳама, ду омил муайян мекунад: аввалан, суръати дигаргунсозии сохторӣ дар бахши афзалиятнок дар соҳаи кишоварзӣ; дуюм, суръати имконпазири имкониятҳои шуғли алтернативӣ;

• минтақаҳои дурдасти деҳотӣ, чун қоида, бо зичии пасти аҳолӣ, сохтори начандон мусоиди демографӣ, даромади паст ва вобастагии зиёд аз бахши афзалиятнок тавсиф мешаванд. Бо ҷойгиршавии канорӣ дорои инфрасохтори нисбатан паст рушдёфта мебошанд. Дурнамои иқтисодии рушди онҳо

начандон бо сатҳҳои баланд пайваст аст, ки онҳоро минтақаҳои махсусан камбизоат мегардонад. Шароити номусоиди табиии истеҳсолот ва дур будан аз бозорҳои фурӯш шароити номусоиди кишоварзиро тавсиф мекунад. Ҳамин тариқ, минтақаҳои дурдаст нисбат ба сиёсати рушди деҳот талаботи бештар доранд. Ҳадафи аввалиндараҷа дар ин ҷо пайдо кардани мувозинати мувофиқ байни пешниҳоди иқтисодии хизматрасонӣ, ноил шудан ба сатҳи баландтари зиндагӣ, самаранокии иқтисодӣ ва идоракунии дарозмуддати муҳити зист мебошад. Дар назарияи сиёсати минтақавӣ онҳоро одатан «минтақаҳои проблемавӣ» меноманд.

Бояд қайд намуд, ки «минтақаҳои проблемавӣ» бештар дар чорчӯбаи назари маҷмуии рушди минтақаҳои кишвар (бе ишора ба минтақаҳои деҳот) баррасӣ мегардад.

Дар ин раванд, маънои мафҳуми «минтақаи проблемавӣ» аз он иборат аст, ки онҳо масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии худро мустақилона ҳал карда наметавонанд ва, аз ин рӯ, барои онҳо дастгирии фаъолонаи давлат хеле муҳим аст.

Яъне, «минтақаи проблемавӣ» чунин минтақае мебошад, ки мустақилона ба ҳалли мушкилоти иҷтимоию иқтисодии худ ё ба амал татбиқ сохтани имкониятҳои бештари худ қодир нест, ба дастгирии фаъолонаи давлат эҳтиёҷ дорад.

Дар коркардҳои олимони Россия «минтақаҳои проблемавӣ» бештар ба зергурӯҳҳо ҷудо карда мешаванд [2, с.420].

Минтақаҳои сусттараққикарда (қафомонда) - минтақаҳое мебошанд, ки нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо доимо дар давоми муддати тӯлонӣ пасттар аз нишондиҳандаҳои миёнаи кишвар қарор доранд. Дар маҷмуъ, сатҳи анъанавии рушди иқтисодӣ ва зиндагии аҳолӣ дар онҳо хеле паст аст;

Минтақаҳои осебпазир (депрессионӣ) – минтақаҳои дар гузашта аз нуқтаи назари иҷтимоию иқтисодӣ инкишофёфта мебошанд, ки бо сабабҳои гуногун дар давоми солҳои охир дар ҳолати хеле паст қарор доранд;

Минтақаҳои осебпазир аз қафомонда бо он фарқ мекунанд, ки бо вуҷуди нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз нишондиҳандаҳои миёнаи кишвар пасттаранд, ин минтақаҳо пешрафта буданд ва ҳатто аз рӯйи баъзе нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ дар кишвар мавқеи намоёнро ишғол менамуданд. Чун қоида, ин минтақаҳо дорои сатҳи нисбатан баланди иқтидорҳои андухтаи истеҳсолию технологӣ, сатҳи нисбатан баланди кормандони ихтисосманд мебошанд. Бо вуҷуди он, бо сабабҳои гуногун ин минтақаҳо аҳаммият ва бартариятҳои иқтисодии пештараи худро аз даст додаанд;

Минтақаҳои буҳронӣ – ин минтақаҳои осебпазир ва қафомонда мебошанд, ки нишондиҳандаҳои аз ҳама пасттари рушди иҷтимоию иқтисодӣ дошта, ба дастгирии давлат эҳтиёҷоти махсус доранд. Минтақаҳои буҳронӣ бо вазъи хеле душвор дар бахши иҷтимоию иқтисодӣ гирифтор буда, ба ёрмандии таъҷилии давлат ниёзманд мебошанд.

Хусусияти ин намуди минтақабандии иқтисодӣ аз он иборат аст, ки вай сартосарӣ ва бефосила нест, яъне минтақаҳои мушкилдори ҷудокардашаванда тамоми масоҳати кишварро фаро намегиранд.

Мо дар чунин ақидае ҳастем, ки чунин гурӯҳбандиро (гурӯҳбандии «минтақаи проблемавӣ») ба минтақаҳои деҳоти кишвар низ метавон истифода бурд, то ин ки сатҳ, дараҷа ва фосилаи танзими давлатии онҳо боз ҳам мушаххастар гардад.

Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки дар ҳамаи намудҳои гурӯҳбандӣ ё типгузории дар инъикоси рушди минтақаҳо ҷанбаи умумӣ ин аст, ки минтақаҳо чун воҳидҳои маъмурӣ мавриди арзёбӣ қарор меёбанд. Ба назари аввал дар ин маврид имкониятҳои дастрасӣ ба иттилооти оморӣ ва ҳисоботи мақомотҳои идоракунӣ меафзоянд, аммо, ба назарамон, ин на ҳамеша масъаларо дар маҷмуъ инъикос

мекунад. Дар баъзе мавридҳо, агар он ба муайян кардани меъёрхои иктисодӣ нигаронида нашавад, ба хулосаҳои начандон пурра метавонад биёрад.

Дар баъзе таҳлилу хулосабандиҳо майдони маъмурии минтақаҳои бо ҳам пайваст, ки равандҳои ташкилӣ-иқтисодии бо ҳам вобаста доранд, зарурати баррасии имкониятҳои ҳудудии рушдро талаб мекунанд. Аз ин лиҳоз, минтақаҳои иқтисодӣ ҳамчун ҳудудҳо ҷудо карда мешаванд, ки қисми зиёди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии байни сокинон дар дохили онҳо ҷойгир аст.

Дар доираи минтақаи иқтисодӣ нисбатан бештар комплекси ҳудудию истеҳсолӣ дар назар дошта мешавад, ки дар асоси масоҳати калон ба вуҷуд омада, аз қисматҳои дигари кишвар бо махсус гардонда шудани иқтисодиёт, мавқеи ба худ хоси иқтисодию ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ фарқ мекунад. Ба назарамон, ҳамгироии минтақаҳои деҳот ва марказҳои шаҳрӣ дар ҳудудҳои калони кишвар метавонад ба ташаккул ва баррасии масъалаҳои минтақаҳои иқтисодӣ замина эҷод намояд. Дар ин раванд, минтақаи иқтисодӣ бо қисматҳои дигари кишвар тавассути тақсимоти ҷамъиятии меҳнат алоқаи ногусастаниро доро мегардад.

Коркард ва мутолиаи таҷрибаи хориҷӣ имконият медиҳад, ки сутунҳо, ҷанбаҳои асосии рушди минтақаҳои деҳот ҷудо карда шаванд.

Мусаллам аст, ки ояндаи минтақаҳои деҳотро, пеш аз ҳама, захираҳои мавҷуда чун имкониятҳои онҳо муайян мекунанд. Одатан, неруи рушди онҳоро, ба маънои васеъ – чун восита, захира, манбаъҳое мефаҳманд, ки мавҷуданд ва метавонанд сафарбар, ба кор андохта шаванд, барои ноил шудан ба мақсади мушаххас, амалисозии нақша, ҳалли масъала истифода шаванд [10].

Гуногунии ҷараёнҳои дар минтақаҳои деҳот амалишавандаро шартан ба се намуди неру ё иқтидор метавон ҷудо намуд.




**Расми 1. Сохтори умумии неруи минтақаҳои деҳот**
**Коркарди муаллифон.**

Омӯзиши осори як зумра олимони муосир имкон медиҳад, ки дар бораи гуногунии усул ва равишҳои консепсияи неруи рушди минтақаҳои деҳот сухан ронем.

Мисол, мувофиқи гузориши маҷмуӣ - рушди минтақаҳои деҳот ҳамчун раванди тағйир ёфтани соҳаҳои мухталифи ба ҳам алоқаманди ҳаёти ҷомеаи деҳот, дар маҷмуъ, бо ба инобат гирифтани таъсири байниҳамдигарии неруи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ дида мешавад. Ин ақидаҳо бештар аз ҷониби олими рус А.И. Сучков баён мегарданд [8, с.105].

Мувофиқи гузориши ҷараёнӣ - рушди минтақаҳои деҳот ҳамчун раванди тағйир ёфтани соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи деҳот (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, экологӣ) баррасӣ мешавад. Ин ақидаҳоро олими дигари Россия С.С. Вайсеховская баён намудааст [1, с.150]. Дар чунин гузориш таваҷҷуҳ ба муайян кардани нишондиҳандаҳои инкишоф (беҳтар намудани самараи истеҳсолоти кишоварзӣ, афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ноил шудан ба шуғли бештари аҳолии деҳот ва баланд бардоштани сифати зиндагии он, такрористеҳсолкунии захираҳо ва ғайра) бояд таъмин гардад.

Мувофиқи гузориши вазъиятӣ – ҷанбаҳои мушаххаси тадқиқот ба воситаи пайваст кардани усулҳо ва механизмҳои таъсир ба вазъи мушаххас дар минтақаи деҳот барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайяншудаи рушд дар давраи муайян баррасӣ мегардад. Ин ақидаҳо бештар дар коркардҳои К.П. Мартинов инъикос мегардад [3]. Бо истифода аз ин равиш, метавон маҷмуаи ҷузъҳои ба ҳам мутақобила ва ба ҳам алоқаманди деҳотро бо дарназардошти тағйирот дар вазъияти мушаххас тавсиф кард, то ин ки моҳияти вазъ мавриди омӯзиш дар макон ва замони мушаххас ошкор шавад.

Ва ниҳоят, гузориши интегратсионӣ ё ҳамгироӣ, ба кавли олимони Россия, шакли мушаххаси низом, ҷараён ва вазъият мебошад, ки мувофиқи он ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ мақомоти маҳаллӣ ҳамаи омилҳои муҳимтарини ба ҳам алоқаманд ва ба ҳам вобастаи муҳити беруна ва дохилии минтақаро ба мисли технологӣ, иқтисодӣ, экологӣ, захираҳо, ташкилӣ, демографӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, сиёсӣ ва ғайраро ба инобат мегиранд [4, с.53]. Аз нуктаи назари муносибати комплексӣ, равандҳои идоракунии рушди минтақаҳои деҳот аз нуктаи назари идоракунии барномавии максаднок, дар ҳама гуна муносибатҳо ва вобастагии ҳама ҷузъҳо дар шароити мушаххас, бо истифода аз усулҳои танзими бисёр ҷанбаҳои ба ҳам алоқаманд мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Дар маҷмуъ, ба назари мо, дар тавсифи рушди минтақаҳои деҳот ҷанбаҳои бисёртарафа ва бисёрсатҳаи иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Муаллифон дар он ақида ҳастанд, ки дар ин раванд ба таври шартӣ тақсим кардани ҳамаи омилҳои инкишофи муҳити дохилӣ ва берунаи рушди минтақаҳои деҳот муҳим аст.




**Расми 2. Диди маҷмуӣ доир ба вобастагии неруи минтақаҳои деҳот ва омилҳои инкишофи муҳити дохилӣ ва берунаи рушди онҳо**
**Коркарди муаллифон.**

Ба назарамон, омилҳои инкишофи муҳити дохилии минтақаҳои деҳот метавонад шартан ба 4 самт ҷудо карда шаванд:

1) иҷтимоӣ – маҷмуи хусусиятҳое, ки дар доираи онҳо аҳолӣ эҳтиёҷоти зиндагии худро дар ҷомеа амалӣ менамояд: рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мавҷудият ва арзиши рушди таърихӣ/фарҳангии ҳудуд;

2) иқтисодӣ – маҷмуи хусусиятҳое, ки ба тағйирёбии сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳои деҳот мусоидат менамояд: суръати ташкили ҷойҳои корӣ, рушди неруи истеҳсолӣ;

3) экологӣ – маҷмуи хусусиятҳое, ки ҳифзи муҳити зистро аз таъсири манфии имконпазир нишон медиҳанд: дохилшавӣ ба муҳити ландшафтҳои табиӣ, суръати тағйирёбии таносуб байни заминҳои кишоварзӣ ва заминҳои аҳолинишин; мавҷудият ва ҳолати ҳудудҳои муҳофизатшаванда;

4) инфрасохторӣ – маҷмуи хусусиятҳое, ки дараҷаи рушди инфрасохтори минтақаро нишон медиҳанд: ба вуҷуд омадани технологияҳои каммасраф ва энергияи каммасраф, муҳити бароҳати зист.

Албатта, бояд қайд намуд, ки ҳоло технологияҳои муосири рақамӣ воситаи муҳимми рушди минтақаҳои деҳот шуда метавонанд ва бо рушди ҳамаи самтҳо – иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва инфрасохторӣ пайвастанд.

Аз назари мо, омилҳои инкишофи муҳити дохилии минтақаҳои деҳот бо имкониятҳои минбаъд сафарбар намудани чорабиниҳо дар самти омӯзиши маҷмуи хусусиятҳое фарогир бошанд, ки дар доираи онҳо аҳолӣ эҳтиёҷоти зиндагии худро дар ҷомеа амалӣ менамояд. Дар ин самт таъмини рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, мавҷудият ва арзиши рушди фарҳангии минтақа аҳаммияти махсус мегирад. Ҳамзамон, бо баррасӣ намудани хусусиятҳои тағйирёбии сатҳи зиндагии аҳолии минтақаҳои деҳот суръати ташкили ҷойҳои корӣ, рушди неруи истеҳсолӣ ба рушди иқтисод таъсир расонида, дар татбиқи ҳадафҳои стратегӣ бо дарназардошти мувозинати экологӣ мусоидат менамояд ва бо дараҷаи таъмини рушди инфрасохтори минтақа дар асоси ҷорӣ намудани технологияҳои муосир мақоми устувор мегирад. Яъне, дар мавриди пеш гирифтани инкишофи минтақаҳои деҳот дорои хусусиятҳои мушаххаси инъикоси назариявию амалӣ буда, бо таври умумӣ аз рӯйи тавсифи иқтидори мавчуда, омилҳои дохилӣ ва берунӣ муайян карда мешавад. Бо ин роҳ рушди минтақаҳои деҳот ва шарҳи хусусиятҳои онҳо муносибати мушаххасро оид ба рушди ҳамаҷонибаи онҳо таъмин мегардонад.

Ҳамин тариқ, инкишофи минтақаҳои деҳот дорои хусусиятҳои мушаххаси инъикоси назариявию амалӣ мебошад, ки ба таври умумӣ бо тавсифу гузориши иқтидори мавҷуда, омилҳои дохилӣ ва берунӣ муайян карда мешавад. Танҳо дар якҷоягӣ онҳо дар бораи рушди минтақаҳои деҳот ва хусусиятҳои онҳо тасаввурот медиҳанд, муносибати мушаххасро ба рушди ҳамаҷонибаи онҳо ташаккул медиҳанд.

**Адабиёт**


1. Вайцеховская С.С. Внедрение процессного подхода к управлению сельскохозяйственными предприятиями на основе развития межхозяйственной кооперации / С.С. Вайцеховская // Молодой ученый. – 2012. – №11. – С. 148-153.
2. Гранберг А.Г. Основы региональной экономики: Учебник для вузов. - 3-е изд. / А.Г. Гранберг. – М.: ГУ ВШЭ, 2003. – 495 с.
3. Мартынов К.П. Концепция территориального подхода к развитию сельских территорий России / К.П. Мартынов // Современные научные исследования и инновации. – 2015. – № 6. – Ч. 3.
4. Меренкова И.Н. Устойчивое развитие сельских территорий: теоретико-методологические аспекты оценки / И.Н. Меренкова // Региональная экономика: теория и практика. – 2010. – №25 (160). – С. 49-55; Папело, В.Н. Драйверы социально-экономического развития сельских территорий / В.Н. Папело, Б.А.Ковтун, И.А. Ковтун // Экономика и предпринимательство. – 2015. – №12-2 (65-2). – С. 1054-1058.
5. Муминова Ф. Управление механизмом диспропорционального развития регионов (на материалах Республики Таджикистан: диссертация / Ф. Муминова. - Душанбе, 2011. – 182 с.
6. Саидмуродов, Л. Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики / Л. Х. Саидмуродов. – Душанбе : Дониш, 2021. – 414 с. – ISBN 978-99985—7074-0. – EDN OUINAH.
7. Севан О. Междисциплинарный анализ и методический подход к исследованию сельских сельских поселений / О.Севан и др. - М, Технопечать, 1999. – 319 с.
8. Сучков А.И. Социально-экономический аспект межсекторного взаимодействия как фактор

развития сельских территорий / А.И. Сучков, С.С. Цукарев, С.С. Шибаева // Теоретические и практические аспекты развития управленческой мысли в современном мире: сб. трудов конференции преподавателей. – Новосибирск: ИЦ НГАУ «Золотой колос», 2016. – С. 101-109.
9. Чепурных Н.В. Региональное развитие: Сельская местность / Н.В. Чепурных, А.Л. Новоселов, А.В. Мерзлов. – М., Наука, 2006. – 384 с.
10. Энсиклопедияи калони советӣ. – М., 1969-1978
11. Trends In Rural Policymaking And Institutional Frameworks, OECD, 1999
12. Zoidov, K. Kh. On the problem of the relationship between financial accessibility in small business development and poverty reduction in conditions of instability / K. Kh. Zoidov, G. M. Makhkamova, L. Kh. Saidmurodov // Сегодня и завтра Российской экономики. – 2022. – No. 107-108. – P. 46-62. – DOI 10.26653/1993-4947-2022-107-108-04. – EDN MNXOSM.
13. Саидмуродов, Л. Х. Внешнеэкономическая деятельность Республики Таджикистан: внешние шоки и антикризисные меры / Л. Х. Саидмуродов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/5-1. – С. 95-102. – EDN ZVFJWR.

**УДК: 336.131**

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ИДОРАКУНИИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДӢ-ИҶТИМОИИ МАМЛАКАТ

***Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ*** *– доктори илмҳои иқтисодӣ, Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара. Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25. Телефон: +992 833122-28-03, 98 734 60 00.*

*Дар мақолаи мазкур таҳаввулоти назарияи молияи давлатӣ мавриди муҳокима қарор дода шудааст. Назарияҳои илмии олимони иқтисоддон дар бораи молия ва идоракунии молияи давлатӣ таҳти таъсири омилҳои гуногун дар сохтори гуногуни ҷамъиятӣ санҷида шуда, асоснок карда шудаанд.*

*Дараҷаи таҳдидҳои гуногуномилӣ ба амнияти молиявии кишвар ошкор карда шуда, қабули як қатор чораҳо, аз қабили самараноксозии низоми пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, ҳавасмандгардонии субъектҳои фаъолияти хоҷагидорӣ барои гузариш ба режими махсуси андозсупорӣ, татбиқи чорабиниҳо ҷиҳати дарёфти сарчашмаҳои нави даромад зарур шуморида шуда, таҳқиқ карда шудааст.*

*Дар замони муосир дарк кардани табиати молия, фаҳмидани хусусиятҳои амал кардани он, дида баромадани тарзҳои аз ҳама бештар истифодабарии он бо мақсади тараққиёти самараноки истеҳсолоти ҷамъиятӣ зарурат дорад.*

***Калидвожаҳо****: идоракунии молияи давлатӣ, назарияи молия, буҷети давлатӣ, андоз, каср, амнияти молиявӣ, таҳдиди молиявӣ.*

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫМИ ФИНАНСАМИ И ЕГО РОЛИ В ЭКОНОМИКО-СОЦИАЛЬНОМ РАЗВИТИИ СТРАНЫ

***Хайрзода Шукрулло Қурбонали*** *– доктор экономических наук, ректор Дангаринского государственного университета. Адрес: 735320, Республика Таджикистан, Хатлонская область, г. Дангара, ул. Центральная, 25. Телефон: +992 833122-28-03, 98 734 60 00.*

*В данной статье автором рассматривается эволюция теории государственных финансов. Научные теории ученых-экономистов о финансах и управлении государственными финансами прошли проверку и обоснование под влиянием различных факторов в различных социальных структурах.*

*В работе выявлен уровень многонациональных угроз финансовой безопасности страны, а также принятие ряда мер, таких как повышение эффективности системы предоставления налоговых льгот, стимулирование субъектов хозяйствования к переходу на*

*специальный режим уплаты налогов и были автором признаны и исследованы осуществление мер необходимыми по поиску новых источников доходов.*

*В современное время необходимо понять природу финансов, разобраться в особенностях их функционирования, рассмотреть наиболее распространенные способы их использования в целях эффективного развития общественного производства.*

***Ключевые слова:*** *управление государственными финансами, теория финансов, государственный бюджет, налог, дефицит, финансовая безопасность, финансовая угроза.*

## SOME QUESTIONS OF FINANCIAL STATE MANAGEMENT AND ITS ROLE AND ECONOMIC-SOCIAL DEVELOPMENT OF THE COUNTRY

***Khairzoda Shukrullo Kurbonali*** *- Doctor of Economics, Rector of Dangara State University. Address: 735320, Republic of Tajikistan, Khatlon region, Dangara, st. Central, 25. Phone: +992 833122-28-03, 98 734 60 00.*

*This article discusses the evolution of the theory of public finance. The scientific theories of economic scientists about finance and public finance management have been tested and substantiated under the influence of various factors in various social structures.*

*The level of multinational threats to the financial security of the country was revealed, as well as the adoption of a number of measures, such as improving the efficiency of the system for providing tax benefits, stimulating business entities to switch to a special tax payment regime. , and the implementation of measures to find new sources of income, were considered necessary and investigated.*

*In modern times, it is necessary to understand the nature of finance, to understand the features of their functioning, to consider the most common ways to use them in order to effectively develop social production.*

***Key words:*** *public finance management, theory of finance, state budget, tax, deficit, financial security, financial threat.*

Пеш аз он ки мо вожаи “молияи давлатӣ”, ё ин ки “идоракунии молияи давлатӣ”-ро таҳлил намоем, ба мо зарур аст, ки доир ба вожаи “молия” тасаввуроти васеъ дошта бошем. Доир ба ин масъала дар тадқиқоти худ Е.Н. Стенкина ва С.А. Ревва чунин қайд менамоянд: “Таҳти мафҳуми молия, пеш аз ҳама, муносибатҳои пулӣ фаҳмида мешавад, ки байни субъектҳо дар раванди фаъолияти иқтисодӣ пайдо мешаванд. Боиси қайд аст, ки на ҳама муносибатҳои пулӣ молия ҳисобида мешаванд, бинобар он, асоси молияро ин иштироки давлат ва идораи давлат ташкил медиҳад, бо мафҳуми дигар изҳор намоем, молия - ин муносибатҳои пулие мебошад, ки бевосита дар он давлат иштирок намуда, қонуну қоидаҳои амалии онро муайян менамояд” [6, с.188]. Бештар вақт вожаи “молия”-ро аз вожаи “пул” фарқ намекунанд. Аммо боиси қайд аст, ки масалан, дар муносибатҳои пулӣ ҳар ду иштирокчиёни фаъолияти иқтисодӣ байни худ баробар буда, ухдадориҳои онҳо низ баробар аст ва фаъолияти онҳо аз тарафи шахси сеюм, яъне аз тарафи давлат танзим карда намешавад. Аз ҳамин сабаб, ин мафҳум, яъне муносибати пулӣ мафҳуми молия шуда наметавонад, зеро ки дар раванди молия давлат бевосита иштирок мекунад. Аз ин лиҳоз, мафҳуми молияи давлатӣ хеле васеъ дар адабиёти иқтисодӣ истифода бурда мешавад.

Адабиёти соҳаи иқтисодӣ идоракунии молияи давлатиро баъди инқилобҳои буржуазӣ дар Нидерланд ва Англия нишон дода, қайд мешавад, ҳокимияти интихоботӣ дар ин мамлакатҳо ҳуқуқи муҳокима ва назорати хароҷоти давлатиро соҳиб гардид, ки ба тадқиқоти илмӣ дар ин соҳаи

муносибатҳои молиявӣ такон бахшид. Китоби Уилям Петти (1623-1687) «Рисола дар бораи андоз ва хироҷҳо», ки соли 1662 нашр шудааст, яке аз аввалин асарҳо дар бораи хароҷоти давлатӣ мебошад. Муаллиф шаш категорияи асосии хароҷоти давлатиро ҷудо мекунад: ба мудофиа ва таъмини сулҳ дар дохили мамлакат; ба нигоҳдории дастгоҳи давлатӣ; калисо; мактабу донишгоҳҳо; ятимон ва одамони барҷомонда; ҳамчунин, ба сохтмону нигоҳдории роҳҳо, пулҳо, иншооти бандар.

Ба назар чунин менамояд, ки дар коркарди назарияи молияи давлатӣ олимони немиси асри XIX саҳми хеле арзанда гузоштаанд. Дар ин бобат хизмати шоиста ба Рау тааллуқ дорад, ки бисёр муқаррароту нуктаҳои камералистони қарни XVIII-ро ҷонибдорӣ кардааст. Китоби дарсии дуҷилдаи ӯ «Ибтидои асосии илми молия» (нашри аввал соли 1832) қариб ним аср дар Олмон ва берун аз ҳудуди он ба ҳайси раҳнамои илмии асосӣ оид ба назарияи молия хизмат кардааст. Ҷолиби диққат аст, ки то имрӯз курси молияи давлатӣ аз рӯйи сохтори ин китоби дарсӣ (ибтидои умумии илми молия, хароҷоти давлатӣ, даромадҳои давлатӣ, кредити давлатӣ, буҷа, ташкили идораи молия) баён карда мешавад [3]. Минбаъд ин китоби дарсӣ борҳо чоп шудааст ва онро А. Вагнер (1835-1917) такмилу тасҳеҳ намуда, васеъ кардааст. Ғояҳои асосии молиявии Вагнер дар китоби «Илм дар бораи молия» (соли 1880) баён шудаанд. Дар соҳаи андозбандӣ Вагнер ҷонибдори собитқадами андозбандии прогрессивӣ (афзуншаванда) буд [1, с. 34].

Аз нуқтаи назари амалия, ҳалли қобили қабулро иқтисоддони англис Ҷ.М. Кейнс (1883-1946) пешниҳод кардааст. Ӯ таклиф намуд, ки барои ҳавасмандгардонии талабот механизмҳои сиёсати буҷа ва пулу кредит истифода бурда шавад.

Назарияи Ҷ. Кейнс, ки таҳти таъсири буҳрони иқтисодӣ (1928-1933) арзи ҳастӣ карда буд. Назарияи Кейнс ақидаро дар бораи буҷаи мутавозин инкор мекард ва тавсия медод, ки касри буҷа барои ҳавасмандгардонии иқтисодиёт истифода бурда шавад. Тибқи назарияи ӯ, дар шароити буҳрон ё таназзул давлат бояд андозҳоро ихтисор кунад ва тавассути роҳ додан ба касри буҷа хароҷоти буҷаи давлатро зиёд намояд. Чунин меҳварҳои молиявӣ, аз қабили андоз, хароҷот, қарзи давлатӣ ба воситаҳои асосии татбиқи сиёсати доктринаи нав табдил ёфтанд. Аз ҷумла, бо ёрии сиёсат дар соҳаи қарзи давлатӣ ихтисори андозҳо, ихтисори хароҷоти давлат, кам кардани миқдори пул дар гардиш пешбинӣ карда мешуд.

Боиси қайд аст, ки яке аз равандҳои муҳим дар молияи давлатӣ, ин идоракунӣ мебошад, яъне идораи молияи давлатӣ. Оид ба ин мафҳум мутахассиси соҳа О.И. Ухина ва Н.С. Козменко қайд намудаанд: “Идоракунии молияи давлатӣ ин яке аз қисматҳои асосии идоракунии давлат барои идораи қонунӣ, тақсимот ва истифодабарии фондҳои пулии давлат ва субъектҳои идоракунии маҳал бо мақсади самаранок рушд додани рушди иқтисодию иҷтимоии давлат ва минтақаҳои алоҳидаи он ба шумор меравад” [10, с. 69].

Бинобар ин, идоракунии молияи давлатӣ яке аз қисматҳои асосии бароҳмонии сиёсати давлат дар амалӣ намудани стратегияҳои рушд,

ҷамъоварӣ ва тақсимоти захираҳои молиявӣ ба ҳисоб рафта, аз тарафи давлат бевосита танзим карда мешавад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи солҳои охир барномаи комплексии ислоҳотро амалӣ мегардонад. Дар доираи ин барномаи ислоҳот ба масъалаҳои идоракунии молияи давлатӣ (ИМД) диққати махсус дода мешавад.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии низоми молияи давлатӣ ва мувофиқи вазифаҳои дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, Стратегияи ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ барои солҳои 2015-2025 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2018-2020 муайянгардида ва суръат бахшидан ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар соли 2021 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 тасдиқ карда шуд. Мақсади Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2030 (минбаъд дар матн - Стратегияи ИМД) муайян намудани барномаи нисбатан муфассали ислоҳоти Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ мебошад.

Иҷрои се вазифаи асосии низоми Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ, яъне риояи интизоми умумии молиявӣ, таъмини тақсимоти стратегии захираҳо, таъмини самаранокии фаъолияти ҷорӣ барои ба даст омадани мақсадҳои зерин имконият медиҳад:

- назорати даромад, хароҷот ва қарз ва тавозуни устувор байни онҳо;
- тақсими захираҳо бо дарназардошти афзалиятҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- хизматрасониҳои самарабахш ва оқилонаи давлатӣ.

Мақсади Стратегияи дарозмуҳлати идоракунии молияи давлатӣ дар давраи аз соли 2018 то соли 2030 иборат мебошад аз:

а) беҳтар намудани интизоми муттаҳидгардонии (агрегированной) молиявӣ (барои нигаҳдошти устувории молияи давлат);

б) самаранокии тақсими захираҳо (барои тақсими нисбатан самараноки захираҳо мувофиқи афзалиятҳои стратегӣ);

в) самаранокии хизматрасонӣ (барои хизматрасонии босифати давлатӣ бо хароҷоти нисбатан кам). Вобаста ба мақсадҳои дарозмуҳлат Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ ҳафт вазифаи зерин ва мутассилии татбиқи онҳоро муайян менамояд:

Вазифаҳои давраи кӯтоҳмуҳлат:

Вазифаи 1: тақвияти субот, эътимоднокӣ, мукаммалӣ ва шаффофияти буҷет.

Вазифаи 2: тақсими дурусти салоҳиятҳо дар сатҳи марказии ҳокимият.

Вазифаи 3: рушди иқтидори миллии Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ.

Вазифаи 4: беҳсозии низоми хароҷот ва мувозинат.

Вазифаи 5: беҳсозии раванди таҳияи буҷет дар асоси сиёсат.

Вазифаи 6: автоматиконии тамоми равандҳои тиҷоратии низоми Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ ва ҷорӣ кардани СЯХ-и муносиб.

Вазифаи 7: рушди ғайримарказикунонии хазина.

Тавре маълум гардид, вазифаи дуюми низоми ИМД ин тақсими захираҳо бо дарназардошти афзалиятҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Афзалиятҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ин:

- зиёда аз 2 маротиба паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва аз байн бурдани фақирии шадид;
- 3 маротиба ва аз ин зиёд афзоиш додани маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар;
- баланд бардоштани мавқеи ҷумҳурӣ дар Индекси рушди инсонии Созмони Милали Муттаҳид ва "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки умумиҷаҳонӣ;
- ба таври назаррас баланд бардоштани хароҷоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ [7, с. 3].

Яке аз механизмҳои асосие, ки ба давлат барои танзимнамоии соҳаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ мусоидат мекунад, низоми ташаккулёфтаи молияи давлатӣ мебошад. Асоси низоми молияи давлатиро низоми буҷетӣ ташкил медиҳад. Буҷети давлатӣ унсури асосии низоми молиявии давлат ба ҳисоб рафта, самаранок истифодабарии ҳамаи қисмҳои он вазифаи аввалиндараҷа шуморида шуда, бояд афзалияти стратегии ҳар як давлат дар ҷаҳони муосир ҳисобида шавад.

Тамсила ва низомҳои гуногуни иқтисодӣ вуҷуд доранд, вале як чизро бояд дар назар дошт, ки ягон иқтисодиёт бе низоми комили буҷетӣ самаранок амал карда наметавонад ва ба сатҳи некуаҳволии мардум таъсирпазир нест. «Ҳангоми гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ сохтори низоми молиявии кишвар куллан тағйир ёфта, муносибатҳои нави молиявӣ, пеш аз ҳама, идоракунии устувори молияи давлатӣ, афзоиши даромади буҷет, такмили низоми андозбандӣ, шаффофият ва баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷет, нигоҳ доштани вазъи муътадили маблағгузории буҷет, ташкили бозори коғазҳои қиматнок ва ғайра равиши навро дар ин низом ба миён оварданд» [12, с. 27].

Мутобиқи маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ дар соли 2021 маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар ҳаҷми 92,7 млрд сомонӣ бо афзоиши воқеии 7,6 фоиз, барои соли 2022 дар ҳаҷми 103,0 млрд сомонӣ бо афзоиши воқеии 7,8 фоиз ва барои соли 2023 дар ҳаҷми 115,1 млрд сомонӣ бо афзоиши воқеии 8,0 фоиз пешбинӣ шудааст.

Дар соли 2021 ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ 27,6 млрд сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби даромадҳои ҷорӣ дар ҳаҷми 20,4 млрд сомонӣ, грантҳо барои дастгирии буҷет 300,0 млн сомонӣ, маблағҳои махсуси ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ 2,1 млрд сомонӣ ва татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ 4,7 млрд сомонӣ пешбинӣ шудааст [8].

Солҳои охир ҳарчанд тамоюлҳои даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ махсусан дар соли 2021 нисбати солҳои 2011, 2017, 2019 зиёд шуда бошанд ҳам, лекин, мутаассифона, нисбати соли 2018 кам шудааст, ки аз пастравии соҳибкории кишвар ва камшавии сарчашмаҳои андоз гувоҳӣ медиҳад. Ҳамзамон, тибқи таҳлилҳо, касри манфии буҷет солҳои 2017-2021 тамоюли

зиёдшавиро касб намуда, дар соли 2021 он ба 463,2 млн сомонӣ зиёд гардидааст. Дар ин ҳолат, зарурати дарёфти сарчашмаҳои нави андозӣ ва ё сарчашмаҳои ғайриандозӣ хело саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 1. – Динамикаи иҷрои даромаду хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2021 (млн сомонӣ)***

| | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Даромадҳои буҷети давлатӣ** | 8937,9 | 9673,5 | 12276,6 | 14427,4 | 16060,9 | 18405,2 | 19955,4 | 23925,5 | 23216,1 | 26010,9 | 27645,7 |
| **Хароҷоти буҷети давлатӣ** | 8562 | 9107,9 | 11591,6 | 13190,4 | 15674,6 | 18294,3 | 22264,2 | 24187,4 | 23685,8 | 26360,5 | 28109,0 |
| **фоида каср** | 39 75, | 56 65 | 685 | 1237 | 386,3 | 110,9 | -2308,8 | -261,9 | -469,7 | -349,5 | 463,2 |
| **фоида (каср) нисбат ба маблағи умумӣ ба ҳисоби фоиз** | | | | | | | | | | | |
| **даромадҳо** | 4,2 | 5,8 | 5,6 | 8,6 | 2,4 | 0,6 | -11,6 | -1,1 | -2,0 | -1,3 | -1,7 |
| **Хароҷот** | 4,4 | 6,2 | 5,9 | 9,4 | 2,5 | 0,6 | -10,4 | -1,1 | -2,0 | -1,3 | -1,6 |
| **Ҳисса дар ММД** | 1,2 | 1,6 | 1,7 | 2,7 | 0,8 | 0,2 | -3,8 | -0,4 | -0,6 | -0,4 | -0,5 |

***Сарчашма:** муаллиф дар асоси маълумотҳои Ҳисоботи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон / - [захираи электронӣ] – URL: - www.minfin.tj ва оморҳои солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон: маҷм. оморӣ / – Душанбе, 2011-2021. - С. 203-217, таҳия намудааст.

Албатта, гуфтан зарур аст, ки яке аз сабабҳои камшавии даромадҳои буҷетӣ дар солҳои охир гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба пешгирии пайомадҳои пандемияи бемории сироятии COVID-19, аз қабили сабукиҳо ва имтиёзҳои андозиву гумрукӣ барои ҳимоя ва дастгирии бахши хусусӣ, муваққатан пешниҳод гардидани таътили андозӣ ба субъектҳои соҳибкории соҳаҳои гуногун ва дигар тадбирҳои амалинамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт тарҳрезишуда мебошад. Зеро имрӯз бисёр муаммоҳое мебошад, ки дар ҳолати пешгирӣ накардани онҳо ба иҷрои босамари буҷети давлатӣ таъсири худро мерасонанд, ба монанди:

- вазъи иқтисодии кишварҳои шарики асосии тиҷоратии ҷумҳурӣ дар иртибот ба паёмадҳои манфии пандемияи бемории сироятии COVID-19 ва тадбирҳое, ки аз ҷониби онҳо дар ин самт роҳандозӣ мегардад;

- пурра фаъолият накардани соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вобаста ба ин таъмин нагардидани дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва нақшаи қисми даромадҳои дохилии буҷети давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат;

- нокифоя афзоиш ёфтани манбаъҳои андозбандӣ барои таъмини нишондиҳандаҳои пешбинишудаи қисми даромади буҷет дар аксари шаҳру ноҳияҳои кишвар;

- коҳишёбии воридоти маблағҳо аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатӣ ва таъсири он ба қобилияти харидории аҳолӣ, воридот ва гардиши мол;

-бамаротиб зиёд гардидани сарбории буҷети ҷумҳуриявӣ вобаста ба пардохти моддаҳои ҳимояшаванда дар ҳудуди кишвар, хизматрасонии қарзи берунаи давлатӣ вобаста ба иҷро нагардидани уҳдадориҳои молиявӣ дар назди буҷети давлатӣ аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ ва ғайраҳо.

Маблағҳои буҷети давлатии Тоҷикистон дар солҳои охир ба самти иҷтимоӣ нигаронида шуда, номи «устуворгардонӣ ва чораҳои зиддибуҳронӣ» - ро ба худ гирифтаанд (нигар. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Таҳлили хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар солҳои 2011-2021 (млн сомонӣ)**

| Солҳо | 2011 | 2013 | 2015 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Таносуб(+-) 2021/2011 бо афзоиш млн сом |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хароҷот ба соҳаи иҷтимоӣ** | 4199,9 | 6589,5 | 7538,8 | 10384,4 | 11848,1 | 13166,6 | 13456,6 | 9256,7 |
| **Хароҷот ба соҳаи иқтисодӣ** | 2597,8 | 2387,9 | 4717,7 | 11530,9 | 6766,8 | 8230,0 | 8260,0 | 5662,2 |

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ / маҷ. омор. Агентии омори назди Президенти ҶТ. – Душанбе, 2021. - С.652-675.

Тавзеҳот оид ба дурнамои самтҳои асосии сиёсати буҷету андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023 [манбаи электронӣ]. URL:http://minfin.tj/downloads/%D1%82%D0%B0%D0%B2%D0%B7%D0%B5%D1%85%D0%BE%D1%82%202021-2023.pdf (санаи мурочиат: 22.05.2023)

Аз ҷадвали мазкур дида мешавад, ки дар самти хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ диққати давлат бештар аст. Зеро дар сохтори хароҷотии буҷети давлатӣ соҳаҳои иҷтимоӣ бахши афзалиятнок ба ҳисоб рафта, дар соли 2021 барои маблағгузории ин соҳаҳо аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 13,1 млрд сомонӣ ва ё 47,2 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷети давлатӣ ва 14,2 фоизи ММД-ро ташкил менамояд.

Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти неруи инсонӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбуди вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст.

Дар натиҷаи амалӣ намудани вазифаҳои баёншуда, устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардида, рушди воқеии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2021 - 9,2 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузаштаи 2020 - 4,7 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2021 дар кишвар 309 корхона ва коргоҳи нави саноатӣ (аз ҷумла 162 корхонаи саноатӣ) бо 5130 ҷойҳои корӣ (2139 дар корхонаҳои

саноатӣ) сохта ба истифода дода шуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ 22 фоиз афзоиш ёфтааст. Рушди соҳаи саноат аз ҳисоби 16,3 фоиз афзоиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати коркард, 1,5 маротиба саноати истихроҷ, 15,2 фоиз таъминоти неруи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво ва 9,2 фоиз афзоиши таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва коркарди дуюмдараҷа таъмин гардид [8].

Сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999 ба 26,3 фоиз дар соли 2019 коҳиш дода шуд, ки аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад. Пешбинӣ мешавад, ки то ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 500 ҳазор ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфта, даромади пулии аҳолӣ беш аз 2 баробар зиёд гардида, ба 45 фоиз расонида, дар натиҷа сатҳи камбизоатӣ то 15 фоиз коҳиш хоҳад ёфт [4].

**Диаграммаи 1. - Динамикаи коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон (бо %)**




Манбаъ: Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2021. – 457 с.

Дар раванди омӯзиши сиёсати иҷтимоӣ масъалаи арзёбии сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии аҳолӣ муҳим буда, дар амалия он аз рӯйи нишондиҳандаҳои индекси давомнокии умр, индекси сатҳи маълумотнокӣ ва индекси ММД-и воқеӣ ба ҳар сари аҳолӣ муайян карда мешавад. Тибқи рейтинги ИРИ (индекси рушди инсонӣ), дар байни кишварҳои ҷаҳон дар соли 2021 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нишондиҳандаи 0,685 дар ҷойи 122-юм қарор гирифт [5]. Ҳамин тавр, индекси мазкур маҷмуӣ буда, дар он нишондиҳандаҳо аз рӯйи се ченаки асосии рушди инсон, аз ҷумла дарозумрӣ, маълумотнокӣ ва сатҳи даромаднокӣ арзёбӣ мегарданд, ки он мақоми Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳон ифода мекунад.

Ҳамин тариқ, тибқи ҳисобҳои дар боло овардашуда, мо на танҳо сабабҳои самаранокии идоракунии хароҷоти буҷетро фаҳмида метавонем, балки самтҳои афзалиятнокро барои баланд бардоштани самаранокии хароҷоти буҷет низ муайян карда метавонем.

Барои иҷрои босифати ин вазифаҳо Ҳукумати кишвар ҷиҳати беҳтар намудани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ вобаста ба тағйирот дар муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ, вазъи бозорҳои молиявӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва

таҳримҳои байнидавлатӣ ва андешидани чораҳо барои пешгирии таъсири манфии ин омилҳо ба иқтисоди миллӣ нақшаи чорабиниҳои навро талаб менамояд.

Ҳамчунин, зарур аст, ки дар самти нигоҳдории устувории нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, таъмини устувории низоми бонкӣ, корхонаҳо ва беҳтар намудани иқлими сармоягузорӣ чораҳои зарурӣ дида баромада шавад.

Агар Вазорати молия бо татбиқи стратегияи идоракунии молияи давлатӣ, бо назардошти афзалиятҳои кишвар, татбиқи босамари даромад ва хароҷоти буҷет шаффофияти хароҷот ва пешрафти нақшаҳои минбаъдаи ислоҳоти соҳаҳои мазкурро ба зиммаи худ гирад, сатҳи самаранокии буҷет дарояндаи наздик қисман таъмин мегардад.

Баҳогузории самаранокии воситаҳои буҷетӣ дар асоси ҳисоби мултипликатори хароҷоти буҷет, ҷанбаи иқтисодии самаранокиро инъикос мекунад, ки нишондиҳандаҳои мултипликаториро дар асоси ММД кишвар дар расми 1 муайян менамоем.




**Расми 1. Нишондиҳандаи мултипликатори хароҷоти буҷети давлатӣ**

Манбаъ: Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2021. – 457 с.

Нишондиҳандаҳои расми 1 маънои онро доранд, ки ба ҳар як сомонии харҷшудаи буҷет 1,84, 2,22, 4,59, 0, ва 3,41 сомонӣ маҳсулот дар солҳои 2016, 2017, 2018, 2019 ва 2020 рост меояд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки хароҷоти буҷет ба коҳишёбӣ омада истодааст. Бинобар ин, буҷет дорои самти иҷтимоӣ буда, байни афзоиши ММД ва рушди буҷет то як андоз коҳишёбӣ дида мешавад.

Ҳамин аст, ки дар замони муосир такмилдиҳии низоми идоракунии молияи давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб меравад, зеро дар вақти ғайрисамаранок ба роҳ мондани идоракунии молияи давлатӣ сабаби аз даст додани қисми захираҳои пулии мамлакат мегардад. Натиҷаи ҳамин аст, ки такмилдиҳии низоми идоракунии молияи давлатӣ дар замони муосир мақсади асосӣ ба шумор меравад. Барои амалӣ намудани ин мақсадҳо ба мо зарур аст:

- вобаста ба шароит такмил додани методологияи идоракунии молиявӣ, ки барои самаранок муайян ва амалӣ намудани вазифаҳо, функсияҳо ва уҳдадориҳо равона карда мешавад;

- бо роҳи қабули қонунҳо аниқ муайян намудани ҳадафҳои идоракунии молиявӣ;

- қонунан муайян намудани объект ва субъекти идоракунии молиявӣ;

- тақсимоти функсияҳои идоракунии молияи давлатӣ бо назардошти омилҳои таъсиррасони дохилӣ ва берунӣ.

**Адабиёт**


1. Ковалёв В.В. Финансовая наука в исторической ретроспективе / В.В. Ковалёв // Вестник Санкт-Петербургского университета. Сер. 5. Экономика. - 2001 (б). Вып. 1. – С.35.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, 28.06.2011 с. // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №723, мод. 1.
3. Мирзоева Е.Ш. Идоракунии хавфҳои молиявӣ ва баҳодиҳии он. Васоити таълимӣ / Е.Ш. Мирзоева. – Душанбе: Олами дониш, 2020. – 180 с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 21.12.2021 [манбаи электронӣ]. URL:http://www.president.tj/node/27417 (санаи муроҷиат: 20.05.2023)
5. Рейтинг стран мира по индексу человеческого развития [электронный ресурс] URL: https://gtmarket.ru/ratings/human-development-index (дата обращения: 12.12.2021).
6. Стенькина Е.Н. Управление государственными финансами в экономически развитых странах: сравнительный анализ и оценка управления государственными финансами / Е.С. Стенькина, С.А. Ревва // Вестник Дальневосточного государственного технического рыбохозяйственного университета. - Владивосток, 2010. - С.187-190.
7. Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.- Душанбе, 2020 (Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, No1446)
8. Тавзеҳот оид ба дурнамои самтҳои асосии сиёсати буҷету андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2023. [манбаи электронӣ]. – URL: http://minfin.tj/downloads/%D1%82%D0%B0%D0%B2%D0%B7%D0%B5%D1%85%D0%BE%D1%82%202021-2023.pdf
9. Тоҷикистон: 30 – соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ. – Душанбе, 2021. – 457 с.
10. Ухина О.И. Роль государственного финансового контроля в управлении государственными и муниципальными финансами / О.И. Ухина, Н.С.Козьменко // Государственные и муниципальные финансы. – Москва, 2017. - С. 67-71.
11. Шералиев Э.Н. Такмилдиҳии механизми идоракунии низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Э.Н. Шералиев // Маводҳои конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Муаммоҳои молиявии рушди иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир”. (ш. Душанбе, 7-уми декабри соли 2017). - С. 26-29.


**УДК: 331(575.3)**

# МОНИТОРИНГ РАЗВИТИЯ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ

***Кодирзода Диловар Бахридин*** *- доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории, Таджикский национальный университет. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 986001881. E-mail: dilovark@mail.ru*

***Махмудов Файзидин Изатулоевич*** *- аспирант Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 902901111. E-mail: fayz@mail.ru.*

*В статье проведен анализ развития банковской системы Республики Таджикистан в условиях цифровизации экономики и выделены основные тенденции развития сферы с учетом трансформации экономических отношений. Также выделены основные проблемы развития финансового сектора страны и приведены варианты решения основных трудностей банковской системы. Отмечается, что эффективное использование свободных финансовых ресурсов домохозяйств, предприятий и организаций является одним из основных направлений их аккумуляции в финансовом секторе страны и инвестирования в прогрессивные отрасли. Особенно в финансовых ресурсах нуждается такая сфера экономической деятельности страны, как использование информационных технологий в процессе управления сферой и цифровизация всех банковских операций.*

***Ключевые слова:*** *банк, банковская система, коммерческие банки, ссуда, банковский капитал, финансовые услуги, процент за кредит, депозиты, инвестиции, микрокредитные организации, филиал банка.*

## МОНИТОРИНГИ РУШДИ НИЗОМИ БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИСОЗИИ ИҚТИСОДИЁТ

***Қодирзода Диловар Баҳридин*** *- доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 986001881. E-mail: dilovark@mail.ru*

***Маҳмудов Файзидин Изатуллоевич*** *–аспиранти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 902901111. E-mail: fayz@mail.ru*

*Дар мақола таҳлили рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рақамисозии иқтисодиёт гузаронида шуда, тамоюлҳои асосии рушди соҳа бо назардошти дигаргунсозии муносибатҳои иқтисодӣ ҷудо карда шудааст. Инчунин муаммоҳои асосии рушди бахши молиявии мамлакат муайян гардида, роҳҳои ҳалли мушкилоти низоми бонкӣ оварда шудааст. Зикр гардидааст, ки истифодаи босамари захираҳои озоди молиявии хонаводаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳо яке аз самтҳои асосии ҷамъоварии онҳо дар бахши молиявии кишвар ва сармоягузорӣ ба соҳаҳои пешрафта мебошад. Хусусан ба захираҳои молиявӣ чунин қисмати фаъолияти иқтисодии мамлакат, ба монанди истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни идораи бахш ва рақамикунонии ҳамаи амалиётҳои бонкӣ ниёз доранд.*

***Калидвожаҳо:*** *бонк, низоми бонкдорӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, қарз, сармояи бонкӣ, хизматрасониҳои молиявӣ, фоизи қарз, амонатҳо, сармоя, ташкилотҳои қарзии хурд, филиали бонк.*

## MONITORING THE DEVELOPMENT OF THE BANKING SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE CONTEXT OF DIGITALIZATION OF THE ECONOMY

***Kodirzoda Dilovar Bahridin*** *- Tajik National University, doktor of economic sciences, Professor of the Department of economic theory. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: (+992) 986001881. E-mail: dilovark@mail.ru*

***Mahmudov Fayzidin Izatuloevich*** *– Graduate studentof the The Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14.Phone: (+992) 902901111. E-mail: fayz@mail.ru*

*The article conducted an analysis of the development of the banking system of the Republic of Tajikistan in the context of digitalization of the economy and the main trends in the development of the sphere, taking into account the transformation of economic relations were allocated. The main problems*

*of the development of the country's financial sector are also highlighted and options for solving the main difficulties of the banking system. It is noted that the effective use of free financial resources of households, enterprises and organizations is one of the main directions of their accumulation in the country's financial sector and investing in progressive industries. Especially in financial resources, the country of economic activity as the use of information technologies in the process of managing the sphere and digitalization of all banking operations need such.*
***Key words:*** *bank, banking system, commercial banks, loans, banking capital, financial services, percentage of credit, deposits, investments, microcredit organizations, a branch of the bank.*

Трансформация экономики и переход к рыночному типу экономических отношений требуют создания соответствующих условий для формирования банковской системы, отвечающей новым вызовам и условиям хозяйствования. Это необходимо для обеспечения эффективности развития банковской сферы, как в масштабе национальной экономики, так и в рамках отдельных сфер экономической деятельности. При этом развитие банковской системы должно соответствовать не только национальным нормам и правилам ведения бизнеса, но и не противоречить требованиям международных стандартов финансовой отчетности.

Правительством Республики Таджикистан за годы суверенитета и независимости разработаны и приняты нормативно-правовые акты, укрепляющие принципы рыночного свободного функционирования субъектов хозяйствования, а также усиливающие рыночную конкуренцию во всех отраслях экономической деятельности, особенно в банковской сфере. Эти правила и принципы ведения бизнеса были системно отражены во всех программных документах, принятых государственными институтами [5, с. 100]. Эти стратегические документы также были направлены на создание инфраструктурных элементов финансово-кредитного рынка, прежде всего, таких финансово-кредитных институтов, как Национальный банк республики, сеть коммерческих банков с использованием основных видов собственности и филиалами, различные микрофинансовые и микрозаемные организации.

При разработке стратегических документов развития национальной экономики были проведены мониторинговые исследования реализации ранее принятых программ, особенно в финансовом секторе, и были поставлены новые задачи на перспективу. Так, например, в Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030 года при подведении итогов реализации Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2015 года было отмечено, что: «За период реализации НСР-2015 объемы привлеченных банковских депозитов и банковских кредитов увеличились в 1,8 раз, активы кредитных организаций - в 2 раза. Объемы активов микрофинансовых организаций (МФО) выросли в 5,3 раз, а выданных кредитов в 6 раз. Улучшилась доступность банковских услуг по территории страны, чему способствовало развитие филиальной сети и иных без балансовых операционных подразделений банков и МФО по территории страны. Количество филиалов банков выросло с 237 ед. в 2009 г. до 344 ед. в 2014 г., иных операционных подразделений - почти в 2 раза. Количество выпущенных в обращение банковских платежных карточек в 2007 году было 36 872 единиц, в 2008 году - уже 49 337 единиц, в 2009 году стало 61 210 единиц и в 2014 году составил 1107079 единиц, что по сравнению с 2007 годом увеличилась более чем в 30 раз» [4, с.18].

Эти данные свидетельствуют о стабилизации и устойчивом развитии банковской сферы Республики Таджикистан за годы реализации НСР – 2015 по всем параметрам и оказываемым услугам населению, но еще являются недостаточными для стабильного развития отраслей и сфер национальной экономики и удовлетворения потребностей населения и хозяйствующих субъектов в финансовых ресурсах. Поэтому, была разработана и принята в 2016 году Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года, где были отражены мероприятия по развитию финансового сектора страны в целом, и банковской сферы, в частности, на перспективу.

В этом документе было сказано, что: «Финансовый сектор Таджикистана в 2030 году - современная динамичная система конкурентоспособных финансовых институтов, способных предоставлять широкое разнообразие качественных и инновационных финансовых услуг, и продуктов потребителям, создающая благоприятные условия для стабильного развития национальной экономики и устойчивая к воздействию внешних шоков» [4, с. 91].

Естественно, достижение такого состояния финансового сектора, которое отражено в НСР – 2030 требует, прежде всего, выделения основных проблем развития сфера, а потом выработки приоритетов развития. Поэтому далее в данной стратегии выделены основные проблемы развития финансовой сферы Республики Таджикистан, к которым были отнесены следующие:

- финансовый сектор пока не сформировался как основа финансирования национальной экономики;
- неэффективно используется внутренний потенциал по мобилизации внутренних сбережений и механизма их трансформации в кредиты и инвестиции;
- низкий уровень капитализации действующих финансовых институтов (банки, МФО, страховые компании и т.д.), они предоставляют узкий перечень финансовых продуктов в основном краткосрочного характера, не соответствующих потребностям реального сектора для обновления их производственного потенциала;
- наблюдается усеченная архитектура финансового сектора, где доминируют отдельные банки, ограничен рынок ценных бумаг, отсутствует его вторичный сегмент в республике, включая обращение ценных корпоративных бумаг;
- каналы доступности финансирования предприятий реального сектора экономики ограничены и низко диверсифицированы;
- сохраняется высокий уровень долларизации финансового сектора;
- преобладает высокая степень использования наличных денежных средств при осуществлении расчетов между субъектами экономики;
- чувствительность сектора к колебаниям курса мировых валют ограничивает доступ к внешним финансовым ресурсам;
- ощущается региональная неравномерность в доступности финансовых услуг;
- наблюдается высокий уровень цен на финансовые услуги, включая высокие проценты по кредитам;
- существуют высокие уровни рисков, присущие деятельности финансовых институтов;
- наблюдается низкий уровень корпоративного управления [4, с. 91-92].

Следовательно, для обеспечения устойчивого развития банковской системы страны необходимо разработать комплекс мероприятий по устранению данных недостатков и механизм их реализации с учетом особенностей развития отраслей национального хозяйства и институциональных основ трансформации экономики. Главной задачей при этом, на наш взгляд, является внедрение передовых информационных технологий с учетом зарубежного опыта и главным образом обеспечение цифровизации экономики. В то же время, необходимо отметить, что тенденции роста макроэкономических показателей, а также показатели, которые характеризуют динамику развития и состояние банковской системы республики свидетельствуют об определенных успехах в данной области (см. табл. 1).

**Таблица 1. - Макроэкономические показатели функционирования банковской системы Таджикистана за 2012-2021 гг., млн. сомони**
[1, с. 92-97; 2, с.70-73; 3, с. 77-80].

| Показатели | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 | 2021 | 2021г. к 2012г., в % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ВВП | 36163,1 | 45606,6 | 54479,1 | 68844,0 | 82543,0 | 98910,7 | **273,5** |
| Совокупные банковские активы | 10529,0 | 14854,0 | 21166,0 | 21201,0 | 22643,4 | 18009,4 | **171,0** |
| в % к ВВП | 29,1 | 32,6 | 38,9 | 30,8 | 27,4 | 18,2 | - 10,9 |
| Ликвидные активы | 2981,0 | 2960,0 | 6482,0 | 6472,0 | 6929,0 | 6115,7 | **205,2** |
| в % к ВВП | 8,2 | 6,5 | 11,9 | 9,4 | 8,0 | 6,2 | - 2,0 |
| Банковский капитал | 2298,0 | 2346,0 | 5497,0 | 5913,0 | 6008,8 | 3732,1 | **162,4** |
| в % к ВВП | 6,4 | 5,1 | 10,1 | 8,6 | 7,3 | 3,8 | - 2,6 |
| Ссуды – всего | 5291,0 | 9661,0 | 9823,0 | 8677,0 | 8498,0 | 9437,4 | **178,4** |
| в % к ВВП | 14,6 | 21,2 | 18,0 | 12,6 | 10,4 | 9,5 | - 5,1 |
| Депозиты | 4926,0 | 6691,0 | 9244,0 | 9724,0 | 10463,2 | 8921,0 | **181,1** |
| в % к ВВП | 13,6 | 14,7 | 17,0 | 14,1 | 12,9 | 9,0 | - 4,6 |
| Просроченные ссуды | 354,0 | 1163,0 | 3441,0 | 1994,0 | 1149,3 | 273,7 | **77,3** |
| Банковские инвестиции | 213,0 | 227,0 | 1604,0 | 2427,0 | 2585,4 | 739,8 | **347,3** |
| Основные средства | 1292,0 | 1576,0 | 3176,0 | 4207,0 | 4412,2 | 1589,4 | **123,0** |
| Обязательства | 8232,0 | 12508,0 | 15690,0 | 15287,0 | 16634,7 | 18009,4 | **218,8** |

Так, согласно данным таблицы за анализируемый период, совокупные активы банковской системы увеличились на 71 процентных пункта, в том числе, ликвидные - на 105,2 процентных пункта, банковский капитал - на 62,4 процентных пункта, ссуды - на 78,4 процентных пункта, банковские инвестиции - на 247,3 процентных пункта, основные средства - на 23,0 процентных пункта, а обязательства - на 118,8 процентных пункта. Радует то, что просроченные ссуды за этот период сократились на 22,7 процентных пункта, что свидетельствует об использовании эффективных инструментов финансирования субъектов рынка.

Эти данные характеризуют роль и значение банковской системы в развитии отраслей национального хозяйства и в росте объемов ВВП Республики Таджикистан. Однако, необходимо особо отметить, что по всем показателям, приведенным в таблице, при их рассмотрении относительно объемов ВВП страны, за анализируемый период их доля сокращается. Так, например, совокупные банковские активы за анализируемый период при их росте на 71,0 процентных пункта, в процентах к ВВП сократились на 10,9 процентных пункта, а размер ссуд при росте на 78,4 процентных пункта, в процентах к ВВП сократились на 5,1 процентных пункта.

Необходимо отметить, что существует определенная связь между темпами роста показателей национального хозяйства и других отраслей экономики, особенно банковской сферы, показывающая их взаимодействие особенно в условиях нестабильного развития мирового хозяйства. Развитие экономики страны позволяет государственным институтам предоставить банковским структурам различные преференции или субсидии, которые положительно влияют на устойчивость банковской системы и позволяют им больше финансировать различные субъекты хозяйствования. Такие меры особенно были заметны во времена финансовых кризисов 2008 г. и 2014 г., когда Правительства стран мира для поддержания устойчивости своих банковских систем широко использовали свои финансовые возможности, предоставляя банкам финансовые ресурсы для повышения уровня капитализации этих структур. Это позволяло им увеличить размеры страховой компенсации вкладов физических и юридических лиц, а также реализовать меры по укреплению своих финансовых учреждений.

Большую роль в укреплении финансовых возможностей банковской системы также играют денежные переводы трудовых мигрантов, которые, к сожалению, в условиях финансовых кризисов сильно сокращаются. При этом, до сих пор еще большой проблемой сферы является слабая и неэффективная аккумуляция временно свободных денежных средств субъектов хозяйствования и различных групп населения, особенно трудовых мигрантов, которые должны превращаться в инвестиционные вложения в отдельные отрасли экономики. Свидетельством такой проблемы является соотношение депозитов к ВВП, сократившееся на 4,6 процентных пункта в 2021 году, по сравнению с 2012 годом. По-прежнему в экономике Таджикистана основная часть финансовых операций осуществляются на основе наличных денег, что привело к увеличению их количества в экономике.

Таким образом, на наш взгляд, развитие любой отрасли национальной экономики, в целом, и банковской системы, в частности, зависит от темпов роста ВВП страны, достигаемое за счет привлечения различных источников инвестирования. Поэтому, необходимо главное внимание уделять улучшению инвестиционного климата в стране, привлекающего инвесторов в экономику страны, повышать финансовую грамотность населения, эффективнее использующих свои финансовые ресурсы, разработать меры, которые повышали бы доверие различных групп населения, особенно, трудовых мигрантов, к банковской системе, аккумулирующих свободные финансовые средства всех субъектов экономики, а также широко внедрять современные информационные технологии в процесс управления банковской системой Таджикистана.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Банковский статистический бюллетень. - 2013. - № 12 (221). – 149 с.
2. Банковский статистический бюллетень. – 2015. - № 3 (236). – 160 с.
3. Банковский статистический бюллетень. – 2021. - № 12 (316). – 89 с.
4. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. – Душанбе: 2016. - 110 с.
5. Махмудов Ф.И. Институциональные аспекты развития инновационного механизма предоставления банковских услуг коммерческими банками в условиях цифровизации экономики /Ф.И. Махмудов / Мат. XXX-ой Межд. научно-практ. конф. «Актуальные направления фундаментальных и прикладных исследований». 7-8 ноября 2022 г. - Bengaluru, India. 2022. – С. 99-105.

---

**УДК 339.54**

# МУАММОҲОИ РУШДИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ БЕРУНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Мирсаидов Саидакмал Аврорович*** *- д.и.и., профессори кафедраи фаъолияти гумрукии ДДМИТ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 927802994. E-mail: surush-sa@mail.ru*

***Абдуҷабборзода Саидислом*** *- н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти гумрукии ДДМИТ. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: +(992) 900554548*

*Дар раванди ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ нақши робитаҳои иқтисодии хориҷии кишварҳо афзун гардида, дар натиҷа шумораи иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ, ки бо мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ мекунанд, зиёд мешаванд.*

*Бинобар он дар мақолаи илмӣ масъалаҳои танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ҳамчун низоми тадбирҳои сиёсӣ-хоҷагидорӣ, ки таъминкунандаи иштироки мамлакат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат бо мақсади самаранокии истеҳсолоти миллӣ мебошад, мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллифон дар натиҷаи омӯзиши маводи илмию амалӣ муносибатҳои иқтисодии берунӣ, махсусан гардиши тиҷоратии хориҷии мамлакатро таҳлил намуда, муаммоҳои асосии низоми танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ошкор намудаанд. Ҳамчунин, дар ҷамъбаст муаллифон бо мақсади такмили танзими давлатии фаъолияти иқтисоди берунӣ татбиқи чунин чораҳои низомиро пешниҳод карданд.*

*Калидвожаҳо: танзими давлатӣ, иқтисоди ҷаҳон, савдои хориҷӣ, иқтисоди бозоргонӣ, рақобат, манфиат, рақамигардонӣ, амалиёти гумрукӣ.*

## ПРОБЛЕМЫ РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Мирсаидов Саидакмал Аврорович,*** *д.э.н., профессор кафедры таможенной деятельности ТГФЭУ Адрес: 734067, РТ, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел: 927802994. E-mail: surush-sa@mail.ru*

***Абдучабборзода Саидислом*** *–к.э.н., доцент кафедры таможенной деятельности ТГФЭУ Адрес: 734067, РТ, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел: +(992). 900554548*

*В процессе интеграции Республики Таджикистан в мировое хозяйство возрастает роль внешнеэкономических связей между странами, вследствие чего увеличивается количество участников внешнеэкономической деятельности содрудничающие с государственных органов.*

*Поэтому в научной статье исследованы вопросы государственного регулирования внешнеэкономических связей как системы политико-экономических мер, обеспечивающих участие страны в международном разделении труда в целях повышения эффективности национального производства. В результате изучения научно-практических материалов авторы проанализировали внешнеэкономические связи, особенно внешнеторгового оборота*

*страны, и выявили основные проблемы системы государственного регулирования внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан. Так же подводя итог авторами, в целях совершенствования государственного регулирования внешнеэкономической деятельности предложены осуществление системных мер.*

***Ключевые слова:*** *государственное регулирование, мировая экономика, внешняя торговля, рыночная экономика, конкуренция, интерес, цифровизация, таможенные операции.*

**PROBLEMS OF DEVELOPMENT OF STATE REGULATION OF FOREIGN ECONOMIC ACTIVITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

***Mirsaidov Saidakmal Avrorovich*** *–Doctor of economics, Professor of the Department of Customs Activities, TSUFET address 734067, RT, Dushanbe, st. Nahimova 64\14 . Tel: 927802994. E-mail: surush-sa@mail.ru*

***Abduchabborzoda Saidislom*** **-** *PhD in Economics, Associate Professor of the Department of Customs Activities of TSFEU Address: 734067, RT, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14.*

*In the process of integration of the Republic of Tajikistan into the world economy, the role of foreign economic relations between countries increases, as a result of which the number of participants in foreign economic activity cooperating with state bodies increases.*

*Therefore, the scientific article explores the issues of state regulation of foreign economic relations as a system of political and economic measures that ensure the participation of the country in the international division of labor in order to increase the efficiency of national production. As a result of studying scientific and practical materials, the authors analyzed foreign economic relations, especially the foreign trade turnover of the country, and identified the main problems of the system of state regulation of foreign economic activity of the Republic of Tajikistan. Also summing up the authors, in order to improve the state regulation of foreign economic activity, the implementation of systemic measures is proposed.*

***Key words:*** *state regulation, world economy, foreign trade, market economy, competition, interest, digitalization, customs operations.*

Дар шароити муосир ягон давлати ҷаҳон бе ба амал баровардани сиёсати самарабахши иқтисодии берунӣ сатҳи муътадили рушди иқтисодиро таъмин карда наметавонад. Ҳамзамон, он имкон медиҳад ба хоҷагии ҷаҳонӣ ҳамгиро бошад. Иқтисодиёти ҷаҳон, новобаста аз саъю кӯшиши давлатҳои гуногун, муттаҳид карда мешавад, кадоме конгломерати (доираи) иқтисодиёти кишварҳоест, ки аз рӯйи рушди иқтисодӣ аз ҳам фарқ карда манфиатҳои худро доранд, ки баъзан ба дигар кишварҳои иттиҳоди ҳамгирой мухолифанд. Ҳар як давлат бояд мавқеи худро дар иқтисоди ҷаҳонӣ ва тағйироти эҳтимолӣ дар рейтинги ҷаҳонӣ ба таври воқеӣ арзёбӣ кунад.

Дар ин росто такмил додани «танзими давлатии фаъолияти иктисодии берунӣ, ҳамчун маҷмуи тадбирҳо ва ниҳодҳое, ки ба татбиқи сиёсати берунии иқтисодии» давлат мусоидат мекунанд, аҳаммияти калон пайдо мекунад.

Дар шароити муосир дар тамоми кишварҳои собиқ шуравӣ самаранокии ислоҳоти иқтисодӣ ҷараён дорад, ки ба тағйири нақши давлат дар танзими иқтисоди дохилӣ ва робитаҳои иқтисодии хориҷӣ равона гардидааст. Татбиқи муносибатҳои тиҷоратӣ гуногунҷанба буда, гардиши тиҷоратии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо давлатҳои ИДМ ва кишварҳои хориҷӣ аз рӯйи нишондиҳандаи оморӣ арзёбӣ намудан мумкин аст.

Дар солҳои 2013-2021 гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ назаррас буда, бо кишварҳои боқимондаи ҷаҳон тамоюли коҳишёбӣ дорад. Агар дар соли 2013 гардиши тиҷорати хориҷии ҷумҳурӣ 4988,8 млн доллари ИМА бошад, нишондиҳандаи мазкур дар соли 2020 то

6359,1 млн доллари ИМА ва ё 27,4% афзоиш ёфтааст. Гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои ИДМ дар соли 2013 2093,0 ва дар соли 2021 бошад, 3120,1 млн доллари ИМА ё худ 49% афзудааст. Гардиши савдои хориҷӣ бо кишварҳои боқимондаи ҷаҳон дар марҳилаи таҳлилшаванда ҳамчунин аз 2895,8 млн доллари ИМА дар соли 2013 то 3239,0 млн доллари ИМА ва дар соли 2021 11,8% афзоиш ёфтааст [10, с. 455].

Дар қиёси фоизӣ гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои ИДМ тамоюли афзуншавӣ дорад. Агар миқдори он дар ҳаҷми умумии гардиши хориҷии молу ашё дар соли 2013 42,0%-ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2021 ба 7,1% зиёд шуда, 49,0%-ро ташкил додааст. Мутаносибан ин нишондиҳанда бо кишварҳои боқимондаи ҷаҳон аз 58,0% то 50,9% ва 7,1% коҳиш ёфтааст.

Нишондиҳандаи асосие, ки дараҷаи рушди иқтисоди бозоргонӣ ва муносибатҳои иқтисодии хориҷиро муайян менамоянд, ин гардиши тиҷорати хориҷӣ мебошад. Аз рӯйи ҳаҷми он (ҳаҷми содироту воридот) ва бақияи амалиёти савдои хориҷӣ, дар маҷмуъ, вазъи иқтисодии кишварро арзёбӣ кардан мумкин аст.

Дар Тоҷикистон дар давраи солҳои 2013-2021 гардиши савдои хориҷӣ аз 4988,8 то 6359,1 млн доллари ИМА-ро ташкил дода, зиёда аз 66,2% дар гардиши тиҷоратӣ воридот бартарӣ дорад (ниг. ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Тағйирёбии ҳаҷми гардиши тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2013-2021 (млн долл. ИМА)**

| Сол | Гардиш | Содирот | Воридот | Бақия |
|---|---|---|---|---|
| **2013** | 4988,8 | 943,4 | 4045,4 | - 3102 |
| **2014** | 5274,7 | 977,3 | 4297,4 | **- 3320,1** |
| **2015** | 4326,2 | 890,6 | 3435,6 | - 3545 |
| **2016** | 3929,9 | 898,7 | 3031,2 | - 2132,5 |
| **2017** | 3972,9 | 1198,0 | 2774,9 | -1576,9 |
| **2018** | 42243 | 1073,3 | 3151,0 | -2077,7 |
| **2019** | 4523,7 | 1174,4 | 3349,3 | -2174,5 |
| **2020** | 4557,8 | 1406,8 | 3150,9 | -1744,1 |
| **2021** | 6359,1 | 2149,6 | 4209,5 | 2059,9 |

**Манбаъ**: Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти ҶТ. - Душанбе, 2014. – С.580-585; Солномаи омории ҶТ, 2022. – С. 344.

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал хулоса намудан мумкин аст, ки рушди истеҳсолоти ватанӣ ва коҳишёбии вобастагии кишвар аз воридот вобастагӣ дорад.

Ҳамчунин, дар ҷараёни таҳлили муносибатҳои тағйирёбандаи тиҷоратии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон динамикаи гардиши тиҷорати хориҷӣ дар давраи солҳои 2013-2021 аз рӯйи нишондиҳандаҳои арзёбикунандаи дараҷаи кушодагии иқтисодиёти мамлакат мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Дараҷаи кушодагии иқтисодиёт – ин муқоисаи гардиши савдои хориҷӣ ва маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мебошад, ки баёнгари ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мебошад. Ҳаҷми ниҳоии гардиши савдои хориҷӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ соли 2021 71,3 фоизро ташкил дода, нисбат ба соли 2013 беш аз 20,7 фоиз афзоиш ёфтааст.

Коҳишёбии нишондиҳандаи мазкур, аз як тараф, аз афзоиши ҳаҷми иқтисоди миллӣ (ММД) ва, аз тарафи дигар бошад, аз тақвияти муносибатҳо дар бахши савдои хориҷӣ ва наздикшавии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо хоҷагии ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад. Маълумоти ҷадвали 2 вобастагии баёни суръати рушди ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ ва суръати афзоиши ММД-ро нишон медиҳад.

**Ҷадвали 2. - Динамикаи нишондиҳандаи кушодагии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2013-2022**

| № | Нишондиҳандаҳо | 2013 | 2015 | 2018 | 2020 | 2021 | Рушд нисбат ба соли 2013, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | ММД, млн долл. | 8448,0 | 9781,5 | 8603,0 | 8642,4 | 8912,9 | 105,5 |
| 2. | Гардиши савдои хориҷӣ, млн долл. | 4988,8 | 4326,2 | 4224,3 | 4557,8 | 6359,1 | 127,4 |
| 3. | Ҳисса дар ММД, % | 59,0 | 44,2 | 49,1 | 52,7 | 71,3 | 12,3 б/ф |
| 4. | Ҳаҷми содирот, млн долл. | 943,4 | 890,6 | 1073,3 | 1406,8 | 2149,6 | 228 |
| 5. | Ҳисса дар ММД, бо % | 11,1 | 9,1 | 12,5 | 16,3 | 24,1 | 13 б/ф |
| 6. | Ҳаҷми воридот, млн долл. | 4045,4 | 3435,6 | 3151,0 | 3349,3 | 4209,5 | 104,0 |
| 7. | Ҳисса дар ММД, бо % | 47,8 | 35,1 | 36,6 | 38,7 | 47,2 | -0,6 б/ф |

**Манбаъ**: Маҷмуаи омории Агенти омори назди Президенти ҶТ. - Душанбе, 2014. – С. 580-585; Солномаи омории ҶТ, 2022. – С.7-9,511

Мутобиқи маълумотҳои оморӣ, ҳиссаи гардиши савдои хориҷӣ дар ММД дар давраи таҳлилшаванда то -27,4% афзоиш ёфтааст. Ҳарчанд дар афзоиши солонаи содирот каме ҳам бошад, пешравӣ дида мешавад, вале ҳиссаи он дар ММД аз 11,1% соли 2013 дар соли 2021 то 24,1% ва ё 13 б/ф зиёд шудааст. Ҳамчунин, ҳиссаи воридот дар ММД дар давраи таҳлилшаванда каме зиёд шуда, вале дар муқоиса бо содирот ҳамоно бештар боқӣ мемонад.

Умуман, таҳлилҳо нишон медиҳанд, дар баробари қабули қарорҳои сиёсӣ маълум аст, ки дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти савдои берунии Ҷумҳурии Тоҷикистон камбудиҳо вуҷуд доранд. Дар байни муаммоҳои асосии низоми танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҷудо намудан мумкин аст:

- якум, ин мавқеи номусоиди ҷумҳурӣ дар тақсимоти байналхалқии меҳнат мебошад. Тавре аз сохтори содирот дида мешавад, қисми зиёди содиротро ашёи хом ва маҳсулоти бахши кишоварзӣ ташкил медиҳад. Аммо дар баъзе давраҳо ҳиссаи онҳо низ коҳиш ёфта истодааст. Ин падида аз он дарак медиҳад, ки талабот ба ин маҳсулот чандир буда, нархи ин гурӯҳҳои молҳо тағйир меёбад. Ҳамчунин, паст будани сифат ва мутобиқат накардан ба меъёрҳои байналмилалӣ, ин соҳа дар робита ба маҳсулоти монанд бо тавлидкунандагони хориҷӣ рақобат карда наметавонад. Дар баробари ин, дар

сохтори воридот ҳаҷми воридот афзоиш ёфта, маҳсулоти озуқаворӣ ва ашёи хоми кишоварзӣ (ба истиснои маҳсулоти нассоҷӣ), кимиёвӣ, мошину таҷҳизот ва воситаҳои нақлиёт бартарӣ дорад. «Афзоиши бесобиқаи нархҳо бори дигар нишон медиҳад, ки бозори истеъмолии мо то ҳол аз воридоти молҳои истеъмолӣ ва устувории нархҳо аз арзиши сӯзишворӣ ва маҳсулоти ғалладона вобастагии зиёд дорад. Ҳукумат ин ҳолат ва зарурати ҳифзи амнияти озуқаворӣи кишварро ба эътибор гирифта, барои истифодаи оқилона ва самараноки тамоми захираву имкониятҳо як қатор тадбирҳо андешид. Илова бар ин, вазорату идораҳо, бонкҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда шуданд, ки қарзҳои хурд, тухмии хушсифат, нуриҳои минералӣ, техника ва дигар лавозимоти заруриро ба хоҷагиҳо ва аҳолӣ сари вақт ҷудо кунанд. Вобаста аз ин солҳои охир ҳиссаи воридоти баъзе аз маҳсулот, махсусан маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ нисбатан кам гаштанд. Маҳз ин натиҷаи татбиқи барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунанда мебошад. Аммо, аз ҷиҳати ифодаи арзишӣ ин нишондиҳанда (воридот) меафзояд. Тибқи маълумоти Хадамоти гумрук, солҳои охир ба кишвар танҳо сементи сафед ворид мешавад, ки дар дохили кишвар истеҳсол намешавад. Истеҳсоли семент талаботи дохилиро таъмин намуда, ба кишварҳои ҳамсоя содир мешавад. Вобастагии ашёи хом соҳаҳои иқтисодии кишварро аз омилҳои беруна заиф менамояд ва дар сурати кам шудани таъминоти ашёи хом боиси оқибатҳои номатлуб мегардад.

Дар чорчӯбаи ҳадафи чоруми стратегии давлат – саноатикунонии босуръат Тоҷикистон ҳангоми бунёди корхонаҳои нави саноатӣ бояд манбаъҳои ашёи хомро низ ба инобат гирад. Ин мушкилот дар шароити буҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ хеле муҳим аст. Масалан, аломатҳои таъсири буҳрони молиявӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар семоҳаи охири соли 2008 пайдо шуданд. Коҳиши иқтисоди ҷаҳонӣ ва камгардии талабот ба содироти кишвар бахусус ба пахта ва алюминий таъсир гузошта, боиси то 30-50 фоиз поин рафтани нарх ва коҳиши даромади асъор дар кишвар шудааст. Дар натиҷа, иҷро нашудани нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ, афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ аз 7-8 фоиз то сатҳи 3,5 фоиз коҳиш ёфт [7, с. 5]. Алюминий ва пахта яке аз молҳои аслии содиротии дохилӣ ба шумор рафта, поин рафтани нархи онҳо низ коҳиши профисити савдо ва тавозуни пардохт аст, ки ба далели боло рафтани суръати афзоиши воридот дар муқоиса бо суръати афзоиши содирот аст;

- дуюм, паст ё рақобатнопазир будани иқтисоди ватанӣ ва идомаи таназзули он дар натиҷаи болоравии шадиди нархҳо дар ҷумҳурӣ нисбат ба дигар кишварҳо ва поин рафтани қурби сомонӣ, фаъолияти робитаҳои иқтисодии хориҷиро низ мушкил мегардонад. Аҳолии ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, аз буҳрони ҷаҳонӣ бо болоравии нархҳо дар бозори дохилии маҳсулоти озуқаворӣ зарар дид, зеро иваз намудани беш аз 50 фоизи маҳсулоти ватанӣ бо маҳсулоти воридотӣ дар як вақт боиси таваррум ва болоравии нархҳои воридотӣ гардид. Дар ин маврид андешаи олим, иқтисодчии англис М. Портерро қайд намудан ба мақсад мувофиқ аст. Ӯ зимни омӯхтани амалияи ширкатҳои 10 кишвари пешрафтаи саноатӣ, ки дар муносибатҳои иқтисодии

хориҷӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд, консепсияи рақобатпазирии байналмилалии миллатро тавсеа намудааст [6, с. 142]. М. Портер пешниҳод кардааст, ки сатҳи рақобатпазирии давлат дар муносибатҳои тиҷорати хориҷӣ ба омӯзиши таъсири чор омил рабт дорад: шартҳои тиҷорат, сатҳи талабот, ҳолати соҳаҳо ва сатҳи рушди хизматрасонӣ дар шароити муосир. Нуктаи муҳим ин фароҳам овардани шароит барои рақобат дар бозори дохилии давлати мазкур мебошад.

Дар Тоҷикистон, чун дигар кишварҳои ҷаҳон, дар соли 2020 индекси нархҳои истеъмолӣ 107,3 фоиз, аз ҷумла маҳсулоти асосии ғизоӣ 109,1 фоизро ташкил дод. Чунон ки маълум аст, ба муомилот баровардани пул ва аз ин рӯ, таваррум ва таварруми андози тадбирҳои классикии рафъи буҳрон: ҳалли масъала аз ҳисоби истеъмолкунандагон мебошанд. Дар ҷаҳони муосир истеҳсолкунандагон хеле каманд ва истеъмолкунандагон шумораи зиёди аҳолӣ ва субъектҳои тамоми кишварҳои ҷаҳон мебошанд. Гуфтан мумкин аст, ки бисёр мамлакатҳои ҷаҳон ба ҷамъиятҳои матлубот табдил ёфтаанд. Ва барои ҳамин ҳам, онҳо иштироккунандагони фаъол ё воситаи механикии тадбирҳои зидди буҳронӣ барои мамлакатҳои тараққикарда, аз ҷумла мамлакатҳои «ҷаҳони куҳна» мебошанд. Ҳамин тариқ, истеъмолкунандагон бори гарони буҳрони ҷаҳониро тавассути болоравии нархҳо дар бозори истеъмолӣ ё бахши истеъмолии иқтисоди миллии худ эҳсос мекунанд [4, с. 3];

- сеюм, ҷолибияти пасти ҷумҳурӣ дар миқёси ҷаҳонӣ бо шароити пешбурди соҳибкорӣ. Тибқи рейтинги Бонки ҷаҳонӣ дар соли 2019, Тоҷикистон 126-ум ҷойро дар ҷаҳон аз лиҳози мусоидии пешбурди соҳибкорӣ дар миқёси 57,11 [1], аз сабаби суст татбиқ намудани ислоҳот барои беҳтар кардани вазъият нисбат ба аксарияти мамлакатҳои тараққикардаистода ақибмонӣ дорад. Гуфтан мумкин аст, ки ба ин характери спекулятивии қисми зиёди сармояи хориҷӣ дар корхонаҳои ватанӣ мусоидат мекунад. Тадбирҳои протексионистие, ки давлат нисбат ба корхонаҳои алоҳида андешида истода, дар аксар мавридҳо қафомонии соҳаро нигоҳ дошта, дастгирии тавонои давлатро ҳис мекунанд; тараққӣ додани ин соҳаҳо ба ҷорӣ намудани технологияи нав, беҳтар намудани сифати маҳсулот нигаронида нашудааст, зеро онҳо аллакай фоидаи ба худашон мувофиқро мегиранд;

- чорум, таҳлили мақсад, вазифаҳо ва усулҳои татбиқи барномаҳои гуногуни давлатии ҷумҳурӣ имкон дод, ки сабабҳои хусусияти системавие, ки ба ташаккули механизми танзими давлатии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар сатҳи минтақаҳо ва ҳудудҳо монеа эҷод мекунанд, муайян карда шавад. Аз сабаби мавқеи географӣ (93%-и масоҳати ҷумҳуриро кӯҳҳо ташкил медиҳад) дар ҷумҳурӣ минтақаҳои гуногун (кӯҳҳо, доманакӯҳҳо, водиҳо ва шаҳрҳои саноатӣ) мавҷуданд, ки хусусиятхои хос доранд ва аз ҷиҳати тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ хеле аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳангоми интихоби модели ислоҳот ва таҳияи барномаҳои тиҷорати хориҷӣ ин хусусиятҳо ба инобат гирифта нашуданд.

Баҳодиҳии сатҳии омилҳои минтақавӣ бо он шарҳ дода мешавад, ки аввалан, дар муқоиса бо зарурати устувории молиявӣ омилҳо дуюмдараҷа

қабул карда мешаванд; дуюм, дар рафти тадқиқот ислоҳотгарон малака ва савияи кифоят надоштанд, ки омилҳои мазкур ба инобат гирифта шавад.

Дар баробари ин, тибқи коршиносони мустақили ҷаҳонӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо 27 фоиз захираҳои табиӣ истифода гашта истодаанд. Яъне, миқдори зиёди сарватҳои табиӣ ҳанӯз аз худ карда нашудаанд [9, с. 64]. Ба гуфтаи коршиносони Барномаи рушди СММ (БРСММ) дар заминаи оқилона истифода бурдани захираҳои табиӣ Тоҷикистон имконияти васеи минбаъдаи баланд бардоштани иқтидори содиротиро пайдо мекунад, ки дар натиҷа дар даҳсолаи оянда маҷмуи маҳсулоти дохилии ин кишвар аз 50 то 100% афзоиш ёбад.

Ҳамин тавр, бо мақсади такмили танзими давлатии фаъолияти иқтисоди берунӣ татбиқи чунин чораҳои низомӣ ба мақсад мувофиқ мебошанд:

- барои мустаҳкам намудани ҷойҳгоҳи Тоҷикистон дар низоми тағйирёбии кишварҳои ИДМ, бояд баҳри баланд бардоштани рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, содагардонии бақайдгирии соҳибкорон ва ташкили нақшаи логистикӣ шароит фароҳам оварда шавад. Ноил гардидан ба ин ҳадафҳо ба таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар низоми иқтисодии кишварҳои ИДМ мусоидат мекунад;

- барасмиятдарории гумрукӣ раванди хеле тӯлонӣ буда, аз иштирокчии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дониш, тахассус ва таҷрибаи муайян дар ин соҳаро талаб мекунад. Агар мо намояндагони гумрукро ҳамчун иштирокчиёни занҷири «тиҷорат-гумрук» тавсиф кунем, пас онҳоро метавон ҷузъи таркибӣ, ки барасмиятдарории фаврии гумрукиро барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисоди хориҷӣ таъмин менамояд, номид;

- дар шароити муосир Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд бо назардошти манфиатҳои бозори дохилӣ сиёсати муосири иқтисодии хориҷро таҳия намояд. Бо ин мақсад дар сатҳи қонунгузорӣ такмил додани механизми идоракунии робитаҳои савдои хориҷӣ бо роҳи муқаррар намудани квотаҳо, истифодаи чораҳои тарифӣ ва ғайритарофавии назорати воридот ва содирот зарур аст;

- имрӯз мо дар фазои рақамигардӣ қарор дорем. Бинобар он, равишҳои нави такмили технологияҳои татбиқшаванда имкон медиҳанд, ки амалиёти гумрукӣ ҳам барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва ҳам барои мақомоти гумрук сода, зудамал ва камхарҷ гардад;

- дар кишвар асосан усулҳои маъмурии танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ истифода мешаванд ва зарурати ҳавасмандгардонии усулҳои иқтисодии танзими давлатии муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ ба миён меояд.

**Адабиёт**


1. Всемирный Банк: Показатель благоприятности условий ведения бизнеса. – 2019 г. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.vsemirnyjbank.org› feature› 2019/10/24
2. Каримов Х.М. Теоретические вопросы открытой экономики и проблемы либерализации внешнеэкономических связей стран / Х.М. Каримов // Известия Академия наук РТ: серия экономических наук. – 2007. - № 4. - С. 54-61.
3. Мацнев Д.А. СНГ: Межгосударственное регулирование экономической интеграции. Монография / Д.А. Мацнев. - М.: Изд-во РАГС, 2003. - 316 с.
4. Мирсаидов А.Б. О мировом кризисе, инфляций, рост цен и др. / А.Б. Мирсаидов // Согдийская правда, 20. 02.2012

5. Институциональная экономика: учебник / Под общ. ред. А.Олейника. - М.: ИНФРА-М., 2005. - 704 с.
6. Портер М. Международная конкуренция. Конкурентные преимущества стран / М. Портер. - М.: Международные отношения, 1993. - 896 с.
7. Послание Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона в Маджлиси Оли Республики Таджикистан (Душанбе, 15 апреля 2009 года). – Душанбе: Изд. «Шарки озод», 2008. - 32с.
8. Фомичев В.И. Международная торговля / В.И. Фомичев. - М.: ИНФРА-М, 2001 (Серия «Высшее образование»). – 456 с.
9. Четвертое национальное сообщение Республики Таджикистан по Рамочной конвенции ООН об изменении климата. - Душанбе, 2022. – 260 с.
10. Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ.. Агентии омори назди Президенти ҶТ. – 2022. – 414с.

**УДК 338.27**

## МОДЕЛИ ИҚТИСОДӢ-РИЁЗИИ ОЯНДАБИНИИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

***Хоҷаев Парвиз Давронович*** - *доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734064, ш. Душанбе, к. Нахимов 64. Тел.: (+992) 938607503 hojaev123p@mail.ru*

***Раҳимзода Муҳаммадҷони Назар*** - *муаллими калони кафедраи иқтисодиёти миллӣ ва таҳлили молиявии Донишгоҳи давлатии Данғара, 735140, ш. Дангара, к. Марказ 25. Тел.: (+992) 985575839, Rahimzoda_m@mail.ru*

*Дар мақола модели иқтисодӣ-риёзии ояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ пешниҳод гардидааст. Муаллифон исбот намудаанд, ки барои бомуваффақият ояндабинӣ намудани рақобатпазирии ширкат ва омилҳои он зарур аст, ки дар доираи равиши комплексӣ ба усулҳои илман асоснокшудае такя карда шавад, ки дар байни онҳо, аз ҷумла экстраполятсия, ояндабинии мақсадноки меъёрӣ, моделсозии иқтисодӣ ва математикӣ, пешниҳодҳои коршиносонро ҷудо кардан мумкин бошад.*

*Ҳамзамон, мушкилоти асосии ояндабинии имкониятҳои потенсиалии корхонаҳои саноати сабук дар асоси усулҳои экспертӣ дар як проблемаи умумие зоҳир мегардад, ки бо таҳқиқоти илмии хориҷӣ ва ватанӣ пурра ҳал нашудааст, арзёбиҳои коршиносон субъективӣ мебошанд ва дар заминаи онҳо ба даст овардани натиҷаи мусбати интизоршаванда на ҳамеша имконпазир аст. Масалан, сохтори сохташуда оид ба ояндабинӣ бинобар номувофиқатии тахассуси иҷрокунандагон бо мураккабии вазъияти воқеӣ метавонад аз уҳдаи вазифаҳои дар наздаш гузошташуда набарояд.*

*Модели иқтисодӣ-риёзии ояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки ояндабинии имкониятҳои потенсиалии корхонаҳои саноати сабук амалӣ карда шуда, дар заминаи он ба даст овардани натиҷаи мусбати интизоршаванда ҳамеша имконпазир гардад.*

***Калидвожаҳо:*** *модели иқтисодӣ-риёзӣ, ояндабинӣ, рақобатпазирӣ, корхонаҳои саноатӣ, усулҳои экспертӣ, экстраполятсия, арзёбӣ, коршинос, иқтидори захиравӣ, усулҳои муосир, ташкили истеҳсолот, такмил.*

## ЭКОНОМИКО-МАТЕМАТИЧЕСКАЯ МОДЕЛЬ ПРОГНОЗИРОВАНИЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

***Ходжаев Парвиз Давронович*** - *доктор экономических наук, профессор кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734064, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64. Телефон: (+992) 938607503. E-mail: hojaev123p@mail.ru*

***Рахимзода Мухаммадджони Назар*** *- старший преподаватель кафедры национальной экономики и финансового анализа Дангаринского государственного университета. Адрес: 735140, Республика Таджикистан, г. Дангара, ул. Марказ, 25. Тел.: (+992) 985575839. E-mail:* [Rahimzoda_m@mail.ru](mailto:Rahimzoda_m@mail.ru)

*В статье представлена экономико-математическая модель прогнозирования конкурентоспособности промышленных предприятий. Авторами доказано, что для успешного прогнозирования конкурентоспособности предприятия и ее факторов необходимо опираться на научно обоснованные методы в рамках комплексного подхода, включающего: экстраполяцию; целенаправленное нормативное предвидение; экономико-математическое моделирование; метод экспертных оценок.*

*Вместе с тем, основная проблема прогнозирования потенциальных возможностей предприятий легкой промышленности на основе экспертных методов проявляется в общей проблеме, которая до конца не решена зарубежными и отечественными научными исследованиями, экспертные оценки носят субъективный характер, а на их основе не всегда удается получить ожидаемый положительный результат. Например, созданная структура по предвидению может не справиться с поставленными перед ней задачами из-за несоответствия квалификации исполнителей сложности реальной ситуации.*

*Экономико-математическая модель прогнозирования перспективы конкурентоспособности промышленных предприятий позволяет реализовать перспективное видение потенциальных возможностей предприятий легкой промышленности, и на ее основе всегда можно добиться ожидаемого положительного результата.*

***Ключевые слова:*** *экономико-математическая модель, прогнозирование, конкурентоспособность, промышленные предприятия, экспертные методы, экстраполяция, оценка, эксперт, резерв мощности, современные методы, организация производства, совершенствование.*

## ECONOMIC AND MATHEMATICAL MODEL FORECASTING THE COMPETITIVENESS OF INDUSTRIAL ENTERPRISES

***Khojaev Parviz Davronovich*** *- Doctor of Economics, Professor of the Department of Economic Theory of the State Financial and Economic University of Tajikistan, 734064, sh. Dushanbe, st. Nakhimov 64, Republic of Tajikistan; phone: (+992) 938607503 hojaev123p@mail.ru*

***Rakhimzoda Muhammadjoni Nazar*** *- Senior Lecturer, Department of National Economics and Financial Analysis, Dangara State University, 735140, Dangara, st. Markaz 25, Republic of Tajikistan, tel.: (+992) 985575839, Rahimzoda_m@mail.ru*

*The article presents an economic and mathematical model for predicting the competitiveness of industrial enterprises. The authors proved that in order to successfully predict the competitiveness of an enterprise and its factors, it is necessary to rely on evidence-based methods within an integrated approach, including: extrapolation; purposeful normative foresight; economic and mathematical modeling; method of expert assessments.*

*At the same time, the main problem of predicting the potential of light industry enterprises based on expert methods is manifested in a general problem that has not been fully resolved by foreign and domestic scientific research, expert assessments are subjective, and on their basis it is not always possible to obtain the expected positive result. For example, a structure created by foresight may not be able to cope with the tasks assigned to it due to the discrepancy between the qualifications of the performers and the complexity of the real situation.*

*The economic-mathematical model for predicting the prospects for the competitiveness of industrial enterprises makes it possible to realize a perspective vision of the potential opportunities of light industry enterprises, and on its basis it is always possible to achieve the expected positive result.*

***Key words:*** *economic and mathematical model, forecasting, competitiveness, industrial enterprises, expert methods, extrapolation, assessment, expert, power reserve, modern methods, organization of production, improvement.*

Дар шароити кунунии бавуҷудомадаи иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонояндабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва омилҳои он зарурати объективӣ мегардад, зеро дар мубориза рақобатпазирии муосир бо тамоми миқёс ва вазнинии он шахсоне, ки муҳити бозорро доимо таҳлил менамояд, рафтори рақибонро пешбинӣ мекунад ва барои мавқеъҳои бозории худ мубориза мебарад, фоида мебинанд.

Барои бомуваффақиятояндабинии рақобатпазирии ширкат ва омилҳои он зарур аст, ки дар доираи равиши комплексӣ ба усулҳои илман асоснокшудае такя кард, ки дар байни онҳо, аз ҷумла экстраполятсия,ояндабинии мақсадноки меъёрӣ, моделсозии иқтисодӣ ва математикӣ, пешниҳодҳои коршиносонро ҷудо кардан мумкин аст. Истифодаи се усули аввал барои ҳалли ин масъала, аз як тараф, ҳаҷми зиёди иттилооти бисёрсоҳавӣ ва хароҷоти зиёди вақтро барои коркарди он талаб мекунад, аз тарафи дигар, якрангӣ, дурустӣ ва мушаххасии маълумоти аввалияро тақозо менамояд. Одатан иҷрои ин талабот бо душвориҳои бузурги табиати амалия марбут аст. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки дар шароити иқтисоди давраи гузариш, фаъолияти шумораи зиёди корхонаҳо мустақиман ё ғайримустақим бо таъсири омилҳои берунии муҳити бозор муайян карда мешавад, ки дар аксар ҳолат хусусияти худсаронаи рух додан доранд ва хусусияти иқтисодӣ доштанашон ҳам ҳатмӣ нест. Ин вазъият, албатта, метавонад истифодаи ин усулҳоро барои пешгӯии рақобатпазирӣ хеле маҳдуд кунад [1, с. 22,].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар шароити кунунии иқтисодӣ усулҳо ва равишҳои коршиносон бароиояндабинии рақобатпазирии корхона ва омилҳои он нисбат ба дигарон дастрастар мебошанд, ки бартарии асосӣ ва имкони татбиқи онҳо дар шароити номуайянии қисмати муҳити бозор, носаҳеҳии маълумоти аввалия ва эҳтиёҷи ночиз ба иттилооти оморӣ мебошад.

Омилҳои асосии рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабукро, тавре ки дар боло қайд кардем, мо чунин мешуморем: иқтидори корхона, дараҷаи қонеъгардонии талаботи бозор бо маҳсулоти рақобатпазир, натиҷаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ.

Яке аз омилҳои муҳимтарини рушди рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабукояндабинии мувофиқи рақобатпазирии корхона ба ҳисоб меравад.

Ояндабинии мувофиқи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, пеш аз ҳама, ба таҳлили имкониятҳои потенсиалии он асос ёфтааст ва вазифаи мураккабе мебошад, ки ҳалли он имкон медиҳад: тавозуни имкониятҳои воқеии корхона бо талаботи бозор таъмин, ҳадафҳои асосӣ муайян карда шуда, стратегияҳои самарабахши ноил шудан ба онҳо таҳия, барномаҳои асосии рушди истеҳсолот ва рафтор дар бозор таҳия, қарорҳои салоҳиятдори идоракунӣ, ки ба баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва устувории корхона

нигаронида шудаанд, қабул карда шаванд. Дар ниҳояти кор, имкониятҳои потенсиалии корхона, вазъи рақобатпазирии он, аз як тараф, шарти ҳатмии ба даст овардани натиҷаҳои иқтисодии фаъолияти хоҷагидорӣ ва, аз тарафи дигар, қонеъгардонии талабот ва тақозои бозор, барои як давраи муайяни дурнаморо тавсиф мекунанд [3, с. 56].

Тавре маълум аст, фаъолияти муътадили корхонаҳои ватанӣ зимни ноустувории вазъи иқтисодии кишвар, набудани стратегияи мушаххаси рушди иқтисодӣ дар сатҳҳои макро ва микро душвор аст. Ин, пеш аз ҳама, ба таъсири рӯйдодҳои муҳими миқёси сайёра, давлатӣ ва минтақавӣ вобаста аст, ки қодиранд тавозуни иқтисодии ҳар як давлатро вайрон кунанд. Аз ин рӯ, яке аз ҷанбаҳои асосие, ки ҳангомиояндабинии иқтидори корхона бояд ба назар гирифта шаванд, ноустувории муҳити берунии он мебошад, ки дараҷаҳои зерини тағйирот - сатҳи ҷаҳонӣ, макро ва микро доранд [14, с. 92].

Зарурати ба назар гирифтан ва таҳлили равандҳои ҷаҳонӣ дарояндабинӣ бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо, пеш аз ҳама, ба сохторҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар таъсир мерасонанд ва ин ба имконият ва мавқеи рақобатпазирии ҳар як корхонае, ки дар бозори мазкур фаъолият мекунад, мустақиман таъсир мерасонад. Аз ҷумлаи равандҳои ҷаҳонӣ ташаккули низоми бонкдории ҷаҳонӣ, савдои ҷаҳонӣ, бозори ҷаҳонии сармоя, бозори ҷаҳонии захираҳои энергетикӣ (ташаккули нархҳои ҷаҳонӣ барои онҳо) ва амсоли онро мансуб кардан мумкин аст.

Ҳангоми таҳлили сатҳи макро бояд маҷмуи рӯйдодҳоеро ташаккул дод, ки аз рӯйдодҳои буҳронии ҷаҳонӣ ва бо сабаби онҳо (ё бо сабаби равандҳои дохилии кишвар) рӯйдодҳои муҳими дар миқёси давлат баамаломада, ки бевосита ба равандҳои бозор дар дурнамои кутоҳмуддат ва дарозмуддат таъсир мерасонанд, иборат мебошанд. Дар айни замон,ояндабинии тағйирот дар хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, амалҳои эҳтимолии ҳукумат дар натиҷаи таъсири ин рӯйдодҳо зарур мебошад. Пас аз он омилҳои муҳити бозорро муайян кардан лозим аст, ки бевосита ба субъектҳои бозори кишвар таъсир мерасонанд ва қудрати зуҳури онҳоро вобаста ба амали равандҳои мубориза, мусобиқа ва вокуниш ба онҳо дар сатҳи макро арзёбӣ кардан лозим аст [5, с. 3, 7].

Дар сатҳи микро, бояд ниҳоят маҷмуи рӯйдодҳои муҳим (РМ) ташкил карда шаванд $PМ(рм_1, рр_2, \dots, рр_n)$ , ки дар натиҷаи омезиши маҷмуи рӯйдодҳое, ки дар сатҳи макро муайян карда шудаанд ва аз ҷониби онҳо (ё равандҳои дохилии минтақа) рӯйдодҳои муҳим дар сатҳи минтақавӣ ба вуҷуд омадаанд. Пас аз он, ба омилҳои умумии берунии муҳити бозор, ки ба корхона таъсири бевосита мерасонанд, омилҳои мушаххаси бозори сатҳи минтақавиро илова кардан лозим аст. Дар ниҳояти кор, дар натиҷаи омӯхтани сатҳи тағйирёбии муҳити беруна бояд ҳамаи омилҳои берунии муҳити бозор $Об(об_1, об_2, \dots, об_l)$, ки бевосита ба корхона таъсир мерасонанд, муайян карда шаванд.

Дар робита ба ин, яке аз вазифаҳои муҳими корхонаҳои саноати сабук ин масъалаи баҳодиҳии дараҷаи мутобиқати иқтидори стратегии он ба таъсири омилҳои берунии муҳити бозор мебошад.

Ғайр аз он, аз нуқтаи назари маркетинг ва алахусус, стратегияи рақобатпазирии корхонаҳои саноати сабук, бисёр муҳим ва зарур аст, ки чӣ гуна муҳити бозори дар ин ё он кишвари мушаххас дар зери таъсири омилҳои беруна фароҳам овардашуда ба пайдоиш, нигоҳдорӣ ва тағйир додани бартариятҳои рақобатпазирии корхонаҳои ин кишвар таъсир расонида метавонанд [8, с. 107, 9].

Дар омӯзиши ин масъала саҳми арзандаи М.Е. Портер ба ҳамагон маълум аст, ки дар асоси таҳлили маводи омории саноати ҳашт кишвари пешрафта муҳимтарин сабабҳои муваффақият ва нокомии корхонаҳояшонро дар муборизаи рақобатӣ муайян кард. Вай консепсияи аслии бартарии рақобатпазирии кишварро пешниҳод кард, ки бар чор хосият (муайянкунанда)-и кишваре, ки муҳити рақобатро фароҳам меорад, асос ёфтааст. Дар ниҳояти кор, системаи детерминантҳои бартарияти рақобатӣ, ки таҳти таъсири мутақобила қарор дорад, самараи тамомиятро ба вуҷуд меорад, яъне сатҳи потенсиали бартарияти рақобатпазирии корхонаҳои ин кишварро афзоиш медиҳад ё коҳиш медиҳад.

Бояд қайд кард, ки ба низоми умумии детерминантҳо М.Е. Портер ҳам рӯйдодҳои тасодуфӣ ва ҳам амалҳои ҳукуматро шомил мекунад, ки ба ақидаи ӯ, метавонанд бартарияти рақобатпазирии корхонаҳоро зиёд коҳиш медиҳад. Дар ин замина, ҳодисаҳои тасодуфӣ рӯйдодҳое мебошанд, ки бо шароити рушди иқтисодиёти кишвар алоқамандие надоранд ва аксар вақт ба онҳо на корхонаҳо ва на ҳукумат таъсир расонида наметавонанд. Ба қатори чунин рӯйдодҳои муҳими ин даста М. Портер инҳоро номбар мекунад: ихтироъкорӣ, пешрафтҳои азими технологӣ, тағйироти яку якбораи сатҳи нархҳо, тағйироти назаррас дар бозорҳои ҷаҳонии молиявӣ ё қурби асъор, ҷаҳиши якбораи тақозои ҷаҳонӣ ва маҳаллӣ, қарорҳои сиёсии ҳукуматҳои маҳаллӣ ва хориҷӣ, ҷангҳо ва дигар ҳолатҳои форс-мажор [6, с. 238].

Ҳамин тариқ, гуфтаҳои боло имкон медиҳанд чунин хулосабарорӣ кунем, ки таъсири сатҳи тағйирёбии ҷаҳонӣ, макро ва микро муҳити беруна метавонад омилҳои берунаи бозорро тағйир диҳад ва инҳо дар навбати худ, боиси тағйирёбии омилҳое мегарданд, ки детерминантҳои бартарии рақобатпазирии кишварро ташкил медиҳанд ва дар натиҷа, ҳамаи ин ба тағйирёбии бартариятҳои рақобатпазирии аз тарафи онҳо муайяншудаи корхона оварда мерасонад.

Дар робита ба ин, як масаъалаи дигари муҳимияташ на камтар аз ин ба миён меояд, ки иборат аз муайян кардани ҳассосияти бартариятҳои рақобатпазирии корхона нисбат ба таъсироти омилҳои берунии муҳити бозор мебошад, яъне, арзи вуҷуд доштани фаъолияти бозор аз муҳити дохила ва таъсири беруна, ба таври номатлубу номусоид ва бартариятҳои рақобатпазирии субъекти бозор таъсир расонида метавонад.

Мо минбаъд имкониятҳои иқтидории корхонаҳои саноати сабукро аз рӯйи иқтидори стратегӣ ва бартариятҳои рақобатпазирии он муайян хоҳем кард. Пас, барои ояндабинии иқтидори корхона ё мавқеи рақобатпазирии он, пеш аз ҳама, инҳоро баҳо додан зарур аст: қудрат ва тавонои зоҳиршавии ҳар як омили берунии муҳити бозор, ҳассосияти бартариятҳои рақобатпазирии

корхона ба таъсири омилҳои берунии муҳити бозор, дараҷаи мутобиқшавии иқтидори стратегии корхонаҳо ва ба таъсири ин омилҳои ҷойдошти озмоиш меёбад [14, с. 44].

Пеш аз ҳама, кору фаъолиятро ояндабинӣ кардан хеле душвор аст, ки чӣ гуна рӯйдодҳои муҳим $PM$ ба рушди вазъ дар кишвар таъсир мерасонанд, бинобар ин, пеш аз ҳама, баромадҳои бисёри имконпазирро таҳия кардан лозим аст $CH(сн_1, сн_2, ..., сн_m)$, сипас барои ҳар кадоми онҳо $(сн_i)$, дар асоси баҳогузории коршиносони алоҳида, мубаддалшавии умумии қувваи амали $C(об_к, сн_i, t)$ ҳар як омили берунии муҳити бозорро $(об_к)$ дар нуқтаҳои гуногуни вақт $t$ муайян кардан лозим аст.

Барои мубаддалшавии тағйирёбии қувваи омили беруна аз вақт, давраи баррасишавандаро $[0;T]$ ба қисматҳои $[t(рм_m);t(рм_{m+1})]$ тақсим мекунем, ки ҳудудҳои онҳо ба лаҳзаҳои пешбинишудаи фарорасии рӯйдоди муҳим аз маҷмуи рӯйдодҳои $PM$ мувофиқат мекунанд. Сипас, мо баҳодиҳии умумии қувваи омили берунии муҳити бозорро тавассути баҳодиҳии коршиносони алоҳида дар лаҳзаҳои ибтидоӣ ва ниҳоии ҳар як фосилаи вақт бо истифода аз формулаи зерин муайян мекунем [10, с. 23, 11]:

$$K(об_k, сн_i, t) = \left( \sum_{j=1}^{p} h_j \cdot об_{kj} \right) \Big/ \sum_{j=1}^{p} h_j \text{ , (1)}$$

Дар ин ҷо: $h_j$ - коэффитсиенти вазнии салоҳиятнокии коршиноси $j$ ;

$об_{kj}$ - арзёбии қувваи таъсири $k$ - омили берунаи муҳити бозор аз тарафи коршиноси $j$ ;

$p$ - миқдори умумии коршиносон;

$t$ - омили вақти ибтидоӣ $t(рм_m)$ ё интиҳои $t(рм_{m+1})$.

Нуқтаҳои ҳамвориро (тири Y - арзёбии қувваи амали омили берунаи муҳит $K(об, сн, t)$; тири X-$t$) $(K(об_k, сн_i, t(рм_m)); t(рм_m))$ ва $(K(об_k, сн_i, t(рм_{m+1})); t(рм_{m+1}))$ бо фосилаҳо пайваст месозем. Хати шикастаи сохташуда (кандашавиҳои интиҳоӣ дар лаҳзаи фарорасии рӯйдодҳои муҳим имконпазир мебошанд) аз худ графики пешбинишудаи тағйирёбии қувваи таъсири омили берунаи $об_k$ барои баромади муайянеро $(сн_i)$ муаррифӣ мекунад.

Барои муайянкунии бузургии $K(об_k, сн_i, t(рм_m))$ ҷадвали зерини арзёбии қувваи амалӣ омили беруна пешниҳод карда мешавад, ки панҷ дараҷабандӣ дорад: хеле суст - 0 хол; суст - 1 хол; муътадил - 2 хол; баланд - 3 хол; хеле баланд - 4 хол [12, с. 70, 13].

Сипас, мо тартиби ояндабинии ҳассосияти бартариятҳои рақобатпазирии корхонаро нисбат ба таъсири омилҳои берунаи бозорӣ дида мебароем. Бисёрии бартариятҳои рақобатпазирро ҳамчун $БР(бр_1, бр_2, ..., бр_s)$

муайян мекунем. Барои мутобиқшавии хусусиятҳои $X(бр_к, об_l, t)$ к - омили бартариятҳои рақобатпазирии $(бр_к)$ ба таъсири омили 1-уми беруна $(об_l)$ ҷадвали панҷ дараҷабандиро истифода мекунем: хеле суст - 0 хол; суст - 1 хол; муътадил - 2 хол; баланд - 3 хол; хеле баланд - 4 хол. Дар ин ҳолат, баҳогузорӣ бо аломати "+" гирифта мешавад, агар амали омили беруна $(об_l)$ ба бартариятҳои рақобатпазирии корхона таъсири мусбат расонад ва дар акси ҳол бо аломати "-" ишора карда мешавад.

Маълум аст, ки тағйирот дар бартариятҳои рақобатӣ метавонанд дар зери таъсири омилҳои беруна дар лаҳзаҳои тағйирёбии қувваи амали онҳо, яъне, дар лаҳзаҳои рӯйдодҳои муҳим ба амал оянд. Дар робита ба ин, ҳосили мубаддалшавии умумии ҳассосияти бартариятҳои рақобатиро дар лаҳзаҳои ибтидоӣ ва интиҳоии ҳар як фосилаи вақт $[t(рм_m); t(рм_{m+1})]$ бо ёрии хулосаи коршиносон тавассути истифода аз формулаи зерин меёбем:

$$X(бр_k, оо_i, t) = \left(\sum_{j=1}^{p} h_j \cdot бр_{kij}\right) \Big/ \sum_{j=1}^{p} h_j, \qquad (2)$$

Дар ин ҷо: $h_j$ - коэффитсиенти вазнии салоҳиятнокии коршиноси $j$;

$бр_{kij}$ - арзёбии коршиноси $j$ оид ба ҳассосияти бартарияти рақобатпазирии $k$-и корхона нисбат ба таъсироти і-омили берунаи бозорӣ.

Нуқтаҳои ҳамвориро (тири Y - ҳассосияти бартариятҳои рақобатӣ $X(бр, об, t)$; тири X - $t$) $(X(бр_k, об_i, t(рм_m)); t(рм_m))$ ва $(X(бр_k, об_i, t(рм_{m+1})); t(рм_{m+1}))$ бо фосилаҳо пайваст месозем. Хати шикастаи сохташуда (кандашавиҳои интиҳоӣ дар лаҳзаи тағйирёбии қувваи амали омилҳои беруна имконпазир мебошанд) аз худ графики пешбинишудаи тағйирёбии ҳассосияти бартариятҳои рақобатпазирии $(бр_к)$-ро нисбат ба амали омили берунаи бозорӣ $(об_i)$ муаррифӣ мекунад.

Дар равиши пешниҳодшуда, ҳангоми арзёбии ҳассосияти бартарияти рақобатпазирии корхона чунин ба назар гирифта мешавад, ки: аввалан, тағйирёбии якбораи он танҳо дар лаҳзаи $t(рм_m)$ рух дода метавонад; дуввум, ҳангоми баҳо додани он дар охири фосилаи $[t(рм_m); t(рм_{m+1})]$, бояд эҳтимолияти тағйири онро тибқи қонуни хаттӣ дар зери таъсири тадбирҳои дахлдори ташкилию иқтисодии аз ҷониби корхона гузаронидашударо ба назар гирифт.

Чунин ба назар мерасад, ки омилҳои бозорӣ метавонанд амали якдигарро тақвият диҳанд ё ҷуброн карда, зимнан бартариятҳои рақобатпазирии корхонаро афзоиш диҳанд ва ё мувофиқан ба ин коҳиш диҳанд. Дар робита ба ин, тавсифоти умумии ҳассосияти $Xc(бр_к, t)$ бартарияти рақобатпазирии $(бр_к)$ ба таъсири омилҳои бозор $(об_i)$ ба он дар шакли ҳассосияти миёнаи вазни ин бартарияти рақобатӣ ба ҳар як омил тибқи формулаи зерин ифода карда мешавад:

$$Xc(бр_к, сн_m, t) = \sum_{i=1}^{l} K(об_i, сн_m, t) \cdot X(бр_к, об_i, t) \Big/ \sum_{i=1}^{l} K(об_i, сн_m, t) . \quad (3)$$

Пас, нишондиҳандаи пешбинишавандаи бартарияти рақобатпазирии корхонаро $БРК(сн_m, t)$ дар лаҳзаи вақти $t$ барои баромади мавриди баррасӣ $(сн_m)$ дар шакли зерин ифода кардан мумкин аст:

$$БРК(сн_m, t) = \sqrt[s]{\prod_{k=1}^{s} \alpha_k \cdot Xc(бр_к, сн_m, t)} , \quad (4)$$

Дар ин ҷо: $\alpha_k$ - коэффитсиенти маънидор будани бартарии рақобатпазирии корхонаи $k$ (аз тарафи коршиносон муайян карда мешавад).

Ҳосили ҷамъи арзёбии мутобиқшавии $Mm(об_i, t)$ потенсиали стратегиро нисбат ба таъсироти i-омили берунаи бозорӣ, ба мисли пешина, дар лаҳзаҳои ибтидоӣ ва интиҳоии ҳар як фосилаи вақт $[t(р\text{м}_m); t(р\text{м}_{m+1})]$ бо ёрии арзёбии коршиносони алоҳида аз рӯйи формулаи зерин меёбем:

$$Mm(об_i, t) = \left( \sum_{j=1}^{p} h_j a_{ij} \right) \Big/ \sum_{j=1}^{p} h_j , \quad (5)$$

Дар ин ҷо: $h_j$ - коэффитсиенти вазнии салоҳиятнокии коршиноси $j$ ;

$a_{ij}$ - арзёбии коршиноси $j$ оид ба мутобиқшавии потенсиали стратегии корхона нисбат ба таъсироти i-омили беруна.

Дар раванди арзёбии коршиносии мутобиқшавӣ дар охири фосилаи вақт $[t(рм_m); t(рм_{m+1})]$ эҳтимолияти тағйирёбии хаттии онро дар натиҷаи амали тадбирҳои ташкилию иқтисодии аз ҷониби корхона гузаронидашуда бо мақсади баланд бардоштани иқтидори стратегӣ ба назар гирифтан лозим аст.

Ҳамчун хусусияти ҷамъбастии мутобиқати потенсиали (МП) стратегии корхонаҳои саноати сабук $МП(сн_m, t))$ ба таъсири ҳамаи омилҳои берунаи бозорӣ дар вақти $t$ бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$МП(сн_m, t) = \sqrt[l]{\prod_{i=1}^{l} \gamma_i \cdot Mm(об_i, t)} , \quad (6)$$

Дар ин ҷо: $\gamma_i$ - коэффитсиенти вазнии мутобиқшавии потенсиали стратегии корхонаҳои саноати сабук нисбат ба таъсироти $i$-омили берунаи бозорӣ мебошад, ки бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\gamma_i = K(об_i, сн_m, t) \Big/ \sum_{i=1}^{l} K(об_i, сн_m, t) , \quad (7)$$

Натиҷаҳои бадастомада барои ҳалли масъалаи пешгӯии имкониятҳои потенсиалии корхонаҳои саноати сабук $ПСК(сн_m, t)$ дар лаҳзаҳои гуногуни вақт барои баромади баррасишаванда асос маҳсуб мешаванд. Ба сифати хусусияти пешгӯии ададӣ, нишондиҳандае пешниҳод карда мешавад, ки бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$ПСК(сн_m,t)=\sqrt{БРК(сн_m,t)\cdot МП(сн_m,t)}\,, \qquad (8)$$

Оядабинии нишондиҳандаи имкониятҳои потенсиалии корхонаҳои саноати сабук бо истифодаи формулаи (8) имкон медиҳад, ки қувваи таъсири тамоми маҷмуи омилҳои берунаи бозорӣ, инчунин, ҳассосияти бартариятҳои рақобатӣ ва мутобиқати онҳо ба таъсири ин омилҳо ба назар гирифта шавад. Таҳлили нишондиҳандаи $ПСК(сн_m,t)$ бояд барои ҳар як баромади рушди муҳити беруна алоҳида гузаронида шавад.

Ҳамин тариқ, мушкилоти асосии оядабинии имкониятҳои потенсиалии корхонаҳои саноати сабук дар асоси усулҳои экспертӣ дар як проблемаи умумие реша дорад, ки бо таҳқиқоти илмии хориҷӣ ва ватанӣ пурра ҳал нашудааст ва аз он иборат аст, ки арзёбиҳои коршиносон субъективӣ мебошанд ва дар заминаи онҳо ба даст овардани натиҷаи мусбати интизоршаванда на ҳамеша имконпазир аст. Масалан, сохтори сохташуда оид ба оядабинӣ бинобар номувофиқатии тахассуси иҷрокунандагон бо мураккабии вазъияти воқеӣ метавонад аз уҳдаи вазифаҳои дар наздаш гузошташуда набарояд. Аммо, агар ҳангоми ташкили гурӯҳ оид ба оядабинӣ яке аз сохторҳои идоракунии мутобиқшавӣ, аз ҷумла, матритса истифода шавад, он вақт ин мушкилот метавонад самаранок бартараф карда шавад.

Ҳамзамон, модели иқтисодӣ-риёзии оядабинии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки оядабинии имкониятҳои потенсиалии корхонаҳои саноати сабук амалӣ карда шуда, дар заминаи он ба даст овардани натиҷаи мусбати интизоршаванда ҳамеша имконпазир гардад.

**Адабиёт**


1. Вютрих Х.А. Конкурентоспособность глобальных предприятий /Х.А. Вютрих, В.Б. Винтер // Проблемы теории и практики управления. -1995. - №3. - С. 73-78.
2. Гайворонский А. Конкуренция: проблемы формирования в переходной экономике / А. Гайворонский // Бизнес информ. - 2012. - № 3. – С. 34-39.
3. Глухов А. Оценка конкурентоспособности товара и способы ее обеспечения / А. Глухов // Маркетинг. – 2014. -№2. -С.56-64.
4. Горбач Е. Ресурс конкурентоспособности орудий труда / Е. Горбач //Бизнес-информ. - 2014. - №13-14. - С.146-147.
5. Горбашко Е.А. Обеспечение конкурентоспособности промышленной продукции / Е.А. Горбашко // СПб.: СПБУЭиФ. 1994. – 356 с.
6. Портер М.Е. Международная конкуренция. Конкурентные преимущества стран/ М.Е. Портер. - М.: Алпина Паблишер, 2016. -947с..
7. Фатхутдинов Р.А. Конкурентоспособность: экономика, стратегия, управление/ Р.А. Фатхутдинов. – М.: ИНФРА-М, 2000. – 312 с.
8. Ходжаев П.Д. Некоторые аспекты оценки конкурентоспособности услуг пассажирского транспорта/П.Д. Ходжаев.// Вестник Российско-Таджикского (славянского) университета. - Душанбе: РТСУ. - 2012.- № 4 (39). – С. 107-113.
9. Ходжаев П.Д. Оценка конкурентоспособности региональных транспортных предпринимательских структур в Республике Таджикистан/ П.Д. Ходжаев, С.Ш. Бегмуродов // Вестник Таджикского технического университета. Серия экономических наук. - Душанбе: ТТУ. - 2014.- № 1 (40). - С. 101– 107.
10. Ходжаев П.Д. Развитие конкуренции на пассажирском автотранспорте в условиях рыночной экономики/ П.Д. Ходжаев // Вестник ТГУПБП. – Худжанд. - 2017. -№ 4(73). - С.23-31.

11. Ходжаев П.Д. Экономико-математическое моделирование влияния факторов на организации перевозок в условиях высокогорья/ П.Д. Ходжаев // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. - 2019. - №4 (48). - С. 47-55.
12. Ходжаев П.Д. Экономико-математическое моделирование развитие ресурсного потенциала предприятий пассажирского автомобильного транспорта/ П.Д. Ходжаев // Политехнический вестник. – Душанбе: ТТУ. – 2018. - № 4 (44). - С.70-81.
13. Ходжаев П.Д. Экономико-математическое моделирование управления развитием инфраструктуры рынка услуг пассажирского транспорта/ П.Д. Ходжаев // Вестник ТНУ. – Душанбе: Сино. - 2018. - № 4. - С.101-105.
14. Шмулевич Т.В. Конкурентоспособность крупных предприятий и ее роль в развитии предпринимательства/ Т.В. Шмулевич // Народы СНГ накануне третьего тысячелетия./ Материалы междунар. научн. конгресса. - Н.Новгород. - 2014. -С.92.

**УДК: 339.924**

# ТАҲҚИҚИ БАРРАСИИ ДОКТРИНАИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ДОИРАИ ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ

***Солеҳзода Ашурбой Абдувоҳид** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Узви вобастаи Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, маҳ Бинихисорак, бинои №8. E-mail: ashurboy@mail.ru.*

***Ҷуразода Кабир Каримҷон** – унвонҷӯи Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, директори Институти ҲИМОМ (CAREC). E-mail: kabirjon@gmail.com*

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодӣ ва ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ дар доираи иштироки кишвар дар гурӯҳи ҳамгироии иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар доираи таҳқиқ маълум шуд, ки бештар дар асарҳои олимон пайёмадҳои ҳамгироии иқтисодӣ аз нуқтаи назари баробаршавии нархҳо, самаранокии тақсими захираҳо ва дигар самараи мусбати он баррасӣ шудааст. Ҳамзамон, дар таҳқиқоти мазкур доктринаи амнияти иқтисодӣ, ки аз ҷониби як қатор олимон дар солҳои охир пешниҳод шудааст, мавриди баррасӣ қарор гирифт.*

*Дар маҷмуъ, дар мақола баррасии масъалаи амнияти иқтисодӣ дар пайвастагӣ бо ҳамгироӣ гурӯҳбандӣ шудааст. Муайян гардид, ки доктринаи амнияти иқтисодиро дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ гурӯҳи на он қадар зиёди олимон таҳқиқ намудаанд. Ин гурӯҳи олимон ҳамгироии босуръатро, ки манфиатҳои иқтисодии кишварҳои нисбатан вобаста ва хурдро поймол месозад ё ба инобат намегирад, зери танқид қарор додаанд. Вобата ба ин, дар мақола хулосабарорӣ карда шудааст, ки дар шароити имрӯза таҳқиқи ин масъала ҷиҳати баланд бардоштани самараи иштироки кишвар дар гурӯҳи ҳамгироӣ аҳаммияти бузургро дорад.*

***Калидвожаҳо:** амнияти иқтисодӣ, манфиати иқтисодӣ, ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, ҳаракати озоди молу омилҳои истеҳсолот, фазои ягонаи иқтисодӣ, бозори ягона, бозори умумӣ, сиёсати превентивӣ, дилеммаи амният, нархҳо дар савдо, доктринаи амнияти иқтисодӣ.*

# ИССЛЕДОВАНИЕ ДОКТРИНЫ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РАМКАХ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ

***Солехзода Ашурбой Абдувохид*** *– кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики Таджикского национального университета, Член-корреспондент Инженерной академии Республики Таджикистан. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, студенческий городок Бинихисорак, корпус № 8.E-mail: ashurboy@mail.ru.*

***Джуразода Кабир Каримджон*** *– соискатель Института экономики и демографии Национальной академияи наук Таджикистана, директор Института CAREC. E-mail: kabirjon@gmail.com*

*В данной статье исследованы вопросы обеспечения экономической безопасности и защиты экономических интересов в рамках участия страны в экономической интеграционной группы. В рамках исследования выяснилось, что в работах ученых рассматривались результаты экономической интеграции с точки зрения выравнивания цен, эффективности распределения ресурсов и других положительных эффектов. При этом в данном исследовании рассмотрена доктрина экономической безопасности, предложенная рядом ученых в последние годы.*

*В целом в статье рассматривается вопрос обеспечения экономической безопасности в контексте региональной интеграционной группы. Установлено, что рассмотрение доктрины экономической безопасности в условиях экономической интеграции является предметом исследования небольшого числа ученых. Эти ученые раскритиковали ускоренную интеграцию, которая подрывает или не учитывает экономические интересы относительно зависимых и малых стран. Поэтому в статье сделан вывод, что в сегодняшних условиях изучение данного вопроса имеет большое значение для повышения эффективности участия страны в интеграционном объединении.*

***Ключевые слова:*** *экономическая безопасность, экономический интерес, региональная экономическая интеграция, свободное перемещение товаров и факторов производства, единое экономическое пространство, единый рынок, общий рынок, превентивная политика, дилемма безопасности, цены в торговле, доктрина экономической безопасности.*

# STUDY OF THE DOCTRINE OF ECONOMIC SECURITY IN THE FRAMEWORK OF ECONOMIC INTEGRATION

***Solekhzoda Ashurboy Abduvohid*** *– Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy of the Tajik National University, Corresponding Member of the Engineering Academy of the Republic of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mach Binikorak, Building No. 8*

***Jurazoda Kabir Karimjon*** *- is a candidate at the Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, director of the CAREC Institute. E-mail: kabirjon@gmail.com*

*This article explores the issues of ensuring economic security and protecting economic interests within the framework of the country's participation in the economic integration grouping. As part of the study, it turned out that the work of scientists considered the results of economic integration in terms of price equalization, the efficiency of resource allocation and other positive effects. At the same time, this study*

*considers the doctrine of economic security proposed by a number of scientists in recent years. In general, the article considers the issue of ensuring economic security in the context of a regional integration grouping. It has been established, that the consideration of the doctrine of economic security in conditions of economic integration is the subject of research so far by a small group of scientists. This group of scientists criticized accelerated integration, which undermines or does not take into account the economic interests of relatively dependent and small countries. Therefore, the article concluded that in today's conditions, the study of this issue is of great importance for increasing the efficiency of the country's participation in the integration association.*

***Keywords:*** *economic security, economic interest, regional economic integration, free movement of goods and factors of production, single economic space, single market, common market, preventive policy, security dilemma, prices in trade, doctrine of economic security.*

Ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити мураккаб гардидани муносибатҳои байни кишварҳо, шадид гардидани рақобати байналмилалӣ, номуайяниҳо ва тағйирёби вазъи бозорҳои ҷаҳонӣ ва дигар ҳолатҳои бухронӣ «нарх»-и худро дорад. Наздик шудани хоҷагиҳои миллӣ дар натиҷаи ҳамгироии иқтисодӣ таъсири дучандро ба иқтисоди миллӣ дорад, ки бахусус ин ҳолат барои кишвари рӯ ба инкишоф дахл дорад. Дар марҳалаи аввал хароҷот барои шомил шудан ба кишварҳои гурӯҳи ҳамгироӣ аз бурде, ки кишвар дар оянда мегирад, зиёдтар буда метавонад. Ва чунин хароҷоту бурд на танҳо бо ҳаракати воситаҳои пулию асъорӣ вобастагӣ дорад, ки одатан доираҳои гуногуни мутахассисону таҳлилгарон онро тавсиф медиҳанд. Барои мисол, бурди кишварро бо ҷараёни интиқоли пули муҳоҷирони меҳнатӣ баҳо медиҳанд ва дар як қатор маврид ин ҷараён боиси таъқибҳои сиёсии байнидавлатӣ мегардад.

Албатта, танҳо яктарафа баҳо додан ба бурди кишвар дар натиҷаи ҳамгироӣ дар ин ҷода нодуруст аст. Ҳамзамон, танҳо бурдро дида тавонистан ва бохти кишварро аз ҳамгироӣ сарфи назар намудан ба услуби таҳқиқи муосири иқтисодӣ мувофиқ нест ва самаранокии ин равандро низ инъикос намекунад.

Як қатор олимони мактаби классикӣ чун оқибат дар ҳамгироӣ дар давраи дарозмуҳлат баробаршавии сатҳи нархҳоро далел меоранд [16, 3, 11, 12, 13, 23]. Хоҳ-нохоҳ ҳамгироӣ (ё савдои беруна, чӣ хеле ки дар назарияи классикӣ шарҳ дода мешавад) бо мурури замон ба баробаршавии нархҳо нисбати молҳои дар савдо буда ва омилҳои дар истеҳсоли онҳо ҷалбшуда оварда мерасонад, ки барои кишвари содироткунанда дар доираи ин гурӯҳ манфиат намеорад. Нархҳо бо сабаби баробар шудани нархҳо ба омилҳои истеҳсолот тағйир меёбанд. Барои кишвари мутараққӣ, ки бо сармояаш дар мамлакати нисбатан рӯ ба инкишоф маҳсулот истеҳсол мекунад, ҳамгироӣ дар аввал бурд меорад ва баъдан нархи ин маҳсулот қимат гардида, дар оянда бурдашро ба нестӣ меорад. Барои бартараф намудани ин ҳолат ин кишвари мутараққӣ кӯшиш мекунад, ки маҳсулоти ниҳоӣ дар ҳудуди кишвари иқоматаш истеҳсол шавад. Дар натиҷа, кишвари нисбатан рӯ ба инишоф, ки дар ҳамгироӣ бо кишвари абарқудрат ё мутараққӣ иштирок мекунад, ба

таъминкунандаи ашёи хом мубаддал мегардад. Чунин шароит ба манфиатҳои кишвари рӯ ба инкишоф мувофиқ нест.

Бинобар ин, бояд дар ҳамгироӣ манфиати иқтисодӣ дар ҳама маврид дар ҷойи аввал бошад ва бархӯрди манфиатҳои кишварҳои гурӯҳи ҳамгироӣ дар мувозинати умумӣ бояд бошад. Дар ин ҷода зарур аст, ки равияи илмӣ ҷиҳати дарёфти мувозинат дар манфиатҳо ё нуктаи ризоият истифода шавад.

Ин аст мантиқи танҳо бо савдои мутақобила алоқаманди доктринаи манфиати иқтисодӣ дар натиҷаи ҳамгироӣ, ки бештар ба мафҳуми «амнияти иқтисодӣ» алоқаманд аст. Ин гуна мантиқро нисбат ба дигар омилҳои истеҳсолот – қувваи корӣ ва технология низ шарҳ додан имконпазир аст.

Як қатор олимон алоқамандии ҳамгироии иқтисодӣ, амнияти иқтисодӣ ва нархҳоро таҳлил намуда, вобаста ба танзим даровардани нархҳои содиротию воридотӣ дар раванди ҳамгироӣ ва роҳҳои таъмини амнияти иқтисодиро пешниҳод менамоянд [4, 5, 14]. Яъне, аз нуқтаи назари илмӣ, ҳамгироӣ натиҷаи озодкунии савдо ва ҳаракати байнидавлатии омилҳои истеҳсолот буда, аз тарафи дигар, маҳз бо назардошти таъмини амнияти иқтисодӣ кишварҳо чораҳои ҳимоявӣ (протексионизм) ва фишангҳои сиёсати танзимро истифода мебаранд.

Бояд қайд намуд, ки дар раванди таҳқиқи масъалаҳои амнияти иқтисодӣ байни олимони хориҷӣ мафҳуми «миллатчигии иқтисодӣ» истифода бурда мешавад. А.Ю. Пак ва И.В. Андронова ин мафҳумро шарҳ дода, онро бо ҳимояи иқтисоди миллӣ асоснок менамоянд. Яъне, кишварҳо бо мақсади ташаккули давлати пуриқтидор чораҳои ҳимоявиро истифода мебаранд. Ҳамзамон, онҳо масъалаи таъмини амнияти иқтисодии минтақавиро дар доираи гурӯҳи ҳамгироӣ таҳқиқ намуда, қайд менамоянд, ки объекти амнияти иқтисодии гурӯҳи ҳамгироӣ аз субъекти амнияти иқтисоди кишвари алоҳида якчанд маротиба зиёд аст [3, с. 484-498].

Як қатор олимон назарияи васеи миллатчигии иқтисодиро коркард намудаанд, ки фарогири ақидаҳои протексионизм, сиёсати саноатӣ ва кейнсчигӣ мебошад, ки мақсади он ташаккули давлати пуриқтидори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад [21, 22].

В. Сенчагов дар масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ вазъи ҳимояи манфиатҳои миллиро дар шароити таъсири омилҳои манфии беруна асосӣ ҳисобида, С. Глазйев соҳибихтиёрии таъмини рушди иҷтимоию иқтисодиро афзал мешуморад [2, с. 3-6].

Чӣ хеле ки таъкид шуд, мафҳуми «амнияти байналмилалии минтақавӣ» арзи вуҷуд дорад, ки амнияти кишварҳои дар як минтақа ҷойгирбударо фаро мегирад. Аммо чунин мафҳум танҳо, ба фикри мо, ба амнияти ҳарбӣ дахл дорад ва барои амнияти иқтисодии минтақаи ба ҳамгироӣ фарогирифта тааллуқ надорад.

Мо вазифа гузоштем, ки, дар маҷмуъ, мафҳуми амнияти иқтисодиро бо мафҳуми ҳамгироии иқтисодӣ (ё ҷаҳонишавӣ дар умум) дар алоқамандӣ дида бароем. Дар ин ҷода қайд бояд намуд, ки дар асарҳои олимон мафҳуми «дилемаи амният» баррасӣ мегардад. Моҳияти ин «дилема» дар он аст, ки кӯшиши кишварҳо ба амнияти комил ба зиддиятҳо оварда мерасонад, новобаста аз он ки кишварҳои ҳамгирошуда манфиати умум доранд [17]. Мафҳуми амнияти иқтисодӣ бо мурури замон моҳияти худро дигаргун

кардааст, чунки ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ ба тағйироти низоми савдову тиҷорат оварда расонида, муносибатҳои субъектҳоро дар сарҳадот васеъ намудааст.

Ҳамзамон, дар натиҷаи ҳамгироӣ (содагардонии расмиёти савдо, озодкунии ҳаракати омилҳои истеҳсолот, набудани боҷи гумрукӣ ва ғайра) алоқамандии кишварҳоро васеъ намуда, иловатан иқтисоди кишварҳоро ба таъсири омилҳои манфии беруна заиф мегардонад [18].

Бинобар ин, олимон оид ба дигаргун шудани консепсияи амнияти иқтисодӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ ақидаронӣ намуда, асоснок менамоянд, ки манфиатҳои иқтисодӣ ва амнияти иқтисодӣ дар алоҳидагӣ бояд баррасӣ нагарданд [20].

Масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ дар зинаҳои гуногуни идораи раванди ҳамгироӣ дар асарҳои олимони ватанию хориҷӣ инъикос ёфтааст. Мо кӯшиш намудем, ки онҳоро гуруҳбандӣ намуда, дар як ҷадвал гирд оварем (ниг ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Масъалаи таъмини амнияти иқтисодӣ дар тафсири асарҳои олимон**

| Гурӯҳбандии баррасӣ ва таҳқиқот | Олимон |
|---|---|
| Амнияти иқтисодӣ дар маҷмуъ вобаста ба алоқамандӣ бо ҷаҳонишавӣ | Шкваря Л.В., Захарова Е.В., Сенчагов В.К., Глазйев С., Зоидов К.Х., Беломестнов В.Г., Борталевич С.И. ва дигарон |
| Ҳамгироӣ ва амнияти иқтисодӣ, дар умум | Волфрес А., Болдуин Д., Вардомский Л.Б., Мигранян А.А., Соколова Т.В., Хейфетс Б.А., Глазйев С., Мясникович М., Лев М.Ю., Доронина Н.Г., Балакин В.И., Афонсев С.А., Рафалюк Е.Е., Подберезкин А.И., Мирбобоев Р.М., Раҳимов Р.К., Каюмов Н.К., Назаров Т.Н., Саидмуродов Л.Х., Солеҳзода А.А., Қобилзода Д., Блиничкина Н.Ю., Мирсаидов А.Б., Джураев Х.Г., Чиниев Д., Юмаев Е.А., Шаповалова А.М. ва дигарон |
| Алоқамандии амнияти иқтисодӣ бо ҳамгироӣ, бе нишон додани зиддият | Костаненко Н.В., Иванов И.М., Матсулевич Е.В., Болдирев О.Ю., Громогласова Е., Лев М.Ю., Урунов А.А. ва дигарон |
| Зиддияти амнияти иқтисодӣ бо ҳамгироии иқтисодӣ | Филатова М.А., Дунаева Ю.Г., Кротов М.И., Слутский Л.Э., Батистова О.И., Воронина Т.В., Селезнёв И.А. ва дигарон |
| Доктринаи амнияти иқтисодӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ | Пак А.Ю., Андронова И.В., Волошин Ю.А., Воронин А.С., Набока А.В., Саидмуродов Л.Х., Маришев А.Н. ва дигарон |

***Таҳияи муаллифон.***

Новобаста аз баррасии масъалаҳои амнияти иқтисодӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодӣ дар асарҳои олимон ҳанӯз як доктринаи умумӣ доир ба ин масъала ва консепсияҳои комил таҳия ва коркард карда нашудаанд.

А. Урунов қайд менамояд, ки инкишофи баробари фазои иқтисодии ҳар як минтақа омили устувории он мегардад. Ҳамзамон, ӯ мафҳуми «сифати фазо»-ро истифода бурдааст, ки яке аз унсурҳои асосии он рушди мутавозин ва таъмини амнияти иқтисодӣ дар ин фазо мебошад.

Дар баробари ин, ӯ афзалияти як кишвар (Россия)-ро дар доираи ҳамгироии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил эътироф намуда, пеш аз ҳама таъмини амнияти иқтисодии ин кишварро аввалиндараҷа меҳисобад. Ин кишвар, қайд менамояд ӯ, бояд усулҳои муосири ба ҳамгироӣ ҷалб намудани кишварҳои Иттиҳодро ҷустуҷӯ намояд. Кишварҳои дигар дар навбати худ бояд ҳарчи зудтар ба Иттиҳод рӯ оваранд, вагарна мамлакатҳои абарқудрати дигар онҳоро зери итоати худ медароранд [15, с. 348].

Дар маҷмуъ, чунин ақида одатан аз ҷониби олимони дар кишварҳои абарқудрати гурӯҳи ҳамгироӣ иқоматнамуда пешниҳод мегардад. Дар осори онҳо таъмини амнияти иқтисодии кишварҳои дигари ҳамгирошудаистода «дуюмдараҷа» мебошад.

А.В. Набока бошад, дар таҳқиқоти худ ҳуҷҷатҳои стратегии марбут ба мавзуи амнияти иқтисодии кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро қиёс намуда, равияҳои гуногуни истифодашударо дар онҳо ошкор кардааст. Дар ташаккули доктринаи амнияти иқтисодӣ дар доираи Иттиҳод «равияи истифодашуда ягона бояд бошад», қайд намудааст ӯ. Дар ин самт роли Россияро ҳамчун пешсафи гурӯҳи интегратсионӣ дар ташаккули равияи ягонаи доктрина қайд менамояд [7, с. 68].

Ю.А. Волошин ҳамгироиро аз нуқтаи назари равияи ҳуқуқ таҳқиқ карда бошад ҳам, ба хулоса омадааст, ки қарорҳои ниҳоди болоидавлатӣ дар доираи гурӯҳи ҳамгироӣ дар як қатор маврид ба фаъолияти конститутсионии ҳукуматҳои алоҳидаи ин гурӯҳ мухолифат мекунад ва ба соҳибистиқлолии кишвар халалдор мегардад. Яъне, доктринаи соҳибихтиёрии кишварҳо дар доираи ҳамгироии иқтисодӣ бояд дар мадди аввал истад, то ки дар ҳалли як қатор масъалаҳо, амсоли моликият ба замин кишварҳо тавонанд ҳуқуқ ва манфиати худро ҳифз намоянд [1, с. 298-299].

Профессор Л.Х. Саидмуродов қайд менамояд, ки табиатан «зиддияти мавҷудаи» манфиатҳои кишварҳои ҳамгирошудаистода ҳамон вақт «бартараф» мешавад, ки ризоият ба даст оварда шавад. Дар ин ҷода афзалият барои ноил шудан на ба ҳадафи ба ояндаи гурӯҳи кишварҳои ҳамгирошудаистода таҳдидкунанда, балки ба ҳадафи бартарафкунандаи таҳдиди мавҷудаи гурӯҳи ҳамгироӣ, дода мешавад. Дар доктринаи ҳамгироии иқтисодӣ амалигардонии сиёсати пешгирикунанда (превентивӣ – муаллиф) дар доираи гурӯҳи ҳамгироӣ, яъне таъмини амнияти иқтисодӣ ҳамчун меҳвари асосӣ баромад мекунад. Параметрҳои пешгирикунӣ дар доираи ҳамгироӣ ба ҳадафи дарозмуҳлат бояд равона карда шавад: ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ [9, с. 195-197].

Паҳлуи дигари масъала, ки аз ҷониби олимон таҳқиқ шудааст, ин тамоюли минтақагароӣ дар доираи ҳамгироии иқтисодӣ мебошад. Аз рӯи мақсади ташкили гурӯҳи минтақавии ҳамгироӣ дар мадди аввал ҳалли манфиатҳои умумӣ меистад. Яъне, дар ин ҷо манфиати умумӣ аз манфиатҳои миллии ҳар як кишвари ҳамгирошудаистода боло меистад. Ҳамаи кӯшиши ниҳодҳои болоидавлатӣ барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо равона шуда, манфиатҳои миллиро маҳдуд намекунад. Дар ин ҳолат диққати аввалиндараҷа ба дар ҳалли масъалаҳои ҳамгироии иқтисодӣ дода мешавад, ки ин имкон медиҳад «нобарорӣ»-и бозор бартараф гардад [10, с. 228-246].

Як гурӯҳи олимон масъалаи таҳияи консепсия ва доктринаи рушди гурӯҳи ҳамгироиро дар мисоли Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё баррасӣ намуда, ақидаи яку якбора ташаккул додани фазои «ягона»-ро зери танқид қарор додаанд. Чунки дар марҳилаҳои аввали ҳамгироии иқтисодӣ бозори «умумӣ» ташаккул меёбад (на «ягона»), ки соҳибихтиёрии кишварҳоро дар ҳолати аввала боқӣ мегузорад ва масъалаҳо дар ҳамоҳангӣ ҳалли худро меёбанд [6, с. 1].

Барои таҳияи консепсия ва доктринаи рушди ҳамгироии иқтисодӣ равияи илмӣ муҳим буда, таҳлили ҳамаҷонибаи тағйироти сохторӣ дар иқтисоди миллии кишварҳои ҳамгирошудаистода бо назардошти имконияти воқеии онҳо дар ҳамгироӣ, ҳамзамон, арзёбии хусусияти тақсимоти минтақавии меҳнат бояд гузаронида шавад. Аммо дар ин таҳқиқот низ ба масъалаи доктринаи амнияти иқтисодӣ ба таври мустақим диққат дода нашудааст.

Дар маҷмуъ, таҳлили таҳқиқоти мавҷуда нишон дод, ки доктринаи амнияти иқтисодӣ дар доираи назария ва амалияи ҳамгироии иқтисодӣ арзи вуҷуд дорад. Аммо дар таҳқиқоти аксари олимон паҳлуҳои мусбати раванди ҳамгироии иқтисодӣ, самараи синергетикии он, сатҳи ноилшавӣ ба ҳадафҳои умумииттиҳодӣ мавриди арзёбӣ қарор дода шуда, аз нуқтаи назари ҳифзи манфиатҳои миллии кишварҳои ҳамгирошудаистода ва, ҳамзамон, таъмини амнияти иқтисодии онҳо, бахусус кишварҳои нисбатан хурд, таҳқиқот ба таври комплексӣ гузаронида нашудааст. Инчунин, ҳанӯз ҳам методологияи умумии арзёбии сатҳи таъмини амнияти иқтисодӣ дар доираи ҳамгироии иқтисодӣ коркард нашудааст ва зарур аст, ки дар ин самт таҳқиқоти минбаъда идома дода шавад.

## Адабиёт


1. Волошин, Ю.А. Конституционная доктрина ограниченного суверенитета государств в системе процессов межгосударственной интеграции: вопросы теории и практики / Ю.А. Волошин // Вестник Воронежского государственного университета. Серия: Право. - 2008. - №1(4). - С. 297-305.
2. Глазьев, С.Ю. Основы обеспечения экономической безопасности страны - альтернативный реформационный курс / С.Ю. Глазьев // Российский экономический журнал. - 1997. -№1. - С. 3-6.
3. Киреев, А. Международная экономика. В 2-х ч. Ч. I. Международная микроэкономика: движение товаров и факторов производства / А. Киреев. - М.: Международные отношения, 1997. - Т. 1. - С. 171-173. - ISBN 5-7133-0899-5.
4. Лев, М.Ю. Регулирование цен в экономической теории спроса и предложения / М.Ю. Лев // Вестник Института экономики Российской академии наук. - 2016. - № 4. - С. 122–134.
5. Лев, М.Ю. Экономическая безопасность и цены в процессе интеграции стран - членов ЕАЭС / М.Ю. Лев // Вестник Института экономики Российской академии наук. - 2019. - № 5. - С. 132-147.
6. Марышев, А.Н. К разработке концепции и доктрины развития евразийской интеграции / А.Н. Марышев, Н.Ф. Газизуллин, Н.А. Черкасов // Проблемы современной экономики. - 2002.- №3/4. - С.1.
7. Набока, А.В. Сравнительный анализ доктрин национальной безопасности государств постсоветского пространства / А.В. Набока // Геополитика и безопасность. - 2012. - №4 (20). - С.67-75.
8. Пак, А.Ю. Концептуальные основы экономической безопасности регионального интеграционного объединения / А.Ю. Пак, И.В. Андронова // Вестник РУДН. Серия: Экономика. - 2022. Т. 30. - № 4. - С.484–498.

9. Саидмурадов, Л.Х. Превентивная экономическая политика в формировании экономической доктрины Сообщества / Л.Х. Саидмурадов // Евразийская интеграция: экономика, право, политика. - 2010. - №8. - С.194-198.

10. Саидмуродов, Л.Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики / Л.Х. Саидмурадов. – Душанбе: МН «Дониш», 2022. – 414 с.

11. Самуэльсон, П. Еще раз о международном выравнивании цен факторов производства / П. Самуэльсон // Вехи экономической мысли. Т. 6. Международная экономика / А.П. Киреев. - М.: ТЕИС, 2006. - С. 205-219. - ISBN 5-7598-0439-1.

12. Самуэльсон, П. Цены факторов производства и товаров в состоянии общественного равновесия / П. Самуэльсон // Вехи экономической мысли. Т. 6. Международная экономика / А. П. Киреев. - М.: ТЕИС, 2006. - С. 391-409. - ISBN 5-7598-0439-1.

13. Самуэльсон, П. Протекционизм и реальная заработная плата / П. Самуэльсон, В. Столпер // Вехи экономической мысли. Т. 6. Международная экономика / А. П. Киреев. - М.: ТЕИС, 2006. - С. 188-204. - ISBN 5-7598-0439-1.

14. Сенчагов, В.К. и др. Оптимизация индикаторов и пороговых уровней в развитии финансово-банковских и ценовых показателей в системе экономической безопасности РФ / В.К. Сенчагов. - М., 2017.

15. Урунов, А.А. Единое и общее экономическое пространство /А.А. Урунов. - М.: ИД «СИНЕРГИЯ», 2014. – 388 с.

16. Хекшер, Э.Ф. Влияние внешней торговли на распределение дохода / Э.Ф. Хекшер // Вехи экономической мысли. Т. 6. Международная экономика / А.П. Киреев. - М.: ТЕИС, 2006. - С. 154-173. - ISBN 5-7598-0439-1.

17. Glaser C.L. The Security Dilemma Revisited / C.L. Glaser // World Politics. - 1997. - Issue 50:1. - P.171-201.

18. Ioan-Franc V. Some Opinions on the Relation between Security Economy and Economic Security / V. Ioan-Franc, M. Diamescu / Romanian Journal of Economics. - 2010. - Vol. 31(2(40)). - P.129-159.

19. Kahler M. Economic security in an era of globalization: definition and provision / M. Kahler // The Pacific Review. - 2004. - Vol. 17, no. 4. - P.485-502.

20. Lee S. ASEAN’s economic security and regional economic cooperation: Past, present, and future // Asian Journal of Comparative Politics. - 2022. - Vol. 7, no. 1. - P.10-28.

21. Nakano, T. Theorising economic nationalism / T. Nakano // Nations and Nationalism .2004. - 10 - P.211-229.

22. Pryke, S. Economic Nationalism: Theory, History and Prospects / S. Pryke // Global Policy. - 2012. - Vol.3. - P.281-291.

23. Samuelson, P.A. International Trade and the Equalisation of Factor Prices / P.A. Samuelson // Economic Journal. - 1948. - Июнь (Т. 58, № 230). - С. 163-184.

**УДК: 339.92**

## ИНТЕГРАЦИОННЫЕ ПРОЦЕССЫ КАК ПРЕДПОСЫЛКИ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ ТАДЖИКИСТАНА

***Мирбобоев Рахматуло Мадаюбович*** *– к.э.н., доцент кафедры мировой экономики, Таджикский национальный университет.* ***Адрес:*** *734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: (+992) 884-29-07-00. E-mail:* mirrah56@mail.ru

*В материалах данной статьи рассматривается процесс интеграции Таджикистана и других стран постсоветского пространства в мировую экономику. В статье рассматривается вопрос о влиянии международной торговли на рост национальной экономики. На основании статистической информации проведен анализ экономического роста стран-участниц ЕАБР в зависимости от объемов внешней торговли. Автором рассматривается такой вид международной интеграции, как создание совместных предприятий с участием иностранного капитала, их преимущества и недостатки для функционирования национальной экономики.*

*Рассмотрена статистическая информация о деятельности совместных предприятий в Таджикистане, их эффективность и отраслевой состав.*

***Ключевые слова:*** *интеграция, внешняя торговля, экономический рост, национальная экономика, государственная поддержка, совместные предприятия, иностранные инвестиции, экспорт.*

**РАВАНДҲОИ ҲАМГИРОӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ РУШДИ УСТУВОРИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

***Мирбобоев Раҳматуло Мадаюбович*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи милиии Тоҷикистон,* ***Суроға:*** *734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: (+992) 884-29-07-00. E-mail:* mirrah56@mail.ru

*Дар ин мақола раванди ҳамгироии Тоҷикистон ва дигар кишварҳои фазои пасошуравӣ ба иқтисоди ҷаҳонӣ баррасӣ гардидааст. Дар мақола таъсири тиҷорати байналмилалӣ ба рушди иқтисоди миллӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар асоси маълумоти оморӣ таҳлили рушди иқтисодии кишварҳои иштирокчии Бонки рушди Авруосиё вобаста ба ҳаҷми савдои хориҷӣ гузаронида шудааст. Ҳамзамон, муаллиф чунин навъи ҳамгироии байналмилалӣ - ташкили корхонахои муштаракро бо ҷалби сармояи хориҷӣ таҳқиқ карда, бартарӣ ва норасоии онҳоро дар фаъолияти иқтисодиёти миллӣ муайян намудааст. Дар асоси таҳлили маълумоти оморӣ фаъолияти корхонаҳои муштарак дар Тоҷикистон, самаранокӣ ва таркиби соҳавии онҳо баррасӣ гардидааст.*

***Калидвожаҳо****: ҳамгироӣ, савдои хориҷӣ, рушди иқтисодӣ, иқтисоди миллӣ, дастгирии давлатӣ, корхонаҳои муштарак, сармоягузории хориҷӣ, содирот.*

**INTEGRATION PROCESSES AS PREREQUISITES FOR SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE NATIONAL ECONOMY OF TAJIKISTAN**

***Mirboboev Rahmatulo Madaubovich*** *- Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: (+992) 884-29-07-00.. E-mail:* mirrah56@mail.ru

*The materials of this article consider the process of integration of Tajikistan and other post-Soviet countries into the world economy. The article discusses the impact of international trade on the growth of the national economy. Based on statistical information, the analysis of the economic growth of the EDB member countries depending on the volume of foreign trade was carried out. The author considers such a type of international integration as the creation of joint ventures with the participation of foreign capital, their advantages and disadvantages for the functioning of the national economy. Statistical information on the activities of joint ventures in Tajikistan, their effectiveness and industry composition are considered.*

***Keywords****: integration, foreign trade, economic growth, national economy, state support, joint ventures, foreign investments, export.*

Развитие национальной экономики стран постсоветского пространства в ближайшие десятилетия зависит от того, в какой мере они впишутся в новую конфигурацию мирового экономического пространства.

Голландский ученый Я. Тинберген определял международную экономическую интеграцию «как процесс создания наиболее желательной структуры мировой экономики с одновременным введением внутри нее элементов координации и унификации, а также исключением искусственных барьеров в ее функционировании» [13, с.80].

Таджикский ученый Х.А. Ходжаев определяет интеграцию как «экономический процесс, в узком смысле слова, представляющий собой форму интернационализации хозяйственной жизни, сводящуюся к переплетению

национальных хозяйств и предполагающую проведение согласованной межгосударственной экономической политики» [8, с.45].

Представитель неоклассического направления Э. Хекшер, который совместно с Б. Олиным разработал факторную теорию внешней торговли, отмечал, что «внешняя торговля приводит к увеличению доходов владельцев относительно избыточных факторов производства и экспорта продукта и, как следствие, стимулирует экономический рост» [12, с.497].

Однако, российский академик С.Ю. Глазьев отмечает, что либерализация внешней торговли вовсе не обязательно сопровождается экономическим ростом. Быстрое вытеснение отечественных товаров конечного пользования импортными, произошедшее в постсоветской экономике после ее открытия, доказывает возможность обратной зависимости [7, с.96].

Российский ученый Д.А. Плетнев соглашается с этой точкой зрения, говоря об «отсутствии однозначного ответа на вопрос о влиянии внешней торговли на рост национальной экономики» [5, с.35].

Ф.А. Кодирзода отмечает, что «концентрация иностранных инвестиций в секторах, обеспечивающих рост производственного потенциала, повышает конкурентоспособность экономики страны. Расчёт эконометрической модели свидетельствует о том, что приток ПИИ в страну способствует повышению экономического роста» [2, с.62].

По мнению Е.А. Степанова, вопрос о влиянии международной торговли на рост национальной экономики имеет положительный или отрицательный ответ в зависимости от качества экспорта: так, в странах, где большую часть экспорта составляет продукция с добавленной стоимостью (оптимальный вариант – инновационная) наблюдается экономический рост, при наличии сырьевого экспорта – экономический рост отсутствует [6, с.84]. Существуют различные точки зрения и позиции относительно открытости экономики в контексте либерализации внешнеторгового режима и его влияние на экономические процессы в стране.

Автор согласен с мнением Е.А. Степанова, так как страны с сырьевой экономикой стоят на низшей ступени циклов глобального мирового производства, поэтому для обеспечения экономического роста страны, необходимо развивать инновационные производства на основе конкурентных преимуществ, которыми обладает Таджикистан, увеличивая объем экспорта инновационной продукции на глобальные рынки.

На глобальных рынках в настоящее время имеет место тенденция формирования нового этапа интеграции в виде создания общего рыночного пространства, с отсутствием ограничений между странами во взаимной торговле, свободного обмена всеми факторами производства, унификации законодательства [14, с. 100].

Для совершенствования интеграционных процессов, государственное регулирование интеграционных отношений может преследовать следующие основополагающие цели (рис.1).




Рисунок 1. – Государственное регулирование интеграционных отношений
Источник: составлено автором

В качестве приоритетных задач государственного регулирования интеграционных отношений, Н.М. Хасая выделил следующее:

«- формирование конкурентной, а также институциональной среды хозяйствования;

- барьерные функции, ограничивающие влияние иностранных компаний на внутреннем рынке;

- формирование условий для оптимизации отраслевой и региональной структуры экономики» [10, с.15].

Перспективным направлением государственного регулирования интеграционных отношений Х.А. Ходжаев считает «взаимодействие государственных органов управления с объектами рынка через экономические рычаги (цены, налоги, кредиты, пошлины, квоты, льготы)» [8, с.40].

По нашему мнению, государственное регулирование должно быть направлено на стимулирование развития отечественного производства, на обеспечение условий для дальнейшего роста конкурентоспособности национальной экономики. Важность государственного регулирования подтверждает тот факт, что страны Центральной Азии, несмотря на географическую близость и похожие тенденции в экономике, имеют разные темпы экономического роста (таблица 1).

**Таблица 1 – Темпы экономического роста в некоторых странах Центральной Азии в 2016-2022 гг., %**

| Страна | 2016 г | 2017 г | 2018 г | 2019 г | 2020 г | 2021 г | 2022 г |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Таджикистан | 6,9 | 7,1 | 7,3 | 6,9 | 7,1 | 7,3 | 7,5 |
| Казахстан | 1,1 | 4,0 | 4,1 | 4,5 | 4,2 | 4,0 | 4,1 |
| Кыргызстан | 4,3 | 4,6 | 3,2 | 4,5 | 3,6 | 3,6 | 7,7 |
| Узбекистан | 7,8 | 5,3 | 5,1 | 5,5 | 4,3 | 4,5 | 5,7 |

Источник: Составлено автором на основании данных ЮНКТАД официальный сайт https://unctad.org/ [11]

По сравнению с другими странами Центральной Азии, Таджикистан в 2019-2022 гг. демонстрирует уверенный экономический рост, на который не повлияла даже пандемия. Высокий экономический рост Таджикистана объясняется ростом ключевых отраслей экономики. По данным Евразийского банка развития, в 2022 г. наблюдается рост промышленности на 17,3%, аграрного сектора – на 6,6%, рост объема розничной торговли составил 9,9% [4].




**Рисунок 2 – Сравнение основных экономических показателей стран-участниц ЕАБР**

Источник: Составлено автором на основании данных Макроэкономического обзора Евразийского банка развития за 2022 г https://eabr.org/upload/iblock/bb9/EDB_2022.pdf

Из рисунка 2 видно, что темпы прироста реального объема промышленного производства, реального сектора экономики, продукции сельского хозяйства в Таджикистане выше, чем у остальных стран ЕАБР. Значительный прирост ВВП, по данным МБРР, обеспечили такие отрасли, как горнорудная (25,3%), энергетическая (24,9%), пищевая (20,4%), строительство (10,3%), хлопководство (5,8%), добыча угля (1,3%), добыча нефти и газа (0,8%) [1].

У России и Беларуси заметен спад по ряду показателей, что объясняется наличием санкций и ограничений в области международной торговли, что способствует спаду национальной экономики каждой из этих стран.

Успех экономики Таджикистана связан с принятой правительством страны Национальной стратегией развития Республики Таджикистан на период до 2030. В данном программном документе особое внимание уделено развитию бизнес-среды и инвестиционного климата.

Для привлечения инвесторов развивающиеся страны используют различные виды международной интеграции, но особая роль принадлежит такой форме интеграции, как совместные предприятия (СП).

Е.А. Макарчук рассматривает совместное предприятие как «особую форму корпоративной интеграции, представляющей собой особую организационную форму сотрудничества инвесторов из разных стран, в сфере управления,

производства продукции, торговли, использования доходов, распределения предпринимательских рисков» [3, с.48].

По нашему мнению, совместное предприятие является формой участия страны в международном разделении труда на основе совместной собственности владельцев из разных стран, совместного производства и управления, совместного участия, как в прибылях, так и в рисках.

Таджикская компания, принимающая в долю иностранный капитал, реализует свои интересы, связанные с использованием зарубежных технологий без затрат на их приобретение и лицензирование, получение стабильного объема выручки в иностранной валюте, использование каналов сбыта зарубежного партнера для реализации продукции на мировом рынке. Власти принимающего государства, понимая и оценивая эти преимущества, оказывают содействие иностранным инвесторам с применением некоторых ограничений:

- ✓ инвестору ограничивают долю участия в акционерном капитале, не давая приобрести контрольный пакет акций и полный контроль над предприятием;
- ✓ предлагаются условия найма только местной рабочей силы;
- ✓ обязывают передавать местным производителям технологии;
- ✓ использовать в производстве только местные материальные ресурсы.

Совместные предприятия имеют совместное имущество с иностранными партнерами, совместно управляют доходами и рисками. Наличие совместных предприятий по сравнению с полностью иностранными предприятиями больше отвечает интересам Таджикистана, так как выпуск инновационной продукции и выход ее на местный рынок, а также уплата налогов на территории Таджикистана и раздел полученной прибыли являются более предпочтительными для страны, чем отправка всей произведенной продукции и полученного финансового результата за границу [9, с.17].

Совместные предприятия характеризуются более тесными экономическими связями партнеров в процессе взаимодействия с поставщиками сырья, сбытовыми организациями и т.д. в разных областях национальной экономики.




**Рисунок 3 – Отраслевая структура совместных предприятий в экономике Таджикистана в 2022 г**

Источник: ВЭД Таджикистана https://aemcx.ru/wp-content/uploads/2022/01/ (дата обращения 01.04.2023).

Среди инвесторов, вкладывающих средства в создание и развитие совместных предприятий, наиболее активными являются: Китай, РФ, Вьетнам, Израиль, США, Ирландия, Австрия. Продукция совместных предприятий в области горнодобывающей промышленности направляется на экспорт и обладает устойчивым спросом на международных рынках. Крупнейшими совместными предприятиями, относящимися к данной отрасли, являются ООО «Ширкати кӯҳӣ-саноатии Тоҷикистону Хитой», а также предприятия, ориентированные на добычу и переработку золота «Зарафшон» и «Дарвоз».

Продукция, выпускаемая таджикскими совместными предприятиями в легкой промышленности, экспортируется в 18 стран мира. Наиболее эффективно работают в отрасли следующие совместные предприятия: совместное с итальянскими инвесторами – «Джавони» и *«САТН»,* с китайскими инвесторами - «Ришта» и другие.

Функционирующие в химической промышленности совместные предприятия выпускают стиральные порошки, средства для мытья посуды и другие предметы бытовой химии, различные виды лаков и красок, синтетический коагулянт для очистки от загрязнений и примесей питьевой воды.

Совместные предприятия, работающие в пищевой промышленности, осуществляют переработку хлопковых семян, производство плодоовощной консервированной продукции, сухофруктов, безалкогольных напитков, широкий ассортимент алкогольных напитков и табачной продукции. Самыми крупными являются «Оби зулол».

Анализ деятельности совместных предприятий показал, что иностранные партнеры вносят вклад в деятельность совместных предприятий в виде инвестиций, а таджикская сторона осуществляет вклад в уставные фонды таких предприятий в виде зданий, сооружений, производственного оборудования и другого имущества.

Следовательно, совместные предприятия, выпуская продукцию на территории Таджикистана, насыщают внутренний рынок и направляют продукцию на экспорт, тем самым обеспечивая экономический рост национальной экономики. Иностранные инвестиции совладельцев совместных предприятий способствуют модернизации и увеличению инновационной составляющей совместных предприятий.

Таким образом, можно сделать вывод, что интеграционные процессы являются предпосылками устойчивого развития национальной экономики Таджикистана, о чем свидетельствует устойчивый экономический рост страны в 2019-2022 гг. Важным фактором международной интеграции, благоприятно действующим на экономический рост является создание совместных предприятий. Такая форма интеграции сочетает в себе иностранные инвестиции в предприятия Таджикистана, выпуск инновационной продукции, реализуемой на внутреннем и внешнем рынках, использование полученной прибыли на различные цели внутри страны.

**Литература**

1. ВЭД Таджикистана [электронный ресурс]. – URL: https://aemcx.ru/wp-content/uploads/2022/01/ (дата обращения 01.04.2023).

2. Кодирзода, Ф.А. Роль иностранных инвестиций в обеспечении экономического роста Республики Таджикистан / Ф.А. Кодирзода // Финансово-экономический вестник. – 2021. – № 1(25). – С. 62-68. – EDN WXFNQE.

3. Макарчук Е.А. Транснационализация совместных предприятий как форма корпоративной интеграции в международном бизнесе: теоретический аспект /Е.А. Макарчук //Бизнес Информ. - 2015. - №4.- С.47-51.

4. Макроэкономический обзор Евразийского банка развития за 2022 г. [электронный ресурс]. – URL: https://eabr.org/upload/iblock/bb9/EDB_2022.pdf (дата обращения 30.03.2023)

5. Плетнев, Д.А. Модель взаимосвязи внешней торговли и экономического роста в транзитивной экономике / Д. А. Плетнев, Е. А. Степанов // Вестник Южно-Уральского государственного университета. - 2003. - № 13. -Экономика. Вып. 3.- С. 34-41.

6. Степанов Е.А. Влияние внешней торговли на экономический рост национальной экономики /Е.А. Степанов //Вестник Челябинского государственного университета. - 2013. - №3. - С.34-42.

7. Регулирование внешней торговли Таможенного союза в рамках ЕврАзЭс: учеб. пособие / под общ. ред. С.Ю. Глазьева и Т.А. Мансурова. М.: Митель Пресс, 2011. – 206 с.

8. Ходжаев Х.А. Таджикистан в интеграционных процессах на экономическом пространстве СНГ: диссер. ... кандидата экономических наук /Х.А. Ходжаев. - Худжанд, 2011. - 164 с.

9. Фролов А.А. Оценка и особенности современного этапа интеграции Республики Таджикистан в мировое хозяйство / А.А. Фролов, З.Ф. Джураева //Россия и Азия. – 2020. - №1 (10). - С.16-28

10. Хасая, Н. М. Теоретические аспекты современной экономической интеграции / Н. М. Хасая // Вопросы экономики и управления. — 2020. — № 3 (25). - С. 13-18

11. ЮКТАД официальный сайт [электронный ресурс]. – URL: https://unctad.org/

12. Hecksher, E. F. The Effect of Foreign Trade on the Distribution of Income / E. F. Hecksher // Economise Tidskrift. 1919. P. 497-512.

13. Tinberbergen J. (1952). On the Theory of Centralization and Decentralization in Economic Policy. Amsterdam: North-Holland. – 122 p.

14. Саидмуродов, Л. Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики / Л. Х. Саидмуродов. – Душанбе : Дониш, 2021. – 414 с. – ISBN 978-99985—7074-0. – EDN OUINAH.

**УДК: 339.2**

# АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ РУШДИ МЕЗОСАТҲИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВИИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

***Сафаров Баҳром Гулматович** - н.и.и., дотсент, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 985000515. E-mail: bahrom_1975@list.ru*

*Дар мақола заминаҳои институтсионалии инкишофи мезосатҳи муносибатҳои ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар хоҷагии ҷаҳонӣ таҳлил гардида, он ҳамчун фазои муносиби истеҳсолию тиҷоратӣ асоснок карда шудааст. Муайян гардид, ки мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ муносибати байнидавлатиро оид ба истифодаи якҷояи захираҳои наздисарҳадӣ ва фаросарҳадиро ифода мекунад. Ин фазои иқтисодӣ метавонад фарогири якчанд воҳидҳои маъмурии идоракунии кишвар бошад, ки бо минтақа ва ё кишвари дигар оид ба истифодаи якҷояи захираи иқтисодии наздисарҳадӣ муносибатҳои ҳамгироиро ташаккул дода, дар доираи як қоидаи ягона ва низоми алоҳида фаъолият мебаранд. Шакли самараноки мезосатҳи ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ шарикии бахши хусусӣ ва давлатии фаросарҳадӣ (ШБХДФ) мебошад, ки истифодаи ин таҷрибаи ҳамгироӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон воситаи муҳимми байналмилаликунонии омилҳои истеҳсолии давлатӣ ва хусусӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисоди кушод, ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ, институт, макро, микро ва мезосатҳи ҳамгироӣ, шарикии бахши хусусӣ ва давлатӣ, мувозинати манфиатҳо, лоиҳаҳои инфрасохторӣ, бартарияти рақобатӣ, кластерҳои фаросарҳадӣ, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ, қутби институтсионалии минтақа, "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ".*

## ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ МЕЗОУРОВНЕВОЙ РАЗВИТИИ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ИНТЕГРАЦИИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

***Сафаров Бахром Гулматович*** - *к.э.н., доцент, проректор по науке Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Телефон: +(992) 985 000 515. E-mail: bahrom_1975@list.ru*

*В статье анализируются институциональные основы мезоуровневой развитии региональных экономических интеграционных отношений в мировом хозяйстве, и обосновывается его роль как подходящего пространства для производства и торговли. Установлено, что мезоуровень региональной экономической интеграции представляет собой межгосударственный подход к совместному использованию приграничных и трансграничных ресурсов. Это экономическое пространство может включать в себя несколько административных единиц управления страной, которые формируют интеграционные отношения с регионом или другой страной для совместного использования приграничного экономического ресурса и действуют в рамках единого правления и отдельной системы. Эффективной формой региональной экономической интеграции на мезоуровне является трансграничное государственно-частное партнерство (ТГЧП), и использование опыта этой интеграции считается важным инструментом интернационализации государственных и частных факторов производства для Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *открытая экономика, региональная экономическая интеграция, институт, макро-, микро- и мезоуровень интеграции, государственно-частное партнерство (ГЧП), баланс интересов, инфраструктурные проекты, конкурентное преимущество, трансграничные кластеры, финансово-промышленные группы, региональный институциональный полюс, «интеграционный мезорегион».*

## INSTITUTIONAL BASIS FOR MESO-LEVEL DEVELOPMENT OF REGIONAL ECONOMIC INTEGRATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN MODERN CONDITIONS

***Safarov Bahrom Gulmatovich*** - *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Vice-Rector on Science of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov St. 64/14. Tel: 985000515,* bahrom_1975@list.ru.

*The article analyzes the institutional foundations of the meso-level development of regional economic integration relations in the world economy, and substantiates its role as a suitable space for production and trade. It has been established that the meso-level of regional economic integration represents an interstate approach to the joint use of border and cross-border resources. This economic space may include several administrative units of government of the country, which form integration relations with the region or another country for the joint use of cross-border economic resources and operate within the framework of a single government and a separate system. An effective form of regional economic integration at the meso level is cross-border public-private partnership (CPPP), and the use of the experience of this integration is an important tool for the internationalization of public and private factors of production for the Republic of Tajikistan.*

***Keywords:*** *open economy, regional economic integration, institution, macro-, micro- and meso-level of integration, public-private partnership (PPP), balance of interests, infrastructure projects, competitive advantage, cross-border clusters, financial and industrial groups, regional institutional pole, "integration mesoregion".*

Дар марҳилаи муосири рушд, ки бо таҳдидҳо ва таконҳои шадиди берунӣ тавсиф карда мешавад, нақши институтҳо дар ташаккул ва татбиқи бартариятҳои рақобатии ҳамгироӣ бештар мегардад. Таҷрибаи сохторҳои ҳамгирошудаи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ нишон медиҳад, ки бартарияти табиию иқтисодӣ ва иҷтимоию технологии мавҷуда бо амалкарди самараноки институтҳо таҳким ёфта, барои тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ дар сатҳи минтақавӣ нақши калидӣ доранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи асосҳои институтсионалии ташаккул ва рушди бартариятҳои рақобатӣ дар густариши равандҳои ҳамгироии минтақавӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Мувофиқи таҳқиқоти анҷомдодаи CARES INSTITUTE, дар минтақаи Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори баланди ҳамгироӣ бо давлатҳои минтақа мебошад [2, с. 52]. Таҷриба нишон медиҳад, ки ҷанбаи минтақавии фазои иқтисодӣ муносибатҳои байниминтақавӣ ва минтақавии иштирокчиёни раванди ҳамгироиро ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, бояд бо дарназардошти иқтидори захиравӣ, сатҳи рушди иқтисодиёт ва заминаҳои институтсионалии иқтидори ҳамгироӣ муайян карда шуда, самтҳои афзалитяноки он дастгирӣ ва тавсеа дода шавад.

Бояд таъкид кард, ки зимни ташаккул ва густариши равандҳои ҳамгироии минтақавӣ дар сатҳи байнидавлатӣ ва дохилидавлатӣ таъсири иқтисодиёти калон ва ё минтақаи пешрафта баръало эҳсос шуда, дар таҷриба институтҳои низомсоз ба иқтидори иқтисодӣ ва сиёсии иштирокчиёни раванди ҳамгироӣ такя мекунанд. Барои мисол, дар Иттиҳоди Аврупо низомҳои иқтисодии Олмон ва дар миқёси давлатҳои пасошуравӣ нақши Федератсияи Россия ва институтҳои ба он алоқаманд бештар таъсиргузор мебошанд. Вобаста ба ин, таъмини тавозуни манфиатҳои иқтисодӣ, иштироки баробар дар равандҳои ҳамгироии минтақавӣ ва дастрасӣ ба имконоту натиҷаҳои баробар аз риояи принсипҳои асосии ташаккули фазо ва низоми институтсионалӣ сарчашма мегирад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи мо нишон дод, ки тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ дар сатҳи минтақаҳо дар заминаи таъсиргузории омил ва ё сатҳи ташкилию иқтисодӣ, институтсионалӣ ва сатҳи хоҷагидорӣ сурат мегирад. Агар сатҳи ташкилию иқтисодӣ мавҷудияти захираҳо ва имкониятҳои бозорҳои минтақавиро дар бар гирад, сатҳи иқтисодиву иҷтимоӣ бештар ба мавҷудияти иртиботи фарҳангӣ, таърихӣ ва технологӣ такя мекунад. Дар ин замина имконияти истифодаи бартарияти минтақаҳои дорои иқтидори ҳамгироӣ бо кишварҳои ҳамсоя ва давлатҳои пасошуравӣ бештар имконпазир ва манфиатовар аст.

Дар микросатҳ бошад, бештар мавҷудияти имкониятҳои ташкилию иқтисодӣ дар самти таъсиси зерсохтори ба тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ мусоидаткунанда ба инобат гирифта шуда, бо назардошти нақш ва аҳаммияти институтҳо мавқеи асосиро дар ин низом омилҳои институтсионалӣ ишғол менамоянд. Вобаста ба ин, таъсири институтҳои расмӣ ё худ институти меъёр ва институтҳои ғайрирасмӣ, ки ҳамчун институти рафтор баррасӣ мегарданд, ба равандҳои ҳамгироӣ муассир буда, зимнан ҳамчун асоси ташаккул ва тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ баромад мекунанд.

Яке аз муҳаққиқони машҳури равандҳои ҳамгироӣ Оливер Уилямсон [11, с. 613] таъсири институтҳоро ба ҳамгироии минтақавӣ таҳлил намуда, чор

дараҷаи онҳоро пешниҳод кардааст, ки шомили зер мебошанд: суръатнокӣ, муҳити институтсионалӣ, идоракунӣ ва механизми азнавтақсимкунӣ. Ба ақидаи О. Уилямсон, суръатнокӣ унсурҳои институтҳои ғайрирасмиро дар бар гирифта, се сатҳи дигар бештар фарогири унсурҳои институтҳои расмӣ мебошанд. Барои мисол, муҳити институтсионалӣ чунин унсурҳоро ба монанди меъёрҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва бюрократиро дар бар мегирад. Дар ҳолате, ки идоракунӣ низоми созишнома ва қарордодҳоро дар бар мегирад, механизми азнавтақсимкунӣ маҷмуи қоидаҳоеро дар бар мегирад, ки гардиши сармоя, реҷаҳои тиҷоратӣ ва дигар чораҳои ба нарх ва истеҳсолот таъсиррасонро танзим мекунанд.

Таҳлили назарияҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки мавҷудияти асосҳои институтсионалӣ ҳамчун зарурати объективии тавсеаи равандҳои ҳамгироии минтақавӣ баромад мекунанд. Дар низоми омилҳои тавсеаи устувор ва рушди самараноки ҳамгироии минтақавӣ мавқеи асосиро институтҳои расмӣ доранд, зеро густариши ҳамкориҳои гуногуни тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ, ки ҳамчун заминаи асосии ҳамгироии иқтисодӣ баромад мекунанд, шомили унсурҳои расмӣ, аз қабили қонунгузории миллӣ, созишнома ва қарордодҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, асноди танзимкунандаи фаъолияти сохторҳои ҳамгирошуда ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби давлатҳои миллӣ эътироф карда шудааст.

Ҷанбаҳои институтсионалии ҳамгироии иқтисодии минтақаҳо ва соҳаҳоро таҳқиқ намуда, Н.В. Гонтар [1, с.41] қайд менамояд, ки онҳо фарогири унсури танзими маъмурии ҳамгироии минтақавӣ, иқтидори минтақа, соҳаҳо ва мавҷудияти механизми бозорӣ-корпоративии ҳамгироии байниминтақавӣ мебошад. Дар ин замина ҳаминро таъкид намудан мумкин аст, ки то ба ҳол дар доираи назарияи институтсионалӣ стратегияи ҳамгироии фазоӣ ва наздикшавии минтақаҳо дар сатҳи ғайриқаноатбахш қарор дошта, ба андешаи мо, бояд ҳамгироии иқтисодии минтақаҳо бо такя ба унсурҳои бозорӣ ташкил ва дастгирӣ карда шавад. Вобаста ба ин, мавҷудияти институтҳо бояд барои ташаккул ва ҳавасмандии унсурҳои бозорӣ замина гузошта, принсипи асосии тавсеаи ҳамгироии байниминтақавӣ бояд дарёфти самараи муштарак бошад.

Дар таҳқиқоти муҳаққиқони ватанӣ [9, с.145] қайд шудааст, ки мавҷудияти шароитҳои базавӣ ва институтсионалии ба ҳам монанд самараи ҳамгироиро бештар сохта, дар ин замина густариши равандҳои ҳамгироӣ бо давлатҳои пасошуравӣ ногузир аст. Зимнан таъмини институтсионалии зарурӣ ҳамчун шарти асосии ҳамгироии минтақавӣ шинохта шуда, таъкид шудааст, ки фаъолияти иқтисодии хориҷӣ бояд дар заминаи тавсеаи равандҳои мукаммали тиҷоратию иқтисодӣ сурат гиранд. Шароитҳои институтсионалии мусоиди минтақавӣ низ ба сифати омили асосии тавсеаи ҳамгироии минтақавӣ ва тақвияти ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ шинохта шудааст.

Бо назардошти нақши институтҳои расмӣ дар тавсеаи ҳамгироии минтақавӣ ҳаминро қайд менамоем, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ карда шудаанд, ки барои рушди ҳамгироии минтақавӣ замина гузошта, имконият медиҳанд, ки иқтидорҳои мавҷуда самаранок истифода карда шаванд. Дар ин радиф метавон асноди зеринро номбар намуд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар

бораи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”аз 14.06.2012, №347; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” аз 12.05. 2007, № 260; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Фонди байнамилалии асъор, Бонки байналхалқии таҷдид ва тараққиёт, Созмони байналхалқии рушд, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ ва агентии бисёрҷониба оид ба кафолати пасандозҳо аз 23.11.1992; Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон; Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба қонунигардонии савдои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 26.06.95, №261.

Дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дар боло овардашуда ва консепсияву стратегияҳои рушди миёна ва дарозмуддати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсеаи ҳамгироии минтақавӣ ва байналҳалқӣ муайян ва асоснок карда шуда, механизми мазкур ҳамчун шакли иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии иқтисодӣ эътироф гардидааст. Дар ин радиф кашфи иқтидори минтақа дар самти тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ ва иштирок дар сохторҳои ҳамгирошуда мавқеи хос дошта, чунин таҷриба дар самти таъсиси кластеҳои байнидавлатӣ дар минтақаи Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Узбекистон ва бунёди неругоҳҳои барқи обӣ дар дарёи Зарафшони вилояти Суғд далели татбиқи иқтидори минтақавии густариши равандҳои ҳамгироӣ мебошад [12, с. 150]. Вобаста ба ин, мавҷудияти институтҳои расмии мусоидат ва ҳавасмандкунанда шарти асосии татбиқи иқтидори интегратсионии минтақа мебошад.

Бо такя ба натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдода, ҳаминро таъкид менамоем, ки мушкилоти ташаккули институтҳои ба ҳамгироии минтақавӣ мусоидаткунанда, пеш аз ҳама, ба мавҷудияти занҷираҳои истеҳсолӣ, роҳу нақлиёт, алоқа ва дигар шакли коммуникатсия ва инфрасохтори муштараки созгор вобастагӣ дорад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳамгироии минтақавӣ чи дар мезосатҳи миллӣ ва чи байналмилалӣ раванди мақсаднок буда, дар заминаи асосноккунии техникию иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ташаккул меёбад. Тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ имконият медиҳад, ки дар пасманзари ташаккули низоми махсуси муносибатҳо механизми идоракунии байниминтақавӣ ва байнидавлатӣ ташкил карда шуда, дар заминаи меъёрҳои институтсионалии муосир ҳамоҳангсозии манфиатҳои иштирокчиёни раванди ҳамгироӣ таъмин карда шаванд.

Дар марҳилаи муосири рушд, тавсеаи таҷрибаи таъмини институтсионалии ҳамгироии минтақавӣ ва асоснок кардани самтҳои афзалиятноки такмили он аҳаммияти хосса дошта, новобаста аз таҳқиқоти сершумори анҷомдодашуда ҳанӯз ҳам методологияи ягона ва заминаи консептуалии ташаккул ва инкишофи онҳо мавҷуд нест. Дар аксар маврид механизмҳои ҳамкории мутақобилаи минтақаҳо, унсурҳои низоми институтсионалии ташаккул ва инкишофи ҳамгироии минтақавӣ, ҳадафҳои функсионалии онҳо, шароит ва хусусиятҳои ҳамгироии минтақавӣ ба тарзи гуногун арзёбӣ гардида, таъсири институтҳо низ гуногун баҳо дода мешавад.

Зарурати таъмини институтсионалии тавсеаи раванди ҳамгироии минтақавӣ бо он асоснок карда мешавад, ки ин раванд, пеш аз ҳама, фарогири қарордод ва созишномаҳо буда, дар шароити муҳити гуногуни ҳуқуқӣ мавҷудияти равиши ягона ва мувофиқшударо тақозо мекунад. Дар баробари

ин, дар шароити муосир таъсири унсурҳои институти ғайрирасмӣ зиёд гардида, ба ташаккул ва инкишофи ҳамгироии минтақавӣ омилҳои гуногун ба монанди боварӣ, хусусиятҳои рафтори субъектҳои иқтисодӣ ва намояндагони мақомоти давлатӣ таъсир мерасонанд.

Муҳити институтсионалӣ дар марҳилаи муосири рушд унсурҳои муҳимеро ба монанди муҳити соҳибкорӣ, сиёсати инноватсионӣ, муҳити сармоягузорӣ ва сиёсати давлатии танзими рушдро дар бар мегирад, ки ба ибораи дигар, "қутби институтсионалии минтақа" номбар шуда, заминаи муҳимми тавсеаи раванди ҳамгироӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз мувофиқати институтсионалии раванди ҳамгироии давлатҳо ва минтақаҳои гуногун шарти асосии ташаккул ва инкишофи ҳамгироии байналхалқӣ буда, дар марҳилаи нахустини ташаббусҳои ҳамгироӣ бояд ба инобат гирифта шавад.

Ҳаминро бояд қайд намуд, ки ташаккули минтақаҳои ҳамгироишудаи алоҳида (мезосохторҳо) дар ҷаҳон дар шакли кластерҳои фаросарҳадӣ, гурӯҳҳои молиявию саноатӣ ва корхонаҳои шабакавӣ ба вуҷуд омада истодаанд, ки як "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ"-ро ташкил менамоянд. Ин "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ" дар доираи ҳамкории минтақаҳои кишварҳои алоҳида дар масири инфрасохторҳои нақлиётию коммуникатсионии ҷойдошта ба вуҷуд омада, ҳамгироии минтақавиро ташкил менамояд. Ин шакли ҳамгироӣ сатҳи мезоиқтисодиро (байниминтақавӣ ва байнисоҳавӣ) ташкил менамояд ва азбаски ҳамгироӣ дар заминаи омилҳои моддии ҷаҳонишавӣ ба вуҷуд омадааст, онро ҳамгироии ғайрихаттӣ номидем. Ин ҳамгироӣ аз муҳити инситутсионалии мушаххас вобаста буда, аз институтҳое, ки сатҳи макро ва микро ҳамгироиро ташкил мекунанд, то андозае фарқ дорад. Зеро асосҳои институтсионалии ташаккули "минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ" ин ба муносибатҳои ҳамгироӣ баровардани қисмати муайяни сарҳад ё минтақаи кишвар (ҳудуд, фазо), соҳаи алоҳидаи иқтисодиёти кишвар мебошад, ки қоидаю рафтори махсусро ташкил менамояд. Ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар сатҳи минтақаи мазкур муносибати байнидавлатиро оид ба истифодаи якҷояи захираҳои наздисарҳадӣ ва фаросарҳадиро ифода мекунад. Ин минтақа метавонад фарогири якчанд воҳидҳои маъмурии идоракунии кишвар бошад, ки бо минтақа ва ё кишвари дигар оид ба истифодаи якҷояи захираи иқтисодии якҷоя муносибатҳои ҳамгироиро ташаккул дода, дар доираи як қоидаи ягона ва низоми алоҳида фаъолият мебаранд ва онро ба таври схема метавон чунин нишон дод (расми 1). Дар расми мазкур майдони кабуди чоркунҷа минтақаи дорои имконияти ҳамгироиест, ки дар заминаи захираҳои иқтисодии ягона, ба монанди инфрасохтори нақлиёти коммуникатсионӣ, захираҳои обию энергетикӣ ва ё туристию рекреатсионӣ ва ғайра муносибатҳои ҳамгироиро ба роҳ мемонанд.




**Расми 1. Минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ**

**Коркарди муаллиф.**

Инкишофи мезоҳамгироӣ дар минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ, пеш аз ҳама, дар асоси мавҷудияти заминаҳои институтсионалӣ ва унсурҳои иқтидори минтақавӣ сурат мегирад.

Ба ақидаи А.М. Либман [3, с.145], институтҳо дар рафъи мамониатҳои рушди ҳамгироии минтақавӣ нақши калон дошта, ба эътиқоди муаллиф, онҳо ба институтҳои интихоби оқилона, иҷтимоӣ-сохторӣ ва институтҳои низоъ ҷудо мешаванд. Дар ин замина, бояд таъкид сохт, ки институтҳо метавонанд дар ташаккул ва инкишофи ҳамгироии минтақавӣ нақши калон дошта бошанд ва баръакс, дар рушди он мушкил эҷод кунанд. Аз ин рӯ, истифодаи оқилонаи нақши институтҳо метавонад ба рушди ҳамгироии минтақавӣ таъсири мусбӣ расонад.

Яке аз масъалаҳои мубрами тавсеаи равандҳои ҳамгироӣ дар сатҳи минтақавӣ ин таъмини тавозуни институтсионалӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳамгироии минтақавӣ дар ҳолати мавҷудияти сатҳи баланди наздикии институтсионалии давлатҳои иштирокчӣ имконпазир аст. Маҳз ба ҳамин хотир, дар марҳилаи нахустини ташаккул ва инкишофи муносибатҳои ҳамгироӣ заминаҳои институтсионалӣ ба ҳам мувофиқ карда шуда, ташаккули сохторҳои ҳамгиро марҳилаи дуру дарози мутобиқсозӣ ва мутобиқшавиро мегузаранд. Муддати мазкур ба хотири рафъи нобаробариҳо ва таъмини паритети институтсионалӣ паси сар карда шуда, дар ин замина фарқиятҳои институтсионалӣ бартараф ва сатҳи муносибатҳо ба ҳам баробар карда мешаванд.

Дар баробари омилҳои дохилӣ тавсеаи муносибатҳои ҳамгироӣ бо истифода аз индикаторҳои созмону ташкилотҳои байналхалқӣ танзим карда мешавад, ки бештар ҷанбаҳои расмӣ ва ғайрирасмии институтсионалиро дар бар мегиранд. Барои мисол, барои муқоисаи сатҳи рушди институтсионалии давлатҳо ва муайян кардани омодагии онҳо ба ҳамгироӣ як қатор нишондиҳандаҳо истифода карда мешаванд. Дар ин самт метавон Низоми индикаторҳои ҳамгироии минтақави (System of Indicators of Regional Integration – SIRI) [10,с.12]-и Созмони Милали Муттаҳидро номбар намуд, ки фарогири як қатор нишондиҳандаҳое мебошад, ки ҷанбаи муайяншуда, самаранокӣ ва рушди минбаъдаи ҳамгироии минтақавиро муайян месозад. Ғайр аз ин, СММ Индекси рушди иқтидори инсониро (Human Development Index, HDI) низ истифода мекунад, ки дар асоси он давомнокии умр, бузургии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ, сатҳи саводнокии аҳолии

калонсол, нишондиҳандаи фарогирӣ ба таҳсил дар зинаи ибтидоӣ, миёна ва олии таҳсилот муайян карда мешавад. Бонки умумимиҷаҳонӣ бошад, барои муайян кардани сатҳи рушди институтсионалии давлатҳо ва минтақаҳо барои тавсеаи муносибатҳои ҳамгироӣ нишондиҳандаи рушди иқтисодиро истифода мебарад.

Ба ақидаи М.И. Садриддинов [5, с.156], институтҳо дар тавсеаи раванди ҳамгироии минтақавӣ нақши муҳим дошта, вазифаҳои муҳимеро ба монанди таъмини мувозинати амал ва фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, танзими шароити мусоид барои иҷрои вазифаҳои муайян, таъмини дастрасӣ ба иттилоот ва ташкили шаклҳои нави фаъолияти иқтисодиро иҷро мекунанд. Муаллиф қайд менамояд, ки барои таъмини сатҳи баланди таъминоти институтсионалии ҳамгироии минтақавӣ бояд механизми ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, низоми фаъолиятҳои иқтисодӣ, қарорҳои идоракунии давлатӣ бо назардошти ҷанбаҳои институтсионалӣ ва риояи принсипи нарасонидани зарар ба муҳити зист ба инобат гирифта шаванд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба институтҳое аҳаммият зоҳир карда шавад, ки муҳити институтсионалии ташаккул ва рушди ҳамгироии байниминтақавӣ ва байнидавлатиро таъмин менамоянд.

Гарчанде инкишофи раванди ҳамгироӣ натиҷаи қонунии афзоиши ҳаракати байналхалқии молу маҳсулот ва омилҳои истеҳсолот мебошад, дар рафти ба амал баровардани он системаи рафъи бисьёр монеаҳо дар роҳи муқаррар намудани муносибатҳои иқтисодию иҷтимоии байни давлатҳо ва минтақаҳо аз нав ташаккул меёбад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барои ташаккул ва инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ бояд дараҷаи рушди иқтисодӣ ва низоми институтсионалии кишварҳои ба иттиҳоди ҳамгироӣ дохилшаванда ба ҳам мувофиқ буда, кишварҳое, ки ба он шомил мешаванд, бояд наздикии ҷуғрофӣ ва робитаҳои таърихии иқтисодӣ дошта бошанд. Дар баробари ин, сатҳи рушди иқтисодӣ, маблағгузорӣ, танзим ва дастгирии давлатии иқтисодиёт ва муносибатҳои сиёсӣ бояд масъалаҳои умумии байни кишварҳо бошанд.

Бояд таъкид кард, ки ҳамгироии бомуваффақияти минтақавӣ бояд бо риояи баробарии институтсионалӣ ва принсипҳои субсидиарӣ ва тадриҷӣ (прагматизм) ба роҳ монда шуда, ҳамоҳангии сиёсати миллӣ ва минтақавиро таъмин кунад.

Таҳиқиқоти анҷомдодаи мо нишон дод, ки андозаи кишвар ва минтақа, шумораи аҳолии он, заминаҳои институтсионалӣ, аз он ҷумла наздикии ҷуғрофӣ, сатҳи боҷҳои гумрукӣ, муҳити соҳибкорӣ ва фазои инвеститсионӣ ба сифати шароити умумии ташаккул ва инкишофи ҳамгироии минтақавӣ баромад мекунанд. Маълум аст, ки кишварҳои хурди дорои иқтисоди кушод дар ҳамгироии минтақавӣ аксариятро ташкил дода, сарфи назар аз шумораашон, давлатҳои калон аксари иқтидори иқтисодӣ ва сиёсиро дар дасти худ доранд. Вобаста ба ин, таъмини институтсионалии мувофиқ метавонад шарти асосии ҳамгироӣ дар заминаи принсипи баробарӣ ва адолат баромад кунад.

Ҳамгироии минтақавӣ маҳз барои коҳиш додани фарқияти байни кишварҳо, ҳаракати озоди сармоя ва қувваи корӣ, молу хадамот ва равуои озоди шаҳрвандон пешбинӣ шудааст. Кишварҳое, ки аз ҷиҳати ҷуғрофӣ ба ҳам

наздиканд ва аз ҳамдигар манфиат мегиранд, бештар дар сохторҳои ҳамгирошудаи минтақавӣ муттаҳид мешаванд. Дар ин замина, зимни ташаккули сохторҳои ҳамгироӣ арзёбии оқибатҳои созишномаҳои ҳамгироии минтақавӣ муҳим аст, зеро баробари ворид шудани кишвар ба ҳамгироии минтақавӣ бояд қоидаҳои муайян риоя карда шаванд, ки дар байни онҳо омилҳои институтсионалӣ нақши марказӣ доранд.

Таъминоти институтсионалии тавсеаи раванди ҳамгироии мезоиқтисодӣ бояд фарогири низоми мукаммали танзими фаъолияти субъектҳои муносибатҳои ҳамгироӣ дар сатҳи фаромиллӣ, миллӣ ва минтақавӣ бошад. Рафъи асимметрия дар ваколатҳои мақомоти маҳаллии идоракунии давлатӣ тавассути таъсиси ассотсиатсияҳо, мақоми ваколатдор ва ҳайати махсус амалӣ карда мешавад. Дар ин замина ташкили платформаи иттилоотию коммуникатсионӣ барои ҳамкории минтақаҳо дар самтҳои гуногун ва истифодаи технологияҳои рақамӣ дорои аҳаммияти муҳим аст. Татбиқи маҷмуи тадбирҳои мувофиқашуда оид ба рушди муҳити ҳамгироии минтақаҳо бо дарназардошти афзалиятҳои сиёсати ҳамгироӣ ва татбиқи бартариятҳои рақобатии минтақавӣ бояд дар заминаи таъминоти институтсионалии комил сурат гирад.

Такмили институтсионалии асосҳои ҳамгироӣ дар доираи равишҳои нави рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва самтҳои нави ҳамгироии иқтисодӣ сурат мегиранд. Аз ин рӯ, афзоиши таваҷҷуҳ ба рушди неруи инсонӣ ҳамчун омили асосии модернизатсия, рушди ҳамкориҳои инноватсионии байни минтақаҳо дар асоси муайян кардани нуқтаҳои рушди ҳамгироӣ, ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ (ташкили паркҳои технологӣ, паркҳои саноатӣ, платформаҳои технологӣ) ва ғайраҳо хусусияти хоси ташаккул ва инкишофи раванди ҳамгироии мезоиқтисодӣ ба ҳисоб меравaнд.

Дар баробари ин, фароҳам овардани фазои институтсионалии мусоид барои ҳалли мушкилоти минтақавӣ ва барқарор кардани робитаҳои зич байни ҳамаи иштирокчиёни раванди ҳамгироии мезоиқтисодӣ мусоидат мекунад. Дар сатҳи минтақаҳо бошад, таҳия ва татбиқи стратегияҳои рушди муносибатҳои байниминтақавӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро он ба сифати омили бунёдии институтсионалии ҳамгироии иқтисодӣ баромад мекунад.

Дар таҷрибаи хоҷагии ҷаҳонӣ асосан барои ташаккули “Минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” асосан механизми Шарикии бахши хусусӣ ва давлатӣ (ШБХД) васеъ истифода мегардад, ки онро Шарикии бахши хусусӣ ва давлатии фаросарҳадӣ ё байнидавлатӣ мегӯянд (ШБХДФ) [7]. Дар муқоиса бо Созишномаҳои байнидавлатӣ ва Консорсиумҳо [4], ки барои ташаккули муносибатҳои ҳамгироии байниминтақавӣ ба имзо расонида мешаванд, механизми ШБХДФ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он ҷиҳат самаранок аст, ки он имконият медиҳад, ҷиҳати рушди инфрасохтори ҳамгироӣ [6, с.153.], захираҳои молиявии минтақа, кишвар ва сектори хусусӣ дар якҷоягӣ истифода гарданд. Яъне, бо ин роҳ кишвар метавонад сармояи давлатӣ ва хусусиро байналмилалӣ намояд.

Ҳамзамон, дар ин шакли ҳамгироӣ санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишварҳои алоҳида ба ҳам монанд карда шуда, қоидаҳои институтсионалии мушаххас таҳия карда мешаванд ки фарогири муносибатҳои иқтисодӣ ҳам дар

сатҳи микро (индивидуализм) ва ҳам макро (холлизм) мебошад. Дар натиҷаи ҳамҷояшавии захираҳои молиявии сатҳи гуногун, ки дар ин ҷо молияи давлатӣ ҳамчун моликияти ҷамъиятӣ баромад мекунад, самараи синергетикии истифодаи захираҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меояд, ки он ҳангоми татбиқи ШБХД дар сатҳи миллӣ наметавонист ба вуҷуд ояд. Яъне, дар ин маврид метавон қайд намуд, ки ҷараёни ҳамгироӣ механизмҳои қафомондаи иқтисоди бозориро дар минтақаи мушаххаси кишвар ривоҷ дода, ҷиҳати иҷроиши уҳдадориҳои тарафайн мебояд маблағгузорӣ ё сохтмону таҷдиди қитъаи ба уҳдадоштаашро сари вақт ва босифат иҷро намояд, ки он ба рушди иқтисодии минтақа ва ё кишвар таъсири диффузионии худро мерасонад.

Чунин шакли ташаккули ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ дар ҷаҳон хеле зиёд аст ва ШБХДФ қариб, ки дар ҳамаи соҳаҳо татбиқ мегардад (нигаред ба ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Намунаи шарикии бахши хусусӣ ва давлатии фаросарҳадӣ дар минтақаҳои ҷаҳон**

| Объект | Кишварҳои иштирокчӣ | Омили ҳамгироии минтақавии иқтисодии созмонҳои зерин гаштааст |
|---|---|---|
| **ШБХДФ дар соҳаи инфрсохтор нақлиётӣ (“долонҳои нақлиётӣ”)** | | |
| Пули (нақб) зериобию хушкии Эресун | Дания, Шветсия | Иттиҳоди Аврупо (ИА) |
| Нақби зериобии Ла-Манш | Франсия, Британияи Кабир | Иттиҳоди Аврупо (ИА) |
| Пули сарҳадии байни шаҳри Благовешенск ва Хеихе | Россия, Чин | СҲШ (ШОС) |
| Роҳи пулакии №4 Африкаи Ҷанубӣ (ЮАР) ва Мозамбик | ҶАҶ (ЮАР) ва Мозамбик | Иттифоқи Африко, Созмони рушди кишварҳои Африка (SADS) |
| Роҳи оҳани Аддис-Абеба-Ҷибутӣ | Эфиопия, Ҷибуттӣ, Чин | Иттифоқи Африка, ташаббуси Як камарбанд - як роҳ (ОПОП) |
| Пули Горди Хоу | ИМА, Канада | НАФТА |
| Магистрали роҳи оҳани босуръати Чин - Лаос | ҶМЧ, Лаос | АСЕАН, Як камарбанд - як роҳ (ОПОП) |
| Нақби роҳи оҳани Алпии Турин-Лион | Италия, Франсия | ИА |
| Магистрали роҳи оҳани “Рейл Балтика” | Латвия, Литвия, Эстония | ИА |
| Магистрали мултимодалии Перпинян-Фигерос | Франсия, Испания | ИА |
| Магистрали мултимодалии Гонконг-Гуанчжоу | ҶМЧ, Гонконг | Ҳамгироии Гонконг ва “Хитои Бузург” |
| Магистрали роҳи оҳани Кения-Руанда-Уганда | Кения, Руанда, Уганда | Созмони ҳамкории Африкаи шарқӣ |
| Пули дуюми Малайзия-Сингапур | Малайзия, Сингапур | АСЕАН, АТЭС |

| | | |
|---|---|---|
| Қубури газгузари Африкаи ғарбӣ | Нигерия, Бенин,Того, Гана | Созмони иқтисодии кишварҳои Африкаи ғарбӣ (ECOWAS) |
| **ШБХДФ дар соҳаи обу энергетика** | | |
| Неругоҳи барқи обии Нам Теун 2 | Лаос, Таиланд | АСЕАН |
| Неругоҳи барқи обии Итапу | Бразилия, Парагвай | МЕРКОСУР |
| Неругоҳи барқи обии Рузизи | Рузанда, Каир | Иттифоқи Африко |
| **ШБХДФ дар соҳаи алоқа** | | |
| Маҷмуи хати кабелӣ дар Баҳри Корралов | Австралия, Папуа-Гвинеяи Нав, ҷазираи Соломон | АТЭС |

**Сарчашма:** Отчет Азиатского банка развития: Трансграничные государственно-частные партнёрства. [Электронный ресурс] URL: https://eabr.org/upload/iblock/88c/EDB_2023_Report-3_Cross_Border-PPPs_rus.pdf (дата обращения: 18.08.2023г.)

Чӣ хеле ки аз ҷадвали мазкур мушоҳида мегардад, лоиҳаҳои инфрасохтории фаросарҳадӣ омили ташаккули ҳамгироии минтақавии иқтисодӣ гардида, сатҳи мезоиқтисодии муносибатҳои ҳамгироиро ифода мекунанд. Чунин раванди ҳамгироӣ дар иқтисоди ҷаҳон ҳанӯз пурра инкишоф наёфта, дар назарияи ҳамгироии минтақавии иктисодӣ равияи муосир мебошад. Яъне, ҳамгироӣ на ташаббуси “болоӣ”- давлат, ё “поёнӣ” – корхонаҳо аст, балки он ташаббуси ”мобайнӣ”- соҳа ва ё минтақаи мушаххас мебошад. Чунин раванди ҳамгироӣ барои на ҳама минтақаҳо ва ё соҳа, зерсоҳа хос мебошад, танҳо он соҳа ва ё минтақае, ки ба ин лоиҳаҳои фаросарҳадӣ марбут аст, ҳамгиро мешаванд ва қоидаҳои институтсионалии махсуси рафторро ташкил менамоянд. Аксар маврид ин қоидаҳои институтсионалӣ дар заминаи стандартҳои байналмилалӣ ё минтақавӣ, ки манфиати тарафайнро ифода мекунад, таҳия гашта, тибқи он роҳандозӣ карда мешавад, ки баъзан институтҳои махсуси минтақавӣ идораи онро ба дӯш мегиранд. Ин институтҳо ваколати давлат ва ҳукумати кишварҳои аъзои минтақаи дорои имконияти ҳамгироиро ба дӯши худ гирифта, аз нигоҳи назария додани қисмати ваколати давлатӣ (истиқлолияти идоракунӣ) ва ҳукуматӣ ба ин сохторҳо мебошад. Маҳз ана ҳамин ҷараёни ташаккули “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” мушкил аст, зеро дар амал на ҳама вақт сарони кишварҳо розӣ мешаванд, ки қисмати ҳокимияти худро аз даст диҳанд.

Ба ғайр аз ин, мушкилии дигар ё хавфе, ки метавонад барои ташкили чунин минтақа (ҳудуд) таъсир расонад, ин вазъи гуногуни сиёсию иқтисодӣ ва ҳолатҳои форс-мажорҳо буда метавонад. Махсусан, дар минтақаи Осиёи Марказӣ, ки ивази ҳокимият аксаран вақт тағйироти сиёсию иҷтимоиро ба вуҷуд меорад, инчунин, ноустувории вазъи молиявӣ ва камчинии сарчашмаҳои дохилии сармоягузорӣ, вобастагӣ аз сармояи беруна ва нооромиҳои сиёсӣ (масалан, дар Афғонистон) баъзан рафти татбиқи лоиҳаҳоро бозмонда, дар бисёр маврид маблағгузории лоиҳа ба таъхир андохта мешавад.

Ба фикри мо, коркарди заминаҳои институтсионалии ташаккули “минтақаи дорои миконияти ҳамгироӣ” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аз рӯйи принсипҳои зерин ба роҳ монда шавад (нигаред ба расми 2).

1. Қабули қарори сиёсӣ оид ба татбиқи лоиҳа (Асосноккунии техникӣ ва фоиданокии иқтисодии лоиҳа дар хама кишварҳои аъзо )
2. Мутобиқсозии нақшаи сохтмони инфрасохтори миллӣ бо инфрасохтори фаросарҳадӣ
3. Коркарди низоми махсуси ҳуқуқии сатҳи минтақавӣ ё байналхалқӣ оид ба фаъолияти ШБХД дар соҳаи инфрасохтори фаросарҳадӣ
4. Ташкили механизми институтионалии дуҷониба ё бисёрҷониба оид ба истифода ва нигоҳдории лоиҳаи ШБХДФ
5. Барои таъмини самаранокии лоиҳаи ШБДХФ ба роҳ мондани ҳамкори бо созмонҳои моливию иқтисодии минтақавӣ ва ташкилотҳои байнлахалқӣ
6. Таъмини устувории молиявии сармоягузории лоиҳа ва паст кардани хавфҳои эҳтимолии татбиқи лоихаи ШБДХФ

**Расми 2. Принсипҳои асосии коркарди заминаҳои институтсионалии ШБХДФ.**

**Коркарди муаллиф.**

Яъне, таҷриба нишон медиҳад, ки дар сурати дуруст ва ҳамаҷониба тарҳрезии лоиҳаҳои инфрасохтории нақлиётӣ ва принсипҳои он, махсусан нишон додани самараи синергетикии истифодаи захираҳои муштарак метавон нуқтаи оптималии тавозуни манфиатҳои миллиро бо манфиатҳои кишварҳои шарик пайдо намуд.

Дар хулоса, ҳаминро қайд менамоем, ки сатҳи рушди ҳамгироии минтақавӣ дар марҳилаи муосири рушд ба мавҷудият ва фаъолияти самараноки институтҳо вобастагии калон дорад. Раванди ҳамгироӣ ба ташаккул ва инкишофи институтҳо такя намуда, маҳз рушди устувори институтҳо заминаи асосии тавсеаи интегратсияи иқтисодӣ дар сатҳҳои гуногун мебошад. Зимнан бояд таъкид кард, ки бидуни рушди заминаҳои институтсионалӣ таҳаввулоти раванди ҳамгироӣ ғайриимкон аст. Махсусан, ташаккули мезосатҳи ҳамгироии иқтисодӣ раванди мушкил ва сахт буда, дар он ҷараёнҳои ҳамгироие ба вуҷуд меояд, ки манфиатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаеро ифода мекунад, ки кишварҳо дар алоҳидагӣ наметавонанд ин самараро ба даст оранд. Дар ин маврид, иштироки кишвари хурди кушод чун Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаҳои минтақавии фаросарҳадию байналмилалӣ воситаи муҳимми ташаккули “минтақаи дорои имконияти ҳамгироӣ” мебошад, ки барои он захираҳои обию энергетикӣ ва туристию рекреатсионӣ, шароити транзитии кишвар метавонад заминаҳои асосии ҳамгироии Тоҷикистон дар минтақаи АвруОсиё бошанд.

## Адабиёт

1. Гонтарь, Н.В. Пространственно-экономическая интеграция на основе рыночной самоорганизации: институциональные аспекты / Н.В. Гонтарь // Фундаментальные исследования. – 2019. – № 8. – С. 37-41.

2. Индекс региональной интеграции ЦАРЭС (ИРИЦ): Интерпретация и выводы для экономической политики. [электронный ресурс]. Режим доступа:

https://www.carecinstitute.org/wp-content/uploads/2021/08/RUS-_-CI-CRII-Interpretation -and-Policy-Perspective-27-Dec-2019.pdf - С. 52.

3. Либман, А. Экономическая интеграция на постсоветском пространстве: институциональный аспект / А. Либман // Вопросы экономики. – 2005. – №3. – С. 142-156.

4. Регулирование водно-энергетического комплекса Центральной Азии. Доклад ЕАБР 22/4. [электронный ресурс]: URL: *EDB_2022_Report-4_Water-and-Energy-Complex-of-CA_rus.pdf (дата обращения: 18.03.2023).

5. Саидмуродов, Л. Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики / Л. Х. Саидмуродов. – Душанбе : Дониш, 2021. – 414 с. – ISBN 978-99985—7074-0. – EDN OUINAH.

6. Сафаров, Б.Г. Институциональные основы формирования и развития рыночной инфраструктуры в приграничных районах Республики Таджикистан [Текст] / Б.Г. Сафаров, М.Н. Ашуров, К.Н. Саидов // Финансовая экономика. – Москва, 2018. – №8. – С. 155-159.

7. Ҳисоботи Бонки осиёгии рушд: Ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ. [Захираи электронӣ] URL https://eabr.org/upload/iblock/88c/EDB-2023-Report-3_Cross_Border-PPPs_rus.pdf (санаи муроҷиат: 18.08.2023 с.).

8. Отчет Азиатского банка развития: Трансграничные государственно-частные партнёрства. [Электронный ресурс] URL: https://eabr.org/upload/iblock/88c/EDB_2023_Report-3_Cross_Border-PPPs_rus.pdf (дата обращения: 18.08.2023г.).

9. Шамсуллозода, Ш. Концептуально - институциональные основы реализации государственной внешнеторговой политики Таджикистана на пространстве СНГ / Ш. Шамсуллозода, М.А. Махмадмуродова, Г.А. Мухаммадиева // Государственное управление. – 2020. – № 3(47). – С. 141-149. – EDN WXQJPH.

10. De Lombaerde P. Assessment And Measurement Of Regional Integration. – London: Routledge, 2006. -P. 12.

11. Williamson O. The mew Institutional Economics: Tacking Stock, Looking Ahead. The Journal of Economic Literature. 2000;39(3):595–613.

12. Саидмуродов, Л. Х. Стратегические цели Республики Таджикистан и устойчивое развитие регионов страны / Л. Х. Саидмуродов // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2016. – № 3(54). – С. 149-156. – EDN XICQPF.

**УДК: 330.4:338.27**

# МОДЕЛИРОВАНИЕ ФАКТОРОВ ПРОИЗВОДСТВА НА ПРИМЕРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Гафуров Парвиз Джурахонович*** *– к.э.н., доцент, заведующий кафедрой цифровой экономики и логистики Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 939900330, E-mail: pg.1981@mail.ru.*

*В данной статье приводится анализ влияния факторов производства на развитие экономики Республики Таджикистан базирующуюся на годовых данных. В данном исследовании приведены результаты анализа рынка труда и капитала. Данная работа особенно применима для стран с переходной экономикой, поскольку она обосновывается на минимальном объеме данных и нескольких предположениях.*

***Ключевые слова****: труд, капитал, равновесный уровень занятости, равновесный уровень безработицы, экзогенная переменная, уровень технологии, производственная функция Кобба-Дугласа, экономический рост, неускоряющая инфляция уровня безработицы, метод непрерывной инвентаризации.*

## МОДЕЛСОЗИИ ОМИЛҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ ДАР МИСОЛИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ғафуров Парвиз Ҷӯрахонович*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди рақамӣ ва логистикаи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Нахимов 64/14. тел.: 939900330, почтаи электронӣ: pg.1981@mail.ru.*

*Дар ин мақола таҳлили таъсири омилҳои истеҳсолӣ ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси маълумоти солона оварда шудааст. Тадқиқоти мазкур натиҷаҳои таҳлили бозори меҳнат ва сармояро пешниҳод мекунад. Ин мақола махсусан барои кишварҳои дар давраи гузариш қарордошта татбиқшаванда аст, зеро он ба маълумоти ҳадди ақал ва тахминҳои кам асос ёфтааст.*

***Калидвожаҳо:*** *меҳнат, сармоя, сатҳи мувозинати шуғл, сатҳи бекории мувозинат, тағйирёбандаи экзогенӣ, сатҳи технологӣ, функсияи истеҳсолии Кобб-Дуглас, рушди иқтисодӣ, суръати тезнашавандаи инфлятсияи сатҳи бекорӣ, усули инвентаризатсияи доимӣ.*

## MODELING OF FACTORS OF PRODUCTION IN THE CASE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Gafurov Parviz Jurakhonovich*** *- candidate of economic sciences, associate professor, head of the department of digital economy and logistics of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, sh. Nakhimov 64/14, Tel.: 939900330, e-mail: pg.1981@mail.ru.*

*This article presents an analysis of the impact of production factors on the development of the economy of the Republic of Tajikistan based on annual data. This study presents the results of labor and capital market analysis. This article is particularly applicable to countries in transition because it is based on minimal data and assumptions.*

***Keywords:*** *labor, capital, equilibrium level of employment, equilibrium unemployment rate, exogenous variable, technological level, Cobb-Douglas production function, economic growth, non-Accelerating Inflation Rate of Unemployment, perpetual inventory method.*

Развитие экономики в основном зависит от факторов производства, т.е. объем производства определяется ростом производительности, основным капиталом и равновесной занятостью. При эффективном использовании этих факторов объем производства с учетом производительности труда увеличится. Равновесный уровень безработицы является экзогенной переменной и используется вместе с предложением рабочей силы с целью достижения равновесной занятости. Труд и капитал считаются основными факторами экономического роста, исследование которых является актуальной задачей макроэкономики. Целью работы является моделирование факторов производства (капитала и труда), а также их влияние на динамику производства в стране.

Труд, капитал и уровень технологии считаются основным фактором неоклассических моделей экономического роста. Эти модели основаны на применении производственной функции Кобба-Дугласа, которая лежит на основе концепции учета экономического роста. Из неоклассической концепции (Дж. Перри, М. Фелдстайн, Р. Холл) следует, что «цена на рабочую силу гибко реагирует на потребности рынка, увеличиваясь или уменьшаясь в зависимости от спроса и предложения, а безработица невозможна, если на рынке труда существует равновесие» [5, с. 23]. Условие равновесного рынка труда рассматривается Е. Домаром. Его методологический подход основан на исследовании проблемы полной занятости в условиях экономической системы, находящейся в развитии.

Следовательно, в процессе исследования взаимосвязь между совокупным спросом и производственными возможностями экономической системы, выявлено наличие взаимосвязи между величиной совокупного спроса и национального дохода, используя в своем анализе категории «полная склонность к сбережению» и «средняя общественная производительность капиталовложений» [1]. Р. Солоу, на основе модели Р. Харрода и неоклассической производственной функции, представил в своих трудах условие роста предложения трудовых ресурсов. Рассмотрены предложения трудовых ресурсов в различные интервалы времени и поведение отношения «капитал – труд», гарантирующие полное использование рабочей силы. Условие равновесия рынка труда по Р. Солоу – в равенстве объема нового капитала на одного занятого и объема капитала, необходимого для оснащения одного рабочего из новых трудовых ресурсов [3].

Следующим фактором производства является капитал, который определяется со средствами производства. Неоклассическая теория инвестиций предусматривает некоторую взаимозаменяемость между капиталом и рабочей силой и включает потребительскую стоимость капитала как детерминанту инвестиций. В развивающихся странах стандартные оптимизирующие модели инвестиций (основанные на потребительской стоимости и предельной производительности капитала) ослаблены институциональными и структурными факторами, такими как отсутствие хорошо развитых финансовых рынков, относительно большая роль правительства в формировании капитала. Более того, серьезные ограничения данных обычно препятствуют попыткам применения таких моделей; данные о капитале, рабочей силе, заработной плате и потребительской стоимости капитала часто ограничены или отсутствуют. Исследования в развивающихся странах подчеркивали, что доступность, а не затраты на финансирование представляют собой основное ограничение для частных инвестиций [4].

Государственные инвестиции также могут играть основную роль для обеспечения экономического роста. В противоположность этим конкурентным отношениям между частными и государственными инвестициями, встречный аргумент утверждает взаимодополняющие отношения, основанные на предоставлении частному сектору финансируемой государством необходимой инфраструктуры и вспомогательных услуг. Эмпирические исследования оказали поддержку этим взаимодополняющим отношениям между государственными и частными инвестициями [2].

Э. Юнг [Young, 1995] на основе детальной калькуляции роста показал, что высокие темпы роста в индустриальных странах Восточной Азии по отношению к среднемировым темпам роста практически полностью обусловлены более высокими инвестициями, увеличением вовлеченности рабочей силы, улучшением качества труда, а не быстрым техническим прогрессом. Недавние исследования [Hsieh, 1998] показали, что темпы роста в значительной степени зависят от остатка Солоу. Несмотря на значимости остаток Солоу, в странах Азии привлечение высоких инвестиций и увеличение вовлеченности в рабочую силу остаются актуальными и основным источником экономического роста [7, с. 55].

Для разработки модели производственных факторов использовались фактические годовые данные. Для моделирования рабочей силы используются следующие уравнения:

$$\mathrm{ET} = f(\mathrm{ET}(-1), \mathrm{CP}, \mathrm{ET_DUMMY}^{1}) \quad (1)$$

$$\mathrm{LS} = \mathrm{PART} * \mathrm{POPW} \quad (2)$$

$$\mathrm{HPF} = \frac{(1-\mathrm{ULSTAR})}{100} * \mathrm{LS} \quad (3)$$

$$\mathrm{UL} = \mathrm{LS} - \mathrm{ET} \quad (4)$$

$$\mathrm{ULR} = \mathrm{UL}/\mathrm{LS} * 100 \quad (5)$$

где,

ET – Занятость;

CP – Частное потребление;

LS - Предложение рабочей силы**;**

PART - Уровень участия рабочей силы**;**

POPW – Трудовые ресурсы**;**

HPF (**Равновесная занятость**) – Фильтр Ходрика Прескотта для занятости с целью расчета равновесной занятости напрямую. Неявный равновесный уровень безработицы в этом случае рассчитывается с использованием предложения рабочей силы и рассчитанных показателей равновесной занятости[2];

ULSTAR - Равновесный уровень безработицы;

UL – Безработицы;

ULR - Уровень безработицы.

Для анализа и прогнозирования капитала используются следующие уравнения:

$$\mathrm{KPSR} = \mathrm{DEPRP} * \mathrm{KPSR}(-1) + 0.65^{3} * \mathrm{IPR} \quad (6)$$

$$\mathrm{KGOVR} = \mathrm{DEPRG} * \mathrm{KGOVR}(-1) + \mathrm{IGR} \quad (7)$$

$$\mathrm{IPR} = f(\mathrm{IGR}, \mathrm{CIT}, \mathrm{OS}, \mathrm{IPR_DUMMY}) \ , \quad (8)$$

где

KPSR - Основной капитал частного сектора;

DEPRP **-** Норма амортизации в частном секторе;

DEPRG - Основной капитал в государственном секторе.

---

[1] Фиктивные были использованы, когда выпадающие показатели данных могли «исказить» результаты расчетов

[2] Фильтр Ходрик Прескотт - это метод сглаживания временного ряда, который широко используется среди макроэкономистов для выделения длительных тенденций временного ряда. HPF представляет собой двухсторонний линейный фильтр, который вычисляет сглаженный ряд **s** временного ряда **y** путем минимизации дисперсии **y** вокруг **s,** при условии минимума суммы элементов дважды дифференцированного ряда **s**. То есть, элементы сглаженного ряда **s** выбираются таким образом, чтобы минимизировать следующее выражение:

$$\mathrm{HPF} = \sum_{t=1}^{T}(y_t - s_t)^2 + \gamma \sum_{t=2}^{T-1}((s_{t+1} - s_t) - (s_t - s_{t-1}))^2 \rightarrow \min.$$

Параметр λ управляет мерой гладкости ряда s. Чем больше значение λ, тем более гладким получается ряд s. При λ → ∞ ряд s превращается в линейный тренд, при λ = 0 ряд s совпадает с исходным рядом y. Рекомендуется выбирать значение λ в зависимости от динамики исследуемого ряда. Например, для годовых данных предпочтительным является λ = 100.

[3] Коэффициент использования мощностей рассчитан для использования инвестиций, направленных на приобретение оборудования за счет частного сектора. Рассчитанный коэффициент равен 65% ((Оборудование в частном секторе_внутреннее+ Оборудование в частном секторе_ внешнее)/Оборудование, инструмент, инвентарь, общее))

Труд, наряду с капиталом, считается одним из основных факторов экономического роста. Следовательно, анализ и прогнозирование труда является одной из основных задач в определении тенденции предложения рабочей силы, которая влияет на экономический рост.

**Равновесная занятость:** обычно данный показатель рассчитывается с использованием предложения рабочей силы и *неускоряющей инфляцию уровня безработицы (НИУБ/NAIRU)*, в свою очередь, последний рассчитывается различными методами. Однако наиболее популярным методом, используемым в данном случае является метод Фильтра Кальмана. Тем не менее, концепция НИУБ вероятно сама по себе является теоретическим и эмпирическим исследовательским проектом, немного сложным для выполнения на данном этапе, принимая во внимание систему оплаты труда и роли индексации в Таджикистане.

Таким образом, на этой первоначальной стадии разработки модели использовался простой метод, Фильтра Ходрика Прескотта для занятости с целью расчета равновесной занятости напрямую. Неявный равновесный уровень безработицы в этом случае рассчитывается с использованием предложения рабочей силы и рассчитанных показателей равновесной занятости. Занятость стремится к траектории, где производительность труда равна реальной заработной плате/выручку, но среднесрочная динамика определяется ростом частного потребления и запаздывающей зависимой переменной, т.е. на основе уравнения (1). Отношение реальной заработной платы/выручки как фактор для определения занятости не является статистически значимой. На основе уравнения (1) вычисляется следующее уравнение регрессии [6, с. 12]:

$$\begin{aligned} ET = {} & 223.429175692 + 0.899447400114 * ET(-1) + 0.0046234392063 * D(CP) \\ & + 134.332460067 * ET_DUMMY + [AR(1) \\ & = -0.315366707554, UNCOND, ESTSMPL = "2002\ 2016"] \end{aligned}$$

Уровень участия рабочей силы, которое определяется как отношение количества рабочей силы к трудовому ресурсу, последние годы имеет тенденцию спада и в 2016 г. составил 47,7%. Следует отметить, что предложение рабочей силы труда в значительной степени зависит от уровня участия рабочей силы.

Предложение рабочей силы рассчитывается с использованием уравнения (2). Основными показателями, определяющими предложение рабочей силы являются трудовые ресурсы и уровень участия рабочей силы. Трудовые ресурсы имеют тенденцию к росту и за период 2000-2016 гг. увеличились в среднем на 3%, а уровень участия рабочей силы имеет тенденцию спада, что свидетельствует об отставании создания новых рабочих мест относительно трудовых ресурсов. Следовательно, для прогнозирования рабочей силы использовались данные трудовые ресурсы из Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период 2016-2030 гг, т.е., как предположения в модели и уровень участия рабочей силы как прогнозные значения.

Безработица рассчитана остаточным методом с использованием уравнения (4). Для определения уровня безработицы использовано уравнение (5).

Следует отметить, то рост численности населения и трудовых ресурсов являются одним из основных причин отставания роста создания новых рабочих мест от роста трудовых ресурсов и предложения рабочей силы.

Анализ и прогнозирование капитала, в частности капитала частного сектора является актуальной проблемой в Республике Таджикистан, поскольку считается одним из факторов роста ВВП. **Основной капитал:** официальные статистические данные по основным фондам в частном секторе Республики Таджикистан, а также детальная разбивка по валовым капитальным вложениям по секторам в постоянных ценах отсутствуют. В этой связи мы были вынуждены рассчитать данные показатели. Для расчета показателя инвестиций частного сектора необходимо вычитать из общего валового накопления государственные инвестиции, значения по которым приведены в государственном бюджете РТ. Рассчетная начальная точка для основных фондов, представляющяя собой конец 2000 года, была взята из официальной статистики Агентства по статистике, далее был построен временной ряд, рассчитанный с учетом коэффициента амортизации и доли инвестиций в частном секторе от общих инвестиций. Примененный метод является упрощеным видом *метода непрерывной инвентаризации* (6), используя значения основного капитала, предоставленные Агентством по статистике в качестве первоначального значения. Рассчетная начальная точка для основного капитала в частном секторе, представляющая конец 2000 года, что составило 81,9 млн.сомони, где коэффициент капиталоемкости равен 0,046. Согласно официальной статистике, значение основного капитала в строительстве составляет 108,6 миллионов сомони (или же коэффициент капиталоемкости равен 0.06), а в государственном секторе достигло 86,3 миллионов сомони (где коэффициент капиталоемкости равен 0.048). Используя международные сравнения, значения рассчитанных показателей согласно опубликованным данным из официальных источников, коэффициент капиталоемкости, рассчитанный для стран бывшего Советского Союза обычно варьируется в пределах 0,056-0,36. Хотя основной капитал, опубликованный в официальных источниках, вероятно не может быть напрямую сравнен с официальными данными, представленными Агентством по статистике, данное сравнение предполагает все же, что первоначальное значение, использованное для дальнейших расчетов временных рядов основного капитала. Объединение временных рядов по использованию капитала, с расчетными значениями основного капитала, показало, что коэффициент амортизации возрос в среднем примерно на 10% в год. Следовательно, инвестиции в частном секторе рассчитываются по следующему уравнению:

$$IPR = 0.542519595866*IGR + 2.26489005692*CIT + 0.0105516631474*OS + 9707.54198698*IPR_DUMMY \quad ,$$

где

IPR – частные инвестиции;

IGR – государственные инвестиции;

OS – операционная прибыль, доходы предприятий;

CIT – налог на прибыль с юридических лиц.

Инвестиции заданы в долгосрочном периоде прибылью с учетом изменений налога на прибыль, а также государственных инвестиций. В частности, прибыль определяет равновесную траекторию для инвестиций и занятости. Краткосрочная динамика управляется другими переменными, такими как спрос.

Для прогнозирования накопления основного капитала частного сектора были рассчитаны инвестиции частного сектора в реальном выражении и использовалось уравнение (6). В последние годы рост экономики происходит за счет роста инвестиций в строительство, где 70%-го валового накопления составляет капиталовложения в строительство, 29,4% другие источники и 0,6% занимает запасы материальных оборотных средств, которое считается очень низким. Рост запасы материальных оборотных средств имеет положительное влияние на экономический рост. Например, динамика запасов материальных оборотных средств показывает, что в кризисный период, т.е. в 2009 году, показатель был отрицательным (-298,8 млн.сомони), а рост экономики составил 3,9%. Это говорит о том, что запасы материальных оборотных средств оказывают существенное влияние на рост экономики.

Ни одна эконометрическая модель никогда не может считаться совершенной и окончательной, и это прежде всего относится к эконометрическим моделям стран, которые имеют относительно короткие временные ряды или статистическую выборку и имеют значительные структурные изменения. Оба эти аспекта относятся к Республике Таджикистан, это говорит о том, что разработанная модель будет в дальнейшем совершенствоваться и улучшаться, что, в конечном счете, может немного изменить структуру и свойства модели. Кроме того, существует несколько аспектов совершенствования исследований в области прогнозирования реального сектора. В частности, важный подход со стороны предложения может показать два основных направления исследований: во-первых, более качественные расчеты основного капитала добавят точность в расчете потенциального объема производства, а также к дальнейшему исследованию состояния рынка труда. В частности, это исследование будет касаться функционирования рынка труда в Таджикистане и разработки более сложных расчетов структурной безработицы. Разработанная эконометрическая модель дает основу для понимания и количественного представления функционирования реальной экономики, понимания о том, как экономический рост реагирует на изменения на рынке труда, рынке капитала. Кроме того, модель может быть использована для систематического анализа обновленных экономических данных и тенденций. Эта структура также предоставляет систему, в которой можно оценить и прогнозировать текущую экономическую ситуацию.

**Литература**

1. Булатов, А.С. Экономика: учеб. / А.С. Булатов; под ред. А.С. Булатова. – 2-е изд. – М.: Изд-во БЕК, 1997. – 816 с.
2. Некоторые аспекты моделирования и прогнозирования ВВП в Республике Таджикистан. Сбоник разработан экспертами Компонента 1 проекта ЕС «Поддержка отдельных направлений реформирования в сфере УГФ: Лот 1». 2017. – 65.
3. Ромер, Д. Высшая макроэкономика: учебник/Дэвид Ромер; пер. с англ. под науч. ред. В.М. Полтеровича; Нац. исслед. ун-т «Высшая школа экономики». – 2-е изд. – М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2015. – 855с.
4. Domar, E. Expansion and employment / E. Domar // Amer. Econ. Rev. – 1947. – Vol. 37. – P. 34 – 45.
5. S. Khalid, “Determination of Private Investment in Pakistan,” IMF Working Paper WP/93/30 (Washington, D.C., International Monetary Fund, 1993); Joshua Greene and Delano Villanueva,

“Private Investment in Developing Countries: An Empirical Analysis,” IMF Staff Papers (March 1991); and Wai and Wong, “Determinants of Private Investment.”
6. Solow, R.A. Contribution to the theory of economic growth / R.A. Solow // Quapt. J. Econ. – 1956. – Vol. 70. – P. 65 – 94. Solow, R.A. Technical change and the aggregate production function / R.A. Solow // Rev. Econ. and Statist. – 1957. – Vol. 39. – P. 312 – 320.
7. U Tun Wai and Chorng-Huey Wong, "Determinants of Private Investment in Developing Countries,” The Journal of Development Studies (October 1982), pp. 19–36; and Mario I. Blejer and Mohsin S. Khan, “Government Policy and Private Investment in Developing Countries,” IMF Staff Papers (June 1984), pp. 379–403.

**УДК: 330.15**

## ХУСУСИЯТИ ҶАНБАҲОИ ИҚТИСОДИИ ИСТИФОДАБАРИИ ЗАХИРАҲОИ ТАБИӢ ДАР КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ

***Содиқов Метархон Соқибекович*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Почтаи электронӣ: metar76@mail.ru. Телефон: (+992) 935-08-40-76*

***Зуҳуров Бахтиёр Искандарович*** *- унвонҷӯи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: (+992) 918-80-93-51*

*Дар мақола баъзе ҷанбаҳои иқтисодии истифодабарии захираҳои табиии кишварҳои хориҷӣ баррасӣ мегардад. Яке аз масъалаҳои рушди фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвари соҳибистиқлол дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ ба шумор меравад. Самаранокии истифодабирии бойгарии кишвар дар заминаи истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ барои гузаштан ба иқтисодиёти сабз шарти муҳими фаъолияти хоҷагидории муосир маҳсуб меёбад.*

*Инчунин, дар мақола таҳқиқи масъалаҳои назариявию таҷрибавии истифодаи захираҳои табиии кишварҳои хориҷӣ аз нуқтаи назари истифодаи вариантҳои имконпазир барои кишвар ва таъмини бехатарии иқтисодӣ гузаронида шудааст. Вобаста ба рушди таҳқиқи муаммоҳои истифодабарии сарватҳои табиӣ ошкор гардидааст, ки омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ барои Тоҷикистон басо вазифаи муҳим маҳсуб меёбад.*

***Калидвожаҳо:*** *захираҳои табиӣ, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, муҳити зист, муносибатҳои иқтисоди байналмилалӣ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, таъмини рушди босубот, иқтисодиёти бозоргонӣ, иқтисодиёти миллӣ, тиҷорат, ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ, маблаггузорӣ ва ҳамгироии иқтисодӣ.*

## ОСОБЕННОСТИ ЭКОНОМИЧЕСКИХ АСПЕКТОВ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ПРИРОДНЫХ РЕСУРСОВ В ЗАРУБЕЖНЫХ СТРАНАХ

***Содиков Метархон Сокибекович*** *- кандидат экономических наук, доцент, кафедры мировой экономики и международной торговли Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: metar76@mail.ru. Телефон: (+992) 935-08-40-76*

***Зухуров Бахтиёр Искандарович*** *- соискатель кафедры мировой экономики и международной торговли Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 918-80-93-51.*

*В статье рассматриваются некоторые экономические аспекты использования природных ресурсов зарубежных стран. Эффективное и рациональное использование*

*природных ресурсов считается одним из вопросов экономического развития любой независимой страны в современных условиях глобализации. Эффективное использование богатства страны в условиях рационального использования природных ресурсов для перехода к зеленой экономике считается важным условием превосходства современного сельского хозяйства.*

*Также в статье рассматриваются теоретические и практические вопросы использования природных ресурсов зарубежных стран с точки зрения использования возможных вариантов для страны и обеспечения экономической безопасности. В связи с развитием изучения проблем использования природных ресурсов выявлено, что изучение опыта зарубежных стран в направлении рационального использования природных ресурсов является очень важной задачей для Таджикистана.*

***Ключевые слова:*** *природные ресурсы, внешнеэкономическая деятельность, окружающая среда, международные экономические отношения, макроэкономические показатели, обеспечение устойчивого развития, рыночная экономика, национальная экономика, торговля, взаимовыгодное экономическое сотрудничество, финансирование и экономическая интеграция.*

## FEATURES OF ECONOMIC ASPECTS OF THE USE OF NATURAL RESOURCES IN FOREIGN COUNTRIES

***Sodikov Metarkhon Sokibekovich*** *- Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Department of World Economy and International Trade, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. E-mail: metar76@mail.ru. Phone: (+992) 935-08-40-76*

***Zukhurov Bakhtiyor Iskandarovich*** *- Applicant of the Department of World Economy and International Trade of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/14. Phone: (+992) 918-80-93-51.*

*The article discusses some economic aspects of the use of natural resources of foreign countries. Efficient and rational use of natural resources is considered one of the issues of economic development of any independent country in the current conditions of globalization. Efficient use of the wealth of the country in terms of the rational use of natural resources for the transition to a green economy is considered an important condition for the excellence of modern agriculture.*

*The article also discusses the theoretical and practical issues of using natural resources of foreign countries in terms of using possible options for the country and ensuring economic security. In connection with the development of studying the problems of using natural resources, it was revealed that studying the experience of foreign countries in the direction of the rational use of natural resources is a very important task for Tajikistan.*

***Keywords:*** *Natural resources, foreign economic activity, environment, international economic relations, macroeconomic indicators, sustainable development, market economy, national economy, trade, mutually beneficial economic cooperation, financing and economic integration.*

Яке аз масъалаҳои рушди фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвари соҳибистиқлол дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ ба шумор меравад. Самаранокии истифодабирии бойгарии кишвар дар заминаи истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ барои гузаштан ба иқтисодиёти сабз шарти муҳими фаъолияти хоҷагидории муосир маҳсуб меёбад.

Кишварҳои хориҷа барои истифодаи захираҳои табиӣ стратегияҳои гуногунро истифода мебаранд. Масалан, баъзе кишварҳо, аз қабили Олмон ва Ҷопон барои истифодаи самараноки захираҳо аз технологияҳои бештар самаранок истифода мебаранд. Дар дигар мамлакатҳо, ба монанди ШМА ва Канада ба муҳофизати сарватҳои табиӣ, таъмин намудани истифодаи арзони онҳо дар муҳлатҳои дарозмуддат диққати калон дода мешавад.

Сарватҳои табиие, ки барои ҳаёт, пешравӣ ва фаъолияти ҷамъият заруранд, дар тамоми ҷаҳон бо суръате истифода мешаванд, ки имкон намедиҳад, ки онҳо барқарор шаванд. Дар айни замон, зиёда аз 60% экосистемаҳои инсонӣ аз ҳад зиёд пурбор шудаанд, аз ҷумла, фалокат воқеан ба саршумори моҳии ҷаҳон таҳдид мекунад, буридани ҷангалҳо сифати ҳаво ва оби тозаро бадтар мекунад.

Бо назардошти ин ва дигар нигарониҳои шабеҳ, масалан, Иттиҳоди Аврупо стратегияи дарозмуддатро барои маҳдуд кардани зараре, ки дар натиҷаи истифодаи беназорати сарватҳои табиӣ расонида мешавад, қабул кард. Ҳадафи он эҷод кардани арзиши бештари изофӣ бо захираҳои камтар ва ба қадри имкон иваз кардани ин захираҳо бо алтернативаҳои аз ҷиҳати экологӣ тозатар нигаронида шудааст.

Масалан, Ҳукумати Норвегия барномаи миллии коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ ба атмосфераро то 30% ва то соли 2050 комилан қатъ кардани ҳама гуна партовҳоро таҳия кардааст. Шветсия принсипҳои «сабз»-ро дар тамоми бахшҳои иқтисодиёт фаъолона татбиқ мекунад ва нақша дорад, ки дар солҳои охир пурра аз нафт халос шаванд. Инчунин, ангиштсанг ва энергияи атомиро аз равандҳо хориҷ кунанд ва ба пурра қонеъ гардонидани талаботи энергетикиро аз ҳисоби истифодаи манбаъҳои энергияи шамол таъмин намоянд.

Шветсия, инчунин, аз ҷиҳати истифодаи сӯзишвории биологӣ дар нақлиёт дар ҷаҳон ҷойи аввалро ишғол мекунад. Бояд қайд кард, ки истифодаи этанол ва биодизел тавассути тадбирҳои аз қабили танзими андоз, озод кардани андоз аз энергия, кам кардани андоз аз мошинҳои тоза ҳавасманд карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, соҳаҳои экологӣ, технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ба қисми муҳими иқтисоди Иттиҳоди Аврупо табдил меёбанд. Дар 10 соли охир (пеш аз пандемия) суръати афзоиши солонаи онҳо ба 8 фоиз ва ҳаҷми солона ба 320 миллиард евро расидааст. Дар ҳоли ҳозир Иттиҳодияи Аврупо 1/3 бозори ҷаҳонии технологияҳои сабзро дар ихтиёр дорад ва тибқи пешгӯӣ, он метавонад то солҳои наздик ҳиссаи онро ду баробар афзоиш диҳад [3, с. 225].

Вобаста ба предмети омӯзиши тадқиқот бояд қайд кард, ки Олмон дар ҷаҳон ҳамчун яке аз пешсафон дар бозори ҷаҳонии технологияҳои сабз эътибори устувор дорад. Барои мисол, 23% тамоми технологияҳои дар ҷаҳон патентшуда дар соҳаи экология ва зиёда аз 30% дар соҳаи энергияи офтоб ва шамол ба ширкатҳои олмонӣ рост меоянд. Дар корхонаҳое, ки дар бахши «сабз» фаъолият мекунанд (энергетика, нақлиёт, коркард ва нобудсозии партовҳо ва ғайра) тақрибан 2 миллион нафар ё 4,5 фоизи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳанда тамоюли доимии афзоиш дорад.

Ба шарофати рушди технологияҳои "сабз" ба кишвар муяссар шуд, ки сатҳи партовҳои газҳои гулхонаӣ ба таври қобили мулоҳиза коҳиш ёбад. Ин рақам дар соли 2010 нисбат ба соли 1990 25% камтар аст. Олмон ҳадаф дорад, ки дар ҷорӣ намудани технологияҳои тоза дар ҷаҳон пешсаф гардад. Инкишоф додан ва ба вуҷуд овардани нақлиёти электрикӣ яке аз ҳадафҳои мазкур ба шумор меравад. Инчунин, дар назар аст, ки дар муддати кӯтоҳ барои таҳқиқот

ва коркарди ин бахш 17 миллиард евро сармоягузорӣ шавад. Саноати электромобилӣ ба таври илова 30 ҳазор ҷойи корӣ ба вучуд меоварад [3, с. 227].

Дар Ғарб сиёсати минтақавии идоракунии табиат ва ҳифзи муҳити зист аз барномаҳои минтақавӣ оғоз шуда, вазифаҳои мақсаднокро ҷамъ меорад, ки афзалияти онҳо баҳснопазир аст.

Тибқи методологияи муосир, барномаҳои мақсадноки рушди минтақаҳо бояд ҳадафҳои се намуди асосиро дар бар гиранд:

- тақсимоти оқилонаи истеҳсолот. Дар он ба муомилоти иқтисодӣ ҷалб намудани навъҳои нави захираҳо ва самаранок истифода бурдани онҳо; ноил шудан ба махсусгардонии оқилонаи минтақаҳо; ташкил намудани комплексҳое, ки аз имконияту захираҳои маҳаллӣ ҳарчи пурратар истифода мебаранд.

- рушди устувори захираҳо ва муҳити зист. Ин намуд ба ташкили миқёси оқилонаи истеъмоли захираҳои табиӣ ва экологӣ нигаронида шудааст; пешгирӣ ё маҳдуд кардани таъсири манфии антропогенӣ ба табиат, ки ба ҳаёти аҳолӣ ва рушди иқтисодиёт зарар мерасонад; фароҳам овардани шароит барои туризм ва истироҳат.

- таъмини шароити муътадили зисти экологӣ ва иқтисодӣ ва як сатҳи зиндагӣ. Пешгирии таназзули минтақаҳои депрессия, коҳиш додани оқибатҳои бекорӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, баробар кардани сатҳи даромад, ҳавасмандгардонии муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ ба самти дуруст [2, с. 504].

Таҷрибаи беҳтарини истифодаи захираҳои табиӣ дар кишварҳо фарқ мекунад. Дар баъзе кишварҳо таҷрибаи ҳифзи сарватҳои табиӣ, аз қабили ҳайвонот ва наботот ва маҳдуд кардани истифодаи онҳост. Дар дигар кишварҳо ҳадаф метавонад ба ҳадди аксар истифода бурдани захираҳои табиӣ бо роҳи аз ҷиҳати экологӣ тоза бошад. Бояд қайд кард, ки дар кишварҳои саноатӣ имрӯз масъалаи нигаҳдории муҳити зист аз ифлосшавӣ яке аз самтҳои муҳими фаъолияти хоҷагидорӣ ба шумор меравад. Новобаста ба он ки сарватҳои табиӣ сарчашмаи даромади калон дар ин кишварҳо эътироф шуда бошад ҳам, дар ҷараёни истихроҷ, коркард ва истеҳсоли пурраи маҳсулот мубориза бар зидди ифлосшавӣ дар мадди аввал меистад.

**Ҷадвали 1.- Механизмҳои иқтисодии мубориза бо ифлосшавӣ дар кишварҳои рушди саноатӣ**

| Навъи механизм | Тавсифи умумӣ |
|---|---|
| 1 | 2 |
| Пардохтҳо | |
| Пардохт барои ифлосшавӣ | Пардохт барои партофтани моддаҳои ифлоскунанда ба муҳити зист пардохта мешавад, маблағи пардохтҳо аз ҳаҷм ва таркиби партовҳо вобаста аст |
| Пардохтҳои мусоидаткунанда | Маблағҳои пардохт ба "ифлоскунандаҳо" баргардонида намешаванд |
| Пардохтҳои тақсимӣ | Маблағи пардохтҳо ба "ифлоскунандаҳо" дар шакли субсидия барои насби таҷҳизоти нави назорат баргардонида мешавад |

| | |
|---|---|
| Пардохтҳои истеъмолӣ | Барои ҷуброн кардани хароҷоти коллективона, назорати ҷамъиятии экологӣ |
| Пардохтҳои молӣ | Дар шакли иловапулӣ ба нархи маҳсулоте, ки аз ҷиҳати экологӣ ифлос ё муттаҳидшавӣ душвор аст, ситонида мешавад |
| Пардохтҳои маъмурӣ | Назорат ва иҷозат додани пардохтҳо |
| Субсидияҳо | |
| Дотатсия (қарзҳои бебозгашт) | Шаклҳои бебозгашти ёрии молиявӣ барои чораҳои таъҷилии кам кардани ифлосшавӣ |
| Қарзҳои имтиёзнок ва имтиёзҳои андоз | Қарзҳое, ки бо тадбирҳои кам кардани ифлосшавӣ алоқамандианд ва бо фоизи кам дода мешаванд. Истеҳлоки тезонидашуда, озодкунӣ аз андозҳо, пардохтҳо ё миқдори андоз ҳангоми андешидани чораҳои мушаххас оид ба кам кардани ифлосшавӣ иҷозат дода мешавад |

**Сарчашма.** С. Безгубова, А.А. Зарубежный опыт управления использованием природных ресурсов / А.А. Безгубова // Известия Тульского государственного университета. Экономические и юридические науки. - 2015. - №4-1. - С. 504-508.

Бояд қайд кард, ки технологияи ҳифзи муҳити зист дар истеҳсолот истифодаи усулҳои самаранок ва масъулиятноки ҳифзи муҳити зистро дар назар дорад. Одатан усулҳо барои пешгирӣ ва назорати ифлосшавии об ва ҳаво, инчунин, татбиқи технологияҳои каммасраф ва бехатар истифода мешаванд. Илова бар ин, стандартҳо ба монанди идоракунии партовҳо, назорати равандҳо ва истифодаи маводи самаранок ва бехатар бояд татбиқ карда шаванд.

Ҳастанд якчанд мамлакатҳое, ки дар истифодаи сарватҳои табиӣ таҷрибаи хуб доранд. Дар ИМА, дар ибтидои солҳои 2000-ум барои гузаштан аз истифодаи захираҳои сатҳи баланд ба истифодаи самараноктар кӯшишҳои зиёд анҷом дода шуданд. Барномаи миллии муҳити зист (NEPA) як воситаи тавонои назорати истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист гардид.

Австралия ва Канада низ усулҳои хеле самарабахши истифодаи захираҳои табииро истифода мебаранд. Дар Чин ва Ҷопон барои беҳтар кардани таҷрибаҳои идоракунии захираҳои табиӣ, аз қабили сарфаи об ва сарфаи энергия чораҳои самарабахш андешида шудаанд.

Қайд кардан муҳим аст, ки даромад аз истифодаи сарватҳои табиӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ, чун қоида, ба воситаи низоми андозҳое гирифта мешавад, ки ба гирифтани рентаи табиӣ аз истифодабарандаи сарватҳои табиӣ нигаронида шудааст. Дар давлатҳои аз сарватҳои табиии бой андозҳо, аз қабили роялти, андозҳои соҳибихтиёр, андозҳои махсус аз фоидаи корхонаҳои маъдани кӯҳӣ, пардохтҳои дифференсиалии рента, андози замин ва ғайра амал мекунанд.

Ғайр аз ин, даромади аз истифодаи сарватҳои табиӣ дар асоси шартномаҳои тақсимоти маҳсулот ва бо роҳҳои дигар тақсим карда мешавад. Таҷрибаи бисёр давлатҳо нишон медиҳад, ки механизмҳои ситонидани

андозҳо хеле гуногунанд. Бо назардошти шароити мушаххаси рушди Русия мо метавонем унсурҳои гуногуни идоракуниро ба монанди танзими иҷора, суғурта, пардохтҳои маъмурии манъкунанда ва ғайра истифода намоем [9, с. 8].

Дар аксари давлатҳои ҷаҳон принсипи андозбандии фоидаи зиёдатие, ки аз истифодабарии сарватҳои табиӣ гирифта мешавад, амал мекунад. Дар кишварҳое чун Норвегия, Венесуэла, Кувайт, Уммон, ИМА (Аляска) пардохти иҷора аз истифодабарандагони конҳои нафту газ, дар Чили аз ҷониби ширкатҳои коркарди конҳои мис пардохта мешавад, ки ин боиси афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мегардад.

Масалан, дар соли 2000 ба шарофати нархи баланди нафт дар Аморати Муттаҳидаи Араб, ММД 14% афзоиш ёфта, ММД ба ҳар сари аҳолӣ 17,400 долларро ташкил дод[11, с. 496].

Яке аз самти муҳими фаъолияти хоҷагидории кишвар дар самти истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва татбиқи вариантҳои имконпазир барои Тоҷикистон омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пасошӯравӣ ба шумор меравад.

Истифодаи захираҳои табиӣ дар фазои пасошӯравӣ маҷмуи таҷрибаҳоест, ки барои ба даст овардан, истифода ва тақсими захираҳои табиӣ истифода мешаванд. Ин усулҳо аксар вақт барои таъмини рушди якхелаи қаламрав ва минтақаҳои пасошӯравӣ истифода мешаванд. Инҳо метавонанд танзими истеъмоли энергия ва захираҳои табиӣ, стратегияҳои истифодаи самаранок ва ҳифзи захираҳо ва барномаҳои муайян кардани афзалиятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бошанд.

Қайд кардан муҳим аст, ки калонтарин ҷузъи сарвати миллии Русия захираҳои табиӣ мебошанд, ки аз рӯйи ҳисобҳои гуногун 40-50% ё бештар аз арзиши имрӯзаи онро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, арзёбиҳои сарватҳои табиии Русия, захираҳои онҳо, дараҷаи иктишоф ва коркард, истихроҷ ва истифода ва махсусан, талафот ҳангоми истихроҷ ва истифода хеле мухолифанд.

Иқтидори беҳамтои захираҳои табиии Русия бо истифодаи самараноки он яке аз шартҳои муҳимтарини рушди устувори кишвар ҳам дар айни замон ва ҳам дар даврахои дарозмуддат мебошад. Фонди замини давлат чӣ аз ҷиҳати масоҳат ва ҳам аз ҷиҳати сифати заминҳои хоҷагии қишлоқ, ки дар як қатор минтақаҳо воқеъ аст, беназир мебошанд [8].

Аз ҷиҳати қаламрави бо ҷангал пушондашуда ва захираи сарватҳои ҷангал ҷойи якумро Россия ишғол менамояд. Мамлакат дорои ҳаҷми хеле зиёди маҷрои миёнаи солонаи дарёҳо (ҷойи дуюм дар ҷаҳон) ва захираи оби тоза дар кӯлҳо (ҷойи аввал); мавҷудияти сарвати муҳимтарини табиии захираҳои обӣ барои Русия дар давраҳои дарозмуддат дар шароити норасоии умумии об барои рушд шароити хеле мусоид фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, дар Русия, лоиҳаҳои зиёде мавҷуданд, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ нигаронида шудаанд. Онҳо таҳияи технологияҳои салоҳиятдори истеҳсоли энергия, таҳқиқи партовҳо, сохтмони минтақаҳои биосфера, ҳифз ва барқарорсозии захираҳои ҷангал, лоиҳаҳо дар соҳаи экология ва бехатарии маводи кимиёвиро дар бар мегиранд. Илова бар ин,

мақомотҳои дахлдор барномаҳоеро пешниҳод мекунанд, ки ҷонибҳои манфиатдор ва ҷомеаро барои самараноктар ва оқилона истифода бурдани захираҳо таълим ва ҳавасманд мекунанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар раванди истифодаи усулҳои иқтисодӣ дар идоракунии оқилонаи табиат ҳавасмандгардонии моддӣ нақши махсус мебозад. Усулҳои нақшавӣ-маъмурии идоракунии хоҷагии халқ, ки кайҳо боз ба кор бурда мешуданд, корхонаҳоро ба афзоиши экстенсивии истеҳсолоти саноат, истихроҷи маъдан, истифода бурдани заминҳои хоҷагии қишлоқ, ҷангал ва ғайра равона кардаанд [8].

Дар кишварҳои пасошӯравӣ кишвари Қазоқистон низ аз ҷиҳати сарватҳои табиӣ хеле бой мебшад. Мувофиқи маълумоти олимон, Қазоқистон аз ҷиҳати захираҳои табиӣ дар ҷаҳон ҷойи 6-умро ишғол мекунад. Аз 110 элементи ҷадвали даврӣ 99-тоаш дар қаъри он муайян карда шуда, 70-тоаш таҳқиқ карда шуда, 60 элемент истихроҷ карда шуда истодааст. Қазоқистон аз ҷиҳати истеҳсоли волфрам ҷойи якумро ишғол намуда, аз ҷиҳати захираи маъдани хром ва фосфор ҷойи 2-юм, сурбу молибден 4-ум ва аз рӯйи захираи умумии маъдани оҳан 8-умро ишгол мекунад.

Захираи кашфшудаи нафт дар Қазоқистон қариб 40 миллиард баррел ё 6,5 миллиард тоннаро ташкил медиҳад. Захираи пешбинишудаи нафт танҳо барои конҳои воқеъ дар бахши Қазоқистони баҳри Каспий беш аз 120 миллиард баррел ё 17 миллиард тоннаро ташкил медиҳад. Қазоқистон аз ҷиҳати захираҳои собитшудаи нефть дар ҷаҳон ҷойи 13-умро ишғол мекунад. Захирахои калони ангишт, гази табиӣ ва уран мавчуданд, 173 кони тилло кашф карда шудаанд. Захираи ангишт дар Қазоқистон 35,8 миллиард тонна (3,6% захираҳои ҷаҳониро) ташкил медиҳад. Аз рӯйи захира ва истихроҷи ангишт дар байни кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Қазоқистон баъд аз Русия ва Украина дар ҷойи 3-юм аст [6].

Истифодаи устувори сарватҳои табиӣ дар Қазоқистон ба татбиқи усулҳои дурусти истифодабарии сарватҳои табиӣ бо мақсади пешгирӣ кардани камшавии шадиди онҳо дар оянда пешбинӣ шудааст. Ин истифодаи захираҳоро барои таъмини фоидаи иқтисодӣ дар муддати тӯлонӣ дар кишвар нигаронида шудааст.

Принсипҳои асосии истифодаи устувори захираҳои табиӣ дар ин кишвар аз идоракунии самараноки захираҳо, мутобиқсозии захираҳои табиӣ ба талаботи одамон ва таъмини дастрасии наслҳои оянда ба онҳо ибрт мебошад.

Яке аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки аз сарватҳои табиӣ хеле бой аст, Узбекистон мебошад. Пас аз ба даст овардани истиқлолият Узбекистон мисли тамоми кишварҳои пасошӯравӣ иқтисоди дорои истеҳсолоти энергетикӣ ва моддиталаб, техникаву технологияҳои кӯҳнаву олудакунандаро мерос гирифт. Аз ин лиҳоз, аз рӯзҳои аввали истиқлолият ба ҳам пайвастани банақшагирии макроиқтисодӣ ва сиёсати экологӣ бо назардошти ҳамгироии соҳаҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва дигар соҳаҳо вазифаи асосӣ буд.

Дар тӯли солҳои истиқлолият дар Узбекистон стратегияҳои таҳкими ҳифзи муҳити зист, ташкили системаҳои идоракунӣ, истифодаи захираҳои табиӣ ва таҳияи сиёсати ҳамаҷонибаи экологӣ таҳия карда шуданд. Базаи қонунгузорӣ хеле мустаҳкам гардид. Қариб 30 қонун ва зиёда аз 350 санади

меъёрии ҳуқуқие, ки масъалаҳои ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи захираҳои табииро танзим мекунанд, мавриди амал қарор дода шуданд [5].

Инчунин, дар барномаҳои иқтисодии кишвар чораҳои зиёди истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ пешбинӣ шудааст.

Барномаҳои мухталифи иқтисодӣ маҷмуи тадбирҳо ва роҳҳои татбиқи онҳоро дар чор самти асосии зерин тавсиф мекунад:

1. Ҳифзи муҳити зист ва бехатарии экологӣ.

2. Истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои идоракунии муҳити зист.

3. Такмили заминаи ҳуқуқӣ ва рушди илми экологӣ, маориф ва тарбияи экологии аҳолӣ.

4. Ҳамкории байналмилалӣ ва амнияти минтақавии экологӣ [5].

Ҳавасмандгардонии идоракунии оқилонаи муҳити зист дар сатҳи байналмилалӣ низ амалӣ карда мешавад. Дар марҳалаи ҳозира ҳамкории байналхалқӣ (категорияҳои алоҳидаи онҳо ҳамкории транссарҳадӣ ва сарҳадӣ) дар соҳаи идоракунии табиат ва ҳифзи муҳити зист ҳамчун блоки мустақили фаъоли сиёсати берунии давлатҳои пасошӯравӣ, бахусус Россия ҳисоб карда мешавад. Ин ба аҳамият ва масъулияти махсуси минтақа вобаста аст, ки дорои захираҳои табиӣ ва потенсиали муътадилсозии муҳити зисти дорои аҳамияти ҷаҳонӣ мебошад.

Хартаи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Барномаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи тиҷоративу иқтисодии кишварҳои узви СҲШ аз самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ дар доираи СҲШ таъмини идоракунии оқилонаи муҳити зист, аз ҷумла истифодаи захираҳои об дар минтақа мебошанд. Татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои махсуси экологии муштарак, инчунин, расонидани ёрии ҳамдигарӣ дар пешгирии ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиию техногенӣ ва рафъи оқибатҳои онҳо талаботи замони муосир ба шумор меравад. Оқибатҳои фаъолияти иқтисодии кишварҳои иштирокчӣ, ки бо зарар ба муҳити табиӣ алоқаманданд, аксар вақт хусусияти фаромарзӣ доранд [8].

Аз ин лиҳоз, истифодаи оқилонаи муштараки сарватҳои табиӣ дар шароити рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ омили муҳими ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми ҷуонашавандаи ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, барои истифодабарии судманди сарватҳои табиӣ заминаҳои ҳуқуқиву иқтисодӣ муҳайё шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян намуда, ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, кафолати ҳуқуқи инсон ба муҳити солим ва мусоид, таҳкими волоияти қонун, пешгирии таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ, ташкили истифодаи окилонаи захираҳои табиӣ ва таъмини бехатарии экологӣ нигаронида шудааст [4].

Истифодаи сарватҳои табиӣ дар шароити номуайянии рушди иқтисодиёти ҷаҳон масъалаи муҳим аст ва метавонад боиси мушкилот ва таксимоти захираҳо гардад. Кишварҳои сусттараққикарда одатан захираҳои табиии маҳдуд ва дастгирии берунии ночиз доранд, аз ин рӯ истифодаи онҳо

бояд самаранок бошад, то рушди дарозмуддати чунин кишварҳоро дастгирӣ намояд [12, с. 21].

Вобаста ба масъалаи мазкур бояд қайд кард, ки истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва танзими давлатии он яке аз самти муҳими рушди фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвар ба шумор меравад.

Танзими давлатии захираҳои табиӣ раванди таҳия ва татбиқи қонунҳо, сиёсатҳо ва расмиётест, ки ба истифода ва ҳифзи захираҳои табиӣ бо мақсадҳои бехатар, самаранок ва устувор равона шудаанд. Ин раванд эҷоди қонунҳо, андозҳо, иҷозатномаҳо ва қоидаҳоро барои назорати истифодаи захираҳои табиӣ дар бар мегирад.

Миқёси беканори истихроҷ ва истифодаи сарватҳои табиӣ дар айни замон боиси нигаронии одилонаи бисёре аз мутахассисон мегардад. Ба ақидаи коршиносон, захираи нафт дар ҷаҳон 82 миллиард тонна арзёбӣ мешавад. Бо истеъмоли муосир ин миқдор барои 30 сол кифоя хоҳад буд, ҳатто дар сурати 5 баробар афзудани захираҳои исботшуда, бо назардошти ин, он барои 50 сол кофӣ хоҳад буд. Платина, тилло, руҳ, сурб барин металлҳо имрӯз хеле кам шудаанд. Бо суръати кунунии истеъмоли металлҳои ранга, захираҳои нуқра, руҳ, уран дар ҳамин аср тамом шуда метавонанд ва то соли 2050 норасоии металлҳои дигар ба миён меояд [7].

Масалан, агар захираҳои энергетикро иваз карда тавонем, пас хок ивазнашаванда аст ва шарти зарурии мавҷудияти инсоният мебошад. Дар сайёраи мо заминҳои корамшуда ва барои кишт мувофиқ каме бештар аз 10% аз масоҳати умумии 148 миллион $км^2$ заминро ташкил медиҳанд. Таъсири доимии об, ҳарорати ҳаво, шамол ва дигар омилҳо барои мавҷудияти хок таҳдиди ҷиддӣ аст. Масалан, заминҳои ҳамаи қитъаҳои ҷаҳон ба эрозия дучор мешаванд. Дар ИМА зиёда аз 400 миллион гектар, дар Хитой - қариб 150 миллион гектар, дар қисми аврупоӣ қариб 50 миллион гектар ба эрозияи обӣ дучор гардидаанд.

Ҳаҷми умумии об дар уқёнусҳо ва баҳрҳо аз ҳаҷми тамоми заминҳои аз сатҳи баҳр 10 маротиба зиёд аст [13, с. 15]. Бо вучуди ин проблема, бо оби нушокӣ таъмин намудани аҳолӣ имрӯз ҳам тезутунд шудааст. Истеъмоли об ба ҳисоби миёна имрӯз барои ҳар як сокини Замин дар як сол каме камтар аз 1 миллион литрро ташкил медиҳад.

Заводҳо, фабрикаҳо, стансияҳои электрикӣ ба миқдори зиёд об сарф мекунанд. Имрӯзҳо об ба миқдори зиёд бо партовҳои гуногун, моддаҳои заҳролуд олуда шудааст. Уқёнус ҳам ба ифлосшавӣ рӯ ба рӯ гаштааст. Ба гуфтаи олими фаронсавӣ Кусто, дар 20 соли охир ҳаёт дар зери об 40% коҳиш ёфтааст. Садҳо намуди моҳӣ ва дигар ҷонварони баҳри чуқур абадан мурданд [7].

Бинобар ин, роҳи беҳтарини истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ барои инсоният мақсаднок истифода бурдани онҳо дар саноат, хоҷагии қишлоқ, энергетика ва дигар соҳаҳо мебошад. Инро тавассути қабули сиёсатҳо ва барномаҳои муассир, мусоидат ба истифодаи энергияи офтоб, истифодаи технологияҳои каммасраф, интиқоли самараноки маҳсулот ва истеъмоли захираҳо ва ғайра ба даст овардан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, аҳамияти таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ барои Тоҷикистон хеле муҳим мебошад. Иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалӣ имкон медиҳад, ки ҳангоми азхудкунии захираҳои табиӣ ба технологияи инноватсионӣ дастрасӣ пайдо карда, маҳсулнокии қувваи кориро баланд бардорад. Ифтитоҳи бештари бозорҳои байналмилалӣ боиси афзоиши содироти маҳсулоти тайёр мешавад ва ба кишвар даромад меорад. Корхонаҳои Тоҷикистон низ метавонанд аз истифодаи равандҳои хориҷӣ баҳра баранд, ки ба рақобатпазирии онҳо ва беҳтар шудани сифати молу хидматрасонӣ мусоидат мекунад.

**Адабиёт**


1. Абдулов, Д.Н. Механизм рационального природопользования в системе финансовых отношений / Д.Н. Абдулов // Экономика и управление в XXI веке: стратегии устойчивого развития: сборник статей III Международной научно-практической конференции, Пенза, 05 сентября 2017 года. - Пенза: "Наука и Просвещение" (ИП Гуляев Г.Ю.), 2017. – С. 16-19

2. Безгубова, А.А. Зарубежный опыт управления использованием природных ресурсов / А.А. Безгубова // Известия Тульского государственного университета. Экономические и юридические науки. – 2015. – № 4-1. – С. 504-508.

3. Денисова, О.К. Оценка зарубежного опыта модернизации экономики на принципах "зеленого" роста / О.К. Денисова, Г.А. Сулейманова //. – 2017. – № 2(74). – С. 218-229.

4. Закон Республики Таджикистан «Об охране окружающей среды» г. Душанбе, от 2 августа 2011 года №760.

5. Нормативные документы как источники изучения экологической истории Узбекистана. [электронный ресурс]. - URL: https://www.gramota.net. (дата обращения: 27.02.2023).

6. Проблемы рационализации использования природных ресурсов [электронный ресурс]. - URL: https://works.doklad.ru/view. (дата обращения 27.02.2023).

7. Рациональное использование природных ресурсов. [электронный ресурс]. - URL: https://www.tarbie.kz/24719. .

8. Рациональное использование ресурсов России. [электронный ресурс]. - URL: https://ecoportal.su/public/industry/view/473.html. (дата обращения 26.02.2023).

9. Трутнев Ю.П. Основные направления реформирования в области экологии /Ю.П. Трутнев // Экология производства. - 2008. - №7. - С.6-12.

10. Хофизов Х.А. Эффективность использования природно-ресурсного потенциала региона: инвестиционные аспекты. Монография /Х.А. Хофизов., Д.А. Ходиев. - Душанбе: Ирфон, 2020. – 200 с.

11. Храпов, В.Е. Государственное регулирование использования природных ресурсов в экономике иностранных государств / В.Е. Храпов, Т.В. Турчанинова // Вестник МГТУ. Труды Мурманского государственного технического университета. – 2007. – Т. 10, № 3. – С. 496-500.

12. Саидмуродов, Л. Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики / Л. Х. Саидмуродов. – Душанбе : Дониш, 2021. – 414 с. – ISBN 978-99985—7074-0. – EDN OUINAH.

13. Саидмуродов, Л. Х. Возможности и направления превентивных мер экономической политики в условиях трансформации / Л. Х. Саидмуродов // Выход постсоветского пространства из системной кризисной цикличности: формирование эволюционной модели экономического развития и расширения ЕАЭС : Материалы международной научно-практической конференции, Москва, 25–26 июня 2015 года. Том 1. – Москва: Центральный экономико-математический институт РАН, 2015. – С. 13-21. – EDN UGYKPT.

УДК: 338.242.1 (575,3)

# САРМОЯГУЗОРИҲО ВА ДУРНАМОИ РУШДИ САНОАТИ КОРКАРДИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗИИ МИНТАҚАИ КӮЛОБ

***Тагоев Ҷумахон Ҳамроевич*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисод ва идораи КАС-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.* ***Суроға:*** *734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: tagoev-d@mail.ru*

***Намозализода Шафқат Намозалӣ*** *– ассистенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: 918855757. E-mail: (Shafqat.n.tj@mail.ru)*

*Дар мақола тамоюли сармоягузориҳо ба саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи кишвар ва минтақаҳои он мавриди арзёбӣ қарор гирифта, таваҷҷуҳи асосӣ ба минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон равона гардидааст. Аз ҷумла, бо мақсади муайян намудани таъмини самаранокии сармоягузориҳо фаъолияти якчанд корхонаи коркарди маҳсулоти кишоварзии сатҳи минтақа мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуда, вобаста ба мушкилот ва самтҳои рушди онҳо тавсияҳои мушаххас баён гардидааст. Ҳамзамон, бо мақсади муайян намудани дурнамои рушди устувори коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, бо такя ба таҳлилҳои анҷомшуда ва маълумотҳои омории солҳои 2010-2020, модели ҳисоби авторегрессионӣ барои пешбинӣ намудани вазъи ояндаи соҳа барои солҳои 2021-2030 таҳия гардидааст. Бо истифода ва натиҷагирӣ аз моделҳои таҳияшуда, дурнамои суръати рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030 муайян карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузориҳо, соҳаи кишоварзӣ, саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, комплекси агросаноатӣ, бехатарии озуқаворӣ, дурнамои рушд, лоиҳаи мақсаднок, дастгирии давлатӣ, сармоя.*

## ИНВЕСТИЦИИ И ПРОГНОЗ РОСТА ПЕРЕРАБАТЫВАЮЩЕЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ СЕЛЬСКОХОЗПРОДУКЦИИ КУЛЯБСКОГО РЕГИОНА

***Тагоев Джумахон Хамроевич*** *– канд. экон. наук, доцент, заведующий кафедрой экономики и управления АПК, Таджикский национальный университет. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: tagoev-d@mail.ru*

***Намозализода Шафкат Намозали*** *– ассистент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. E-mail: Shafqat.n.tj@mail.ru )*

*В статье оценивается динамика* инвестиций *в отрасль по переработке сельскохозяйственной продукции на уровне страны и ее регионов, причем основное внимание направлено на Кулябский район Хатлонской области. В целях определения эффективности инвестиций была проанализирована и изучена деятельность ряда предприятий по переработке сельскохозяйственной продукции на региональном уровне, а также даны конкретные рекомендации, исходя из проблем и направлений их развития. В то же время, чтобы определить перспективы устойчивого развития сельскохозяйственного производства, на основе анализа статистических данных за 2010-2020 годы была разработана авторегрессионая модель на период 2021-2030гг. В разработанной модели были выявлены темпы развития промышленной обработки сельскохозяйственной продукции в регионе Хатлона за 2021-2030 годы.*

***Ключевые слова:*** *инвестиции, аграрный сектор, перерабатывающая промышленность, агропромышленный комплекс, продовольственная безопасность, перспектива развития, целевой проект, государственная поддержка, капитал.*

## INVESTMENT AND GROWTH FORECAST PROCESSING INDUSTRY OF AGRICULTURAL PRODUCTS OF THE KULYAB REGION

***Tagoev Jumakhon Khamroevich*** - *candidate of economic sciences, head of the department of economics and management of the AIC, Tajik national University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17.e-mail: tagoev-d@mail.ru*
***Namozalizoda Shafqat Namozali*** - *assistant of the Department of Finance of the Tajik State Financial and Economic University. Address Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimova street, 64/14. tel: 918855757. Email (Shafqat.n.tj@mail.ru)*
*The article assesses the dynamics of investment in the agricultural processing industry at the level of the country and its regions, with the main focus on the Kulyab district of the Khatlon region. In particular, in order to determine the effectiveness of investments, the activities of a number of enterprises for the processing of agricultural products at the regional level were analyzed and studied, and specific recommendations were given based on the problems and directions of their development. At the same time, in order to determine the prospects of sustainable development of agricultural production, completed analysis and statistical data, 2010-2020, the Autoregruse model was developed during 2021-2030. Using the developed models, the rate of development of industrial processing of agricultural products in the Hutlon region in Hutlon was detected in 2021-2030.*
***Key words:*** *investment, agricultural sector, processing industry, agro-industrial complex, food safety, development perspective, target project, state support, capital.*

Дар шароити афзоиши босуръати аҳолӣ ва талабот ба истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди босуръати соҳаи саноат эҳтиёҷ дошта, инкишоф ва рушди устувори соҳаҳои саноати коркардро талаб менамояд. Айни замон, аз таҳлил ва омӯзиши вазъи кунунии соҳа бармеояд, ки ғайр аз соҳаи коркард ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворию нассоҷӣ дигар соҳаҳои саноат ба монанди саноати коркарди маъдан, металлургия, мошинсозӣ, техникаю технологияи муосир ва коркарди васеи маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи зарурӣ ташаккул ва инкишоф наёфтаанд. Мушкилоти мазкур, пеш аз ҳама, аз тайёр намудани кадрҳо ва фаъолияти захираҳои меҳнатӣ, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ, истихроҷ ва коркарди захираҳои табиӣ вобаста мебошад, ки он таъмини фазои ҳуқуқӣ ва сармоягузории мустаҳкимро талаб менамояд. Амалӣ намудани фаъолияти мазкур аз мақсаднок ва дар сатҳи зарурӣ татбиқ намудани вазифаю ухдадориҳои сохторҳои давлатию хусусӣ, ки сармояи дохилию хориҷиро ҷалб менамоянд, вобаста мебошад. Барои ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби сармоягузорон ташкилоту муассисаҳои амалкунандаро зарур аст, ки дар бахши коркарди маҳсулоти кишоварзӣ кафолат ва дастгириҳои давлатӣ, лоиҳаҳои мақсадноки сармоягузорӣ ва нақшаи соҳибкориро таҳия ва татбиқ намуда, таҳлилҳои соҳавию баҳои воқеии бозорӣ дохилию хориҷиро муайян намуда, захираҳои молиявии заруриро таъмин ва сафарбар намоянд.

Бо мақсади тезонидани рушди минбаъдаи саноатикунонии босуръат ва аҳамияти муҳим доштани он дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ, “Стратегияи рушди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025”, “Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025”, “Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022” ва дигар барномаҳои соҳавӣ таҳия ва қабул гардида, мавриди амал қарор дода шудаанд [1, с. 54].

Бо вуҷуди ин, таҳлилҳо собит сохтанд, ки ислоҳоти татбиқгардида дар таъмини рушди босуръати саноати коркард кифоякунанда набуда, коҳишёбии он дар сохтори ММД аз 65%-и соли 2015 ба 56% дар соли 2019 расидааст. Дар баробари ин, ҳоло дастрасии истеҳсолкунандагони маҳсулоти ниҳоӣ ба воситаҳои арзон ва дарозмуддати молиявӣ қонеъкунанда нестанд. Гарчанде ки фаъолияти корхонаю коргоҳҳо дар самти коркарди пахта ба роҳ монда шудаанд, танҳо 30%-и он коркард шуда, дигар маҳсулот - ба монанди пилла 1,2%, меваю сабзавот бошад, танҳо 3% дар сатҳи дохили кишвар коркард мешавад, боқимондааш ҳамчун ашёи хоми содиротӣ истифода мегардад [1, с. 56].

Татбиқи ҳадафи гузошташуда барои сиёсати Ҳукумати кишвар дар соҳаи саноат нақши калидӣ дорад, зеро ин сиёсат ба гузариши босуръати иқтисодиёти мамлакат ба самти инноватсионии рушд, баланд бардоштани суръати рушди соҳаҳои истеҳсолӣ, бунёди корхонаҳои нави саноатӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, сатҳи некуаҳволӣ ва коҳишёбии сатҳи бекорӣ мусоидат менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки мушкилоти ҳалталаб дар соҳаи саноати кишвар ва таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат ҳалталаб боқӣ монда, ин ва дигар муаммоҳо аз ҷониби олимони ватанӣ мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор дода шудаанд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд [9]:

- норасоӣ дар гардиши сармояи корхонаҳо ва фоизи нисбатан баланди қарзҳои бонкӣ;
- баррасии масъала тавассути тендери сармоягузорӣ бо шарту уҳдадориҳо ва ба фурӯш баровардани саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳомии соҳаи саноати ҷумҳурӣ, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи давлат мавҷуд мебошад;
- ақибмонии техникӣ ва технологӣ, дараҷаи баланди фарсудашавии моддию маънавии таҷҳизоти саноатию кишоварзӣ;
- сатҳи нокифояи рушд, рақобатпазирӣ ва диверсификатсияи саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ.

Ҳалли мушкилоти зикргардида аз таъмини сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ вобастагӣ дорад, ки тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан сармоягузории соҳаи саноати кишвар аз ҳисоби сармояи мустақими хориҷӣ таъмин гардида, ҳиссаи дигар намуди сармоягузориҳо танҳо 0,5-0,6 млн доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки ҳаҷми воридоти сармояи мустақим ба соҳаи саноати коркард дар диаграммаи 1 оварда шудааст.




**Сарчашма:** *Воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодии соли 2020***с***омонаи интернетӣ URL: [http:// WWW.invest.tj](http://WWW.invest.tj) (санаи муроҷиат: 29.10.2022). Маълумотнома оид ба воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. - С. 2.*

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои дар диаграмма инъикосёфта муайян мегардад, ки сармоягузории мустақими хориҷӣ ба соҳаи саноати коркард давоми солҳои 2016-2021 тамоюли коҳишёбӣ дорад, вале агар ба ҳаҷми умумии он назар афканем, тӯли солҳои амалишавии ҳадафи чоруми стратегӣ, яъне саноатикунонии босуръати кишвар, дар маҷмуъ, 324289,3 ҳазор доллар сармояи мустақим ворид гардидааст, ки ин маблағ дар ҳалли мушкилоти молиявӣ ва таъмини рушди соҳа мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, ҷиҳати тақвият бахшидани ҷалби сармояи хориҷӣ, махсусан сармоягузории мустақим барои бахшҳои саноати коркард ба Ҳукумати кишвар супориш дода шуд, ки чораҳои мушаххасро андешида, давоми панҷ соли оянда дар доираи “Солҳои рушди саноат” ҳаҷми сармоягузории мустақимро нисбат ба ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ то 10 фоиз расонад. Ҳоло дар мамлакат 82 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 42 миллиард сомонӣ амалӣ шуда истодааст. Аммо эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи кишвар аз ин ҳам сармояи бештарро талаб менамояд. Аз ин рӯ, соҳаҳои дахлдор вазифадор гардиданд, ки дар панҷ соли оянда ба иқтисоди миллӣ беш аз 60 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ ҷалб намоянд [7, с.12].

Барои амалӣ гардидани ин раванд низоми электронии пайгирии муроҷиати сармоягузорон дар доираи “Равзанаи ягона” роҳандозӣ карда шуд, ки ба ин восита ҳамкории электронӣ бо сармоягузорон дар ҳама сатҳҳои мақомоти давлатӣ ба танзим дароварда мешавад. Ҳамзамон, соли 2022 раванди бақайгирии субъектҳои соҳибкорӣ ба тариқи электронӣ дар муддати 24 соат ба роҳ монда шуд. Дар назар аст, ки 5 соли оянда барои таъмини рушди саноати сабук бунёди 5 маҷмааи коркарди ниҳоии нахи пахта бо ҷалби беш аз 11 миллиард сомонӣ роҳандозӣ карда шавад [7, с.12]. Ҳолати мазкур гувоҳи он аст, ки таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат бевосита ба соҳаи саноат ва рушди босуръати он нигаронида шуда, амалишавӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии кишварро таъмин менамояд.

Ҳамчунин, ҷиҳати таъмини сармоягузориҳои саноатикунонии босуръат, вазъи кунунии онро дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додем, ки дар натиҷа, ҳаҷми сармояи ҷалбгардида ва сафарбарнамоии онҳо ба ноҳияҳое, ки қисми таркибии минтақаро ташкил медиҳанд, муайян карда шуд (ниг. ба ҷадвали 1).

Вазъи сармоягузориҳо дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон нишон медиҳад, ки тайи солҳои таҳлилӣ дар маҷмуъ 132152,5 ҳазор доллари ИМА сармояи мустақим ва 85625,17 ҳазор доллари ИМА дигар намуди сармоя ба вилояти Хатлон ҷалб гардидааст. Аз ин микдор 56849,01 ҳазор доллари ИМА сармояи мустақим ё 43% ва 69666,12 ҳазор доллари ИМА ё 81,3% аз дигар намуди сармоягузориҳо ба минтақаи Кӯлоб равона гардидааст, ки он бештар ба н. Данғара, н. Восеъ ва н. Ш. Шоҳин сафарбар шуда, мушкилотро дар таъмини захираҳои молиявии минтақа қисман бартараф намудааст. Гарчанде миқдори ками сармоягузориҳо дар соҳаи саноати коркарди минтақа истифода шуда бошад ҳам, вале он ба инфрасохтори зарурӣ равона гардидааст. Зеро онҳо низ дар таъмини ашёи хом, логистики мол ва таъсиси корхонаҳои нав мусоидат менамоянд. Аммо дар баробари ин ноҳияҳо дигар шаҳру ноҳияҳое ҳастанд, ки имконияти ташкили васеи корхонаҳои истеҳсолиро дар самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дошта ба сармоягӯзорӣ ниёз доранд, ки масъалаи мазкур ҳалталаб мебошад. Дар баробари ин, таваҷҷуҳи соҳибкорони ватанӣ ба соҳаи саноат ва коркарди ниҳоии маҳсулоти кишоварзӣ назаррас буда, аз ҷониби онҳо корхонаҳо дар ҳар як шаҳру ноҳияи тобеи минтақаи Кӯлоб бунёд гардида истодааст, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар дастгирӣ меёбанд.

Таҷрибаи амалии фаъолияти сармоягузорӣ ва ташаккулу равнақи корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ нишон дод, ки тайи солҳои охир дар миқёси минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон чунин корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба кор даровварда шуданд.

Танҳо соли 2021 дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон, аз ҷумла н. Данғара - 9 адад, ш. Кӯлоб - 5, Темурмалик, Восеъ ва Норак - 4 адад, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ -3 адад, Ховалингу Балҷувон – 2 адад ва н. Муъминобод - 1 адад корхонаҳо дар самти истеҳсоли маҳсулоти хӯроквӯрӣ, нассоҷӣ ва сохтмонӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт [10].

**Ҷадвали 1. - Вазъи сармоягузориҳо дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон давоми солҳои 2017-2021 (ҳаз. долл. ИМА)**

| № | Шахру ноҳияҳо | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | | 2021 | | Ҳамагӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | сармоягузориҳои мустақим | ҳар гуна сармоягузориҳо | сармоягузориҳои мустақим | ҳар гуна сармоягузориҳо | сармоягузориҳои мустақим | ҳар гуна сармоягузориҳо | сармоягузориҳои мустақим | ҳар гуна сармоягузориҳо | сармоягузориҳои мустақим | ҳар гуна сармоягузориҳо | сармоягузориҳои мустақим | ҳар гуна сармоягузориҳо |
| | **Вилояти Хатлон** | **29358,73** | **30082,02** | **59922,41** | **22148,75** | **10595,17** | **11231,23** | **14688,63** | **13519,29** | **17587,58** | **8643,88** | **132152,5** | **85625,17** |
| | **Минтақаи Кӯлоб ҳамагӣ, аз ҷумла:** | **5802,78** | **27442,25** | **26711,13** | **26746,65** | **9866,37** | **7304,17** | **2960,5** | **8173,05** | **11508,23** | | **56849,01** | **69666,12** |
| 1 | **н. Восеъ** Баҳрабардории низомҳои обёрӣ ва мелиоративӣ, об расонии кишоварзӣ | | | | | | 827,1 | | 5396,3 | | | - | 6223,4 |
| 2 | **н. Данғара** Тайёр кардани нахи бофандагӣ, Истеҳсоли маснуоти тамоку, интиқоли барқ, иҷораи автобусҳои шаҳрӣ ва байнишаҳрӣ бо ронанда, дигар фаъолиятҳои нақлиёти ёрирасон, дигар фаъолиятҳо дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ ва ғайра | 5802,78 | 16322,75 | 26691,23 | 22148,75 | 9866,37 | 6477,07 | 2960,5 | 2776,75 | 11503,18 | | 56824,06 | 47725,32 |
| 3 | **н. Ш. Шоҳин** Сохтмони роҳҳои автомобилгард, роҳҳо, фурудгоҳҳо ва иншоотҳои варзишӣ | | 11119,5 | 19,9 | 4597,9 | | | | | | | 19,9 | 15717,4 |
| 4 | **н.Балҷувон** Истихроҷи нафти хом ва гази даргузар | | | | | | | | | 5,05 | | 5,05 | - |

**Манбаъ:** коркарди муаллифон дар асоси маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҳисобот дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи минтақаҳо барои соли 2017; 2018; 2019; 2020; 2021. Ҳисобот дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи соҳаҳо барои соли 2017; 2018; 2019; 2020; 2021

Ҳамчунин, зимни сафари кории Роҳбари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Хатлон 21 корхонаю коргоҳи саноатиро ба истифода доданд, ки аз ин шумора 10 адади он ба минтақаи Кӯлоб рост меояд, аз ҷумла шаҳри Кӯлоб (корхонаи азими нассоҷӣ), Ховалинг (корхонаҳои банду басти асал, парандапарварӣ), Данғара (корхонаҳои равғанбарорӣ, макаронбарорӣ ва консерваи меваю сабзавот, ширӣ, қаннодӣ), Муъминобод (корхонаи шароббарории "Тоҷвайн"), Фархор (корхонаи дӯзандагӣ), Восеъ (корхонаи дӯзандагӣ ва ҳунарҳои мардумӣ), Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (корхонаҳои халтаҳои пропиленӣ, нонӣ ва қаннодӣ), Балҷувон (коргоҳи банду басти асал), Темурмалик (корхонаҳои пойафзолбарорӣ, дӯзандагӣ ва мебелбарорӣ) мебошанд [10].

Ҳоло шумораи корхонаҳои саноатии шаҳри Кӯлоб 46 адад буда, аз ҷумла 7 корхонаи коркарди сангу шағал, 3 корхонаи хишти пухта, 2 корхонаи мошинсозӣ, 1 коргоҳи мебелбарорӣ ва дар самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ бошад, 14 корхонаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, 9 корхонаи пахтатозакунӣ, корхонаи ресандагӣ, 4 корхонаи дӯзандагӣ фаъолият доранд. Корхонаҳои мазкур зиёда аз 180 номгӯй маҳсулот, аз қабили нахи пахта, хишти бинокорӣ, регу қуми шустагӣ, бетони бинокорӣ, хишти сементӣ, нон ва маҳсулоти нонӣ, маҳсулоти макаронӣ, мебелҳои гуногун, 66 намуди маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғайра истеҳсол менамоянд [10].

Метавон барои мисол ба фаъолияти ҶДММ "Парки нассоҷии шаҳри Кӯлоб" шиносоӣ пайдо намоем. Корхонаи мазкур дар як сол 34 миллион ҷуфт ҷуроб истеҳсол менамояд, ки ҳамчун маҳсулоти рақобатпазир 95%-и он ба хориҷи кишвар, аз ҷумла Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Қазоқистон содир карда мешавад. Дастгоҳу таҷҳизоти корхона замонавӣ буда, дар он технологияи инноватсионӣ ҷорӣ карда шудааст, ки аз кишварҳои Туркия, Италия ва Чин дастрас ва харидорӣ гардидаанд. Дар корхона шумораи дастгоҳҳои худкори бофандагӣ 250 адад буда, 15 адад дастгоҳи истеҳсоли нӯги ҷуроб, 6 дарзмол ва 110 адад дастгоҳи бофандагии ҷуробҳо васлу насб гардидааст ва он мувофиқи таъби харидор зиёда аз 500 навъи ҷуробро истеҳсол менамояд. Раванди истеҳсол, рангу бор ва бастабандӣ пурра дар дохили корхона анҷом дода шуда, 500 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидааст, ки асосан бонувон мебошанд ва пурра аз курсҳои бозомӯзӣ гузаштаанд. Корхона дар асоси ашёи хоми маҳаллӣ фаъолият намуда, 80 фоизи маҳсулот аз пахта иборат мебошад. Ришта барои маҳсулоти ниҳоӣ аз коргоҳҳои ҳудуди мамлакат дастрас гардида, талаботи харидорро ба маҳсулоти баландсифат таъмин менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки 25 июни соли 2020 бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳри Кӯлоб барои солҳои 2020-2025" тасдиқ гардид, ки дар он афзалият ба рушди соҳаи саноат дода шудааст. Дар доираи амалишавии барномаи мазкур бунёди 15

корхонаи азими саноатӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак ва замонависозии 5 корхонаи фаъолияткунанда бо назардошти ашёи хоми маҳаллӣ ва ҷалби беш аз 4 миллиард сомонӣ аз ҳисоби сармояи дохилию хориҷӣ дар назар аст [10].

Дар ноҳияи **Муъминобод** бошад, 13 корхонаи хурду миёнаи саноатӣ фаъолият менамояд, ки онҳо ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, маҳсулоти хӯрокворӣ ва коркарди махсулоти кишоварзӣ машғул мебошанд. Корхонаҳое, ки маҳсулоти кишоварзиро коркард менамоянд, инҳо ҶДММ "Ёсуман" - истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, ҶДММ "Шифо чой" - истеҳсоли чойи табобатӣ, ҶДММ "Тухфаҳои Табиат" - истеҳсол ва коркарди меваи хушк, ҶДММ "Мурғи Муъминобод" - истеҳсол ва коркарди гӯшти мурғ, ҶДММ "Оила" - коркарди меваю сабзавот, ҶДММ "ДУОБ-Р" - корхонаи коркарди шир ва ҶДММ "Заркорон" - корхонаи коркарди меваю сабзавот ва истеҳсоли нӯшокиҳои ташнагишикан маҳсуб меёбанд [2].

Масалан, ҶДММ "ДУОБ-Р" аз ду сехи коркарди меваю сабзавот ва коркарди шир иборат буда, он бо таҷҳизот ва технологияи муосири замонавӣ фаъолият дошта, 12 навъи маҳсулоти ширӣ истеҳсол менамояд. Иқтидори истеҳсолии он дар як басти корӣ 5 тонна маҳсулоти ширӣ мебошад. Дасрасии шир мувофиқи шартнома барои коркард аз хоҷагиҳои деҳқонӣ таъмин мегардад. Дастгоҳҳо барои коркарди меваю сабзавот бошад, аз Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ворид гардида, дар саҳни корхона 2 гектар боғ бо мақсади таъмини меваю сабзавоти хушсифат бунёд ёфта, 6 навъи ниҳолҳо шинонида шудаанд, қисми дигари ашёи хом бошад, аз дигар хоҷагиҳои ноҳия дастрас мегардад. Масоҳати умумии он 6000 м$^2$ буда, бинои он дар 2000 м$^2$ бунёд ёфтааст. Дар корхонаи мазкур 100 нафар ба кор ҷалб гардидааст, ки бештари онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Ноҳияи Муъминобод ба соҳаи саноат ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таваҷҷуҳи хосса дошта, аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ ҳамасола корхонаҳои муосиру замонавӣ бунёд гардида истодааст. 4 –уми октябри соли 2021 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавзеи Гулистони ноҳияи Муъминобод Комплекси агросаноатии ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди "Заркорон"-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор дод. Комплекси агросаноатӣ ба ифтихори ҷашни 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи ҳадафҳои стратегияи миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар, таъмини амнияти озуқаворӣ ва дар доираи "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" бунёд шудааст.

Самти асосии фаъолияти комплекси навбунёди агросаноатӣ, ки дар сатҳи кишварамон беназир аст, чорводорӣ, парандапарварӣ, моҳидорӣ, боғдорӣ, истеҳсоли маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ ва коркарди он ба ҳисоб меравад. Масоҳати умумиаш 23 гектар буда, қариб 30 нафар бо ҷойи

кори доимӣ таъмин шудаанд. Дар 0,30 гектари он кӯли моҳипарварӣ бунёд шуда, беш аз 10 ҳазор гулмоҳии гуногунвазн парвариш карда мешавад. Парвариши гулмоҳӣ бо усули муосир ба роҳ монда шуда, ҳарорати оби он пайваста муътадил нигоҳ дошта мешавад. Дар баробари ин, дар масоҳати 8,74 гектар боғ бунёд гардида, дар он дарахтони себ, олу, гелос, бодом ва дигар навъи меваҳои шаҳдбор парвариш карда мешаванд. Инчунин, дар масоҳати 2,14 гектар боғи интенсивӣ бунёд гардида, ба ақидаи мутахассисон ҳосилнокии он 8-10 маротиба аз боғҳои муқаррарӣ зиёд мебошад. Ҳамин тариқ, дар як гектар аз 1500 то 2700 ниҳол шинонида шуда, ба ҳисоби миёна аз 30 то 40 тонна ҳосил рӯёнида мешавад, ки маҳсулоти он бештар барои содирот пешбинӣ шудааст.

Қисми дигари Комплекси агросаноатии мазкурро Фермаи ширию молӣ ташкил медиҳад, ки он аз 4 бино иборат буда, дар он 100 сар чорвои ширдеҳи зоти шведӣ, голштинӣ, сиёҳало ва симменталӣ парвариш карда мешавад, ки ба шароити табиию иқлимии ноҳия мутобиқ мебошанд. Маҳсулнокии онҳо дар як шабонарӯз аз як сар чорво 16-18 литр бо равғаннокии 3,8% буда, дар як рӯз аз 300 то 400 литр шир истеҳсол карда мешавад. Ба ҳисоби миёна аз 100 сар чорвои калон 85-90 сар гӯсола гирифта мешавад.

Барои рушди соҳаи парандапарварӣ ва истеҳсоли гӯшту тухми парҳезӣ дар комплекси агросаноатӣ 8 ҳазор сар мурғи тухмдеҳи зоти “Лома” парвариш карда мешавад, ки ҳамарӯза аз 7000 то 7200 дона тухм истеҳсол менамояд. Фабрикаи мазкур бо технология ва таҷҳизоти муосири соҳавӣ ки аз кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон дастрас гардидаанд, муҷаҳҳаз буда, маҳсулоти он ба бозори истеъмолии ноҳияи Муъминобод ва ба шаҳри Кӯлоб пешниҳод мегарданд [3].

Ҳоло дар соҳаи коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзии ноҳияи **Восеъ** чунин корхонаҳо, аз қабили ҶДММ "Ориёно МС", ҶСП "Восеъ", истеҳсоли маҳсулоти спиртдор, ҶДММ "Далер-С", ҶДММ "Идрис-2012", ҶДММ "Мирзохони Норбута", ҶДММ "Мусоҷон-С", ҶДММ "Неъмат", ҶДММ "Талабшо-С", ҶДММ "Ҷонибеки Анушервон", ҶСК ШХ "Самар", КТ "Ҳулбук", ҶДММ "Маҳмадрасул", ҶДММ "Саричашма-ЭМ.Т.", ҶДММ "Сунатуллои Шухрат", ҶСП "Сафари Қурбон" - истеҳсоли нассоҷӣ, ҶДММ "Алишер АСК" - истеҳсоли дӯзандагӣ, МД "Матбааи н. Восеъ" - истеҳсоли селулозаю коғаз, фаъолияти табъу нашр ва ҶДММ "Муминҷон" - истеҳсоли маҳсулоти хӯрока фаъолият доранд [11].

Дар ноҳияи **М.С.А. Ҳамадонӣ** бошад, ҶДММ "Беназир-2010", ҶДММ "Ситораи Шарқ" - истеҳсоли хӯрока, КТ "Зарафшони Панҷ", ҶДММ "Инсоф", ҶДММ "Савоб", ҶДММ "Шодиён", ҶДММ "Шоҳзамон", ҶДММ "Юсуфи Худойдод", ҶДММ "Замин коттон" - дар самти истеҳсолоти нассоҷӣ фаъолият доранд.

**Фархор** низ аз ҷумлаи ноҳияҳои тобеи минтақаи Кӯлоб ба ҳисоб рафта, дар ҳудуди он ҶДММ "Амирҳамза - Баракат", ҶДММ "Исмоили Давлат", ҶДММ "Фароғат Н" ба истеҳсоли хӯрока, ҶДММ "Азиза-12",

ҶДММ "Бибизайнаб", ҶДММ "Корпоратсияи Зиёратшоҳ", ҶДММ "Маъруфҷон 12", ҶДММ "Сиёвуши Маҳмадӣ", ҶДММ "МЕҲРОБ-А" н. Фархор (иҷора дар Адолат А), ҶДММ "Синои Баҳром" (иҷора дар Адолат-А) (ҶДММ Меҳроби А), ҶДММ "Субҳи Фархор 1", ҶДММ "Ҳоҷи Сайраҳмон"(кх), ҶДММ "Шаҳром - 2011" ба истеҳсоли нассоҷӣ, КВД Хоҷагии зотпарварии "ҲИСОР"-и ДИПЧТ н. Фархор, ҶДММ "Самои К" ва ҶДММ "Умар Саноат" дар самти истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ фаъолият карда истодаанд.

Ҳамчунин, дар ноҳияи **Темурмалик** ҶДММ "Хушсифат" - истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, ҶДММ "Гулдастон" - истеҳсоли нассоҷӣ, ВМ Сехи дӯзандагии "Кангурт"- и ҶДММ "Бозор" -и н.Темурмалик фаъолият доранд.

Дар ноҳияи **Данғара** ҶДММ "25- солагии Истиқлолият", ҶДММ "Грин Голд", ҶДММ "Файзи Алӣ Данғара", ҶДММ "Шири Данғара" ҶСП "Корхонаи ордбарории "Хӯшагандум" ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, ҶДММ "Сино 1", ҶДММ "Сулаймон" ба истеҳсоли маҳсулоти нӯшокиҳои спиртдор, КВД "Дӯзандагӣ Данғара", ҶДММ "Воҳид-К", ҶДММ "Оро", ҶСП "Чжунтай-Данғара Син Силу Текстил", н. Данғара ба истеҳсоли нассоҷӣ, ҶДММ "Каёнуш-Дӯзандагӣ", ҶДММ "САБР-2016" ба истеҳсоли маҳсулоти дӯзандагӣ, КВД "Чарми Данғара" (собиқ Ал-Асад) ба истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол, ҶДММ "Фарм Текс" ба истеҳсоли коғазу картон ва Корхонаи хурди "Тоҷи Осиё" бошад, ба истеҳсоли кимиёвӣ машғул мебошанд.

Дар ноҳияи **Ховалинг** бошад, корхонаҳои зерин ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, ҶДММ "Сиккаи Кангуртӣ" ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, ҶДММ "Оби Ховалинг" ба истеҳсоли маҳсулоти нӯшокиҳои беспирт, ҶДММ "Сайлатиф" ба коркарди чӯбу тахта ва истеҳсоли маҳсулот аз чӯб.

Дар ноҳияи **Ш. Шоҳин** ҶДММ "Ёғук", ҶДММ "Зафар", ҶДММ "Мавҷи Панҷ" дар самти истеҳсоли маҳсулоти хӯрок ва КВД "Дӯзандагӣ ва коркарди мева" фаъолият менамояд.

Ҳамчунин, қайд кардан бамаврид аст, ки ноҳияи **Балҷувон** ҳамчун қисми таркибии минтақаи Кӯлоб ба ҳисоб рафта, фаъолият дар самти мазкур вуҷуд надорад, танҳо соли 2021, чуноне ки дар боло қайд кардем, як корхонаи коргоҳи банду басти асал ба истифода дода шудааст. Аммо дар шаҳри **Норак** бошад, корхонаҳои зерини коркарди маҳсулоти кишоварзӣ фаъолият карда истодаанд, ҶДММ "Вахши Норак" ба истеҳсоли нӯшокиҳои беспирт, ҶСК "Бофандаи Норак", Ширкати истеҳсолии "Дӯстӣ" ба истеҳсоли нассоҷӣ машғул мебошанд [11].

Таҳлилу омӯзиши вазъи сармоягузориҳо ва фаъолияти корхонаҳое, ки дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ба коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ машғуланд, ошкор месозад, ки қисми зиёди онҳо ба истиснои якчанд корхонае, ки давоми солҳои охир таъсис ёфтаанд, корхонаҳои хурд буда, бештар ба истеҳсолоти нассоҷӣ ва

дӯзандагӣ машғул мебошанд. Вобаста ба ин масъала коркарди маҳсулоти кишоварзӣ паҳлуҳои зиёдро дар бар гирифта, ҳар як шаҳру ноҳияи тобеи минтақа имкониятро дар таъмини ашёи хоми маҳаллӣ доранд ва самаранокии сармоягузориҳоро таъмин карда метавонанд. Вале мушкилоти асосӣ таъмини сармоягузорӣ ва пешниҳоди лоиҳаҳои аз ҷиҳати илмию амалӣ асоснокардашуда маҳсуб меёбад. Дар асоси ин метавон қайд намуд, ки фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи минтақа ҳалталаб мебошад.

Ҳамзамон, бо мақсади муайян намудани дурнамои рушди устувори коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, бо такя ба таҳлилҳои анҷомшуда ва маълумотҳои омории солҳои 2010-2020, модели ҳисоби авторегрессиониро барои пешбинӣ намудани вазъиояндаи соҳа барои солҳои 2021-2030 таҳия намудем, ки дар ҷадвали 2 формулаҳои ҳисобкунӣ ва дар ҷадвали 3 натиҷаҳои бадастомадаи он, нишон дода шудаанд (ниг. ба ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. - Моделҳо барои муайян намудани дурнамои рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ва минтақаи Кӯлоб бо усули ҳисоби авторегрессионӣ**

| № | Намудҳои модели авторегрессионӣ | Мазмуни нишондиҳандаҳои модел |
|---|---|---|
| **1.** | Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон=f (Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти $Хатлон_{t-1}$) | $R^2$= 0,9414<br>Коэффитсиенти b= 1,0253<br>t-омор=12,033 |
| **2.** | Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон=f (Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон $_{t-1}$) | $R^2$= 0,93089<br>Коэффитсиенти b= 1,035261<br>t-омор=11,0103 |

**Таҳияи муаллифон**

Муайян гардид, ки барои пешбинӣ намудани рушдиояндаи соҳа дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон моделҳои ҳисоби хаттии авторегрессионӣ мувофиқ мебошад.

Бо истифода ва натиҷагирӣ аз моделҳои таҳияшуда, дурнамои суръати рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030 муайян карда шуд, ки натиҷаҳои он дар ҷадвали 3 дарҷ гардидааст.

**Ҷадвали 3. - Дурнамои суръати рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон ва минтақаи Кӯлоб барои солҳои 2022-2030**

| № | Нишондиҳандаҳо | Амалӣ | Дурнамо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2025 | 2030 |
| 1. | Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон (ҳаз. тонна) | 115,6 (100%) | 172,6 | 176,9 | 181,4 | 190,8 (110,5 %) | 216,2 (125,2%) |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2. | Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (ҳаз. тонна) | 51,9 (100%) | 78,2 | 81,0 | 83,8 | 89,8 (114,8 %) | 106,8 (136,5%) |
| 3. | Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон (ҳаз. сомонӣ) | 285953 7,2(100 %) | 293211 0 | 300652 5 | 308282 8 | 324129 3 (110,5 %) | 3674014 (125,3%) |
| 4. | Ҳаҷми умумии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (ҳаз. сомонӣ) | 128382 3 (100%) | 132909 2 | 137595 7 | 142447 5 | 152670 3 (114,8 %) | 1815532 (136,5%) |

**Таҳияи муаллифон дар асоси моделҳои ҳисоби авторегрессионӣ**

Бо назардошти афзоиши ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзии коркардшуда дар солҳои қаблӣ, дурнамои рушди ояндаи он таҳия гардида, муайян карда шуд, ки афзоиши он дар вилояти Хатлон аз 2859537,2 ҳазор сомонии соли 2020 ба 3241293 ҳазор сомонӣ ё ба миқдори 10,5% то соли 2025 мерасад. Ҳамзамон, дар назар аст, ки афзоиши ин нишондиҳанда то соли 2030 ба миқдори 25,3% баробар мегардад. Дар баробари ин, таҳлилҳо собит сохтанд, ки дурнамои ҳаҷми коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи агросаноатии Кӯлоби вилояти Хатлон аз 1283823 ҳазор сомонии соли 2020 ба миқдори 1526703 ҳазор сомонӣ ё 14,8% то соли 2025 ва ба миқдори 1815532 ҳазор сомонӣ ё ба андозаи 36,5% то соли 2030 афзоиши он дар назар аст. Аз рӯйи нақшаи дурнамо, метавон қайд намуд, ки суръати рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаи мавриди таҳлил қароргирифта бо назардошти афзоиши табиии аҳолӣ ва зиёд гардидани талабот ба маводи озуқаворӣ аз ин ҳам суръати бештарро талаб менамояд. Дар натиҷа, зарур мегардад, ки бо истифода аз роҳу усулҳои мушаххас механизми баланд бардоштани суръати рушди коркарди маҳсулоти кишоварзиро такмил дода, ҳамасола онро боло бардорем.

Ҳамин тариқ, таҳлил ва омӯзиши таъмини сармоягузории саноатикунонии босуръат дар соҳаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ нишон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем:

1. Пешниҳоди лоиҳаҳои мақсаднок ва самарадиҳанда бо истифода аз роҳу усулҳое, ки ҳавасмандгардонии сармоягузорони дохилию хориҷиро таъмин менамоянд;

2. Истифодаи сармояи ҷалбгардида дар шаҳру ноҳияҳое, ки дорои захираҳои бойи ашёи хоми кишоварзӣ буда, эҳтиёҷ ба захираҳои молиявӣ доранд ва метавонанд самаранокии сармоягузориҳоро таъмин намоянд;

3. Дастгирии давлатии молиявии соҳибкороне, ки аз ҳисоби сармояи худӣ дар бунёд ва таъсиси корхонаҳои саноатӣ ташаббускоранд;

4. Ба роҳ мондани ҳамкориҳои зичи молистеҳсолкунандагон байни вазорату кумитаҳо оид ба ҷалби сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ;

5. Ташкил намудани марказҳои машваратӣ оид ба тавсияи ҳуқуқӣ, гирифтан ва истифода бурдани қарзи бонкӣ, лоиҳакашӣ, ҷалби сармоя ва дигар намуди хизматрасониҳо.

**Адабиёт**


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025. - Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, №441 тасдиқ шудааст. – 229с.
2. Ифтитоҳи комплекси агросаноатии ҶММ "Заркорон" дар мавзеи Гулистони ноҳияи Муминобод [манбаи электронӣ]. – URL: https://tojikmatlubot.tj/iftito-i-kompleksi-agrosanoatii-dmm zarkoron-dar-mavzei-gylistoni-no-iiai myminobod-2 (санаи муроҷиат: 15.01.23).
3. Манбаи электронӣ. – URL: http://www.narodnaya.tj/index.php?option=com_content&view =article&id=12263:2020-10-08-08-06-27&catid=74: prezident&Itemid=190 (санаи муроҷиат: 16.01.23).
4. Намозализода Ш.Н. Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба ташаккулу равнақи корхонаҳои коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар манотиқи деҳот / Ш.Н. Намозализода // Паёми молия ва иқтисод. - 2022. - №1. - С. 79-85.
5. Намозализода Ш.Н. Ҷанбаҳои назариявии ташаккули стратегияи рушди коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ / Ш.Н. Намозализода // Паёми молия ва иқтисод. - 2021. - №1 (25). - С. 143-150.
6. Оймаҳмадов Г.Н. Асосҳои таҳияи ояндабинӣ нисбат ба рушди минтақаҳо ва саҳми корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар он / Г.Н. Оймаҳмадов, Ш.Н. Намозализода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. - 2020. - №3. - С. 227- 232.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ", 21.12.2021. - С. 12.
8. Сохтмони 15 корхона дар Кӯлоб [манбаи электронӣ]. – URL: https://sputnik-tj.com/20210426/sohtmon-15-korhona-kulob-039052623.html (санаи муроҷиат: 16.01.23).
9. Тағоев Ҷ.Ҳ. Коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ дар вилояти Хатлон: вазъият, мушкилот, самтҳои рушд ва сармоягузориҳо / Ҷ.Ҳ. Тағоев, Ш.Н. Намозализода // Иқтисодиёти Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодӣ. – Душанбе, 2022. - №4.
10. Таъсиси 86 корхонаи саноати дар як сол. [манбаи электронӣ]. – URL: https://khatlon-ruznoma.tj/itisodivu-itimo/1235-tasisi-86-korhonai-sanoat-dar-jak-sol.html (санаи муроҷиат: 16.01.2023).
11. Ҳисоботи Вазорати саноат ва технологияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар моҳҳои январ-декабри соли 2021.


**УДК: 339.16**

## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ТИҶОРАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


***Нусратзода Муҳаммадӣ Нусрат** - н.и.и., дотсент, мудири кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди*

*Тоҷикистон. Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. E-mail: m_a_84-84@mail.ru. Телефон: (+992) 985-42-30-30.*

***Файзиддинзода Мақсуддин Файзиддин** – докторанти кафедраи молия, ихтисоси 6D050900-Молия (PhD) Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. Email: fmf-1993@mail.ru. Телефон: (+992) 93-468-33-33.*

*Мақола ба ташаккул ва рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар мақолаи мазкур муаллифон диққати худро ба муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли мушкилоти тиҷорати электронӣ дар қаламрави кишвар бахшидаанд. Муаллифон қайд намудаанд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоии рақамикунонии соҳаҳо қарор дошта бошад ҳам, огози қадамҳои нахустини худро барои гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт дар кишвар тавассути фаъолияти технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар соҳаҳои мухталифи кишвар ба роҳ монда, солҳои охир доир ба рушди тиҷорати электронӣ як қатор дастовардҳоро ноил гардидааст, мавриди таҳлил қарор додаанд. Дар мақола аз ҷониби муаллифон шумораи истифодабарандагони интернет дар соли 2022 муайян карда шуда, омилҳои ба фаъолияти тиҷорати электронӣ таъсиррасонро муайян намудаанд.*

***Калидвожа:** тиҷорати электронӣ, ташаккул, рушд, интернет, омилҳои таъсиррасон, иқтисодиёти рақамӣ, хизматрасонии электронӣ.*

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ЭЛЕКТРОННОЙ КОММЕРЦИИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Нусратзода Мухаммади Нусрат** - кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой информационных систем и технологии в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail:m_a_84-84@mail.ru. Телефон: (+992) 985-42-30-30*

***Файзиддинзода Мақсуддин Файзиддин** – докторант кафедры финансы, специальность 6D050900-финансы (PhD) Таджикского государственного финансово-экономического университета, Адрес: Республика Таджикистан, 734055, г. Душанбе, улица Нахимова 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. Email: fmf-1993@mail.ru. Телефон: (+992) 93-468-33-33.*

*Статья посвящена формированию и развитию электронной коммерции в Республике Таджикистан. В статье авторы обращают внимание на проблемы и пути решения проблем электронной коммерции на территории страны. Авторы отметили, что хотя Республика Таджикистан находится на начальном этапе цифровизации отраслей, первые шаги по переходу к цифровизации экономики в стране были предприняты за счет деятельности информационно-коммуникационных технологий в различных отраслях страны, а также в последние годы в развитии электронной коммерции достигнут ряд достижений, они и являются предметом их анализа. В статье авторы определили количество пользователей сети Интернет в 2022 году и определили факторы, влияющие на активность электронной коммерции.*

***Ключевые слова**: электронная коммерция, формирование, развитие, Интернет, влияющие факторы, цифровая экономика, электронный сервис.*

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF ELECTRONIC COMMERCE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Nusratzoda Muhammadi Nusrat** – Candidate of economic sciences, associate professor. Associate department information systems and technologies in the economy of the Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail: m_a_84-84@mail.ru. Phone: (+992) 985-42-30-30.*

***Fayziddinzoda Maksuddin Fayziddin*** *- doctoral student of the Department of Finance, specialty 6D050900-Finance (PhD) of the Tajik State Financial and Economic University, Address: Republic of Tajikistan, 734055, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. Email: fmf-1993@mail.ru. Phone: (+992) 93-468-33-33.*

*The article is devoted to the formation and development of e-commerce in the Republic of Tajikistan. In the article, the authors draw attention to the problems and ways to solve the problems of e-commerce in the country. The authors noted that although the Republic of Tajikistan is at the initial stage of digitalization of industries, the first steps towards the transition to digitalization of the economy in the country were taken through the activities of information and communication technologies in various sectors of the country, and in recent years a number of achievements have been made in the development of e-commerce, they are the subject of their analysis. In the article, the authors determined the number of Internet users in 2022 and identified the factors affecting e-commerce activity.*
***Key words***: *e-commerce, formation, development, Internet, influencing factors, digital economy, electronic service.*

Рушди босуръати соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва навсозии унсурҳои таркибии он яке аз самтҳои асосии фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ба шумор рафта, ҳамеша дар меҳвари таваҷҷуҳи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ қарор дорад. Масоили тақвият бахшидани иқтисодиёти миллӣ дар шароити муосир ба рушди бозори хизматрасониҳои электронӣ алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Бо назардошти аҳаммиятнокии ин масъала, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳар як паёмашон доир ба масъалаи мазкур таъкид менамоянд: “Бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани “ҳукумати электронӣ” ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд” [6]. Дар ин ҳошия қайд кардан ба маврид аст, ки татбиқи технологияҳои муосир, яъне ба роҳ мондани «фаъолияти иқтисодиёти электронӣ тавассути интернет [8]» дар реҷаи вақти воқеӣ ва пурра автоматикунонии соҳаҳо, ба рушди мусбати бозори хизматрасониҳои электронӣ мусоидат хоҳад кард.

Барои дар амал пиёда намудани ин равандҳо бояд ба ташаккулёбии шаклҳои нави фаъолияти иқтисодиёти электронӣ [4] такя намуд. Мушкилии асосӣ дар самти ба роҳ мондани хизматрасониҳои электронӣ, пеш аз ҳама, дар татбиқи технологияи пуриқтидор, сохтани пойгоҳи додаҳо ва шабакаҳое мушоҳида мегардад, ки дорои қобилияти дастрасии пурра ба намудҳои гуногуни хизматрасонӣ мебошанд [3]. Дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ташкил намудани пардохтҳои электронӣ барои иштирокчиёни он, хусусан пешниҳодкунандагони маҳсулот, аз нигоҳи иқтисодӣ зарур арзёбӣ мегардад.

Дар иқтисодиёти рақамӣ коркарди натиҷаи таҳлили маълумоти иқтисодӣ дар муқоиса бо шакли анъанавии фаъолияти хоҷагидорӣ воқеан ба куллӣ фарқ дошта, барои баланд бардоштани сифати истеҳсолот, технология, нигоҳдорӣ, фурӯш, дастрасӣ ба молу хизматрасониҳо аз технологияҳои рақамӣ васеъ истифода мегардад.

Аз рӯйи нишондоди О.В. Чистякова, А.В. Бабкин ҷузъи муҳимми иқтисоди рақамиро - тиҷорати электронӣ, бонкдории электронӣ, пардохтҳои электронӣ, интернет-таблиғ ва интернет-контент ташкил медиҳад. Ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолӣ коҳиш ёфта, самаранокии меҳнат афзоиш ёбад ва ҳамзамон, дараҷаи талаботи беинтиҳои ҷамъиятӣ қонеъ гардонида шавад. Иқтисоди рақамӣ муҳаррики муҳими навовариҳо дар самти таъмини рақобатнокии комил дар корхонаҳо ва дигар ташкилотҳо буда, навовариҳои технологӣ бошанд, дар шароити муосир ба вуҷуд омадани соҳаҳои рақамиро имкон медиҳанд, ки барои васеъ гардонидани доираи фаъолияти дилхоҳ иштирокчии муносибати иқтисодӣ самарабахш бошанд [9].

А.В. Бабкин дар чунин ақида аст, ки «оғози асри XXI боиси бавуҷудоӣ ва рушди технологияи рақамӣ, инқилоби иттилоотӣ ва ҷаҳонишавии равандҳои иқтисодӣ гардид. Муҳимтар аз ҳама, иттилоот дар ин давра ба сифати унсури хоҷагидорӣ ва захираи иқтисодӣ пазируфта шуд. Ҳаёти инсоният дигаргун шуда, муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ марҳила ба марҳила ба олами маҷозӣ ворид гардидаанд» [2]. Аз ин ҷост, ки дар баробари афзоиши шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон ва сафарбаркунии захираҳо, иқтисоди рақамӣ дарякҷоягӣ бо тиҷорати электрониву хизматрасониҳои электронӣ ба ҷабҳаҳои муҳими зиндагӣ, аз қабили тандурустӣ, маориф, бонк ва ғайра таъсири мусбати худро мерасонад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоии рақамикунонии соҳаҳо қарор дошта бошад ҳам, оғози қадамҳои нахустини худро барои гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт дар кишвар тавассути фаъолияти технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар соҳаҳои мухталифи кишвар ба роҳ монда, солҳои охир як қатор дастовардҳоро ноил гардидааст [1]. Зеро ҷиҳати бо истифода аз технологияи иттилоотии иқтисодӣ таъмин намудани рушди соҳаҳои мухталиф аз ҷониби Ҳукумати мамлакат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва мавриди татбиқ қарор дода шуданд, ба монанди: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иттилоот”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи имзои электронии рақамӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот”, Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои тахсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Нишондиҳандаи дастрасии аҳолӣ ба шабакаи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар доираи рақамикунонии равандҳо технологияи интернетӣ ҳамчун яке аз унсурҳои асосӣ баромад намуда, нақши муҳимро мебозад. Чунончӣ технологияи интернетӣ маҷмуи экосистемаи иқтисодиро ташкил намуда, тағйирёбии рақобатпазирии соҳаҳои иқтисоди миллиро ба вуҷуд меорад.

Яке аз навъҳои муосир ва паҳнгаштатарини фаъолияти тиҷоратӣ, яъне тиҷорати электронӣ низ тавассути шабакаи интернет сурат гирифта, хизматрасонии интернетӣ имрӯз ба як ҷузъи ҷудонашаванда ва муқаррарии ҳаёт ва фаъолияти инсон табдил ёфтааст. Дар баробари таъмини дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ, интернет, ҳамзамон, ба таблиғи молу хизматрасониҳо ва огоҳӣ ёфтан аз рақобати бозорӣ имкон фароҳам менамояд. Масалан, ҳар як корхона метавонад молу маҳсулоти истеҳсолнамудаи худро тариқи шабакаҳои глобалии интернет муаррифии мизоҷон намуда, харидорӣ намудани ашёи хоми хушсифат, муқоисаи нархҳои бозорӣ ва ҳамчунин, фурӯши молу маҳсулотро амалӣ намояд.

**Ҷадвали 1. - Шумораи истифодабарандагони интернет дар соли 2022**

| Мақом | Кишвар | Истифодабарандагони интернет |
|---|---|---|
| 1 | Ҷумҳурии Мардумии Чин | 772 000 000 |
| 2 | Ҳиндустон | 699 992 838 |
| 3 | ИМА | 312 322 257 |
| 4 | Бразилия | 123 927 230 |
| 5 | Индонезия | 132 700 000 |
| 6 | Ҷопон | 117 528 631 |
| 7 | Федератсияи Россия | 109 552 842 |
| 8 | Нигерия | 91 598 757 |
| 9 | Мексико | 85 000 000 |
| 10 | Олмон | 72 290 285 |
| 110 | Ҷумҳурии Тоҷикистон | 4 500 000 |

**Манбаъ:** *таснифоти муаллифон дар асоси маълумоти https://www.tadviser.ru/*

Доир ба истифодаи самараноки шабакаи интернет Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Рушди соҳаи алоқа, бахусус, таъмин намудани суръати баланди интернет ва дастрас будани нархи он барои рушди иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, таъмин намудани амнияти иттилоотӣ, ҷалби сармоя ва ташкили паркҳои технологиву инноватсионӣ зарур мебошад. Ҳоло дар кишвар шумораи муштариёни интернет ба 4,5 миллион расидааст, ки ба 100 нафар аҳолӣ 45 муштарӣ рост меояд. Вале таъкид менамоям, ки суръат ва арзиши интернет ҳанӯз қонеъкунанда нест. Аз ин лиҳоз, Хадамоти алоқа вазифадор аст, ки якҷо бо ширкатҳои дар соҳа фаъолияткунанда барои беҳтар намудани сифати хизматрасониҳо, паст кардани арзиши хизматрасониҳои алоқаи мобилӣ ва интернет ва

дастрас гардонидани интернети баландсуръат дар тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳру ноҳияҳои дурдаст тадбирҳои зарурироро роҳандозӣ намояд» [5].

Имрӯз тиҷорати электронӣ як соҳаи фаъолиятеро ташкил мекунад, ки ба хариду фурӯши молҳо ва хидматҳо дар интернет алоқаманд аст. Барои корбарӣ дар ин муҳит ҳар як нафарро зарур аст, ки як қатор талаботҳоро аз худ намоем, ки он дар нақшаи зер оварда шудааст:




**Расми 1. - Омилҳои ба фаъолияти тиҷорати электронӣ таъсиррасон (таҳияи муаллифон)**

Тиҷорати электронӣ барои осон фаъолият намудани соҳибкорон як қатор мушкилотро аз байн мебарад, ба монанди сарфаи вақт, ба тарзи осон ва бехатар пардохт намудани маблағ, муаррифӣ намудани молҳои худ бо тарзи содa ва ғайра. Дар бораи тиҷорати муқаррарӣ олими барҷаста, асосгузори илми маркетинг Филип Котлер ҳанӯз соли 1984 гуфта буд, ки муҳаррики асосии тиҷорат ин реклама аст. Бинобар гуфтаи ӯ, яке аз воситаҳои муосири таблиғ ин истифодаи технологияҳои муосири тиҷоратӣ мебошад, ки вобаста ба намудҳои тиҷорат инкишоф ёфта истодаанд. Намудҳои асосии тиҷорати электронӣ дар шароити имрӯза аз чунин шаклҳо иборат мебошанд**:**

- платформаҳои савдо (биржаҳои интернетӣ, музоядаҳо, каталогҳои молҳо ва хидматҳо);
- идоракунии хариди электронӣ;
- порталҳо (корпоративӣ, иттилоотӣ, тиҷоратӣ, хусусӣ);

- хизматрасонии молиявӣ (системаҳои пардохти интернетӣ, нуқтаҳои мубодилаи асъор, интернет-банкинг, савдои онлайн);
- фондҳои сармоягузорӣ (фондҳои муттаҳидаи сармоягузорӣ ё фондҳои буферӣ ва фондҳои муштарак);
- интернет-мағозаҳо;
- лоиҳаҳои контентӣ (сайтҳо бо маълумоти ройгон ва маъмул барои ҷалби меҳмонон бо мақсади пешбурди тиҷорати таблиғотӣ);
- бизнеси иттилоотӣ дар интернет (маҷаллаҳои даврии интернетӣ, сомонаҳои хабарӣ ва ғайра);
- бизнеси таблиғотӣ;
- хадамоти алоқа ва воситаҳои алоқа;
- пешниҳоди хидматҳо (таълимоти фосилавӣ, китобхонаҳои электронӣ, тандурустии электронӣ, машваратҳои интернетӣ ва ғайра).

Дар маҷмуъ, тиҷорати электронӣ дар муносибатҳои молиявӣ аҳаммияти махсуси худро дорост [7]. Агар дар шароити тиҷорати муқаррарӣ соҳибкор барои фурӯши молу маҳсулоти худ аввал макони тиҷорат ва баъдан хароҷоти зиёдатиро мавриди фаъолияти худ қарор диҳад, пас дар шароити тиҷорати электронӣ ӯ бештари ин хароҷотро аз байн мебарад. Масалан, дар чунин мавридд хароҷотҳо доир ба иҷораи макони фурӯш, музди маоши кормандон - аз қабили фурӯшанда, муҳофиз, хароҷоти дизайнерӣ ва ғайра аз байн меравад.

Ба андешаи мо, барои тараққӣ додани тиҷорати электронӣ, дар навбати аввал, бояд ҷомеаи иттилоотӣ рушд дода шавад, зеро бештари истеъмолгарон доир ба самаранок истифодабарии технологияи иттилоотӣ ва шабакаи глобалии интернет маълумоти кофӣ надоранд. Моро зарур аст, ки таҳқиқи бозори молу хизматрасонӣ, идоракунии хосиятҳои молу хизматрасонӣ, огоҳ намудани бозор дар бораи хосиятҳои молу хизматрасонӣ ва аз байн бурдани иттилооти бардурӯғ, ки истифодабарандагони тасодуфӣ мегузоранд, корҳои таблиғотӣ барем.

Тибқи натиҷаи таҳқиқотҳо, тиҷорати электронӣ дар иқтисодиёти муосир баъзе мушкилотро аз байн бурда, дар мадди аввал ин навъи тиҷорат шаффофиятро ба вуҷуд меорад. Дар соли 2021 дар дунё 10 давлати пешсафи дорои тиҷорати электронии рушдкардаро муайян кардаанд, ки ин номгӯ дар ҷадвали 2 оварда шудааст:

**Ҷадвали 2. - Давлатҳои пешрафта доир ба тиҷорати электронӣ**

| № | Давлат | Тавассути компютер % | Тавассути телефони мобили % |
|---|---|---|---|
| 1. | Ҷумҳурии Мардумии Чин | 67 | 33 |
| 2. | ИМА | 72 | 15 |
| 3. | Англия | 74,1 | 16,5 |
| 4. | Ҷопон | 48 | 46 |
| 5. | Олмон | 72,3 | 16,2 |
| 6. | Фаронса | 80,8 | 11,1 |
| 7. | Кореяи Ҷанубӣ | 49 | 50 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 8. | Канада | 83,8 | 8,7 |
| 9. | Федератсияи Россия | 80 | 8 |
| 10. | Бразилия | 88 | 8 |

**Таҳияи муаллифон**

Фарқ миёни харидорони тиҷорати электронӣ аз харидорони дар бозори анъанавӣ иштирокдошта дар он аст, ки харидорони тиҷорати электронӣ бештар тавассути ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ хариду фурӯш менамоянд. Харидорони муқаррарӣ ин амалро кам иҷро менамоянд, чунки на ҳама марказҳои фурӯш таҷҳизоти пардохти электрониро доранд. Дар баробари афзалиятҳои дигари худ, тиҷорати электронӣ ба рушди соҳибкорӣ низ таъсири мусбат мерасонад. Дар ин раванд, аз низоми пардохтҳои интернетӣ васеъ истифода мегардад, аз ҷумла низоми ҳисоббаробаркуниҳо байни муассисаҳои молиявӣ, ташкилотҳои соҳибкорӣ ва истифодабарандагони интернет дар ҷараёни хариду фурӯши молу хизматрасониҳо тавассути интернет. Инчунин, дар системаи тиҷорати электронӣ пардохтҳо бо як қатор шартҳои хос анҷом дода мешаванд, аз ҷумла: эҳтиром ба махфият, нигоҳ доштани якпорчагии иттилоот, аутентификатсия, воситаи пардохт, кафолатҳои хавфи фурӯшанда.

Барои татбиқи тиҷорати электронӣ истифодабарандаро зарур аст, ки доир ба истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ, хусусан, таъминоти техникӣ, барномавӣ ва иттилоотиву ҳуқуқӣ дониши кофӣ дошта бошад, аз ҷумла доир ба сохтори бозори электронӣ, савдои электронӣ (e-trade), пули электронӣ (e-cash), маркетинги электронӣ (e-marketing), бонкдории электронӣ (e-banking), суғуртаи электронӣ (e-insurance)-ро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, тадқиқи ташаккул ва рушди тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бартарафсозӣ ва пешгирии сар задани омилҳоеро тақозо менамояд, ки ба рушди тиҷорати электронӣ таъсир мерасонанд, аз ҷумла:

- паст будани сатҳи дониши техникии аҳолӣ;
- гаронии нархи хизматрасонии интернетӣ дар қаламрави кишвар;
- ҳаҷми бузурги раҳгумкунандаи маълумотҳо дар бораи тиҷорати электронӣ;
- таҷрибаи нокифояи дар сомонаҳои расмӣ ҷой намудани маълумот доир ба молҳои истеҳсолнамуда.

Бартараф намудани омилҳои зикршуда ва татбиқи таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои мутараққӣ метавонад ба рушди тиҷорати электронӣ дар мамлакат мусоидат намояд.

**Адабиёт**

1. Ашуров М.Н. Ҳукумати электронӣ ҳамчун консепсияи рушд ва фазои идоракунӣ/ М.Н. Ашуров// Паёми молия ва иқтисод. - 2021. - №4 (28). - С. 141-147.

2. Бабкин А.В. Формирование цифровой экономики в России: сущность, особенности, техническая нормализация, проблемы развития/ А.В. Бабкин, Буркальцева Д.Д. и др. // Научно-технические ведомости СПбГПУ. Экономические науки. - 2017. - №3 (10). - С. 9-25.

3. Иванов П.Д. Технологии Big Data и их применение на современном промышленном предприятии. Инженерный журнал: наука и инновации /П.Д. Иванов, В.Ж. Вампилов. - 2014, вып. 8. [Электронный ресурс]. - URL: http://engjournal.ru (дата обращения 25.12.2019).

4. Матвиев И.А. Электронная экономика: сущность и этапы развития /И.А. Матвиев. [Электронный ресурс]. - URL: https://cyberleninka.ru/article/n/elektronnaya-ekonomika-suschnost-i-etapy-razvitiya/viewer (дата обращения 27.12.2019)

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23.12.2022 с.

6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021 с.

7. Соҳибов Ф.Ҳ. Таъминоти иттилоотӣ ҳамчун омили заминавии қабули қарорҳои идоракунӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ /Ф. Соҳибов, У. Халилова //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2022. - №2(41). - С. 215-219.

8. Тедеев А.А. Электронная экономическая деятельность в сети «Интернет» /А.А. Тедеев. // Законодательство и экономика. – 2003. - №11. - ноябрь. [Электронный ресурс]. - URL: http://base.garant.ru /4083509/#ixzz69wpythAx (дата обращения 03.01.2019).

9. Чистякова О.В. Особенности функционирования предпринимательских структур в условиях цифровой экономике /О.В. Чистякова, А.В. Бабкин. //Тенденции развития экономики и промышленности в условиях цифровизации / под ред. д-ра экон. наук, проф. А. В. Бабкина. - СПб: Издательство Политехнического университета, 2017. - С.132-152.

**УДК: 621. 316.1.**

# АНАЛИЗ РЕАЛЬНОЙ СИТУАЦИИ И ПРОГНОЗИРОВАНИЕ ОТРАСЛИ ЭНЕРГЕТИКИ

***Аламшоева Мухайё Мукбилшоевна*** *– кандидат экономических наук, доцент, зав. кафедрой прикладной информатики в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 93-508-04-89. E-mail: muhayo010200@mail.ru*

*В статье рассматривается состояние развития электроэнергетики Республики Таджикистан. Приводятся фактические статистические данные о производстве, потреблении, экспорте, импорте и потере электроэнергии. Цель исследования заключается в анализе состояния развития энергетики Республики Таджикистан, выявлении проблемы с существующими возможностями, предложении различных вариантов решения проблемы энергетической безопасности страны. А также, автором дана прогноз роста электроэнергетики на среднесрочную перспективы (до 2025 г.) с применением экономико-математического моделирования.*

*Анализ показывает, что государство уделяет особое внимание развитию этой отрасли. Нацианальная стратегия развития Республики Таджикист на период до 2030 года энергетику объявила одной из приоритетных отраслей развития промышленности Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:*** *энергетика, электроэнергия, энергоресурсы, энергосистема, энергоэффективность, выработка, потребление, экспорт, импорт, прогнозирование.*

## ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ ВОКЕӢ ВА ОЯНДАБИНИИ СОҲАИ ЭНЕРГЕТИКА

***Аламшоева Муҳайё Муқбилшоевна** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 93-508-04-89. E-mail: muhayo010200@mail.ru.*

*Дар мақолаи мазкур вазъи рушди соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст. Маълумоти мушаххаси омории истеҳсол, истифода, содирот, воридот ва талафоти неруи барқ пешниҳод гардидааст. Мақсади тадқиқот аз он иборат аст, ки ҳолати рушди соҳаи энергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, мушкилот бо имкониятҳои ҳалли онҳо ошкор ва роҳҳои ҳалли масъалаи бехатарии энергетикии кишвар пешниҳод карда шаванд. Инчунин, афзоишиояндабинии миёнамуҳлат (то соли 2025) соҳаи электроэнергетика бо истифодаи моделсозии иқтисодӣ-математикӣ пешниҳод карда шудаанд.*

*Тадқиқот нишон дод, ки давлат ба рушди ин соҳа аҳаммияти хосса медиҳад. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 энергетика яке аз якумин соҳаи рушди саноат эълон гардидааст.*

***Калидвожаҳо:** энергетика, неруи барқ, захираҳои энергетикӣ, системаи энергетикӣ, самаранокии энергетикӣ, истеҳсол, истифодабарӣ, содирот, воридоти неруи барқ,ояндабинӣ.*

## REAL SITUATION ANALYSIS AND FORECASTING THE ENERGY INDUSTRY

***Alamshoeva Mukhaiyo Mukbilshoevna** –candidate of economical sciences, dotcent, head of the department of applied informatics in economics The Tajik state university of finance and economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Nakhomov str. 64/14. Tel.: (+992) 93-508-04-89. E-mail: muhayo010200@mail.ru.*

*The article analyses the state of development of the power industry of the Republic of Tajikistan. The article deals with the introduction of new capacities, the generation, consumption, import, export of electric power systems. Actual statistics on electricity production are given. The purpose of the research is to analysis the development of the energy sector of the Republic of Tajikistan in the, identifying problems with existing opportunities, and offer different solutions to the problems of energy security of the country. In addition, a forecast was given for the growth of the electric power industry for the the medium term (until 2025) using economic and mathematical modeling.*

*The observed growth indicates that the state pays special attention to the development of this industry. In the National Development Strategy of the Republic of Tajikistan, until 2030, energy has been declared one of the priority industries for the development of industry in the Republic of Tajikistan.*

***Key words:** energy, electricity, energy resources, the effectiveness of energy, production, consumption, export, import energy, forecasting.*

Одним из основных направлений развития экономики Таджикистана на сегодняшний день и в перспективе остается электроэнергетическая отрасль, которая играет важную роль в экономике страны. На ее долю приходится более 19% всей продукции промышленности страны. Электроэнергетика - самая важная отрасль любой страны, является социально-экономическим фундаментом общества, основой развития промышленного и сельскохозяйственного производства. Поэтому решение проблем эффективного развития и использования электроэнергетической отрасли приобретает первостепенное значение. Таджикистан располагает значительным потенциалом гидроэнергетических ресурсов для обеспечения быстрых темпов

развития гидроэнергетической отрасли и эффективного использования электроэнергии. В настоящее время гидроэнергетические ресурсы страны используются лишь на 3% от потенциально возможных, и около 7% от технических, поэтому задача состоит в более форсированном развитии гидроэнергетики в перспективе и широким использований ее в производственной и социальной сферах.

Для достижения электроэнергетической независимости Таджикистана, вопрос развития гидроэнергетики является первоочередным и приоритетным. В «Программе Среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2016-2020 гг.» и в «Национальной Стратегии развития Республики Таджикистан до периода 2030 г.» энергетика объявлена одной из приоритетных отраслей развития промышленности Таджикистана, которая должна играть главную роль в ускоренной индустриализации страны. В Послании Президента Республики Таджикистан, Лидера нации Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 23.12.2022 отмечается, что «Министерству энергетики и водных ресурсов также поручается совместно с компаниями и предприятий сферы принять неотложные меры для создания единой и централизованной биллинговой системы, подключения интеллектуальных счетчиков, и таким образом до конца 2025 года на уровне 9 процентов снизить потери электроэнергии и обеспечить полный сбор средств за использование электричества, а также плодотворное использование имеющихся ресурсов сферы. Наряду с этим славный народ Таджикистана должен соблюдать культуру использования электроэнергии, то есть экономию и посредством использования энергосберегающих оборудований обеспечить снижение потери электричества» [5].

В Таджикистане возникновение и развитие энергетики, и строительство ГЭС началось с 1930-х г. при СССР. Первая ГЭС была построена в 1913г. начальником пограничного поста, подполковником Г.А. Шпилько в высокогорном районе Хорог, который считается начальным фундаментом энергетической отрасли. После того, как в 1924 году Душанбе стал столицей Республики Таджикистан, город нуждался в освещении и энергии и поэтому необходимо было построить электростанции.

Впервые в Душанбе в 1926 году появилась первая дизельная станция общей мощностью 78 кВт для освещения улиц города. А промышленное развитие этой отрасли началось в 1936 году, когда была построена и сдана в эксплуатацию Варзобская ГЭС-1. Ввод в эксплуатацию Варзобской ГЭС стал значительным этапом в формировании энергетической отрасли Таджикистана. С каждым годом она развивается более высокими темпами при эксплуатации новых мощностей: 1936 г. - Варзобская ГЭС - 1 (7,44 МВт), 1941-1945-Хорогская ГЭС, 1949-Варзобская ГЭС -2 (14,5 МВт), 1952 - Варзобская ГЭС - 3 (3,5 МВт), 1956-1957-Кайрокумская ГЭС (126 МВт), 1958 - Перепадная ГЭС (29,9 МВт), 1962-1963-Головная ГЭС (240 МВт), 1964 - Центральная ГЭС (15,1 МВт), 1961-1965 -Душанбинская ТЭЦ -2 (198 МВт), 1964 - ГЭС Ак-Су (0,64 МВт), 1968 - Ванджская ГЭС (1,2 МВт), 1969 - ГЭС Шуджанд (0,83 МВт), 1969-1971 - Яванская ТЭЦ (120 МВт), 1970 -

Хорогская ГЭС (9 МВт), 1972-1979 - Нурекская ГЭС (3000 МВт), 1974-ГЭС Намадгут (2,5 МВт), 1985-1986 - Байпазинская ГЭС (600 МВт), 1994-2005 гг. - Памирская ГЭС-1 (28 МВт), 2008-2009, Сангтудинская ГЭС-1 (670 МВт), 2009-2015 - Душанбинская ТЭЦ-2 (100 МВт), 2011-2013 - Сангтудинская ГЭС-2 (220 МВт) 2011 - ГЭС Марзич (4,3 МВт), 2015 - ГЭС Питовкул-2 (1,1 МВт), 2018 - ГЭС Точикистон (1,5 МВт), 2018 - Рогунской ГЭС (600 МВт) (Таблица 2.3.1). В истории энергетики Республики Таджикистан самые огромные и приоритетные проекты по строительству электростанций являются Каскад Варзобская ГЭС (25,43 МВт) на реке Варзоб, Кайраккумская ГЭС (126 МВт) на реке Сырдарья, Нурекская ГЭС (3000 МВт), Байпазинская ГЭС (600 МВт), Каскад Вахшских ГЭС (285 МВт), Сангтудинская ГЭС-1 (670 МВт), Сангтудинская ГЭС-2(220 МВт), Рогунской ГЭС (600 МВт) на реке Вахш и Памирская ГЭС-1 (28 МВт), Хорогская ГЭС (9 МВт) на реке Гунд. История формирования и состояние развития энергетической отрасли в Таджикистане за длителетьный период иллюстрируем в таблице 1.

**Таблица 1. - Технические показатели энергосистемы Республики Таджикистан за 1936-2020 гг.**

| № | Наименование ГЭС и ТЭЦ | Ввод в эксплуатацию | Мощность (МВт) | Количество агрегатов | Годовое производство электроэнергии (млрд.кВт/ч) (2015) | Река | Место положения |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Каскад Варзобских ГЭС, в том числе: | 1336–1952 | 25,43 | | 0,08 | Варзоб | РРП |
| | ГЭС–1 | 1936–1937 | 7,44 | 2×3,72 | 0,059 | Варзоб | РРП |
| | ГЭС–2 | 1949 | 14,4 | 2×7,2 | 0,022 | Варзоб | РРП |
| | ГЭС–3 | 1952 | 3,52 | 2×1,76 | 0,002 | Варзоб | РРП |
| 2 | Хорогская ГЭС | 1941–1945 | | 3×0,312 | - | Гунт | ГБАО |
| 3 | Кайраккумская ГЭС | 1956–1957 | 126 | 6×21 | 0,66 | Сырдарья | Сугд |
| 4 | Каскад Вахшских ГЭС, в том числе: | 1959–1964 | 285 | | 1,10 | Вахш | |
| | Перепадная ГЭС | 1958 | 29,95 | 2×10,8 и 1×8 | 0,20 | Вахш | Хатлон |
| | Головная ГЭС | 1962–1963 | 240 | 3×35 и 3×45 | 0,88 | Вахш | Хатлон |
| | Центральная ГЭС | 1964 | 15,1 | 2×7,55 | 0,03 | Вахш | Хатлон |
| 5 | Душанбинская ТЭЦ | 1961–1965 | 198 | | 0,03 | - | Душанбе |
| 6 | ГЭС Ак–Су | 1964 | 0,64 | 2×0,32 | - | Мургаб | ГБАО |
| 7 | Ванджская ГЭС | 1968 | 1,2 | 2×0,6 | - | Вандж | ГБАО |
| 8 | ГЭС Шуджанд | 1969 | 0,83 | 2×0,415 | - | Бартанг | ГБАО |
| 9 | Яванская ТЭЦ | 1969–1971 | 120 | - | 0 | - | Хатлон |
| 10 | Хорогская ГЭС | 1970 | 9 | 5×1,8 | - | Гунт | ГБАО |
| 11 | Нурекская ГЭС | 1972–1979 | 3000 | 9 | 10,38 | Вахш | Хатлон |
| 12 | ГЭС Намангут | 1974 | 2,5 | 2×1,25 | - | Пяндж | ГБАО |
| 13 | Байпазинская ГЭС | 1985–1986 | 600 | 4×150 | 1,86 | Вахш | Хатлон |
| 14 | Памирская ГЭС–1 | 1994–2005 | 28 | 4×7 | - | Гунт | ГБАО |
| 15 | Сангтудинская ГЭС–1 | 2008–2009 | 670 | 4×167,5 | 1,87 | Вахш | Хатлон |
| 16 | Душанбинская ТЭЦ–2 | 2009–2015 | 100 | - | 0,27 | - | Душанбе |
| 17 | Сангтудинская ГЭС–2 | 2011–2013 | 220 | 2×110 | 0,68 | Вахш | Хатлон |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 18 | Марзич | 2011 | 4,3 | 3×1,43 | 0,001 | - | Сугд |
| 19 | Питовкул–2 | 2015 | 1,1 | 2×0,55 | 0,002 | - | Сугд |
| 20 | Таджикистан | 2018 | 1,5 | - | - | Мургаб | ГБАО |
| 21 | Рогунская ГЭС | 2018-2019 | 1200 | 2 | - | Вахш | Хатлон |
| 22 | Хатфат | 2020 | 0,45 | 1 | | Бартанг | ГБАО |

***Таблица составлена по:** A. Nazarov. Hydro Power Plant's of Tajikistan. Dushanbe: «R-graph». 2013. P. 50-71. В поисках процветания. Лидер нации Эмомали Рахмон и развитие отрасли энергетики.- Душанбе: 2016. С.119. Годовые отчеты ОАХК «Барки Точик», ОАО «Памир Энерджи». http://www.minenergoprom.tj/energetika.php, http://www.mewr.tj/ru.

Производство электроэнергии на гидростанциях началось в 1936 г., когда вводилась в эксплуатацию Варзобская ГЭС с общей мощностью 3,72 МВт. В начале 1938 года общая мощность электроэнергии республики составляла 17 тыс. кВт, а на начало 2017 г. достигла до 6577 тыс. кВт, или увеличилась в 387 раз. Трансформационные изменения в развитии электроэнергетической отрасли наблюдаются за годы государственной независимости.

Мощность энергосистемы Таджикистана за 1990 г. составила 4500,2 тыс. кВт., а в конце 2016 г. - 6577 тыс. кВт. или увеличилась на 39,6 %, что связанно с вводом в эксплуатацию Сангтудинской ГЭС-1 (670 МВт), Сангтудинской ГЭС-2 (220 МВт), Душанбинской ТЭЦ-2 (100 МВт) и нескольких малых ГЭС. В настоящее время электроэнергетика Таджикистана представлена 9 крупными и средними ГЭС, мощностью 4965,47 тыс. кВт. и 3 ТЭЦ на 418 тыс. кВт., а также 283 МГЭС с установленной мощности 26860,6 кВт (таблица 2).

**Таблица 2. - Основные технико-экономические показатели состояния электроэнергетической отрасли Республики Таджикистан за 1991-2021 годы**

| Годы | | Единица измерения | 1991 | 2000 | 2010 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Мощность | | МВт | 4438 | 4424 | 5105.0 | 6356 | 6476 |
| в том числе: | ГЭС | МВт | 4044 | 4069 | 4787.0 | 5758 | 5758 |
| | ТЭЦ | МВт | - | 355 | 318.0 | 598 | 718 |
| Производство электроэнергии | | Млн. кВт. Ч | 17597 | 14247 | 16435 | 19771 | 20624 |
| в том числе: | ГЭС | Млн. кВт. Ч | 16391 | 14025 | 16401 | 18114 | 18967 |
| | ТЭЦ | Млн. кВт. Ч | - | 222 | 34.0 | 1657 | 1657 |
| Импорт | | Млн. кВт. Ч | 6941 | 5242 | 432.0 | 379 | 833 |
| Экспорт | | Млн. кВт. Ч | 5390 | 3909 | 286.0 | 1870 | 3307 |
| Выработка электроэнергии на душу населения | | кВт.ч. | 3196 | 2279 | 2157.8 | - | |
| Потребление электроэнергии, в том числе | | Млн. кВт. ч. | 19148 | 15580 | 16581 | 15420 | 13829 |
| Промышленностью и строительством | | Млн. кВт. Ч | 11017 | 5802 | 7434.0 | 2801 | 3977 |
| Транспортом | | Млн. кВт. Ч | 157 | 43.0 | 30.0 | 8 | 9 |
| Сельским хозяйством | | Млн. кВт. Ч | 4560 | 4320 | 3593.0 | 2619 | 2086 |
| Другими отраслями | | Млн. кВт. Ч | 1631 | 3251 | 3194.0 | 3135 | 2347 |
| Потери в сети общего пользования | | Млн. кВт. Ч | 1783 | 2164 | 2330.0 | 2549 | 4071 |

**Источник:** Таджикистан: 20-лет государственной независимости. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте РТ, 2011. С. 442-445, 532-533; Таджикистан: 25-лет государственной независимости. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте РТ, 2016. С. 293-295, 341; Рынок труда в РТ: 20-лет государственной независимости. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте РТ, 2016. С. 287. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте РТ. 2020. - С. 288. Промышленность РТ: 30 - лет государственной независимости. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте РТ. 2021. - С. 33-34. Промышленность РТ. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте РТ. 2022. - С. 24, 83.

Производство электроэнергии на гидростанциях началось с 1936 г., когда вводилась в эксплуатацию Варзобская ГЭС с общей мощностью 3,72 МВт. В начале 1938 года общая мощность электроэнергии республики составляла 17 тыс. кВт, а на начало 2017 г. достигла до 6577 тыс. кВт, или увеличилась в 387 раза. Производство электроэнергии за счет ввода в эксплуатацию Нурекской и Байпазинской ГЭС и несколько МГЭС в 1990 г. достигло до 18146 млн. кВт. ч., что является пиком производства в истории энергетики страны.

По разным объективным и субъективным причинам после 1990 г. производство электроэнергии в стране уменьшилось на 5,1 %, несмотря на ввод в действие дополнительных генерирующих мощностей на 2076,8 млн. кВт. Если в 1990 г. на 1 кВт мощности приходилось 4032 кВт. ч. выработки электроэнергии, то в 2016 г. лишь - 2620 кВт. ч., что в 1,54 раза меньше. Все это говорит об уменьшении эффективности работы всей электроэнергетической системы страны. После отсоединения от единой энергосистемы Средней Азии Таджикистана в 2010 г. также сведен к минимуму экспортно-импортное операции электроэнергии. Мощность энергосистемы Таджикистана увеличивается от 4438 МВт. (1991 г.) до 6476 МВт. (2021 г.) или по сравнению с 2021 годом увеличивалась на 46,0 %. На долю гидростанции приходится 89 % всей установленной мощности, а тепловых 718 тыс. КВт. т.е. всего лишь на 11 %. Выработка электроэнергии за 2021 г., состоящей в основном из гидроэлектростанций, составляет 20624 млн. кВт. ч. Выходит, что более 92,3 % электроэнергии, вырабатывается на гидростанциях.

Несмотря на развитие электроэнергетической промышленности, Республика Таджикистан сталкивается с проблемой обеспечения надёжного и качественного доступа к энергии всего населения страны. Особенно в зимние периоды, зимний энергодефицит составляет от 2,2 до 2,5 млрд. кВт. ч., что вынуждает энергосистему вводить официальные ограничения на поставку электроэнергии. Кроме этого, имеются другие проблемы, препятствующие развитию электроэнергетической отрасли: недостаточные капитальные вложения, неэффективное использование генерирующих мощностей, введенных в действие за 1991-2021 гг.; большие потери в энергосистеме; неусовершенствованная тарифная политика; нехватка высококвалифицированных кадров.

Самая важная цель и задача программы Среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2016-2020 гг. Национальной стратегии

развития Республики Таджикистан до периода 2030 года и отрасли электроэнергетики заключается в достижении эффективности производства и распределении электроэнергии, а также в устойчивости развития самой отрасли. Для того, чтобы полностью обеспечить потребности экономики и населения республики электроэнергией целесообразно обеспечить устойчивость энергетического комплекса и одновременно участвовать в конкурентно-способной рыночной мировой экономике. При этом обеспечение эффективного производства и использование электроэнергии играет главенствующую роль.

С целью более реального прогнозирования перспективы развития электроэнергетической отрасли, в статье большое внимание уделено оценке роли основных факторов, влияющих на эффективность производства, распределения и использования электроэнергии. При прогнозировании взяты за основу факторы, не учтенные в прошлом, но оказывающие решающее влияние на развитие отрасли. К ним относится:

- спрос и уровень цен на электроэнергию для электропотребителей;
- капитальные вложения в электроэнергетику;
- модернизация и восстановление генерирующих мощностей, действующих гидро и теплоэлектростанций;
- ввод в эксплуатацию новых строящихся и проектируемых крупных, средних и малых ГЭС, с приоритетом Рогунской ГЭС;
- общие экономические условия;
- изменения в правовых, нормативных актах и законах об энергетике и возобновляемых источниках электроэнергии.

Используются статистические и отчетные данные изменения ряда факторов, влияющих на рост производства электроэнергии, дан прогноз роста электроэнергетики на среднесрочную перспективу (до 2025 г.) с применением экономико-математического моделирования. При прогнозировании, на основе влияния основных факторов на рост производства электроэнергии, применены эконометрическое уравнение, балансовое уравнение, всеобще приняты регрессионные анализы на основе 17 наблюдений (1999-2016 гг.). Рассмотрены два сценария, демонстрирующие весьма значительную часть будущего диапазона неопределенности: базовый сценарий (прогнозируется по тенденции) и оптимистический сценарий (предусматривает реализацию всех планов по строительству и ввода в действие новых мощностей, где имеются возможности для инвестиции). В модели все факторы производства, потребление, потери, экспорт, импорт и другие взаимозависимы и взаимообусловлены.

Дифференциальность (разница) моделей заключается в том, что в оптимистическом сценарии учтены влияние факторов на развитие электроэнергетики в перспективе; реализуются энергетические проекты по вводу новых мощностей (Рогунская ГЭС, малые гидростанции); устойчивые инвестиции отрасли; рост тарифов на электроэнергию; использование новых технологий по снижению потерь в электроэнергии и другие.

Для моделирования и прогнозирования потребления электроэнергии в отраслях промышленности и строительства использовано эконометрическое

уравнение, параметры которого оценены на основе авторегрессионной модели (AR): $X_t = c + \sum_{i=1}^{p} a_i X_{t-i} + \varepsilon_t$ (1)
где, a1, a2, … , ap - параметры модели (коэффициенты авторегрессии), c - постоянная, а εt -случайная компонента.

$$ППСt = 1.05409237021 * ППСt\text{-}1 \quad (2)$$

где,

ППСt - потребление электроэнергии в отраслях промышленности и строительства в период t;

ППСt-1 - потребление электроэнергии в отраслях промышленности и строительства в период t-1.

Результаты базового и оптимистического сценарий прогноза дан на рисунке 1 и 2.




**Рисунок 1.** Прогноз потребления электроэнергии потребителями по сценариям.




**Рисунок 2.** Прогноз технико-экономических показателей и прогноз электроэнергии по сценариям, млрд. кВт. ч.

По полученным расчетам энергетические мощности по базовому сценарию в 2025 г. составят 9926,01 тыс. кВт., а по оптимистическому - 12092,8 тыс. кВт., или на 21,8 % больше. При этом производство электроэнергии по базовому сценарию в 2025 г. ожидается 20782,67 млн. кВт. ч., а по оптимистическому - 34424,1 млн. кВт. ч., или в 1,65 раза больше. Потребление электроэнергии по базовому сценарию в 2025 г. составит 19294.06 млн. кВт. ч., а по оптимистическому - 31958.4 млн. кВт. ч., или увеличивается в 1,65 раза. Импорт остаётся на одном уровне. Экспорт электроэнергии по базовому сценарию в 2025 г. составит 1489.1 млн. кВт. ч., а по оптимистическому сценарию - 2466.2 млн. кВт. ч., что выше базового сценария на 66 %. Прогноз экспорта электроэнергии зависит от прогноза общего производства электроэнергии, общего потребления электроэнергии и прогноза импорта электроэнергии. Если потребление и спрос на электроэнергию остаются на уровне базового сценария, то экспорт увеличивается почти в 1,8 раза до 2025 года.

На основе проведённых научных исследований предложены следующие выводы и предложения:

1. Таджикистан страна, где 93% его территории составляют горы очень богата водными и гидроэнергоресурсами, эффективность использования которых подтверждается актуальность темы. Общее количество рек и водотоков насчитывается более 25000, общей линией протяжённости около 90000 км. Наличие больших запасов гидроэнергоресурсов ещё раз свидетельствует о том, что её можно использовать не только путём строительства крупных и средних ГЭС, но и МГЭС. Предварительные технико-экономические проработки

показывают, что строительство малых гидроэлектростанций позволяют решить вопрос сельского энергоснабжения, снизить энергетическую бедность населения, особенно сельских местностей, повысить уровень трудовой занятности населения, выровнять экономическое развитие районов, особенно горных, повысить развитие среднего и малого бизнеса.

2. Установлено, что в настоящее время более 98 % вырабатываемой электроэнергии приходится на долю гидроэлектростанций, дающие дешевую по себестоимости, экологически чистую энергию. Поэтому, для достижения энергетической независимости страны, дальнейшего экономического и социального развития регионов необходимо, как можно больше и эффективнее использовать гидроэнергетические ресурсы.

3. Основным ресурсом выработки электроэнергии в республике является гидроэнергетика, вырабатывающаяся на ГЭС-ах различной мощности. Потенциальная возможность выработки электроэнергии составляет 527 млрд. кВт. ч., а производится только 17-18 млрд. кВт. ч., ежегодная потребность составляет 21-22 млрд. кВт. ч. при дефиците 4 млрд. кВт. ч.

4. Развитие электроэнергетической отрасли Таджикистана, в подавляющей части, зависит от освоения богатых потенциальных гидроэнергоресурсов страны, которые сейчас используются лишь на 3% и по нашим прогнозам к 2025 г. этот показатель может составить 7-8 %.

5. С целью развития и эффективного функционирования, и управления электроэнергетической отраслью, целесообразно внедрить государственную систему прогнозирования при разработке краткосрочных, среднесрочных и долгосрочных программ развития отрасли и постоянное осуществление мониторинга их реализации, формирование и регулирование государственной тарифной политики.

**Литература**

1. Аламшоева М.М. Таҳлили рушди соҳаи энергетика дар даврони 30 соли истиқлоли давлатӣ. /Аламшоева М.М. //Вестник Таджикского национального университета.- Душанбе, 2021.- № 7. -С. 65-74.
2. Аламшоева М.М. Энергетическая система Таджикистана: современное состояние и прогнозирование. /Аламшоева М.М. –Душанбе: “Сино”, 2020. –170 с.
3. Ахророва А.Д. Энергетика Таджикистана: современные тенденции и перспективы устойчивого развития. /Ахророва А.Д., Аминджанов Р.М., Доронкин К.А. –Душанбе; ООО РИА «Статус». 2005, – 235 с.
4. Дар талоши нур. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ва рушди соҳаи энергетика. /Монографияи коллективона. – Душанбе: 2016. – 176 с.
5. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики», 23.12.2022, г. Душанбе [Электронный ресурс], URL: www.president.tj (Дата обращения: 02.03.2023).
6. Макарова А.А. Прогноз развития энергетики мира и России 2016. / под ред. А.А. Макарова, Л.М. Григорьева, Т.А. Митровой; ИНЭИ РАН-АЦ при Правительстве РФ- Москва, 2016. - С. 196.- ISBN 978-5-91438-023-3.
7. Промышленность РТ. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте РТ. 2022. - С. 89.

8. Системное тарифное регулирование в энергетической отрасли: теория, методология, практика: коллективная монография. - Москва: Издательство МЭИ, 2021. -645 с.
9. Стратегия развития малой гидроэнергетики Республики Таджикистан. //Разработан Министерством энергетики и промышленности Республики Таджикистан при поддержке Офиса ПРООН в Таджикистане от 15-го октября 2007 г.
10. Федосеева В.В. Экономико-математические методы и прикладные модели. Серия: Бакалавр. Базовый курс /В.В.Федосеева, А.Н. Гармаш, И.В. Орловаю; под редакцией В.В. Федосеева. -3-е изд. перераб. и доп. - Москва: Издательство «Юрайт», 2013. - С. 328.
11. Хоналиев Н. Современные проблемы развития отраслей тяжелой промышленности Таджикистан. /Хоналиев Н. –Душанбе; ООО «Дилшод ББ». 2014. – 150 с.
12. Секретариат энергетической хартии 2013. [Электронный ресурс]: http://www.minenergoprom.tj/energetika.php. (дата обращения: 02.03.2023).

**УДК: 334.012.64 (470.345)**

# МУКАММАЛГАРДОНИИ МОҲИЯТИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР ХОҶАГИИ ҚИШЛОҚ

***Шодиев Кӯҳзод Қурбонбоевич*** *– н.и.и., дотсент, мудири кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, маҳаллаи Низоми Ганҷавӣ 464/1, хонаи 30. Телефон: 935576360. E-mail: kuhzod-8686@mail.ru.*

***Шерқулов Одилҷон Дилмуродович*** *– аспиранти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Шамсӣ 18/1, ҳуҷраи 31. Телефон: 900 66 91 50. E-mail: odiljon91_91@mail.ru.*

*Дар мақола аҳаммияти илмию назариявӣ ва таҷрибавӣ, дараҷаи омӯзиши он, инчунин, мақсаду вазифаҳо нишон дода шуда, такмилдиҳии моҳияти соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ ва соҳаи истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада кушода дода шудаанд.*

*Муаллифон муносибатҳои мухталифи назариявӣ ва методологиро ба таҳқиқи масъалаи баррасишаванда хулосабандӣ намуда, собит намудаанд, ки соҳибкорӣ ва муносибатҳои соҳибкорӣ асоси ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ, аз он ҷумла, дар хоҷагии қишлоқ мебошанд. Инчунин асосноккунии нуқтаҳои консептуалӣ ва такмилдиҳии моҳияти соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ, ки тавзеҳоти мавҷудаи аппарати мафҳумиро аз мавқеи ҷоринамоии асосҳои бисёрфунксионалии иқтисоди деҳот пурра мегардонад, зоҳир мегардад.*

*Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳо оварда шудаанд, ки хулосааш чунин мебошад: рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ масъалаи муҳимми иҷтимоиву иқтисодии кишвар ба ҳисоб меравад. Қайд кардан ҷоиз аст, ки барои ин методологияи куллии бонизоми рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ лозим мебошад.*

*Калидвожаҳо: соҳибкорӣ, иқтисодӣ, хоҷагидорӣ, хоҷагии қишлоқ, истеҳсолӣ, рақобат, рушд, деҳот, хурд, миёна.*

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СУЩНОСТИ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В СЕЛЬСКОМ ХОЗЯЙСТВЕ

***Шодиев Кухзод Курбонбаевич*** *– к.э.н., доцент, заведующий кафедрой экономического анализа, Таджикский государственный финансово-экономический университет (ТГФЭУ). Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, район*

*Сино, ул. Низом Ганджави, 464/1, кв.30. Телефон: 935576360. E-mail: kuhzod-8686@mail.ru*

***Шеркулов Одил Дилмуродович** - аспирант кафедры экономической теории Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067 Душанбе, район Сино, улица Шамси, 18/1, квартира 31. Тел.: 900669150. E-mail: odiljon91_91@mail.ru*

*В статье показаны важность, научная, теоретическая и экспериментальная значимость исследуемой проблемы, уровень его изученности, а также его цели и задачи, усовершенствование сущности малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве и области практического использования выявляются полученные результаты.*

*В статье авторами обобщаются различные теоретико-методологические подходы к изучению рассматриваемого вопроса и доказывается, что предпринимательство и предпринимательские отношения являются основой формирования и развития рыночных отношений, в том числе и в сельском хозяйстве.*

*Также дается обоснование концептуальных положений и уточнение сущности малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве, что завершает существующее разъяснение понятийного аппарата с точки зрения реализации многофункциональных основ сельской экономики.*

*В статье представлены научные выводы и рекомендации, которые сводятся к следующему: развитие малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве считается важной социально-экономической проблемой страны. Стоит отметить, что для этого необходима комплексная методология развития малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве.*

***Ключевые слова:** предпринимательство, экономика, сельское хозяйство, производство, конкуренция, развитие, сельское, малого и среднего.*

## IMPROVING THE ESSENCE OF SMALL AND MEDIUM-SIZED ENTERPRISES IN AGRICULTURE

***Shodiev Kukhzod Kurbonbayevich** - Candidate of Economics, Associate Professor Head of the Department of Economic Analysis, Tajik State Financial and Economic University TSFEU Address: 734067 Dushanbe city, Sino district, st. Nizom Ganjavi 464/1 apt. 30 E-mail: kuhzod-8686@mail.ru Phone: 935576360.*

***Sherkulov Odil Dilmurodovich** - postgraduate student of the Department of Economic Theory of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067 Dushanbe, Sino district, Shamsi street 18/1 apartment 31. E-mail: odiljon91_91@mail.ru Tel: 900669150.*

*The article shows the importance, scientific, theoretical and experimental significance, the level of its study, as well as its goals and objectives, the improvement of the essence of small and medium-sized businesses in agriculture and the areas of practical use, the results obtained are revealed.*

*The article summarizes various theoretical and methodological approaches to the study of the issue under consideration and proves that entrepreneurship and entrepreneurial relations are the basis for the formation and development of market relations, including in agriculture.*

*The article also substantiates the conceptual provisions and clarifies the essence of small and medium-sized businesses in agriculture, which completes the existing explanation of the conceptual apparatus in terms of the implementation of the multifunctional foundations of the rural economy. appears.*

*The article presents scientific conclusions and recommendations, the conclusion of which is as follows: The development of small and medium-sized businesses in agriculture is considered an important socio-economic problem of the country. It should be noted that this requires a*

*comprehensive methodology for the development of small and medium-sized businesses in agriculture.*

***Key words:*** *entrepreneurship, economy, agriculture, production, competition, development, rural, small and medium.*

Марҳилаи муосири рушди низоми хоҷагидорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои навро ба равандҳои иқтисодии вобаста ба болоравии фаъолнокии соҳибкорӣ дар ҳамаи соҳаҳо талаб менамояд. Хоҷагии қишлоқ яке аз соҳаҳои иқтисоди бозорӣ мебошад, ки дар он соҳибкории хурду миёна бартарӣ дошта, рушди он ҳамчун роҳи ташаккули муҳити рақобатӣ баррасӣ карда мешавад.

Дар баробари ин, масъалаи баландбардории фоиданокии фаъолияти хоҷагии субъектҳои соҳибкории хурду миёна бисёрҷабҳа буда, бояд дар тамоми сатҳҳои идоракунӣ дар хоҷагии қишлоқ – аз сатҳи умумидавлатӣ, минтақавӣ то сатҳи субъекти алоҳидаи хоҷагидорӣ ҳаллу фасл карда шавад.

Муносибатҳои соҳибкорӣ асоси ташаккул ва рушди муносибатҳои бозорӣ, аз он ҷумла дар хоҷагии қишлоқ, мебошанд. Дар кишварҳое, ки шумораи аҳолии маскуни деҳот бартарии назаррас дорад, ки ба онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дохил мегардад, масъалаҳои ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ аҳаммияти хосса ба худ мегиранд, зеро вай ҳамчун омили муҳимтарини болоравии сифат ва сатҳи зиндагии мардуми деҳот баромад мекунад.

Нигоҳи таҳлилии консепсияи ташаккул ва рушди назарияи соҳибкорӣ имкон медиҳад, қайд карда шавад, ки ибораи «соҳибкорӣ» аллакай дар тӯли якчанд даҳсолаҳо мавриди истифода қарор гирифтааст, аммо ҳанӯз мубоҳиса дар атрофи моҳият, аҳаммият ва таркибҳои этимологии ин категория нигоҳ дошта мешавад. Таҳлилҳои олимони соҳа нишон медиҳад, ки 75 таърифи муосири соҳибкорӣ муқаррар карда шуд, ки дар 41-тои онҳо - ибораи бунёд, бакорандозӣ, дар 40-то - тиҷорати нав, корхонаҳои нав, дар 39-то - инноватсия, маҳсули нав, бозори нав, дар 31-то - истифодаи имкониятҳо, дар 25-то - номуайянии таваккал, идоракунии хавф, фоида, манфиати шахсӣ, дар 22-то - комбинатсияи нави захираҳо, воситаҳои истеҳсолот ва идоракунӣ хотиррасон карда мешавад [6, с. 22].

Таҳлили қиёсии ақидаҳои намояндагони назарияҳои классикӣ ва муосири соҳибкорӣ ба он ишора менамояд, ки фаъолияти соҳибкорӣ дар чорчӯбаи фаъолияти муайяни истеҳсолӣ маҳдуд намегардад ва ҳамчун соҳибкор ҳамон шахсе маҳсуб меёбад, ки функсияи муайянро, новобаста аз намуди фаъолият, иҷро менамояд. Аксарияти муаллифон намудҳои фаъолиятро аниқ ҷудо менамоянд, дар ҳоле ки назариячиёни дигар тасаввуроти умумӣ медиҳанд. Марҳилаҳои асосии рушди назарияи соҳибкориро баррасӣ намуда, нақшу аҳаммияти соҳибкории хурду миёнаро дар рушди иқтисодиёт, алалхусус, хоҷагии қишлоқро таҳлил намуда, қайд кардан зарур аст, ки соҳибкории хурду миёна – ин бахши пешбари иқтисодиёт мебошад. Маҳз соҳибкории хурду миёна шакли ибтидоӣ ва аввалияи амсилаи бозории хоҷагидорӣ дар намуди

истеҳсолоти майдамолӣ буд, ки дар таърихи баргузории иқтисоди намуди бозорӣ нақши сохторсозандаро бозид. Ин махсусият ва таъиноти хоссаи функсионалии соҳибкории хурду миёна барои кишварҳое, ки низоми бозории хоҷагидориро, аз ҷумла дар хоҷагии қишлоқ, месозанд, аҳаммияти махсусро пайдо мекунад.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши муносибатҳои муосир ба таҳқиқи асосҳои назариявии баргузорӣ ва рушди соҳибкорӣ дар иқтисоди ҷаҳон қайд карда мешавад, ки таърихан вай маҳз дар хоҷагии қишлоқ тавлид ёфтааст.

Ба ақидаи як қатор муаллифон, таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ аз фаъолияти босамари соҳибкорони ватанӣ вобаста аст. Махсусан, рушди соҳибкории инноватсионӣ яке аз омилҳои фаровонии бозорҳои кишвар бо маҳсулоти баландсифатӣ ватанӣ ба шумор меравад [1, с.130-137]. Нуқтаи назари муаллифони гуногунро ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии кишварҳои мухталиф, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳисоб гирифта, ба чунин хулоса омадан зарур аст, ки маҳаки таснифи фаъолияти соҳибкорӣ тибқи андозаҳо дар консепсияҳо ва низомҳои ниҳодӣ хосанд ва дар ин пайомад мо нуқтаи назари зеринро тарафдорӣ менамоем: фаъолияти соҳибкорӣ ба соҳибкории хурду миёна тааллуқ дорад, агар ба маҳакҳои таснифи субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар кишвари мушаххас истифодашаванда мувофиқат намояд.

Хусусиятҳои бунёд, амалкард ва рушди соҳибкории хурду миёнаро дар хоҷагии қишлоқ баррасӣ намуда, қайд намудан зарур аст, ки соҳибкории хурду миёна ба туфайли баъзе бартариҳояш, ки ба онҳо, пеш аз ҳама, чандирӣ ва таъсирпазирии баланд ба навовариҳо, инчунин, вокуниши тез ба тағйирот дар дархости ҷамъиятӣ мансубанд, ояндаи калон дорад. Дар ин пайомад таъиноти асосии соҳибкории хурду миёна ҳалли масъалаҳои таъмини талаботи бозори дохилӣ бо молу хизматрасониҳои истеъмолӣ, инчунин, имкониятҳои калон дар бунёди ҷойҳои нави корӣ дар хоҷагии қишлоқ дониста мешавад [2, с.183].

Бояд қайд намуд, ки соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ ташкили тиҷоратро дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ, аз ҷумла дар соҳаи хизматрасониҳо низ, ки бо истеҳсолоти кишоварзӣ алоқаманд нестанд, шомил мебошад. Вобаста бо ин, барои асоснокнамоии самтҳои асосии рушди ташкилию иқтисодии соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ намудҳои соҳибкории хурду миёна дар иқтисодиёти деҳот ҷудо карда шудаанд (расми 1).

Таҳлили танқидии нақш ва аҳаммияти соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ имкон медиҳад, ки бартарии асосӣ ва аҳаммиятноктарини соҳибкории хурду миёна дар таъмин намудани шуғлнокии аҳолӣ, бунёди арзиши иловашуда буда, омили муҳим дар болоравии некуаҳволии истиқоматкунандагони деҳот ба шумор меравад. Ин бартариҳо, махсусан дар кишварҳои иқтисодиёти давраи гузаришро аз сар гузаронанда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ки дар он қазияи бекории баланд дар хоҷагии қишлоқ, сатҳи пасти фаъолнокии иқтисодии аксарияти маскунони деҳот, рақобатпазирии нокифояи молу маҳсулот ва

хизматрасониҳои онҳо, инчунин, мавҷуд набудани сармоягузориҳо барои рушди иқтисодиёти деҳот ҷой дорад, мубрам мебошанд.




**Расми 1. Таснифоти намудҳои соҳибкории хурд ва миёна дар иқтисодиёти деҳот***

*Таҳияи муаллифон

Дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ исбот шудааст, соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ рақобатро ҳавасманд менамояд, барои амалигардонии иқтидор ва самаранок истифода бурдани захираҳо дар деҳот шароит фароҳам меорад. Ба ғайр аз ин, ба туфайли татбиқи усулҳо ва тарзҳои нави истеҳсоли молу хизматрасониҳо дар хоҷагии қишлоқ барои бунёди сохти нав дар деҳот, аз ҷумла, дар пояи рушди ҳамаҷоя ва ҳаматарафаи соҳибкорӣ дар хоҷагии қишлоқ, шароит фароҳам оварда мешавад [3, с.5]. Соҳибкории хурду миёна бо як қатор хусусиятҳои хосаш, ки вайро устувор ва ҳаётпазир мегардонанд, фарқ мекунад. Онҳо метавонанд барояшон дар низоми кооператсияи истеҳсолӣ бо корхонаҳои миёна ва бузург ҷой пайдо намоянд, метавонанд истеҳсоли маҳсулотро бо қисмҳои начандон калон ташкил намоянд, ки инро дар чорчӯбаи корхонаҳои бузург бо дарназардошти ноилгардӣ ба дараҷаи муътадили даромаднокӣ таъмин кардан имконнопазир мебошад. Ин, махсусан дар шароити муосир, дар хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон мубрам

мебошад, зеро самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва куллан рушди иқтисоди деҳот муносибати маҷмаавиро тақозо дорад.

Илова ба ин, бояд қайд намуд, ки носуботии вазъияти иҷтимоиву иқтисодӣ дар хоҷагии қишлоқ паҳншавии сохторҳои соҳибкориро ба таври назаррас боз медорад, имкониятҳои ташаккул ва пиёдагардонии иқтидори иқтисодии онҳоро маҳдуд месозад. Зимни чунин ҳолатҳо фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун манбаи даромадҳои иловагии мардуми деҳот баромад мекунад, ки имкон медиҳад бизнес – функсияҳои асосӣ дар қаламрави деҳот ба таври пурра иҷро карда шаванд, нишонаҳои дилхоҳи стратегии дорои муҳтавои иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ ба даст оварда шаванд.

То замони ҳозира ба таҳқиқи масъалаҳои андозаи оптималии соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ, баландбардории аз тарафи онҳо маҳсулнок истифода бурдани захираҳо, истифодаи самаранокии инноватсияҳо ва дигар манбаъҳои молиявӣ тавақҷуҳи басанда равона карда нашудааст [4, с. 160]. Аз ин ҷо ҳолати кунунии масъалаҳои дар боло зикргардида бо мавҷуд набудани назарияи мутобиқан коркардшудаи масъалаи таҳқиқшаванда дар илми иқтисодии ватанӣ тавсиф карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар шароити тағйироти табодулотӣ нақши давлат дар бунёди шароитҳои мусоид ва асосҳои ташкилию иқтисодии ташкил ва пешбурди соҳибкорӣ дар хоҷагии қишлоқ хосса мебошад. Ғуншавии зуҳуроти номусоиди иҷтимоиву иқтисодӣ дар хоҷагии қишлоқ дар тӯли бисёрсолаҳо (сохтори ноқулай ва муносибати ғайрихайрхоҳона ба омилҳои истеҳсолот, коҳишёбии нақши хоҷагии қишлоқ ба ҳайси манбаъ барои дастгирии маскунони деҳот, бекории ноошкор ва барзиёдатии қувваи корӣ ва як қатор қазияҳо) рушди самараноки соҳибкории хурду миёнаро дар хоҷагии қишлоқ ба таври назаррас боз медоранд.

Аз нигоҳи мо, самти асосии ташаккул ва амалинамоии сиёсати давлатии минтақавии рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ инҳо мебошанд:

1) мониторинги ҳолат ва тамоилҳои рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқи минтақа (дар қисмати субъектҳои хоҷагидори ҳамаи шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ);

2) муайян намудани сабабҳо ва омилҳое, ки рушди соҳибкории хурду миёнаро дар хоҷагии қишлоқ дар заминаи дохилӣ-минтақавӣ бозмедоранд;

3) муайянкунии самтҳои дурнамоӣ ва коркарди стратегияи рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ;

4) ташаккули стратегияи рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқи минтақа;

5) коркард ва ҷобаҷогузории механизмҳои рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ.

Барои аниқ кардани самтҳои асосии ислоҳоти ниҳодӣ зарур аст, ки аввал консепсияи иҷтимоиву иқтисодии рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ аниқ муайян карда шавад (расми 2).

Дар корҳои илмӣ-таҳқиқоти олимони ватанӣ муайян карда шудааст, ки рушди минбаъдаи соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқи дилхоҳ минтақа аз ҳалли масъалаҳои маблағгузорӣ ва такмилдиҳии механизмҳои дастгирии давлатӣ ба таври назаррас вобаста аст. Шаклҳои маблағгузорӣ ва дастгирии давлатиро метавон аз шароитҳои минтақаҳо ва имкониятҳои иқтисодии давлат интихоб намуд [5, с. 5]. Ба сифати яке аз шаклҳои самараноки дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ метавонад ҷудокунии грантҳои суроғавӣ ба рушди соҳаи мушаххас ё маҳсулот хизмат намояд. Дараҷаи самаранокии гранти ҷудокардашуда аз сатҳи истифодаи оқилонаи онҳо дар корхонаи мушаххас вобаста мебошад.




**Расми 2. Самтҳои дастгирии давлатии рушди соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ**

*Таҳияи муаллифон

Омӯзиши асосноккунии нуктаҳои консептуалӣ ва такмилдиҳии моҳияти соҳибкории хурду миёна дар хоҷагии қишлоқ ба мо имкон дод хулосаҳои илмие ба даст оварда шаванд, аз он ҷумла;

- соҳибкорӣ ҳамчун омили фундаменталии барқароршавӣ ва рушди муносибатҳои бозорӣ, аз ҷумла дар деҳот низ баромад менамояд.

Соҳибкорӣ дар тӯли ҳазорсолаҳо инкишоф ёфта, объекти таҳқиқоти сершумор гардидааст, ки дар онҳо ҳамчун муҳаррики пешрафт ва рушди иқтисоди ҷаҳонӣ эътироф карда мешавад. Назарияҳои сершумори инкишофи соҳибкорӣ ба ҳамдигар мухолифат накарда, фақат пурра намуда, консепсияи ташкил, амалкард, идоракунӣ ва рушдро, инчунин, ҷабҳаҳои сершумори дигари фаъолияти соҳибкориро тараққӣ медиҳанд. Вобасти ба ин, соҳибкорӣ, махсусан дар шаклҳои хурду миёнаи зоҳиршавиаш, дар рушди иқтисодиёт ва баландбардории сатҳу сифати зиндагии ҷомеа аҳаммияти муҳимми иҷтимоиву иқтисодӣ дорад:

- дар асоси омӯзиши мавзуи мазкур метавон қайд намуд, ки тағйироти кунунии миқдорӣ ва сифатии ниҳодӣ боиси пайдошавии муносибатҳои принсипан нав ба шароитҳои ташкилию иқтисодии ташаккул ва рушди соҳибкории хурду миёна дар деҳот гардиданд. Соҳибкориро ҳамчун зуҳуроти мураккаби иҷтимоиву сиёсӣ аз мавқеи татбиқнамоии принсипҳои асосии бисёрфунксионалии хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла, куллан иқтисоди деҳот низ, баррасӣ намудан зарур мебошад, ки на танҳо маҷмуи асосҳои ташкилию иқтисодии рушди устувори мавзеъҳои деҳотро таъмин менамояд, инчунин, имконияти худифодакунӣ ва худтатбиқнамоиро дар хоҷагии қишлоқ пешбинӣ менамояд.

- ташаккули механизмҳои ташкилию иқтисодии фаъолгардонии соҳибкории хурду миёнаро дар хоҷагии қишлоқ мебояд дар асоси принсипҳои низомнокӣ татбиқ намуд. Ин имкон медиҳад дурнамои самаранокии аксулалоқамандиҳои субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар деҳот бо дигар соҳаҳои саноат, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ ва сабук, сохта шавад. Чунин муносибат зарурати ангезиши соҳибкоронро ба хоҷагидории инноватсионӣ, аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва экологӣ масъулро, дастгирии равандҳои худташкилӣ, худтанзимӣ ва худназоратиро ба назар мегирад.

- тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти иҷтимоӣ муқаррар карда шуд, ки зимни муайяннамоии доираи фаъолияти иқтисодӣ, ки дар он маскунони деҳот мехостанд кори худашонро кушоянд, аксарият фаъолиятро дар соҳаи кишоварзӣ, дар бахши савдо, хизматрасонӣ афзал мешуморанд.

**Адабиёт**


1. Ашӯров М.Н. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди инфрасохторӣ дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар минтақа / М.Н. Ашӯров, Б. Исвалиев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. - № 3 (32). - С.130-137.

2. Азимов П.Х. Малое и среднее предпринимательство в Республике Таджикистан: особенности, тенденции и проблемы / П.Х. Азимов, Х.Д. Мирзобеков // Научно-технические ведомости Санкт-Петербургского государственного политехнического университета. Экономические науки. - 2016. - №3 (245). – С. 183-191

3. Борисов С.В. Исследование особенностей организации малого и среднего предпринимательства в сельской местности / С.В. Борисов, Е.И. Роговский // Вестник АГАУ. - 2016. - №2 (136). – С. 149-160

4. Комилов С.Дж. Предпринимательство: вопросы развития и государственного регулирования / С.Дж. Комилов, Н.Х. Забиров. - Душанбе: РИА Статус, 2004. – 358с.

5. Левина Н.Д. Проблемы развития бизнес-процессов в сельской местности / Н.Д. Левина, И.В. Палаткин, А.Ю. Павлов // Науковедение. - 2013. - №6 (19). – С. 5-12.

6. Шодиев К.К. Организационно-экономические основы развития малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве Республики Таджикистан. Монография / К.К. Шодиев. – Душанбе: Ирфон, 2021. – 155с.

**УДК: 338.514 (575.3)**

# МЕХАНИЗМҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛГАРДОНИИ ҚАРЗДИҲИИ НИЗОМИ БОНКӢ БА БАХШИ ВОҚЕИИ ИҚТИСОДИЁТ

***Махшулов Саидхуҷа Ҷумъаевич*** *- н.и.и., дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 918563308. E-mail: saidhuja1986@mail.ru*

***Ахмедова Бунафша*** *- ҳуҷҷатнигори кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14.*

*Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ ва рушди бомароми фаъолияти субъектҳои гуногуни иқтисодӣ норасоии захираҳои пулӣ яке аз муаммоҳои асосӣ маҳсуб мешавад. Аз ин лиҳоз, дар сатҳи зарурӣ бо маблағ таъмин намудани бахши воқеии иқтисодиёт яке аз принсипҳои асосии бахши бонкӣ маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, муаллифон масъалаҳои муҳим ва мубрами қарздиҳии бахши воқеии иқтисодиётро мавриди баррасӣ қарор дода, дар доираи он камбудию норасоиҳои мавҷудаи соҳаи мазкурро таҳлил ва арзёбӣ намудаанд. Ғайр аз ин, дар мақолаи мазкур вобаста ба ҳиссаи низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёт таҳлил гузаронида шуда, имкониятҳои мавҷудаи қарздиҳии низоми бонкӣ муайян карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *низоми бонкӣ, амнияти озуқаворӣ, субъектҳои кишоварзӣ, қарздиҳии дарозмуддат, захираҳои қарзӣ, рушди истеҳсолот, сифат, бақия, қарз, ҳисса.*

# ОСНОВНЫЕ МЕХАНИЗМЫ КРЕДИТНОЙ АКТИВИЗАЦИИ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ РЕАЛЬНОМУ СЕКТОРУ ЭКОНОМИКИ

***Махшулов Саидхуджа Джумаевич*** *- кандидат экономических наук, доцент кафедры банковского дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 918563308. E-mail: saidhuja1986@mail.ru.*

***Ахмедова Бунафша*** *- оператор кафедры биржевого дела Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14.*

*В условиях современной экономики и плавного развития деятельности различных хозяйствующих субъектов нехватка финансовых ресурсов считается одной из основных проблем. В связи с этим, обеспечение реального сектора экономики средствами на необходимом уровне считается одним из основных принципов банковского сектора. Исходя из этого, авторы рассмотрели важные и острые вопросы кредитования в реальном секторе экономики, проанализировали и оценили имеющиеся недостатки этой сферы. Кроме того, в данной статье анализируется доля банковской системы в развитии экономики, и выявляются существующие кредитные возможности банковской системы.*

***Ключевые слова:*** *банковская система, продовольственная безопасность, сельскохозяйственные предприятия, долгосрочное кредитование, кредитные ресурсы, развитие производства, качество, баланс, кредит, доля.*

## MAIN MECHANISMS OF CREDIT ACTIVATION OF THE BANKING SYSTEM TO THE REAL SECTOR OF THE ECONOMY

***Makhshulov Saidkhuja Jumaevich*** *- candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Banking, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, k. Nakhimova 64/14. Phone: 918563308. E-mail: saidhuja1986@mail.ru*

***Akhmedova Bunafsha****, operator of the department of exchange business of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, k. Nakhimova 64/14.*

*In the conditions of the modern economy and the smooth development of the activities of various economic entities, the lack of financial resources is considered one of the main problems of the subject under study. In this regard, providing the real sector of the economy with funds at the required level is considered one of the basic principles of the banking sector. Based on this, the authors in their article considered important and acute issues of lending in the real sector of the economy, analyzed and assessed the existing shortcomings and shortcomings of this area. In addition, this article defines a number of analyzes related to the share of the banking system in the development of the economy, an analysis of the existing credit opportunities of the banking system.*

***Keywords:*** *banking system, food security, agricultural enterprises, long-term lending, credit resources, production development, quality, balance, credit, share.*

Вазъи мураккаби ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти таъмини амнияти озуқаворӣ ва таъминоти аҳолӣ бо ғизои хушсифати аз ҷиҳати экологӣ тоза моро водор месозад барои расидан ба яке аз ҳадафҳои олии кишвар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар, ки аҳаммияти умумимиллӣ дорад, диққати аввалиндараҷа диҳем. Таҷрибаи афзоиши касалиҳои сироятӣ вобаста ба норасоӣ ё бадсифатии маводи ғизоӣ дар қисме аз кишварҳои ҷаҳон барои мо ҳамчун намунаи ибрат дар роҳи густариши соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти имкониятҳои мавҷуда мебошад. Аз ин лиҳоз, дарёфти имкониятҳои қарздиҳии дарозмуддат, ки самаранокии фаъолияти истеҳсолии соҳаро таъмин менамояд, вазифаи тамоми ниҳодҳои дахлдор, аз ҷумла давлат мебошад. Зеро ҳар як мамлакат барои афзунгардонии иқтидори иқтисодии худ, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли молҳои таъиноти техникию истеҳсолӣ ва истеъмолидошта, баланд бардоштани сифати онҳо, такмили рушди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии аз лиҳози экологӣ афзалиятдошта, инчунин, некуаҳволии мардум барномаҳои бисёрсола тартиб медиҳад. Дар амал татбиқ намудани ин барномаҳо, пеш аз ҳама, интихоби самтҳои асосӣ ва таъминот бо сармояро талаб менамояд.

Дар ҳар мамлакат самтҳои асосии тараққиёти соҳаи кишоварзӣ ба таври мухталиф интихоб карда мешавад. Баъзе аз мамлакатҳо таъмини суръати баланди рушдро аз соҳаи саноати сабук, қисми дигар - аз соҳаи кишоварзӣ, қисми дигарашон аз соҳаи саноати вазнин оғоз менамоянд. Барои такмили низоми қарздиҳии дарозмуддат ба истеҳсолоти маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, пеш аз ҳама, муайянсозии мушкилот ва монеаҳои мавҷуда, ки самаранокии механизмҳои қарздиҳиро коҳиш медиҳанд, бояд ба таври мушаххас ҳаллу фасл карда шаванд.

Чӣ тавре ки дар таҳқиқи мо аён гардид, як қатор шартҳои назариявӣ ва таҷрибавии ҷаҳонӣ оид ба ташаккули низоми қарзии соҳаи кишоварзӣ нишон медиҳанд, ки дар айни замон ба рушди он омезиши як қатор омилҳои берунӣ ва дохилӣ, ташкилӣ ва маъмурӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар шароити имрӯзаи кишвар як қатор мушкилоти соҳа бо мавҷуд набудани заминаи гарав, вазъи ғайриқаноатбахши молиявии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ, надоштани муҳосиботи ягона дар қисми бештари корхонаҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ки ба талафоти қарзҳо алоқаманд мебошанд, боиси баланд шудани сатҳи хавфҳои калони қарзӣ дар низоми бонкии кишвар мегарданд. Инчунин, зарур аст, ки як қатор чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани устувории молиявии соҳаи кишоварзӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, модернизатсияи техникӣ ва технологии соҳа тавассути васеъ намудани дастрасии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба захираҳои қарзӣ бо шартҳои имтиёзнок, ки хоси шароити иқлими Тоҷикистон ва минтақаҳои ба он алоқаманд мебошанд, таҳия карда шаванд. Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ба ин тиҷорат бояд дар сатҳи баландтарини механизми ягонаи субсидия барои пардохти лизингҳо барои ҳамаи ширкатҳои лизингӣ на танҳо барои таҷҳизоти ватанӣ, инчунин, барои истеҳсолкунандагони хориҷӣ таъмин намояд. Аз ҳисоби маблағҳои ҷудокардаи давлат барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ метавон қисмеро барои субсидияи назорати таҷҳизоту техникӣ – лизинг ҷудо намуд. Фоизи субсидияро ба меъёри бозтамвил, шохиси нархҳои маҳсулоти саноатӣ ё дигар нишондиҳандаҳо ва нархҳои асосии мошину таҷҳизоти кишоварзӣ метавон пайваст кард.

Бинобар ин, зарур аст, ки ҳиссаи қарзҳои бонкии ба соҳаи кишоварзӣ додашуда таҳлилу баррасӣ гардида, дар ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ бақияи ин қарзҳо омӯхта шавад. Барои муфассалтар омӯхтани ин масъала ҷадвали 1 пешниҳод мегардад.

**Ҷадвали 1. - Ҳиссаи қарзҳои бонкии ба соҳаи кишоварзӣ додашуда ва ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар ММД (солҳои 2008-2019) (млн сомонӣ)**

| № | Солҳо / Номгӯи нишондиҳандаҳо | 2008 | 2010 | 2012 | 2014 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | Нисбат ба соли 2008 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, млн сомонӣ | 17609,3 | 40524,5 | 45605,2 | 48401,6 | 54471,1 | 61093,6 | 68844,3 | 77400,0 | 4,4 мар. |
| 2 | Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ, млн сомонӣ | 3 838.8 | 4 718.6 | 8 425.5 | 10717,2 | 11275,7 | 12890,7 | 12873,7 | 13873,7 | 3,6 мар. |
| 3 | Ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар ММД бо % | 21,7 | 21,1 | 23,5 | 21,9 | 20,7 | 21,09 | 18,7 | 19 | -2,7 б.ф. |
| 4 | Бақияи қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ | 2 148,6 | 855,7 | 1056,2 | 1773, 2 | 1618, 2 | 1442,7 | 1506,9 | 1542,9 | -28,2% |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | додашуда, млн сомонӣ | | | | | | | | | |
| 5 | Ҳиссаи қарзҳои бонкии соҳа дар ММД, бо % | 12,2 | 2,1 | 2,3 | 3,6 | 2,9 | 2,3 | 2,1 | 2% | -10,2 б.ф. |
| 6 | Ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ дар ММК, бо % | 55,9 | 10,0 | 9,8 | 16,7 | 14,3 | 11,1 | 11,7 | 11,4 | -44,5 б.ф. |

***Сарчашма**: ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ. – 2012. - №12(197); - 2014. - №12(233); - 2018. -№12(281). Ҳисоботи солонаи омории ҶТ 2018 (нашри расмӣ) Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Точикистон. - Душанбе, 2018. – 409 с.*

Бо истифода аз маълумоти дар ҷадвали 1 дарҷгардида афзоиши мутлақ ва суръати миёнасолонаи афзоиши ҳаҷми маҳсулоти соҳаи кишоварзиро барои солҳои 2008-2019 чунин муайян мекунем:

$$\Delta\overline{У} = \frac{Уn - У1}{n-1} = \frac{13873{,}7 - 3838{,}8}{8-1} = 1433{,}6 \text{ млн сомони}$$

$$\overline{У} = \sqrt[n]{\prod(X)} = \sqrt[7]{2{,}2 * 1{,}3 * 0{,}98 * 1{,}1 * 1{,}2 * 0{,}99 * 1{,}1} = \sqrt[7]{4{,}03} = 1{,}22$$

Афзоиши миёнасолонаи мутлақи ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи таҳлилшаванда ба 1433,6 млн сомонӣ баробар буда, суръати миёнасолонаи афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ дар давоми солҳои 2008-2019 баробар ба 1,22 маротиба буда, тамоюли босуръат зиёд гардидани ҳаҷми маҳсулоти ин соҳаи муҳимро ифода менамояд.

Агар аз нуқтаи назари вобастагии соҳаҳо ба якдигар ва таъсири мутақобилаи онҳо дақиқтар назар афканем, аз рӯйи нишондиҳандаҳои меъёрии соҳаҳо маълум мегардад, ки мушкилоти асосӣ на дар соҳаи кишоварзӣ, балки дар баланд будани меъёр ва принсипҳои низоми қарзию бонкӣ мебошад.

Нишондиҳандаҳо ва таҳлилу муқоисаи рушди соҳа ва вобастагии он бо афзоиши ММД инъикосгари воқеияти ба қадри назаррас рушд накардани фаъолият ва самаранокии истеҳсолот дар самти мазкур мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афзоиши маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса бо соли 2018 тамоили коҳишёбӣ дошта, соли 2019 ба андозаи 0,03 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст, ки аз рӯйи чунин тамоюл оқибати бухронӣ дорад. Ғайр аз ин, ҳиссаи қарзҳои додаи низоми бонкӣ ба соҳа бо назардошти қарзҳои кӯтоҳмуҳлат ва миёнамуҳлат дар сатҳи нокифоя қарор дорад. Аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур ҳиссаи қарзҳои бонкии ба соҳа додашуда дар муқоиса ба соли 2008 дар соли 2019 ба андозаи 641,7 млн сомонӣ коҳиш ёфтааст ва ин раванд метавонад ба рушди соҳа дар ояндаи наздик таъсири манфӣ расонида, масъалаи таъмини амнияти озуқавориро пурмуаммо гардонад.

Таҳлили маълумоти ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки рушди ММД дар муқоиса ба соли 2008 4,4 маротиба, маҳсулоти кишоварзӣ 3,6 маротиба ва ҳаҷми қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ додашуда 28,2% коҳиш ёфтааст. Ғайр аз ин, рушди қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ ва ҳаҷми қарзҳои ба соҳа додашуда дар муқоиса ба ММД тамоили манфӣ дошта, ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса бо

ММД 2,7 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст ва ҳаҷми қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ додашуда бошад, дар муқоиса ба ММД 10,2 банди фоизӣ (б.ф) кам гардидааст.

Вокеияти коҳишёбии рушди соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти дутарафа дошта, ҳалли он новобаста аз омилҳои таъсиррасон ва монеашаванда ба манфиати соҳаҳо мебошад. Ғайр аз ин, динамика ё ҳолати тағйирёбии тамоили мазкурро дар диаграммаи 1 ба таври возеҳ мушоҳида кардан мумкин аст.

**Диаграммаи 1. - Фарқият ва таъсири ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ ва қарзҳои бонкӣ дар ММД**




***Сарчашма**: ҳисоби муаллифон дар асоси Бюллетени омори бонкӣ. - 2012. - №12(197); - 2014. - №12(233); - 2018. - №12281. Ҳисоботи солонаи омории ҶТ 2018 (нашри расмӣ) Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. – 409 с.*

Диаграммаи 1 нишон медиҳад, ки ҳиссаи афзалиятноки қарзҳои низоми бонкӣ ва маҷмуи умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса бо ММД афзоиши номутаносиб дорад. Аз рӯйи маълумоти нишондодашуда, агар ММД дар як сол ба андозаи 7% афзуда бошад, ин нишондиҳанда дар ММК ва қарзҳои низоми бонкӣ дар як сол ба ҳисоби миёна дар ҳаҷми 0,5% меафзояд ё ба ҳамин миқдор коҳиш меёбад, ки раванди мазкур дар заминаи таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ва саноатикунонии босуръат бояд масъалаи аввалиндараҷа маҳсуб ёбад.

Барои таҳқиқи пурраи ин масъала мо аз модели оморию математикӣ истифода мебарем. Азбаски маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ ҷузъи таркибӣ ва ташкилдиҳандаи ММД мебошад, бинобар ин, аз модели истифодашаванда хориҷ мегардад. Натиҷаи алоқамандии нишондиҳандаҳо ба воситаи муодилаи регрессияи маҷмуӣ санҷида мешавад, ки натиҷаааш чунин аст:

| | Солҳо | У | X1 | X2 | X3 | X4 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Солҳо | 1 | | | | | |
| У | 0,962958 | 1 | | | | |
| X1 | -0,67464 | -0,66663 | 1 | | | |
| X2 | -0,00957 | -0,23335 | -0,14162 | 1 | | |
| X3 | -0,64823 | -0,77698 | 0,247738 | 0,720176 | 1 | |
| X4 | -0,61083 | -0,74257 | 0,188588 | 0,742987 | 0,998106 | 1 |

Барои гузаронидани таҳқиқоти оморӣ ба сифати нишондиҳандаи натиҷавӣ (У) – ММД ва нишондиҳандаи омилӣ (таъсиррасон) - $X_1$ – ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳаҷми ММД, $X_2$- бақияи қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ додашуда, $X_3$- ҳиссаи қарзҳои бонкии соҳаҳо дар ММД, $X_4$- ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ дар маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ (ММК) қабул гардидаанд, ки дар натиҷа модели регрессияи маҷмуӣ чунин аст:

$$У_x = -188187{,}3+10560{,}6x_1+9{,}2x_2-118262{,}2\,x_3+25015{,}7x_4:\ R^2 = 0{,}94$$

Шарҳи иқтисодии модели ҳосилгардида чунин аст, ки афзудани омили ($X_1$) - ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар ҳаҷми ММД ба 1 фоиз, боиси афзоиши ММД (У) ба ҳисоби миёна ба андозаи 10560,6 сомонӣ мегардад. Инчунин, афзудани ($X_2$) – бақияи қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ додашуда ба 1 сомонӣ, барои афзоиши ММД (У) то 9,42 сомонӣ имконият медиҳад. Ҳамчунин, афзоиши ($X_3$) - ҳиссаи қарзҳои низоми бонкии соҳа то 1 фоиз ба кам гардидани ММД ба андозаи 118262,2 сомонӣ оварда мерасонад.

Дар мавриди дигар 1 фоиз тағйир ёфтани ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ дар ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ (ММК) имконият медиҳад, ки ҳаҷми ММД (У) ба андозаи 25015,0 сомонӣ зиёд гардад. Дар ин маврид коэффитсиенти детерминатсия $R^2 = 0{,}94$ буда, мазмуни модели иқтисодии ҳосилшуда чунин аст, ки тағйирёбии ҳаҷми ММД 94% аз тағйир ёфтани ҳаҷми маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, ҳиссаи маҳсулоти ин соҳа, ҳаҷми бақияи қарзҳо дар соҳаи вобастабуда 6% тағйирёбии ин нишондиҳанда ба таъсири дигар омилҳо алоқаманд аст.

Мушкилоти имрӯзае, ки ба самаранокии тамоми самтҳои иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ хос мебошад ва таъсири манфии худро расонида, ҳавасмандии субъектҳои иқтисодиро кам мекунад, ин баланд будани меъёри фоизи қарз аст. Бо сабаби баланд будани меъёри фоиз гузаронидани дигар амалиёти ба меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ таъсиррасон имкон намедиҳад, ки бонкҳои тиҷоратӣ ба қадри кофӣ меъёри фоизи қарзро барои субъектҳои кишоварзӣ кам кунанд. Айни ҳол баланд будани меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ яке аз проблемаҳои асосии ҳалталаб дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба таъсири вазъияти геополитикии ҷаҳон ва дар шароити маҳдудиятҳои шадиди молиявӣ ба субъектҳои кишоварзӣ ҷиҳати дастрасӣ ба қарз тавсия дода мешавад, ки давлат ба воситаи механизмҳои худ ҷиҳати пурзӯр намудани ҷараёни истеҳсолот дар соҳа тамоми чораҳои заруриро рӯйи кор андозад.

Аз маълумоти дар ҷадвали 1 овардашуда маълум аст, ки ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ дар муқоиса бо ММД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоили зиёдшавӣ дорад ва андозаи рушди ҳиссаи маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳисоби миёна ҳар сол ба миқдори то 7,1 баробарро нисбат ба рушди ММД ташкил медиҳад. Дар баробари ин, ҳиссаи қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд гардидааст.

Аз таҳлили маълумоти дар боло дарҷгардида маълум гардид, ки новобаста аз таъсири омилҳои сатҳи гуногун ба рушди соҳа фаъолнокии соҳа дар иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди давлат ва ташкилотҳои қарзӣ дар сатҳи мусбат қарор дорад, ки ҷадвали 2 асоси исботи масоили мазкур мебошад.

**Ҷадвали 2. - Сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Солҳо / Гурӯҳбандии қарзҳо | 31.12.2017 | 31.12.2018 | Тағйирот (+/-) |
|---|---|---|---|
| Ҳамаи қарзҳои додашуда | 8 507,3 | 8 677,2 | -169,9 |
| Аз он ҷумла: фаъол | 5 460,7 | 6 045,0 | 584,3 |
| Ғайрифаъол | 3 046,6 | 2 632,2 | 414,4 |
| Вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъол | 35,8% | 30,3% | -5,5 б.ф. |
| Аз он ҷумла, қарзҳои ғайрифаъоли ба соҳаи кишоварзӣ хос | 0,3 | 0,0 | 0,0 |
| Ҳаҷми қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ | 1442, 8 | 1506,9 | 64,2 |
| Ҳиссаи қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ додашуда дар ҷамъи умумии қарзҳо | 17 % | 17,3% | 0,74% |

***Сарчашма**: Бюллетени омори бонкӣ. – Декабр, 2018. -(281), Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2018. - 409 с.*

Қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ 1506,9 17,3%-ро ташкил медиҳад, ки аз рӯйи зарурати иҷтимоии соҳа кам мебошад, ҳол он ки вазни қиёсии қарзҳои ғайрифаъоли соҳаи кишоварзӣ дар маҷмуи умумии қарзҳои ғайрифаъоли сандуқи қарзии низоми бонкӣ дар соли 2017 0,3% ва дар солҳои 2018-2019 0,0%-ро ташкил медиҳад.

Дар масъалаи сари вакт иҷро кардани уҳдадориҳои қарзӣ дар назди бонкҳо аз тарафи корхонаҳои кишоварзӣ дар солҳои охир қариб мушкилот вуҷуд надорад, вале масоили ҳавасмандкунии соҳа қариб нест. Қисмати зиёди қарзгирандагон дар соҳа аз рӯйи маҷбурӣ мебошанд.

Ба ақидаи мо, аз рӯйи таҳқиқоти анҷомдодашуда дар бахшҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ ва низоми бонкии кишвар масъалаи алоқамандӣ ва таъсири мутақобилаи соҳаҳо нишон медиҳад, ки ҳиссаи қарзҳои бонкӣ дар маҷмуи умумии маҳсулоти кишоварзӣ дар сатҳи начандон баланд қарор дорад, ҳол он ки ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ 12,8 миллиард сомониро ташкил дода, ҳаҷми қарзҳои бонкӣ бошад, 1,5 млрд сомонӣ ё 11,7%-и ММК-ро ташкил медиҳад. Агар аз нуқтаи назари пардохтпазирӣ ва бехатарии соҳаҳо ба масъалаи қарздиҳӣ назар афканем, маълум мегардад, ки ҳиссаи қарзҳои додашуда дар ММК дар сатҳи паст қарор дорад.

Ҳол он ки аз рӯйи меъёрҳои баҳогузорӣ ба сатҳи хавфҳо ва пардохтпазирии қарзҳои ба соҳа додашуда бояд ҳадди ақал 50-70%-и ММК-ро ташкил намоянд. Дар айни замон масъалаи мазкур дар сатҳи паст қарор дорад, ки ба рушд ва самаранокии соҳаи кишоварзӣ монеа эҷод мекунад.

Ғайр аз ин, барои ба таври дақиқ муқоиса намудани имконият ва равандҳои муваффақи қарзии як қатор кишварҳои ҳамсоя, ба монанди Ҷумҳурии Узбекистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон таҳлили муқоисавӣ гузаронида шуд, ки натиҷаи он ба таври васеъ дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. - Ҳиссаи фарққунандаи ҳаҷми қарздиҳии соҳаи кишоварзии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2019**

| Номгӯи кишварҳо | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ | Дороиҳои низоми бонкӣ | Ҳиссаи дороиҳои низоми бонкӣ дар ММД | Қарзҳои ба соҳаи кишоврзӣ додашуда | Ҳиссаи қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ додашуда дар ММД |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Узбекистон | 511838,19 млрд сӯм | 272726,99 млрд сӯм | 53,3% | 811,9 млрд сӯм | 0,15% |
| Ҷумҳурии Қазоқистон | 58242,9 млрд тен | 25241,0 млрд тен | 43,3% | 255,1 млрд тен | 0,44% |
| Ҷумҳурии Қирғизистон | 59042,4 млрд сом | 249,0 млрд сом | 0,42% | 27,7 млрд сом | 0,05% |
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 77,4 млн сомонӣ | 21 млрд сомонӣ | 27,1% | 1542,9 млн сомонӣ | 1,9% |

***Сарчашма**: ҳисоби муаллифон дар асоси маълумоти омории Бонки миллии Ҷумҳурии Қазоқистон, 2018; Бюллетени омории Бонки марказии Узбекистон, 2019; ҳисоботи Бонки марказии Қирғизистон, 2019; Бюллетени омори бонкии Бонки миллии Тоҷикистон, декабри соли 2019 (293).*

Ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки ҳиссаи қарзҳои ба соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда дар муқоиса бо кишварҳои ҳамсоя нисбатан зиёд аст. Нишондиҳандаҳои мазкур дар Ҷумҳурии Узбекистон 811,9 млрд сӯм ё 0,15%, Ҷумҳурии Қазоқистон 255,1 млрд тенге ё 0,44%, Ҷумҳурии Қирғизистон 27,7 млрд сом ё 0,05%-ро ташкил медиҳад. Ин нишондиҳанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иқтидору имкониятҳо нисбатан баландтар буда, 1542,1 млн сомонӣ ё 1,9%-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда фаъолнокии соҳаро инъикос наменамояд. Баръакс, аз ҷадвали мазкур маълум мегардад, ки давлатҳои ҳамсоя аз лиҳози рушди нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла дар бахши кишоварзӣ тафовути пешравӣ доранд. Агарчи ҳиссаи активҳои бонкии давлатҳои зикргардида ғайр аз Ҷумҳурии Қирғизистон дар ММД-и онҳо саҳми муносиб дошта бошад, лекин ҳиссаи қарзҳои ба соҳа додашуда чашмрас нест. Масъалаи мазкур маънои онро дорад, ки соҳаи кишоварзии давлатҳои мазкур дар муқоиса бо Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағҳои қарзӣ эҳтиёҷоти камтар доранд. Дар ин радиф, барои то дараҷаи коҳиш пайдо кардани эҳтиёҷоти қарзии соҳаи кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати бештар ҷорӣ кардани имтиёз ва имкониятҳои қарзӣ дар соҳа мувофиқи мақсад мебошад. Ҳол он ки ҳиссаи қарзҳои ба соҳаи кишоварзӣ додашуда дар муқоиса бо сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ, дар маҷмуъ 17,3%-ро ташкил медиҳад. Шароит ва робитаи наздики истеҳсолоти кишоварзӣ бо шароити иқлими Тоҷикистон

ва хусусиятҳои биологӣ, ба монанди растанию ҳайвонот, захираҳои табиӣ ва амсоли инҳо вобаста буда, дар раванди қарздиҳӣ як қатор мушкилоти ҷиддиро ба вуҷуд меорад. Тағйирот ва таъсири манфии ин омилҳо дар навбати худ ба ҳосилнокӣ, рушди чорводорӣ ва маҳсулоти умумӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Сатҳи пасти даромаднокии истеҳсолот, мушкилоти вобаста ба фурӯш, ноустувории молиявии бисёр хоҷагиҳои деҳқонӣ ва истифодаи нокифояи дастовардҳои пешрафти илмию техникӣ соҳаи кишоварзиро ҳамчун як соҳаи дорои хавфи баланд тавсиф мекунанд ва инро ҳангоми ташкили қарздиҳии бонкӣ бояд ба назар гирифт.

Ин ҳолат бо назардошти ҳадафҳои стратегии давлат дар масъалаи таъмини амнияти озуқавории кишвар ва саноатикунонии босуръат назаррас ё қаноатмандкунанда набуда, дар доираи масъалаи мазкур бояд чораҳои зарурии зерин андешида шаванд:

- дастгирии соҳаи кишоварзӣ аз тарафи ташкилотҳои қарзии дохилию хориҷӣ ҳадди ақал баробар ба 50-70% ММК бошад;
- ташкили механизмҳои сиёсати дастгирии давлатӣ барои таъмини эътимоди ташкилотҳои қарздиҳанда ва сармоягузор;
- ҷорӣ намудани имтиёзҳое, ки дар коҳиш додани хароҷоти соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

Аз рӯйи воқеияти мавҷуда, дар айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шаш гурӯҳи омилҳое вуҷуд доранд, ки ба дастрасии қарз таъсир мерасонанд. Гурӯҳи якуми омилҳо бо мутобиқатии сарчашмаи муқаррарии пардохти саривақтии қарзҳои гирифташуда алоқаманд аст. Ин маънои онро дорад, ки хоҷагии деҳқонӣ ё корхонаи кишоварзӣ маблағи асосии қарз ва фоизи онро аз даромади фурӯши маҳсулот ё талаботе, ки пас аз пардохти андозҳо боқӣ мондааст, мепӯшонад.

Гурӯҳи дувуми омилҳо шароитҳоеро фаро мегиранд, ки ба субъектҳои соҳибкорӣ ҳатто дар ҳолатҳои номусоиди устувории иқтисодӣ ва таъсири омилҳои дохилию берунӣ имкон медиҳанд, ки дар ҳолати нокифоя будани манбаъҳои пардохт дастгирӣ ёбанд. Дар кишварҳои алоҳида барои ҳалли ин мушкилот кооперативи субъектҳои соҳибкорӣ ташкил шудаанд, ки барои баргардонидани қарзҳо уҳдадории муштарак доранд. Дарвоқеъ, аз рӯйи имконият ва таҷриба субъектҳои калонтар аз ҷиҳати иқтисодӣ устувортар буда, дорои иқтидори устувори гарав ва қисман сармоя мебошанд. Хоҷагии деҳқоние, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамояд, дорои амволи гарави нокифоя мебошад ва барои гирифтани қарз имконияти кам дорад.

Ба гурӯҳи сеюми омилҳо таърихи қарзи қарзгиранда дохил мешавад, ки мушаххасот ва бехатарии онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад. Таърихи бюроҳои қарздиҳӣ дар бораи иҷрои уҳдадориҳо ва чӣ тавр иҷро кардани қобилияти қарзадокунӣ дар гузашта маълумот медиҳад. Дар сурати мавҷуд будани далелу омилҳои сари вақт пардохт накардани қарзи гирифташуда бонкҳо ҳамкориро метавонанд бо онҳо қатъ намоянд ё ба таври дигар амал кунанд.

Ба гурӯҳи чоруми омилҳо дорандагони имконияти гирифтани қарз ё маблағгузории имтиёзнок дохил мешаванд, ки шумораи ин гуна хоҷагӣ ва корхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле кам аст, ғайр аз ин, сиёсати мақомот ба дастрасии қарз таъсири назаррас дорад.

Ба гурӯҳи панҷуми омилҳо хароҷоти амалиётӣ ва ҷараёни истеҳсолӣ дохил мешаванд, ки аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ ҳангоми гирифтани қарз ба амал омадаанд. Ғайр аз ин, барои хоҷагӣ ва корхонаҳои калони фаъолияти васеъдошта дар асоси доштани тавозун ва муҳосибот мушаххасоти хароҷот ба як воҳиди пешниҳодшуда нисбат ба ташкилоти хурде, ки чунин воҳидҳоро надоранд, хеле камтар аст.

Ба гурӯҳи шашуми омилҳо хоҷагӣ ва корхонаҳои осебпазир дохил мешаванд, ки фаъолияти онҳо ба муҳит ва иқлим, нособаста ба тавозун ва иқтидори молиявӣ, зараровар аст.

Чӣ тавре ки дар боло қайд намудем, эҳтиёҷоти хоҷагиҳо ва корхонаҳои калон ба қарз асосан аз ҳисоби сарфи хароҷоти амалиётӣ, истеҳсол ва коркард, ки ба паст шудани хавфи нақшаи тиҷоратӣ дастрасӣ доранд, метавонад кам карда шавад. Аммо ин хулоса дар ҳолате эътибор дорад, ки аз имкониятҳои мавҷудаи иқтисодиёт ва шароитҳои мусоиди иқлим ва замин ё корхона самаранок истифода кунанд.

Дар айни замон аз рӯйи фаъолият ва ҳолатҳо хоҷагӣ ва корхонаҳои калони кишоварзӣ моликияти худиро истифода мебаранд ва хоҷагиҳои хурд бошанд, бештар қобили пардохт буда, ба захираҳои молиявӣ дастрасӣ доранд. Беҳтар кардани фазои қарздиҳии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла қарзҳои дарозмуддат то ҳол яке аз мушкилиҳои иқтисодии соҳа ва ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқот ва муқоиса нишон дод, ки фоизи имтиёзноки қарзи кишоварзӣ омили асосии муваффақияти соҳа маҳсуб меёбад, лекин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасӣ ба он душвортар аст.

Дар шароити кунунӣ низоми субсидияи қарз бо ҷуброни қисми фоизи қарз ба қарзгир яке аз роҳҳои ҳалли ин мушкилот мебошад. Ҷуброни қисми фоизи қарз кафолати воридшавии маблағҳо ба соҳаи кишоварзӣ маҳсуб намеёбад, зеро барои бонкҳо аз сабаби хавфҳои баланд ва шароити бади иқтисодии қарзгирандагон гарави пурра нест, вале метавонад боиси каме баланд бардоштани ҳавасмандии онҳо гардад.

Дар давлатҳои хориҷа давлат тавассути воситаю усулҳои гуногун ба самаранокии фаъолияти истеҳсолии корхонаҳо таъсир расонида, ба зерсохтори пешрафтаи соҳаи кишоварзӣ мусоидат карда, сатҳи таваккалро тавассути ташкили низоми суғурта коҳиш медиҳад [10, с. 82].

Аз ҳама мувофиқ барои соҳаи кишоварзӣ ҷорӣ намудани низоми махсуси қарздиҳӣ бо баҳраи имтиёзнок ва муҳлати нисбатан дароз барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ мебошад. Дар айни замон бо доираи фаъолият истеҳсолкунандагон дар гирифтани қарзҳои

кӯтоҳмуддат ва сармоягузорӣ бештар дастрасӣ доранд, ки ин ба таври назаррас мувофиқат мекунад [9, с. 123].

Даромаднокии нисбатан пасти дороиҳои ба соҳаи кишоварзӣ хос номутобиқатии давраҳои хароҷот ва тавлиду гирифтани даромад зарурати шаклҳои мушаххаси дастгирии истеҳсолкунандагони кишоварзиро барои гирифтани қарз аз ҷониби бонкҳо ба вуҷуд меорад. Шаффофияти баланди ҷараёни додани маблағҳои молиявӣ дар соҳаи кишоварзӣ бояд эътимоднокии баланди сармоягузориҳо ва сатҳи боэътимоди бозгашти қарзҳоро аз ҷониби корхонаҳои кишоварзӣ кафолат диҳад. Масоили эътимоднокӣ ва дараҷаи баланди сатҳи хавфҳои вобаста имкониятҳои ҳамкории қарзиро ба соҳаи кишоварзӣ мушкил мегардонад. Бар замми андешидани чораҳои назаррас ҷиҳати афзоиши ҳаҷми маблағгузории қарзии бонкӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла маблағгузории қарзӣ ба соҳаи кишоварзӣ, ҳоло ҳам ин масъала қаноаткунанда нест. Сабабҳои асосии ин ҳолат на танҳо сатҳи пасти даромаднокӣ дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин, он аз хатари баланди давраи истеҳсолот то фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда, номутобиқатии нархҳо ба маҳсулоти истеҳсолшаванда ва ашёи хоми корхонаҳои кишоварзӣ, набудани гарави пардохтпазирӣ ва қарзадокунӣ барои қарзҳо ва як зумра хавфҳои қарздиҳии кишоварзӣ мебошанд.

Омилҳои нишондодашуда ба устувории молиявии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ таъсири манфӣ расонида, ба талаботи бонкҳо ҷавобгӯ нестанд. Илова бар ин, сарчашмаҳои иловагии соҳа ба баргардонидани қарзҳо аз рӯйи меъёрҳои муқарраршуда кофӣ нестанд ё ҳатто вуҷуд надоранд.

Аз ин рӯ, ташаккули фондҳои махсуси давлатиро аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ на танҳо барои маблағгузории лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, инчунин, барои ташаккули заминаҳои кафолат истифода бурдан лозим аст, ки барои ҷалби миқдори назарраси маблағҳои қарзӣ имкон медиҳад.

Ба ақидаи мо, барои такмили механизми қарздиҳии кишоварзӣ, аз ҷумла қарзҳои дарозмуддат бояд дар ин самтҳо чораҳои зерин андешида шаванд:

- якум, дастрасии қарз бояд барои ҳама хоҷагиҳо ва корхонаҳои бахши кишоварзӣ аз тарафи ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ таъмин бошад. Ин муътадилсозии умумии низоми қарзию молиявиро аз рӯйи сари вақт баргаштани қарзҳо дар назар дорад;

- дуюм, бояд дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ оид ба имтиёзнокии қарздиҳии соҳа қарор қабул карда шавад. Санадҳо, дастурҳо ва нақшаҳо бояд асоснок карда шуда, ба ҳалли масъалаҳои эҳтиёҷоти воқеии кишоварзӣ ба захираҳои қарзӣ асос ёбанд;

- сеюм, дар баробари бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ҳадди ақал то 50% давлат бояд вазифаи қарздиҳии дарозмуддатро ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ таъмин намуда, як

қисмати дастрасии қарзиро ба зимма гирад, зеро дар шароити кунунии доимотағйирёбандаи бесуботи молиявию иқтисодӣ бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ амалан ба соҳаи кишоварзӣ ба муҳлати зиёда аз як сол қарз дода наметавонанд;

- чаҳорум, идома додани раванди маблағгузорию қарзии давлатӣ, таъмини деҳот бо шартҳои лизинг вобаста ба имкониятҳои онҳо вазифаи дигари сохторҳои дахлдор мебошад;

- панҷум, ташкили шарикии қарзии якҷоя ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ роҳи дигари баромадан аз ин вазъият мебошад;

- шашум, тақвият ва рушди муносибатҳои якҷояи қарзии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва ширкатҳои лизингӣ барои додани қарзҳои нисбатан дарозмуҳлат дар шакли мол ба мақсад мувофиқ мебошад.

Сабаби мавҷуд набудани захираҳои қарзӣ барои соҳаи кишоварзӣ ин, пеш аз ҳама, кам будани захираҳои худӣ, маҳдудияти захираҳо ва кӯтоҳ будани муҳлати захираҳо мебошад. Барои вусъатбахшии ҷараёни гардиши қарз зарур аст, ки фоизи қарзҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ аз меъёри фоидаи соҳаи кишоварзӣ камтар бошад. Дар натиҷа, бо коҳишёбии меъёри фоизи қарз ва муҳлати қарз метавон ба барқароршавии иқтисодиёти соҳа ноил шуд, аммо ба шарте ки натиҷаи чунин арзёбиҳо дар амал татбиқ карда шаванд. Ва ин ба раванди баланд шудани сатҳи даромаднокии соҳаи кишоварзӣ ё пастравии нархи захираҳои қарзӣ метавонад оварда расонад.

Самтҳои иловагии беҳшавии фазои қарздиҳӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷониби низоми бонкӣ, ба назари мо, инҳоянд:

- коҳиш додани дараҷаи хатари қарзҳои ба маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ пешниҳодшаванда;
- таъмини сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда вобаста ба даври ҳаётии он аз истеҳсол то фурӯш;
- қабули қарорҳои асоснок оид ба таснифи қарзгирандагон аз рӯйи иқтидор ва фаъолнокӣ.

Бонкҳоро зарур аст, ки ҷиҳати таъмини бозгашти саривақтии қарзҳо амалҳои зеринро ба роҳ монанд:

- таҳлили гардиши маблағҳо дар суратҳисобҳои ҷории қарзгир ё хоҷагидор;
- таҳлили сохтори даромад ва хароҷоти корхона ё хоҷагидор;
- таҳлили қарздории дебитории қарзҳо;
- таҳлили манбаъҳои баргардонидани қарз ва фоизҳои ҳисобшуда;
- мувофиқа дар ҷой ва ҷараёни бақайдгирии қарзгирандагон.

Ҳангоми рушди низоми идоракунии қарз бояд манфиатҳои афзалиятноки истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун "истеъмолкунанда" ва "истеҳсолкунанда"-и захираҳои қарзӣ таъмин карда шаванд.

Барои мутобиқ кардани фаъолияти бонкҳо ба талаботи замон қабули як қатор тағйирот ба низоми қарздиҳӣ ва даровардани ислоҳоти зерин мувофиқи мақсад аст:

- ташкили фонди давлатии дастгирии қарзҳои кишоварзӣ, ки механизми кафолати давлатиро дар назди дигар ниҳодҳои қарздеҳ амалӣ менамояд;
- таъсиси бонкҳои тиҷоратии махсусгардонидашудае, ки бо таносуби мустақими даромад аз рушди истеҳсолоти кишоварзӣ ба онҳо қарз медиҳанд;
- кам кардани ҳаҷми ҳуҷҷатҳои пешниҳодкунандаи қарзгиранда;
- кӯтоҳ кардани муҳлати баррасии дархости қарзӣ ва пешниҳоди қарз;
- ҷорӣ ва пешниҳод кардани меъёрҳои фарқкунандаи муносибат бо қарзгирандагон;
- баҳисобгирии аёниятҳои фаъолияти мушаххаси ташкилотҳои кишоварзӣ;
- тавсеаи дастрасии қарз барои миқдори ҳадди аксари қарзгирандагон тавассути кам кардани талаботи молиявии онҳо;
- муайян кардани андозаи муносиби пешниҳоди қарз барои хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ;
- муайян кардани вобастагии фоида аз меъёрҳои қарздиҳӣ;
- баланд бардоштани боварии қарзгирандагон ба низоми бозгардонии қарзҳои кишоварзӣ;
- додани муқарраркунии муҳлати пардохти қарз ба ихтиёри истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар давраи муайян (сол ё бештар аз он) бо назардошти вазъи молиявии корхона ва хусусиятҳои фаъолияти онҳо.

Яке аз манбаъҳои асосии сармоя, ки метавонад ба соҳаи кишоварзӣ сафарбар карда шавад, тавре ки аён аст, сармояи бонкӣ мебошад. Вале бояд эътироф кард, ки сатҳи пасти даромаднокии ин соҳа ва хатари зиёди пардохт накардани қарзҳо ба роҳи ворид намудани сармояи бонкӣ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Ин монеаҳои мавҷударо бо роҳи таҷдиди якҷояи сохторҳои муттаҳидшуда бартараф кардан мумкин аст, ки асоси онҳо иборатанд аз иттифоқҳои кооперативҳои қарзии соҳаи кишоварзӣ, фонди дастгирии қарздиҳии кишоварзӣ, фаъолгардонии механизми кафолатҳои давлатӣ; бонкҳои тиҷоратӣ дар муқоиса бо бонкҳои махсусгардонидашудаи давлатӣ ба принсипҳои вобастагии мустақими рушди даромади истеҳсолоти кишоварзӣ ва шарикии тарафайн ва инчунин, истифодаи нақшаҳои гарав ва дигар дороиҳои бозоргир асос ёфтаанд.

Ҳамин тариқ, барои рушди қарздиҳии бонкӣ ба хоҷагиҳои деҳқонӣ ва корхонаҳои кишоварзӣ механизми пешниҳодшудаи қарздиҳӣ ба тақсимот ва азнавтақсимоти самараноки маблағҳо байни бахши молиявии иқтисодиёт ва соҳаи кишоварзӣ мусоидат хоҳад кард.

Илова бар он, ба ақидаи мо, барои беҳтар кардани қарздиҳии нисбатан дарозмуддати соҳаи кишоварзӣ ҷорӣ намудани фармоиш ва

дастгирии махсуси давлатӣ ба маҳсулоти озуқаворӣ, ташкили низоми квотаҳо барои таъминоти маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳавасмандгардонии онҳо тавассути пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат дар сатҳи давлатӣ ва минтақавӣ аҳаммияти калон дорад. Ҷоринамоии фармоиши маҳсулоти хӯрокворӣ ва низоми квота барои истеҳсол ва таҳвили маҳсулоти озуқаворӣ ба давлат имкон медиҳад, ки барои пешгирии вобастагии озуқаворecho кишвар аз ҳисоби воридоти доимии маҳсулоти хӯрокворӣ аз кишварҳои дигар, коҳиш додани сатҳи вобастагии кишвар аз ҳисоби асъори хориҷӣ, ки тавассути он маҳсулоти озуқаворӣ ворид мегардад, пешгирии вобастагии озуқаворecho кишварро аз дигар давлатҳо таъмин намояд. Илова бар ин, фармоиши озуқаворӣ, низоми квотаҳо оид ба пешниҳоди маҳсулоти хӯрокворӣ рақобати солимро дар бозори маҳсулоти озуқавории кишвар эҷод намуда, фаъолияти ҳамаи субъектҳои соҳибкории ба таъмини ин тартиб дахлдорро, сарфи назар аз вазъи молиявию иқтисодӣ, ба роҳ мемонад.

Бо мақсади беҳсозии раванди қарздиҳӣ ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ имтиёзҳои зеринро пешниҳод кардан мувофиқи мақсад мебошад:

1. Бештар намудани ҳиссаи қарзҳои имтиёзнок ба соҳаи кишоварзие, ки эҳтиёҷоти мавсимии онҳо бештар аст;
2. Ташкил ва дастгирии фондҳои махсуси ба боварӣ асосёфтаи қарздиҳанда ба ташкилотҳои мустақими кишоварзӣ ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ;
3. Афзоиши ҳиссаи қарзҳои имтиёзноки бо амвол таъминшаванда;
4. Рушди ташкилотҳои махсуси қарзии соҳавӣ оид ба дастгирии соҳаҳои алоҳидаи кишоварзӣ, ки ба истеҳсоли маҳсулоти ниёзи аввал машғуланд;
5. Ташкили фондҳои махсуси қарзӣ аз тарафи давлат барои дастгирии коркарди маҳсулоти кишоварзӣ;
6. Дар заминаи маблағҳои буҷетӣ дар ҳар як шаҳру ноҳия сохтани корхонаҳои коркарди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ.

Ташкили фондҳои махсуси гаравдиҳанда, ки дар асоси таҳлили бизнес-нақшаҳои субъектҳои кишоварзӣ гарави баргардонидани қарзҳои бонкиро медиҳанд. Такмил ва рушди низоми қарзии хоҷагиҳои кишоварзӣ бояд бо назардошти мавҷудияти ташкилотҳои коллективӣ, хонаводаҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеъмолии кишоварзӣ ба таври дуруст таъмину роҳандозӣ карда шавад.

Ташкили раванди қарздиҳӣ бояд ба низоми содакардашудаи пешниҳоди қарзҳо, имконияти пардохт ва паст кардани дараҷаи хавфҳои қарзӣ, инчунин, тавсеаи сандуқи қарзии бонкҳо мутобиқат кунад.

**Адабиёт**


1. Ашуров Н. Идора кардани хатари бонкӣ. Васоити таълимӣ Н. Ашуров. – Душанбе, 2013. – 70 с.

2. Бобоев А. Рушди низоми бонкӣ: мушкилот ва дурнамо [Матн] / А. Бобоев // Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ. – 2011. - №12 (29). – С. 39-40.
3. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2015, №12 (245) - Душанбе. – 164с.
4. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2016, №12 (257) - Душанбе. – 144с.
5. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2017, №12 (269) - Душанбе. – 145с.
6. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2018, №12 (281) - Душанбе. – 125с.
7. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2019, №12 (293). - Душанбе. – 121с.
8. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2020, №12 (305). – Душанбе. – 122с.
9. Донецкова О.Ю. Современные особенности банковского кредитования реального сектора экономики / О.Ю. Донецкова // Синергия. - 2017. - №1. – С. 64-70.
10. Махшулов С.Ҷ. Таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ дар шароити буҳрони молиявӣ [Матн] / С.Ҷ. Махшулов, Ғ.М. Ашуров // Паёми молия ва иқтисод. – 2018. - №3 (15). – С. 80-84.
11. Махшулов С.Ҷ. Таъсири қарздиҳии бонкӣ ба самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ. Дисс. илмҳои иқтисодӣ. 08.00.10. / С.Ҷ. Махшулов. –Душанбе, 2021. - 245 с.
12. Петрова Т.И. Институциональное развитие банковского системы России: автореф. Дисс ... кан. экон. наук 08.00.10. / Т.И. Петрова. – М: Фин. ун-т при Правительстве Российской Федерации, 2014. - 26 с.
13. Хайрзода Ш.К. Место и роль банковской системы в политике достижения финансовой устойчивости национальной экономики [Текст] / Ш.К. Хайрзода // Финансово-экономический вестник. – 2020. - №2 (22). – С. 7-14.
14. Хайрзода, Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ/диссер. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ: 08.00.10. / Ш.Қ. Хайрзода. - Душанбе, 2021. – 430 с.


**УДК: 36.1/5.(575.3)**

# ИДОРАКУНИИ ҚАРЗИ ХОРИҶӢ ДАР ШАРОИТИ ТАҲДИДҲОИ ҶАҲОНӢ

***Бобоев Фузайл Ҷумъабоевич*** - *номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини декан оид ба илм ва инноватсияи факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. тел.: (+992) 934514545; e-mail: fuzail-1991@mail.ru*

*Дар шароити ҷаҳоншавии иқтисоди ҷаҳонӣ афзоиши ҳаҷми қарзи хориҷии давлатҳои ҷаҳон ба омӯзиши динамика ва омилҳои таъсиргузор ба бузургии он таваҷҷуҳи хоссаеро ба миён меорад. Дар мақола моҳият ва вазифаҳои идоракунии қарзи давлатӣ ошкор гардида, принсипҳо пешниҳод ва усулҳои идоракунии қарзи давлатӣ инъикос карда шудаанд. Дараҷаи нишондиҳандаҳои зерин таҳлил карда шудааст: ҳаҷми умумии қарзи хориҷӣ, таносуби қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД, ҳаҷми қарзи хориҷӣ ба ҳар сари аҳолӣ.*

*Муайян карда шудааст, ки давлатҳои дорои қарзи мутлақи хориҷии аз ҳама бештар ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Олмон ва Ҷопон мебошанд. Ҳаҷми умумии*

*қарзи хориҷии даҳ кишвари бузургтарини қарздор $ 65975 млрд-ро ташкил медиҳад, ки аз нисфи маҷмӯи маҳсулоти умумии ҷаҳон дар соли 2022 (68% аз $97 трлн) зиёд аст.*

*Муқаррар карда шудааст, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои нисбии қарзи хориҷӣ (нисбат ба ММД ва бар сари аҳолӣ) Люксембург, Маврикий ва Кипр пешсафанд. Як қатор кишварҳо сатҳи баланди ин нишондиҳандаҳоро доранд, ки метавонанд ба дефолти соҳибихтиёрӣ оварда расонад. Дар баробари тадбирҳои анъанавии идоракунии қарзи хориҷӣ, инчунин коҳиш додани вобастагӣ аз доллари ИМА, интиқоли захираҳои миллӣ аз асъори хориҷӣ ба тилло ва дигар металлҳои қиматбаҳо, инчунин ба асъори кишварҳои устувортарини иқтисоди ҷаҳон тавсия дода мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *қарзи хориҷӣ, идоракунии қарзи хориҷӣ, амнияти иқтисодӣ, хизматрасонии қарзи хориҷӣ, касри буҷети давлатӣ, буҳрони қарзӣ, сарбории қарзӣ, амнияти қарзӣ.*

## УПРАВЛЕНИЕ ВНЕШНИМ ДОЛГОМ В УСЛОВИЯХ ГЛОБАЛЬНЫХ ВЫЗОВОВ

***Бобоев Фузайл Джумабоевич*** *- кандидат экономических наук, доцент, заместитель декана по науки и инновациям финансово-экономического факультета Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. тел.: (+992) 934514545; e-mail: fuzail-1991@mail.ru*

*В условиях глобализации мировой экономики рост объёма внешнего долга стран мира обуславливает особый интерес к исследованию его динамики и факторов, влияющих на его величину. В статье раскрыты сущность и задачи управления государственным долгом, предложены принципы, обобщены методы управления государственным долгом. Проанализирован уровень показателей: совокупный объем внешнего долга, отношение внешнего долга к ВВП, объем внешнего долга на душу населения. Выявлено, что странами с наибольшей абсолютной внешней задолженностью выступают США, Великобритания, Франция, Германия, Япония. Совокупный объем внешнего долга десяти стран-крупнейших должников составляет 65975 млрд. долл., что превышает половину мирового валового продукта за 2022 год (68% от 97 трлн. долл.).*

*Установлено, что по относительному показателю внешнего долга (в соотношении с ВВП и численностью населения) лидируют Люксембург, Маврикий и Кипр. Ряд стран имеют критически высокие уровни этих показателей, что может привести к суверенному дефолту. Наряду с традиционными мерами по управлению внешним долгом также рекомендуется снижать зависимость от доллара США, переводить национальные резервы из валюты в золото и другие драгоценные металлы, а также в валюты наиболее устойчивых экономик мира.*

***Ключевые слова:*** *внешний долг, управление внешним долгом, экономическая безопасность, обслуживание внешнего долга, дефицит государственного бюджета, долговой кризис, долговая нагрузка, долговая безопасность.*

## EXTERNAL DEBT MANAGEMENT IN THE CONTEXT OF GLOBAL CHALLENGES

***Boboev Fuzayl Jumaboevich*** *– Ph.D in economics, associate professor, Deputy Dean for Science and Innovation at the Faculty of Finance and Economics, Tajik National University. Address:734025, Republic of Tajikistan, city of Dushanbe, Rudaki Avenue 17. phone.: (+992) 934514545; e-mail: fuzail-1991@mail.ru*

*In the context of globalization of the world economy, the growth of the volume of external debt of the world's countries causes a special interest in the study of its dynamics and factors affecting its value. The article reveals the essence and objectives of public debt management, proposes principles and generalizes methods of public debt management. The level of indicators is analyzed: the total amount of external debt, the ratio of external debt to GDP, the amount of*

*external debt per capita. It is revealed that the countries with the highest absolute external debt are the USA, Great Britain, France, Germany, Japan. The total volume of external debt of the ten largest debtor countries is 65975 billion dollars, which exceeds half of the world gross product in 2022 (68% of 97 trillion dollars).*

*Luxembourg, Mauritius and Cyprus are found to be the leaders in terms of relative external debt (as a ratio to GDP and population). A number of countries have critically high levels of these indicators, which may lead to sovereign default. Along with traditional measures to manage external debt, it is also recommended to reduce dependence on the US dollar, to transfer national reserves from currency to gold and other precious metals, as well as to currencies of the most stable economies of the world.*

***Keywords:*** *external debt, external debt management, economic security, external debt servicing, state budget deficit, debt crisis, debt burden, debt security.*

Дар шароити муосир пайдо кардани кишваре, ки ба ҷалби маблағ аз сарчашмаҳои берунӣ ё дохилии маблағгузорӣ муроҷиат накарда бошад, хеле душвор  ва аз эҳтимол дур аст. Дар умум, қарзро як навъ «балои мутлақ» шумурдан ҷоиз нест, зеро қарзҳои оқилона истифодагардида метавонанд рушди иқтисодиро ба таври назаррас суръат бахшида, раванди такрористеҳсоли васеъро боз ҳам пурсамартар ва пӯётар гардонида, бештари муаммоҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайраро ҳал намоянд. Ҳамзамон, қарзи давлатии зиёд ин гаронии вазнине мебошад, ки метавонад амалнамоии муътадили низоми иқтисодиро мураккаб гардонад.

Афзоиши қарзи давлатӣ захираи сармояро дар низоми иқтисодӣ кам месозад (зеро соҳиби пасандозҳо ба ҷои воситаҳоро ба иқтисодиёт тавассути хариди саҳмияҳои ширкатҳои гуногун сармоягузорӣ намудан ё қарзҳоро равона сохтан, ба такрористеҳсолии васеъ, вомбаргҳои давлатиро харидорӣ намуда, бо ҳамин тариқ, давлат ва эҳтиёҷоти онро маблағгузорӣ менамояд).

Дар баробари ин, бунбасти молиявӣ, дидаву дониста рад намудани афзалиятҳои истифодаи захираҳои беруна дар динамикаи равандҳои ҷаҳонишавии муосир боиси аз даст додани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ мегардад. Дар ҳошияи вазъиятҳои мавҷуда нақши сиёсати қарзи хориҷӣ дар механизми рушди дарозмуддати иқтисодӣ меафзояд. Ташаккули низоми илман асосноки танзими давлатии қарзгирии хориҷӣ бояд заминаи мукаммал ва мустаҳками назариявӣ дошта бошад. Афзоиши назарраси қарзи давлатӣ дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, бахусус пас аз буҳрони молиявӣ, дар доираҳои илмӣ масоили идоракунии уҳдадориҳои қарзгирии давлатиро ба миён овард.

Дар адабиёти иқтисодӣ ба таври маъмул мафҳумҳои «идоракунии қарзи давлатӣ» ва «танзими қарзи давлатӣ» вомехӯранд. Номуайянии мафҳуми идоракунии қарзи хориҷии давлат ҷорӣ намудани таърифи онро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавии моҳияти онро дар заминаи сарчашмаҳои омӯхташуда пешниҳод менамоем. Мафҳуми «идоракунӣ» маҷмуи тарз ва усулҳои амали мақсаднокро ба объект бо мақсади ба даст овардани натиҷаи муайян дар бар мегирад. Мафҳуми «танзим» маънои

таъсири мустақимро ба объект бо мақсади ба даст овардани натиҷаи муайян, мураттаб сохтани он дар доираи параметрҳо, нақшаҳо ва ислоҳи инҳирофҳоро дорад. Мутаносибан, мафҳумҳои «идоракунӣ» ва «танзим»-ро метавон падидаҳои ба ҳам алоқаманд ҳисобид, вале ҳар кадоми онҳо заминаи мустақил ва хусусиятҳои моддии худро доранд.

Ба андешаи С.Х. Бжихатлов ва А.А. Нагаев «идоракунии қарзи давлатӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати макроиқтисодии давлат мебошад, зеро истифодаи механизми қарзи давлатӣ метавонад омили тавонои рушди иқтисодӣ гардад, номутаносибиҳоро дар воридшавии даромадҳо ба буҷет ҳамвор сохта, инчунин механизми қарзи давлатӣ фаъолона бо мақсади танзими муомилоти пул ва сатҳи фаъолияти касбӣ дар кишвар истифода мегардад” [1, с.11-16]. Дар ҳисобот дар бораи вазъи қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳи зерини идоракунии қарзи давлатӣ оварда шудааст: «идоракунии қарзи давлатӣ низоми тадбирҳои молиявие мебошад, ки давлат барои баргардонидани қарзҳо, инчунин пардохти даромад аз рӯи ин қарзҳо; тағйири мӯҳлат ва шартҳои қарзҳои додашуда, интишори ӯҳдадориҳои нави қарзӣ амалӣ месозад. Ин яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати молиявии давлат мебошад” [2, с.30].

Таъкид намудан ба маврид аст, ки то ҳол шарҳи возеҳи мафҳуми идоракунии қарзи давлатӣ ташаккул наёфтааст. Бо вуҷуди ин, муҳаққиқон дар баррасии ин мафҳум аксар вақт ду самтро ҷудо мекунанд. Одатан, онҳоро метавон ҳамчун равиши маҳдуд ва васеъ ишора намуд.

Ба маънои васеъ идоракунии қарзи давлатӣ ташаккули яке аз самтҳои сиёсати макроиқтисодии давлатро (сиёсати қарзӣ) дар шахсияти субъектҳои аз ҷониби қонун ваколатдоршуда пешбинӣ менамояд. Сиёсати қарзӣ масоили ҳамоҳангсозии институтсионалӣ ва функсионалӣ, ташкили банақшагирӣ ваояндабинӣ, таҳияи усулҳо ва фишангҳои самарабахши кам кардани сарбории қарзиро дар ҳошияи идоракунии фаъоли уҳдадориҳои қарзӣ барои таъмини рушди мутавозуни низоми молиявии миллӣ ва ҳифзи иқтисодиёт аз бухронҳои қарзӣ фаро мегирад.

Ба маънои маҳдуд, идоракунии қарзи давлатӣ маҷмуи чорабиниҳоест, ки мақомоти давлатии дорои салоҳияти махсус вобаста ба тартиби интишор ва ҷойгиркунии уҳдадориҳои қарзи давлатӣ, таъмини иҷрои саривақтӣ ва пурраи уҳдадориҳои пардохтӣ ҳангоми кам кардани хароҷоти буҷети давлатӣ ва хавфҳои молиявии вобаста ба қарзи давлатӣ ва қарзи кафолатноки давлатӣ амалӣ месозанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло, идоракунии қарзи давлатӣ ин маҷмуи чорабинниҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки бо ҷалби воситаҳо бо шартҳои қарзи давлатӣ, ҷойгиркунӣ, баргардонидан ва хизматрасонии онҳо, ки ба таъмини суботи макроиқтисодии давлат нигаронида шудааст, фаҳмида мешавад.

Идоракунии қарзи хориҷии кишвар ба ноил шудан ба мақсадҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ нигаронида шудааст, ки бо

тамоюлҳои муосири рушди иқтисодиёти ҷаҳон ва миллӣ муайян карда мешаванд.

Ҳадафҳои асосии иқтисодии идоракунии қарзи хориҷӣ инҳо ба ҳисоб мераванд; таъмини муътадилгардонии иқтисодиёт ва рушди истеҳсолот, дастгирии рақобатпазирии он дар бозори ҷаҳонӣ, тавозуни муътадили пардохт. Ҳадафи иҷтимоии идоракунии қарзи хориҷӣ маблағгузории пурра ва саривақтии хароҷоти иҷтимоӣ барои таъмини суботи иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Ҳадафҳои сиёсӣ дар асоси ғояи нигоҳ доштани устувории фаъолияти низоми сиёсӣ ва таъмини амнияти миллӣ таҳия карда мешаванд. Ҳадафҳои идоракунии қарзи хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқӣ таҳия ва қабули заминаи меъёрии ҳуқуқии худие мебошад, ки танзими муфассали бозори уҳдадориҳои қарзи дохилӣ ва беруниро таъмин мекунад, инчунин тасвиби санадҳои ҳуқуқии байналмилалие мебошанд, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни ин бозорро муқаррар мекунанд.

Аз рӯи анъана вазифаҳои асосии идораи қарзи давлатӣ инҳо мебошанд: «қонеъ гардондани эҳтиёҷоти мақомотҳои давлатӣ бо захираҳои молиявӣ; кам кардани хароҷоти марбут ба қарзи давлатӣ; кам кардани хатарҳои марбут ба қарзи давлатӣ» [3, с.235].

Идоракунии қарзи давлатӣ бо назардошти заминаҳои таърихӣ ва иқтисодӣ дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бо усулҳои зерин амалӣ карда мешавад: «азнавмаблағгузорӣ, навоварӣ, муттаҳидсозӣ, конверсия, муттаҳидсозӣ, ба таъхир андохтан, пардохти қарз, бекоркунӣ, реструктуризатсия, аз ҳисоби кам кардани маблағи қарзи асосӣ, секьюритизатсия, иваз кардани вомбаргҳо бо таносуби регрессивӣ, баргардонидани пеш аз мӯҳлат» [4, с.120].

Ба ҳолати 01/01/2022, тибқи таҳқиқоти Бонки Ҷаҳонӣ, ҳаҷми бештари қарзи хориҷӣ дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мушоҳида мегардад, ки $24049 миллиардро ташкил менамояд. Ба даҳгонаи кишварҳои азимтарини дорои қарзи хориҷӣ аз ҷумлаи кишварҳои тараққикарда инҳо мансуб дониста мешаванд: Британияи Кабир ($8696 млрд), Фаронса ($6983 млрд), Олмон ($6413 млрд), Ҷопон ($4331 млрд), Люксембург ($3746 млрд), Нидерландия ($3667 млрд), Ирландия ($2878 млрд), Италия ($2566 млрд) ва Чин ($2636 млрд) (Диаграммаи 1).

Зиёда аз он, қарзи худи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ба маблағи қарзи Британияи Кабир, Фаронса, Олмон ва Италия якҷоя баробар аст. Маҷмуи қарзи хориҷии даҳ кишвари номбаршуда $65975 млрдро ташкил медиҳад, ки аз нисфи маҷмуи маҳсулоти ҷаҳон дар соли 2022 ё 68% аз $97 трлн зиёд аст [12, с.32].

Ҳамин тариқ, мушоҳида мешавад, ки ИМА аз ҳамаи дигар мамлакатҳо маблағҳои гарон қарздор мебошад. Ин метавонад маънои хатари баланди дефолти соҳибихтиёрӣ ва имконнопазирии пардохти уҳдадориҳои худро дарояндаи наздик ва миёна дошта бошад [5, с.68]. Вазъияти вазнини қарзи хориҷӣ сиёсати таҷовузкоронаи ИМА-ро дар

арсаи ҷаҳон бо кӯшиши ба даст овардани сарватҳои табиии дигар давлатҳои соҳибихтиёр, аз ҷумла Федератсияи Россия маънидод месозад.

**Дмаграммаи 1. - Маҷмуи қарзи хориҷии мамлакатҳои ҷаҳон ба ҳолати 01.01.2022 с., бо $. млрд ва бо %.**




***Сарчашма:*** аз ҷониби муаллиф аз рӯи маълумоти [12] таҳия гардидааст.

Чуноне ки М.Н. Адушев қайд месозад, «дар давоми 30 соли охир ММД-и ИМА ҳарчанд динамикаи мусбат дошта бошад ҳам, вале он барои дастгирии иқтисодиёти миллӣ ва доллар ҳамчун асъори байналхалқӣ кифоя нест, чунки қарзи давлатии он бо суръати тез афзуда истодааст. Дар ин давра он 10 баробар афзуда, афзоиши ММД аз 4 маротиба зиёд нест» [1, с.28]. Дар баробари ин, афзоиши бартари ММД дар муқоиса бо бори гарони қарзӣ дар кишварҳои дигар, аз ҷумла, Федератсияи Россия ва Чин чунин нишон медиҳанд: ММД Чин дар 30 соли охир 22 маротиба зиёд гардида, ММД Россия бошад, ба 3,5 баробар афзоиш ёфтааст. Дар ҳамин ҳол, қарзи хориҷии Федератсияи Россия $500 млрд ё 21,8% ММД-и кишварро ташкил намуда, дар Чин ин нишондиҳанда $2600 млрд ё 14,4% ММД-ро ташкил медиҳад.

А.В. Остресова ва Ф.А. Тутукова як қатор сабабҳои зиёд шудани қарзи хориҷии Амрикоро муайян намуданд, аз ҷумла «касри зиёди буҷети давлатӣ; сатҳи баланди хизматрасонии қарз; болоравии қурби асъор ба афзоиши ҳаҷми қарз бо доллар баробар аст; бесамар будани бозори қарз» [6, с.116]. Ҳамин тариқ, иқтисодиёти ИМА бештар аз ҳисоби захираҳои қарзие, ки аз ҷониби дигар кишварҳо, асосан Чин, Ҷопон ва Британияи Кабир дода мешавад, амал мекунад. Ин вазъият, ки аз мувозинати иқтисодӣ дур аст, тариқи омилҳои зерин побарҷо мебошад: гегемонияи доллар дар амалиётҳои ҷаҳонии тиҷоратӣ ва молиявӣ, ҳузури низомӣ ва сиёсати таҷовузкоронаи ИМА дар саросари ҷаҳон, инчунин мавҷудияти

захираҳои байналмилалии бисёр кишварҳо бо доллари ИМА. Ин омилҳо ИМА – ро дар тӯли даҳсолаҳо аз дефолти соҳибихтиёр ҳифз менамоянд.

Идоракунии ғайрисамараноки қарз дар якҷоягӣ бо чунин зарбаҳо ба монанди поён рафтани нархи нафт ё таназзули шадиди иқтисодӣ низ метавонад боиси буҳрони қарзӣ гарданд. Ин, инчунин аз он иборат аст, ки қарзи хориҷӣ одатан бо пули кишвари эмитент ифода карда мешавад, на қарзгир. Ин маънои онро дорад, ки агар иқтисоди кишвари қарзгир заиф шавад, бозпардохти чунин қарзҳо боз ҳам мушкилтар мешавад [7, с.45].

Арзиш ва вазнинии хизматрасонии қарзи хориҷӣ бо бисёр омилҳо муайян карда мешавад, ки дар байни онҳо шартҳои қарзгирӣ, ҳаҷми уҳдадориҳои қарзӣ, хусусияти истифодаи қарз (қарз барои рушди иқтисодӣ ё барои хароҷотҳои фаврӣ истифода гардидааст). Инчунин, яке аз омилҳои асосӣ дараҷаи тараққиёти иқтисоди миллӣ мебошад [12, с. 32].

Хазинаи Байналмилалии Асъор (ХБА) ва Бонки Ҷаҳонӣ бар ин назаранд, ки устувории қарзи беруна мумкин аст дар сурате ба даст оварда шавад, ки агар кишвар ба уҳдадориҳои қарзи хориҷии ҷорӣ ва ояндаи худ бидуни таҷдиди сохтори қарз ва фарогирии афзоиш мувофиқат кунад. Тибқи маълумоти ХБА ва Бонки Ҷаҳонӣ, коҳиш додани арзиши софи қарзи хориҷии давлатӣ тақрибан то 150% содироти кишвар ё 250% андозҳои кишвар барои рафъи ин монеа кумак хоҳад кард.

Барои арзёбии устувории қарзи хориҷӣ нишондиҳандаҳои гуногун мавҷуданд. Гарчанде ки ҳар кадоме аз онҳо бартарӣ ва нотакрории худро ҳангоми кор бо ҳолатҳои мушаххас, пешниҳод намояд ҳам, вале миёни иқтисоддонҳо оид ба нишондиҳандаи ягона андешаи мақбул вуҷуд надорад. Ҳарду нишондиҳанда, яъне - пардохтпазирӣ ва бозоргирӣ - асосан ба моҳияти нишондиҳандаҳо асос ёфта, ба ин васила ба шахсони тасмимгиранда имкон медиҳанд, ки идоракунии дурусти қарзро амалӣ намоянд [13, с.25]. Нишондиҳандаҳои дар боло зикршударо метавон ҳамчун нишондиҳандаҳои пардохтпазирии ҳукумат баррасӣ кард, замоне ки онҳо ҳаҷми қарзро дар вақти муайян нисбат ба қобилияти кишвар барои тавлиди захираҳо барои пардохти маблағи пардохтнашудаи қарз баррасӣ мекунанд.

Қарз нисбат ба ММД, қарзи давлатӣ нисбат ба даромадҳои буҷет ва қарзи хориҷӣ нисбат ба содирот - баъзе аз нишондиҳандаҳое мебошанд, ки метавон онҳоро ҳамчун нишондиҳанда барои идоракунии гаронии қарзи хориҷӣ истифода намуд. Нишондиҳандаҳо, инчунин, таркиби қарзи пардохтнашуда, аз ҷумла қарзи кӯтоҳмуддат, як қисми қарзи хориҷӣ ва қарзи имтиёзнокро дар ҳаҷми умумии қарз фаро мегиранд.

Таҳлили нишондиҳандаи қарзи хориҷӣ ба ҳар сари аҳолӣ имкон дод, ки 10 кишвари дорои сатҳи баландтарин муайян карда шавад, ки ба онҳо Люксембург ($. 5826 ҳазор), Маврикий ($.181 ҳазор), Кипр ($.187 ҳазор) ва дигарон дохил мешаванд (расми 2). Бузургии муносиби қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД, тибқи шартномаи Маастрихт 60% ҳисобида мешавад,

аммо бисёр кишварҳо, бахусус пас аз буҳрони қарзи аврупоӣ ва пандемияи Covid-2019, зиёдшавии зиёди ин ҳадди ниҳоиро нишон медиҳанд, ки шаҳодати он маълумоти диаграммаи 2 шуда метавонад.

**Диаграммаи 2. - Нишондиҳандаҳои қарзи хориҷии мамлакатҳо ба сари аҳолӣ ва нисбат ба ММД ба ҳолати 01.01.2022 с., бо $. ҳаз. ва %.**




***Сарчашма:*** аз ҷониби муаллиф аз рӯи маълумоти [12] таҳия гардидааст.

Ин вазъият кишварҳоро ба буҳронҳои оянда бештар осебпазир гардонида, ҳангоми баргардонидани уҳдадориҳои қарзи хориҷӣ хатари дефолти соҳибихтиёриро ба вуҷуд меорад.

Қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2021 - $.3 746,9 млн, ё 42,8% нисбат ба Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ташкил намуд. Нишондиҳандаи зерин дар давраи таҳлилшаванда ба 1,4 маротиба зиёд гардида, дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2020 - $. 33,5 млн коҳиш ёфтааст (Диаграммаи 3).

**Диаграммаи 3. - Динамикаи сохтори қарзи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2021, $. млн.**




***Сарчашма:*** аз ҷониби муаллиф аз рӯи маълумоти [8] таҳия гардидааст.

Дар Тоҷикистон, тибқи Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ барои солҳои 2021-2023 [12, с.10], бузургии ҳадди ниҳоии қарзи беруна нисбат ба ММД 60% ба ҳисоб меравад, яъне агар қарзи хориҷӣ то 60% ММД бошад, он гоҳ ба амнияти иқтисодӣ таҳдид нанамуда, бо зиёд гардидан аз ин нишондиҳанда сатҳи некуаҳволии иқтисодии мамлакат зери хатар қарор мегирад. Нишондиҳандаҳои таносуби қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД ва қарзи хориҷӣ ба сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2021 дар диаграммаи 4 оварда шудаанд.

**Диаграммаи 4. - Динамикаи нишондиҳандаи қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД ва бар сари аҳолӣ дар солҳои 2014-2021, бо % ва $.**




***Сарчашма***; аз ҷониби муаллиф аз рӯи маълумоти [10] таҳия гардидааст.

Маълумоти диаграммаи 4 аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли мусбат аз рӯи бузургии қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД таъмин гардидааст, ки аз соли 2014 инҷониб аз сатҳи ҳадди ниҳоии худ нагузаштааст (60% тибқи [10, с.10] ва дар соли 2021 37,7% ташкил намуд). Нисбат ба бузургии қарзи хориҷӣ ба сари аҳолӣ бошад, таъкид намудан ба маврид аст, ки он дар давраи таҳлилшаванда 1,3 маротиба ё 80,8 $ зиёд гардида, дар соли 2021 дар муқоиса бо соли 2020 ба 0,3 % коҳиш ёфтааст.

Тавре ки тадқиқот нишон медиҳад, «афзоиши назарраси таносуби қарз нисбат ба ММД метавонад боиси зиёд шудани андозҳо ва паст шудани даромадҳои оянда гардад. Дар ин ҳолат, барои зиёд намудани ҳаҷми қарзгирии давлатӣ чизи асосӣ он аст, ки суръати афзоиши ММД аз суръати афзоиши қарз зиёд бошад» [6, с.55].

Гурӯҳи дуюми нишондиҳандаҳо талаботи пардохтпазирии кӯтоҳмуддати кишварро оид ба пардохтпазирӣ барои рӯйпӯш намудани уҳдадориҳои қарзии он инъикос менамоянд. Нишондиҳандаҳо на танҳо

бонгҳои огоҳкунандаи бармаҳал оид ба мушкилоти пардохти қарз, балки онҳо, инчунин, таъсири интихоби байнивақтиро, ки аз қарорҳои қаблии қарз ба вуҷуд омадаанд, нишон медиҳанд. Хизматрасонии қарз нисбат ба ММД, хизматрасонии қарзи давлатӣ нисбат ба даромади воқеии буҷет ва хизматрасонии қарзи беруна нисбат ба содирот баъзе аз меъёрҳое мебошанд, ки барои пайгирии пардохтпазирӣ истифода мешаванд.

Маҷмуи дигари нишондиҳандаҳое вуҷуд доранд, ки тағйирёбии гаронии қарзро бо мурури замон бо назардошти меъёри фоизӣ ва маҷмуи маълумоти мавҷуда нишон медиҳанд. Ин нишондиҳандаҳои ояндабинӣ мебошанд, ки нишондиҳандаҳои қарзро дар сурати набудани пардохтҳои нав ё баргардонидани онҳо чӣ гуна тағйир меёбанд, нишон медиҳанд.

**Хулоса**. Ҳамин тавр, қарзи хориҷӣ, аз як тараф, дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши мусбат дорад, зеро он манбаи захираҳои молиявие мебошад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати иқтисодии кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат зарур мебошанд. Аз тарафи дигар, сатҳи баланди нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии қарзи хориҷӣ ба амнияти иқтисодии кишвар таъсири манфӣ расонида, метавонанд боиси дефолти соҳибихтиёрӣ гарданд. Сарфи назар аз он ки қимати бузурги қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД аз ҳадди ниҳоияшон зиёд набошанд ҳам, вале ба ҳар ҳол аз таҳдидҳои эҳтимолӣ ба амнияти молиявии кишвар шаҳодат медиҳанд. Содироти мол ва хизматрасонӣ дар солҳои охир хеле коҳиш ёфтааст, агар дар соли 2007 - $.1468 млн ташкил дода бошад, соли 2014 - $.977,3 млн ва соли 2021 - $.2149,6 млн-ро ташкил дод, ки ин аз фишори тавозуни пардохт ва захираҳои асъории кишвари қарздор, бо назардошти зиёд гардидани пардохтҳо аз рӯи қарзи беруна шаҳодат медиҳад. Барои кам кардани гаронии қарзи беруна, равона кардани талошҳо ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар дар асоси баланд бардоштани рақобатпазирии молу хизматрасониҳои ватанӣ дар бозорҳои хориҷӣ, аз ҷумла ба соҳаҳои иқтисодиёт, ки қисми зиёди захираҳои қарзӣ равона шудаанд, зарур мебошад [2, с.167]. Муаммои дигар ин вобастагии баланди иқтисоди ҷаҳонӣ аз доллари ИМА ва сатҳи баланди қарз дар худи кишвари эмитент шадидтар аст. Дар чунин шароит ҳукуматҳои миллӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки барои коҳиш додани вобастагӣ аз доллар, интиқол додани захираҳои миллӣ аз асъори хориҷӣ ба тилло ва дигар металлҳои қиматбаҳо, инчунин гузаштан ба асъорҳои иқтисодии устувортаре, ки таносуби муносиби қарзи хориҷӣ нисбат ба ММД ва ба сари аҳолиро доранд, кӯшиш намоянд.

## Адабиёт


1. Адушев М. Н. Дефолт в США и мировой финансовый кризис: проблемы экономики, перспективы развития и пути преодоления / М. Н. Адушев // РЭиУ. – 2022. – № 4 (72). – С. 28.
2. Ахророва А.Д. Внешний долг Республики Таджикистан в контексте экономической безопасности /А.Д. Ахророва, Ф.Дж. Бобоев // Вестник Таджикского технического университета. – Душанбе, 2015. - № 4(32), 2015. – С. 160-168.

3. Бабич И.В. Методы управления государственным долгом /И.В. Бабич // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета, 2011. - №5 (39). - С. 120-122.
4. Бжихатлов С.Х. Особенности управления государственным долгом /С.Х. Бжихатлов, А.А. Нагаев // Актуальные вопросы экономических наук, 2016. - № 50-2. - С. 11-16.
5. Иваненко И. А. Компаративный анализ показателей внешней задолженности стран мира / И. А. Иваненко // Ученые записки Крымского инженерно-педагогического университета. - 2021. – № 2 (72). – С. 65–70.
6. Острецова А.В. Проблемы внешнего долга США: современное состояние и пути решения / А.В. Острецова, Ф.А. Тутукова // Московский экономический журнал. – 2021. – № 12. – С. 116-126.
7. Кондрацкая Т. А. Теория государственного внешнего долга и ее реализация / Т. А. Кондрацкая, Г. Ю. Кондрацкая // Известия ВУЗов ЭФиУП. – 2021. – № 1 (47). – С. 42–50.
8. Отчёт о состоянии государственного внешнего долга Таджикистана. – Душанбе: Министерство Финансов Республики Таджикистан, 2022. – 38 с.
9. Отчёт о состоянии государственного долга за 2021 год // Министерство финансов Республики Таджикистан. – 2022 г. – 39 с.
10. Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ барои солҳои 2021-2023 // Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 ноябри соли 2020, №587.
11. Цвирко С.Э. Концептуальное развитие управления государственным долгом /С.Э. Цвирко // Наука и современность, 2016. - № 43. - С. 236-252.
12. Экономические показатели крупнейших стран мира в 2021 г. // Основные показатели развития мировой экономики. – 2022. – С. 33.
13. Foreign Debt / CFI Team. – 2023, January. – URL: [Электронный ресурс] https://corporatefinanceinstitute.com/resources/economics/foreign-debt/ (дата обращения: 25.08.2023).

---

**УДК: 336 (075)**

## БАРНОМАҲОИ МУЪТАДИЛГАРДОНИИ ТАШКИЛОТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МОЛИЯВӢ ВА МАСЪАЛАҲОИ АМНИЯТИ ИҚТИСОДИИ МАМЛАКАТҲОИ ҚАБУЛКУНАНДА

***Усмонов Парвиз Нуруллоевич*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналхалқии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: (+992) 917-09-04-64. E-mail: parviz.usmonov.77@bk.ru*

*Дар мақолаи мазкур таъсири барномаҳои муътадилгардонии созмонҳои байналмилалии молиявӣ ба рушди иқтисодиёти мамлакатҳои дар давраи гузариш қарордошта ва ҳамчунин, масъалаҳои амнияти иқтисодии ин мамлакатҳо дар шароити ҷаҳонишавии молиявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки унсури асосии барномаи муътадилгардонии Хазинаи байналмилалии асъорро сиёсати пулию қарзии танзимнамоии тавозуни пардохт ташкил дода, он на ҳамеша ба ҷанбаҳои амнияти иқтисодии мамлакатҳои сармоягузоришаванда мувофиқат менамояд. Аз нуқтаи назари муаллиф, дар шароити маблағгузории беруна хатарҳои асосии рушди иқтисодиёти мамлакатҳои дар давраи гузариш қарордоштаро сохтори номукаммали институтсионалӣ, инфрасохтори сусттараққикарда, нопурра фаъолият намудани бозорҳои мол ва омилҳои истеҳсолот дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, маблағгузории беруна бояд ба таъмини рақобати комил, шаффофияти идоракунии давлатӣ, таъмини*

*моликияти хусусӣ, рушди маориф ва фаъолияти механизмҳои бозории идоракунӣ, ки маҷмуан ислоҳоти институтсионалиро фаро мегиранд, равона гардад.*

***Калидвожаҳо:*** *ҷаҳонишавии молиявӣ, маблағгузории беруна, мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ ва мамлакатҳои дар давраи гузариш қарордошта, бозори молиявӣ, барномаҳои муътадилгардонӣ, муассисаҳои молиявию қарзӣ, амнияти иқтисодӣ, тавозуни пардохт.*

## СТАБИЛИЗАЦИОННЫЕ ПРОГРАММЫ МЕЖДУНАРОДНЫХ ФИНАНСОВЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ И ПРОБЛЕМЫ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ ПРИНИМАЮЩИХ СТРАН

***Усмонов Парвиз Нуруллоевич** - кандидат экономических наук, доцент кафедры международных финансово-кредитных отношений Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес:734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.:(+992) 917-09-04-64. E-mail: parviz.usmonov.77@bk.ru*

*В данной статье рассматривается влияние стабилизационных программ международных финансовых институтов на экономическое развитие стран с переходной экономикой, а также проблемы экономической безопасности этих стран в условиях финансовой глобализации. Отмечается, что основным элементом стабилизационной программы Международного валютного фонда является монетарный подход к регулированию платежного баланса, что не всегда согласовывается с аспектами экономической безопасности стран, принимающих внешнее финансирование. По мнению автора, основными угрозами для экономического развития в странах с переходной экономикой в условиях внешнего финансирования являются неэффективная институциональная структура, слаборазвитость инфраструктуры, несовершенство рынков товаров и факторов производства. Поэтому, внешнее финансирование должно быть направлено на содействие проведению институциональных реформ в стране. Под институциональными реформами понимается обеспечение совершенной конкуренции, прозрачность государственного управления, обеспечение частной собственности, развитие образования и функционирование рыночных механизмов хозяйствования.*

***Ключевые слова:*** *финансовая глобализация, внешнее финансирование, развивающиеся страны и страны с переходной экономикой, финансовый рынок, стабилизационные программы, финансово-кредитные институты, экономическая безопасность, платежный баланс.*

## STABILIZATION PROGRAMS OF INTERNATIONAL FINANCIAL INSTITUTIONS AND ISSUES OF ECONOMIC SECURITY OF HOST COUNTRIES

***Usmonov Parviz Nurulloevich** - Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of International Financial and Credit Relations of the Tajik State Financial and Economic University.Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov, 64/14, tel.: (+992) 917-09-04-64. E-mail:parviz.usmonov.77@bk.ru.*

*This article examines the impact of the stabilization programs of international financial institutions on the economic development of countries with economies in transition, as well as the problems of economic security of these countries in the context of financial globalization. It is noted that the main element of the stabilization program of the International Monetary Fund is the monetary approach to the regulation of the balance of payments, which is not always consistent with the aspects of economic security of countries receiving external financing. According to the author, the main threats to economic development in countries with economies in transition in terms of external financing are inefficient institutional structure, underdeveloped infrastructure, and imperfect markets for goods and factors of production. Therefore, external funding should be directed towards promoting institutional reforms in the country. Institutional reforms mean ensuring perfect competition, transparency of public administration, ensuring private property, developing education and functioning of market mechanisms of management.*

***Keywords:*** *financial globalization, external financing, developing countries and countries with economies in transition, financial market, stabilization programs, financial and credit institutions, economic security, balance of payments.*

Ибтидои асри XXI дар раванди маблағгузории беруна тағйироти ҷиддие ба амал омад, ки бо хусусиятҳои марҳилаи имрӯзаи рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ҳаракати байналмилалии сармоя алоқамандии зич дорад. Дар маҷмуъ, ин тағйиротро метавон ба таври зерин маънидод намуд:

- афзоиши қарзи хориҷӣ ва нақши он дар рушди иқтисодии кишварҳои рӯ ба инкишоф ва иқтисоди дар давраи гузариш қарордошта;
- аҳамияти қарздиҳии расмӣ ва афзоиши босуръати қарздиҳии хусусӣ ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва иқтисоди дар давраи гузариш қарордошта;
- нақши бисёрҷониба ва бартаридоштаи маблағгузории буруна дар ташаккул ва рушди бозори молиявии ҷаҳонӣ;
- устуворшавии аҳамияти усулҳои бозории қарзгирӣ дар низоми муносибатҳои молиявии ҷаҳонӣ;
- пурзӯр намудани нақши тамоми иштирокчиёни ҷаҳон дар маблағгузории берунаи давлатҳои мутараққӣ, рӯ ба инкишоф ва иқтисодиёти дар давраи гузариш қарордошта;
- зиёдшавии ноустувории молияи ҷаҳонӣ бинобар сабаби ҳаракати шиддатноки байналмилалии захираҳои қарзӣ;
- афзоиши нақши ташкилотҳои молиявию қарзии байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти қарзӣ.

Дар шароити муосир ҷаҳонишавии молиявӣ ҷузъи ҷудонашавандаи раванди умумии ҷаҳонишавии иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Дар адабиёти муосири иқтисодӣ нуқтаи назаре ҷой дорад, ки метавон бо он розӣ шуд: «Дар замони муосир бозорҳои миллӣ бештар аз сармоягузорони хориҷӣ, дороиҳову миёнаравҳои молиявии хориҷӣ ва тамоюлҳои рушди иқтисоди кишварҳои дигар вобастагӣ доранд» [3]. Ҳамкории зичи бозори байналмилалии молиявӣ бо бозорҳои миллии сармоя боиси ҳамгироии воқеии онҳо ва дар ин замина, ташаккули бозори молиявии ҷаҳонӣ гардида, падидаи мазкурро ҳамгироии молиявӣ эътироф намудан мумкин аст, ки аз ҳисоби ҳаракати сармояи пулии муосир ба таври динамикӣ инкишоф меёбад.

Бозори байналмилалии сармоя имрӯз ба як низоми ҷалбкунандаи захираҳои озоди молиявӣ ва дар асоси принсипҳои рақобат дар ихтиёри сохторҳои соҳибкорию мақомоти давлатии кишварҳои гуногун қарор додани онҳо табдил ёфтааст, ки он ҳам ҷаҳонӣ шудааст. Аммо шиддатнокии маблағгузории беруна пас аз солҳои 80-ум дар натиҷаи рушди бозори молиявии ҷаҳонӣ зиёд гардида, яке аз омилҳои асосии наздикшавии иқтисодии кишварҳои алоҳида маҳсуб меёбад. Масалан, дар солҳои 90-ум суръати афзоиши қарзгирии сармоя дар бозори ҷаҳонӣ аз 20 то 50 фоизро дар як сол ташкил медод, ки суръати афзоиши ММД ва содироти молҳо бо нархҳои ҷорӣ тақрибан 5-8 фоиз дар як сол буд [3].

Имрӯз дар ҳаракати байналмилалии сармоя мавқеи бартаридоштаро ҳаракати захираҳои пулӣ бо тартиби маблағгузории беруна ташкил менамояд.

Тамоюл ва равандҳое, ки хоси кишварҳои рӯ ба тараққӣ ҷиҳати ҷалби сармоя аз сарчашмаҳои беруна мебошанд, ба кишварҳои иқтисоди дар давраи гузариш қарордошта низ рабт доранд. Дар ин асос, муътадил гардидани вазъи иқтисодӣ ва мустаҳкам намудани тамоюли рушди он дар кишварҳои иқтисоди дар давраи гузариш қарордошта барои устуворсозии ҳамкории онҳо бо маблағгузорони беруна шароит фароҳам меорад. Натиҷаи ин ҳамкорӣ бояд омезиши мутаносиби сармоягузории хориҷӣ, қарзгирии беруна ва кумаки расмӣ ҷиҳати таъмини рушди иқтисодӣ ва ба даст овардани сатҳи кофии даромад барои баланд бардоштани сатҳи зиндагонии аҳолӣ бошад. Аммо ин раванд бештар бо талаботи барномаҳои созмонҳои молиявии байналмилалӣ алоқаманд аст, ки бидуни қабул ва татбиқи онҳо маблағгузории беруна амалан ғайриимкон мегардад ва масъалаи таъмини амнияти иқтисодиро дар ҳамон мамлакатҳое, ки имрӯз барои онҳо манбаъҳои берунаи рушд аҳамияти калон пайдо карда истодаанд, тезутунд мегардонад.

Масалан, барномаи муътадилгардонии ХБА, ҳамчун кредитори асосии захираҳои молиявии беруна чор талаботи асосиро пешбинӣ менамояд [9]. Якум, ин бекор ва либерализатсияи назорати асъору воридот, дуюм, коҳиш додани қурби асъори миллӣ, сеюм, сиёсати устувори дохилии зидди таваррум ва ниҳоят чорум ин ҳавасмандгардонии сармояи хориҷӣ ва дараҷаи кушодагии иқтисодиёти миллӣ ба иқтисодиёти ҷаҳон.

Ҳамин тариқ, аз нуқтаи назари макроиқтисодӣ унсури асосии барномаи муътадилгардонии Хазинаи байналмилалии асъор ин сиёсати монетарӣ оид ба танзими тавозуни пардохт мебошад, ки на ҳамеша бо ҷанбаҳои амнияти иқтисодии кишварҳои қабулкунандаи маблағгузории беруна мувофиқат менамояд. Ғояи асосии ин раванд аз он иборат аст, ки барои ҳар як сатҳи тақозо ба пул тағйирёбии захираҳои асъор дар ниҳоят бо арзаи ҳаҷми пули миллии дар муомилот буда муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат, барои ҳама гуна сатҳи ММД-и номиналӣ сабаби буҳрони тавозуни пардохт метавонад афзоиши аз ҳад зиёди қарзи дохилӣ бошад ва аз ин рӯ, талаботи ХБА коҳиш додани таваррум тавассути нигоҳ доштани ҳаҷми пул дар иқтисодиёти кишвари қабулкунанда мебошад.

Барномаҳои ХБА ҳамчун шарт ё талаботи ҳатмӣ дар кишварҳои иқтисоди дар давраи гузариш қарордошта, аз он ҷумла Тоҷикистон пеш аз оғози раванди маблағгузории беруна амалӣ мегарданд. Масалан, болоравии тарофаҳо барои истифодаи неруи барқ ва газ, ки дар Тоҷикистон сурат мегирад, яке аз талаботи ХБА дар солҳои охир ба шумор меравад. Чунин талабот асосан дар асоси консепсияи хизматрасонӣ ба қарзи беруна ва пардохти фоиз аз онҳо сурат мегирад. Ба ақидаи мо, ин гуна баланд шудани тарофаҳо дар шароити паст будани

сатҳи даромади аҳолии ҷумҳурӣ вазъи иҷтимоии онҳоро бадтар намуда, даромад ва майли истеъмолу пасандози онҳоро паст менамояд, ки ин хавфро ба амнияти иқтисодӣ дар сатҳи инфиродӣ афзоиш медиҳад.

Аз нуқтаи назари амнияти иқтисодӣ, мушкилоти асоси ин аз ҷониби ХБА нодида гирифтани сатҳи таваррум ва талабот ба пул дар кишварҳое, ки иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарор дорад, ба шумор меравад. Ҳамин тариқ, маҳдуд намудани муомилоти пул тадбири аз ҳад зиёди консервативӣ буда, омили кам шудани ҳаҷми молу маҳсулот гардида, ба тағйирёбии назарраси суратҳисоби ҷории тавозуни пардохт меорад. Дар ин маврид, суратҳисоби ҷории тавозуни пардохт бояд аз ҳисоби коҳиш ёфтани захираҳо, дар асоси истифода набурдани маблағгузории беруна ҷуброн карда шавад.

Таҳлили барномаҳои муътадилгардонии ХБА нишон медиҳад, ки дастрас набудани захираҳои қарзӣ дар бозори дохилии кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта ҳамчун субъекти асосии таъминкунандаи амнияти иқтисодӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ба рушди соҳибкорӣ мусоидат намекунад. Илова бар ин, барномасозии шадиди молиявӣ ба некуаҳволии қишрҳои осебпазири аҳолӣ, ки торафт бештар аз хатти фақр поинтар меистанд, таъсири манфӣ мерасонад. Вобаста ба ин ҳолат метавон қайд намуд, ки унсурҳои асосии сиёсати доимии ХБА нисбати кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва дар давраи гузариш қарордошта метавонанд ба пайдоиши таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ мусоидат намоянд.

Таҳлили эмпирикии барномаҳои муътадилгардонии ХБА, ки дар адабиёти иқтисодӣ васеъ инъикос ёфтаанд, ин ҳолатро исбот карда метавонад. Ин таҳлил нишон медиҳад, ки онҳо на ҳамеша ба кишварҳои қабулкунандагони кумаки беруна таъсири мусбат мерасонанд.

**Ҷадвали 1. - Арзёбии таҷрибавии самаранокии барномаҳои ХБА дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон**

| Давраҳо | Шумораи давлатҳо | Тавозуни пардохт | Таъсир ба таваррум | Рушди иқтисодиёт |
|---|---|---|---|---|
| 1973-77 | 23 | 0 | 0 | + |
| 1974-79 | 24 | 0 | – | 0 |
| 1965-81 | 18 | + | 0 | 0 |
| 1973-88 | 69 | + | – | – |
| 1971-80 | 44 | + | – | – |
| 1977-79 | 14 | + | – | – |
| 1971-82 | 38 | 0 | – | 0 |
| 1973-88 | 69 | + | – | – |
| 1974-81 | 58 | – | + | – |

Сарчашма: Thirlwall A. “Growth and Development. With Special Reference to Development Economics”. 7th Edition. L.: MacMillan. - pg.516.

“0” - чунин маъно дорад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти гуногун бенатиҷа буданд

“+” - таъсири мусбат ба нишондиҳандаи мазкур

“–” - таъсири манфӣ ба нишондиҳандаи мазкур.

Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки барномаҳои муътадилгардонӣ дар нимаи дуюми асри XX дар як қатор кишварҳо амалӣ шуда, бо назардошти хусусияту мақсадҳои гуногуни худ онҳоро ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Барномаҳои муътадилгардонӣ дар кишварҳои пешрафта (ИМА, Британияи Кабир, Испания);

2. Барномаҳои муътадилгардонӣ дар кишварҳои рӯ ба инкишоф (кишварҳои Амрикои Лотинӣ, Исроил);

3. Барномаҳои муътадилгардонӣ дар кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта (Қазоқистон, Узбекистон, Тоҷикистон).

Иқтисодиёти ин кишварҳо ҳатто дар дохили ҳар як гурӯҳ комилан тафовут доранд, аммо дар маҷмуъ, меъёри таҳлили мо - аз нигоҳи амнияти иқтисодӣ метавонад устувор ба такон, инчунин, татбиқи чораҳои муайян бошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки рушди иқтисодӣ қариб дар тамоми мамлакатҳо пас аз оғози барномаи муътадилгардонӣ амалӣ мегардад. Сатҳи бекорӣ дар аксар мавирд мувофиқи марҳилаи давраи тиҷоратӣ тағйир ёфт, яъне бо афзоиши фаъолнокӣ коҳиши бекорӣ ба назар мерасад.

**Ҷадвали 2. - Барномаҳои муътадилгардонии мамлакатҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордоштаи собиқ мамлакатҳои сотсиалистӣ**

| Мамлакат | Санаи оғози барномаи муътадилгардонӣ | Сатҳи таваррум то оғози барнома | Режими қурби муқарраргардидаи асъор | Баландтарин нишондиҳандаи таварруми солона | Соли таварруми максималӣ | Соле, ки таваррум аз 50% пастар буд | Режими қурби асъор дар айни замон |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Озарбойҷон | Январ 1995 | 1651 | Шин./Муқарраршуда | 1787 | 1994 | 1996 | Шинокунанда |
| Албания | Август 1992 | 293 | Шин. | 237 | 1992 | 1993 | Шинокунанда |
| Арманистон | Декабр 1994 | 1885 | Шин./ Муқар. | 10896 | 1993 | 1995 | Шинокунанда |
| Белорус | Ноябр 1994 | 2180 | Шин./ Муқар. | 1997 | 1993 | 1996 | Шинокунанда |
| Булғористон | Феврал 1991 | 245 | Шин. | 579 | 1997 | 1998 | Шинокунанда |
| Маҷористон | Март 1990 | 26 | Муқараршуда | 35 | 1990 | н/д | Шинокунанда |
| Гурҷистон | Сентябр 1994 | 56476 | Шин./ Муқар. | 7486 | 1993 | 1996 | Шинокунанда |
| Қазоқистон | Январ 1994 | 2315 | Шин./ Муқар. | 2961 | 1998 | 1996 | Шинокунанда |
| Қирғизистон | Май 1993 | 934 | Шин./ Муқар. | 958 | 1992 | 1993 | Шинокунанда |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Латвия | Июн 1992 | 818 | Шин./ Мукар. | 1162 | 1992 | 1993 | Муқарр аршуда |
| Литва | Июн 1992 | 709 | Шин./Фикс. | 1162 | 1992 | 1994 | Муқарр аршуда |
| Македония | Январ 1994 | 248 | Муқар. | 1780 | 1992 | 1995 | Шинок унанда |
| Молдова | Сентябр 1993 | 1090 | Шин. | 2198 | 1992 | 1995 | Шинок унанда |
| Лаҳистон | Январ 1990 | 1096 | Муқар. | 640 | 1989 | 1992 | Шинок унанда |
| Руминия | Октябр 1993 | 314 | Шин. | 295 | 1993 | 1995 | Шинок унанда |
| Словакия | Январ 1991 | 46 | Муқар. | 58 | 1991 | 1990 | Шинок унанда |
| Словения | Феврал 1992 | 288 | Шин. | 247 | 1991 | 1993 | Шинок унанда |
| Тоҷикистон | Феврал 1995 | 73 | Шин. | 7344 | 1993 | 1994 | Шинок унанда |
| Туркманисто н | - | 20 | - | 9743 | 1993 | 1997 | Шинок унанда |
| Узбекистон | Ноябр 1994 | 1555 | Шин. | 1281 | 1994 | 1996 | Шинок унанда |
| Украина | Ноябр 1994 | 645 | Шин./ Муқар. | 10155 | 1993 | 1990 | Шинок унанда |
| Хорватия | Октябр 1993 | 1903 | Муқар. | 2585 | 1989 | 1994 | Шинок унанда |
| Чехия | Январ 1991 | 46 | Муқар. | 52 | 1991 | 1992 | Шинок унанда |
| Эстония | Июн 1992 | 1086 | Муқар. | 947 | 1992 | 1993 | Муқарр аршуда |
| Россия | Апрел 1995 | 218 | Шин./ Муқар. | 2510 | 1992 | 1996 | Шинок унанда |

Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар заминаи [манбаи электронӣ] http://www.worlbank.org/ (санаи мурочиат 27.02.2023).

Қайд намудан ба маврид аст, ки афзоиши фаъолнокии иқтисодии мушоҳидагардида дар аксар маврндҳо дарозмуддат набуда, мақсади аввалини барнома, ки паст намудани сатҳи таваррум буд, дар муддати дароз иҷро нагардидааст. Дар мамлакатҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта барномаҳои муътадилгардонӣ ба ғайр аз паст намудани сатҳи таваррум (дар давраи пас аз либерализатсияи нарх) инчунин, ба устувортар гардондани раванди гузариш ба бозор нигаронида шудаанд. Таназзули иқтисодие, ки дар натиҷаи вайроншавии муносибатҳои истеҳсолӣ ва раванди тағйирёбию мутобиқшавӣ ба шароити нави бозор ба вуҷуд омадааст, имкон намедиҳад бигӯем, ки дар ҷараёни татбиқи барномаи муътадилгардонӣ рушди иқтисодӣ ва камшавии сатҳи бекорӣ ба назар мерасад.

Вобаста ба маълумоти дар ҷадвали 1 ва 2 овардашуда ба назар мерасад, ки дар аксари ҳолатҳо барномаҳои муътадилгардонии ХБА танҳо ба вазъи баланси пардохти кишвар таъсири мусбат мерасонанд ва ё умуман таъсир намерасонанд.

Ин хулоса барои кишварҳое, ки аз маблағгузории беруна барои рушд аз ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ истифода мебаранд, хеле муҳим аст. Зеро, ба назари мо, таҳдидҳои асосии рушди иқтисодии кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта дар шароити маблағгузории беруна ин сохтори институтсионалии номукаммал, инфрасохтори суст инкишофёфта, нопурра фаъолият намудани бозорҳои мол ва омилҳои истеҳсолот мебошад, на вазъи тавозуни пардохт.

Таҷрибаи ташаккули сохтори бозорӣ дар кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта нишон медиҳад, ки онҳо аз захираҳои молиявӣ дучори танқисӣ гардида, маҷбур мешаванд, ки ба манбаъҳои берунаи маблағгузорӣ рӯй оранд.

Ҳамин тариқ, раванди маблағгузории берунаи кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта раванди объективии иқтисодӣ буда, хусусиятҳои иқтисодиёти миллии кишварҳоеро, ки қабулкунандаи маблағгузории беруна мебошанд, муайян менамояд. Аз ин рӯ, равандҳои тағйирёбӣ ва ташаккули иқтисоди бозорӣ дар аксари давлатҳои ҷаҳон дар солҳои 90-ум бо афзоиши нақши маблағгузории хориҷӣ бо назардошти хусусиятҳои хоси кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта ба амал омадаанд.

Бо назардошти талаботи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ оид ба раванди маблағгузории беруна ҷудо намудани чунин ҷанбаҳои рушд муҳим аст, ки аз як тараф, ба чунин талаботҳо ҷавобгӯ бошанд ва аз тарафи дигар, масъалаҳои таъмини амнияти иқтисодиро ба инобат гиранд.

Ба андешаи мо, хусусиятҳои зерини маблағгузории беруна дар кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордоштаро ҷудо намудан мумкин аст, ки бо масъалаҳои амнияти иқтисодӣ алоқамананд.

Аввалан, маблағгузории беруна бояд ба ташаккули фазои сармоягузорӣ ҳамчун шарти зарурии сармоягузории хориҷӣ равона гардад. Бо назардошти мушкилоти объективии марҳилаи гузариш, барои ба вуҷуд овардани «Такони бузург» дар кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта ҷалби сармояи хориҷӣ зарур аст. Сармоягузориҳои хориҷӣ ба он кишварҳое равона мегардад, ки дар онҳо фазои мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда шудааст ва яке аз ҷузъҳои он мавҷудияти инфрасохтори пешрафта, аз ҷумла рушди шабакаи роҳҳо, коммуникатсия, телекоммуникатсия, энергетика, обтаъминкунӣ, сатҳи ба қадри кофӣ баланди маориф ва тандурустӣ. Аз ин рӯ, раванди ба ин соҳаҳо равона намудани маблағгузории беруна, заминаи дарозмуддате барои таъмини амнияти иқтисодӣ шароит фароҳам меорад.

Дуюм, маблағгузории беруна бояд ба кам намудани вобастагии иқтисодиёти миллии кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта аз сарчашмаҳои берунаи рушд равона гардад. Маълум аст, ки манбаи асосии маблағгузорӣ пасандозҳои аҳолӣ мебошад. Аммо дар кишварҳои иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта сатҳи

даромад паст буда, тамоюли ниҳоӣ ба истеъмол зиёд аст, ки ин боиси афзоиши таҳдидҳо ба амнияти иқтисодӣ гардида, бо аҳамияти начандон бузурги сарчашмаҳои дохилии маблағгузорӣ барои такрористеҳсоли васеъ алоқаманд аст. Чуноне ки Эрнандо де Сото дар асари машҳури худ «Мушкилоти сармоя» дар мамлакатҳои рӯ ба инкишоф ва иқтисодиёташон дар давраи гузариш қарордошта қайд менамояд: «Ба пайдоиши қарз ва сармоягузорӣ на худи дороиҳои моддӣ, балки инъикоси онҳо дар низоми моликияти хусусӣ монеа мешавад» [6]. Бинобар ин, ба андешаи мо, маблаггузории беруна дар доираи барномаҳои муътадилгардонӣ бояд ба мустаҳкам намудани муносибатҳои бозорӣ дар мамлакат ва фароҳам овардани шароит барои ташаккули манбаъҳои дохилии рушд нигаронида шавад.

Сеюм, маблағгузории беруна бояд ба пешбурди ислоҳоти институтсионалӣ дар кишвар равона карда шавад. Маълум аст, ки асоси маблағгузории дохилии иқтисодиётро ҷараёни ҷалбнамоии пасандоз ташкил менамояд, вале дар шароити баланд будани сатҳи камбизоатӣ ин раванд имконнопазир мегардад. Аз ин рӯ, захираҳои берунаи рушд бояд ҳатман ба паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар кишвар равона гарданд. Ба андешаи мо, ҳалли ин масъала дар натиҷаи гузаронидани ислоҳоти институтсионалӣ имконпазир мегардад, чунки дар маҷмуъ, истифодаи самараноки омилҳои берунаи рушди иқтисодӣ метавонад таҳдидҳоро ба амнияти иқтисодӣ кам намояд. Ин маънои онро дорад, ки ислоҳоти институтсионалӣ рақобати комил, шаффофияти идоракунии давлатӣ, моликияти хусусӣ, рушди соҳаи маориф ва фаъолияти механизмҳои бозории идоракуниро таъмин менамояд.

Чорум, маблағгузории беруна набояд вобастагиро зиёд намояд, зеро чунин маблағгузории беруна аксаран ба нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ начандон таъсири назаррас расонида, уҳдадориҳои давлатҳои маблағқабулкунандаро дар назди донорҳоро зиёд менамояд.

Тибқи арзёбии коршиносони ХБА, омилҳои аслии буҳрон дар иқтисоди миллии кишварҳое, ки аз маблағгузории берунаро истифода мебаранд, таконҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошанд. Масалан, ба таконҳои хориҷӣ онҳо болоравии арзиши нафт ё бадшавии шароити тиҷорат дар кишварҳое, ки ба содироти ҳамин молҳо машғуланд ва инчунин, коҳиш ёфтани интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирони меҳнатиро рабт медиҳанд. Таконҳои дохилиро бошад, бо сатҳи коррупсия, ноустувории сиёсӣ ва камомади буҷаи давлатӣ алоқаманд медонанд.

Масалан, дар пешниҳодҳои ХБА ба Тоҷикистон қайд гардидааст, ки барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои мақсадноки таваррум, давлат бояд афзоиши ҳаҷми пул дар муомилот ва дар ин замина, ҳаҷми асъорҳои захиравиро маҳдуд намояд. Вобаста ба таҳлили вазъи Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагони ХБА қайд менамоянд, ки нақшаи нави маблағгузории соҳаи пахтапарварӣ дар оянда ба сифати дороиҳои бонкҳо таъсиргузор хоҳад буд. Дар доираи чунин нақша давлат бонкҳои

тиҷоратиро бо маблағ ва пас аз он бонкҳо ба хоҷагиҳои пахтапарвар қарзҳои имтиёзнок пешкаш менамоянд.

Хатарҳои қарзӣ мисли пештара ба уҳдаи бонкҳои тиҷоратианд, чунки онҳо низ аз ҳисоби дороиҳои худ ба соҳаи хоҷагии кишоварзӣ қарз пешниҳод менамоянд. Коршиносони ХБА, инчунин, қайд менамоянд, ки солҳои 2021-2024 сиёсати фискалӣ воситаи асосии дастгирии фаъолияти дохилӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон, сиёсати пулию қарзӣ ва мубодилавии асъорҳо барои таъмини устувории сиёсати хориҷӣ равона гардад. Дар шароити коҳиш ёфтани интиқоли маблағ аз хориҷи кишвар вазъи бозори асъор мушкилтар мегардад. Дар баробари ин, ҷой надоштани воситаи самараноки сиёсати пулию қарзӣ, Бонки миллии Тоҷикистон имконияти назорати рушди сиёсати пулию қарзӣ ва мутаъдилгардонии фаъолияти иқтисодиро надорад, ки ин боиси пайдо гардидани хатари иқтисодиву молиявии амнияти давлат мегардад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бояд бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ ё вексели Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳамзамон, фаъолияти бозори байнибонкӣ мукаммал гардонида шавад.

Бо назардошти таҷрибаи муосири бухрони молиявии ҷаҳонӣ коршиносони ХБА қайд менамоянд, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ тақозои таҳкими назорат барои дастгирии низоми бонкӣ ҷой дорад. Бинобар сабаби маҳдуд будани робитаҳои мустақим, самараи хатари фарогирандаи бухрони молиявии ҷаҳонӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон бузург нест. Бо вуҷуди ин, бояд пайваста мониторинги бонкҳо ба роҳ монда шавад, то ин ки дилхоҳ камбудиҳои вазъи тавозуни онҳо ошкор гардад. Бинобар ин, барои таъмини амнияти иқтисодӣ, нишондиҳандаҳои устувори молиявӣ доимо зери назорат қарор гирифта, кафолати оне ки бонкҳо бе истисно талаботро барои ҳадди ақали захираҳои ҳатмӣ комилан иҷро менамоянд, таъмин карда шавад.

Коршиносони ХБА рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои наздик пешбинӣ намуда, чунин меҳисобанд, ки хатарҳо асосан аз рӯйдодҳои беруна вобаста мебошанд. Яке аз хатарҳои асосӣ ин коҳиш ёфтани интиқоли маблағ ба таври мутлақ мебошад, ки агар минбаъд манбаи асосии даромад бо даромади бисёре аз хонаводаҳое, ки дар зери хатари фақр зиндагӣ менамоянд, маҳдуд карда шавад, пас ислоҳоти ҷиддии берунаро талаб менамояд.

**Адабиёт:**

1. Оболенский В.П. Внешнеэкономические связи России в аспекте экономической безопасности. / В.П. Оболенский // Проблемы прогнозирования. - М.-1995. - № 3. -С.12-16.

2. Рахимов Р.К. О проблемах экономического роста в условиях перехода к рыночным отношениям. / Р.К. Рахимов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - Душанбе, 2008. - №1. - С.42-44.

3. Рубцов Б.Б. Мировые фондовые рынки: современное состояние и закономерности развития. /Б.Б. Рубцов // Финансовая академия при Правительстве РФ. - М. - 2016. - 143 с.

4. Саидмуродов, Л. Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики / Л. Х. Саидмуродов. – Душанбе : Дониш, 2021. – 414 с. – ISBN 978-99985—7074-0. – EDN OUINAH.
5. Саидмуродов, Л. Х. К вопросу о расчете покупательной способности национальной валюты и реального эффективного валютного курса в малой открытой экономике Республики Таджикистан / Л. Х. Саидмуродов, А. Давлятов // Экономика Таджикистана. – 2019. – № 3. – С. 23-40. – EDN EPGENJ.
6. Сото Э.Д. Почему капитализм торжествует на Западе и терпит поражение во всем остальном мире / Э.Д. Сото // Загадка капитала. - М., Олимп Бизнес. – 2004. - С. 71-72.
7. Усмонов П.Н. Экономическая безопасность развития Республики Таджикистан в условиях роста внешнего финансирования. Монография / П.Н. Усмонов. - 2019. –152 с.
8. Caves R.E. World Trade and Payments / R.E. Caves, J.A. Frankel, R.W. Jones. - New-York, 1990. - p. 516.
9. Rudiger Dornbush. "Policies to move from stabilization to growth" in Proceedings of World bank Annual Conference on Development Economics, - pg.119.
10. International Monetary Fund. Conurty report 03/5, January 2019/ External sector, international competitiviness and trade developments.World Bank: Data and Statistic – http://www.worlbank.org/data/(date of the application 27.02.2023)

**УДК: 330.313**

# РОЖДАЕМОСТЬ КАК ОСНОВНОЙ ФАКТОР И ПОДХОД ДЛЯ ОЦЕНКИ ДЕМОГРАФИЧЕСКОГО И ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО ПОТЕНЦИАЛА СТРАНЫ

***Комилов Абубакр Косимович*** *– доктор экономических наук, доцент, заведующий кафедрой экономической теории Таджикского национального университета. Адрес:734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: (+992) 55-444-07-70. E-mail:Komilov82@list.ru*

***Гулов Ш.М.*** *– кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой налога и налогообложений Таджикского национального университета. Адрес:734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: (+992) 902-42-66-55. E-mail:Sherali2101@mail.ru*

***Холова С. Н.*** *– докторант PHD кафедры экономической теории Таджикского национального университета. Адрес:734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: (+992)93-527-07-70.*

*В статье рассматриваются вопросы, связанные с рождаемостью населения и ее воздействие на изменения типа воспроизводства населения. В статье сделана попытка выявления основных факторов рождаемости и репродуктивного поведения населения. Авторы статьи считают, что изменения рождаемости происходят под воздействием трёх основных факторов, это абсолютное число родившихся, доля женщин репродуктивного возраста в общей численности женщин и доля женщин в общей численности населения. В статье указано, что для проведения исследования демографических процессов существенное значение имеет рождаемость по возрасту матери в городских и сельских местностях республики.*

***Ключевые слова:*** *рождаемость, репродуктивное поведение, демографический потенциал, тенденция воспроизводства населения, факторы рождаемости, коэффициент рождаемости, смертность.*

# ТАВАЛЛУД ҲАМЧУН ОМИЛ ВА РАВИШИ АСОСИИ БАҲОДИҲИИ ИҚТИДОРИ ДЕМОГРАФӢ ВА ЗЕҲНИИ МАМЛАКАТ

***Комилов Абубакр Қосимович*** *– доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рудакӣ 17. Тел.: (+992) 55-444-07-70. E-mail:Komilov82@list.ru*

***Гулов Ш.М.*** *– номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Сурога: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рудакӣ 17. Тел.: (+992) 902-42-66-55. E-mail:Sherali2101@mail.ru*

***Холова С Н*** *– докторанти PHD-и кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рудакӣ 17. Тел.: (+992)93-527-07-70*

*Дар мақола масъалаҳои бо таваллуди аҳолӣ алоқаманд ва таъсири он ба тағйирёбии шакли бозтавлиди аҳолӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар мақола кӯшиш карда шудааст, ки омилҳои асосии таваллуд ва рафтори репродуктивии аҳолӣ ошкор карда шавад. Муаллифон чунин меҳисобанд, ки тағйирёбии таваллуд зери таъсири се омил, яъне шумораи мутлақи таваллудшудагон, ҳиссаи занони синнусоли репродуктивӣ дар шумораи умумии занон ва ҳиссаи занон дар шумораи умумии аҳолӣ ба вуҷуд меояд. Дар мақола нишон дода шудааст, ки барои гузаронидани таҳқиқоти равандҳои демографӣ таваллуд вобаста ба синну соли модар дар шаҳрҳо ва деҳот аҳамияти калон дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *таваллуд, рафтори репродуктивӣ, иқтидори демографӣ, тамоюли бозтавлиди аҳолӣ, омилҳои таваллуд, коэффитсиенти таваллуд, фавт.*

# FERTILITY AS THE MAIN FACTOR AND APPROACH FOR ASSESSING THE DEMOGRAPHIC INTELLECTUAL POTENTIAL OF THE COUNTRY

***Komilov Abubakr Kosimovich*** *– Doctor of Economics, Associate Professor, Head of the Department of Economic Theory of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: (+992) 55-444-07-70. E-mail:Komilov82@list.ru*

***Gulov Sh.M****. – candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Taxes and Taxation of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: (+992) 902-42-66-55. E-mail: Sherali2101@mail.ru*

***Kholova S N*** *– doctoral student PHD of the Department of Economic Theory of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave. 17. Tel.: (+992)93-527-07-70*

*The article deals with issues related to the birth rate of the population and its impact on changes in the type of population reproduction. The article made an attempt to identify the main factors of fertility and reproductive behavior of the population. The author of the article believes that changes in the birth rate occur under the influence of three main factors, this is the absolute number of births, the proportion of women of reproductive age in the total number of women and the proportion of women in the total population. The article states that for the study of demographic processes, the birth rate by mother's age in urban and rural areas of the republic is important.*

***Key words****: fertility, reproductive behavior, demographic potential, population reproduction trend, fertility factors, fertility rate, mortality.*

Вопросы рождаемости и изучение ее динамики всегда занимали особое место в социально-экономическом развитии разных государств мира. Демографический рост и высокая рождаемость в развивающихся странах, снижение уровня рождаемости до критического уровня в развитых странах мира, изменение этнического состава населения показывают, что

демографические проблемы в разных странах имеют свои особенности. Если в одних странах демографическая политика страны направлена на регулирование рождаемости в сторону снижения рождаемости, то в других странах она направлена на увеличение динамики рождаемости и обеспечение положительного естественного прироста населения. Именно с этой точки зрения в вопросе изучения демографических процессов, особенно рождаемости, необходимо исходить из степени ее динамики и влияния на социально-экономическое развитие общества. Только в таком ракурсе можно определить оптимальную динамику воспроизводства населения, которая не будет противоречить качественным характеристикам населения [6].

Необходимо отметить, что регулирование рождаемости в условиях трансформации экономики имеет особую значимость для общественного развития. Понятие «регулирование рождаемости» впервые было предложено Маргарет Сэнгер, которая является основоположницей «Ассоциации планирования семьи» [5]. Маргарет Сэнгер в вопросе регулирования рождаемости исходила из позиции ведения ее к снижению путём распространения методов контрацепции. До настоящего времени сторонники данной концепции проводят политику распространения методов контрацепции для снижения уровня рождаемости в африканских и азиатских странах.

Демографическое поведение населения стран мира отличаются друг от друга, и в этой связи вопрос регулирования рождаемости необходимо рассматривать в более широком аспекте. Если обратиться к истории демографического развития стран мира, то можно проследить, что за последние годы произошли изменения в области численности населения мира. Если в 1950 году было зарегистрировано 2,5 млрд. человек, то в 2019 году население мира оценивается в 7,7 млрд. человек. Также по прогнозам ученых-демографов и статистиков к 2050 году численность населения мира превысит 9 млрд. человек. Рост численности населения мира в основном обеспечивается за счет высокого уровня рождаемости и естественного прироста населения Азии и Африки [6]. В европейских странах и России, наоборот, наблюдается систематическое снижение уровня рождаемости и старение населения. В связи со снижением уровня рождаемости населения в некоторых европейских странах также прослеживаются изменения этнического состава населения. Учитывая рост населения мира, возникает вопрос, хватит ли ресурсов для обеспечения растущего населения в странах мира, и сколько человек может проживать на Земле одновременно [5].

В условиях становления рыночной экономики и трансформации мирохозяйственных связей возникает вопрос в регулировании рождаемости населения с позиции стабилизации воспроизводства населения страны. За последние годы в странах мира происходят изменения в процессах воспроизводства населения, в том числе основным его показателем рождаемости населения. Уровень рождаемости и смертности определяют в перспективе тенденцию воспроизводства населения. Также данный

показатель свидетельствует о репродуктивном поведении женщин и ее изменении в обществе.

В Республике Таджикистан происходят некоторые изменения в плане сокращения уровня рождаемости и смертности населения. Так уровень общего коэффициента рождаемости населения в начале становления Таджикистана, как независимая страна (1990 гг.), составлял 38‰, а за годы независимости страны в результате проведения мероприятий по планированию и регулированию семьи данный показатель снизился до уровня 21%. Также наблюдаются некоторые изменения в плане репродуктивного поведения семей. Анализ проведенных сотрудниками отдела демографических исследований Института экономики и демографии НАНТ показывает, что за последние годы размер семьи сокращается и это связано с изменениями, происходящие в рождаемости населения. Семьи желают иметь двух или трех детей и не более. Осуществляется переход от многодетной семьи к среднедневной [4].

За годы независимости происходят существенные изменения в структуре и численности населения Республики Таджикистан, ключевым фактором является рождаемость. Тенденция изменение рождаемости в основном зависит от численности женщин, в том числе численность женщин репродуктивного возраста. По нашим расчётам за 30-лет независимости темп прироста населения составляет 72,7%, что среднестатистический показатель составляет 2,4% за год. За эти годы численность женщин увеличилась в абсолютном выражении до 1991,3 тыс. человек или почти 74%. Численность женщин репродуктивного возраста, который является основным фактором воспроизводства, увеличивается до 1241,8 тыс. или 2,1 раза больше. Исходя из этого, определяем в относительном выражении изменения динамики рождаемости за годы независимости.

**Таблица 1. – Численность населения и численность женщин репродуктивного возраста в Республике Таджикистан за 1991и 2020 гг.**

| **Годы** | **Число родившихся тыс. человек.** | **Численность женщин репродуктивного возраста** | **Численность женщин, тыс. чел.** | **Общая численность населения, тыс. чел.** | **Темп прироста населения %** |
|---|---|---|---|---|---|
| 1991 | 212,6 | 1194,8 | 2692,4 | 5505,6 | |
| 2020 | 243,0 | 2436,6 | 4683,7 | 9506,3 | **72,7** |

*Источник: таблица рассчитана авторами на основе «Таджикистан: 30 лет государственной независимости». Статистический сборник. Душанбе 2021 г. Демографический ежегодник Республики Таджикистан, Душанбе 2014 г.*

Динамика изменения рождаемости происходит под влиянием трёх основных факторов, это абсолютное число родившихся, доли женщин репродуктивного возраста в общей численности женщин и доли женщин в общей численности населения [9]. На наш взгляд, на уровень рождаемости повлияли многочисленные факторы, особенно экономические, социально-психологические и проведения демографической политики государства. Изначально демографическая политика страны была направлена на снижение

общего коэффициента рождаемости и смертности населения, укрепление семьи и обеспечение здоровья матери и ребенка с соблюдением интервала между родами. В результате проведения факторного статистического анализа выявляется степень влияния каждого фактора.

На основе официальных данных за годы независимости рассчитаем другие показатели для статистического анализа, в том числе, специальный коэффициент рождаемости, доля женщин репродуктивного возраста в общей численности женщин.

**Таблица 2. - Общий и специальный коэффициент рождаемости**

| Годы | Общий коэффициент рождаемости, %0 | Специальный коэффициент рождаемости %0 | Доля женщин репродуктивного возраста в общей численности женщин | Доля женщин в общей численности населения |
|---|---|---|---|---|
| 1991 | 39,10 | 177,94 | 0,4438 | 0,4890 |
| 2020 | 25,80 | 99,73 | 0,5202 | 0,4927 |
| Изменение в (%). | -34,01 | -43,95 | +17,62 | +0,76 |

*Источник: таблица рассчитана авторами на основе «Таджикистан: 30 лет государственной независимости». Статистический сборник. Душанбе, 2021 г. Демографический ежегодник Республики Таджикистан, Душанбе, 2014 г.*

В результате анализа нами было установлено, что общий прирост (снижение) рождаемости за эти годы составляет:
$\Delta К_р = 25{,}80 - 39{,}10 = -13{,}3.$ Исходя из результатов расчёта, можно сказать, что в 2020 году по сравнению с 1991г. уровень рождаемости снизился на 13,3%.

Необходимо отметить, что между общим коэффициентом и специальным коэффициентом рождаемости существует взаимосвязь:

$$К_р^о = К_р^{15-49} * d_ж$$

Проведем факторный анализ и определим влияние каждого фактора на изменение общего коэффициента рождаемости за эти годы.

1. За счет изменения доля женщин в общей численности населения:

$$К_р^d = К_{ро}^{15-49} * d_ж^{15-49} = 177{,}94 * 0{,}4438 * (0{,}4927 - 0{,}4890) = 0{,}292$$

Исходя из этого, можно сказать, что общий уровень рождаемости увеличился на 0,292% в 2020 году по сравнению с 1991 годом за счёт увеличения доли женщин в общей численности населения.

2.За счет изменения доли женщин репродуктивного возраста в обшей численности женщин страны:

$$\Delta К_р^{15-49} = К_{ро}^{15-49} * \Delta d_ж^{15-49} * d_ж = 177{,}94 * (0{,}5202 - 0{,}4438) * 0{,}4927 = -6{,}7\%о$$

Следует отметить, что уровень общей рождаемости снизился на -6,7% в 2020 году по сравнению с 1991 годом за счет снижения доли женщин репродуктивного возраста в общей численности женщин в республике. А

теперь рассмотрим изменение динамики рождаемости за счет другого фактора - интенсивности рождаемости, который является более существенным [8].

3. За счёт изменения интенсивности рождаемости:

$$\Delta К_р^{15-49} = \Delta К_р^{15-49} * d_ж^{15-49} * d_ж = (177{,}94 - 99{,}73) * 0{,}5202 * 0{,}4927 = 20{,}045‰$$

Исходя из нашего расчета, можно сделать вывод о том, что общий уровень рождаемости снизился на 20,045% в 2020 году по сравнению с 1991г. Проведём проверку общего прироста:

$$\Delta К_р = 0{,}292 + (-6{,}7) + 20{,}045 = 13{,}5 \approx 13{,}3‰$$

Проанализируем прирост рождаемости, в данном случае снижение общего коэффициента рождаемости за 1991-2020 гг., который в целом составляет 34%.

$$IК_р = \frac{К_{р1}}{К_{ро}} = \frac{25{,}8}{39{,}1} = 0{,}65 * 100 - 100 = -34\%,$$

т.е. рождаемость снизилась в 2020 году по сравнению с 1991 годом, в целом на 34%, который свидетельствует о сознательном отношении населения в плане регулирования и планирования семьи. Теперь рассмотрим, за счет каких факторов происходят эти изменения:

1. Интенсивность рождаемости: $\frac{К_{р1}^{15-49} * d_{ж1}}{К_{р0}^{15-49} * d_{ж0}} = \frac{99{,}73}{177{,}94} = 0{,}56$ или снизилась до- 44%.

2. Доля женщин репродуктивного возраста в общей численности женщин: $\frac{\boldsymbol{К_{р1}^{15-49} * d_{ж1} * d_{ж1}^{15-49}}}{\boldsymbol{К_{р0}^{15-49} * d_{ж0} * d_{ж0}^{15-49}}} = \frac{\mathbf{0{,}5202}}{\mathbf{0{,}4438}} = \mathbf{1{,}172}$ или увеличилась на 17,2%.

3.Доли женщин в общей численности населения страны: $\frac{К_{р1}^{15-49} * d_{ж1} * d_{ж1}^{15-49}}{К_{р0}^{15-49} * d_{ж0} * d_{ж0}^{15-49}} = \frac{0{,}4927}{0{,}4890}$ =1,007 или увеличились на 0,76 % [8].

Как показал результат нашего анализа, основной влияющий фактор, который имеет первостепенное значение и непосредственно влияет на снижение динамики рождаемости - это интенсивность рождаемости за этот период, который снизился до 44%. Повышение уровня рождаемости сохраняется в основном за счет увеличения доли женщин репродуктивного возраста, до 17,2% обеспечивает рождаемость. Однако доля женщин в общей численности населения страны имеет незначительное влияние.

Для определения уровня и динамики рождаемости используются показатели: число родившихся и общий коэффициент рождаемости. Однако эти показатели, хотя и наиболее доступны для характеристики рождаемости, но недостаточны для определения тенденций рождаемости населения. В этой связи целесообразно использовать такую интегральную характеристику рождаемости, которая устранит влияние возрастной структуры. Таким показателем является суммарный коэффициент рождаемости [9]. Однако этот показатель также имеет некоторую уязвимость в плане влияния календарных изменений в том, что может показать омоложение и старение рождаемости, понижение или увеличение среднего возраста матери при рождениях разной очередности. Именно поэтому для определения и оценки долговременных

изменений в рождаемости нужно использовать показатели итоговой рождаемости реальных поколений.

**Таблица 3. – Коэффициенты суммарной рождаемости населения в городской и сельской местностях Республики Таджикистан (число родившихся на одну женщину)**

| | **Республика Таджикистан** | **Городское население** | **Сельское население** |
|---|---|---|---|
| **1991** | 5,094 | 3,611 | **5,907** |
| **2000** | 3,493 | 3,092 | **3,669** |
| **2005** | 3,274 | 2,847 | **3,445** |
| **2010** | 2,905 | 2,581 | **3,024** |
| **2015** | 3,064 | 2,433 | **3,138** |
| **2018** | 2,830 | 2,126 | **2,519** |
| **2019** | 2,88 | 2,929 | **2,763** |
| **2020** | 2,98 | 2,992 | **2,972** |

**Составлено авторами: Демографический ежегодник РТ / Агентство по статистике при Президенте РТ. – Душанбе, 2021. - С. 190-192.*

Суммарный коэффициент рождаемости в Республике Таджикистан снижается быстрыми темпами. В среднем по республике в 1991 году значение данного коэффициента на одну женщину репродуктивного возраста составляло 5,094 детей. В 2020 году данный показатель составлял 2,98 детей на женщину, что показывает его сокращение [7]. Коэффициент суммарной рождаемости в городских и сельских местностях имеет различия. Если среди городского населения значение данного показателя в 1991 году составляло 3,611 детей на женщину, то среди сельского населения показатель суммарной рождаемости составлял 5,907 детей на женщину. В Республике Таджикистан в 2020 году значение суммарной рождаемости в сельской местности составило 2,972 детей на женщину, а в городской местности – 2,992 детей на женщину репродуктивного возраста.

Многие отечественные ученые считают, что причиной такого различия в значении коэффициента суммарной рождаемости населения в городах и сельских местностях в 1990 году явился этнический состав населения. В городах в основном проживали немцы, русские, евреи и другие национальности, которые имели 1-2 детей в семье. Приближение коэффициента суммарной рождаемости среди населения городов и сельской местности в Республике Таджикистан также связано с выездом в родные края граждан других национальностей, проживавших в Таджикистане в годы гражданской войны.

Немаловажное значение для проведения исследования демографических процессов имеет рождаемость по возрасту матери в городских и сельских местностях республики. И в этой связи нами проанализированы коэффициенты рождаемости по возрасту матери в городах и селах Таджикистана (см. таблицу 4).

**Таблица 4. – Коэффициенты рождаемости по возрасту матери, городской и сельской местности Республики Таджикистан (число родившихся на 1000 женщин)**

| | 15-49 | В том числе в возрасте: | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 15-19 | 20-24 | 25-29 | 30-34 | 35-39 | 40-44 | 45-49 |
| **1991** | 175,10 | 46,24 | 316,43 | 279,76 | 205,18 | 115,78 | 45,96 | 8,36 |
| **2000** | 110,5 | 41,77 | 207,50 | 188,19 | 140,70 | 85,11 | 31,10 | 3,67 |
| **2005** | 100,20 | 34,38 | 186,69 | 182,75 | 138,20 | 82,70 | 27,27 | 2,64 |
| **2010** | 119,55 | 44,10 | 214,29 | 169,71 | 97,07 | 46,88 | 11,95 | 0,71 |
| **2015** | 106,38 | 46,39 | 244,29 | 171,25 | 101,09 | 42,91 | 9,18 | 0,48 |
| **2018** | 97,77 | 40,06 | 233,22 | 161,43 | 90,30 | 41,74 | 9,43 | 0,23 |
| **2020** | 100,4 | 41,8 | 236,0 | 164,3 | 98,1 | 48,0 | 10,8 | 0,68 |
| **Городское население** | | | | | | | | |
| **1991** | 123,21 | 45,57 | 251,45 | 207,62 | 135,40 | 61,44 | 17,99 | 2,43 |
| **2000** | 98,95 | 46,42 | 205,94 | 166,80 | 117,26 | 62,45 | 17,37 | 2,02 |
| **2005** | 86,62 | 36,61 | 173,78 | 166,21 | 116,52 | 59,19 | 15,81 | 0,98 |
| **2010** | 99,17 | 41,95 | 189,10 | 151,27 | 87,34 | 40,97 | 8,65 | 0,42 |
| **2015** | 84,42 | 37,25 | 188,97 | 137,66 | 83,67 | 34,32 | 6,69 | 0,35 |
| **2018** | 78,97 | 21,4 | 143,89 | 153,12 | 99,37 | 56,84 | 15,19 | 1,49 |
| **2020** | 62,6 | 39,2 | 228,1 | 159,5 | 104,2 | 53,5 | 12,0 | 0,59 |
| **Сельское население** | | | | | | | | |
| **1991** | 201,37 | 46,51 | 344,97 | 313,06 | 243,09 | 151,49 | 67,48 | 12,92 |
| **2000** | 115,13 | 40,24 | 208,05 | 196,91 | 151,01 | 95,08 | 37,21 | 4,44 |
| **2005** | 105,28 | 33,65 | 191,04 | 188,55 | 147,03 | 93,03 | 32,24 | 3,36 |
| **2010** | 127,25 | 44,85 | 222,93 | 176,10 | 100,94 | 49,49 | 13,40 | 0,84 |
| **2015** | 110,66 | 47,10 | 256,50 | 175,30 | 99,86 | 41,60 | 9,27 | 0,49 |
| **2018** | 100,02 | 40,09 | 238,37 | 165,65 | 88,00 | 40,43 | 9,13 | 0,23 |
| **2020** | 180,3 | 42,7 | 238,8 | 166,0 | 96,0 | 46,0 | 10,4 | 0,72 |

**Составлено авторами: Демографический ежегодник РТ / Агентство по статистике при Президенте РТ. – Душанбе, 2021. – С. 128-130.*

9. Лепцова А. А. Влияние повышенной ставки налога на доходы физических лиц на доходную часть бюджета / А. А. Слепцова, В. В. Мазий // Инновации. Наука. Образование. – 2021. – № 42. – С. 116.
10. Послание Президента Республики Таджикистан, Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона “Об основных направлениях внутренней и внешней политики Республики" от 21.12.2011 / [электронный резерв]. Источник доступа: URL: http//: www.president.tj/node/15126 (дата обращения: 26.10.2022).

11. Улугходжаева Х.Р. Основные тенденции формирования налоговой политики Таджикистана в переходный период: теория и практика: автореф. дис. д-ра экон. наук: 08.00.01 / Улугходжаева Хосият Рауфовна. – Худжанд, 2014. – 40 с.
12. Журавлева Т.А. Налоговая составляющая экономического роста / Т.А.Журавлева // Финансы и кредит. – 2007. – №13. – С 36-40.

УДК: 338.514 (575.3)

# ТАҲЛИЛИ ҲОЛАТИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛҲОИ ИНКИШОФИ ҚАРЗДИҲИИ ХУРД ДАР ДЕҲОТ

***Хоҷаев Бахтиёр Бобораҷабович*** *– н.и.и., муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: +992 908503503. E-mail: khojaev1988@bk.ru*

***Ёфтаков Абӯбакр Шоҳимардонович*** *- докторанти курси 3-юм аз рӯйи ихтисоси (PhD) 6D050600 – иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Телефон: +(992) 904287378. E-mail: abub1994@mail.ru*

*Таҳлили ҳолати муосир ва тамоюли инкишофи қарздиҳӣ дар деҳоти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз механизмҳои асосии рушди соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳои деҳоти кишвар ба ҳисоб рафта, он аз нуқтаи назари имкониятҳои мавҷудаи субъектҳои иқтисодӣ ва шахсони алоҳида ба мақсад мувофиқ мебошад. Ба ин хотир, таҳлили минтақавии қарздиҳии хурд ва имкониятҳои мавҷудаи ин масъала ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур мебошад. Бо зарурати ин масъала, муаллифон кӯшиш намудаанд дар доираи нишондиҳандаҳои соҳавӣ тамоюл ва мушкилоти мавҷударо мавриди таҳлил қарор диҳанд.*

*Гуфта шудааст, ки пешниҳоди қарзҳои калон ва дарозмуддат дар шароити деҳот аз якчанд нигоҳ мушкил ва ғайримақсаднок буда, маҳз қарздиҳии хурд имкони хуби ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ, таъмини шуғл ва рушди деҳот ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, дар мақолаи мазкур бартариятҳои низоми қарздиҳии хурд дар деҳот мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иттилоъ, қарзҳои хурд, низом, кишоварзӣ, бонкҳо, деҳот, камбизоатӣ, рушд, таъмин, бозори қарзӣ, маблағгузорӣ, соҳибкории хурд, танзим, бозор, агент, иқтисодиёт, дарозмуддат.*

# АНАЛИЗ СОВРЕМЕННОГО СОСТОЯНИЯ И ТЕНДЕНЦИЙ РАЗВИТИЯ МИКРОКРЕДИТА В СЕЛАХ

***Ходжаев Бахтиёр Бобораджабович*** *– кандидат экономических наук, старший преподаватель кафедры банковского дела, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +992 908503503. E-mail: khojaev1988@bk.ru*

*Ёфтаков Абубакр Шохимардонович - докторант 3 курса PhD по специальности 6D050600 – экономика Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: +(992) 904287378. E-mail: abub1994@mail.ru*

*Анализ современной ситуации и тенденции развития кредитования в сельской местности Республики Таджикистан считается одним из основных механизмов развития малого и среднего бизнеса в сельской местности страны, и целесообразно с точки зрения существующих возможностей хозяйствующих субъектов и физических лиц. Поэтому региональный анализ микрокредитования и существующие возможности этого вопроса являются основной целью данного исследования. В связи с необходимостью*

*данного вопроса авторы попытались проанализировать существующие тенденции и проблемы в рамках показателей отрасли.*

*Отмечается, что предоставление крупных и долгосрочных кредитов в сельских условиях является нецелесообразно с нескольких точек зрения, и именно микрокредитование считается хорошей возможностью для формирования предпринимательской деятельности, обеспечения занятости и развития села. В связи с этим в данной статье рассматриваются преимущества системы микрокредитования в сельской местности.*

***Ключевые слова:*** *информация, микрокредитование, система, сельское хозяйство, банки, бедность, развитие, предложение, кредитный рынок, финансирование, малый бизнес, регулирование, рынок, агент, экономика, долгосрочная перспектива.*

## ANALYSIS OF THE CURRENT STATE AND TRENDS OF DEVELOPMENT OF SMALL CREDIT IN VILLAGES

***Khojaev Bakhtiyor Boborajabovich*** *- PhD in Economics, senior lecturer of the banking activity department of the Tajikistan State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. Nakhimov 64/14. Телефон: +992 908503503. E-mail: khojaev1988@bk.ru*

***Yoftakov Abubakr Shohimardonovich****, 3 nd year doctoral student PhD 6D050600 - Economics of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe, St. Nakhimov 64/14. Tel: + (992) 904287378. E-mail: abub1984@mail.ru*

*An analysis of the current situation and trends in the development of lending in rural areas of the Republic of Tajikistan is considered one of the main mechanisms for the development of small and medium-sized businesses in rural areas of the country, and it is advisable from the point of view of the existing opportunities for business entities and individuals. Therefore, a regional analysis of small-scale mining and the existing possibilities of this issue is the main goal of this study. In connection with the need for this issue, the authors try to analyze trends and existing problems within the framework of industry indicators. It is also rightly noted that the provision of large and long-term loans in rural conditions is difficult and untargeted from several points of view, and it is microcredit that is considered a good opportunity for business development, employment generation and development of rural areas. In this regard, this article discusses the benefits of a microcredit system in rural areas.*

***Keywords:*** *information, small credit, system, agriculture, banks, agriculture, poverty, development, supply, credit market, financing, small business, regulation, market, agent, economy, long-term perspective.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи ҷуғрофӣ ва тақсимоти маъмурию ҳудудӣ ба вилоят ва шаҳру ноҳияҳое ҷудо мешавад, ки дар миқёси гуногуни ҷуғрофӣ ҷойгир шудаанд. Мувофиқи иттилои расмӣ зиёда аз 90% ҳудуди кишварро кӯҳҳо ташкил намуда, 6 729 811 нафар аҳолӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва минтақаҳои кишоварзӣ зиндагӣ мекунанд. Чӣ тавре ки дар зербоби қаблӣ ишора рафта буд, зиёда аз 73% аҳолии кишвар дар деҳот умр ба сар бурда, ба фаъолияти кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ машғуланд. Ҳамзамон, таҳлилҳо гувоҳи онанд, ки ҳанӯз ҳам сатҳи бекорӣ дар байни аҳолии деҳот зиёд буда, инкишофи механизмҳои қарздиҳии хурд метавонад омили асосии тавсеаи фаъолияти иқтисодӣ, ташкили ҷойҳои корӣ, коҳиши сатҳи бекорӣ ва камбизоатӣ, ҳамзамон, таъсиси сарчашмаҳои нави даромади аҳолӣ гардад.

Қарзҳои бонкиро шакли табдилёфтаи сарчашмаҳои молиявӣ ва захираҳои қарзӣ ё худ шакли ҳаракати сармояи қарзӣ ва самаранокии истифодаи он ҷараёни мураккаб буда, мустақиман ба муомилоти пулӣ ва муносибатҳои молиявӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ алоқаманд мебошад [11, с.6]. Таҷриба нишон медиҳад, ки вобаста ба мавқеъ, миқёс, ғунҷоиши бозор ва захираҳои ашёи хоми коркардшаванда қарздиҳии хурд омили асосии таъмини рушди деҳот ҳисобида мешавад. Пешниҳоди қарзҳои калон ва дарозмуддат дар шароити деҳот аз якчанд нигоҳ мушкил ва ғайримақсаднок буда, маҳз қарздиҳии хурд имкони хуби ташаккули фаъолияти соҳибкорӣ, таъмини шуғл ва рушди деҳот ба ҳисоб меравад.

Дар Ҷумҳурии мо айни замон бозори қарзӣ, новобаста аз мушкилоти ҷойдоштаи низоми бонкӣ, бомаром инкишоф ёфта истодааст. Ба андешаи мо, тавсеаи бозори қарзӣ боиси рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт гардида, дар ҳолати зиёд шудани маблағгузорӣ ба соҳаҳои хоҷагии халқ он боиси рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар қаламрави деҳот мегардад. Ҳамчунин, рушди қарздиҳии хурд, ки ба ташкили фаъолиятҳои нави иқтисодӣ асос гузошта, объектҳои нави андозбандиро ба вуҷуд меорад, ба афзоиши қисми даромади буҷети маҳаллӣ ва давлатӣ оварда мерасонад. Дар маҷмуъ, ҳамаи ин боиси зиёдшавии нишондиҳандаҳои муҳимтарини макроиқтисодӣ, аз он ҷумла маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад. Аз ин лиҳоз, танзими шароит барои рушди бозори қарздиҳии хурд дар деҳот бояд ба маҳаки сиёсати давлатии рушди иқтисодиву иҷтимоии воҳидҳои маъмурию ҳудудии кишвар табдил ёбад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бозори қарзии кишвар айни замон аз ташкилотҳои хурд, миёна ва бузурги қарзӣ ташаккул ёфта, солҳои охир новобаста аз мушкилоти ҷойдошта талаботи агентҳои иқтисодиро ба захираҳои қарзӣ қонеъ карда истодаанд. Дар миёни субъектҳои бозори миллии қарзӣ ташкилотҳои амонатию қарзии хурд мақоми хос дошта, дар рушди деҳот нақши калидӣ доранд (ҷадв. 1).

**Ҷавдали 1. - Нишондиҳандаҳои алоҳидаи ташкилотҳои амонатии қарзии хурд (солҳои 2015-2019)**

| Номгӯй | Солҳо | | | | | 2019/2015 % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Шумораи ташкилотҳои амонатии қарзии хурд. | 39 | 38 | 27 | 25 | 19 | - 51,2 |
| Шумораи филиалҳо | 78 | 84 | 77 | 82 | 81 | 3,8 |
| Воҳидҳои дигари сохторӣ | 223 | 263 | 251 | 290 | 274 | 22,8 |
| Марказҳои хизматрасонии бонкӣ | 223 | 263 | 251 | 286 | 274 | 22,8 |
| Нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ | - | - | - | 4 | - | - |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Сармояи танзимшаванда (ҳаз. сомонӣ) | 587746 | 586071 | 536105 | 597638 | 608779 | 3,5 |
| Шумораи ташкилотҳои қарзии хурд | 31 | 14 | 7 | 6 | 6 | -80,6 |
| Шумораи фондҳои қарзии хурд | 36 | 34 | 33 | 31 | 31 | -13,8 |

***Сарчашма:*** *ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ, солҳои 2015-2019.*

Таҳлили ҷадвали 1 нишон медиҳад, ки дар пасманзари густариши бухрони шадиди низоми бонкӣ, шумораи умумии ташкилотҳои қарзии хурд, соли 2019 нисбат ба соли 2015, тамоюли манфӣ дошта, дар давраи таҳлилшаванда ба андозаи -51,2% кам гардидааст. Вале, новобаста аз кам шудани шумораи умумии ташкилотҳои амонатию қарзии хурд, шумораи филиалҳои онҳо дар шаҳру ноҳияҳои кишвар тамоили зиёдшавӣ дорад. Масалан, агар шумораи умумии ташкилотҳои қарзӣ аз 39 то ба 19 расида бошад, шумораи филиалҳои онҳо дар ду соли охир аз 77 то ба 81 адад зиёд гардидааст.

Дар баробари ин, солҳои охир дар шаҳру ноҳияҳои кишвар воҳидҳои дигари сохторӣ, аз ҷумла нуқтаҳои мубодилаи асъор аз 223 то 274 адад зиёд гардида, ҳамин гуна марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ ва нуқтаҳои хизматрасонии хазинавӣ низ зиёд гардидаанд. Қобили қайд аст, ки сармояи танзимшавандаи ташкилотҳои қарзии хурд дар соли 2019 ба андозаи 608779 ҳазор сомониро ташкил дод.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи ташкилотҳои қарзии хурд нигаронкунанда буда, дар қиёс бо ташкилотҳои амонатии қарзӣ ба андозаи назаррас, яъне қариб 5 маротиба кам шудаанд. Ҳамин гуна фондҳои қарзии хурд низ дар соли 2019 миқдори 31 ададро ташкил медиҳанд, ки ин нисбат ба соли 2015 ба миқдори 5 адад кам мебошад.

Новобаста аз кам шудани шумораи умумии ташкилотҳои қарзии хурд нишондиҳандаҳои молиявии фаъолияти онҳо, дар маҷмуъ, беҳтар шуда истодааст. Дар баробари ин, солҳои охир намудҳои маҳсулоти қарзии ташкилотҳои қарзии хурд ва шаклу усули пешниҳоди онҳо низ такмил ёфта, тамоюли рақамикунонии муносибатҳои қарзӣ дар ҳолати инкишоф қарор дорад.

Агар худтаъминкунии минтақаҳои алоҳидаи кишвар, ки дар бозори истеъмолӣ ҳамчун сарбории иловагӣ ба ҳисоб меравад, тавассути қарзҳои хурди ташкилотҳои қарзӣ дастгирӣ ва рушд дода шавад, дар миқёси ҷумҳурӣ имконияти содиротии кишвар дучанд мегардад. Ғайр аз ин, масъалаи худтаъминкуниро бо маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун ҳадафи стратегӣ ба роҳ мондан, яке аз амалҳои фоидаовари ҷамъиятӣ мегардад. Лекин таҳлилҳо оид ба захираҳои пулии низоми бонкӣ нишон медиҳад, ки дар доираи имтиёзҳои мавҷудае, ки ба рушди соҳа таъсири мусбат мерасонанд, ба пуррагӣ дастгирӣ ёфтани соҳа ғайриимкон аст (ҷадв. 2).

**Ҷадвали 2. - Сохтори тавозуни ҷамъбастии ташкилотҳои маблағгузории хурд дар солҳои 2013-2019 (млн сомонӣ)**

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | | 2019/2013 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Дороиҳо | 1 905 | 2 491 | 2 925 | 2 515 | 2 696 | 3 131 | 3 250 | 70,6 |
| Дороиҳои пардохтпазир | 297 | 302 | 559 | 434 | 570 | 603 | 600 | 102 |
| Қарзҳо, ҳамагӣ | 1 378 | 1 894 | 1 993 | 1 701 | 1 695 | 2 071 | 2 125 | 54,2 |
| Қарзҳо бо асъори хориҷӣ | 477 | 883 | 735 | 442 | 263 | 274 | 243 | -49 |
| Қарзҳои таъхирафтода | 37 | 68 | 258 | 270 | 194 | 136 | 70 | 89,1 |
| ФПТИ аз рӯйи қарзҳо | -23 | -43 | -110 | -150 | -104 | 69 | 35 | 35 |
| Сармоягузориҳо, ҳамагӣ | 57 | 81 | 129 | 130 | 184 | 83 | 94 | 64,9 |
| Воситаҳои асосӣ | 104 | 109 | 138 | 162 | 133 | 164 | 144 | 38,4 |
| Дигар дороиҳо | 92 | 148 | 216 | 238 | 218 | 280 | 315 | 2,2 маротиба |
| Уҳдадориҳо+сармоя | 1 905 | 2 491 | 2 925 | 2 515 | 2 696 | 3 131 | 3 250 | 70,6 |
| Уҳдадориҳо | 1 336 | 1 771 | 2 092 | 1 679 | 1 845 | 2 163 | 2 207 | 65,1 |
| Пасандозҳо (амонатҳо) | 226 | 245 | 442 | 395 | 563 | 683 | 767 | 2,3 маротиба |
| Амонатҳои дархостшаванда | 87 | 24 | 84 | 40 | 79 | 164 | 126 | 44,8 |
| аз он ҷумла, бо асъори хориҷӣ | 49 | 12 | 45 | 19 | 34 | 77 | 64 | 30,6 |
| Дигар амонатҳо | 139 | 221 | 358 | 355 | 484 | 518 | 641 | 3,6 маротиба |
| Қарзҳои мутамарказ | 0 | 0 | 0 | 15 | 1 | 8 | 6 | 6 |
| Қарзҳои байнибонкӣ | 58 | 80 | 133 | 142 | 814 | 97 | 88 | 51,7 |
| аз ҷумла, бо асъори хориҷӣ | 18 | 35 | 65 | 74 | 451 | 3 | 6 | -66,6 |
| Векселҳо барои пардохт | 943 | 1 381 | 1 341 | 934 | 142 | 1 024 | 972 | 3 |
| Дигар уҳдадориҳо | 109 | 65 | 176 | 193 | 325 | 351 | 423 | 2,8 маротиба |
| Сармоя | 569 | 720 | 833 | 836 | 851 | 968 | 1 043 | 83,3 |

**Сарчашма:** *ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ, солҳои 2013-2019*

Таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки дар давраи таҳлилшаванда дороиҳои ташкилотҳои маблағгузории хурд 70,6%, аз он ҷумла, дороиҳои пардохтпазир ба андозаи 102% афзоиш ёфтаанд. Ғайр аз ин, фонди талафоти имконпазир, ки асоси бехатарии таъмини раванди мазкур мебошад, дар муқоиса ба соли 2012 ба андозаи 36% афзоиш ёфтааст. Ғайр аз ин пасандозҳо, ки дар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ яке аз сарчашмаи асосии қарздиҳии хурд маҳсуб меёбанд, бамаротиб афзоиш ёфта, ҳиссаи онҳо дар муқоиса ба соли 2012 2,3 маротиба афзудааст.

Солҳои охир тавассути инкишоф додани шабакаҳои филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ ва баланд бардоштани маърифати қарзии аҳолӣ, аз он ҷумла дар деҳот тамоюли мусбӣ ба чашм мерасад. Ғайр аз ин, такмили сиёсати давлатӣ дар самти рушди деҳот, ҳунарҳои мардумӣ ва рушди сайёҳӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ имкон доданд, ки субъектҳои хоҷагидорӣ, соҳибкорон ва шаҳрвандони алоҳида ба истифодаи сарчашмаҳои қарзӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд.

Қарздиҳии хурд дар шароити муосир омили муҳимтарини рушди минтақаҳои кишвар ба ҳисоб меравад. Айни замон дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар шумораи васеи шабакаҳои филиалии ташкилотҳои амонатии қарзии хурд мавҷуд буда, онҳо дар таъминоти қарзии рушди деҳот ва фаъолияти кишоварзию ғайрикишоварзӣ аҳаммияти калидӣ доранд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки имрӯзҳо дар минтақаҳои кишвар ва шаҳру ноҳияҳои онҳо қарздиҳии хурд ҳамчун омили калидии рушд ҳисобида шуда, мақомоти маҳаллии давлатӣ кӯшиш менамоянд, ки аҳолии деҳот бештар ба гирифтани қарз ва тавсеаи фаъолияти хеш ҳавасманд гардад.

Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон яке аз минтақаҳои дотатсионии кишвар буда, бинобар сабаби баландкӯҳ буданаш, ба дастгирии бештари молиявӣ ниёз дорад. Дар баробари маблағҷудокуниҳои буҷетӣ, ки бештар ба соҳаҳои иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, рушди қарздиҳии хурд омили асосии инкишофи соҳаҳои хоҷагии халқи минтақа ба ҳисоб меравад. Масоҳати умумии вилоят 62,9 ҳазор км$^2$ буда, аз рӯйи маълумотҳои ниҳоии оморӣ дар минтақа 226,9 ҳазор нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Афзоиши табиии аҳолӣ дар минтақа 18,8 ба 1000 нафар аҳолиро ташкил медиҳад. Дар вилоят омори расмии бекорон 5,1 ҳазор нафарро дар бар мегирад. Музди миёнаи меҳнат бошад, 1034,72 сомониро ташкил медиҳад. Вилоят аз 7 ноҳия, 1 шаҳр, 3 шаҳрак ва 43 ҷамоати деҳот иборат аст.

Маҷмуи маҳсулоти минтақавии вилоят дар соли 2018 ҳамагӣ 1035,6 млн сомониро ташкил дода, дар минтақа 1669 корхонаю ташкилот фаъолият мекунанд. Тибқи патент 7799 соҳибкори инфиродӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд. Дар вилоят ҳамагӣ 1 корхонаи муштарак фаъолият мекунад.

Тамоюли рушди иқтисодиву иҷтимоии минтақа нишон медиҳад, ки солҳои охир тавассути инкишофи қарздиҳии хурд дар минтақа шумораи соҳибкорон зиёд гардида, тавассути таъсиси фаъолиятҳо дар соҳаҳои гуногун, аз он ҷумла дар коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ фаъолнокии иқтисодии аҳолии деҳот тавсеа меёбад. Қобили қайд аст, ки вилоят дорои имконот ва иқтидори бузурги рушди фаъолияти соҳибкорӣ буда, дар ин самт таваҷҷуҳи хос бояд ба кашфи иқтидорҳо, муайянкунии нуқтаҳои рушд ва ташкили корхонаҳои хурди саноати коркард зоҳир карда шавад.

Чорабиниҳои номбаршуда, пеш аз ҳама, дар асоси таъминоти молиявӣ тавассути инкишофи механизмҳои қарздиҳии хурд ба роҳ монда

мешаванд. Ҳолати муосири қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ дар вилоят дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. - Динамикаи қарзҳои хурди додашуда дар деҳоти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ҳаз. сомонӣ)**

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | 2019/2012 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2014 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| ВМКБ | 100 239 | 202 878 | 60 731 | 35 761 | 50 820 | 66 695 | -33,4 |
| Хоруғ | 32 507 | 64 894 | 20 771 | 14 247 | 21 433 | 24 556 | -24,4 |
| Ванҷ | 7 529 | 16 573 | 3 087 | 1 995 | 1 904 | 2478 | -67 |
| Дарвоз | 8 093 | 16 726 | 16 726 | 1 712 | 5 855 | 3238 | -59,9 |
| Ишкошим | 9 909 | 16 415 | 3 599 | 2 151 | 2 834 | 4 496 | -54,6 |
| Мурғоб | 5 951 | 11 777 | 3 540 | 1 499 | 2 531 | 4763 | -19,9 |
| Рошткалъа | 7 190 | 15 925 | 4 386 | 2 122 | 2 376 | 4668 | -35 |
| Рӯшон | 15 212 | 30 269 | 8 200 | 3 085 | 4 309 | 6354 | -58,2 |
| Шуғнон | 13 847 | 30 302 | 12 025 | 8 950 | 9 578 | 16 155 | 16,6 |

***Сарчашма:*** *ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ, солҳои 2012-2019.*

Таҳлили ҷадвали 3 нишон медиҳад, ки дар муқоиса бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ нишондиҳандаҳои пешниҳоди қарзҳои хурд дар соли 2019 нисбат ба соли 2012 тамоюли манфӣ доранд. Масалан, нишондиҳандаҳои қарздиҳии хурд ба субъектҳои соҳибкории кишоварзӣ ва ғайрикишоварзии қаламрави деҳот, аз он ҷумла дар ВМКБ тамоили пастшавиро касб намуда, ин нишондиҳанда дар шаҳри Хоруғ (-34,4)%, ноҳияҳои Дарвоз (-60%), Ишкошим (-55%), Мурғоб (-20%), Рошткалъа (-36,8%), Рӯшон (-58,3%) коҳиш ёфтааст. Нишондиҳандаи мазкур дар сатҳи вилоят танҳо дар ноҳияи Шуғнон 14,9% афзоиш ёфтааст.

Дар вилояти Хатлон низ солҳои охир раванди қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ ба субъектҳои хоҷагидорӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақа тамоюли мусбӣ дорад (ҷадв. 4).

**Ҷадвали 4. – Таҳлили қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2012-2019 (ҳаз. сомонӣ)**

| **Номгӯй** | **Солҳо** | | | | | | **2019/ 2012 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2012** | **2014** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | |
| **Вилояти Хатлон** | 669 146 | 1 418059 | 843 240 | 877 805 | 1 059442 | 1 348 003 | 101,4 |
| Бохтар | 76 685 | 199 596 | 111 265 | 114 601 | 136 487 | 180 734 | 135,6 |
| Данғара | 28 045 | 63 124 | 40 699 | 47 979 | 63 339 | 72 099 | 157 |
| Муъминобод | 13 188 | 27 469 | 11 606 | 12 711 | 15 076 | 22 910 | 73,7 |
| Ховалинг | 10 532 | 15 669 | 6 295 | 5 704 | 7 449 | 12729 | 20,8 |
| Балҷувон | 4 113 | 5 460 | 1 235 | 459 | 1 368 | 5860 | 42,4 |
| Ш. Шоҳин | 11 699 | 13 896 | 1 658 | 2 148 | 3 260 | 5098 | -56,4 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Темурмалик | 9 715 | 33 698 | 12 349 | 6 233 | 10 571 | 21 208 | 118,3 |
| ш. Норак | 10 882 | 30 904 | 20 527 | 18 205 | 19 518 | 23 980 | 120,3 |
| Кушониён | 33 835 | 57 684 | 38 592 | 45 341 | 62 217 | 72 067 | 112,9 |
| Вахш | 24 057 | 60 455 | 33 385 | 38 007 | 47 754 | 60 827 | 152,8 |
| Восеъ | 42 601 | 74 359 | 46 329 | 40 128 | 50 680 | 64 935 | 52,4 |
| Ёвон | 64 237 | 111 482 | 68 558 | 71 386 | 87 498 | 111 916 | 74,2 |
| Қубодиён | 29 171 | 57 911 | 36 981 | 36 708 | 41 932 | 51 151 | 75,3 |
| Ҷ. Балхӣ | 32 618 | 64 260 | 46 784 | 54 806 | 59 510 | 71 066 | 117,8 |
| Кӯлоб | 55 432 | 138 641 | 85 443 | 88 362 | 95 231 | 120 040 | 116,5 |
| Ҷайҳун | 31 899 | 57 806 | 50 872 | 57 877 | 60 576 | 71 640 | 124,5 |
| А. Ҷомӣ | 23 354 | 45 066 | 2 549 | 29 337 | 35 145 | 43 376 | 85,7 |
| Н. Хусрав | 10 298 | 17 831 | 6 857 | 7 476 | 7 979 | 10 658 | 3,4 |
| Панҷ | 22 167 | 48 761 | 28 236 | 26 427 | 29 766 | 40 739 | 83,7 |
| Сарбанд | 7 963 | 15 238 | 13 633 | 17 092 | 22 326 | 28 336 | 255,8 |
| Фархор | 29 299 | 54 038 | 36 690 | 33 435 | 43 076 | 53 999 | 84,3 |
| Ҳамадонӣ | 23 275 | 61 297 | 19 881 | 19 741 | 27 108 | 38 853 | 66,9 |
| Хуросон | 16 394 | 34 962 | 22 154 | 22 238 | 25 993 | 36 032 | 119,7 |
| Ҷиликӯл | 20 322 | 35 813 | 23 919 | 28 341 | 34 047 | 43 538 | 114,2 |
| Шаҳритус | 37 364 | 92 638 | 46 741 | 53 064 | 71 529 | 86 209 | 130,7 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ, солҳои 2012-2019.

Маълумоти ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки дар соли 2019 нисбат ба соли 2012 қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ 101,4% афзоиш ёфта, дар аксар шаҳру ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла дар ноҳияи Данғара, шаҳри Норак, ноҳияи Ҷ. Балхӣ, шаҳри Сарбанд ва ноҳияи Шаҳритус ҳаҷми қарздиҳӣ 1,9 - 2 баробар зиёд гардида, ба монанди дигар минтақаҳои кишвар дар соли 2012 нисбат ба соли 2019 тамоюли мусбӣ доранд.

Вилояти Хатлон аз нигоҳи нуфус ва иқтидори кишоварзӣ калонтарин минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, масоҳати умумиаш 24,7 км$^2$, шумораи аҳолиаш дар соли 2018 3274,9 ҳазор нафар буда, 24 ноҳия, 4 шаҳр, 22 шаҳрак ва 133 ҷамоати деҳот дорад. Музди миёнаи меҳнат дар вилоят 913,3 сомониро ташкил медиҳад, ки ин дар миқёси кишвар аз ҳама кам мебошад. Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар соли 2018 17107,5 млн сомониро ташкил медод. Дар вилоят 12773 корхонаю ташкилот фаъолият мекунанд. Дар баробари ин, 141050 нафар ба фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғуланд.

Аз рӯйи таҳлилҳо дар шароити маҳдудияти маблағҷудокуниҳои буҷетӣ роҳи асосии раҳоӣ аз бухрон, таъмини иҷроиши қисми даромади буҷети маҳаллӣ, таъмини шуғл, рушди ҳунарҳои мардумӣ, инфрасохтори сайёҳӣ ва дигар бахшу соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ маҳз тавассути инкишофи механизмҳои қарздиҳии хурд имконпазир аст.

Қобили қайд аст, ки дар заминаи татбиқи барномаи нави рушди вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он солҳои оянда низ тамоюли қарздиҳии хурд мусбӣ хоҳад буд.

Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ дорои мавзеъҳои бузурги деҳот буда, дар ин ноҳияҳо аксаран аҳолии деҳот ба фаъолияти кишоварзӣ ва коркарди ашёи хом машғуланд. Деҳоти ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар таъмини пойтахти кишвар ва дигар шаҳру ноҳияҳо бо маҳсулоти кишоварзӣ ва коркардшудаи он нақши калон доранд. Бинобар ин, бо фаъол гаштани мавқеи соҳибкорӣ дар сатҳи деҳот солҳои охир ҳаҷми қарздиҳии хурд дар ин шаҳру ноҳияҳо тамоюли мусбӣ дорад (ҷадв. 5).

**Ҷадвали 5. - Динамикаи қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ дар деҳоти ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар солҳои 2012-2019 (ҳаз. сомонӣ)**

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | 2019/ 2012 Бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2014 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | 490 148 | 939 526 | 566 670 | 586 833 | 721 465 | 952 375 | 94,3 |
| Нуробод | 6 113 | 11 866 | 2 793 | 3 189 | 3 050 | 5451 | -10,8 |
| Рашт | 19 793 | 29 809 | 11 071 | 7 128 | 8 580 | 14216 | -28,1 |
| Сангвор | 3 331 | 5 674 | 2 461 | 1 820 | 600 | 1831 | - 45 |
| Тоҷикобод | 9 209 | 16 485 | 3 734 | 2 870 | 2 491 | 5618 | -38,9 |
| Лахш | 16 267 | 25 190 | 6 069 | 5 136 | 6 371 | 8579 | - 47,2 |
| Файзобод | 21 914 | 45 006 | 15 572 | 17 541 | 21 816 | 40 696 | 85,7 |
| Варзоб | 17 589 | 48 022 | 18 192 | 14 975 | 22 377 | 36 870 | 109,6 |
| Роғун | 4 455 | 8 866 | 5 712 | 7 347 | 14 357 | 12450 | 179,4 |
| Рӯдакӣ | 88 968 | 158 476 | 114 485 | 126 584 | 159 651 | 209 843 | 135,8 |
| Ваҳдат | 80 386 | 154 142 | 99 356 | 114 490 | 140 217 | 165 570 | 105,9 |
| Ҳисор | 108 847 | 212 759 | 123 105 | 125 596 | 149 453 | 211 390 | 94,2 |
| Шаҳринав | 30 656 | 65 302 | 44 677 | 43 607 | 51 879 | 67 121 | 118,9 |
| Турсунзода | 82 621 | 157 927 | 119 443 | 116 550 | 140 620 | 182 222 | 120,5 |

**Сарчашма:** *ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ, солҳои 2012-2019.*

Таҳлили ҷадвали 5 нишон медиҳад, ки дар соли 2019 нисбат ба соли 2012 қарздиҳии ташкилотҳои хурд дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба андозаи 94,3% афзоиш ёфтааст. Ба монанди дигар минтақаҳои кишвар динамикаи қарздиҳии хурд тағйирёбанда буда, дар ноҳияҳои Нуробод - 10,3%, Сангвор - 45%, Тоҷикобод - 38,9, Лахш - 47,2%, Рашт - 28,1%, қарздиҳии хурд дар муқоиса ба соли 2012 тамоюли манфӣ дорад. Ғайр аз ин, дар шаҳру ноҳияҳои имкониятҳои иқтисодии васеъдошта, аз ҷумла Шаҳринав - 118,9%, Турсунзода - 120,5%, Файзобод - 85,7%, Варзоб - 109,6%, Роғун - 1,7 маротиба, Рӯдакӣ - 135%, Ваҳдат - 105,9% ба андозаи назаррас афзоиш ёфтаанд.

Вилояти Суғд мавзеи бештар тараққикардаи саноатию аграрӣ буда, дар деҳоти вилоят фаъолияти кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ ба андозаи

назаррас инкишоф ёфтааст. Солҳои охир тамоюли рушди деҳоти вилоят нишон медиҳад, ки фаъолнокии соҳибкории аҳолии деҳот баланд гашта, дар баробари ин, механизмҳои бозории пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ такмил ёфтааст. Аз ин рӯ, қарздиҳии бонкӣ низ дар вилоят нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар тамоюли мусбӣ дорад (ҷадв. 6).

**Ҷадвали 6. - Динамикаи қарздиҳии ташкилотҳои қарзии хурд дар деҳоти вилояти Суғд дар солҳои 2012-2019 (ҳаз. сомонӣ)**

| Номгӯй | Солҳо | | | | | | 2019/ 2012 % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2012 | 2014 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | |
| Вилояти Суғд | 1 204 274 | 2 240 718 | 1 426 585 | 1 583 462 | 1 963 101 | 2 405 941 | 99,7 |
| Ҳуҷанд | 264 06 | 495 435 | 311 877 | 370 122 | 476 139 | 545 077 | 106,4 |
| Шаҳристон | 22 452 | 42 646 | 30 048 | 30 939 | 40 313 | 51 381 | 128,8 |
| Айнӣ | 15 687 | 28 792 | 16 336 | 16 588 | 21 372 | 23 898 | 52,3 |
| Табошар | 2 602 | 5 210 | 8 566 | 7 742 | 7 929 | 11562 | 3,4 маротиба |
| Кӯҳистони Мастчоҳ | 6 545 | 4 623 | 1 943 | 1 343 | 1 491 | 2320 | -64,5 |
| Исфара | 86 249 | 135 596 | 98 377 | 102 652 | 116 323 | 136 808 | 58,6 |
| Истаравшан | 138 425 | 233 713 | 161 861 | 172 055 | 227 042 | 279 065 | 101,6 |
| Панҷакент | 75 808 | 126 954 | 92 873 | 101 814 | 112 420 | 138 791 | 83 |
| Ашт | 42 556 | 92 160 | 63 821 | 74 712 | 82 317 | 99 750 | 134,3 |
| Б. Ғафуров | 153 468 | 293 138 | 205 282 | 227 454 | 276 166 | 349 718 | 127,8 |
| Деваштич | 52 920 | 113 573 | 34 110 | 41 166 | 57 774 | 71 160 | 34,4 |
| Зафаробод | 50 462 | 93 472 | 50 326 | 43 106 | 53 719 | 73 360 | 45,3 |
| Гулистон | 15 735 | 23 808 | 16 510 | 19 353 | 29 795 | 46 715 | 1,9 маротиба |
| Конибодом | 83 201 | 146 766 | 92 343 | 104 185 | 119 072 | 151 505 | 82 |
| Мастчоҳ | 47 186 | 91 571 | 41 610 | 41 739 | 46 936 | 63 730 | 35 |
| Спитамен | 61 568 | 126 234 | 78 102 | 88 308 | 106 675 | 131 391 | 113,4 |
| Ҷ. Расулов | 63 110 | 129 375 | 95 929 | 107 395 | 137 916 | 169 301 | 1,6 маротиба |
| Бӯстон | 22 230 | 57 652 | 26 670 | 32 791 | 49 703 | 60 710 | 1,7 маротиба |

**Сарчашма:** *ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ, солҳои 2012-2019.*

Таҳлили ҷадвали 6 нишон медиҳад, ки ҳаҷми қарздиҳии хурд дар сатҳи вилоят, дар маҷмуъ, 99% афзоиш ёфтааст. Ғайр аз ин, ин тамоюл дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар ҳоли афзоиш қарор дорад, ки ин афзоиш дар шаҳри Хуҷанд - 106%, шаҳри Табошар - 3,4 маротиба, Истаравшан - 101%, Б. Ғафуров - 127,8%, Гулистон - 1,9 маротиба, Спитамен - 113,4%, Ҷ. Расулов - 1,6 маротиба ва Бӯстон - 1,7 маротиба зиёд гаштааст. Дар баробари ин, дар дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар низ ин тамоюл мусбӣ мебошад ва аз фаъолгардии аҳолии деҳот ва субъектҳои хоҷагидорӣ шаҳодат медиҳад. Аз 19 шаҳру ноҳияи вилояти Суғд танҳо дар Кӯҳистони Мастчоҳ динамикаи манфӣ ба чашм мерасад.

Дар умум, барои ба таври самаранок инкишоф додани ҷараёни қарздиҳии хурд дар деҳоти кишвар андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- гурӯҳбандии минтақаҳо вобаста ба имконият ва иқтидори истеҳсолии онҳо;
- ба таври мушаххас муайян кардани сатҳи хавфҳои вобаста дар минтақаҳои деҳоти кишвар;
- таҳияи барномаҳои соҳавӣ, ки фарогири тамоми масъалаҳои бехатарии рушди соҳа мебошанд;
- иштироки фаъоли давлат дар татбиқи ҳадафҳои пешбинишудаи рушди деҳот;
- ташкил намудани кооперативҳои якҷояи хонаводагӣ дар якчанд деҳаҳои атрофи як шаҳр ё ноҳия.

Ҳамин тариқ, қарздиҳии хурд дар рушди деҳоти мамлакат нақши калидӣ дошта, ҳалли мушкилоти ҷойдошта имкон медиҳад, ки омили мазкур ба сифати муҳаррики тағйироти куллӣ дар сатҳи деҳот гардида, на танҳо симои деҳот, балки мазмун ва таркиби муносибатҳои соҳибкорӣ ва хоҷагидориро ба таври мусбӣ тағйир диҳад. Такмили механизмҳои арзёбии раванди қарздиҳии хурд дар деҳоти кишвар вобаста ба имкониятҳои иқтисодӣ ва шароити иқлими онҳо мувофиқи мақсад мебошад. Зарурати ба роҳ мондани барномаҳои соҳавӣ дар баъзан минтақаҳои саноатӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва иқтидори захиравии онҳо барои ҳалли як қатор мушкилоти дар стратегияҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида мувофиқи мақсад мебошад. Таъсири як қатор омилҳои манфӣ ба хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон садди рушди қарздиҳии хурд дар деҳоти кишвар мегардад, ки то як андоза ба амнияти озуқаворechoии кишвар бетаъсир намемонад.

Инкишофи механизми қарздиҳии хурд дар минтақаҳои кишвар имконият медиҳад, ки табақаҳои осебпазири ҷомеа ба захираҳои арзон ва қулайи молиявӣ дастрасӣ пайдо карда, ташаббусҳои соҳибкории худро инкишоф диҳанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки дар чунин минтақаҳои дурдаст қарздиҳии хурд на танҳо ба рушди соҳибкории хурду миёна ва таъмини шуғл нақши бузург дорад, балки дар ҳалли масоили иҷтимоӣ низ таъсири мусбӣ мерасонад.

Таҳлили анҷомшуда нишон медиҳад, ки дар тамоми вилоят ва шаҳру ноҳияҳои кишвар қарздиҳии хурд тамоюли мусбӣ дошта, омили муҳимтарини рушди деҳот ба ҳисоб меравад. Вале, қобили қайд аст, ки дар баробари тағйироти мусбӣ дар ин бахш як қатор норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, ки аз ҷумлаи инҳоянд:

- нарасидани кадрҳои соҳибихтисоси хусусиятҳои қарздиҳии хурдро дар деҳот дарккунанда ва сатҳи пасти касбии кормандоне, ки дар ташкилотҳои қарзии хурд кор мекунанд;
- зарурати ташаккули низомҳои калонмиқёси таълимӣ, ки дар он ҳам мутахассисони ташкилотҳои қарзии хурд ва ҳам қарзгирандагони эҳтимолӣ фаро гирифта мешаванд;
- истифодаи нокифояи технологияҳои муосири рақамӣ дар сатҳи ташкилотҳои қарзие, ки бо аҳолии деҳот кор мекунанд;
- шаффоф набудани фаъолияти ташкилотҳои қарзии хурд;
- аз системаҳои муосири идоракунӣ ва мониторинг кам истифода кардани ташкилотҳои қарзии хурд;
- бозоргирии пасти таъминоти гаравӣ дар мавзеи деҳот, ки барои дарёфти захираҳои қарзӣ пешниҳод карда мешавад;
- мушкилоти гаронӣ ва барасмиятдарории асноде, ки барои гирифтани қарз пешниҳод карда мешавад.

Ҳал намудани масъалаҳои пешбинигардида дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиати кор мебошад.

### Адабиёт


1. Балтаджян Г.А. Развитие небанковских кредитных услуг предприятиям малого бизнеса / Г.А. Балтаджян // Финансы и кредит. – 2012. – №5. – С. 48-51.
2. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2015, №12 (245). - Душанбе. – 164с.
3. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2016, №12 (257). - Душанбе. – 144с.
4. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2017, №12 (269). - Душанбе. – 145с.
5. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2018, №12 (281). - Душанбе. – 125с.
6. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2019, №12 (293). - Душанбе. – 121с.
7. Бюллетени омори бонкӣ. Интишори охирини соли 2020, №12 (305). – Душанбе. – 122с.
8. Васильева Е.В. Общества взаимного кредита как институт микрофинансирования / Е.В. Васильева // Аудит и финансовый анализ. – 2007. – №2. – С. 294-314.
9. Кульматова Р.У. Микрофинансирование в странах с переходной экономикой: опыт и практика деятельности кредитных союзов в Кыргызской Республике / Р.У. Кульматова // Финансы и кредит. – 2008. – №33. – С. 69-77.
10. Махшулов С.Ч. Конкурентоспособность кредитных организаций и актуальность их финансовых показателей с учетом ликвидности / С.Ч. Махшулов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - №5-2. - С. 54-62.

11. Махшулов С.Ҷ. Қарзҳои бонкӣ ҳамчун сарчашмаи муҳимми молиявии захираҳо барои истеҳсоли маҳсулотҳои хоҷагии қишлоқ / С.Ҷ. Махшулов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - 2018. – №11. – С. 4-13.

**УДК: 330+333(575.3)**

# МУНОСИБАТҲОИ АСОСӢ БА БАҲОДИҲИИ НАТИҶАҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ДАР СОХТОРИ ИДОРАКУНИИ ЭЛЕКТРОНИИ ДАВЛАТӢ

***Раҳмонзода Маҳмадалӣ Наим*** *- н.и.и., и.в. дотсенти кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 900-15-44-25. E-mail: mrahmonzoda@list.ru*

***Назарова Нилуфар Нусратуллоевна*** *– ассистенти кафедраи информатикаи амалӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 988-25-91-81. E-mail: nilufar-93-93-93@mail.ru*

*Мақола ба муносибатҳои асосӣ ба баҳодиҳии натиҷаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар сохтори идоракунии электронии давлатӣ бахшида шудааст. Муаллифон қайд менамоянд, ки дараҷаи баланди масъулияти сохтори идоракунии давлатӣ дар назди шаҳрвандон, инчунин, аҳаммияти хоҷагии халқдошта, қарорҳои дар ин соҳа қабулгардида, муҳиммияти масъалаи баҳодиҳии сифати кори онҳоро муҳим мегардонад. Дар мақола аз ҷониби муаллифон рейтинги давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ аз рӯйи шохиси омодагӣ ба ҳукумати электронӣ таҳлилҳо гузаронида шуда, пешниҳодҳои мухталиф карда шудааст. Муаллифон роҳҳои беҳтар гардонидани рушди ҳукумати электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва натиҷаҳои муҳимми ҷорӣ намудани ҳукумати электрониро дар қаламрави кишвар овардаанд.*

***Калидвожаҳо****: сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, технологияҳои иттилоотӣ, баҳодиҳӣ, самаранокӣ, сифат, суръат, таҳлил, танзим, ҳукумати электронӣ.*

# ОСНОВНЫЕ СООТНОШЕНИЯ К ОЦЕНКЕ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ РЕЗУЛЬТАТОВ В СТРУКТУРЕ ЭЛЕКТРОННОГО ПРАВИТЕЛЬСТВА

***Рахмонзода Махмадали Наим*** *- кандидат экономических наук, и.о. доцент кафедры прикладной информатики в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 900-15-44-25. E-mail: mrahmonzoda@list.ru*

***Назарова Нилуфар Нусратуллоевна*** *- ассистент кафедры прикладной информатики в экономике Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 988-25-91-81. E-mail: nilufar-93-93-93@mail.ru.*

*Статья посвящена основным подходам к оценке социально-экономических результатов в структуре электронного государственного управления. Авторы отмечают, что высокий уровень ответственности структуры государственного управления перед гражданами, а также значимость для национальной экономики решений, принимаемых в этой сфере, обусловливают важность оценки качества их работы. В статье авторы проанализировали рейтинг стран постсоветского пространства по показателю готовности к электронному правительству. Авторы предложили пути совершенствования развития электронного правительства в Республике Таджикистан, а также важные результаты внедрения электронного правительства на территории страны.*

***Ключевые слова**: политика, экономика, общество, информационные технологии, оценка, эффективность, качество, скорость, анализ, регулирование, электронное правительство.*

## MAIN RELATIONS TO THE ASSESSMENT OF SOCIO-ECONOMIC RESULTS IN THE STRUCTURE OF ELECTRONIC GOVERNMENT

***Rakhmonzoda Mahmadali Naim** - Candidate of Economic Sciences, a.a. docent the Department of Applied Informatics in Economics, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: E-mail: mrahmonzoda@list.ru Phone: (+992) 900-15-44-25.*

***Nazarova Nilufar Nusratulloevna** - Assistant of the Department of Applied Informatics in Economics, Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. E-mail: nilufar-93-93-93@mail.ru Phone: (+992) 988-25-91-81.*

*The article is devoted to the main approaches to the assessment of socio-economic results in the structure of e-government. The authors note that the high level of responsibility of the public administration structure to citizens, as well as the importance for the national economy of decisions made in this area, determine the importance of assessing the quality of their work. In the article, the author analyzed the rating of the countries of the post-Soviet space in terms of readiness for e-government and made various suggestions. The authors proposed ways to improve the development of e-government in the Republic of Tajikistan, as well as important results of the introduction of e-government in the country.*

***Key words**: Politics, economics, society, information technologies, evaluation, efficiency, quality, speed, analysis, regulation, e-government.*

Воқеияти рушди иқтисоди ҷаҳони муосир нишон медиҳад, ки имрӯз мо дар ҳолати гузариш ба истифодабарии технологияи таъминкунандаи коркарди фаврии иттилоот, иҷрои таъҷилии қарорҳои идоракунӣ, ноил шудан ба дастрасии васеъ ва иштироки аҳолӣ дар ҷараёни идоракунии давлатӣ қарор дорем. Яке аз омилҳои муайянкунандаи ин самт ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ ба шумор меравад. Ҳукумати электронӣ яке аз муҳимтарин институтҳои иттилоотии ҷамъият - ҷамъияте, ки дар он аксари кормандон бо истеҳсолот, нигаҳдорӣ ва коркарди иттилоот машғуланд, маҳсуб меёбад.

Дараҷаи баланди масъулияти сохтори идоракунии давлатӣ дар назди шаҳрвандон, инчунин, аҳаммияти хоҷагии халқдошта, қарорҳои дар ин соҳа қабулгардида, аҳаммияти масъалаи баҳодиҳии сифати кори онҳоро муҳим мегардонад. Аҳаммияти махсуси тадқиқот оид ба баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ вобаста ба коркарди ҳукумати электронӣ ба миён меояд. Як гурӯҳ олимон қайд менамоянд, ки санҷиши боварибахш ва дақиқи фаъолияти Ҳукумати электронӣ метавонад ба коршиносон ва мутахассисон-таҷрибаомӯзон дар ин соҳа самтҳои муҳимми стратегиро ҷиҳати муайян намудани самти дурусти рушд нишон диҳад [6, с.35]. Ба ақидаи мо, ҳамаи ин ҷиҳати пайдоиши корҳои зиёд ва бисёрнақшавӣ, ки барои муайянсозии арзишҳои нисбии лоиҳаҳои гуногуни ташкили ҳукумати электронӣ равона гардидаанд, мусоидат менамоянд.

Масъалаи баҳогузории барномаҳои махсуси ҳукумати электронӣ аз ҷумлаи ҷанбаҳои нисбатан мураккаб маҳсуб ёфта, баҳисобгирии миқдорӣ ва сифатиро дар бар мегирад.

Барои самаранок истифодабарии ҳукумати электронӣ ва хусусиятҳои он як қатор талабот пешкаш карда мешавад, ба монандӣ:

1. Санҷиши самаранокии барномаи ҲЭ бояд баҳодиҳии иҷрои ҳадафҳои гузошташударо ҳам дар муносибат бо барномаи пешниҳодшуда ва ҳам нисбат ба мақсадҳои гузошташудаи ташкилот, ки ташаббускори барномаи коркардшаванда мебошад, дар бар гирад.

2. Исботи самаранокии ин иқдом гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи хароҷот барои амалишавии ҳар як варианти алтернативӣ бо дарназардошти варианти «ҳеҷ кор накун», гузаронидани таҳлил вобаста ба дараҷаи ноилшавӣ ба ҳадафҳои асосии барнома, инчунин, муайян намудани афзалиятҳо аз татбиқи барномаро тақозо мекунад.

3. Хароҷот, манфиатҳо ва таваккали ҳар яки ин алтернативаҳо бояд ҳатман ҳангоми дарҷи вазъияти ҷорӣ баҳо дода шаванд.

4. Мавҷудияти сарчашмаҳои иловагии маблағгузорӣ – сарпарастон, шарикон омили муҳим маҳсуб мешаванд. Бояд имкониятҳои муттаҳид намудани саъю кӯшишҳои идораҳои гуногун ва муттаҳидсозии воситаҳои молиявӣ ба инобат гирифта шаванд, зеро фоида аз татбиқи барнома, чун қоида, метавонад миёни тамоми иштирокчиён бидуни ягон талафот барои ҳар яки онҳо тақсим карда шавад.

5. Ҳангоми интихоби барномаи беҳтарин, ҳамчунин, талаботи бозор (талабот ба хизматрасонии электронӣ) ва рағбати иштироки бахшҳои хусусӣ (тиҷорат) дар доираи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ нишондиҳандаи муҳим ба ҳисоб меравад.

6. Дар рафти татбиқи барномаи ташкили ҲЭ таҳлили хавфҳо низ тақозо мегардад.

Аз тарафи аксари идораҳо бо ифодае таҳлили маҷмуӣ барои баҳодиҳии хавфҳо, ки метавонанд барои амалисозии зербарномаҳои ташкили ҲЭ мусоидат намоянд, истифода мешаванд. Дар чунин намуди таҳлил маблағгузории зербарномаҳо, ки бо дараҷаи баланди хароҷот дар мувофиқат бо зербарномаҳои дорои дараҷаи баланди афзалиятҳо нисбат ба хароҷот барои татбиқи лоиҳа мебошанд, тавсиф карда мешаванд. Муайян намудани мувофиқати ҷамъи хавфҳо ва даромади миёнаи пешбинишуда аз тамоми саҳми маблағгузорӣ тавсифи асосии гузаронидани ин гуна таҳлилҳо ба ҳисоб меравад. Таҳлили хавфҳо ҳангоми баҳисобгирии омилҳое, ки барои ноил шудан ба даромади аз коркарди барномаҳои ҳукумати электронӣ пешбинишуда монеъ мегарданд, ҳатмӣ мебошад. Доир ба масъалаи эҳтимолияти бавуҷудоии хавфҳо М. Ашуров дар кори худ чунин пешниҳод намудааст [1, с.144]:

- хавфҳои арзиши банақшагирифташуда;
- хавф ҳангоми истифодаи техникаҳои куҳнашудаи ИКТ;
- хавф ҳангоми ба миён омадани ҳолати номутобиқатӣ бо вазъи сиёсии мавҷуда.

Ин ҷо бояд хавфи он ки иҷрокунандагони барнома технологияҳои муҳим ва самаранокро қатъи назар намуда, боиси гум шудани таваҷҷуҳи муштариёни эҳтимолӣ ба лоиҳаи мазкур мегарданд, ба инобат гирифта шавад.

Баробар бо таҳлили хавфҳо (ки яке аз усулҳои ҳатмии баҳодиҳии самаранокии барномаи ҲЭ маҳсуб меёбад) барои баҳодиҳии самаранокии он, маъмулан нишондиҳандаҳо, ба мисли арзиши аслии нишондодашуда, таҳлили хароҷот/фоида ҷиҳати ҳисоби хароҷот барои лоиҳа дар мавриди даромади моддӣ, тадқиқи хароҷот ва самаранокӣ барои муайянсозии хароҷоти моддӣ ва пешбининашуда барои ҳар як қишри аҳолӣ ва ғайраҳо истифода мегарданд [4]. Вале ин ҷо бояд қайд кард, ки истифодаи чунин нуқтаи назар ва муносибат хеле маҳдуд буда, амалан таркиби пурраи иҷтимоиро фаро намегирад ва ба таҳлили сифати ҳаёт ҳеҷ таъсире надорад.

Айни замон қарордоди расмӣ оид ба меъёри ягонаи байналмилалии баҳодиҳии ҲЭ вуҷуд надорад.

Яке аз тадқиқоти бонуфузи вобаста ба ин масъала таҳти сарпарастии СММ анҷом дода шуд. Дар ҷадвали якум таҳлили усули ҳисоби шохиси омодагии (рушди) ҳукумати электронӣ дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ мутобиқ бо тавсияҳои СММ оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Рейтинги давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ аз рӯйи шохиси омодагӣ ба ҳукумати электронӣ** [7]

| Ҷой | Мамлакат | Шохис |
|---|---|---|
| 27 | Россия | 0.7296 |
| 28 | Қазоқистон | 0.7283 |
| 29 | Литва | 0.7271 |
| 30 | Швейтсария | 0.7267 |
| 31 | Латвия | 0.7178 |
| 55 | Беларус | 0.6053 |
| 56 | Гурҷистон | 0.6047 |
| 66 | Молдова | 0.5571 |
| 68 | Озарбойҷон | 0.5472 |
| 87 | Украина | 0.5032 |
| 100 | Узбекистон | 0.4695 |
| 101 | Қирғизистон | 0.4657 |
| 128 | Туркманистон | 0.3511 |
| 129 | Тоҷикистон | 0.3395 |

**Манбаъ**: Таҳияи муаллифон

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки самаранок истифодабарии технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ на он қадар хуб ба роҳ монда шудааст.

Як қатор мутахассисони соҳаи мазкур қайд менамоянд, ки айни замон аксари давлатҳо ба самти рушду такомули минбаъдаи ҳукумати электронӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд [2, с.197].

Боз як тадқиқоти нисбатан арзишмандро Иттиҳоди Аврупо дар доираи барномаи IDABC (Interoperable Delivery of Pan-Europeane

Government Services to Public Administrations, Business and Citizens) анҷом додааст. Ин усул баҳодиҳии ҳукумати электрониро аз рӯйи меъёрҳои зерин пешниҳод мекунад [9]:

- меъёри мувофиқаткунӣ, яъне муқаррар намудани мақсадҳои гузошташуда ва амалигардии барномаҳои IDABC. Инчунин, муқаррарсозии мутобиқати мақсаду ҳадафҳо бо афзалиятҳо ҳам дар сатҳи кишвар ва ҳам дар сатҳи минтақа муҳим аст;
- меъёрҳо оид ба самаранокии иқтисодӣ, яъне ҳисоби баҳодиҳии иқтисодии мутобиқати хароҷот ва натиҷаҳои бадастомада;
- меъёрҳо оид ба амалишавии мақсадҳо, яъне муайян намудани баҳои мутобиқати натиҷаҳо бо ҳадафҳои гузошташуда ва вазифаҳо;
- меъёрҳо оид ба натиҷадиҳӣ, яъне муайянсозии мутобиқати натиҷаҳои барнома ва афзалиятҳои муқарраргаштаи гурӯҳи мақсадноки ҷомеа;
- меъёрҳо оид ба мантиқнокӣ ва алоқамандиҳо, яъне муайян намудани дараҷаи воридсозии ин ё он амал ба барномаи мазкур.

Ин усул дар заминаи шартҳои триангулятсия (тақсимкунии сатҳ ба секунҷаҳо), ки истифодаи на камтар аз се усули гуногунро дар назар дорад, асос меёбад. Аз ҷумла:

1) омӯзиши ҳуҷҷатҳои оморӣ (deskresearch);
2) онлайн-тадқиқот, мусоҳиба (onlineresearch);
3) тадқиқи ҷузъии объекти мушаххас (casestudy).

Ба ҳисоби усулҳои маъруф, инчунин, усулҳои Иттиҳоди байналмилалии алоқаи электронӣ, Форуми иқтисодии байналмилалӣ ва Бонки умумиҷаҳонӣ низ мансубанд [9].

Новобаста ба таҳияи хуби масъалаҳо, усул ва методикаҳои гуфташуда (аз тарафи СММ, Иттиҳоди Аврупо ва ғайраҳо пешниҳодшуда) на ҳамеша ҳангоми баҳодиҳии ҳукумати электронии як қатор давлатҳо истифода шуда метавонанд.

Ҳамин тавр, методикаи Иттиҳоди Аврупо мутаносибии натиҷаҳо бо афзалиятҳои дар сатҳи маҳз ин ташкилот мавҷудбударо дар назар дорад ва аз ин рӯ, имконияти маҳдуди истифодабариро танҳо кишварҳои ба ҳайати он дохилбуда доранд.

Методикаи СММ, ҳамчунин, хусусияти маҳдудкунии истифодаи худро дорад. Аввалан, шохиси шабакавии дар он истифодашаванда бо номуттасилии (фосиладории) зиёд – давраҳои рушди маҷмуии басандаи ҷамъияти иттилоотӣ, ки замони хеле идомадорро мегирад, тавсиф карда мешавад. Аз ин рӯ, равшан нест, ки чӣ тарз чорабиниҳо оид ба рушди ҲЭ, ки дар доираи ҳар як давра амалӣ мегарданд, баҳо дода мешаванд.

Дуюм, онҳо асосан ба самти давлатҳо бо сатҳи баланди рушди ҷомеаи иттилоотӣ нигаронида шудаанд ва ҷараёни рушд дар давлатҳои дар давраи аввали ташкили ҷомеаи иттилоотӣ қарордоштаро хуб ба назар намегиранд.

Сеюм, шарҳи усулҳо дар мадди аввал ба самти баҳодиҳии сатҳи рушди ҲЭ нигаронида шудаанд, на ба самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии он.

Сабабҳои нишондодашуда, инчунин, дар ҳар як давлат мавҷуд будани афзалиятҳои хусусии миллӣ ва махсусияти иқтидори рушди ҷомеаи иттилоотиро барои иқдомҳо ҷиҳати пайдоиши коркардҳои нав оид ба ин масъала аз ҷониби давлатҳои гуногун замина мегузоранд.

Ба ҳисоби онҳо ба методикаҳои коркардшудаи зерин мансубанд:

- Институти рушди ҷомеаи иттилоотӣ (шохиси ҲЭ дастрасиҳо ба ТИК, сармояи инсонӣ, фазои мусоид барои тиҷорат, идоракунии давлатӣ, мавҷудияти ТИК дар соҳаҳои муҳимтарин ва ғ.);
- Институти озодии иттилоот ва Маркази технологияи иттилоотӣ (ба шохиси ҲЭ маҷмуи коэффитсиентҳои ҳисобкунандаи миқдор, сифат ва ошкории иттилоот дар сомонаҳои расмии мақомоти ҳокимияти давлатӣ дохил мегарданд);
- Донишгоҳи Браун (ИМА); шохис аз рӯйи системаи холмонӣ (баллгузорӣ) ҳисоб карда шуда, сифат, дастрасӣ, ҳосиланокӣ будани иттилоотро дар назар дорад;
- Аз тарафи мутахассисон-коршиносон бо ташаббусҳои шахсӣ.

Ташкили ҲЭ лоиҳае махсуб меёбад, ки хароҷоти заруриро талаб мекунад ва барои ҷомеа муҳим асоснокии он аст, то аҳаммияти он муайян карда шавад. Барои он ки самаранокии аз ҳама бештар истифодаи воситаҳои ҷамъиятӣ ба даст ояд, бояд ҳатман натиҷаи он дақиқ муайян карда шуда, онҳо бо хароҷоти кардашуда муқоиса карда шаванд. Инчунин, ҳатман бояд вариантҳои гуногуни барномаҳо аз нуқтаи назари хароҷот ва фоида муқоиса карда шаванд. А.И. Константинов дар кори илмии худ усулҳои фоидаовари рушди ҳукумати электрониро ба таври васеъ нишон додааст, ки дар расми навбатӣ онро меорем [5, с.12].



**Расми 1. Усулҳои фоидаовар**

**Манбаъ:** Константинов А.И. Методы оценки программ реализации электронного правительства. / А.И. Константинов // Российское предпринимательство. – 2012. - №17 (215). – С. 11-16.

Таҳлили муфассали самаранокии ҳукумати электронӣ, инчунин, дар кори Е.М. Балашов [3, с.47] оварда шудааст, ки он ҷо ду гурӯҳи баҳодиҳӣ муайян карда шудаанд: баҳодиҳии омодагии (рушду пешрафти) ҳукумати электронӣ, аз ҷумла сомонаҳои давлатӣ ва баҳодиҳии натиҷаҳои ҲЭ.

Ба ақидаи баъзе олимон, миқдори нисбатан ками корҳо ба ҷанбаҳои муҳим, ба мисли самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии ҲЭ бахшида шудаанд. Вале, ба ақидаи мо, маҳз ҷанбаи иҷтимоӣ ҳангоми баҳодиҳии натиҷаҳои ҷорӣ намудани ҲЭ муҳимтар аст.

Зери мафҳуми самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодӣ тамоми маҷмуи натиҷаҳои ҷорӣ намудани ҲЭ, ки қаноатмандии нисбатан пурраро таъмин менамояд, ҳам дар талаботи иҷтимоӣ ва ҳам дар талаботи иқтисодии ҷамъият дар назар гирифта мешавад.

Муҳокимаи масъалаҳои самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии системаи гуногуни иқтисодиро дар як қатор корҳои муаллифон, ба мисли Т.В. Гаврилов, О.М. Налимов, Е.Н. Неретин, Т.А. Салимов, С.А. Айвазян, К.И. Капустин, С.П. Спиридонов ва ғайраҳо дидан мумкин аст [7]. Онҳо дар он ақидаанд, ки тадқиқоти муайянкунандаи усулҳои ченкунии нишондиҳандаи натиҷаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба нишондиҳандаи (индикаторҳои) сифати ҳаёт бахшида шудаанд.

Боз як нуқтаи назар вобаста ба баҳодиҳии ҲЭ бо дарназардошти натиҷаҳои иҷтимоӣ дар усули австралӣ нуҳуфтааст:

1) манфиати иқтисодӣ (молиявӣ) ва иҷтимоӣ аз татбиқи ҲЭ ба инобат гирифта мешавад;

2) рушди ҲЭ дар асоси нишондиҳандаҳои миқдорӣ баҳо дода мешавад.

Усули мазкур дар ҷараёни ҷамъоварии маълумотҳо аз шакли гузаронидани пурсиш ва мусоҳибаҳо истифода менамояд. Ғайр аз ин, таҳлили омории ҳуҷҷатгузорӣ гузаронида мешавад. Таҳлили онҳо дар нишондиҳандаҳои миқдории зерин асос меёбад:

▪ сатҳи талабот ба хизматрасонии электронии ҲЭ дар талаботи умумӣ барои хизматрасонии давлатӣ:

$$D^{э} = \frac{U^{э}}{U^{o}}$$

ин ҷо $U^{э}$ - талабот ба хизматрасонии ҲЭ;

$U^{o}$ - маҷмуи умумии дархост барои хизматрасонии электронии давлатӣ.

• Миқдори миёнаи паст намудани хароҷоти аҳолӣ ва соҳибкорӣ ҳангоми истифодаи ҲЭ:

$$D^{и} = \frac{\Delta C^{эи}}{C^{и}} \cdot 100\%$$

ин ҷо $\Delta C^{эи}$ - паст шудани сарфу хароҷоти аҳолӣ ва бизнес дар натиҷаи татбиқи ҲЭ;

$C^{и}$ - сарфу хароҷоти умумӣ оид ба расонидани хизматгузории давлатӣ.

Даромад аз фаъолияти ҳукумати электронӣ дар баҳодиҳии манфиатҳои молиявии муштариён-истифодабарандагон, имтиёзҳои иҷтимоӣ аз саҳми бо мақсади идоракунии давлатӣ гузошташуда ифода меёбад:

$$W^{э} = W^{a} + W^{п} + W^{c} + W^{г}$$

ин ҷо $W^{a}$ - фоидаи (манфиати) агентӣ (сохтори ташкилӣ), ки дар соҳаи идоракунии давлатӣ хизматрасонӣ мекунад;

$W^{п}$ - манфиатҳои муштариён-истифодабарандагон (аҳолӣ ва бизнес);

$W^{c}$ - манфиатҳои иҷтимоӣ;

$W^{г}$ - саҳми ҲЭ дар амалигардонии ҳадафҳои давлатӣ.

Даромади агентӣ дар сарфаи маблағҳои буҷетӣ дар асоси кам кардани хароҷот ва афзудани даромади умумии дар натиҷаи истифодаи технологияҳои ҳукумати электронӣ бадастомада ифода мегардад.

Даромади молиявии муштариён-истифодабарандагон дар паст намудани хароҷот тавассути ноил шудан ба дастрасии осони хизматрасониҳои давлатӣ ифода мегардад. Инчунин, то ҳадди ниҳоӣ кам намудани хароҷоти мустақим барои истифодаи хизматрасониҳо ва даромад аз ҳисоби баланд намудани сифати хизматрасонии электронии пешниҳодшаванда ба инобат гирифта мешаванд.

Манфиати иҷтимоӣ дар гузаронидани чунин амалҳо барои муштариён, ки барои баланд бардоштани сатҳи дастрасӣ ба иттилоот ва пешниҳоди хизматрасонии электронии фосилавӣ ифода меёбад.

Нуқтаи назари дар усули австралӣ баёншуда (дар варианти мутобиқшуда) ҳангоми шаклгирии усули муаллифии баҳодиҳии ҲЭ истифода мегардад.

Шарҳи овардашуда ва усулҳои гуногуни ҷамъбастии баҳодиҳии ҲЭ имкон медиҳад, ки натиҷаҳои гуногуни татбиқи ҲЭ-и дар ҷадвали 2 пешниҳодшуда ба система дароварда шаванд.

**Ҷадвали 2. Натиҷаҳои муҳимми ҷорӣ намудани ҲЭ**

| Натиҷаҳо | Манфиатҳо | Нишондиҳандаҳои баҳо | Натиҷаҳои миёна | Натиҷаҳои ниҳоӣ |
|---|---|---|---|---|

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Иқтисодӣ | Манфиати сохтори ҳокимияти давлатӣ | - Хароҷот<br>- Даромад<br>- Самаранокӣ | Мутобиқати манфиати бадастомада бо хароҷот | Кам кардани хароҷот |
| | Манфиати молиявии муштариён | - Хароҷот<br>- Даромад<br>- Самаранокӣ | Мутобиқати манфиати бадастомада бо хароҷот | (гирифтани даромад – хароҷоти) * (1– меъёри миёнаи андоз) |
| Иҷтимоӣ | Аҳаммияти иҷтимоӣ | - Натиҷа дар соҳаи маориф, ҳифзи тандурустӣ, шуғл | Комёбии муқарраргардида | Афзоиши сармояи инсонӣ |
| Умумидавлатӣ (сиёсӣ) | Аҳаммияти давлатӣ | - иштироки иқтисодии аҳолӣ<br>- баланд гаштани сатҳи дастрасӣ ба барномаҳои давлатӣ<br>- кам кардани кумаки моддии давлатӣ<br>- баланд бардоштани дараҷаи боварӣ ба ҳукумат<br>- паст намудани сатҳи коррупсия<br>- баланд бардоштани рейтинг | Даромади софи давлат (даромад-хароҷот) | (даромади гирифташуда – хароҷоти истифодабаранда) * (1 – меъёри миёнаи андоз) = даромади софи давлат |

**Манбаъ**: таҳияи муаллифон

Дар хулосаи кор қайд намудан бамаврид аст, ки ташаккул ва рушди сохтори идоракунӣ яке аз натиҷаҳои муҳимми иҷтимоӣ-иқтисодӣ маҳсуб ёфта, шарти коркард ва ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ мегардад. Ин имкон фароҳам меорад, ки дар рушди соҳаҳои гуногуни кор шаффофият таъмин гардад.

**Адабиёт**


1. Ашуров М.Н. Ҳукумати электронӣ ҳамчун консепсияи рушд ва фазои идоракунӣ / М.Н. Ашуров // Паёми молия ва иқтисод. - 2021. - № 4 (28). - С. 141-147.
2. Ашуров М.Н. Самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Н. Ашуров, Я. Ҳасанзод // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. № 4/1(38). - С. 195-202.
3. Балашова Е.М. Оценка эффективности электронного правительства / Е.М. Балашова // Вопросы государственного и муниципального управления. – 2011. - №2. - С. 45-49.

4. Кобринский Н.Е. Основы экономической кибернетики / Н.Е. Кобринский. – М.: Экономика, 1969. – 235 с.

5. Константинов А.И. Методы оценки программ реализации электронного правительства. / А.И. Константинов // Российское предпринимательство. – 2012. - №17 (215). – С. 11-16.

6. Палаб Саха. Методология преобразования правительства на основе архитектуры предприятия / П.Саха // Информационное общество. – 2009. - №2. - С. 34-44.

7. Раҳмонзода М.Н. Шакл ва усулҳои баҳодиҳии самаранокии иҷтимоӣ-иқтисодии ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография / М.Н. Раҳмонзода, М.Н. Ашуров. – Душанбе: Бахманруд, 2022. - 157 с.

8. Солодов В.В. E-goverment и борьба с коррупцией / В.В. Солодов // Вестник Московского университета. Сер. 11. Управление (Государство и общество). – 2006. - №1. – С. 51-62.

9. E-government Benefit Study [Web] // DMR Consulting, The National Office for the Information Economy, Australia, 2003.

**УДК: 336.7 (575.3)**

## АСОСҲОИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ТАНЗИМИ АНДОЗИИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ҳасанзод Яъқуб*** *– доктор (PhD)-и кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Email: yakub_33@mail.ru. Телефон: (+992) 93-807-49-33.*

***Файзиддинзода Мақсуддин Файзиддин*** *– докторанти кафедраи молия, ихтисоси 6D050900-Молия (PhD) Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Email: fmf-1993@mail.ru. Телефон: (+992) 93-468-33-33.*

*Мақола ба асосҳои институтсионалии танзими андозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллифон доир ба рушди маъмурикунонии андоз таҳлилҳо гузаронида, қайд менамоянд, ки фаъолияти асосии корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳои давлатӣ аз даромадҳои буҷетӣ ва, хусусан, аз даромадҳои андозӣ вобаста буда, мақсади онҳо расидан ба ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар доираи фаъолияти доимии корхона на танҳо захираҳову маблағҳо мақсаднок ва тибқи қонунҳои давлатӣ истифода мешаванд, балки, дар баробари ин, тамоми масорифоту мадохилоти ҳар як ширкату хоҷагии давлативу хусусӣ бояд дар ҳуҷҷатҳои корхонаҳо шаффоф, возеҳу равшан сабт карда шаванд ва ошкору намоён бошанд, ки ин раванд имкониятҳоро васеъ мегардонад. Дар мақола таҳлили муқоисавии андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба таври мушаххас гузаронида шуда, роҳҳои баландбардории танзими андозии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёт, танзим, андоз, рушд, такмил, маъмурикунонӣ, муассиса, давлативу хусусӣ, масраф, муқоиса, пешниҳод.*

## ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ ОСНОВЫ НАЛОГОВОГО РЕГУЛИРОВАНИЯ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Хасанзод Якуб*** *- доктор PhD кафедры информационных систем и технологий в экономике, Таджикского государственного финансово-экономического университета.*

*Адрес: Республика Таджикистан, 734055, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 93-807-49-33. E-mail:yakub_33@mail.ru.*

***Файзиддинзода Максуддин Файзиддин*** *– докторант специальности 6D050900-финансы (PhD) кафедры финансов, Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: Республика Таджикистан, 734055, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 93-468-33-33. E-mail: fmf-1993@mail.ru.*

*Статья посвящена институциональным основам налогового регулирования экономики Республики Таджикистан. Авторы провели анализ развития налогового администрирования и отметили, что основная деятельность предприятий, организаций, государственных учреждений зависит от доходов бюджета и, особенно, от налоговых поступлений, и их целью является достижение стратегических целей Правительства Республики Таджикистан. В рамках непрерывной деятельности предприятия не только ресурсы и средства используются целеустремленно и в соответствии с законами государства, но при этом все расходы и вмешательства каждой государственной и частной компаний и хозяйства должны быть прозрачными, понятными и четко фиксироваться в документах предприятий и быть открытыми и видимыми. В статье специфически проведен сравнительный анализ налога на доходы физических лиц и предложены пути совершенствования налогового регулирования экономики Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова****: экономика, регулирование, налог, развитие, совершенствование, администрирование, учреждение, общественное и частное, потребление, сравнение, предложение.*

## INSTITUTIONAL FOUNDATIONS OF TAX REGULATION OF THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Yakub Khasanzod*** **-** *Doctor (PhD), Department of Information Systems and Technology in Economics, Tajik State Financial and Economic University, Address: Republic of Tajikistan, 734055, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Email:yakub_33@mail.ru. Phone: (+992) 93-807-49-33.*

***Fayziddinzoda Maksuddin Fayziddin*** **-** *doctoral student of the Department of Finance, specialty 6D050900-Finance (PhD) of the Tajik State Financial and Economic University, Address: Republic of Tajikistan, 734055, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. Email: fmf-1993@mail.ru. Phone: (+992) 93-468-33-33.*

*The article is devoted to the institutional framework of tax regulation of the economy of the Republic of Tajikistan. The authors analyzed the development of tax administration and noted that the main activities of enterprises, organizations, state institutions depend on budget revenues and especially on tax revenues, and their goal is to achieve the strategic goals of the Government of the Republic of Tajikistan. As part of the continuous operation of an enterprise, not only are resources and funds used purposefully and in accordance with the laws of the state, but at the same time, all expenses and interventions of each public and private company and economy must be transparent, understandable and clearly recorded in the documents of enterprises and be open and visible. The article specifically conducts a comparative analysis of the personal income tax and suggests ways to improve the tax regulation of the economy of the Republic of Tajikistan*

***Key words****: economics, regulation, tax, development, improvement, administration, institution, public and private, consumption, comparison, supply.*

Дар замони муосир омӯзиши масъалаҳои глобалии танзими иқтисодиёт тавассути андозҳо дар илми иқтисодӣ нақши муҳимро дошта, таҳлилу баррасии он дар шароити имрӯза хело мубрам мебошад. Дар ин шароит андозҳо фишанги пешбарандаи иқтисодӣ ва ё садди роҳи рушди

иқтисодӣ мегарданд. Масъалаи таъсири андоз ба иқтисодиёт ва рушди он, хусусан дар ҳимояи иқтисоди миллӣ, ҳавасмандгардонии истеҳсолоти ватанӣ, танзими иқтисодҳои миллӣ хело ҳассос гардида истодааст. Инчунин, танзими андозҳо барои баланд шудани нархҳо нақши зиёд дорад ва айни замон, ки муаммоҳои таваррум ба иқтисоди миллӣ таҳдид доранд, ба ҳисоб нагирифтани саҳми онҳо, ҳангоми таҳлили болоравии нархҳо, боиси зиёд гардидани таъсири он ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва, дар маҷмуъ, ба иқтисод мегардад.

Асоси қонунгузории андозро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Кодекси андоз ташкил медиҳад, ки он аввалин маротиба соли 1998 қабул гардида буд [10]. Минбаъд вобаста ба вазъи иқтисодию иҷтимоии мамлакат тағйироту иловаҳо ворид гардид. Ҳамаи ин тағйироту иловаҳо бо мақсади дастгирии соҳибкории хурду миёна ва истеҳсолоти дохилӣ амалӣ гардиданд. Ҳамзамон, солҳои 2005, 2012 низ ба Кодекси андоз тағйироти куллӣ ворид карда шуда, аз сари нав қабул гардида бад. Инчунин, тибқи дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Кодекси андоз дар таҳрири пурраи нав мавриди омӯзиш қарор дода шуда, соли 2022 қабул гардид. Тибқи моддаи 45-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: “Қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ва ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд, қувваи бозгашт надоранд”[8]. Вобаста ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси андоз мунтазам таҷдиди назар шуда истодааст.

Таҷрибаи солҳои қаблӣ нишон медиҳад, ки яке аз равишҳову ҷанбаи намоён ва фишанги такондиҳандаи иқтисоди мамлакат андозбандии корхонаҳо ба шумор меравад. Чунки танзиму идораи андозбандӣ туфайли оқилона ба роҳ мондани амали ҳисобдории андозӣ марому равиши дилхоҳу самаранокро ба худ гирифта метавонад.

Фаъолияти асосии корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳои давлатӣ аз даромадҳои буҷетӣ ва хусусан, аз даромадҳои андозӣ вобаста буда, мақсади онҳо расидан ба ҳадафҳои стратегии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар доираи фаъолияти доимии корхонаҳо на танҳо захираҳову маблағҳо мақсаднок ва тибқи қонун истифода мешаванд, балки, дар баробари ин, тамоми масорифоти ҳар як ширкату хоҷагии давлативу хусусӣ бояд дар ҳуҷҷатҳои корхонаҳо шаффоф, возеҳу равшан сабт карда шаванд ва ошкору намоён бошанд.

Таҳлилу баррасии моҳият, принсипҳо, хусусиятҳои хоси андоз ва низоми андозбандӣ, намудҳои он, услубҳои таҳлили андоз ва роҳҳои такмил додани он дар фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар шароити муосир хеле муҳим мебошад. Тибқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоридани андоз ва пардохтҳое, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист [8].

Шахсони ҳуқуқӣ – ҳамчун звеноҳои асосии истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасониҳо буда, онҳо аз се аломати ба ҳам алоқаманду наздик иборатанд: якум, аломати иқтисодӣ, ки аз амалигардонии силсилаи

пурраи фаъолияти тиҷоратию хоҷагидорӣ иборат буда, аз амволи мустақил, ҳисоби хоҷагии пурра, фондҳои асосии худӣ ва гардон иборат мебошад; дувум, аломати ташкилӣ. Корхона бевосита дорои воҳиди том буда, он аз сохтори дохилии дастгоҳи идораи оинномавӣ иборат мебошад; савум бошад, аломати ҳуқуқӣ. Корхона ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дорои суратҳисоби бонкӣ буда, аз номи худ амалиёти тиҷоратиро ба тасвиб мерасонад [7, с. 78].

Гуфтан бамаврид аст, ки ҷамъи андозҳои давлатӣ ва дигар пардохтҳо низоми андозбандиро ташкил медиҳанд. Ин мафҳум маҷмуи қонунҳоеро, ки тартиб ва қоидаҳои андозбандиро, инчунин сохтору вазифаҳои мақомоти давлатии андозро муқаррар мекунанд, дар бар мегирад. Низоми андозбандӣ дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии давлат, ки методҳои мушаххаси ташкил ва ситонидани андозҳоро муқаррар мекунанд, яъне унсурҳои андозро муайян мекунанд, фаъолият мекунад.

Дар охирҳои асри XIX иқтисодиёти институтсионалӣ ба вуҷуд омад, ки асосгузори ин мактаби иқтисодӣ Торстейн Веблен (1857-1929) ба шумор меравад. Дар илм мафҳуми «иқтисоди институтсионалӣ» аввалин маротиба соли 1919 аз ҷониби Уолт Ҳамилтон ҷорӣ карда шуд [5, с. 122].

Баъдан, дар аввали асри XX назарияи мактаби иқтисодиёти институтсионалии нав ба вуҷуд омад, ки асосгузори ин назария Й. Шумпетер ба ҳисоб меравад. Дар асоси ақидаҳои Шумпетер, ин мафҳумро Оливер Уилямс дар илм ворид кардааст.

Мақсади асосии иқтисодиёти институтсионалӣ дар он мебошад, ки иқтисодчиён бояд на танҳо раванди иқтисодиётро ҳангоми таҳлил қарор диҳанд, балки ҳангоми таҳлилнамоии ин раванд омилҳои ғайрирасмӣ, яъне ғайримоддӣ низ ба инобат гирифта шавад. Зеро онҳо низ ба иқтисодиёт таъсири худро мерасонанд ва ба инобат нагирифтани чунин омилҳо метавонад ба паст рафтани сатҳи иқтисодиёти давлат оварда расонад.

Меъёрҳои ҳуқуқие, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои андозҳо муқаррар намудааст, ҳамчун асосҳои институтсионалии ин андозҳо баромад менамоянд, зеро меъёри андоз яке аз унсурҳои муҳимми ҳисобнамоии андозҳо буда, барои муайяннамоии маблағи пардохтшаванда маҳсуб мешавад.

Такмили қонунгузории соҳаи андоз яке аз вазифаҳои муҳимми беҳдошти танзими давлатӣ ба ҳисоб меравад. Зимни ин ҳатто давлатҳои таърихан иқтисодиёташон ташаккулёфта ба таҷрибаи худӣ маҳдуд нагашта, таҷриба ва методологияи шарикони хориҷиашонро фаъолона истифода мебаранд.

Омӯзиши таҷрибаи қонунгузорӣ ва танзими ҳуқуқии андози хориҷӣ ва истифодаи эҷодкоронаи он дар Тоҷикистон имкон медиҳад, ки на танҳо низоми андозбандӣ ва қонунгузории амалкунандаи соҳаи андоз баҳогузорӣ гардад, балки самтҳои имконпазири такмили

минбаъдаи он бо назардошти сиёсати иқтисодию ҳуқуқии давлатӣ муайян карда шавад.

И.Г. Гараев менависад, ки зимни такмилдиҳии низоми андозбандӣ истифодаи таҷрибаи хориҷӣ муҳим аст [2, с. 44]. Ин ҷо мумкин аст сухан дар бораи санҷиши амалии давра ба давраи қисман ва ё пурраи соҳаҳои алоҳидаи таҷрибаи мазкур равад.

Махсусан, истифода намудани таҷрибаи хориҷии танзими конститутсионии асосҳои муносибатҳои молиявию андозбандӣ дар Тоҷикистон хело муҳим аст, чунки таҷрибаи давлатҳои мутамаддин собит менамояд, ки заминаҳои фаъолияти молиявию андозбандӣ яке аз предметҳои асосии танзими конститутсияро ташкил медиҳанд.

Андраш Шайо, конститутсионалисти венгерӣ дар ин маврид хеле дуруст қайд менамояд: «Асосҳои буҷет ва андозбандӣ, бешубҳа, бояд ба матни конститутсия ворид карда шаванд» [13]. Зеро, ба андешаи ӯ, нуфузи воқеии ҳокимияти давлатӣ ба таври назаррас дар муқарраротҳи конститутсионии вобаста ба буҷет ва меъёрҳои андозу молиявӣ зоҳир мегардад.

Конститутсияи ҶТ соли 1994 ва дар таҳрири нав соли 2016 низ дар муқаррарнамоии меъёрҳои заминавии андозу молия дар канор намондааст ва як қатор меъёрҳои бобҳои гуногуни он ба танзими ин ё он муносибатҳои муҳимтарини андозбандию молиявӣ бахшида шудааст. Дар ташаккули меъёрҳои соҳаи ҳуқуқи андоз ва молия моддаҳои зиёди Конститутсияи ҶТ, ки барои танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ аҳаммияти умумӣ доранд, таъсир мерасонанд. Муқарраротҳи конститутсионӣ оиди иҷтимоӣ будани давлат, таҷзияи ҳокимият, волоият ва мустақиман амал кардани Конститутсия аз қабили онҳоянд. Дар баробари ин, меъёрҳои алоҳидаи Конститутсия махсус ба масъалаҳои молиявӣ ва зерсоҳаҳои он – андоз, буҷет ва ғ. бахшида шудаанд.

Меъёри муҳимми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита асоси заминавии ҳуқуқи андоз аст, моддаи 45-уми он мебошад. Дар фарқият аз конститутсияҳои пешина, Конститутсияи амалкунандаи Тоҷикистон бори нахуст ҳатмӣ будани супоридани андоз ва пардохтҳои бо қонун муайянгардидаро пешбинӣ мекунад.

Аз тарафи мақомоти қонунгузор ва танҳо дар шакли қонун муқаррар шудани андозҳо аз таҷрибаи таърихии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон маншаъ мегирад ва яке аз пояҳои ҳуқуқбунёд будани давлат ва кафолати ҳифзи ҳуқуқи моликияти инсону шаҳрванд буда, аз нишонаву хусусиятҳои худи қонун бармеояд. Зеро аввал ин ки қонун нисбат ба дигар санадҳои меъёрӣ қувваи баланд ва муҳлати амали зиёдтар дошта, муносибатҳои муҳимтарини ҷамъиятиро танзим мекунад, дигар ин ки он аз зери назари намояндагони бевоситаи халқ ва Президенти мамлакат мегузарад. Аз ин сабаб эҳтимолияти беадолатона будани қонунҳо нисбат ба дигар санадҳои зериқонунӣ камтар мебошад. Дар

баъзе давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон (масалан, дар Қонуни асосии Олмон, Швейтсария) ҳатто намудҳои андоз бевосита дар конститутсияашон номбар гардидааст, ки ин аз муҳиммияти принсипи мазкур шаҳодат медиҳад.

Тавре маълум аст, яке аз давраҳои асосию хотимавии мурофиаи буҷетӣ - давраи ҳисобот дар бораи иҷрои буҷети давлатӣ мебошад, ки шакли муҳимми назорати парламентӣ нисбати ҳукумат маҳсуб меёбад. Агар бо усули муқоисавӣ таҳлил намоем, дар конститутсияи қариб ҳамаи давлатҳои пешрафта дар бораи ҳисоботдиҳанда будани ҳукумати иҷроия дар назди парламент оид ба иҷроиши буҷет меъёр пешбинӣ шудааст. Чунки ҳисоботдиҳанда будани ҳокимияти иҷроия оид ба иҷроиши буҷети давлатӣ дар назди ҳокимияти қонунгузор яке аз масоили асосии низоми боздорӣ ва мувозинаи шохаҳои ҳокимият ба шумор рафта, аз принсипи таҷзияи ҳокимият дар фаъолияти андозбандию молиявии давлат бармеояд. Дар Конститутсияи ҷумҳурӣ нисбати ҳисобот оид ба иҷроиши буҷети маҳаллӣ муқаррарот мавҷуд аст, аммо дар он роҷеъ ба ҳисоботи ҳукумат оид ба иҷроиши буҷети ҷумҳуриявӣ дар назди парламент меъёре вуҷуд надорад, ки ба андешаи мо, на он қадар дурусту мантиқӣ аст. Бо таъсири он ҳатто дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Ҳукумати ҶТ» аз 12 майи соли 2001, № 28, Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи Маҷлиси Олии ҶТ» аз 19 апрели соли 2000, №1 ва Дастури Маҷлиси намояндагони ҶТ аз 7 ноябри соли 2001, № 437 низ дар ин масъала чизе гуфта намешавад ва танҳо дар Қонуни ҶТ «Дар бораи молияи давлатии ҶТ» аз 28 июни соли 2011, №723 ин муносибатҳо танзим мегардад. Аз ин рӯ, ба Конститутсия ва қонунҳои номбурда бояд тағйироти дахлдор ворид гардад.

Дар аксари давлатҳо мақомоти махсуси назорати молиявии аз ҷиҳати ташкилию вазифавӣ мустақиле, ки ба парламент ҳисоботдиҳанда аст, вуҷуд дорад ва асосҳои ташкилу фаъолияти он дар конститутсияи онҳо мустаҳкам мегардад. Масалан, дар ИМА мақомоти пурқудрати назоратӣ-молиявӣ – Сарраёсати назоратӣ-молиявӣ, ки тибқи Қонун дар бораи буҷет ва ҳисобдорӣ аз 10-уми июни соли 1921 таъсис ёфтааст [14, с. 41], ба қонунгузор тобеъ мебошад. Дар Британияи Кабир функсияи мақомоти назорати буҷетию молиявии аз номи парламент амалкунандаро Раёсати назорати давлатӣ, ки ҳанӯз соли 1866 таъсис гардидааст, иҷро менамояд. Таҷрибаи канадагии назорати молиявӣ дар заминаи ҳамкории мутақобилаи Кумитаи назорати молиявии Палатаи ҷамоа ва Офиси Аудитори генералӣ ташкил карда шудааст. Ба ин монанд дар Германия ва Шведсия кор дар парламент ба роҳ монда шудааст. Дар Федератсияи Россия Палатаи ҳисобдории Маҷлиси Федералӣ – мақомоти доимоамалкунандаи назорати давлатии молиявии Россия аст. Қариб ҳолати ба ин монанд дар Украина, Гурҷистон ва Озарбойҷон ҷой дорад [5]. Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, мақомоти махсуси назорати молиявӣ, ки асоситарин аст, ба

парламент тобеъ ва ҳисоботдиҳанда буда, назорати парламентии молиявӣ танҳо дар ин сурат воқеият пайдо менамояд. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, бояд дар Тоҷикистон Палатаи ҳисоб танҳо ба парламент масъулу ҳисоботдиҳанда бошад ва принсипу асосҳои ташкилу фаъолияти он дар Конститутсия пешбинӣ гардад.

Хуллас, вобаста ба талаби замони имрӯз, Конститутсияи соли 1994 ва тағйиру иловаҳо соли 2016 таъйиноти худро ҳамчун Қонуни асосии давлат дар муайян кардани самти инкишофи соҳаи қонунгузории андоз ва такмили мунтазами он ба таври кофӣ иҷро намудааст. Дар баробари ин, баҳри ташаккули минбаъдаи давлати демократию ҳуқуқбунёд, инкишофи муқаррароти конститутсионӣ ваислоҳоти конститутсионӣ дар самти сиёсати андозу андозбандӣ такмилу тағйири қонунгузории кишвар, бахусус дар соҳаи андозбандӣ амри воқеӣ буда, амалигардонии он дар ташкили фазои ягонаи ҳуқуқӣ, устувории қонунгузорӣ, инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти кишвар мусоидат хоҳад кард.

Мусаллам аст, ки андоз унсури пешрафт, бунёди давлатдории кишварҳои дунё ва ҳам тамаддуни инсонӣ аст, ки дар ҳама марҳилаҳои таърихи гузашта ва муосир арзи вуҷуд дорад. Мавҷудияти андоз ва андозбандӣ бебаҳс аст. Вале низом, шаклдигаркунии андоз таваҷҷуҳи махсусро талаб менамояд. Зеро татбиқи сиёсати давлатӣ, молиякунонии стратегияҳо, барномаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, дар маҷмуъ, пойдории суботи ҷомеаи соҳибкорӣ, ҳадафи мутақобили андозбандӣ descriptor дониста мешавад.

Нақши андоз бо такя ба ҳадафҳои он дар сиёсати давлатӣ, масалан, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, фароҳам овардани шароити мусоид ба рушди иқтисоди миллӣ, додани имтиёзҳо ба андозсупорандагон дар кишварҳои имрӯзаи ҷаҳон, мавриди омӯзиш, таҳлилу баррасии густурда қарор мегирад. Албатта, ҷараёнҳои мазкур ва махсусан, ҳавасмандгардонӣ ба ташаккули низоми ҳуқуқии андоз таъсир мерасонад, вале дуруст аст, ки амал ва истифодаи ғайритаъсирбахши низоми андоз на танҳо ба қишрҳои алоҳида, масалан, субъектони соҳибкории хурд, балки тамоми ҷомеа дар маҷмуъ дахл менамояд [11, с. 278]. Ҷараёни ҷаҳонишавии иқтисодиёт, буҳронҳои молиявӣ, мубориза бар зидди зуҳуроти номатлуби таҳдидкунанда ба инсоният ва ғайра омилҳоеанд, ки ба ташаккули низоми ҳуқуқӣ, аз ҷумла низоми ҳуқуқии андоз бетаъсир намемонанд. Аз лиҳози иқтисодӣ, ҳаҷми андозҳо ва ҳиссаи даромадҳо дар кишварҳои ҷаҳон низ гуногун мебошанд. Агар солҳои 2010-2013 аз 2014-2018 кишварҳои дунё дар ҳадди аз 3,7% (масалан, Сурия) ва дигар кишварҳои пешрафта то 79,6% (Гренландия) маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил диҳад, пас ҳамин рақам дар Тоҷикистон дар соли 2018 ҳамагӣ 21,2%-ро ташкил намудааст [10].

Қайд намудан зарур аст, ки дар ҷаҳони муосир тамоюли зиёдшавии мунтазами андозҳо ба назар мерасад. Агар аз як самт, ин ҷиҳат ба

афзоиши ҳаҷми иқтисоди миллии кишварҳо алоқаманд бошад, аз ҷониби дигар, дуруст аст, ки дар Тоҷикистон зиёд гардидани меъёрҳои андоз бо назардошти сатҳи таваррум, қурби асъори хориҷӣ нисбат ба сомонӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум ҳамчун падидаи муқаррарӣ вобаста аст [1, с. 74].

Яке аз соҳаи ҳуқуқи дохилӣ, ки ба ҷараёнҳои мухталиф, аз ҷумла ташаккули низоми ҳуқуқӣ ҳамрадиф аст, танзими ҳуқуқии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Бинобар ин, омӯзиши ҷабҳаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври муқоисавӣ дар марҳилаи имрӯзаи рушди бомароми иқтисодиёт муҳим арзёбӣ мегардад. Зимнан, пайдоиши падидаҳои ҳуқуқии нав дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба мисли ҳуқуқи андози байналмилалӣ, ҳуқуқи молиявии байналмилалӣ дар як қатор кишварҳои ҷаҳон масъалаи таҳқиқи онҳоро дар вобастагӣ ба низоми ҳуқуқи дохилӣ ба вуҷуд овардааст. Бо назардошти ҳамин омил ҳуқуқи андоз дар аксари кишварҳои дунё, аз ҷумла Тоҷикистон ташаккул меёбад.

Раванди муҳим дар заминаи банизомдарории ҳуқуқӣ, аз ҷумла танзими ҳуқуқии андоз тавассути қабули санадҳои кодификатсионии дахлдор аст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фарқ бо як қатор кишварҳои ИДМ раванди кодификатсияи қонунгузории андозро яке аз аввалинҳо шуда оғоз намуд. Маҳз кодификатсияи низоми андоз имкон дод, ки ба таври азнавбинии систематикӣ ва маҷмуавӣ андозбандӣ дар сатҳи давлат анҷом дода шавад. Ҳамин ҷиҳат дар адабиёти ҳуқуқии хориҷӣ баҳои баланди мусбии ҳуқуқӣ гирифт, ки мураттабсозии андозбандӣ на дар сатҳи мақомоти алоҳида, балки, умуман, давлат амалӣ гардонида шуд [9, с. 77].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ақидаҳои мавҷударо нисбати низоми танзими ҳуқуқии андоз, махсусан дар даврони соҳибистиқлолӣ ба ду гурӯҳ ҷудо намудан имконпазир аст. Ба гурӯҳи якум олимони ҳуқуқшиноси соҳаро мансуб донистан зарур аст, ки ҳуқуқи андозро ба таркиби ҳуқуқи молиявӣ ворид намудаанд [3]. Ба гурӯҳи дувум бошад, онҳое дохил мешаванд, ки ҳуқуқи андоз ва мутаносибан низоми андозбандиро мустақим медонанд. Боиси зикр аст, ки новобаста аз ду ҳолати шартӣ низоми ҳуқуқи андоз танҳо ба яке аз унсури низоми ҳуқуқ, масалан, мавҷудияти қонунгузорӣ, принсипҳо, сарчашмаи ҳуқуқии танзимнамоӣ мустақим мавҷуд аст. Далели дигаре, ки, ба назари мо, ба мавҷудияти ҳуқуқи андоз дар низоми ҳуқуқии кишвар ишора менамояд, бевосита ҷой гирифтани он дар таснифгари санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рамзи хос аст.

Андозҳо дар аксари кишварҳо ба мустақим (андози бевосита аз молу мулк ё даромади андозсупорандаи воқеӣ ва шахсӣ ситонидашаванда) ва андозҳои ғайримустақим (андозҳое, ки амалан истеъмолкунандаи мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар арзиш ифода ёфтааст, гирифта шуда, андози арзиши иловашуда, аксизҳо) ҷудо гардида, нақши андозҳои мустақим назаррас аст. Ҷараёни зикршуда ба

мустаҳкамсозии мақоми ҳокимияти давлатӣ, мутамарказ намудани расмиёти ситонидани андозҳо ва, умуман, ба андозбандӣ ҳамчун омили дохилии рушд, ифодагари мустақилияти давлатҳо алоқамандӣ дорад.

Аз рӯйи аҳаммияташон андозҳо дар Тоҷикистон низ аз мустақим ва ғайримустақим иборат буда, ба умумидавлатӣ (6 намуди андозҳо) ва ба маҳаллӣ (1 намуди андозҳо) [6] мувофиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ҷудо мешаванд.

Низоми ҳуқуқи андоз монанд ба Тоҷикистон дар кишварҳои Беларус, Британияи Кабир, Қирғизистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Озарбойҷон вомехӯрад. Қайд намудан ҷоиз аст, ки байни низоми ҳуқуқи андози кишварҳои номбурда дар баробари монандӣ як қатор тафовутҳо низ ба назар мерасад. Барои мисол, агар дар Беларус ва Британияи Кабир низоми андозҳо дар заминаи қонунҳои алоҳида муайян карда шавад, пас дар Тоҷикистон сарчашмаи асосии ҳуқуқии муайян намудани андоз Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Вале дар фарқият аз кишварҳои ягона дар давлатҳои федеративӣ аз се то панҷ сатҳи андозбандӣ дар низоми андоз ба назар мерасад. Масалан, дар ИМА андозҳо дар сатҳи федералӣ, штатҳо, маҳаллӣ муҷовири универсалӣ ва махсус (ду сатҳи охир ба аксиз дахл дорад) ситонида мешаванд. Низоми андози Тоҷикистон ва ИМА монандӣ ва ҳамзамон, фарқиятҳои зиёд доранд. Дар ИМА ҳиссаи андозҳои мустақим нисбат ба андозҳои ғайримустақим барои пурра кардани буҷет мавқеи бештарро ишғол менамояд. Ҳамзамон, тартиби ҳисобу китоб ва ба таври устувор муайян намудани андозҳо фарқиятҳо дорад. Заминаи меъёрҳои ҳуқуқи андозҳои ИМА-ро санадҳои кодификатсионӣ (на Кодекси андоз, балки Кодекси даромадҳои дохилӣ, таҳрири охир с. 1986), санадҳои меъёрӣ ва услубидоштаи хазинадорӣ ташкил медиҳад.

Дигар масъалае, ки дар низоми танзими ҳуқуқии андоз, аз ҷумла, танзими ҳуқуқии андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад, гузоштани таносуб миёни андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аст. Қонунгузор дар Тоҷикистон дар радифи мафҳуми «андоз», мафҳумҳои «пардохтҳои ҳатмӣ», ба монанди «хироҷ» ва «пардохт», «боҷи давлатӣ»-ро ҳамчун категорияҳои ҳуқуқӣ истифода намудааст. Асосҳои ҳуқуқии фароҳам овардашуда, аз ҷумла қабули қонунҳои дахлдор дар Тоҷикистон дар ин самт имкон медиҳад, ки дар фарқ аз як зумра кишварҳои дунё тафовути мушаххас байни андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ гузошта шавад.

Дар як қатор давлатҳои дунё мисли муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонидани андозҳо ва пардохтҳо дар сатҳи конститутсионӣ ҳамчун уҳдадорӣ муайян гардидааст. Як қатор кишварҳо супоридани андозро ҳамчун уҳдадории аниқ дар конститутсияи худ муайян нанамуда, танҳо шаҳрвандонро дар самти андозбандӣ баробар медонанд.

Мусаллам аст, ки низоми андозбандӣ фишангест, ки асосан дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бо ду мақсад истифода бурда мешавад, якум, барои пешрафти низоми иқтисодӣ истифода гардида, сарчашмаҳои андозбандӣ ғанӣ гардонида мешавад, дувум, барои пешрафти иқтисодиёт монеа эҷод намуда, тавассути ҷоринамоии меъёрҳои зиёди андозӣ, яъне гаронии зиёд, рушди аз ҳад зиёди иқтисодиро пешгирӣ менамоянд [12, с. 140].

Доир ба рушди маъмурикунонӣ Х.Қ. Ҷумъабоев қайд менамояд, ки маъмурикунонии низоми андоз дар шароити муосир баъзе камбудиҳоро дар ҷодаи соҳаҳои иқтисодӣ аз байн мебарад [4, с. 146].

Тавре ки ба ҳама маълум аст, иқтисодиёти Тоҷикистон дар арафаи ҷоннокшавӣ қарор дорад, ки ҷорӣ намудани меъёрҳои зиёди андози садди роҳи рушди иқтисодӣ мегарданд.

Барои татбиқи сиёсати ҳуқуқи андозбандӣ, одатан, мақомоти ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор ва дар як қатор низомҳои ҳуқуқи умумӣ мақомоти судӣ вазифадор мегарданд. Агар ба ин ҷиҳат таваҷҷуҳ намоем, пас, маълум мегардад, ки дар аксари кишварҳо такя ба таҷзияи ҳокимияти давлатӣ – мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ вазифаҳои мақомоти мазкур муайян мешаванд. Илова бар ин, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ба муносибатҳои ҳуқуқи андози аксари кишварҳои дунё бетаъсир намемонад.

Дар низоми ҳуқуқи андози кишварҳои дунё тафовути аён ба назар мерасад. Тафовутҳо дар сарчашмаҳои танзимнамоии ҳуқуқӣ, принсипҳои андозбандӣ, шакл, миқдори андоз, меъёрҳои пардохти андоз, услуби ҳисобу китоби он, намудҳои ситонидан, таркиби субъективӣ, объекти андозбандӣ, марҳилаҳои пардохти андоз, ҷавобгарии андозсупоранда ва монанди инҳо мавҷуданд. Айни замон низоми андозбандии як қатор давлатҳои дунё монандӣ доранд. Аз дигар тараф, намудҳои андоз вобаста ба шароити мавҷуда, намудҳои фаъолият дар соҳибкорӣ ва ғайра, ҷорӣ мегарданд. Сабаб дар он аст, ки андоз ягона манбаъ ва сарчашмаи буҷети давлатист, ки давлат ба воситаи он вазифаҳои дохилӣ ва берунии худро иҷро мекунад.

Дар фазои ИДМ қонунгузории андоз кодификатсия гардида, низоми ҳамоҳангшудаи ҳуқуқӣ ба назар мерасад. Ба ин раванд, албатта, қабули қонунҳои моделӣ, аз ҷумла Кодекси намунавии андози ИДМ заминаҳои мусоид ба вуҷуд овардааст.

**Ҷадвали 1. - Таҳлили муқоисавии андоз аз даромади шахсони воқеӣ дар кишварҳои олам**

| ДАВЛАТҲОЕ, КИ ДАР ОНҲО АНДОЗ АЗ ДАРОМАД ВУҶУД НАДОРАД | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Андорра | Бермуд | Яман | АМА | Ҷазираҳои Вирҷин |
| Багам | Бурунди | Қатар | Уругвай | Ҷазираҳои Кайман |
| Баҳрайн | Кувайт | Сомалӣ | Вануату | Монако |

**Сарчашма: Таҳияи муаллифон.**

Тавре аз ҷадвал мушоҳида мешавад, андоз аз даромади шахсони воқеӣ қариб дар аксари кишварҳои олам амал мекунад. Фарқ танҳо дар он аст, ки дар иддае аз кишварҳо меъёри андоз аз даромад вобаста ба ҳаҷми даромади солонаи шаҳрвандон тибқи ҷадвалҳои гуногун пардохт мешавад. Аз он ҷумла, қариб дар ҳамаи кишварҳои собиқи Шуравӣ меъёри андоз аз даромад барои ҳамаи даромадҳо як аст.

Вале дар кишварҳои аврупоӣ аксаран вобаста ба ҳаҷми даромади солона якбора ду ё се меъёр пешбинӣ гаштааст. Масалан, дар Тоҷикистону Россия агар меъёри андоз аз даромад 13 фоиз муқаррар гашта бошад, дар Фаронса барои даромади солонаи шахсони воқеӣ, ки то 5963 евроро ташкил медиҳад, андоз муқаррар нагаштааст, вале даромади аз 5963 то 11 896 евро 5,5%, даромади беш аз 26 420 евро 14%, аз 26 420 то 70 830 евро 30%, аз 70 830 то 150 000 ҳазор евро 41% ва аз 150 000 то 1 000 000 45% андозбандӣ мешавад [12].

Яке аз масъалаҳои танзими давлатии низоми андоз ин ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ роҳи хеле муҳим ва самарабахши таъмини рушди босуботи иқтисоди миллӣ мебошад.

Зимни таҳқиқот муайян карда шуд, ки низоми андоз ва андозбандӣ ба омӯзишу такмили он давра ба давра ва истифодаи моделҳои муосири низоми андозии давлатҳои пешқадам ниёз дорад. Аз ин рӯ, масъалаҳои такмили низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар партави таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ имрӯзҳо мавқеи хоссаро доро мебошад, чунки низоми андоз бояд доимо мутавозин буда, ба шароитҳои иқтисодӣ ҳамрадиф бошад.

**Адабиёт**


1. Бобоев Ҷ.К. Таҳлили андозбандии соҳибкорони инфиродӣ тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҷ.К. Бобоев, И.М. Азизов // Қонунгузорӣ. - 2013. - №3. - С. 74-78.
2. Гараев И. Г. Предупреждение совершения нарушений законодательства о налогах и сборах как задача налогового контроля [Текст] / И.Г. Гараев // Налоги. - 2013. - № 4. - С. 43-46.
3. Ғаюров Ш.К. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ш.К. Ғаюров. - Душанбе, 2005; Абдуллоев Ф.Р. Ҳуқуқи молиявӣ (воситаи таълимӣ) / Ф.Р. Абдуллоев. - Душанбе, 2012. - 282 с.
4. Джумабоев Х.К. Вопросы администрирования национального налогового кодекса в современных условиях / Х.К. Джумабоев // Финансово-экономический вестник. - 2019.- № 3 (19). - С. 145-150.
5. Иброҳимзода И.Р. Асосҳои методологии танзими низоми андоз / И.Р.Иброҳимзода, Я. Ҳасанзода // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. - Душанбе: Дониш, 2020. - №2. - С.120-124.
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022.
7. Комилов С. Иқтисоди корхона / С. Комилов, У. Давлатзод. - Душанбе: Собириён, 2012. – 350с.
8. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, 2016.
9. Кучеров И.И. Налоговое право зарубежных стран / И.И. Кучеров. - М., 2003. – 285с.

10. Молияи Тоҷикистон: маҷмуаи оморӣ. - Душанбе, 2019. – С. 365 http://total-ratin.ru/43-nalogi-i-drugie-dohody-stran-mira.html.
11. Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование / М.З. Рахимов //Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. - Душанбе, 2014. - 300 с.
12. Ҳасанзод Я. Роҳҳои такмили танзими низоми андоз (дар асоси таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ) / Я.Ҳасанзод // Паёми молия ва иқтисод. - 2020. - № 2 (22). - С. 138-144.
13. Шай О. Самоограничение власти (краткий курс конституционализма) / О.Шай. Перевод с венгерского. - М.: Юрист, 2001. – 480 с.
14. Саидмуродов, Л. Х. Республика Таджикистан в системе современных мирохозяйственных связей: модель малой открытой экономики / Л. Х. Саидмуродов. – Душанбе : Дониш, 2021. – 414 с. – ISBN 978-99985—7074-0. – EDN OUINAH.

**УДК: 338. 124 (575.3)**

## АФКОРИ МУТАФАККИРОНИ ФОРСУ ТОҶИК ДАР САМТИ СИЁСАТИ ПУЛӢ

***Сабзаева Мавзуна Сайдқуловна*** *– н.и.и., муаллими калони кафедраи баҳисобгирии муҳосибии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/1. Телефон: 008-44-55-18.*

*Муаллиф дар мақолаи мазкур оид ба бузургии афкори мутафаккирони форсу-тоҷик оид ба сиёсати пулӣ, мақоми пул дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна, ки аз таърихи бою пурғановати иқтисодии халқи тоҷик шаҳодат медиҳад, ёдовар шудааст.*

*Муаллиф баръало қайд кардааст, ки нақши асарҳои мутафаккирони тоҷик ва, инчунин, таърихи тангаҳои пулии тоҷик дар тадқиқоти олимони хориҷӣ хеле назаррас аст, алалхусус сиккашиноси рус П.И. Лерх, инчунин А. Каннингэм, Э. Ҳерсфелд, А. Бивар, В.Г. Луконин ва Р. Гёбл барин муаррихон ва нумимзатҳо.*

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои муомилоти пулӣ, ислоҳоти пулӣ дар асрҳои қадим ва миёна, алалхусус доир ба моҳият ва хусусиятҳои муомилоти пулӣ, яъне тавофут ва гуногунӣ ва қимати фарққунанда доштани тангаҳо ва дирамҳои баровардашуда, заробхонаҳои асримиёнагӣ, сикказании тангаҳо, инчунин, анҷом додани пардохти хироҷ бо тангаҳои мазкур мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.*

*Дар ин баробар, оид ба аз тарафи ҳокимони асримиёнагӣ пасту баланд кардани арзиши пул, аз сар гузаронидани буҳрони вазнини муомилоти пулӣ, ки дар натиҷа, ба осеб дидани мардуми камбизоат оварда расонид, маълумот оварда шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *танга, динор, сикка задан, дирамҳои хоразмӣ, мусайябӣ, муҳаммадӣ, ғитрифӣ, таркиби нуқра, пардохти хироҷ, заробхона, ислоҳоти пулӣ, муомилоти пулӣ.*

## ТРУДЫ ВЕЛИКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ ТАДЖИКСКО-ПЕРСИДСКОГО НАРОДА В СФЕРЕ ВЕДЕНИЯ ДЕНЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ

***Сабзаева Мавзуна Саидкуловна*** *–к.э.н., старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова 64/1. Телефон: 008-44-55-18.*

*В данной статье автор высоко оценивая труды великих мыслителей таджикско-персидского народа в сфере ведения денежной политики, денежного обращения в древний и средневковые периоды, напоминает о богатой экономической истории таджикского народа. Следует отметить, что научные труды таджикских ученых в этой сфере, история о монетах таджикского народа заметно использованы в исследованиях*

*зарубежных ученых, особенно выделяется русский исследователь по изучению чеканных изделий П.И.Лерх, а также А. Каннингэм, Э.Херсфельд, А.Бивар, В.Г.Луконин, Р.Гёбл - историки и нумизматы.*

*В данной статье рассмотрены проблемы денежного обращения и денежной реформы в средние века, особенно сущность и особенности денежного обращения, то есть отличие и разнообразность стоимости ценности выпущенных монет и дирамов, средневековые монетные дворы, чеканки монет, осуществление выплаты налогов данными монетами.*

*А также приведена информация об изменений ценности денег средневековыми эмирами, перенесение тяжёлого денежного кризиса, что в итоге привело к бедствию огромных слоев населения.*

***Ключевые слова:*** *танга, динар, чеканить, дирамы:хоразмӣ, мусейяби, мухаммади, гитрифи, состав серебро, выплата налога, монетный двор, денежная реформа, денежное обращение.*

## THE WORKS OF THE GREAT THINKERS OF THE TAJIK-PERSIAN PEOPLE IN THE FIELD OF MONETARY POLICY

***Sabzaeva Mavzuna Saidkulovna*** *- Ph.D. in Economics, Senior Lecturer of the Accounting Department of the Tajik State Financial and Economic University.*

*Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/1. Phone: 008-44-55-18.*

*In this article, the author, highly appreciaties the works of the great thinkers of the Tajik-Persian people in the field of monetary policy, monetary circulation in ancient and medieval periods, recalls the rich economic history of the Tajik people. It should be noted that the scientific works of Tajik scientists in this area, the story of the coins of the Tajik people are noticeably used in the studies of foreign scientists, especially the Russian P.I. Lerkh and, respectively, A. Cunningham, E. Hersfeld, A. Bivar, V.G. Lukonin, R. Gobl historians and numizators.*

*This article discusses the problems of monetary circulation and monetary reform in the Middle Ages, especially the essence and features of monetary circulation, that is, the difference and diversity of the cost and value of issued coins and dirams, medieval mints, minting coins, paying taxes on these coins.*

*It also provides information about the change in the value of money by medieval emirs, the transfer of a severe monetary crisis, which ultimately led to damage to the poor.*

***Key words:*** *tenga, dinar, minting, dirams: khorazm, museyabi, muhammadi, gitrifi, composition silver, payment of tax, mint yard, monetary reform, monetary circulation.*

Афкори мутафаккирони форсу тоҷик дар самти сиёсати пулию қарзӣ, муомилоти пулӣ, мақоми пул дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна хеле назаррас аст, ки ин аз таърихи бой ва пурғановати иқтисодии тоҷикон шаҳодат медиҳад, алалхусус навиштаҳо дар осори безаволи Б. Ғафуров «Тоҷикон» оид ба сиёсати пулӣ, муомилоти пулӣ, мақоми пул дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна, «Таърихи Бухоро”-и Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ ва, инчунин, “Давлати Сомониён”-и Нуъмон Неъматов, оид ба ташаккули халқи тоҷик, рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии таъриху маданияти бойи халқи тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намудаанд.

Маълумотҳои Наршахӣ дар бораи тангаҳое, ки дар Бухоро сикка зада мешуданд, барои сиккашиносон бисьёр муҳим буд. Ҳанӯз соли 1875

сиккашиноси рус П.И. Лерх дар омӯзиши сиккаҳои бухорхудотҳо аз маълумотҳои Наршахӣ васеъ истифода намуда буд.

Аз сарчашмаҳои зерин бармеояд, ки нахустин шахсе, ки дар Бухоро тангаро сикка зада буд, Коно ном подшоҳе буд, ки давраи ҳукмронии ӯ дар Бухоро 30 солро ташкил додааст. Дар замони хилофати Абӯбакри Сиддиқ (632-634) бо фармони Коно бори аввал дар Бухоро аз нуқраи холис тангаҳо сикка задаанд. Аз ин тангаҳои мазкур то ба замони мо ягонто омада нарасидааст.

Муаллифи ягонае, ки дар бораи Коно (Кано) Бухорхудот хабар додааст, Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ мебошад. Инчунин, Наршахӣ оид ба Ғитрифӣ - волии Хуросон қайд намудааст, ки яке аз амалҳое, ки Ғитриф ибни Ато дар Бухоро анҷом додааст, сикка задани тангаҳое, ки аз номи ӯ ғитрифӣ ном гирифтанд, мебошад.

Дар асари ал-Муқаддасӣ ривояте ҳаст, ки гӯё «дар Бухоро се бародар будааст бо номҳои Муҳаммад, Мусайяб ва Ғитриф, ки ҳар кадом ба номи худ дар Бухоро дирҳам сикка задаанд» [1, с.287].

Дар асл ин се нафар бародари якдигар набуданд, яъне ҳар кадом дар алоҳидагӣ амиру волиёни Бухоро буданд, яъне Муҳаммад – амири маҳаллии Бухоро, Мусайяб дар солҳои 780-783 ва Ғитриф дар солҳои 792-793 ва бо номҳои худ тангаҳои алоҳида, яъне тангаҳои муҳаммадӣ, мусайябӣ ва ғитрифӣ сикка задаанд.

Воситаи асосии муомилоти пулӣ дар Осиёи Миёна дар асрҳои IX-X дирамҳое буданд, ки дар маъхазҳо дирамҳои хоразмӣ, мусайябӣ, муҳаммадӣ ва ғитрифӣ номида шудаанд. Ин тангаҳо бархилофи дирамҳои исмоилӣ хеле кам хат, вале хеле зиёд сурат доштанд, яъне сурати асосии рӯйи ин тангаҳо, яъне як тарафаш сурати нимпайкараи подшоҳ ва тарафи дигараш назаргоҳи муқаддас бо оташу посбонон буд. Яке аз хусусиятҳои он давра дар он зоҳир мегардад, ки пардохти хироҷ маҳз ба ҳамин се хели тангаи суратдор дода мешуд ва ба ҳар як вилоят пардохти хироҷ бо тангаҳои алоҳида муқаррар карда шуда буд, яъне ҳар як вилоят уҳдадор буд, ки хироҷи худро фақат бо ҳамон навъи тангаҳо диҳад, ки барои он вилоят муқаррар шудааст ва ҳақ надошт, ки аз доираи муқарраргардида берун бароянд. Масалан, вилояти Шош, ки конҳои зиёд дошт ва шаҳри Хуҷанд хироҷи худро бо дирамҳои мусайябӣ бояд медод, ки таркиби нуқраи ин хеле тоза буд. Суғд ва маркази он Самарқанд, инчунин Фарғона чун хироҷ бояд дирами муҳаммадӣ медоданд. Бухоро бошад, фақат дирами қитрифӣ медод ва ғайра. Хироҷи вилояти Устурушан бошад, 48 ҳазор дирами муҳаммадӣ ва 2 ҳазор дирами мусайябӣ буд [3, с.371].

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки се намуди дирам аз ҳамдигар фарқи калон доштанд, вагарна ҳар як вилоят метавонист хироҷи худро ба ҳамон дираме, ки мехоҳад, пардохт намояд.

Дар бобати фарқи дирамҳо ду ақида аст: мувофиқи ақидаи якум (ба гуфтаи олимон Markoff, 1891; П.И. Лерх, 1909; WallkerS, 1941; М.Е. Массон, 1965), фарқи дирамҳо фақат дар хатти арабии онҳо мебошад. Мувофиқи ақидаи дуюм (Е.А. Давидович, 1966), фарқ дар таркиби онҳост. Ақидаи дуюмро баъзе маъхазҳо ҳам тасдиқ менамоянд.

Мусайябӣ аз нуқраи холис сикка зада мешуд ва, ба қавли Ибни Ҳавкал, тангаҳои мусайябӣ ганҷинаи онҳост. Ба қавли Истахрӣ, таркиби тангаҳои муҳаммадӣ оҳан, мис, нуқра ва ғайра дошт, яъне ин тангаҳо аз нуқраи холис набуданд. Тангаҳои қитрифӣ бошанд, аз биринҷӣ сикка зада мешуданд. Аз ин рӯ, қурби онҳо гуногун буданд, яъне бо дирами мусайябӣ аз ҳама зиёдтар ва ба дирами қитрифӣ аз ҳама камтар чиз фурӯхта мешуд.

Яке аз хусусиятҳои аҷоиби муомилоти пулии асрҳои IX-X ин аст, ки қурби тангаҳои аз тангаи нуқраи давлатии исмоилӣ баландтар буд, ҳатто тангаи биринҷии қитрифӣ аз тангаи исмоилӣ бақурбтар маҳсуб меёфт, яъне ба он чизи бисёртар харидан мумкин буд.

Масъалаи санаи аз давлати Сосониён шикаст хурдани давлати Кушон бе ҳалли масъалаи муайян намудани санаи сосонукушонӣ ва кушонусосонӣ ном тангаҳо ҳал карда намешавад. Ба таҳқиқи ин масъала А. Каннингэм, Э. Ҳерсфелд, А. Бивар, В.Г. Луконин, Р. Гёбл барин муаррихон ва нумимзатҳо машғул шуданд. Як қисми ин тангаҳо мисли тангаҳои сосонӣ сикка зада мешуданд. Дар ин тангаҳо бо забони форсии миёна хат аст. Ин тангаҳоро заробхонаҳои Марв ва Ҳирот мебароварданд. Дигар хел тангаҳо мисли тангаҳои давраҳои охири давлати Кушон бароварда мешуду дар онҳо номи Васуведа буд. Васуведа яке аз шоҳоне мебошад, ки солҳои тӯлонӣ дар сари давлат ҳукмронӣ намудааст. Хати ин тангаҳо ҳам бо забони форсии миёна, вале он бо ҳарфи кушонӣ навишта шудааст ва зимнан, дар баъзеи онҳо калимаи «Бахло» (яъне Балх) аст. Ба тахмини Э. Ҳерсфелд, ҳамаи ин тангаҳое, ки ба тангаҳои Кушониён шабоҳат доранд, дар Балх сикка зада мешуданд, ҳатто ҳамон тангаҳое, ки дар онҳо номи шаҳр нест, низ аз Балх мебаромаданд. Вале Бивар ин иддаоро ҳаққонӣ зери шак монда, ақидае изҳор намуд, ки зарробхонаи асосӣ дар қарибиҳои Кобул воқеъ буд.

Дар яке аз тангаҳо чунин катибае аст: «Муъмини Маздак, подшоҳи Ҳурмузд, шаҳаншаҳи аъзам» ва илова бар ин, номи зарробхонаи Марв зикр шудааст. Дар дигар тангаҳо номҳои Ардашер, Пирӯз, Варохран ба назар мерасад. Пештар баъзе олимон, аз ҷумла Э. Ҳерсфелд тахмин доштанд, ки фарз кардем, Ҳурмузди тангаҳои кушонусосонӣ ин ҳамон шаҳаншоҳи Эрон Ҳурмузди II (солҳои 302-309) аст ва ғайраву ҳоказо. Дар натиҷаи таҳлили муфассали таърихӣ, В.Г. Луконин ба чунин хулоса омад, ки ин тавр бевосита айният додан ғалат аст. Вай исбот мекунад, ки тангаҳои кушонусосонӣ ва сосонукушониро шоҳзодагони Эрон (ки баъзе аз онҳо умуман шаҳаншоҳи Эрон нашудаанд) аз миёнаҳои асрҳои IV то миёнаи асри V-уми мелодӣ мебароварданд.

Тангаҳои тилло (динорҳо) дар давраҳои Сомониён хеле бисьёр бароварда мешуд, вале миқдори бештари онҳоро берун аз ҳудуди Осиёи Миёна сикка мезаданд. Сиккахонаҳои Осиёи Миёна фақат гоҳ–гоҳ динор мебароварданд. Тибқи сарчашмаҳои таърихӣ, ин динорҳо ба қимати мол роҳ доштанд, яъне мисли танга дона-дона кор фармуда намешуданд, балки фақат арзиши вазни онҳо ба назар гирифта мешуд, яъне вазни динорҳо аз ҳамдигар фарқи калон доштанд ва донабайъ истифода бурдани онҳо ғайриимкон буд.

Дар асрҳои XI- XIII бошад, тангаҳои тилло на аз рӯйи шумора, балки ба арзиши вазн истифода бурда мешуданд, вале дар ин давраҳо ин тангаҳо дар муомилоти ҳақиқии савдо низ ба кор мерафтанд. Дар асрҳои IX-X бошад, онҳо амалан воситаи муомилот набуданд.

Истахрӣ дар бораи тангаҳои Бухоро менависад: «Дар Бухоро бо динор тиҷорат намекунанд». Ибни Фазлон ҳам, ки соли 921 ба Бухоро омада буд ва ба тадқиқи пулҳои Бухоро мароқи калон дошт ва онҳоро муфассал тасвир карда буд, динорҳои тиллоиро, хатто номбар ҳам намекунад. Аз афти кор, динорҳои тилло фақат василаи андухт буданд, яъне онҳоро ҷамъ карда дар хазина нигоҳ медоштанд. Агар дараҷаи нархҳои он давра ва миқдори тиҷоратро ба назар гирем, ҳатто калонтарин харидуфурӯшро бо пули нуқра, бо дирамҳо анҷом додан мумкин буд.

Дар асрҳои IX-X дар давлати Тоҳириён ва Сомониён намудҳои гуногуни дирамҳо сикка зада мешуд ва ҳар як дирам номи махсус ва қадри махсус дошт. Аз асри IX, алалхусус аз асри X сар карда, сиккаи мунтазами дирамҳои умумидавлатии нуқра оғоз ёфт. Дар ин дирамҳо фақат хатти арабии куфӣ буд. Дар асри X ин тангаҳоро аз номи Исмоили Сомонӣ тангаҳои «исмоилӣ» меномиданд. Тангаҳои мазкур дар Осиёи Миёна кам ёфт шудаанд, аммо дар Аврупои Шарқӣ ва дар ноҳияҳои назди Балтика садҳо ганҷинаҳои пулии ин гуна дирамҳо ба даст омаданд. Аз ин ҷо бармеояд, ки пулҳои «исмоилӣ», пеш аз ҳама, воситаи тиҷорат буданд, гарчанде дар ҳаёти иқтисодии мамлакат ҳам мақоми муайяне доштанд. Тадқиқи таркиби нуқра ва вазни он иддаои болоии моро тасдиқ менамояд. Аввалҳо меъёри он олӣ ва вазни ҳар як танга аниқ буд ва ин нишон медиҳад, ки пули исмоилӣ дар дохили мамлакат чун воситаи муомилот бояд донабайъ ба кор мерафт ва дарвоқеъ, чунин ҳам буд. Вақте маълум шуд, ки аксари тангаҳои исмоилӣ аздусар ба хориҷа мераванд ва дар хориҷа бошад, тангаҳо на донабайъ, балки аз рӯйи вазни худ истифода мешаванд, ба ин сабаб ҳукумати Сомониён қарор дод, ки сиккаи онро камхарҷу осонтар кунад. Дарвоқеъ, сӣ сол ҳам нагузашта, вазни дирамҳои исмоилӣ тамоман дигар шуд ва вазни тангаҳо аз ҳамдигар тавофути калон пайдо кард. Инчунин, таркиби пули нуқра ҳам тағйир ёфт. Ин гуна тангаҳо дар дохили мамлакат донабайъ истифода шуда наметавонистанд ва ин бевосита набошад ҳам, равшан нишон медиҳад, ки дирамҳои исмоилӣ дар савдои дохилӣ мавқеи қазоӣ надоштанд. Эҳтимол, онҳо ҳам мисли тилло фақат аҳён-аҳён дар бозори дохилӣ ба кор мерафтанд [3, с.370-371].

Дар савдои чакана пули сиёҳ ё худ фулус ба кор мерафт. Миқдори муайяни фулус бо як тангаи нуқра баробар карда мешуд, вале ин миқдор дар ҳар ҷо ҳар хел буд. Дар Бухоро, масалан, пули сиёҳи «адлӣ» ва пашиз сикка зада мешуд, 24 пули сиёҳ баробари як дирҳами нуқраи исмоилӣ буд [4, с.198-208; 9, с.73-80]. Фулус, одатан, дар ҳудуди вилоят ба кор мерафт, вале амалан аз ҳудуди вилоят берун ҳам истифода мешуд, лекин дар ин сурат қурби он андак паст мегашт. Чунончи, дар худи ҳамон соли 921 дар Бухоро як фулуси Самарқанд фақат 2/3 ҳиссаи он чизро харидан мумкин буд, ки ба як фулуси Бухоро ба фурӯш мерафт.

Хусусияти муомилоти дирамҳои мусаййбӣ, муҳаммадӣ ва қитрифӣ ва фулус далолат менамояд, ки ҳатто дар асри X, дар аҳди давлати ба таври кофӣ мутамаркази Сомониён, Осиёи Миёна аз ҷиҳати иқтисодӣ як чизи том набуд. Ҳудуди вилоятҳои алоҳидаи иқтисодӣ равшан намоёнанд, ки ҳар яке соҳиби бозори худ буданд. Ин бозорҳои вилоятӣ ба равнақу ривоҷи равобити тиҷоратӣ нигоҳ накарда, муддате маҳдудияти худро пойдор доштанд ва ҳатто соҳиби пули махсуси худ ҳам буданд. Ба ин сабаб ҳукумат маҷбур буд, ки ин хусусияту анъанаҳоро ба инобат гирад.

Дар замони мавриди таҳқиқ дар ҳудуди давлати Сомониён як қатор заробхонаҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ амал мекарданд. Заробхонаҳои марказӣ дар Бухоро ва Самарқанд «Маъдан-уш-Шош» (дар кӯҳҳои Чоч), Нишопур, Балх буда, заробхонаҳои маҳаллии Бинкат, Исфиҷоб, Тункат, Ахсекат, Насробод, Истаравшан, Хуталон, Тирмиз, Балх, Андароба, Бомиён, Марв ва ғайра аз қабили онҳоянд [10, с.75-82].

Дар тиҷорат ғайр аз танга дар асри X боз чакҳои махсус истифода бурда мешуданд. Маблағеро дар шаҳре ба саррофи махсус супорида чак гирифтан ва бо он чак аз шаҳри дигар, ҳатто дар ҳудуди дигар мамлакат он маблағро гирифтан мумкин буд. Системаи чак дар мамлакатҳои мусулмонӣ хеле инкишоф ёфта буд [8, с.97].

Миқдори зиёди дирамҳои исмоилии Сомониён, ки дар саросари Россия, ҳатто аз худи соҳилҳои Балтик ёфт шуданд, далолат менамоянд, ки робитаи тиҷоратии байни Осиёи Миёна ва Давлати Рус хеле мустаҳкам ва бо ривоҷу равнақ буд. Аз мулки Булғор ба Осиёи Миёна мӯина, чарм, масолеҳи чармгарӣ, чорво, асал, чормағз ва ғулом меоварданд. Аз Осиёи Миёна ба кишварҳои шарқии Аврупо биринҷ, меваи хушк, матоъҳои гуногун ва беш аз ҳама дирамҳои нуқраи исмоилӣ мебурданд [3, с.373].

Дар таърихи Осиёи Миёна муборизон ва ҳокимоне буданд, ки ислоҳоти пулиро ба анҷом мерасониданд, яке аз онҳо ҳокими тоҷир – Масъудбек - писари Маҳмуди Ялавоҷ буд, ки дар ибтидои солҳои 70-уми асри XIII муҳимтарин ислоҳоти пулиро ба миён овард. Ислоҳот соли 1271 эълон шуда, асосан дар бист соли охири асри XIII амалан ҷорӣ гардид ва муваффақият пайдо кард. Дар давраи ислоҳоти Масъудбек дар бисёр шаҳру вилоятҳои Осиёи Миёна нуқраи аз ҷиҳати вазну иёр баробар сикка зада мешуд.

Сиккаҳои мазкур, бо вуҷуди дар маҳалҳо бароварда шудан, дар муомилоти умумидавлатӣ эътибор доштанд. Пули нуқра беш аз ҳама ба нарху наво ва ҳаҷми тиҷорати дохили Осиёи Миёнаи феодалӣ мувофиқат мекард. Вале зиёда аз дуним аср дар Осиёи Миёна зарби нуқра ба таври мунтазам ба амал омад ва қатлу ғорати истилогарони муғул бартараф намудани бухрони ин пулро хеле ба таъхир андохт.

Борҳо барои баргаштан ба муомилоти пули нуқра кӯшиш карда шуд, аммо ҳамаи ин кӯшишҳо натиҷае набахшиданд. Ислоҳоти Масъудбек бошад, муваффақияти тамом пайдо кард, ки аз тайёрии хуб ва саривақтии ин тадбир гувоҳӣ медод.

Зарби сиккаи нукра озод буд, ҳар кас метавонист, ки нуқраи худро ба заробхона бурда, ба музди муаяйн барояш пул созонад. Ислоҳот ҳамон

вақт комилан муваффақият пайдо мекард, ки ба ташкили зарби озодонаи сикка имконият муҳайё шавад, дорандагони нуқра худро «маълум» кунанд ва нуқраи худро ба заробхона биёваранд. Муҳимтар аз ҳама, ба ин кор бовар кунонидани одамон буд. Онҳо бояд барои эмин будан аз худсарӣ, зӯроварӣ ва ғоратгарии муғулҳо замонат дошта бошанд ва ба хубӣ бифаҳманд, ки ин тадбир ягон фиреби ба манфиати худ пешгирифтаи ҳукумат нест [3, с.476].

Саъю кӯшиши Масъудбек ҷиҳати дар ҳама маҳалҳо ҷорӣ намудани зарби пули нуқра яку якбора ба даст наомад, танҳо дар солҳои 90-уми асри XIII дар 16 шаҳру вилоят заробхона кушода шуда, зарби пули нуқра фаровон гардид.

Ҳамин тариқ, ислоҳоти пул дар охирҳои асри XIII муваффақияти калон ба даст оварда, дар ин замина, истеҳсолоти молӣ ва, умуман, ҳаёти шаҳрҳо қисман барқарор гардида, рӯ ба тараққӣ ниҳод. Зоҳиран вазъи шаҳрҳо ва тиҷорат дар вилоятҳои шимолу шарқии Осиёи Миёна, ҳамчунин як қисми Ҳафтрӯд (хусусан сиккаҳои Тироз, Ганҷдеҳ,Утрор ва ғ. хеле фаровон буд) [3, с.477]. Вазъияти хоҷагии пулӣ дар асри XVI, таъсири сохти давлати Шайбониён ба пулбарорӣ ва муомилоти пулӣ аз нуқтаҳои хеле муҳим ба шумор меравand. Барои охири асри XV ва даҳаи аввали асри XVI истифодаи боздоштанашавандаи нишони пулӣ хос аст. Ҳокимони зуд-зуд ивазшавандаи шаҳру вилоятҳо саъй мекарданд, ки аз кори пулбарорӣ ба ҳар васила фоидаи бештаре ба даст оваранд. Дар ин давра, хусусан, дар сикказанӣ ва муомилоти пули мисӣ бетартибӣ ва худсариҳои зиёде рӯй дод, дар сурате ки маҳз ҳамин пул дар чаканафурӯшӣ истифода мешуд.

Ду ислоҳоти пулие, ки дар зарфи чоряки аввали асри XVI гузаронида шуд, мақсади аслии онҳо сохтани шароити мусоид барои тиҷорати пулӣ буд, возеҳу равшан шаҳодат медиҳанд, ки фароҳам овардани чунин шароит, тавре ки мебоист, имконпазир нагардид. Ислоҳоти дуюм бошад, ба сабаби худсарии соҳибони мулк якбора гузаронида нашуд, барои аз байн бурдани буҳрон ва дар миқёси тамоми давлат мураттаб сохтани муомилоти пулӣ бештар аз 15 сол лозим омад.

Пас аз ислоҳоти Кӯчкунчихон, ки соли 1525 ба анҷом расид, фоидаи аз зарбу гардиши пул бадастоварандаи ҳокимони мулк боз ҳам афзунтар гардид. Тавассути ин ислоҳот қоидае расмият пайдо кард, ки мутобиқи он даромади мулкдорони калон аз сикказании масалан пули нуқра аз ду манбаъ ҳосил мешуд: яке - пардохти ба мизони муайян даромади соҳибони филиз, дигаре - олоте, ки аз макру найрангҳои ошкорои табдили қурби нуқра ба даст медаромад. Маънии манбаи охирӣ аз ин иборат буд, ки пулҳои нуқраи ҳамвазну ҳаммаҳак ба ду гурӯҳ – «сиккаи кухна» ва «сиккаи нав» ҷудо карда шуда, ба онҳо арзиши гуногун дода мешуд (чунончи, қобилияти хариди 10 тангаи «кухна» баробари 9 тангаи «нав» буд). Ба истибдоди Ҳокимияти давлатӣ такя карда, дар сари ҳар чанд вақт пулҳои «нав» худсарона «кухна» эълон карда мешуданд, ки ба ин васила 10% даромади муфт ба хазинаи давлат медаромад ва соҳиби пул ҳам якбора 10% зиён мекашид. Ҷенкинсон, ки дар солҳои 1558-1559 ба Бухоро сафар

карда буд, истифодаи беисти нишони пулӣ ва оқибатҳои онро дар тиҷорат хеле боварибахш тавсиф намудааст: «Подшоҳ ҳар моҳ ва гоҳо дар як моҳ ду бор арзиши нуқраро баланд ё паст мекунад: вай аз ҳоли мардум парвое надорад, чунки барои аз ду ё се сол зиёдтар ҳукм рондан чашмаш намерасад, ӯро ё мекушанд ва ё меронанд. Ин ҳолат мамлакатро хароб ва тоҷиронро муфлис мегардонад». Ба ин бояд ҳаминро илова кард, ки ҳокимони мулк баробари афзудани парокандагии феодалӣ беш аз пеш муомилоти пули умумидавлатиро мамониат мекарданд. Онҳо ҳарчи бештар даромад ба даст овардани шуда, пеши роҳи дар қаламравашон гардиш кардани пули мулкҳои дигарро мебастанд. Бесабаб нест, ки дар чоряки савуми асри XVI Осиёи Миёна боз як буҳрони хеле сахти муомилоти пулиро аз сар гузаронид [3, с.552-553]. Дар натиҷаи тохтутози муттасили ҳафтодсолаи қазоқҳо (1723-1730) водии Зарафшон тамоман ба харобзор табдил ёфт. Каҳтӣ ва гуруснагии сахт сар шуд. Шахсони аз ҷанги ин фалокат наҷотёфта ба ҳар тараф фирор карданд. Бухоро ва Самарқанд беодам монд [12, с.72-73]. Вазъи умумии пулдорӣ ва сиёсати ҳукумат дар соҳаи пулбарорӣ ва гардиши пул низ барои касбу ҳунар ва тиҷорат номусоид гардид [5, с.100-134].

Дар охирҳои асри XIX ва аввали асри XX капитализм дар Россияи подшоҳӣ ба марҳалаи олӣ, марҳалаи империалистии тараққиёти худ қадам ниҳод. Капитализми навбаромади Россия ба иқтисодиёти кишвари Туркистон низ асар кард.

Бонкҳои калонтарини Россия ба Туркистон таваҷҷуҳи беандоза зоҳир намуда, ҷиҳати истифодабарии захираҳои бойи кишварҳои Осиёи Миёна бо сармояи худ дар шаҳрҳои Тошканд, Самарқанд, Андиҷон, Қӯқанд, Бухорои нав (Когон) бонки давлатӣ ва шуъбҳои мухталифи корхонаҳои гуногуни молиявиро таъсис доданд.

Сармояи бонкҳои мазкур соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти Осиёи Миёна, асосан ба саноати пахта равона мегардид. Масалан, Бонки русии тиҷоратии хориҷӣ («Русский для внешней торговли банк»), асосан ба савдои пӯсти қароқулӣ, Бонки Русу Азов («Русско-Азовский банк») сохтмони роҳи оҳани Бухороро бо пул таъмин мекард ва дар Аморати Бухоро калонтарин иҷорагири замин буд; Бонки Азову Дон («Азовско-Донской банк»), ки ба аркони саноати газвори пахтагини Петербург соҳибихтиёрӣ мекарданд, тамоми хариди пахта ва коркарди нахусти онро ба даст гирифт; дар ин кор шарик ва айни ҳол рақиби он Бонки тиҷоратии Сибир («Сибирский торговый банк»); дар ин гӯшаи дури империяи Россия Бонки ҳисобию бунакдиҳандаи Москва («Московский учетно-ссудный банк») ҳам такопӯи зиёде дошт.

Дар як худи шаҳри Бухоро дар солҳои Ҷанги якуми ҷаҳонӣ 8 шуъбаи бонкҳо (1 шуъбаи бонки давлатӣ ва 7 шуъбаи бонкҳои хусусӣ) кор мекарданд. Муомилоти 6-тои онҳо ба ҳисоби миёна дар соли 1915 ба маблағи 20,3 млн сӯм баробар буд [12, с.4]. Дар ин ҷо барои амалиёти ширкатҳои корчаллони ҳарис, аз он ҷумла ширкати тиҷорату саноатии мануфактураи калони Ярослав, ширкатҳои Андреев, Потеляховский, Москва, ширкати тиҷоратии бародарон Крафт, Вадяевҳо, Шлоссберг,

ширкати саҳмдори газворҳои пахтагини Познанский, ширкати тиҷорат бо Эрон ва Осиёи Миёна шароити басо мусоид муҳайё гардида буд.

Ҳамаи ин дорандагони капиталистӣ, ки бо «ширкат»-у «ширкатчаҳо»-и аз худ хурдтар такя доштанд, деҳқонон, пролетарҳо, нимпролетарҳо, косибонро бераҳмона талаву тороҷ мекарданд. Халқҳои Осиёи Миёна мисли дигар халқҳои бисёр ноҳияҳои империяи Россия ҳам аз равнақу ривоҷи муносибатҳои капиталистӣ азоб мекашиданду ҳам ин муносибатҳо ба дараҷаи кофӣ равнақу ривоҷ надоштанд.

Пас аз анҷоми сохтмони роҳи оҳани Тошканд, ки Осиёи Миёнаро ба Оренбургу Москва пайваст, тиҷорат хеле равнақ ёфт. Масалан, агар соли 1865 содироти Бухоро 3306 ҳазор сӯми тилло ва воридоташ 1913 ҳазор сӯми тилло бошад, пас солҳои 1900-1904 ба ҳисоби миёна ба 23 200 ҳазор сӯми тилло расид.

Муносибатҳои пулию молӣ хеле ривоҷ ёфтанд. Деҳқонон беш аз пеш барои бозор шуда кор мекарданду ба тақозои содирот мутобиқ мешуданд [3, с.705].

## Хулоса

Сарчашмаҳои таърихӣ шаҳодати онанд, ки халқи тоҷик иқтисодиёти бою пурғановате дошта, барои ривоҷу равнақ додани иқтисодиёти худ, хусусан дар соҳаи ислоҳоти пулӣ-молӣ корҳои бузургеро ба анҷом расонидааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҳар як давру замон сиёсати пулӣ, ислоҳоти пулӣ-молӣ хусусиятҳои худро доштанд, яъне ин ислоҳот бе истиснои мубориза, саъю кӯшишҳои муборизон ва шикаст додани манфиатҷӯён, ки ба талаву тороҷи ҳокимият ва одамони одӣ машғул буданд, ба осонӣ ба даст намеомаданд. Пул, ки асоси ченаки арзиши моли мардум буда, меҳнати инсон дар он таҷассум мегардид ва инчунин манбаи асосии ҳаёти иқтисодию иҷтимоии инсонҳо буд, бинобар ин, онҳо кӯшиш менамуданд, ки қурби пул тӯлонӣ устувор бимонад.

Дар ҳар давру замон қаллобон ва манфиатҷӯёне ҳастанд, ки дар бозорҳои сиёҳ қурби асъори миллии давлатиро нисбат ба асъорҳои мухталифи хориҷӣ дар марҳилаҳои муайян пасту баланд менамоянд, ки аз ин кор мардуми одӣ, соҳибкорони хурду миёна бисёртар зарар мебинанд.

**Адабиёт**

1. Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфари Наршахӣ. Таърихи Бухоро / Наршахӣ Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. - Душанбе: «Пайванд», 2012. - 736 с.
2. Аминов А.Н. Экономическое развитие Средней Азии (колониальный период) / А.Н. Аминов. – Ташкент, 1959. - 297 с.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. - Душанбе: Ирфон, 2020. - 884 с.
4. Давидович Е.А. Ибни Фадлон и Наршахи о медных деньгах Бухары / Е.А Давидович// Рудаки и его эпоха. – Сталинабад, 1958. - С 198-208.
5. Давидович Е.А. Нумизматические материалы для истории развития феодальных отношений в Средней Азии при Саманидах / Е.А. Давидович. - Сталинабад, 1954.
6. Давидович Е.А. История денежного обращения средневековой Средней Азии / Е.А. Давидович. – Москва: «Наука», 1983. - 360 с.
7. Массон М.Е. К вопросу о черных дирхемах мусеяби / М.Е. Массон. - Ташкент: Тр. ИИаН АН. Уз. ССР, выпуск 7, - 1955.

8. Неъматов Н. Давлати Сомониён / Н. Неъматов. - Душанбе: Ирфон, 1989. - 304 с.
9. Федоров М.Н. О покупательной способности дирхема и динара в Средней Азии и сопределных с нею странах IX-XII вв. / М.Н. Федоров // История материальной культуры Узбекистана. – Ташкент, 1972. - №9. – С. 73-80.
10. Федоров М.Н. Из истории денежного обращения в Средней Азии в конце VIII первой половины XII вв. (К проблеме «черных дирхемов») / М.Н. Федоров. // СА. 1973. - №2. – С. 75-82.
11. Чехович О.Д. Документы к истории аграрных отношений в Бухарском ханстве XVII вв. / О.Д. Чехович. – Ташкент, 1954. - 269 с.
12. Рябинский А. Царская Россия и Бухара в эпоху империализма / А. Рябинский // Историк-марксист. – 1941. - №4. – С. 3-26.

**УДК: 338.48**

## ФОРМИРОВАНИЕ И РАЗВИТИЕ ТУРИСТИЧЕСКОГО СЕКТОРА В ТАДЖИКИСТАНЕ

***Акдодова Нилуфар*** *- ассистент кафедры мировой экономики и международной торговли, Таджикский государственый финансово-экономический университет. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992)93 466 76 36. E-mail: akdodova1992@mail.ru*

***Давлатшоева Зарина*** *- к.э.н., доцент, заведующая кафедрой мировой экономики и международной торговли, Таджикский государственный финансово-экономический университет. Адрес:_734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел.: (+992)93 404 43 32.*

*В этой статье авторы упоминают, что туризм является одной из крупнейших и быстро растущих отраслей в мире и дает больше всего рабочих мест. Во многих развивающихся странах отрасль туризма находится в числе лидеров по генерируемому доходу и традиционно включается в повестку дня при разработке стратегий развития. В настоящее время одним из важных секторов индустрии туризма является сельский туризм, который играет важнейшую роль главной движущей силы в экономическом росте и развитии сельской местности, предоставляющих лидирующие возможности. Может привести к региональному экономическому разнообразию и обеспечить производительные возможности трудоустройства на основе потенциалов, существующих в сельской местности, может повлечь за собой повышение уровня благосостояния, уровня жизни, доходов, безопасности, стабильности и содержания населения в сельской местности.*

***Ключевые слова:*** *туристическая дестинация, международный туризм, туроператоры и турагентства, туристический сектор, сельский туризм, достопримечательности, агротуризм, интерохота, инфраструктура, экотуризм*

## ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

***Акдодова Нилуфар*** *– ассистенти кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, тел.: 93 466 76 36, E-mail: akdodova1992@mail.ru*

***Давлатшоева Зарина*** *- номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳон ва тиҷорати байналмилалии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел: (+992)93 404 43 32*

*Дар мақола муаллифон қайд мекунанд, ки сайёҳӣ яке аз соҳаҳои калонтарин ва босуръат рушдкунанда дар ҷаҳон буда, бештари ҷойҳои кориро таъмин менамояд. Дар бисёре аз кишварҳои рӯ ба тараққӣ соҳаи сайёҳӣ дар қатори пешсафони тавлиди даромад*

*қарор дорад ва ба таври анъанавӣ ҳангоми таҳияи стратегияҳои рушд ба рӯзнома дохил карда мешавад.*

*Дар айни замон яке аз бахшҳои муҳимми саноати сайёҳӣ туризми деҳот ба ҳисоб меравад, ки ҳамчун қувваи асосии пешбарандаи рушди иқтисодӣ ва рушди деҳот нақши муҳим мебозад ва имкониятҳои пешқадамро фароҳам меорад. Он метавонад боиси гуногунии иқтисодии минтақавӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои шуғли пурмаҳсул дар асоси иқтидори дар деҳот мавҷудбуда, боиси афзоиши устуворӣ, сатҳи зиндагӣ, даромад, амният, субот ва нигоҳдории аҳолӣ дар деҳот гардад.*

***Калидвожаҳо:*** *мавқеи сайёҳӣ, сайёҳии байналхалқӣ, операторҳои туристӣ ва агентиҳои сайёҳӣ, бахши сайёҳӣ, туризми деҳот, агротуризм, мавзеъҳои қолиб, инфрасохтор, шикори байналмилалӣ, экотуризм*

## FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE TOURISM SECTOR IN TAJIKISTAN

***Akdodova Nilufar*** - *State Financial and Economics University assistant of the department of world economy and international trade Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel: (+992) 93 466 76 36) E-mail: akdodova1992@mail.ru*

***Davlatshoeva Zarina*** - *State Financial Economic University Candidate of Economics, Associate Professor, Head of the Department of World Economy and International Trade Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nakhimov 64/14. Tel: (+992)93 404 43 32)*

*In this article, the author mentions that tourism is one of the largest and fastest growing in the world and gives most of the jobs. In many developing countries, the tourism industry is among the leaders in generated revenue and traditionally included in the agenda when developed strategies development. At present, one of the important sectors of the tourism industry is rural tourism, which plays a major role as the main driving force in economic growth and rural development, providing leading opportunities. Can lead to regional economic diversity and provide productive employment opportunities based on the potentials existing in rural may lead to an increase in the level of well-being, living standards, income, security, stability and population in the countryside.*

***Keywords:*** *tourist destinations, international tourism, tour operators and travel agencies, the tourism sector, rural tourism, agrotourism, inter-hunting,*

Во многих странах отрасль туризма приносит доход не только владельцам бизнеса, но и государству. Особенность и развитие туризма способствует созданию новых рабочих мест и соответствующей инфраструктуры, увеличению местных доходов, активизации деятельности народных промыслов, а это значит – благосостояние народа нормализировать уровню жизни населения.

Индустрия туризма является одной из самых перспективных и активно развивающихся секторов мировой экономики.

Развитие туризма оказывает огромное стимулирующие влияние на развитие таких отраслей экономики, как строительство, сельское хозяйство, связь и транспорт, производство товаров народного потребления, выступая своеобразным механизмом социально-экономического развития страны. Поэтому, туристическая отрасль формирует 11% мирового ВВП, в основных фондах доля туризма около 7%. Туризм совершенствует и обогащает

экономическую и социальную инфраструктуру и межрегиональное сотрудничество стран, государств и народов.

Поэтому на сегодняшний день нельзя не заметить того огромного влияния, которое оказывает туристическая отрасль на мировую экономику.

Для некоторых стран туризм является основной отраслью экономики, доходы от которой составляют более 50% их ВВП (Макао, Мальдивы, Сейшельские острова и др.). В общей мировой экономике доля туристического сектора составляет около 35%. На глобальном уровне туризм сопоставим с нефтью, превратившись в один из прибыльных бизнесов. Государства направляют значительные средства на развитие этой сферы – например, Франция в 2017 году выделила около 42 миллионов евро для привлечения туристов [1].

Тем не менее, 2018 год в стране объявлен годом туризма и Таджикистан соответсвенно уделяет особое внимание сфере туризма. В разные государственные программы туризм включен как сектор. Была принята Концепция развития туризма на 2009 - 2019 гг. правительством республики. В ней были определены приоритетные направления: горно-спортивный и экологический, лечение и отдых, познавательный и этнографический, альпинизм, а также деловой туризм, рафтинг (сплав по рекам), горнолыжный спорт, иностранная туристическая охота. В соответствии с Концепцией, Таджикистан планирует принять более 1 миллиона туристов до 2020 года.

Но насколько развита сфера туризма, и возможно ли привлечь больше туристов в страну?

В наши дни Таджикистан не рассматривается в качестве туристического направления на мировом рынке. Как видно из места, занимаемого страной, Таджикистан занимает 114-е место из 140 стран. Туристическая отрасль Таджикистана имеет существенные недостатки:

1. В стране очень слабо обстоит дело со стыковкой международных рейсов. Западные компании не имеют авиасообщения с Душанбе. Рейсов очень мало, а существующие рейсы весьма дороги. На сегодня Таджикистаном подписаны соглашения о прямом авиасообщении с 22 странами мира, (с 7 странами СНГ, 4 – Европы и 11 – Азии). Но по факту, без пересадок можно добраться лишь до 10 стран мира (информация на состояние 14.11.2016). Из остальных городов и стран необходимо добираться транзитом, что доставляет дополнительные неудобства, отнимает время и увеличивает финансовые затраты. С учетом того, что цены на авиабилеты до/из Таджикистана по прямым направлениям итак гораздо выше по сравнению с соседними странами, транзитные перелеты становятся непомерно дорогими. Для сравнения, была проанализирована стоимость самого дешевого авиабилета из Нью-Йорка до Душанбе, Бишкека и Астаны: Нью – Йорк (США) – Астана (Казахстан) – 394$, Нью – Йорк (США) – Бишкек (Кыргызстан) - 480$, Нью – Йорк (США) – Душанбе (Таджикистан) – 890$. Поиск осуществлялся при помощи ресурса www.aviasales.ru (данные действительны на 14.11.2016) [2].

Меры, связанные с поощрением туризма, повышение привлекательности Центральной Азии для туристов и ряд других факторов повлияли на увеличение потока туристов во все эти страны. Поэтому, по статистическим данным в Таджикистане число прибывающих туристов, пользующихся воздушным транспортом, заметно увеличивается, а также заметно возрастание числа гостиниц и туристических агентств (таблица 1).

**Таблица 1. - Динамика въезда туристов и создания объектов туристской инфраструктуры Таджикистана**

| **Наименование** | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2013 к 2018,** в % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Въездной туризм посредством воздушных линий** (тыс. чел.) | 78 | 170 | 391 | 284 | 281 | 1154 | 67,5 |
| **Число гостиниц** (единиц) | 120 | 124 | 132 | 163 | 172 | 170 | 70,5 |
| **Туристические агентства** (единиц) | 118 | 138 | 157 | 168 | 170 | 150 | 78,6 |
| **Действующие туристические компании** (единиц) | 94 | 90 | 114 | 118 | 91 | 146 | 64,3 |

*Источник: WTO Cod. Basic data and indicators Tajikistan*

По данным таблицы 1, если в 2013 году количество въездных туристов в Таджикистан, пользующиеся воздушной линией составил 78 тыс. человек, то в 2018 году он возрос до 1154 тыс. или на 1076 тыс. человек. Также под воздействием определённых факторов возросло как число гостиниц, так и туристических агентств. Если 2013 году в стране насчитывалось 120 гостиниц и 118 туристических агентств, то в 2018 году их количество возросло до 172 и 170, соответственно. Причем велика роль частного сектора в создании инфраструктуры и зон отдыха и развлечений, так как в стране уже функционируют более 240 субъектов, осуществляющие прием туристов.

2. Малая информированность о нашем крае (недостаточное освещение услуг, которые может предложить Таджикистан туристу).

3. Визы и регистрации. Для получения разрешения на посещение определенных регионов (Горно-Бадахшанская автономная область и другие приграничные районы) каждый иностранный гражданин должен получить специальный пропуск.

4. Как правило, занятые в сфере туризма, таджикские деловые круги и они не имеют значительных финансовых ресурсов и также не имеют доступа к специализированным банковским учреждениям. Их профессиональные навыки и их понимание международного туризма оставляют желать лучшего. За исключением нескольких крупных международных гостиничных сетей, принадлежащих западным деловым кругам (будь то большие или малые).

5. В Таджикистане отсутствует Национальная организация по туризму (НОТ). Во многих странах, НОТ не является частью государственной структуры, это самостоятельный субъект, укомплектованный

профессионалами от бизнеса и туризма, с целью реализации политики правительства. В рамках центрального правительства, управление по развитию туризма является частью Комитета по делам молодежи, спорта и туризма.

6. Туристическая деятельность является достаточно новой отраслью в стране и как следствие, найти персонал с необходимой подготовкой и опытом на сегодня трудно. Кроме того, большое количество работников в отрасли туризма имеют ограниченные знания иностранного языка. Есть очень мало специалистов со знанием других языков, помимо русского и английского (например, немецкого, французского, испанского и итальянского языков). С точки зрения практической подготовки, несколько учреждений предлагают учебные программы. Проблемы есть и со специалистами: менеджерами по туризму и гидами. Работу гидов выполняют люди, которые владеют несколькими языками и порой на слабом уровне знают историю и географию Таджикистана. Зачастую они не владеют необходимыми знаниями о некоторых регионах и навыками, которые могут быть востребованными в горной местности: например, не умеют разбивать палаточный лагерь или оказывать первую помощь. А ведь гид – это человек, от которого зависят краски и острота ощущений. Именно он формирует образ посещаемой страны.

Разумеется, в рамках данной статьи невозможно охватывать все факторы, которые препятствуют развитию сферы туризма в Таджикистане.

Несмотря на нынешние трудности, отрасль туризма развивается. На сегодняшний день существует более 70 лицензированных туроператоров и туристических агентств, более 60 отелей и более 100 хоумстэев (проживание в семье на оговоренных условиях) и гостевых домов. Количество частных операторов растет, но их навыки и профессионализм значительно различаются.

Несмотря на то, что диалог и сотрудничество между частным секторами и государственным продолжает оставаться недостаточным, тем не менее, имеется несколько реальных примеров сотрудничества:

a. Комитет по делам молодежи, спорта и туризма (КомМСТ) оказывает финансовую поддержку таджикским туроператорам с целью участия в международных ярмарках и выставках (ITB Berlin);

b. Ком МСТ в сотрудничестве с международными ассоциациями и туроператорами в Таджикистане организовывает конференции и другие важные мероприятия местного и международного уровня;

c. Туроператоры представляют и готовят ежеквартальные отчеты (статистические данные по туристической деятельности) в КомМСТ.

Более того, на 12-ом заседании Консультативного совета по улучшению инвестиционного климата при Президенте Республики Таджикистан (от 13 декабря 2013 года) [3], Президент Республики Таджикистан дал следующие указания (с указанием министерства ответственного за выполнение каждого из указаний):

1. Комитет по делам молодежи, спорта и туризма:

a. определить четыре туристические дестинации и обеспечить их соответствие современным требованиям, реализовать поэтапный переход от системы лицензирования туристических субъектов предпринимательской деятельности к механизму качественного консультирования и оценки разработки и продвижению пакетов конкурентоспособных услуг (продуктов) для туристов в стране;

b. разработать проект Закона Республики Таджикистан «О туризме» в новой редакции и представить его на рассмотрение в определенное время.

2. Главное управление пограничных войск Государственного комитета национальной безопасности, Министерство транспорта, Антимонопольная служба, Таможенная служба, международные аэропорты республики, отечественные авиакомпании:

a. обеспечить требованиям международных стандартов соответствие уровня обслуживания в аэропортах, в самолетах и в пунктах пересечения границы;

b. нанять новых сотрудников на конкурсной основе и создать независимую комиссию по оценке квалификации персонала структур, занятых в сфере обслуживания в международных аэропортах и пунктах пересечения границы.

3. Комитет по делам молодежи, спорта и туризма и Агентство по статистике, Министерство иностранных дел, Министерство внутренних дел:

a. открыть специальное «окно» для оказания услуг туристическим фирмам в Консульском департаменте МИД;

b. ввести специальные памятки о порядке и правилах пребывания в РТ, установить четкие конкретные правила пребывания иностранных граждан и туристов с указанием прямых контактов организаций и структур, имеющих специальные полномочия по защите и соблюдению прав туристов.

4. Государственный комитет по инвестициям и управлению государственным имуществом:

a. представить проект Плана действий Правительства по улучшению инвестиционного климата в сфере туризма на рассмотрение Правительства Республики Таджикистан согласно установленным процедурам (совместно с Секретариатом Консультативного совета по улучшению инвестиционного климата).

5. Министерство образования и науки, Комитет по делам молодежи, спорта и туризма:

a. принять меры по подготовке высококвалифицированных специалистов в сфере туризма за рубежом.

Ранее, Президент никогда не давал подобных указаний по поддержке туристической отрасли. Это представляет собой важную перемену для Таджикистана. Пока еще слишком рано говорить, какие реальные средства будут выделены правительством для поддержки развития туристической отрасли. Тем не менее, туризм уже получает пользу от нынешней политической воли. Такой конструктивный политический контекст выглядит

обнадеживающе для поддержки туристического сектора, поскольку данная отрасль является одной из самых перспективных для экономики страны.

В условиях перехода к рыночной экономике проблема формирования спроса и предложения на туристические услуги решается преимущественно под действием механизма свободной конкуренции. В то же время мировой опыт свидетельствует, что без государственного регулирования рыночных отношений в сфере сельского туризма в силу важности и неоднородности, выполняемых функций, не обходится ни одна страна. Для транзитных экономик, где высок уровень развития туризма и огромна социально-экономическая значимость предоставляемых данной услуги, государственное вмешательство в его деятельность приобретает исключительную важность. При этом для Таджикистана только разумное вмешательство государства в функционирование развитие туризма в сельской местности может принести ощутимые положительные результаты, ибо доступность туристических услуг до сих пор определяют достигнутый уровень социально-экономического благосостояния нации, качество жизни населения.

Органы власти могут и должны стимулировать развитие туризма в сельской местности в следующих формах:

1. Разработка современной, отвечающей реальному положению дел, концепцию развития сельского туризма на государственном уровне и на подведомственных территориях. Она находится в компетенции исполнительных органов государственной власти и должна разрабатываться с широким привлечением представителей туристской индустрии, научных и образовательных учреждений с учетом мнения сельского населения.
2. Разработка действенной государственной политики в сфере сельского туризма. Наличие такой политики выражается как системой нормативно правовых актов, так и конкретной деятельностью органов государственной власти в сфере сельского туризма
3. Разработка системы законов и иных нормативно-правовых актов, регулирующих разносторонние аспекты сферы сельского туризма в интересах его устойчивого развития и достижения целей государственной политики в этой сфере.
4. Разработка федеральных, региональных и муниципальных программ развития сельского туризма соответствующими органами исполнительной власти и органами местного самоуправления.
5. Создание благоприятных условий для туристской деятельности в сельской местности.
6. Создание благоприятных условий для инвестиций в индустрию туризма.
7. Информационное обеспечение и продвижение на внутренний и внешний туристские рынки туристского продукта сельского туризма.
8. Принятие мер по совершенствованию законодательства в области туризма и смежных с ней отраслей для улучшения деятельности сферы.

9. Проведение семинаров, связанных с передовым опытом туристских программ, которые обеспечивают набор услуг клиентом.

10. Стандартизация деятельности санаторий, гостинц, пансионатов, домов отдыха и др. туристских местностей на местах.

11. Принятие мер для развития внутреннего туризма во всех городах и районах с привлечением отечественных и нормативных правовых актов в сфере туризма, бланков лицензий и квалификационных свидетельств.

12. Организация курсов обучения среди сотрудников хозяйствующих субъектов в области туризма в отдалённых районах.

13. Проведение семинаров по развитию экологического туризма, создание рабочих мест в целях улучшения уровня жизни населения в отдельных регионах республики.

В большинстве стран, занимающихся туристической деятельностью, государственная туристическая политика проводится в рамках региональных программ экономического развития. Программа развития туризма в Республике Таджикистан на 2018-2020 гг. была разработана с целью создания благоприятных условий реализации государственной политики в сфере туризма повышения конкурентоспособности туристического рынка страны в регионе, а также в ближнем и дальнем зарубежье и определяет основные направления, приоритеты, задачи и механизмы реализации государственной политики в области туризма на среднесрочный период. На основе результатов проведенного анализа сферы туризма в Республике Таджикистан выявлены ключевые проблемы, сдерживающие факторы развития сферы и определенны причины неконкурентоспособности отечественного туризма.

## Литература:

1. Азар В.И. Турфирмы смотрят в зеркало /В.И. Азар // Туризм: практика, проблемы, перспективы. - 2001. - № 7. - С. 17-29.

2.Аринцев Ю. Ассоциация содействия туристским технологиям /Ю. Аринцев // Турбизнес. - 2000. - № 3. - С. 5-17.

3. Ёров Дж.Н. Развитие туристической сферы в условиях рынка - Душанбе: Ирфон, 2007. – 132с.

4.Ёров Дж.Н. Состояние, проблемы и перспективы развития туризма в Республике Таджикистан /Дж.Н. Ёров//Вестник Таджикского национального университета (серия экономических наук). – Душанбе. - 2007. - №6 (38). - С.192-206.

5.Ёров Дж.Н. Формирование туристических баз в Республике Таджикистан/Дж.Н. Ёров, Н.Н. Сайфуллоев//Материалы республиканской конференции на тему «Проблемы внедрения международных стандартов бухгалтерских учётов и аудита в Республике Таджикистан». – Душанбе. - 2006. - С. 74-76.

6.Соколова М.В. История туризма: учебное пособие /М.В. Соколова. – 6-е изд. - Москва. Издательский центр «Академия», 2010. - 352.

7.Стригунова Д.П. Понятие международного туризма//Юрист. – 2006. - №6. [электронный ресурс]. - URL: https://www.lawmix.ru/comm/9077

8.Шакиров К. Туризм и устойчивое развитие в Таджикистане: исследовательский обзор. /К. Шакиров. - 2014. - №3. - С.6-7.

9. Шугаев М. Удар по мировому туризму /М. Шугаев // Турбизнес. - - 2001. - № 14. - С. 5-14.
10. Шукуров Б.У. Проблемы развития международного туризма в Республике Таджикистан /Б.У. Шукуров//Материалы республиканской конференции «Интеграция экономики Республики Таджикистан в мировое хозяйство». – Душанбе, 2004. - С. 10-15.

**УДК: 336.7 (476)**

# ТАКМИЛИ ЗАМИНАИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ НИЗОМИ ПАРДОХТИ МИЛЛӢ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович** – муаллими калони Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (ДИС - ДДТТ). Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, хиёбони И. Сомонӣ, 169. Тел.:+992926390000. E-mail: Kinomdzhon@mail.ru*

*Дар мақолаи мазкур такмили асосҳои институтсионалии низоми пардохти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Барои ноил шудан ба вазифа ва мақсадҳои дар мақола гузошташуда самтҳои такмили меъёрҳои қонунгузорӣ ошкор карда шудаанд. Инчунин, дурнамои афзоиши нишондиҳандаҳои марбут ба низоми пардохт дар асоси пешгӯии муаллифӣ пешниҳод гардидааст. Дар доираи таҳқиқ самтҳои такомули низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ шудаанд. Дар хотимаи таҳқиқот натиҷаҳо ва тавсияҳо доир ба такмили низоми пардохти миллӣ дар кишвар оварда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:** низоми пардохт, хизматрасониҳои пардохтӣ, низоми пардохти миллӣ, заминаи институтсионалӣ, иқтисодиёти рақамӣ, пардохтҳои ғайринақдӣ, операторони низоми пардохт.*

# СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОЙ БАЗЫ НАЦИОНАЛЬНОЙ ПЛАТЁЖНОЙ СИСТЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ ЕЕ РАЗВИТИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Халимов Иномджон Мамаджонович** – старший преподаватель Института экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанде. Адрес: 735700, Республика Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169. Тел.:+992926390000. E-mail: Kinomdzhon@mail.ru*

*В данной статье рассматривается совершенствование институциональных основ национальной платежной системы Республики Таджикистан. Для достижения поставленных в статье задач и целей выявлены направления совершенствования законодательных норм. Также на основе прогноза автора предложена перспектива роста показателей, связанных с платежной системой. В рамках исследования были обсуждены направления совершенствования платежной системы Республики Таджикистан в условиях развития цифровой экономики. В конце исследования представлены результаты и рекомендации по совершенствованию национальной платежной системы страны.*

***Ключевые слова**: платежная система, платежные услуги, национальная платежная система, институциональная основа, цифровая экономика, безналичные расчеты, операторы платежных систем.*

# IMPROVEMENT OF THE INSTITUTIONAL FRAMEWORK OF THE NATIONAL PAYMENT SYSTEM AND ITS DEVELOPMENT PROSPECTS IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Halimov Inomjon Mamadjonovich** - senior lecturer at the Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand. Address: 735700, Sughd region, Khujand, I. Somoni Avenue, 169. Tel.: +992926390000. E-mail: Kinomdzhon@mail.ru*

*This article examines the improvement of the institutional foundations of the national payment system in the Republic of Tajikistan. In order to achieve the tasks and goals set in the article, directions for improvement of legislative norms have been revealed. Also, the perspective of the growth of indicators related to the payment system is proposed based on the author's forecast. Within the framework of the study, the areas of improvement of the payment system of the Republic of Tajikistan in the conditions of the development of the digital economy were discussed. At the end of the study, the results and recommendations for improving the national payment system in the country are given.*
***Keywords:** payment system, payment services, national payment system, institutional framework, digital economy, non-cash payments, payment system operators.*

Дар шароити муосир рушди низоми пардохти миллӣ яке аз ҷузъҳои таркибии инфрасохтори молиявӣ маҳсуб ёфта, ба рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд. Зикр кардан зарур аст, ки рушди ҷанбаҳои назариявӣ ва вазъи муосири низоми пардохти миллии кишвар дар доираи дигар таҳқиқи мо [4, с. 35; 10, с. 5] мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қафомонии зиёд дар рушди иқтисоди рақамӣ аз дигар кишварҳои хориҷӣ аз камбудиҳо дар заминаи қонунгузорӣ ва меъёрӣ дар соҳаи иқтисоди рақамӣ ва холигиҳои ҷиддӣ дар таъсиси инфрасохтори рақамӣ ва таъмини дастрасии ҳамаҷонибаи фарохмавҷ ба интернет, инчунин норасоии малакаи рақамӣ, заифии фарҳанги инноватсия, сатҳи пасти талабот ба технологияҳои нав аз ҷониби корхонаҳои давлатӣ, нокифоягии фаҳмиши технологияҳои рақамии аҳолӣ, нокифоягии сармоягузорӣ ба рақамикунонӣ, заминаи рушднаёфтаи институтсионӣ, заифии низоми идораи ҷорикунии лоиҳаҳои рақамӣ, норасоии маблағгузории инфрасохтори рақамӣ ва рушди инноватсионӣ, заифии бахши хусусӣ, сатҳи пасти истифодаи технологияҳои рақамӣ вобаста мебошад.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ, Бонки умумиҷаҳонӣ ва Кумита оид ба пардохтҳо ва инфрасохтори бозор (CPMI), ки дар сохтори Бонки байналмилалии ҳисоббаробаркуниҳо (BIS) амал менамояд, нақши низоми пардохтро амиқ шарҳ медиҳанд. Ташкилотҳои молиявии мазкур дастурамали махсусро таҳти унвони "Нақши пардохтҳо дар вусъат додани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ" нашр намуданд, ки дар он омилҳои таъсиркунандаи талаботу пешниҳод ба дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ аз қабили низоми пардохт ва хизматрасониҳои пардохтӣ баррасӣ ва таҳлил гардидаанд. Дар дастурамали мазкур роҳҳои ҳалли муаммоҳои муҳими соҳа пешниҳод гардида, заминаи вусъат додани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ бояд барои ноил шудан ба ҳадафҳои зерин нигаронида шуда бошад:

- кулли аҳолӣ ва корхонаҳо бояд имконияти ҳадди ақал ба як суратҳисоб тавассути низоми пардохт дастрасиро ба хизматрасониҳои

пардохтӣ дошта бошанд, ки зери назорати мақомоти давлатӣ қарор дорад;

o тавассути суратҳисоби ҳисоббаробаркунӣ ҳаҷми зиёди пардохтҳои зарурии аҳолию корхонаҳо ва ҳатто то 100 фоиз амалӣ гардида, дар он имконияти бехатар нигоҳдории пасандоз ва дастрасӣ ба дигар хизматрасониҳои молиявӣ бояд ташаккул дода шавад.

Аз ин лиҳоз, зарур мешуморем, ки дар раванди навсозии низоми пардохт ва хизматрасониҳои пардохтӣ дар кишвар риояи принсипҳои пешниҳодкардаи Бонки умумиҷаҳонӣ ва Кумита оид ба пардохтҳо ва инфрасохтори бозор муҳим мебошад. Зеро дар шароити кунунии рушди низоми пардохт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани ҷалби молия тавассути такомули пардохтҳо ва хизматрасониҳои пардохтӣ зарур буда, на ҳама принсипҳои пешниҳодкардаи ташкилотҳои молиявии баррасӣ кардашуда риоя мегарданд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит менамояд, ки ба коркарду пешниҳоди принсипҳои мушаххас барои татбиқ нигоҳ накарда, миқдори назарраси аҳолӣ дар сатҳи ҷаҳон ба пардохтҳои фаврӣ ва бехатару боварибахш имконияти дастрасиро надоранд. Чунин ҳолат тақозо менамояд, ки барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои пардохтии базавӣ корҳо дар байни кулли манфиатдорони пардохтҳо амалӣ карда шаванд, то ки на танҳо қисми муайяни аҳолӣ, балки ҳар як фард имконияти истифодаи хизматрасониҳои пардохтиро дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дошта бошад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар шароити муосир ихроҷи низоми бонкии Федератсияи Россия аз низоми СВИФТ аз он шаҳодат медиҳад, ки чунин ҳолат метавонад дигар давлатҳои шарики стратегии ин кишвар, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ таҳдид намояд. Дастрасии баробар надоштани давлатҳои ҷаҳон ба истифодаи васоити телекоммуникатсионию иттилоотии низоми пардохти байналмилалӣ водор менамояд, ки низоми пардохти миллии давлатҳои шарик тавассути ҳамгироӣ дар сатҳи минтақа барои пардохтҳо ва хизматрасониҳои клирингӣ такомул ёбанд.

Навсозии НПМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамгироии низомҳои пардохти давлатҳои шарик такя ба таҷрибаи низоми пардохти миллии Чин бо имкониятҳои фаромиллӣ шудан бояд пеша гирифта шавад. Зеро дар айни замон International Union Pay дар бонкҳои зиёда аз 61 давлати мустақил эмитенти кортҳои пардохтии ин низом мебошанд. Зарур мешуморем, ки мутахассисони БМТ барои омӯзиши таҷрибаи Ҷумҳурии Мардуми Чин дар самти навсозии НПМ дар доираи барномаи табодули таҷриба фиристода шаванд. Дар вақти табодули таҷриба омӯзиши марказҳои эҳтиётӣ барои иҷрои бефосилаи амалиёти пардохтӣ дар сурати ба миён омадани ҳолатҳои садамавӣ муҳим мебошад, ки дар шароити навсозии НПМ Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст. Инчунин, лозим аст, ки

тартиби муайян кардани тарифҳои нисбатан арзон дар хизматрасонии кортҳои Union Pay бояд мавриди таҳқиқ қарор гирад (ҳангоми гирифтани пули нақд аксари бонкҳо дар дохил ва хориҷи Чин ҳаққи хизматрасонӣ намеситонанд ва ё бонкҳои хориҷӣ хеле фоизи паст меситонанд), ки афзалият барои истифодаи таҷрибаи Чин дар навсозии НПМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар Федератсияи Россия пардохтҳои ғайринақдӣ қисми муҳими хизматҳои пардохтиро ташкил медиҳанд. Дар давраи солҳои охир пардохти ғайринақдӣ дар гардиши пардохтҳои гуногун назаррас афзоиш ёфта, соли 2020 ҳиссаи пардохтҳои ғайринақди 69,4 фоизи умумии пардохтҳоро ташкил намудааст [8]. Дар шароити муосир бештар аз 70 фоизи шаҳрвандони Россия кортҳои пардохтиро барои пардохтҳои ҳамарӯза афзори аввалиндараҷаи пардохт меҳисобанд ва дорандагони кортҳои дебетӣ мизоҷони боварибахши бонкҳо маҳсуб меёбанд. Аз ин лиҳоз, зарур мешуморем, ки дар вақти вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва хизматрасониҳои пардохтии электронӣ таҷрибаи Федератсияи Россия аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад. Ба мадди назар гирифтани фаъолияти ширкатҳои бузурги таҳиякунандаи технологияҳои молиявӣ ва технологияҳои инноватсионии дар Федератсияи Россия иштирокдошта дар соҳаи пардохтҳо ҳангоми навсозии НПМ дар Тоҷикистон бештар нақши фаъолро мебозанд, ки афзорҳои анъанавии пардохтҳоро водор ба навсозӣ мекунанд. Таъкид кардан зарур аст, ки бавуҷудоии технологияҳои нав дар бахши молиявӣ тайи солҳои 2015-2019 дар сатҳи ҷаҳон ба 64 фоиз ва Федератсияи Россия ба 80 фоиз расидааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар давлатҳои ҷаҳон танзимкунандаҳои низоми пардохти миллӣ чун операторони инфрасохтори низоми пардохт амал намуда, кӯшиш менамоянд, ки ба аҳолию соҳаҳои бизнес хизмат ва васоити пардохтҳоро такмил диҳанд. Дар соли 2020 низоми пардохтҳои фаврӣ дар 56 давлати ҷаҳон ба кор фаъол карда шудаанд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи таҷрибаи ҷаҳонии ташаккул ва татбиқи низоми пардохт нишон медиҳад, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи чунин масъалаҳои калидии низоми пардохт зарур мебошанд:

➢ Ташаккули низоми пардохти миллӣ, ки хизматрасониҳои пардохтиро барои тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар ба таври ғайринақдӣ пешниҳод менамояд ва фароҳам овардани инфрасохтори

махсусе, ки ҳамкориҳои пешниҳодкунандаҳои хизматрасониҳои пардохтиро вусъат мебахшад;

- Вусъат бахшидани рақамикунонии амалиёти пардохтӣ ва низоми пардохт;
- Коркард ва амалигардонии низоми пардохтҳои фаврӣ дар кишвар;
- Такмил додани бозори пардохтии рақобатпазир ва ҳифзи ҳуқуқи истифодабарандагони хизматрасониҳои пардохтӣ;
- Аз байн бурдани рушди нобаробарии инфрасохтори низоми пардохт бо мақсади дастрасии хизматрасониҳои пардохти мизоҷони хизматҳои пардохтӣ;
- Баланд бардоштани бехатарии низоми пардохти миллӣ тавассути таъмини бефосилагии фаъоли пардохтҳо ва киберамният;
- Фароҳам овардани шароит ва мусоидати татбиқи инноватсия дар соҳаи пардохтҳо ва дар маҷмуъ бахши молиявӣ;
- Такмил додани инфрасохтори низоми пардохт, самаранокии пардохтҳо ва ғайраҳо.

Мутобиқи маълумоти расмӣ гардиши савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле дар сатҳи паст қарор дорад. Зеро тибқи маълумоти Findex, дар соли 2017 танҳо 7,6 фоизи аҳолии Тоҷикистон тавассути Интернет харид анҷом доданд, ки ин нишондиҳанда дар Қазоқистон ба 24% дар Федератсияи Россия 28%-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми савдои электронӣ дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 54,7 млн доллар баробар аст, ки ин аз се як ҳиссаи бозори Қирғизистон, 8 фоизи бозори Узбекистон ва танҳо 3 фоизи бозори Қазоқистонро ташкил мекунад [7]. Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки савдои электронӣ дар Қазоқистон 3,6 млрд долларро ташкил намуда, танҳо 4 фоизи бозори кишварро ташкил кардааст. Дар Федератсияи Россия ҳиссаи савдои электронӣ ба 8 фоизи савдои умумӣ ва ИМА ба 11 фоиз дар соли 2017 баробар аст [3, с.96]. Омори нашркардаи гурӯҳи бонкҳои ҷаҳонӣ муайян кардааст, ки дар соли 2020 дар давраи ковид – 19 ҳиссаи савдои электронӣ

афзоиш ёфта, ба 22 фоизи савдои ҷаҳонӣ расидааст ва дар соли 2025 то ба 25 фоиз расидани ҳиссаи савдои электронӣ дар ҷаҳон пешбинӣ шудааст.




**Расми 1. Алгоритми такомули заминаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти НПМ**

**Коркарди муаллиф.**

Дар самти рақобатпазирии НПМ метавон қайд намуд, ки унсури муҳимтарин ин такомули заминаи қонунгузории давлатӣ мебошад. Баррасию таҳқиқи қонунгузории кишвар тақозо менамояд, ки барои такомули ҳуқуқи истеъмолгарони хизматрасониҳои пардохтӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд заминаи меъёрӣ фароҳам оварда шавад. Аз ин лиҳоз, алгоритми такомули заминаи меъёрӣ барои тараққиёти НПМ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 1 оварда шудааст.

Аз расми 1 дида мешавад, ки дар оянда бояд ба ду қонуни амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба рушди институтсионалии низоми пардохти миллӣ мусоидат менамоянд, ворид кардани тағйиру иловаҳо талаб мешавад. Пеш аз ҳама, ба Қонуни ҶТ "Дар бораи низоми пардохт ва хизматрасониҳои пардохтӣ" чунин унсурҳои низоми пардохти миллӣ бояд ба инобат гирифта шаванд:

1. Ташаккули заминаи меъёрӣ барои идоракунии самараноки НПМ дар шароити ғайримарказ шудани салоҳияти иштирокчиёни низомҳои пардохт (хизматрасониҳо).
2. Ташаккули механизми арзёбии НПМ аз нигоҳи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғайра.
3. Муайян намудани ҳадафмандии меъёрҳои мавҷуда дар рушди НПМ.
4. Тағйир додани муносибатҳои иштирокчиёни НПМ бо мақсади ташаккули эътимоднокӣ ва рақобат дар бозори хизматрасониҳои пардохтӣ.

Қайд кардан зарур аст, ки ба инобат гирифтани ин унсурҳо метавонад ба рушди пардохтҳо дар иқтисодиёти миллӣ мусоидат кунанд. Инчунин, рушди босуботи низоми пардохти миллӣ таъмин карда шавад.

Таҳлили мундариҷаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳуқуқи истеъмолкунандагон нишон медиҳад, ки ба ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ заминаи кофӣ мавҷуд намебошад. Аз ин лиҳоз, дар ин самт ба инобат гирифтани чунин масъалаҳо муҳим мебошанд:

1. Ҷорӣ намудани меъёрҳои танзимкунандаи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Такмили меъёри ҷавобгарӣ барои беаҳамиятии мизоҷ ҳангоми истифодаи барномаҳои мобилии пардохтҳои электронӣ.
3. Муайян кардани масъулияти истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ барои ташаккули саводнокии технологию молиявии шахсӣ.

Зарур мешуморем, ки дар асоси нишондиҳандаҳои асосии СМР – 2030 [9], ҷадвали ҳисобӣ таҳия намуда, ҳаҷми пули барои муомилот зарурро то давраи соли 2030 пешгӯӣ намоем. Барои пешгӯӣ зарур мешуморем, ки аз модели дар назария ва амалияи илми иқтисод мусбӣ арзёбишуда истифода карда шавад. Модели пешбинии якомилаеро ба кор бурданамон дуруст меояд, ки он дар таҳқиқоти олимони рус О.М. Гусарова, В.Д. Кузменкова [2, с.360] ва дигарон низ ҳамаҷониба асоснок карда шуда, аз санҷиш гузаронида шудааст. Модели мазкур шакли зерин дорад:

$$\bar{Y}_t = a+b\,t \quad (1)$$

ки ин ҷо

$\bar{Y}_t$ – пешбинӣ барои давраи t;

a – қимати миёнаи нишондиҳанда дар n давраи вақт;

b – тамоюли нишондиҳанда таҳти таъсири омили t;

t – шумораи нишондодашудаи давраи вақт ба ҳисоб меравад.

Истифода аз модели мазкур ва нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 1 овардашуда, пешгӯии нишондиҳандаҳои калидии ба низоми пардохт таъсиркунанда ҳисоб карда мешавад. Инчунин, қайд намудан зарур аст, ки дар пешгӯии нишондиҳанда бо назардошти пешгӯиҳои дар СМР-2030 муайяншуда, хусусан сенарияи индустриалӣ-инноватсионӣ ба назар гирифта шудаанд. Илова бар ин, дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ, ки аз санаи 23.12.2022 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва халқи шарифи Тоҷикистон ироа гардид ва ба БМТ ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаҳои мушаххас дода шуданд, ба инобат гирифта шудаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки танҳо пешгӯии нишондиҳандаи ММД барои давраи солҳои 2022-2030 бо назардошти меъёри миёнаи афзоиши воқеии дар СМР -2030 муайян карда мешавад.

**Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои ҳаҷми пули накдию ғайринакдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии пулҳои накдию ғайринакдӣ ($M_1$) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн сомонӣ) | 12258,0 | 13495,0 | 16697,0 | 20010,4 | 22214,9 |
| Ҳаҷми пулҳои накд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн сомонӣ) | 11659,0 | 13173,0 | 15332,0 | 18058,5 | 20837,7 |
| Пулҳои накд бо фоиз нисбати ҳаҷми умумӣ ($M_1$) | 95,1 | 97,6 | 91,8 | 90,3 | 93,8 |
| Ҳаҷми пулҳои ғайринакд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млн сомонӣ) | 599,0 | 322,0 | 1365,0 | 1951,9 | 1377,2 |
| Пулҳои ғайринакд бо фоиз нисбати ҳаҷми умумӣ ($M_1$) | 4,9 | 2,4 | 8,2 | 9,7 | 6,2 |
| Ҳаҷми умумии пардохтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млрд сомонӣ) | 681,6 | 706,4 | 867,8 | 1225,5 | 1229,8 |

**Сарчашма**: ҳисоби муаллиф дар асоси Бюллетени омори бонкӣ дар солҳои 2017-2021.

Дар асоси маълумоти омории дар ҷадвали 1 овардашуда бо истифода аз формулаи 1 пешгӯии ҳаҷми умумии пулҳои накдию ғайринакдӣ ва ҳаҷми пардохтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст. Натиҷаҳои нишондиҳандаҳои пешгӯишудаи ҳаҷми пул ва пардохтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2. - Нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ дар давраи солҳои 2021-2030 мутобиқи пешбинии СМР-2030** *(бо нархҳои соли 2022)*

| Нишондиҳандаҳо | Воқеӣ | Пешгӯӣ | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2025 | 2026 | 2027 | 2028 | 2029 | 2030 |
| ММД (млрд смн) | 98,9 | 115,0 | 124,0 | 133,7 | 145,6 | 158,5 | 172,6 | 188,0 | 204,7 | 224,3 |

| | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Суръати афзоиши воқеии ММД ба ҳисоби миёна | 7,8 | | | | 8,9 | | | | | 9,6 |
| Сатҳи монетизатсияи пулӣ | 44-46 | | | | 48-50 | | | | | 52-56 |
| Ҳаҷми умумии пулҳои нақдию ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 22 214,9 | 25226,8 | 27 990,8 | 30 754,7 | 33 518,6 | 36 282,6 | 39 046,5 | 41 810,4 | 44 574,4 | 47 338,3 |
| Ҳаҷми пулҳои нақд дар Ҷумҳу-рии Тоҷикистон | 22 214,9 | 22 784,9 | 25 109,2 | 27 433,5 | 29 757,8 | 32 082,1 | 34 406,4 | 36 730,7 | 39 055,0 | 41 379,3 |
| Ҳаҷми пулҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | 1377,8 | 2 079,1 | 2 397,8 | 2 716,5 | 3 035,1 | 3 353,8 | 3 672,5 | 3 991,2 | 4 309,8 | 4 628,5 |
| Ҳаҷми умумии пардохтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (млрд сомонӣ) | 1229,8 | 1 426,9 | 1 588,4 | 1 750,0 | 1 911,5 | 2 073,1 | 2 234,6 | 2 396,2 | 2 557,7 | 2 719,3 |

**Сарчашма**: дар асоси нишондиҳандаҳои СМР то давраи соли 2030 ва модели таназзулёбандаи пешгӯикунӣ (формулаи 1) ҳисоб шудааст.

Аз маълумоти ҷадвали 2 мушоҳида мегардад, ки дар давраи солҳои 2022-2030 ҳаҷми умумии пулҳои нақлию ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба нишондиҳандаи соли 2021 дар ҳаҷми 2,1 маротиба афзоиш меёбад. Зеро ҳаҷми умумии пулҳои нақдию ғайринақдӣ аз 22 214,9 млн сомонӣ дар соли 2021 то ба 47 338,3 млн сомонӣ дар соли 2030 мерасад. Чунин тамоюл дар ҳаҷми пулҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ дар алоҳидагӣ низ ба назар мерасад. Вале дар ин давра мутобиқи пешгӯии анҷомдода ҳаҷми МУД дар кишвар 2,3 маротиба афзоиш меёбад, ки аз афзоиши ҳаҷми пулҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 фоиз бештар аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки дар давраи пешгӯишуда метавонад ҳаҷми пулҳои нақдию ғайринақдӣ дар кишвар боз ҳам афзоиш ёбанд.

Агар ба ҳаҷми пардохтҳо дар давраи пешгӯишуда назар намоем, нишондиҳандаи мазкур аз 1 229,8 млрд сомонӣ дар соли 2021 то ба 2 719,3 млрд сомонӣ дар соли 2030 баробар мегардад, ки 2,2 маротиба афзоиш хоҳад ёфт. Вале, ин метавонад барои ноил нашудан ба нишондиҳандаҳои монетизатсия, ки дар СМР-2030 муайян шудаанд, монеа гардад. Зеро назар ба МУД дар кишвар ҳаҷми пардохтҳо афзоиши камтар доранд.

Дар асоси арзёбии нишондиҳандаҳои пешгӯишуда дар ҷадвали 2 чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

- тадриҷан афзоиш додани гардиши пулҳои ғайринақдӣ дар кишвар, ки ҳамасола дар солҳои 2023-2030 аз 5% зиёд мебошад (бо назардошти татбиқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба БМТ ва ВМ ҶТ аз 23.12.2022);
- афзоиш додани сатҳи монетизатсия бо мақсади расидан ба меъёрҳои дар СМР-2030 пешбинишуда, тавассути вусъат додани ҳаҷми содирот, такмили афзорҳои мултипликатории пулию бонкӣ ва таргитиронӣ;

- мутобиқ кардани инфрасохтори низоми пардохти миллӣ ба гардиши пулҳои ғайринақдӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ҷорӣ кардани имтиёзҳо барои истифодаи пардохтҳои электронӣ аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ ва аҳолӣ.

Ҳамин тавр, ташаккули низоми пардохти самаранок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз омилҳои дохилию берунӣ, ки тараққиёти низоми пардохтро таъмин менамоянд, вобаста мебошад. Барои такмили НПМ дар шароити иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили самтҳои асосии идоракунии низоми пардохти кишвар ва навсозии НПМ дар шароити тадриҷан ташаккули иқтисоди рақамӣ фароҳам овардан имконпазир аст.

**Адабиёт**


1. Бюллетени омори бонкӣ / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021 (316). – 100с.
2. Гусарова, О.М. Моделирование и анализ тенденций развития региональной экономики / О.М. Гусарова, В.Д. Кузьменкова // Фундаментальные исследования. - 2016. - №3-2. - С.354-359.
3. **Дюдикова,** Е.И. Развитие электронных денег в системе безналичных расчетов / Е.И. Дюдикова, Н.Н. Куницына // Современные вопросы экономического развития: материалы международной научно-практической конференции. - Екатеринбург: Издательство «ИМПРУВ», 2017. - С. 91- 97.
4. Исматов, Х.Ҳ. Ҷанбаҳои назариявию методии низоми пардохти миллӣ / Х.Ҳ. Исматов, И.М. Ҳалимов // АХБОРИ ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. - Хуҷанд, 2021. - №4 (89). – С. 26-36.
5. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи солҳои 2020-2040. Қарори ҲҶТ аз 30 декабри соли 2019, №642.
6. Қонуни ҶТ “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ” (Бо Қонуни ҶТ аз 07.08.2020, №1723).
7. Сомонаи расмии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон URL: https://www.vsemirnyjbank.org/ru/news/speech/2022/03/17/e-commerce-development-in-tajikistan (санаи мурочиат: 25.02.2021).
8. Стратегия развития национальной платежной системы РФ в период 2021 – 2023. Центральный Банк Российской Федерации 2020. – 46 с.
9. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Душанбе. - 92 с.
10. Хушвахтзода, Қ.Х. Вазъи муосири низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ.Х. Хушвахтзода, И.М. Ҳалимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - №10. – С. 5-13.



**УДК: 336.64**


# МЕТОДИКАИ ТАҲИЯИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ МАҶМУИИ БОНКҲО МУТОБИҚИ СБҲМ


***Исоев Диловарҷон Талисович*** *– муаллими калони кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд. Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи И. Сомонӣ, 226. Телефон: (+992) 92 709 61 62. E-mail: dilovar_isoev@mail.ru.*



*Дар мақола моҳият ва таркиби ҳисоботи молиявии маҷмуӣ баррасӣ шуда, тафсири муаллифии мафҳумҳои ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ ва ҳисоботи молиявии*

*маҷмуӣ пешниҳод гардидааст. Усулҳои таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ (усули харид, усули иштироки ҳиссавӣ, усули муттаҳидкунии мутаносиб) тибқи талаботи СБҲМ оварда шуда, мазмуни ҳар як усули муттаҳидкунӣ шарҳ дода шудааст. Инчунин тибқи талаботи СБҲМ (IFRS) 10 "Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ" расмиёти муттаҳидкунӣ оварда шудааст.*

*Методикаҳои таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ шарҳ дода шуда, дар заминаи онҳо ва такя ба таҷрибаи амалия аз ҷониби муаллиф алгоритми таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ таҳия ва пешниҳод шудааст. Алгоритми пешниҳодшуда чор марҳила - омодагӣ ва методӣ, амалӣ, ҷамъбастӣ, баҳодиҳӣ ва назоратро дарбар гирифта, ба ҳар яки он расмиёти таҳлилию баҳисобгирӣ муайян карда шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот барои баланд бардоштани самаранокии пешбурди баҳисобгирӣ ва такмили низоми таҳияи ҳисоботи молиявии бонкҳо мусоидат мекунад.*

***Калидвожаҳо:*** *бонк, ҳисоботи молиявӣ, СБҲМ, ҳисоботи молиявии маҷмуӣ, усулҳои муттаҳидкунӣ, натиҷа, расмиёти муттаҳидкунӣ, алгоритми таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ*

## МЕТОДИКА ФОРМИРОВАНИЯ КОНСОЛИДИРОВАННОЙ ФИНАНСОВОЙ ОТЧЕТНОСТИ БАНКОВ ПО МСФО

***Исаев Диловарджон Талисович*** *– старший преподаватель кафедры финансов и кредита Худжандского политехнического института Таджикского технического университета им. академика М.С. Осими, Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул.И.Сомони 226. Телефон:(+992)92709-61-62. E-mail: dilovar_isoev@mail.ru*

*В статье рассматриваются сущность и состав консолидированной финансовой отчетности, представлена авторская интерпретация понятий сводной финансовой отчетности и консолидированной финансовой отчетности. Приведены методы подготовки консолидированной финансовой отчетности (метод покупки, метод долевого участия, метод пропорциональной консолидации) в соответствии с требованиями МСФО и разъяснено содержание каждого метода консолидации. Также согласно требованиям МСФО 10 «Консолидированная финансовая отчетность» рассмотрены процедуры консолидации.*

*Методы формирования консолидированных финансовых отчетов разъясняются на основе изучения научной литературы, и на их основе и исходя из практического опыта автором разработан и представлен алгоритм формирования консолидированной финансовой отчетности. Предлагаемый алгоритм включает четыре этапа - подготовительно-методический, практический, заключительный, оценочно-контрольный, и для каждого из них определены аналитические и учетные процедуры. Результаты исследования способствуют повышению эффективности бухгалтерского учета и совершенствованию системы составления финансовой отчетности банков.*

***Ключевые слова:*** *банк, финансовая отчетность, МСФО, консолидированная финансовая отчетность, результат, методы консолидации, процедуры консолидации, алгоритм формирования консолидированной финансовой отчетности.*

## METHODOLOGY FOR FORMING THE CONSOLIDATED FINANCIAL STATEMENTS OF BANKS IN ACCORDANCE WITH IFRS

***Isaev Dilovardzhon Talisovich*** *– Senior Lecturer of the Department of Finance and Credit Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, st. I. Somoni, 226. Phone: (+992) 92 709 61 62. E-mail: dilovar_isoev@mail.ru*

*The article discusses the essence and composition of the consolidated financial statements, presents the author's interpretation of the concepts of consolidated financial statements and consolidated financial statements. Methods for preparing consolidated financial statements (purchase method, equity method, proportional consolidation method) in accordance with the requirements of IFRS are given and the content of each consolidation method is explained. Also, in accordance with the requirements of IFRS 10 "Consolidated Financial Statements", consolidation procedures were considered.*

*Methods for the formation of consolidated financial statements are explained on the basis of a study of scientific literature, and on their basis and based on practical experience, the author developed and presented an algorithm for the formation of consolidated financial statements. The proposed algorithm includes four stages - preparatory-methodical, practical, final, evaluation and control, and analytical and accounting procedures are defined for each of them. The results of the study contribute to improving the efficiency of accounting and improving the system for compiling the financial statements of banks.*

***Key words:*** *bank, financial statements, IFRS, consolidated financial statements, methods of consolidation, result, consolidation procedures, algorithm for generating consolidated financial statements.*

**Муқаддима.** Бо таъсири ҷаҳонишавии бизнес, васеъ гардидани фаъолияти бонкҳо, равандҳои интегратсионӣ, рақамикунонии бахши бонкӣ, рушди бозори коғазҳои қиматнок, ҷалби инвеститсияи хориҷӣ, кушодани филиалу намояндагиҳо, таъсиси ҷамъиятҳои фаръӣ ва ташкилотҳои муштарак нақши ҳисоботи бонкӣ, хусусан ҳисоботи молиявии маҷмуӣ зиёд мегардад. Аз ин рӯ, таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии маҷмуии бонкҳо мутобиқи талаботи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ барои истифодабарандагони манфиатдор зарурат дорад.

Дар таҳқиқи муаммоҳои таҳияи ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ ва стандартҳои миллӣ олимони хориҷӣ ҳиссаи зиёд доранд, аз ҷумла Р. Брейли, С. Майерс, Д. Филипс, Б. Нидлз, Х. Андерсон, Ҷ.С. Колдуэлл, М.Ф. Ван Бреда, Э.С. Хендриксен ва дигарон. Хусусан корҳои илмии олимони русро доир ба таҳқиқи муаммоҳои таҳияи ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ қайд кардан бамаврид аст, ба монанди М.А. Вахрушина [8], Н.В. Генералова [9], Л.Н. Герасимова [10], А.Ю. Карецкий [12], Н.Т. Лабинсев [16], В.С. Плотников [21], С.И. Пучкова [22], Н.Г. Сапожникова [24], А.А. Соколов [25], Л.Б. Трофимова [26]. Аммо дар адабиёти илмӣ усулҳо ва равишҳои гуногун мавҷуд буда, методикаи ягонаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ таҳия карда нашудааст.

Масъалаҳои гузариш ба СБҲМ, рушди методологияи баҳисобгирии муҳосибӣ дар шароити татбиқи СБҲМ, таҳияи ҳисоботи молиявӣ тибқи СБҲМ, истифодабарии СБҲМ дар бахшҳои алоҳидаи иқтисодиёт дар интишороти илмии муҳаққиқони ватанӣ М. Шобеков [27], С.Ф. Низомов [20], С.И. Содиқов [23], М.У. Бобоев [2, 3, 4, 5, 6, 7], А.А. Мирзоалиев [17, 18, 19], Қ.Х. Хушвахтзода [1], Б.Ҳ. Каримов [13], ва дигарон таҳқиқ карда шудааст. Омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки аз ҷониби олимони ватанӣ методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ ва

маҷмуии бонкҳо мавриди таҳқиқи пурра қарор дода нашудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаи мазкур муҳим арзёбӣ мегардад.

СБҲМ ҳамчун система яке аз воситаҳои мубодилаи иттилооти молиявӣ байни субъектҳои гуногуни хоҷагидорӣ мебошад. Ба андешаи М.У. Бобоев мақсади гузариши субъектҳои хоҷагидории ватанӣ ба СБҲМ ин баланд бардоштани сифати иттилооти молиявӣ мебошад, ки барои ташаккули афзалиятҳои рақобатии ташкилот дар бозорҳои дохилӣ ва байналмилалӣ мусоидат мекунад [2, с. 21].

Чӣ тавре ки муҳаққиқ А.А. Мирзоалиев қайд мекунад, “...таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ мутобиқи СБҲМ таҷрибаи пешқадами идоракунии корпоративиро такмил медиҳад, риояи СБҲМ ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ мусоидат мекунад, инчунин бо истифодаи СБҲМ нишондиҳандаҳои фаъолияти ташкилотҳо беҳтар мегарданд” [18, с. 92].

Аз омӯзиши адабиёт маълум аст, ки ҳисоботи молиявии маҷмуӣ охири асри XIX ва аввали асри XX дар давлатҳои ИМА, Британияи Кабир, Ҳолланд пайдо шудааст. Ин давлатҳо дар рушди модели баҳисобгирии британӣ-америкоӣ нақши асосӣ дошта, дар онҳо шакли саҳомии сармоягузорӣ рушд кардааст. Ҳисоботи молиявӣ ҳамчун сарчашмаи иттилоот барои сармоягузорон ва қарздеҳон ба ҳисоб меравад, истифодабарандагони асосии иттилооти молиявӣ ин иштирокчиёни бозори коғазҳои қиматнок мебошанд. Баъдан ҳисоботи молиявии маҷмуӣ, асосан солҳои 60-уми асри XX дар мамлакатҳои Аврупо, ба монанди Олмон, Фаронса, Италиё ва дигар пайдо шуда, рушд ёфтааст. Таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии маҷмуӣ дар Россия аз солҳои 90-уми асри XX бо рушди ҷамъиятҳои саҳомӣ пайдо шудааст ва олимони рус дар самти такмили методологияи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ таҳқиқоти зиёд доранд. Ба андешаи мо, омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи андӯхташудаи ҷаҳонӣ барои ҳалли муаммоҳои таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ дар ташкилотҳои ватанӣ манфиатнок аст.

Дар Тоҷикистон омода кардан ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии маҷмуӣ аз тарафи субъектҳои хоҷагидорӣ аз солҳои 2000-ум оғоз гардидааст. Бонкҳои ватанӣ аз аввали ҳазорсолаи сеюм, аниқтараш аз солҳои 2000-ум пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявиро тибқи талаботи СБҲМ ба роҳ мондаанд ва ҳисоботи молиявии маҷмуиро таҳия мекунанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ” талабот доир ба таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ оварда шудааст, аммо доир ба ҳисоботи молиявии маҷмуӣ маълумот мавҷуд нест [14].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” доир ба таҳияи ҳисоботи молиявӣ аз тарафи ташкилоти қарзӣ талабот оварда шуда, доир ба ҳисоботи молиявии маҷмуӣ низ талаботи муайян мавҷуд аст, аз он ҷумла:

“- ташкилоти қарзӣ дар сурати доштани як ё якчанд ҷамъияти фаръӣ ҳисоботи молиявии маҷмуии солонаро омода мекунад;

- нусхаи ҳисоботи молиявии солона, аз ҷумла ҳисоботи молиявии маҷмуии солонаи ташкилоти қарзӣ, ки аз аудит гузаштааст, на дертар аз чор моҳи баъди анҷоми соли молиявӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад;

- ташкилоти қарзӣ ҳисоботи молиявии солонаи худ, аз ҷумла ҳисоботи молиявии маҷмуии солонаро, ки аз аудит гузаштааст, дар муҳлати на дертар аз як моҳ баъди гирифтани хулосаи аудиторӣ дар на камтар аз ду рӯзномаи ҷумҳуриявӣ нашр менамояд” [15].

Талаботи таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии маҷмуӣ дар якчанд номгӯйи СБҲМ оварда шудааст, ба монанди:

- ✓ СБҲМ (IFRS) 3 “Муттаҳидкунии соҳибкорӣ”;
- ✓ СБҲМ (IFRS) 9 “Воситаҳои молиявӣ”;
- ✓ СБҲМ (IFRS) 10 “Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ”;
- ✓ СБҲМ (IFRS) 11 “Созишномаи муштарак”;
- ✓ СБҲМ (IFRS) 12 “Ошкорсозии маълумот дар бораи иштирок дар дигар ширкатҳо”;
- ✓ СБҲМ (IAS) 27 “Ҳисоботи молиявии алоҳида”;
- ✓ СБҲМ (IAS) 28 “Сармоягузориҳо ба ширкати ассотсиатсияшуда ва корхонаҳои муштарак”.

Принсипҳои пешниҳод ва таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ, вақте ки ташкилот як ё якчанд субъектҳои дигарро назорат мекунад, дар СБҲМ (IFRS) 10 “Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ” муқаррар карда шудааст.

Дар СБҲМ (IFRS) 10 ҳисоботи молиявии маҷмуӣ чунин таъриф дода шудааст: ***“ҳисоботи молиявии маҷмуӣ (consolidated financial statements)*** ҳисоботи молиявии гурӯҳест, ки дар он дороиҳо, уҳдадориҳо, сармояи худӣ, даромад, хароҷот ва гардиши пули нақди ташкилоти асосӣ ва ҷамъиятҳои фаръии он ҳамчун як воҳиди иқтисодӣ пешниҳод карда мешаванд.” [28].

Бонкҳо ҳамчун ташкилоти асосӣ ҳисоботи молиявии маҷмуиро тибқи СБҲМ (IFRS) 10 “Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ” таҳия мекунанд. Инчунин тибқи СБҲМ (IAS) 27 “Ҳисоботи молиявии алоҳида” ҳисоботи молиявии алоҳида таҳия намуда, иловатан ба ҳисоботи молиявии маҷмуӣ пешниҳод мекунанд. Ҳамин тавр, бонкҳое ки ҷамъиятҳои фаръӣ, ширкатҳои ассотсиатсияшуда ва корхонаҳои муштарак доранд, ҳисоботи молиявии маҷмуиро омода мекунанд.

Бонкҳое, ки ба ҷамъиятҳои фаръӣ, ширкатҳои ассотсиатсияшуда ва корхонаҳои муштарак сармоягузорӣ (инвеститсия) надоранд, ё бо ибораи дигар, танҳо филиалу намояндагиҳо доранд, ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ тартиб медиҳанд. Дар адабиёти илмӣ доир ба мафҳумҳои “ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ” ва “ҳисоботи молиявии маҷмуӣ” андешаҳои гуногун мавҷуданд. Ба андешаи бархе олимон ин ҳисоботҳо як

маъно доранд ва ба андешаи дигарон ин ҳисоботҳо маънои гуногун доранд.

Ба андешаи Н.В. Генералова фарқияти асосии ҳисоботи молиявии маҷмуӣ аз ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ дар фарқияти методологияи таҳия ва объекти ҳисобот мебошад. Муттаҳидкунӣ (консолидатсия) ин муттаҳидкунии ҳисоботи молиявии алоҳидаи шахсони ҳуқуқии гуногун (ташкилотҳои асосӣ ва фаръӣ) бо истифодаи усулҳои махсус мебошад. Ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ ин маҷмуи механикии тавозунҳои алоҳидаи воҳидҳои сохтории як шахси ҳуқуқӣ мебошад [9, с. 17]. Мо ҷонибдори чунин андеша мебошем, яъне ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ ва маҷмуӣ намудҳои гуногуни ҳисобот мебошанд.

Мафҳуми ҳисоботи молиявии маҷмуӣ нисбат ба ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ мафҳуми васеъ ба ҳисоб меравад. Дар СБҲМ асосан мафҳуми ҳисоботи молиявии маҷмуӣ истифода бурда мешавад.

Ба андешаи мо, ***ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ*** ин маҷмуи шаклҳои ҳисоботи молиявии бонки асосӣ буда, дар натиҷаи якҷоя кардани маълумоти молиявии филиалу намояндагиҳои бонк, ки дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он фаъолият мебаранд, таҳия карда мешавад. Филиалу намояндагиҳои бонк дар асоси низомномаи аз тарафи бонки асосӣ тасдиқшуда фаъолият мекунанд ва шахси ҳуқуқии алоҳида ба ҳисоб намераванд.

***Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ*** ин маҷмуи шаклҳои ҳисоботи молиявии гурӯҳ буда, дар натиҷаи муттаҳид кардани маълумоти молиявии ташкилоти асосӣ, бонкҳои фаръӣ, ҷамъиятҳои фаръӣ, ширкатҳои ассотсиатсияшуда ва корхонаҳои муштарак, ки дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва берун аз он фаъолият мебаранд, таҳия карда мешавад. Бонкҳои фаръӣ, ҷамъиятҳои фаръӣ, ширкатҳои ассотсиатсияшуда ва корхонаҳои муштарак ташкилотҳои ҷудогона буда, дар асоси оиннома ҳамчун шахси ҳуқуқии алоҳида фаъолият мекунанд.

Ба таркиби ҳисоботи молиявии маҷмуии бонкҳо шаклҳои зерини ҳисоботи молиявӣ дохил мешаванд:

1) Ҳисоботи маҷмуӣ дар бораи ҳолати молиявӣ;

2) Ҳисоботи маҷмуӣ дар бораи фоида ё зарар ва дигар даромади умумӣ;

3) Ҳисоботи маҷмуӣ дар бораи тағйирот дар сармояи худӣ;

4) Ҳисоботи маҷмуӣ дар бораи гардиши воситаҳои пулӣ;

5) Эзоҳот (тавзеҳот) ба ҳисоботи молиявии маҷмуӣ.

Ҳамин тариқ, бонкҳое, ки ташкилоти асосӣ ба ҳисоб меравand, шаклҳои номбаршудаи ҳисоботи молиявии маҷмуии солонаро ба истифодабарандагон пешниҳод мекунанд. Инчунин тибқи талаботи қонунгузорӣ баъди гирифтани хулосаи аудиторӣ дар сомонаи расмии худ ҳисоботи молиявии маҷмуиро ҷойгир мекунанд.

**Усулҳои таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ.** Дар СБҲМ усулҳои зерини таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ оварда шудааст (расми 1).




**Расми 1. Усулҳои таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ *(таҳияи муаллиф)***

Чӣ тавре аз расми 1 дида мешавад, тибқи СБҲМ асосан се усули муттаҳидкунии ҳисоботи молиявии ташкилоти асосӣ бо ташкилотҳои фаръӣ мавҷуд аст. Мутобиқи СБҲМ (IFRS) 3 "Муттаҳидкунии соҳибкорӣ" ҳар як муттаҳидкунии ташкилотҳо бо усули харид (ё муттаҳидкунии пурра) ба ҳисоб гирифта мешавад. Тибқи усули харид дороиҳои софи ташкилоти фаръӣ бо ташкилоти асосӣ якҷоя карда мешавад ва ҳама гуна ҳиссаи ғайриназоратӣ (non-controlling interest) дар объекти харидашуда эътироф карда мешавад.

Усули иштироки ҳиссавӣ дар СБҲМ (IAS) 28 "Сармоягузориҳо ба ширкати ассотсиатсияшуда ва корхонаҳои муштарак" оварда шудааст. Тибқи усули иштироки ҳиссавӣ ҳангоми эътирофи аввал сармоягузорӣ ба ширкати ассотсиатсияшуда ё корхонаи муштарак бо арзиши аслӣ эътироф карда мешавад ва арзиши тавозунӣ барои эътироф кардани ҳиссаи сармоягузор дар фоида ё зарари объекти сармоягузорӣ пас аз санаи ба даст овардан, зиёд ё кам карда мешавад. Ҳиссаи сармоягузор дар фоида ё зарари объекти сармоягузорӣ дар таркиби фоида ё зарари сармоягузор эътироф карда мешавад. Тақсимоти аз объекти сармоягузорӣ гирифташуда арзиши тавозунии сармоягузориро кам мекунад.

Усули муттаҳидкунии мутаносиб мутобиқи СБҲМ (IFRS) 11 "Созишномаи муштарак" дар ҳолате истифода мешавад, ки агар якчанд ташкилот бо фаъолияти муштарак якҷоя шуда бошанд. Тибқи усули мазкур ҳиссаи ғайриназоратӣ дар тавозун эътироф карда намешавад.

Ҳамин тариқ, интихоби усули муттаҳидкунӣ аз ҳиссаи ташкилот дар сармоягузорӣ, аз хусусияти гурӯҳи ташкилотҳо ва сатҳи назорати ташкилоти асосӣ вобастагӣ дорад. Ҳамзамон интихоби усули муттаҳидкунӣ моҳият ва хусусияти расмиёти муттаҳидкуниро муайян мекунад.

**Алгоритми таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ.** Дар СБҲМ (IFRS) 10 “Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ” доир ба расмиёти муттаҳидкунӣ (consolidation procedures) талаботи зерин оварда шудааст:

а) муттаҳид намудани моддаҳои шабеҳи дороиҳо, уҳдадориҳо, сармояи худӣ, даромадҳо, хароҷотҳо ва гардиши пулии ширкати асосӣ бо дороиҳои дахлдори ҷамъиятҳои фаръии он;

б) хориҷ кардани (элиминатсия, eliminate) арзиши тавозунии сармоягузории ташкилоти асосӣ дар ҳар як ҷамъияти фаръӣ ва ҳиссаи ташкилоти асосӣ дар сармояи ҳар як ҷамъияти фаръӣ (СБҲМ 3 тарзи баҳисобгирии ҳама гуна гудвили алоқамандро мефаҳмонад);

в) пурра хориҷ кардани дороиҳо ва уҳдадориҳои дохилигурӯҳӣ, сармояи худӣ, даромадҳо, хароҷотҳо ва гардиши воситаҳои пулӣ, ки ба амалиёти байни субъектҳои гурӯҳ алоқаманданд (даромад ё зараре, ки аз амалиёти дохилигурӯҳӣ бармеояд, ба монанди захираҳо ва воситаҳои асосӣ пурра хориҷ карда мешаванд) [28].

Омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ нишон дод, ки олимон дар асоси талаботи СБҲМ ва таҷрибаи амалӣ методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуиро дар асарҳои худ пешниҳод кардаанд.

Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ, пеш аз ҳама, бо мақсади ба саҳмдорон ва қарздеҳон пешниҳод кардани натиҷаҳои фаъолият ва ҳолати молиявии ташкилоти асосӣ ва ҷамъиятҳои фаръии он ҳамчун гурӯҳи ягона таҳия карда мешавад. Ҳисоботи маҷмуӣ дар асоси маълумоти ҳисоботи аъзоёни гурӯҳ бо истифодаи расмиёти махсуси баҳисобгирӣ тартиб дода мешавад. Аммо дар таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ на танҳо ҷамъ намудани нишондиҳандаҳои ҳисоботӣ, балки амалиёт ва тарзҳои махсуси баҳисобгирӣ истифода мешаванд [21, с. 763].

Дар ҷадвали 1 шарҳи баъзе методикаҳои таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ, ки аз тарафи олимон пешниҳод шудааст, оварда шудааст.

**Ҷадвали 1. - Шарҳи методикаҳои таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ**

| Муаллиф | Тавсифи методика |
|---|---|
| Соколов А.А. [25, с. 23-27] | Методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ 3 марҳила ва якчанд расмиёт дорад.<br>*1. Марҳилаи методологӣ:* - муайян кардани периметри муттаҳидкунӣ;<br>- таҳия ва ҷорӣ намудани сиёсати ягонаи баҳисобгирӣ барои ҳамаи аъзоёни гурӯҳи ширкатҳо; - таҳия ва ҷорӣ намудани нақшаи ягонаи ҳисобҳо барои ҳамаи ширкатҳои гурӯҳ.<br>*2. Марҳилаи ташкилӣ.* Интихоби усулҳои мувофиқи таҳияи ҳисобот тибқи СБҲМ: - ташкили баҳисобгирии мувозӣ (параллел); - истифодаи усули ҷадвалҳои трансформатсионӣ; - истифодаи таъминоти барномавии махсус.<br>*3. Марҳилаи ҷамъбастӣ:* - ташаккули модели ҳисобот; - омодакунии дархостҳои иттилоотӣ; - ҷамъоварии маълумот; - тафтиши маълумот; |

| Муаллиф | Тавсифи методика |
|---|---|
| | - табдилдиҳии ҳисобот; - тартиб додани варианти ниҳоии ҳисоботи молиявии маҷмуӣ; - аудити ҳисоботи молиявии маҷмуӣ. |
| Лабинсев Н.Т. [16, с. 188-189] Каретский А.Ю. [12, с. 32] | Методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ аз 4 модул иборат буда, расмиёти муайянро дарбар мегирад.<br>*1. Модули стратегӣ:* - муайян кардани мақсаду вазифаҳои таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ; - омодакунии регламенти раванди таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ.<br>*2. Модули методӣ:*<br>- истифодаи принсипҳои ягонаи баҳисобгирӣ;<br>- ягонагӣ дар инъикоси амалиёти дохилигурӯҳӣ;<br>- қоидаҳои иҷрои муттаҳидкунии маълумоти ширкатҳо.<br>*3. Модули амалӣ:*<br>- муайян намудани периметри муттаҳидкунӣ; - интихоби усули мувофиқи муттаҳидкунии маълумоти ҳисоботи молиявии ташкилотҳо;<br>- тартиб додани варақаи гардишию бақиявӣ дар сатҳи маълумоти муттаҳидшуда тибқи СБҲМ.<br>*4. Модули назоратӣ* маҷмуи якчанд чорабиниҳои назоратиро дарбар мегирад, ки ҳам дар марҳилаи таҳияи ҳисоботи молиявии ширкатҳои алоҳида ва ҳам дар марҳилаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ мутобиқи СБҲМ татбиқ мешаванд. |

***Сарчашма:*** *таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти овардашуда.*

Таҳлилҳо нишон доданд, ки методикаи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуии бонкҳо дар санадҳои меъёрӣ оварда нашудаанд. Бонкҳо мустақилона методологияи онро тибқи талаботи СБҲМ бо истифода аз донишу таҷрибаи худ муайян карда, дар санадҳои меъёрии дохилӣ дарҷ кардаанд.

Ба методикаҳои дар адабиёти илмӣ мавҷудбуда такя намуда, алгоритми (марҳилаҳои) таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ пешниҳод карда мешавад, ки дар расми 2 оварда шудааст.

Алгоритми пешниҳодшуда марҳилаҳои *омодагӣ ва методӣ, амалӣ, ҷамъбастӣ, баҳодиҳӣ ва назоратро* дарбар гирифта, вобаста ба ҳар яки он якчанд расмиёт оварда шудааст.

Бояд қайд кард, ки низоми пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ дар бонкҳои ватанӣ асосан ба талаботи СБҲМ мувофиқат мекунад. Дар пешбурди баҳисобгирии муҳосибии бонкҳо як тамоюли мусбатро қайд кардан ҷоиз аст, ки ин ҳам нақшаи ҳисобҳои баҳисобгирӣ имконият медиҳад иттилоот тибқи талаботи СБҲМ инъикос карда шавад. Ин, албатта, раванди таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуиро чандин маротиба осон намудааст ва ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявии алоҳидаи ташкилотҳо танҳо баъзе навиштаҷоти тасҳеҳӣ талаб карда мешавад.




**Расми 1. Алгоритми таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ (*таҳияи муаллиф)***

Мавриди зикр аст, ки методологияи таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ ба шумораи ками мутахассисони соҳаи бонкӣ маълум аст. Бархе аз бонкҳо бо доштани шабакаи васеи филиалу намояндагиҳо, чанд ҷамъиятҳои фаръӣ ва вобаста вазифаи “мутахассиси СБҲМ”-ро ҷорӣ кардаанд, ки ба департаменти молия итоат мекунад. Аммо то ҳол масъалаи кадрҳо яке аз мушкилоти мубрами низоми пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисобот маҳсуб меёбад. Дар субъектҳои дорои манфиати умум мутахассисони соҳибихтисос, ки моҳият ва мазмуни СБҲМ-ро медонанд ва дарк мекунанд, намерасанд. Барои ҳалли ин масъала зарур аст, ки барномаҳои омӯзишӣ оид ба амалияи татбиқи

СБҲМ таҳия карда, семинарҳо, тренингҳо ва мизҳои мудаввар мунтазам бо ҷалби мутахассисон ва олимон ташкил карда шаванд, инчунин маводи таълимии амалӣ доир ба СБҲМ омода карда шаванд [6, с. 260].

**Хулоса.** Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда, доир ба масъалаҳои ҳисоботи молиявии маҷмуии бонкҳо, хулосаҳои зеринро манзур мекунем:

1. Ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ ва ҳисоботи молиявии маҷмуӣ мафҳумҳои алоҳида мебошанд. Дар навбати худ мафҳуми ҳисоботи молиявии маҷмуӣ нисбат ба ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ мафҳуми васеъ ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқот тафсири муаллифии мафҳумҳои ҳисоботи молиявии ҷамъбастӣ ва ҳисоботи молиявии маҷмуӣ пешниҳод гардидааст.

2. Доир ба таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии маҷмуӣ якчанд номгӯйи СБҲМ истифода мешаванд, ки дар мақола номбар карда шудааст. Бонкҳо ҳисоботи молиявии маҷмуиро тибқи расмиёти муттаҳидкунӣ дар СБҲМ (IFRS) 10 “Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ” таҳия мекунанд.

3. Дар раванди таҳқиқот се усули таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ мутобиқи СБҲМ баррасӣ шудааст: а) усули харид; б) усули иштироки ҳиссавӣ; в) усули муттаҳидкунии мутаносиб. Мазмуни ҳар як усул шарҳ дода шуда, қайд карда шудааст, ки интихоби усул ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ аз ҳиссаи ташкилот дар сармоягузорӣ, аз хусусияти гурӯҳи ташкилотҳо ва сатҳи назорати ташкилоти асосӣ вобастагӣ дорад.

4. Расмиёти муттаҳидкунӣ дар СБҲМ (IFRS) 10 “Ҳисоботи молиявии маҷмуӣ” оварда шудааст, ки муттаҳид намудани моддаҳои шабеҳи ҳисоботи молиявии ташкилоти асосиро бо ҷамъиятҳои фаръӣ, хориҷ кардани (элиминатсияи) арзиши тавозунии сармоягузориҳо ва амалиётҳои дохилигурӯҳиро дарбар мегирад.

5. Аз тарафи олимон методикаҳои таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ пешниҳод шудааст, ки марҳилаҳо ва расмиёти гуногунро дарбар мегирад. Дар заминаи методикаҳои мавҷудбуда, талаботи СБҲМ ва таҷрибаи андӯхташудаи амалӣ алгоритми таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ таҳия ва пешниҳод карда шуд. Алгоритми пешниҳодшуда чор марҳилаи асосӣ - омодагӣ ва методӣ, амалӣ, ҷамъбастӣ, баҳодиҳӣ ва назоратро дарбар гирифта, ба ҳар яки он якчанд расмиёти таҳлилию баҳисобгирӣ муайян карда шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ раванди мураккаб ва дар навбати худ пайдарпай мебошад, аз ин рӯ аз мутахассисон салоҳияти баланди касбиро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, омӯзиш ва истифодаи алгоритми таҳияи ҳисоботи молиявии маҷмуӣ дар амалияи бонкҳо то андозае барои баланд бардоштани самаранокии пешбурди баҳисобгирии молиявӣ дар бонкҳо, ҳамзамон барои такмили низоми таҳия ва пешниҳоди ҳисоботи молиявии бонкҳо мусоидат мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Барфиев, Қ.Х. Баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисобот мувофиқи СБҲМ дар сектори аграрии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ.Х. Барфиев, Н.Ҷ. Ҳасанова // Номаи Донишгоҳ. Бахши илмҳои табиӣ ва иқтисодӣ. – 2020. – №1(52). – С. 182-186.
2. Бобоев, М.У. Гузариш ба СБҲМ ва рушди низоми баҳисобгирии муҳосибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.У. Бобоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 5. – С. 20-27.
3. Бобоев, М.У. Марҳилаҳои рушди баҳисобгирии муҳосибии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.У. Бобоев, Д.А. Ғайбуллоева // Паёми ДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ. – 2021. – № 3(20). – С. 65-73.
4. Бобоев, М.У. Опыт применения МСФО в Республике Таджикистан / М.У. Бобоев // Перспективы развития бухгалтерского учета, анализа, аудита и налогообложения в условиях интернационализации экономики: Сборник статей VI Международной научно-практической конференции, Екатеринбург, 24 апреля 2015 года / ответственные за выпуск: Н.С. Нечеухина, Т.Ф. Шитова. – Екатеринбург: Уральский государственный экономический университет, 2015. – С. 126-133.
5. Бобоев, М.У. Оценка стоимости объектов учета в международных стандартах финансовой отчетности / М.У. Бобоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. – № 9. – С. 181-185.
6. Бобоев, М.У. Реформирование системы бухгалтерского учета по МСФО в Республике Таджикистан / М.У. Бобоев // Endless Light in Science. – 2023. – № 1-1. – С. 257-261. – DOI 10.24412/2709-1201-2023-257-261.
7. Бобоев, М.У. Стандарты финансовой отчетности в государственном секторе Республики Таджикистан: современное состояние, проблемы, перспективы развития / М.У. Бобоев // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2017. – № 1-4(49). – С. 280-286.
8. Вахрушина, М.А. Содержание и процедуры составления консолидированной финансовой отчетности / М.А. Вахрушина // Международный бухгалтерский учет. – 2011. – № 13(163). – С. 15-21.
9. Генералова, Н.В. Эволюция регулирования консолидированной финансовой отчетности в России / Н.В. Генералова, С.Н. Карельская // Международный бухгалтерский учет. – 2014. – № 29(323). – С. 13-28.
10. Герасимова, Л.Н. Современные тенденции формирования консолидированной отчетности группы компаний / Л.Н. Герасимова // Финансовая аналитика: проблемы и решения. – 2014. – № 13(199). – С. 11-22.
11. Исаев, Д.Т. Пути совершенствовании формирования финансовой отчетности по МСФО кредитных организаций Республики Таджикистан / Д.Т. Исаев // Экономика и социум. – 2020. – № 6(73). – С. 677-680.
12. Карецкий, А.Ю. Принципы и подходы к формированию консолидированной финансовой отчетности в соответствии с требованиями МСФО / А.Ю. Карецкий // Международный бухгалтерский учет. – 2013. – №14 (260). – С. 27 – 37.
13. Каримов, Б.Х. Составление плана счетов бухгалтерского учета в соответствии с МСФО / Б.Х. Каримов, М.Б. Каримиён // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 7. – С. 76-83.
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» аз 25 марти соли 2011, № 702

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” аз 19 майи соли 2009, № 524
16. Лабынцев, Н.Т. Проблемы трансформации и составления бухгалтерской (финансовой) отчетности в соответствии с требованиями МСФО / Н.Т. Лабынцев // Вестник РГЭУ РИНХ. –2014. –№2 (46). – С. 184-189
17. Мирзоалиев, А.А. Влияние МСФО на качество отчетности микрофинансовых организаций Таджикистана / А.А. Мирзоалиев, А.А. Давлатов // Таджикистан и современный мир. – 2020. – № 4(72). – С. 271-280.
18. Мирзоалиев, А.А. Влияние МСФО на практику финансовой отчетности в Таджикистане / А.А. Мирзоалиев // Проблемы экономики и юридической практики. – 2019. – Т. 15, № 6. – С. 92-98.
19. Мирзоалиев, А.А. Финансовая отчетность по МСФО: методологические и методические проблемы составления / А.А. Мирзоалиев, М.И. Холикова // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 3(42). – С. 188-197.
20. Низомов, С.Ф. Проблемы внедрения МСФО в Таджикистане и пути их преодоления / С.Ф. Низомов, М. Шобеков // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. – 2015. – № 2-1(9). – С. 216-221.
21. Плотников, В.С. Анализ теоретических основ концепции консолидированной финансовой отчетности / В.С. Плотников, О.В. Плотникова // Международный бухгалтерский учет. – 2017. – Т. 20, № 13. – С. 752 – 767. https://doi.org/10.24891/ia.20.13.752
22. Пучкова, С.И. Объединение бизнеса и консолидированная финансовая отчетность в условиях перехода на МСФО / С.И. Пучкова // Бухгалтерский учет. – 2015. – № 5. – С. 26-29.
23. Садыков, С.И. Проблемы внедрения МСФО и привлечения инвестиций в авиакомпании / С.И. Садыков // Известия Иссык-Кульского форума бухгалтеров и аудиторов стран Центральной Азии. 2015. № 2-1 (9). С. 246-249
24. Сапожникова, Н.Г. Консолидированная финансовая отчетность корпораций / Н.Г. Сапожникова // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. – 2014. – № 3-1. – С. 235-240.
25. Соколов, А.А. Основные этапы формирования консолидированной финансовой отчетности группы компаний // Экономический анализ: теория и практика. – 2012. – №10. – С. 23-29.
26. Трофимова, Л.Б. Применение техники консолидации при построении консолидированной финансовой отчетности в соответствии с требованиями МСФО / Л.Б. Трофимова // Международный бухгалтерский учет. – 2011. – № 11(161). – С. 2-11.
27. Шобеков, М. Новая история становления и развития бухгалтерского учета в Республике Таджикистан / М. Шобеков // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 1(40). – С. 272-280.
28. IFRS Foundation / IFRS Accounting Standards Navigator // https://www.ifrs.org/issued-standards/list-of-standards/

**УДК: 338.514 (575.3)**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ВА РАВАНДҲОИ ИДОРАКУНИИ ОН

***Назаров Азизуллоҳ Зайналобидинович*** *- докторанти PhD кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 555556624.*

*Дар шароити имрӯза сиёсати пулию қарзӣ яке аз қисматҳои асосии сиёсати иқтисодии давлат ба ҳисоб рафта, тавассути он ба самаранокии равандҳои пулӣ баҳо медиҳанд.*

*Новобаста аз оне, ки сиёсати пулию қарзӣ таърихи қадима дорад, равандҳои танзими он ҳамеша механизмҳои асосии пешбарандаи ин сиёсат боқӣ мондаанд. Аз ин лиҳоз, дар мақолаи мазкур масъалаҳои муҳимтарини сиёсати пулию қарзӣ бо равандҳо ва марҳалаҳои таърихии бавуҷудоии ин сиёсат таҳқиқ гардидаанд.*

*Дар баробари ин, муаллиф ҷанбаҳои таърихии сиёсати пулию қарзиро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар натиҷа, назарияи рушди самараноки онро, ки таъсири иқтисодии баланд доранд, муайян намудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтисодиёт, сиёсати пулию қарзӣ, танзим, ҷанба, устуворӣ, нархҳо, таваррум, макроиқтисод, миқдор, муомилот, пул, таҷриба.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОЙ ПОЛИТИКИ И ПРОЦЕССОВ ЕЕ УПРАВЛЕНИЯ

***Назаров Азизуллох Зайналобидинович*** *- докторант PhD кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: 555556624.*

*В современных условиях денежно-кредитная политика считается одной из основных частей экономической политики государства, посредством которой оценивается эффективность денежных процессов. Несмотря на то, что денежно-кредитная политика имеет древнюю историю, ее регулирующие процессы всегда оставались основными движущими механизмами этой политики. С этой точки зрения в данной статье исследуются важнейшие вопросы денежно-кредитной политики, а также различные исторические этапы этой политики. Помимо этого, автор исследовал исторические аспекты денежно-кредитной политики и в результате определил теорию ее эффективного развития, обладающего высоким экономическим эффектом.*

***Ключевые слова:*** *экономика, денежно-кредитная политика, регулирование, аспект, стабильность, цены, инфляция, макроэкономика, количество, обращение, деньги, опыт.*

## THEORETICAL FOUNDATIONS OF MONETARY POLICY AND ITS MANAGEMENT PROCESSES

***Nazarov Azizullokh Zaynalobidinovich*** *- PhD student of the Department of Finance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: 555556624.*

*In modern conditions, monetary policy is considered one of the main parts of the economic policy of the state, through which the effectiveness of monetary processes is assessed. Despite the fact that monetary policy has an ancient history, its regulatory processes have always been the main driving mechanisms of this policy. From this point of view, this article explores the most important issues of monetary policy, as well as the various historical stages of this policy. In addition, the authors studied the historical aspects of monetary policy and, as a result, investigated the theory of its effective development, which has a high economic effect. We are confident that this article will help clarify this issue.*

***Keywords:*** *economics, monetary policy, regulation, aspect, stability, prices, inflation, macroeconomics, quantity, circulation, money, experience.*

Дар ҷомеаи иқтисодӣ яке аз бузургтарин кашфиёти инсоният пул ва муносибатҳои пулӣ буда, тавассути он ҷанбаҳои амалии фаъолияти иқтисодӣ пеш бурда шуда, рушди иқтисодиёти ин ё он давлат имконпазир мегардад. Вобаста ба ин, танзими муносибатҳои пулӣ, ки боиси рушди иктисодиёт ва дуруст кардани муносибатҳои иқтисодӣ мегардад, ин татбиқи муайяни сиёсати пулию қарзӣ мебошад. Дар ин мавриди назария ва андешаҳои гуногун ҷой дорад, ки ҳар кадоми онҳо бузургии масъалаи

мазкурро дар шаклҳои гуногун мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додаанд. Тибқи таҷриба, одатан, сиёсати пулию қарзӣ маҷмуи чораҳои давлатӣ оид ба идоракунии воситаҳо ва муносибати молиявӣ дар кишвар мебошад.

Дар сатҳи иқтисодиёт сиёсати пулию қарзӣ имкон медиҳад, ки вазъи бозори қарзро танзим намуда, фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро, ки ба фаъолияти дигар соҳаҳо таъсир мерасонад, танзим намояд. Новобаста аз оне, ки сиёсати пулию қарзӣ дар сатҳи иқтисодиёт хусусияти танзимӣ дорад, ҳадафи асосии он таъмини устувории нархҳо ва таварруми паст мебошад. Вобаста ба ин масъала ҳамчун омили асосии танзим ва рушди иқтисодиёт нуқтаи назари олимон ва коршиносони соҳа зиёд матраҳ гардидааст. Дар ҷомеаи иқтисодӣ монетаризм назарияи макроиқтисодӣ буда, тибқи он миқдори пули дар муомилотбуда омили муайянкунандаи рушди иқтисодиёт мебошад. Дар яке аз самтҳои асосии афкори неоклассикии иқтисодӣ ин масъала мавриди таҳқиқи амиқ қарор гирифтааст.

Монетаризми муосир дар солҳои 50-ум ҳамчун яке аз масъалаҳои асосии таҳқиқоти эмпирикӣ дар соҳаи муомилоти пул ба вуҷуд омадааст. Асосгузори назарияи монетаризм Милтон Фридман аст, ки соли 1976 барандаи Ҷоизаи Нобел дар бахши иқтисод гардидааст, аммо номи назарияи нави иқтисодиро Карл Бруннер додааст [7, с. 92].

Вобаста ба масоили сиёсати пулию қарзӣ дар мавриди фаҳмидани он, ки тағйирёбии нарх аз миқдори муомилоти пул вобаста аст, аз замонҳои қадим ба назарияи иқтисодӣ ҳамчун илм дохил шудааст. Ҳамин тавр, дар асри III ҳуқуқшиноси машҳури Рими қадим Юлий Павлус вобаста ба ин масъала ибрози ақида намудааст. Баъдтар, соли 1752 файласуфи англис Д. Юм дар «Очерк оид ба пул» робитаи байни миқдори пул ва таваррумро таҳқиқ намуда, изҳор доштааст, ки афзоиши ҳаҷми пул боиси афзоиши тадриҷии нархҳо мегардад, то он даме ки онҳо ба таносуби аслии худ бо миқдори пул дар бозор расанд. Ба ин ақидаҳо аксарияти намояндагони мактаби классикии иқтисоди сиёсӣ ҳамфикр буданд. То он даме ки Ҷ.С. Мил «Принсипҳои иқтисоди сиёсӣ»-ро навишт, дар ин марҳала назарияи умумии миқдори пул аллакай шакл гирифта буд. Ба таърифи Юм, Ҷ.С. Милл дар бораи зарурати доимии сохтори талабот тавзеҳоте илова намуд, зеро ӯ дарк кард, ки пешниҳоди пул метавонад нархҳои нисбиро тағйир диҳад. Дар баробари ин, ӯ изҳор дошт, ки афзоиши ҳаҷми пул ба таври худкор ба болоравии нархҳо оварда намерасонад, зеро захираҳои пулӣ ё пешниҳоди мол низ метавонад дар ҳаҷми муқоисашаванда афзоиш ёбад [2, с. 181].

Илова бар таҳқиқоти анҷомгардида, дар доираи мактаби неоклассикӣ И. Фишер соли 1911 дар муодилаи машҳури мубодилаи худ ба назарияи миқдори пул аз рӯйи формулаи зерин шакли расмӣ додааст [11, с. 672]:

$$\mathbf{MV = PQ}$$

Дар ин ҷо **M** – миқдори пули дар муомилотбуда

- **V** – суръати гардиши пул
- **P** – сатҳи нархҳо
- **Q** - ҳаҷми воқеии маҳсулот

Дар асл, ин муодила як омили асосӣ аст, зеро он аз рӯйи таърифи додашуда дар доираи ченкунии масъалаҳои ба пул ифодаёфта дуруст аст. Дар баробари ин, И. Фишер нишон дод, ки дар муддати кӯтох суръати гардиши пул хеле суст тағйир меёбад ва онро ҳамчун арзиши доимӣ қабул кардан мумкин аст [7, с. 820].

Илова бар ин, бо вуҷуди қабули илмӣ, назарияи миқдори пул аз доираи мактабҳои илмӣ берун нарафтааст. Сабаб он буд, ки то замони Кейнс назарияи мукаммали макроиқтисодӣ ҳанӯз вуҷуд надошт ва назарияи пулро дар амал татбиқ кардан дар он давра мумкин набуд. Ва пас аз пайдоишаш кейнсизм фавран дар илми иқтисодии он замон мавқеи бартариро дар ин масъала ишғол кард. Дар ин солҳо танҳо шумораи ками иқтисодчиён назарияи миқдори пулро кор карда баромаданд, вале ба ин нигоҳ накарда, натиҷаҳои аҷоиб ба даст оварда шуд. Бо мукаммалсозии масъалаи мазкур К. Уорбертон солҳои 1945-1953 муайян кардааст, ки афзоиши ҳаҷми пул боиси болоравии нархҳо мегардад ва тағйирёбии кӯтоҳмуддати ММД дар ин маврид бо ҳаҷми пул алоқаманд аст. Асарҳои ӯ пайдоиши монетаризмро пешбинӣ мекарданд, аммо ҷомеаи илмӣ ба онҳо чандон аҳаммият намедод.

Новобаста аз ин, дар соли 1951 М. Фридман дар доираи Бюрои миллии тадқиқоти иқтисодӣ лоиҳаи омӯзиши таъсири омили пулӣ дар давраи тиҷоратро роҳбарӣ мекард. Дар натиҷаи таҳқиқоти пуршиддати таҷрибавӣ соли 1956 мақолаи машҳури ӯ «Назарияи миқдори пул: варианти нав» ба табъ расид. Соли 1963 ҳамроҳи А. Швартс асари фундаменталии «Таърихи пули ШМА, солҳои 1867-1960» - ро ба табъ расонд, ки ба муҳокимаи солҳои 60-ум оид ба сиёсати иқтисодӣ таъсири калон расонид [11, с. 55].

Соли 1963 асари машҳури Фридман, ки бо ҳамкории Д. Мейзелман бо номи «Муътадилии нисбии суръати гардиши пул ва мултипликатори сармоягузорӣ дар Иёлоти Муттаҳида барои солҳои 1897-1958» навишта шудааст, ба табъ расид, ки дар байни монетаристҳо ва кейнсиён баҳси шадидро ба вуҷуд овард. Муаллифони мақола дар алоқамандӣ бо сиёсати пулию қарзӣ устувории мултипликатори хароҷотро дар моделҳои кейнсӣ танқид кардаанд. Ба ақидаи онҳо, даромади пулии номиналӣ танҳо аз тағйирёбии муомилоти пулӣ вобаста мебошад. Дар чунин шароит пас аз нашри мақола нуқтаи назари онҳо мавриди интиқоди шадиди бисёре аз иқтисоддонҳо қарор гирифт. Дар баробари ин, шикояти асосии суст будани аппарати математикие буд, ки дар ин кор истифода бурда мешавад. А. Блиндер ва Р. Солоу баъдтар эътироф карданд, ки чунин бархӯрд «барои муаррифии ягон назарияи иқтисодӣ хеле ибтидоӣ аст».

Дар тақвият ва мукаммалии масъалаи мазкур соли 1968 мақолаи Фридман «Нақши сиёсати пулию қарзӣ» ба табъ расид, ки он ба

инкишофи минбаъдаи илми иқтисодӣ таъсири назаррас расонд. Дар соли 1995 Ҷ. Тобин ин асарро муҳимтарин асаре номид, ки то ҳол дар маҷаллаи иқтисодӣ нашр шудааст. Ин мақола оғози самти нави тадқиқоти иқтисодӣ - назарияи интизориҳои оқилонаро нишон дод. Дар зери таъсири он ба кейнсиён лозим омад, ки нуқтаи назари худро оид ба асоснокии сиёсати фаъол аз нав дида бароянд [12, с. 55].

Вобаста ба равандҳои амалии принсипҳои бетарафии пул монетаристҳо тарафдори дар қонунгузорӣ мустаҳкам намудани шартҳои монетаристӣ баромад карданд, ки муомилоти пул бояд бо суръати афзоиши ММД-и воқеӣ васеъ шавад. Риояи ин қоида таъсири пешгӯинашавандаи сиёсати зиддифискалии пулию қарзиро аз байн мебарад. Ба ақидаи монетаристҳо, пешниҳоди доимо афзояндаи пул ба афзоиши таваррум бидуни таъсири дигар омилҳои таваррумӣ мусоидат мекунад.

Дар ҳамин ҷо, сарфи назар аз мантиқи ин изҳорот, он фавран объекти интиқоди шадиди кейнсиён гардид. Онҳо изҳор доштанд, ки даст кашидан аз сиёсати фаъоли пулию қарзӣ аблаҳона аст, зеро суръати гардиши пул устувор нест ва афзоиши доимии ҳаҷми пул метавонад боиси тағйирёбии ҷиддии хароҷоти маҷмуӣ шуда, ба тамоми иқтисодиёт халалдоркунанда таъсир расонад [3, с. 535].

Дар дигар сарчашмаҳо қайд мегардад, ки монетаризм ҳамчун таълимоти иқтисодӣ эътироф гардида, ба ақидаи зарурӣ асос ёфтааст, ки пул қувваи асосии ҳаракатдиҳанда ва таъсиррасон ба механизмҳои иқтисодӣ мебошад. Назарияи иқтисодии неоклассикӣ монетаризмро яке аз ҷузъҳои таркибии рушди иқтисодӣ эътироф мекунад. Намояндагони монетаризм чунин мешуморанд, ки танзими давлатии иқтисодиёт бояд маҳдуд бошад ва танҳо дар назорати муомилоти пулӣ зоҳир шавад. Намуди дигари дахолати давлат ба равандҳои иқтисодӣ боиси номутаносибии онҳо мегардад. Монетаристҳо чунин мешуморанд, ки яке аз вазифаҳои давлат тадриҷан зиёд шудани пулҳои муомилотӣ дар шароити рушди воқеии иқтисодӣ мебошад. Азбаски аҳолӣ ба сарфаи маблаҒи худ майл дорад, бо зиёд шудани миқдори молҳо дар бозор талабот ба онҳо зиёд мешавад.

Дар чунин вазъият маблағҳои навро ба иқтисодиёт равона карда, бо ҳамин талаботи онҳоро зиёд кардан лозим меояд. Агар маблағи пулӣ аз ҳаҷми массаи молҳо зиёд бошад, он гоҳ таваррум ба амал омаданаш мумкин аст. Он метавонад ба иқтисодиёт зарари калон расонад ва ба талаботи истеъмолии оянда таъсири манфӣ расонад. Ҷараёнҳои таваррумро бо ҳар роҳ боздоштан лозим аст. Нисбат ба идеологияи монетаризм тасаввуроти ғалат паҳн шудааст: намояндагони ин самт ба раванди муомилоти пулӣ ба маънои аслии худ назари манфӣ доранд, ба муомилоти пулӣ мухолифанд ва даъво доранд, ки онҳо бояд аз иқтисодиёт хориҷ карда шаванд.

Ба андешаи монетаристҳо, миқдори нокифояи пешниҳоди пул мисли зиёдатии он таъсири манфӣ мерасонад, зеро норасоии пул талаботи истеъмолиро коҳиш медиҳад ва, аз ин рӯ, ба коҳиши ММД таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, афзоиши муомилоти пул дар оянда бояд ба суръати афзоиши иқтисодиёт мутаносиб бошад [6]. Дар сатҳи иқтисодиёт вобаста ба он ки равандҳои сиёсати пулию қарзӣ чӣ тавр пеш бурда мешаванд ва онҳо бояд дар кадом сатҳ қарор дошта бошанд, назарияҳои гуногун ҷой дорад, ки ҳар кадоми он вобаста ба дарки ҳодисаҳои иқтисодӣ танзими сиёсати пулию қарзиро пешниҳод менамояд. Ҳамчунин, барои танзими равандҳои сиёсати пулию қарзӣ қонунҳои муомилоти пулӣ мавҷуд аст, ки ба воситаи он таъмини устувории нархҳо, ки ҳаҷми пулҳои барои хариди молҳои сарфшаванда бо арзиши умумии молҳои барои фурӯш пешниҳодшуда баробар бошад, риоя мегардад [10, с. 83].

Аз дигар нуқтаи назар, дар кишварҳои пешрафта маъмул аст, ки сиёсати пулию қарзӣ дар сатҳи иқтисодиёт ин ҳадафи пулӣ мебошад ва дар асоси он назорати пешниҳоди пул қодир аст, ки суръати даромад таварруми пулро паст кунад [5, с. 202]. Новобаста аз он ки иқтисодиёт дар кадом сатҳ қарор дорад, ҳама гуна муносибатҳои пулиро сиёсати пулию қарзӣ ё монетарӣ танзим менамояд.

Дигар олимон ба он ақидаанд, ки яке аз шартҳои асосии самаранок ривоҷ ёфтани хоҷагидорӣ дар мамлакат ин дуруст муайян намудани механизми сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, танзими фаъолияти бонкҳо ва устувории муомилоти пулӣ мебошад.

Ба андешаи Н. Ашуров, сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ маҷмуи тадбирҳое мебошанд, ки барои тағйир додани ҳаҷми пул дар муомилот, ҳаҷми қарзҳо, меъёри фоизҳо, нарх ва дигар нишондодҳои муомилоти пулӣ равона карда мешавад [1, с. 79].

Дар замони ҳозира назариячиёни сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ дар адабиёти иқтисодӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: монетаристҳо ва ғайримонетаристҳо.

Монетаристон асосан олимони амрикоӣ - Ирвинг Фишер, Алфред Маршалл, Артур Сесилем Пигу буда, мувофиқи назарияи онҳо, миқдори пули дар муомилотбуда нарх ва фаъол шудани болоравии иқтисодиёти мамлакатро дар муддати кӯтоҳ муайян менамояд. Монетаристон пешниҳод мекунанд, ки ҳукумат бояд ба иқтисодиёт камтар дахолат кунад, зеро алоқамандии дар боло зикршударо таҳти назорат гирифтан ғайриимкон аст. Аз рӯйи назарияи сиёсати монетаристон, бояд дар муомилот ҳамон қадар пул вуҷуд дошта бошад, ки болоравии иқтисодиёт бе таварруми пул ва кам кардани бекорӣ таъмин карда шавад.

Ғайримонетаристон, ки тарафдорони он, асосан Ҷон Мейнард Кейнс ва дигар олимони иқтисоддон дар он ақидаанд, ки ҳаҷми пулро дар муомилот кам кардан зарур нест ва бояд барои пешрафти иқтисодиёти мамлакат пул ва қарзро ба иқтисодиёт ба қадри кофӣ пешниҳод кардан зарур аст.

Дар истифодаи фишангҳои сиёсати пулу қарз низ назари ин ҳар ду

равия гуногунанд.

Ба ақидаи ғайримонетаристон, бояд коғазҳои қиматноки давлатӣ кам фурӯхта нашавад; меъёри захираҳои ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ кам карда шаванд; ба муомилот пул ба қадри лозимӣ пешниҳод карда шавад; меъёри фоизҳои қарз кам карда шавад; инвеститсия (маблағгузорӣ) зиёд карда шавад.

М. Фридман ва ҷонибдорони ӯ, яъне монетаристон ба он ақидаанд, ки пул дар иқтисодиёт нақши муҳимро иҷро мекунад, бинобар ин, бонкҳои марказӣ пулро ба муомилот мутаносибан бо афзоиши истеҳсолот пешниҳод кунанд, то ба болоравии таваррум роҳ надиҳанд. Мувофиқи назарияи онҳо, бояд коғазҳои қиматноки давлатӣ ба фурӯш бароварда шаванд; меъёри захираи ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ баланд карда шавад; ба муомилот пул камтар пешниҳод гардад; фоизи қарз зиёд карда шавад; маблағгузорӣ кам шавад.

Вобаста ба ин, мо гуфта метавонем, ки дар масъалаи сиёсати пулию қарзӣ ҳамчун фишанги иқтисодӣ назариячиёни сиёсати монетарӣ ва ғайримонетарӣ бо дарназардошти ақидаҳои хилофи якдигар як мақсад доранд, лекин роҳҳои ба мақсад расидани онҳо аз якдигар фарқ мекунанд, ки чунин фарқиятро дар ҷадвали 1 дидан мумкин аст.

**Ҷадвали 1. - Тавсифи ақидаҳои монетаристон ва ғайримонетаристон**

| **Таснифи назарияи монетаристон** | **Таснифи назарияи ғайримонетаристон** |
|---|---|
| Бонкҳои марказӣ пулро ба муомилот мутаносибан бо афзоиши истеҳсолот пешниҳод намоянд, то ба болоравии таваррум роҳ надиҳанд. | Бонкҳои марказӣ пешниҳоди пулро ба иқтисодиёт ба қадри кофӣ таъмин намоянд. |
| Коғазҳои қиматноки давлатӣ зиёд ба фурӯш бароварда шаванд. | Ба субъектҳои гуногун коғазҳои қиматноки давлатӣ кам фурӯхта шаванд. |
| Меъёри захираҳои ҳатмӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ баланд карда шаванд. | Меъёри захираҳои ҳатмии бонкҳои тиҷоратӣ кам карда шавад. |
| Ҳаҷми пул дар муомилот кам карда шавад ё пешниҳоди пул ба муомилот кам карда шавад. | Ҳаҷми пул дар муомилот ба қадри кофӣ зиёд карда шавад. |
| Фоизи қарзҳои ба субъектҳои гуногун пешниҳодшаванда зиёд карда шавад. | Фоизи қарзҳои ба субъектҳои гуногун пешниҳодшаванда кам карда шавад. |
| Ҳиссаи сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ кам карда шавад. | Ҳаҷми сармоягузорӣ дар иқтисодиёт зиёд карда шавад. |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Аз рӯйи тафсири ҷадвали мазкур, вобаста ба назарияи сиёсати монетаристон ва ғайримонетаристон, қайд кардан зарур аст, ки дар раванди мактабдории онҳо ҷонибдорони ин назарияҳо як мақсад дошта, роҳҳои ба мақсад расидани онҳо дар сатҳи иқтисодиёт гуногун мебошанд. Тарафдори ин назарияҳо пешниҳод менамоянд, ки тавассути дар амал татбиқ намудани чунин сиёсати пулию қарзӣ рушди иқтисодиётро дар сатҳи зарурӣ таъмин менамоянд. Ба андешаи мо, дар ҷараёни истеҳсолот ва дигар масъалаҳои рушди иқтисодиёт истифодаи масъалаҳои

пешниҳоднамудаи монетаристон ва ғайримонетаристон вобаста ба ҳолат ва вазъият ба мақсад мувофиқ аст. Барои мисол, бояд қайд намуд, ки дар ҳолате ки самти истеҳсолот дар давлат фаъол бошад, ҷонибдории назарияи монетаристон ба мақсад мувофиқ аст. Дар ҳолате ки талаботи ҳадди аксари давлат аз ҳисоби молҳои хориҷа таъмин карда шавад, пешниҳодҳои ғайримонетаристон хавфнок мебошад, зеро дар чунин ҳолат сатҳи таваррум ба таври афзоянда боло меравад.

Дар чунин ҳолат, тибқи назарияи монетаристҳо, таваррум вақте ба амал меояд, ки суръати афзоиши миқдори пул аз суръати афзоиши иқтисод зиёд бошад. Дар давраи аввал аҳолӣ афзоиши дарозмуддати нархро интизор набуда, ҳангоми болоравии нарх онро муваққатӣ мешуморад. Субъектҳои иқтисодӣ нигоҳ доштани ҳаҷми пули нақдро барои дар сатҳи муқаррарии худ нигоҳ доштани ниёзҳои худ идома медиҳанд. Аммо, агар нархҳо идома дошта бошанд, пас мардум интизори афзоиши минбаъдаи нархҳо мешаванд. Вақте ки қобилияти харидории пул коҳиш меёбад, он як роҳи гаронбаҳои нигоҳдории дороиҳо мегардад ва одамон кӯшиш мекунанд, ки миқдори пули нақдро дар худ кам кунанд. Ин нарх музди кор ва даромади номиналиро зиёд мекунад. Дар натиҷа, тавозуни пули ҳақиқӣ коҳишро идома медиҳад. Дар ин марҳила нархҳо нисбат ба миқдори пул зудтар боло мераванд. Агар суръати афзоиши муомилоти пул муътадил шавад, суръати афзоиши нархҳо низ муътадил мегардад. Дар баробари ин, афзоиши сатҳи умумии нархҳо бо афзоиши маблағи пул алоқаи гуногун нишон дода метавонад. Дар сурати муътадил будани таваррум нарх ва муомилоти пул, чун қоида, бо як суръат меафзояд. Дар вақти баланд будани таваррум нархҳо назар ба муомилоти пул якчанд маротиба тезтар баланд шуда, боиси кам шудани даромади воқеӣ мегардад [5, с. 662].

В. Виноградова қайд менамояд, ки яке аз шартҳои зарурии самарабахши инкишоф ёфтани иқтисодиёт ташаккули механизми танзими пул ба воситаи субъектҳои асосии худ мебошад. Мақсади асосии сиёсати пулӣ дар шароити таназзули молиявию иқтисодӣ, барои ноил шудан ба рушди иқтисодиёт ёрӣ расонида, дараҷаи умумии истеҳсолот, хислатҳои бо шуғли пурра фаро гирифтан ва аз устуворӣ баҳра бурдани нархҳо, ки махсусан дар ҷаҳон муҳим аст, нигаронида шудааст. Бо вуҷуди ин, дар сатҳи иқтисодчиён баҳсу мунозираҳои гуногун зиёд мебошад, ки аҳаммияти пул ва нақши сиёсати пулиро дар шароити иқтисодиёти бозор дар доираи назарияи кейнсӣ ва монетаризми муосир муҳим мешуморанд. Падари сиёсати пулию қарзӣ Милтон Фридман, барандаи ҷоизаи Нобел, иқтисодчии намоёни муосир эътироф шудааст. Ҳамин тариқ, назарияи ӯ аз ҷониби бисёр ҳукуматҳо истифода мешавад, ва он бо Адам Смит, Маршалл, Кейнс, Леонтйев ҳамбастагӣ дорад [7].

Ба андешаи О.И. Лаврушин, сиёсати пулию қарзӣ бояд ҳамчун як қисми иқтисодиёти умумимиллӣ бошад, ки ба мақсади тараққиёти сиёсати иқтисодии умумии миллӣ ҷавоб дода, барои ба даст овардани таъминоти

мувозинати макроиқтисодӣ хоҷагии халқро кумак расонад. Умуман, мақсади танзими давлатии иқтисодиёт, ки ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳи макроиқтисодӣ мебошад, мувозинати оптималии барои як кишвари додашуда афзоиши иқтисодӣ мебошад [9].

Дар хулоса, қайд кардан зарур аст, ки занҷираи фарогирии сиёсати пулию қарзӣ дар зинаи аввал ба унсурҳои асосии пул ва, сониян, ба сатҳи истеҳсолот ва рушди иқтисодиёти ин ё он давлат бастагӣ дорад. Ҳамин аст, ки иқтисодшиносони машҳур танзими муносибатҳои пулиро аз оғози пайдоиши пул таҳқиқ намуда, вобаста ба ҳодисаҳои иқтисодӣ ва исботи онҳо роҳҳои гуногуни ин масъалаҳоро дар сатҳи зарурӣ пешниҳод намудаанд. Ҳамчунин, ҳар як олим ва коршинос механизмҳои танзими сиёсати пулию қарзиро танзим намуда, амсилаҳои бавуҷудоии онро таҳқиқ ва таърифҳои гуногунро пешниҳод намудааст. Ба андешаи мо, таърифи сиёсати пулию қарзӣ бо дарназардошти масъалаҳои муосир ва фарогир бояд дар чунин шакл тартиб дода шавад.

Сиёсати пулию қарзӣ (сиёсати монетарӣ) раванди танзим ва идораи пешниҳоди пул дар иқтисодиёт, сатҳи пардохтпазирии низоми бонкӣ ва меъёрҳои кӯтоҳмуддати фоизии бозори байнибонкиро тавассути истифодаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар бар гирифта, он пеш аз ҳама, баҳри ба даст овардани суботи нархҳо ва мусоидат ба рушди воқеии иқтисодиёт равона мегардад. Ва чунин қоида хосияти муосир ва инноватсионӣ дошта, ба воқеияти иқтисодиёти имрӯзаи давлат наздик мебошад. Назарияҳои дар ин самт таҳқиқгардида занҷираи сиёсати пулию қарзиро бо дигар шохаҳои гуногуни иқтисод дар сатҳи иқтисодиёт муаррифӣ менамоянд.

**Адабиёт**


1. Ашуров Н. Идоракунии хавфҳои бонкӣ. Китоби дарсӣ / Н.Ашуров, С.Ҷ. Махшулов. – Душанбе, 2022. – 234 с.
2. Блауг М. Экономическая мысль в ретроспективе / М. Блауг. - М.: Дело, 1996. – 687 с.
3. Кондратов Д.И. Денежно-кредитная политика в странах Европы / Д.И. Кондратов // Экономический журнал ВШЭ. - 2011. - Т.15. - №2. - С. 202-236.
4. Курс экономической теории / Под ред. Чепурина М.Н., Киселёвой Е. А. - Киров: АСА, 1995. – 622 с.
5. Макконелл К.Р. Экономика: принципы, проблемы и политика. — перевод с 13-го английского издания / К.Р. Макконелл, С.Л. Брю. - М.: ИНФРА-М, 1999. – 974 с.
6. Мальцев А.А. История экономических учений в системе экономических наук: современность и перспективы: диссер. на соис. уч. ст. д.э.н: 08.00.01. / А.А. Мальцев. – Екатеренбург, 2017. – 331 с.
7. Мишкин Ф. Экономическая теория денег, банковского дела и финансовых рынков: учеб. пособие для вузов / Ф. Мишкин. Пер. с англ. Д. В. Виноградова, под ред. М. Е. Дорошенко. - М.: Аспект Пресс, 1999. – 820 с.
8. Моисеев С.Р. Взлет и падение монетаризма / С.Р. Моисеев // Вопросы экономики. - 2002. — № 9. — С. 92
9. Основы банковского дела: учеб. пособие. 4-ое издание. Перераб и допол / кол. авт. под ред. О.И. Лаврушина. - М.: КНОРУС, 2013. – 392 с.

10. Раҳимзода Ш. Муомилоти пулӣ ва қарз. Китоби дарсӣ / Ш. Раҳимзода. – Душанбе, 2018. – 183 с.
11. Сажина М.А. Экономическая теория. - 2-е издание, переработанное и дополненное / М.А. Сажина, Г.Г. Чибриков. - М.: Норма, 2007. – 672 с.
12. Сноудон Б. Современная макроэкономика и её эволюция с монетаристской точки зрения: интервью с профессором Милтоном Фридманом. Перевод из Journal of Economic Studies (рус.) / Б. Сноудон, Х. Вэйн // Эковест. — 2002. — № 4. — С. 52-55.

---

УДК: 334.71

# ТАЪМИНОТИ ЗАХИРАВИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ ВА РОҲҲОИ АФЗОИШИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ОН

***Маҳмадшарифова Гуландом Маҳмадзарифовна** - унвонҷӯи кафедраи иқтисоди корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Тел.: (+992) 988-49-71-10; E-mail: gulandom2020@mail.ru.*

*Дар мақола ҷанбаҳои гуногуни таъминоти захиравии фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатии мамлакат мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, қайд мегардад, ки фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ гуногунпаҳлу ва бисёрҷабҳа буда, зарур аст, ки механизми амалкарди он вобаста аз хусусиятҳои давлатӣ ва минтақавӣ дар амал татбиқ гардонида шавад. Дар мақола фикру ақидаҳои танҳо олимони ватанӣ бобати дараҷаи таъминоти захиравии фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ғояи асосӣ ба он асос меёбад, ки роҳҳои асосии афзоиши самаранокии истифодаи таъминоти захиравии корхонаҳои саноатӣ вобаста аз имкониятҳои дохилии мавҷудаи корхонаҳо дарёфт карда шаванд.*

***Калидвожаҳо:** таъминоти захиравӣ, захираҳои табиӣ, дараҷаи самаранокӣ, маҳсулнокӣ, корхонаҳои истеҳсолӣ, корхонаҳои саноатӣ, иқтисодиёти миллӣ, иқтисодиёти минтақавӣ, механизми иқтисодӣ, фишангҳои иқтисодӣ.*

## РЕСУРСНОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ И ПУТИ ПОВЫШЕНИЯ ЕГО ЭФФЕКТИВНОСТИ

***Махмадшарифова Гуландом Махмадзарифовна** - соискатель кафедры экономики предприятий и предпринимательства Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Тел.: (+992) 988-49-71-10. E-mail: gulandom-2020@mail.ru.*

*В статье исследуются и анализируются различные аспекты ресурсного обеспечения экономической деятельности отечественных промышленных предприятий. Автором отмечается, что экономическая деятельность промышленных предприятий считается различной и всесторонней, и в связи с этим необходимо применить механизм его реализации с учетом национальных и региональных особенностей. В статье исследовано только мнение отечественных учёных по теме уровня ресурсного обеспечения экономической деятельности промышленных предприятий. Основная идея заключается в том, что пути повышения эффективности ресурсного обеспечения промышленных предприятий зависят от внутренних и собственных возможностей самих предприятий.*

***Ключевые слова:** ресурсное обеспечение, природные ресурсы, уровень эффективности, продуктивность, производственные предприятия, промышленные предприятия, национальная экономика, региональная экономика, экономический механизм, экономические рычаги.*

## RESOURCE SUPPORT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES AND WAYS TO INCREASE ITS EFFICIENCY

***Mahmadsharifova Gulandom Mahmadzarifovna**, applicant at the Department of Enterprise Economics and Entrepreneurship of the Tajik State Financial and Economic University. Phone: (+992) 988-49-71-10; e-mail: gulandom-2020@mail.ru.*

*The article explores and analyzes various aspects of resource support for the economic activities of domestic industrial enterprises and notes that the economic activities of industrial enterprises are considered to be different and comprehensive, and in this regard, it is necessary to apply the mechanism for its implementation, taking into account national and regional characteristics. The article explores only the opinion of domestic scientists on the topic of the level of resource support for the economic activity of industrial enterprises. The main idea is that the ways to increase the efficiency of the resource provision of industrial enterprises depend on the internal and own capabilities of the enterprises themselves.*

***Key words:** resource provision, natural resources, efficiency level, productivity, production enterprises, industrial enterprises, national economy, regional economy, economic mechanism, economic levers.*

Густариши муносибатҳои иқтисодии субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ дар давраи муосир тақозо менамояд, ки сатҳи истифодаи захираҳои гуногуни иқтисодӣ дар баробари дигар сарчашмаҳои пешбурди фаъолият, инчунин аз ҳисоби дараҷаи таъминнокии захиравии он муайян ва арзёбӣ карда шавад. Фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ, махсусан корхонаҳои саноатии давраи имрӯза, аз як ҷониб, ба дастовардҳои илму техникаи муосир такя менамоянд, аз ҷониби дигар, маҳз истифодаи самаранок ва васеии захираҳои дохилии ҷойдоштаи табиӣ бояд таъмин бошад. Дараҷаи таъминнокии захиравии пешбурди фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки самтҳои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар давраи дарозмуддат ошкор карда шаванд.

Самаранокии фаъолияти иқтисодӣ ва молиявии корхонаҳои саноатӣ дар мадди аввал аз маҷмуи захираҳое, ки корхона дар ихтиёри худ дорад, вобастагӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки захираҳои иқтисодӣ дар бештари ҳолатҳо маҳдуд арзёбӣ карда мешаванд ва, аз ҳамин лиҳоз, ба андешаи мо, барои корхонаҳои саноатӣ зарур аст, ки баҳри ноил гардидан ба ин ё он ҳадаф маҳсулнокӣ, ё ин ки самаранокии намуди захираҳо ва дараҷаи таъминнокии он ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро афзоиш медиҳад. Ҳадафи асосии таъминоти захиравии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, чи дар назария ва чи дар амалия аз он иборат аст, ки кадом усули истифодаи самараноки захираҳои маҳдуди иқтисодӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузоштаншудаи худи корхона афзалиятнок ба ҳисоб рафта, самараи истеъмолӣ то чӣ андоза зиёд карда мешавад.

Дар ин бобат дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» қайд мегардад, ки бо дарназардошти

захираву имконияткои кишвар, аз ҷумла ашёи хоми ватанӣ, иктидорҳои истеҳсолӣ, захираҳои меҳнатӣ, «энергияи сабз» ва талаботи афзоянда ба маҳсулоти саноатӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, ҷиҳати ноил шудан ба яке аз ҳадафҳои стратегии мо – саноатикунонии босуръат ҳанӯз нокифоя мебошанд [3].




**Расми 1. Принсипҳои дараҷаи таъминнокии захиравии корхонаҳои саноатӣ. Коркарди муаллиф.**

Чӣ гунае ки амалияи пешбурди фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, барои муътадилии фаъолияти иқтисодӣ аз ҳисоби дараҷаи таъминнокии захиравӣ риояи принсипҳои асосии танзимкунанда зарур аст, ки онҳо хоси корхонаҳои саноатии кишваранд (расми 1).

• Принсипи беҳтаркунони (оптимизатсия)-и захирабоздеҳӣ. Принсипи мазкур имкон медиҳад, ки таносуби байни хароҷоти захираҳо, аз як ҷониб, аз ҷониби дигар, ҳаҷми истеҳсоли махсулот, мол ва хизматрасонӣ муқаррар карда шавад, яъне чӣ қадар ҳаҷми амалишавии як сомонии маҳсулоти фурӯхташаванда ба як сомонии воситае, ки ба фаъолияти корхона сармоягузорӣ карда шудааст, рост меояд.

• Принсипи ивазнамоии захираҳо. Ҳангоми истифодаи принсипи мазкур бояд қайд намуд, ки маҳдудияти истифодаи захираҳои гуногуни иқтисодӣ ба маҳдудияти имкониятҳои истеҳсоли маҳсулоти тайёр оварда мерасонад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми маҳдудияти як намуди захираи иқтисодӣ, корхонаи саноатӣ метавонад ба ҳамон шакли захираҳои маҳдуд аз ҳисоби дигар намуди захира фаъолияти иқтисодии худро дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулот пеш барад.

- Принсипи самаранок истифода намудани захираҳои мавҷуда. Барои таъмини сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ муҳим аст, ки захираҳои дар ихтиёрдошта ва он захираҳое, ки корхона метавонад ба даст орад, самаранок мавриди истифода қарор дода шаванд. Дар ин ҷо зарур аст, ки корхонаҳои саноатӣ маҷмуи қоидаҳо ва усулҳои тақсимоти захираҳои ҷойдошта ва ҷалбшавандаро ба самтҳои гуногун муайян намоянд, то ин ки таъминоти ҳаддиаксарии маҳсулнокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ амалӣ карда шаванд.
- Принсипи идоракуни (танзимнамои)-и маъмурӣ. Принсипи мазкур омилҳои таъсиррасони беруна ва дохилаи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва маъмуриро оид ба пешбурди фаъолияти иқтисодӣ дар доираи қонунҳои амалкунанда, қарорҳои дахлдор, оинома ва низомномаҳои пешбурди фаъолияти иқтисодӣ ба роҳ монад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳама гуна пешбурди фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аз ҳисоби намуди фаъолият дар шакли иҷозатнома санадҳои меъёрию ҳуқуқии дахлдор муайян гардидаанд ва аз ҷониби мақомотҳои соҳавӣ танзим ва назорат карда мешаванд.
- Принсипи таъминнокии иттилоотӣ. Тақозои асосии принсипи мазкур ба он асос меёбад, ки ҳангоми пешбурди фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ низоми иттилоотие таъсис дода шавад, ки дар он дараҷаи таъмини захиравии фаъолият фаврӣ бошад ва имкон дода тавонад, ки барои беҳтар намудани самтҳои фаъолият, ё ин ки ивази самти фаъолият дар асоси қабули қарорҳои дахлдор дар асоси маълумоти зарурии шаффоф бароварда шавад.

Дар баробари принсипҳои пешниҳодгардида барои ҳалли масъалаҳои низоми таъминоти захиравии рушди иҷтимоию иқтисодии иқтисоди миллӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он пешниҳод карда мешавад, ки пайдарҳами (алгоритм)-и он таҳия карда шавад. Унсурҳои таркибии принсипҳои болозикр, ба андешаи мо, иборатанд аз:

- Ошкор сохтани муаммоҳои таъминоти захиравии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алорҳида;
- Арзёбии мубрамӣ будани масъалаи таҳқиқгардида ва дар амал истифода намудани он;
- Муайян намудани омилҳои таъсиррасон ҳангоми қабули қарорҳои идоракунӣ;
- Таҳлили сохтори низоми идоракунии таъминоти захиравӣ, ки метавонанд ҷараёни гирдгардиши маҳсулоти тавлидгардидаро, ки аз ҳисоби истифодаи захираҳои иқтисодӣ истеҳсол шудаанд, суръат бахшанд;
- Арзёбии сатҳи азхудкунӣ ва таъсири унсурҳои таркибӣ ба ҳолати истифодаи захираҳои иқтисодӣ ва дараҷаи таъминоти он;

- Таҳия намудани сенарияҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои алоҳида аз ҳисоби дараҷаи таъминотӣ ва омилҳои инноватсионӣ;
- Муайян намудани ҳудудҳои натиҷанокӣ, самаранокӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти тавлидгардида аз ҳисоби истифодаи оқилонаи захираҳои иқтисодӣ;
- Иваз ва мукаммал намудани низоми идоракунии таъминоти захиравӣ дар сатҳи минтақавӣ;
- Арзёбии натиҷаҳои бадастомада;
- Мониторинги фаъолияти иқтисодӣ, ҳангоми истифодаи оқилонаи захираҳои иқтисодӣ ва дараҷаи таъминоти он.

Принсипҳои болоии пешниҳодгардида имкон медиҳанд, ки фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аз ҳисоби дараҷаи таъминнокии он беҳтар гардонида шаванд. Дар ин маврид баъзе аз олимони ватанӣ қайд менамоянд, ки механизми самаранок идоракунии корхонаҳои истеҳсолӣ (саноатӣ) ташаккули иттилооти заруриро оиди воситаю усулҳои идоракунӣ талаб менамоянд ва иттилоот бояд фарогири чунин маълумотҳои корхонаҳо бошад: ҳадафи корхона, мақсади стратегии он, масоили рушд, низоми идоракунии корхона, сохтори ташкилии он, бизнес-равандҳо, хусусиятҳои муҳити дохилӣ ва берунии корхона, захираҳои корхонаҳо ва ғайраҳо [6, с.108].

Бояд қайд намуд, ки яке аз муаммоҳои асосии низоми таъминоти захиравӣ ин самаранок истифода намудани худи захираҳои дар ихтиёрдошта ба ҳисоб мераванд. Ба аншедаи мо, таъминоти захиравии фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ҳамаи самтҳои фаъолият, минҷумла молиявӣ, иқтисодӣ ва хоҷагидории онро фаро гирифта, ҳамчун объекти идоракунӣ метавон онро таҳлил ва арзёбӣ намуд. Дар амалияи пешбурди фаъолият, бинобар сабаби пайдоиши намудҳои нави захираҳои иқтисодӣ, фаъолияти корхонаҳои саноатӣ низ дигаргун шуда истодаанд ва сарчашмаҳои нави дарёфти маблағ низ васеъ гардида истодааст. Бояд қайд намуд, ки захираҳои нави иқтисодӣ тақозо менамоянд, ки усулҳои нави технологияҳо ва қоидаҳои нави таъминоти захиравии корхонаҳои саноатӣ тарҳрезӣ карда шаванд.

Дар таҳқиқоти олимони ватанӣ масъалаи мазкур мавриди васеи омӯзиш қарор дода шудааст ва фикру андешаҳо нисбати афзоиши самаранокӣ ва маҳсулнокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар солҳои охир гуногун мушоҳида карда мешавад. Дар баробари ин, фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои минтақавиро низ доро буда, на дар ҳамаи минтақаҳои дараҷаи таъминнокии захиравӣ якзайл арзёбӣ карда мешавад. Ин ҳолат, аз як тараф, аз мавҷудияти имкониятҳои иқтидори захиравии минтақа вобаста бошад, аз ҷониби дигар, аз дараҷаи рушди иқтисодӣ ва истифодаи васеи технологияҳои имконпазири ин ё он минтақа вобастагӣ дорад.

Академик Р.К. Раҳимов қайд менамояд, ки омили муҳимтарини таъмини самаранокии истифодаи ҳама гуна захираҳо ва дигар омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодии инноватсионӣ мушоҳида мегарданд [5, с.55]. Аз таҳқиқоти ӯ бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз нишондиҳандаҳои асосии рушди инноватсионӣ ин сохтори соҳавии саноат ба ҳисоб меравад, ки аз ҳисоби сатҳи технологӣ бояд арзёбӣ карда шавад. Сохтори соҳавии саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зерсоҳаҳои сатҳи баланди технологӣ, сатҳи миёнаи технологӣ ва мутаносибан сатҳи пасти технологӣ ҷудо карда мешавад, ки дар солҳои охир нишондиҳандаҳои он баробар аст ба 0,13%, 1,1% ва 22,5%.

Аз ин ҷо бармеояд, ки дар сохтори соҳавии саноати мамлакат ҳиссаи соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ нисбати дигар соҳаҳо пасттар буда, ба андешаи мо, зарур аст, ки таъминоти захиравии онҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилии корхонаҳои саноатӣ баланд карда шаванд. Дар бештари ҳолатҳо ба назар мерасад, ки ин гуна афзоиш танҳо аз ҳисоби воридоти технологияҳои муосир ба даст оварда мешавад, вале таҷрибаи солҳои охир нишон медиҳад, ки воридоти таҷҳизоти инноватсионӣ барои корхонаҳои саноатӣ душвор гардида истодааст, аз ин лиҳоз, ин гуна афзоишро метавон аз ҳисоби дараҷаи таъминоти захиравӣ ба даст овард.

Ба андешаи баъзе аз олимони ватанӣ, барои комёб шудан ба мақсадҳои гузоштаи Ҳукумати кишвар дар самти саноатикунонии босуръати мамлакат аз ҳисоби захираҳои ҷойдошта, бояд пеш аз ҳама, тараққиёти соҳаи саноатро таъмин кард, чунки маҳз аз дараҷа, суръат ва хусусияти инкишофи саноати миллӣ дараҷаи техникии соҳаҳои кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт, алоқа, савдо ва прогресси техникии ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ вобаста аст. Инкишофи минбаъдаи соҳаи саноат ва пеш аз ҳама, соҳаҳои саноати вазнин заминаи муҳимтарини пурзӯр кардани иқтидор (потенсиал) ва ҳалли бомуваффақияти масъалаҳои истиқлолияти иқтисодии кишвари мо - Тоҷикистон мебошад [2, с.136].

Дар дигар таҳқиқоти олимони ватанӣ барои таъмин кардани рушди бемайлони соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси рушди индустриалӣ ва инноватсионии иқтисодиёт як қатор чорабиниҳоро амалӣ кардан мувофиқи мақсад аст, ки онҳо иборатанд аз: тағйир додани таносуби истеҳсоли маҳсулоти соҳаҳои истихроҷ ва коркард ба нафъи соҳаи коркарди маҳсулот; рушди афзалиятноки истеҳсолот ва соҳаҳои нав ва навтарин, аз он ҷумла технологияҳои иттилоотӣ, ки пешрафти илмӣ-техникиро дар хоҷагии халқ таъмин месозанд ва ба ҳамин васила рақобатпазир кардани иқтисодиёти миллӣ; бо суръати баланд рушд додани комплекси агросаноатӣ то ба сатҳе, ки имкони таъмин намудани аҳолии кишварро бо маҳсулоти асосии хушсифати ватанӣ аз рӯйи меъёрҳои физиологии истеъмол фароҳам оварад. Ноил шудан ба амнияти ғизоии кишвар; беҳтарсозии ҷойгиронии корхонаҳои саноатии таъсисшаванда вобаста ба махсусиятҳои минтақавӣ [1, с.126].

Дар дигар таҳқиқоти ҳангоми омӯзиши муаммоҳои ҷойдоштаи дараҷаи таъминоти захиравии корхонаҳои ватанӣ қайд мегардад, ки муаммоҳои рушди иқтисодиёти минтақаҳои ҷумҳурӣ аз он дарак медиҳанд, ки низоми идоракунии дараҷаи таъминоти захиравии самаранок тарҳрезӣ гардида, он аз як тараф, хусусияти умумӣ дошта, аз ҷониби дигар, ба принсипҳои ташаккул ва рушди муносибатҳои иқтисодии сатҳи минтақавӣ мувофиқат намояд. Ҳамзамон, механизми амалкарди низоми идоракунии таъминоти захиравии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаи алоҳида бо дарназардошти хусусиятҳои сатҳи иқтисодиёти миллӣ бояд мукаммал гардонида шавад [7, с.242]. Диққати асосӣ ба он равона карда мешавад, ки ҳар як минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби механизми идоракунии дараҷаи таъминнокии захираҳои табиӣ якзайл буда, вобаста аз мавҷудият ва имконоти захираҳои иқтисодӣ аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

Дар дигар таҳқиқоти олимон қайд мегардад, ки раванди идоракунии таъминоти захиравии рушди иқтисоди миллӣ, махсусан, иқтисоди минтақавӣ аз мавҷудияти захираҳои иқтисодии мавҷуда, яъне иқтидори иқтисодӣ вобастагии калон дорад. Омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни назариявӣ ошкор сохт, ки аз дараҷаи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ рушди иҷтимоию иқтисодии сатҳи иқтисоди миллӣ ва минтақавӣ вобастагии калон дорад ва равандҳои идоракунии таъминоти захиравӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи механизми идоракунии рушди иқтисодии минтақа баромад намуда, аз захираҳои гуногун иборат аст ва сохтори мукаммали рушди иқтисодиро дар сатҳи минтақавӣ нишон медиҳад [8, с.72].

Мавриди зикр аст, ки омӯзиши паҳлуҳои гуногуни фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ метавонанд ба дараҷаи таъминоти захиравии корхонаҳои истеҳсолӣ таъсири худро бевосита расонанд. Масалан, дар таҳқиқоти баъзе аз олимони ватанӣ сатҳи рақобатпазирии иқтисодиёти минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки дар он қайд мегардад, ки механизми таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа, пеш аз ҳама, аз иқтидори захиравии он вобастагӣ дорад, ки он дар худ намудҳои гуногуни захираҳо, аз ҷумла табиӣ, инсонӣ, молиявӣ ва ғ.-ро инъикос менамояд [4, с. 86].

Дар сатҳи иқтисодиёти миллӣ барои таъминнокии захиравии корхонаҳои саноатӣ зарур аст, ки миқдори захираи табиие, ки ҳангоми истеҳсолоти маҳсулот сафарбар карда мешавад, муайян карда шавад ва захира нисбати сатҳи истифодаи он ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ инъикоскунандаи солҳои минбаъдаро нишон медиҳад. Зариби истифодаи онро метавон чунин муайян намуд:

**ТЗ = МЗ/СИ**,

аз ин ҷо, ТЗ – таъминоти захиравӣ;

МЗ – миқдори захира;

СИ – сатҳи истифодабарӣ.

Ба андешаи мо, таҳқиқоти анҷомдодашудаи олимони ватанӣ имкон медиҳад ба хулосае омад, ки таъмини захиравии фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ аз маҷмуи омилҳо (дохила ва беруна), механизмҳои амалкарди пешбурди фаъолият, самти рушди иқтисодӣ, истифодаи фишангҳои иқтисодӣ ва дигар унсурҳои таркибӣ вобаста буда, барои рушди иқтисодиёти миллӣ, ё ин ки минтақавӣ аз ҳисоби афзоиши маҳсулоти гуногуни саноатӣ зарур аст, ки роҳҳои афзоиши самаранокии он ҷустуҷӯ карда шаванд. Роҳҳои афзоиши самаранокии истифодаи захираҳои иқтисодӣ ва дараҷаи таъминоти он, чӣ гунае ки дар боло зикр гардид, барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз хусусиятҳо, имкониятҳои мавҷуда (иқтидори иқтисодӣ) ва қарорҳои дахлдори худи корхонаҳои саноатӣ вобаста буда, механизми амалкарди он вобаста аз таъсири омилҳои истеҳсолӣ амалӣ карда мешавад.

**Адабиёт**


1. Низомова, Т.Д. Рушди соҳаи саноат - омили пешрафти иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т.Д. Низомова, Д.А. Қозиев // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2020. – No. 4(261). – P. 125-130.
2. Низомова, Т.Д. Саноатикунонии босуръат ва таъмини рушди инноватсионии саноати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Т.Д. Низомова, Ҷ.Р. Раҳмонов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2022. – No2 (78). – С. 134-149.
3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». – Душанбе, 23.12.2022.
4. Раджаббой, А. Некоторые факторы и проблемы обеспечения конкурентоспособности экономики региона / А. Раджаббой // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. – 2016. – №4 (69). – С. 85-92.
5. Рахимов, Р.К. Инвестиционная политика государства в контексте инновационного развития экономики Республики Таджикистан / Р.К. Рахимов // Вестник ПИТТУ им. академика М.С. Осими. – 2018. – № 4(9). – С. 53-66.
6. Раҳмонов, Ҷ.Р. Механизми самаранок идоракунии корхонаҳои истеҳсолӣ дар шароити муосир / Ҷ.Р. Раҳмонов, И.Н. Юсупов // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2021. – No4 (56). – С. 107-113.
7. Садриддинов, М.И. Мукаммалгардонии механизми низоми идоракунии таъминоти захиравии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа / М.И. Садриддинов, Г.М. Маҳмадшарифова // Вестник Бохтарского государственного университета им. Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2022. – No1-1(95). – С. 241-246.
8. Садриддинов, М.И. Ҷанбаҳои назариявии раванди идоракунии таъминоти захиравии рушди иқтисоди миллӣ / М.И. Садриддинов, Г.М. Маҳмадшарифова // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. – No2 (26). – С. 70-77.



**УДК: 332. 14**


# МУКАММАЛГАРДОНИИ МЕХАНИЗМҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ИДОРАКУНИИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДИИ МИНТАҚА


***Сайдалиев Хусрав Амирхонович,*** *докторанти фалсафа (PhD)-и Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, Душанбе, кӯчаи*

*Саид Носир 33, Тел.: (+992) 902337373, E-mail: S.KH.A.7373@mail.ru.*

*Дар мақола вобаста ба идоракунии рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа сухан меравад. Қайд шудааст, ки дар даврai муосир бештар бояд таҳқиқоти илмӣ ба самти идоракунии устувори иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа равона гардад. Чунки устувории ҳар миллату давлат бештар аз вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ вобаста мебошад. Яке аз нишондиҳандаҳои устувории иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа ин таъмини сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бо назардошти рушди минбаъдаи минтақа дар шароити тағйирёбии омилҳои берунӣ ва дохилӣ мебошад.*

*Дар мақола қайд гардидааст, ки идоракунии стратегӣ самти асосии рушди дараҷаи идоракунии соҳаҳои мухталифи минтақа буда, тавассути он ҳамаи объектҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа рӯ ба рушд менамоянд: фирмаҳои тиҷоратӣ, мақомотҳои давлатӣ, вилоятҳо, шаҳрҳо. Таъмини рушди устувори иқтисоди минтақа ниҳоят муҳим аст, зеро нигоҳ доштани мувозинати муътадили низоми иҷтимоию иқтисодӣ кафолати амният, субот ва эътимоднокии рушди субъекти иқтисодии минтақа ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.*

***Калидвожаҳо**: Стратегияҳои давлатӣ, рушди иқтисодиёти минтақа, рушди устувор, механизми идоракунӣ, механизмҳои иқтисодӣ, консепсия ва барнома, субъектҳои иқтисодӣ, ҳокимияти давлаӣ, нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, сифати зиндагӣ.*

## СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ОСНОВНЫХ МЕХАНИЗМОВ СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ РЕГИОНА

***Сайдалиев Хусрав Амирхонович** - докторант философии (PhD) Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан. Адрес: 734003, РТ, г. Душанбе, ул. Саид Носир, 33. Тел.: (+992) 902337373. E-mail: S.KH.A.7373@mail.ru*

*В статье речь идет об управлении устойчивым социально-экономическим развитием региона. Отмечено, что в современную эпоху научные исследования должны быть направлены на устойчивое социально-экономическое управление регионом. Потому что развитие каждой нации и государства в большинстве зависит от социально-экономической ситуации. Одним из показателей социально-экономической устойчивости региона является обеспечение уровня и качества жизни населения с учетом дальнейшего развития региона в условиях изменения внешних и внутренних факторов.*

*В статье отмечается, что стратегическое управление является основным направлением развития уровня управления различными направлениями региона, посредством которого развиваются все социально-экономические объекты региона: коммерческие компании, органы государственной власти, области, города. Обеспечение устойчивого развития региональной экономики чрезвычайно важно, поскольку поддержание стабильного баланса социально-экономической системы является гарантией безопасности, стабильности и надежности развития экономического субъекта региона и Республики Таджикистан.*

***Ключевые слова:** государственные стратегии, региональное экономическое развитие, устойчивое развитие, механизм управления, экономические механизмы, концепция и программа, хозяйствующие субъекты, государственная власть, экономические показатели, качество жизни.*

## IMPROVEMENT OF THE MAIN MECHANISMS FOR THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF SOCIO-ECONOMIC MANAGEMENT OF THE REGION

***Saydaliev Khusrav Amirkhonovich**, PhD student of philosophy of the Academy of Public Administration under the President of the Republic of Tajikistan, 734003, Dushanbe, Said Nosir Street 33, Tel: (+992) 902337373, E-mail: S.KH.A.7373@mail.ru*

*The article deals with the management of sustainable socio-economic development of the region. It is noted that in the modern era, scientific research should be aimed at sustainable*

*socio-economic management of the region. Because the development of each nation and state in the majority depends on the socio-economic situation. One of the indicators of the socio-economic stability of the region is to ensure the level and quality of life of the population, taking into account the further development of the region in the face of changing external and internal factors.*

*The article notes that strategic management is the main direction of development of the level of management in various areas of the region, through which all socio-economic objects of the region develop: commercial companies, public authorities, regions, cities. Ensuring the sustainable development of the regional economy is extremely important, since maintaining a stable balance of the socio-economic system is a guarantee of security, stability and reliability of the development of the economic entity of the region and the Republic of Tajikistan.*

***Key words**: government strategies, regional economic development, sustainable development, management mechanism, economic mechanisms, concept and program, business entities, government, economic indicators, quality of life.*

Дар давраи муосир тадқиқоти мубрами илмӣ бештар дар самти идоракунии устувори тараққиёти иқтисодиёти минтақа равона гаштааст. Фаъолиятҳои асосии минтақа дар шароити кунунӣ ба дарёфти имкониятҳои нав барои ташаккули афзалиятҳои рақобат нигаронида шудааст. Ин бо он вобаста аст, ки миқдори захираҳои табиӣ ва саноатӣ маҳдуд ва фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ хеле коҳиш ёфтааст.

Боиси қайд аст, ки нишондиҳандаҳои муҳимтарини иқтисодӣ дар ҷомеаи имрӯза, пеш аз ҳама, рушди ҷараёнҳои ҳамгироии иқтисодӣ ба шумор меравад. Ҷараёни ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ аз нимаи дуюми асри XX бо суръати баланд дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон сурат мегирифт. Дар аввали асри XXI мафҳуми минтақашавии нав пайдо шуд. Ҳамин тавр, ҷараёни ҷаҳонишавии хоҷагии ҷаҳонӣ дар заминаи минтақашавӣ, яъне ҳамҷояшавии мамлакатҳои минтақа ба амал меояд. Худи истилоҳоти ҳамгироии иқтисодӣ (economic integқation) дар солҳои 30-юми асри гузашта дар асарҳои илмии олимони олмонӣ ва шведӣ ба вуҷуд омадааст, вале дар замони муосир оид ба ин масъала назарияҳои гуногун мавҷуд мебошанд. Яке аз чунин назарияҳо, ин назарияи фазоҳои калон мебошад, ки аз тарафи ҳуқуқшинос ва таърихшиноси намоёни олмонӣ К. Шмидт дар солҳои 30-юми асри гузашта пешниҳод шудааст. К. Шмидт дар назарияи худ нишон додааст, ки дар инкишофи ояндаи хоҷагии ҷаҳонӣ нақши мамлакатҳои алоҳидаи абарқудрат суст мешавад ва аз ҳамин лиҳоз, ӯ тарафдори ташкилнамоии минтақаҳои калони ҷуғрофӣ, ҳамчун субъектҳои нави хоҷагидорӣ дар муносибатҳои байналхалқии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ буд [10, с. 403].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди гузариш аз низоми иқтисодии маъмурию фармонфармоӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ ба мушкилиҳои зиёди идоракунии иқтисодӣ дучор гардид. Механизмҳои ташаккул ва рушди идоракунии иқтисодӣ, инчунин системаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити гузариш ба иқтисоди бозор бояд принсипи буҷетӣ равона гардад. Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ принсипҳои ташаккули низомҳои идоракунии иқтисодӣ, рушди низоми

буҷет ва андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд принсипи андозӣ равона гардад.

Инчунин, дар натиҷаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ буҳронҳои умумии иқтисодӣ, бекории оммавӣ, вайроншавии муомилоти пулӣ тезутунд гардид. Сармоягузорӣ ба иқтисодиёт, инфраструктураи иҷтимоӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҳалкунанда мебошанд. Аз ҷумла, таъсир ба афзоиши ММД, шуғл, сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ.

Устувории минтақаро метавон ҳамчун қобилияти нигоҳ доштани вазъи устувори иқтисодӣ ва таъмини болоравии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ бо назардошти рушди минбаъдаи минтақа дар шароити тағйирёбии омилҳои берунӣ ва дохилӣ муайян кард. Бо вуҷуди ин, барои расидан ба рушди устувори минтақа на танҳо воситаҳои иқтисодӣ, балки воситаҳои маъмуриро низ бояд мавриди истифода қарор дод. Ҳамаи ин шаҳодат аз он медиҳад, ки дар бештари мавридҳо ҳангоми муайян намудани сатҳи тағйирёбии шароити берунӣ ва дохилӣ ва омилҳое, ки ба иқтисоди минтақа таъсир мерасонанд, хеле душвор аст.

Бояд қайд намуд, ки хусусиятҳои зерин ба иқтисоди муосири минтақавии Тоҷикистон хосанд:

- номукаммалии заминаи қонунгузории минтақавӣ;
- рушди номутаносиби иқтисоди бозорӣ;
- набудани механизми дурусти маблағгузории барномаҳои минтақавӣ.

Ҳамаи ин ба он оварда мерасонад, ки рушди минтақаҳои Тоҷикистон хеле гуногун мебошанд. Пеш аз ҳама, ин дар гуногуншаклии даромад ва хароҷоти буҷет ва сатҳи назарраси тафовути байниминтақавии нишондиҳандаҳое, ки сифати зиндагиро ифода мекунанд, инъикос меёбад.

Механизми идоракунии рушди устувори иқтисодиёти минтақаро метавон ҳамчун ҳамбастагии фаъолиятҳо истифодаи маҷмуии воситаҳои маъмурӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, идоракунӣ, ҳавасмандгардонӣ, усулҳои идоракунӣ ва инчунин, маҷмуи воситаҳои захираҳои маҳаллӣ барои нигоҳ доштани устувории низоми минтақавӣ, таъмини якпорчагӣ, мувозинатӣ, динамикӣ ва мутобиқшавӣ ба таъсироти муҳити зисти дохилӣ ва берунӣ дар раванди татбиқи стратегияи рушди минтақа бо мақсади кафолати он дар устуворӣ муайян кардан мумкин аст. Дар махзани асосии низоми идоракунии рушди устувори иқтисодиёти минтақа самти муҳимро принсипҳои ба монанди мувозинат, мураккабӣ, характери илмӣ, мақсаднокӣ ва ғайра ишғол мекунанд (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. - Принсипҳои асосии фаъолияти механизми идоракунии рушди устувори иқтисодиёти минтақа**

| Принсип | Асосноккунӣ |
|---|---|
| **Мувозинат** | Таносуби манфиатҳои мақомоти маҳаллӣ, минтақавӣ, федералӣ ва аҳолӣ; тараққиёти мутаносиби иқтисодиёт, соҳаи иҷтимоӣ, тиҷорат ва ҷамъият, таъмин намудани |

| | |
|---|---|
| | самараи иқтисодӣ ва сотсиалӣ дар шароити нигоҳ доштани неруи инсонӣ ва захиравии минтақа |
| **Мушкилот** | Баҳисобгирии маҷмуи омилҳои рушди устувори иқтисодии минтақа |
| **Интенсификатсия** | Истифодаи оптималии захираҳои минтақа дар вақт ва фазо, ки имкони нигоҳдорӣ ва истеҳсоли онҳо бо мақсади такрористеҳолӣ иборат аст |
| **Илмӣ** | Таҳия ва татбиқи таъминоти методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба ташаккули механизми идоракунии рушди устувори иқтисодиёти минтақа |
| **Мақсаднокӣ** | Таҳияи системаи ҳадафҳое, ки ба таъмини рушди устувор нигаронида шудани минтақа |
| **Ҷамъиятӣ** | Таъмини афзалияти ҳалли проблемаҳои иҷтимоии аҳолии минтақа |
| **Самаранокӣ** | Идоракунии оптималии потенсиали иҷтимоию иқтисодии минтақа |
| **Шарикӣ** | Ҳамкории мақомот бо ҷомеаи минтақавӣ, сохторҳои соҳибкорӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ҷамъиятҳои илмӣ |
| **Давомнокӣ** | Истифодаи натиҷаҳои таҳлил дар муайян намудани таҳияи пешгӯӣ |
| **Ошкорнокӣ** | Ҷалби намояндагони ҷомеа ба мониторинги натиҷаҳои стратегияи рушди иқтисодии минтақавӣ |
| **Комбинат** | Ба нақша гирифтани тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёт ва истеҳсолот бо назардошти афзалияти манфиатҳои соҳаи омӯзиш |
| **Мутобиқшавӣ** | Баҳисобгирии тағйироти эҳтимолӣ дар муҳити беруна |
| **Қонуният** | Дастгирии ҳуқуқӣ дар сатҳи минтақавӣ барои татбиқи дастгирии методологии идоракунии рушди устувории иқтисоди минтақа |
| **Табдилдиҳӣ** | Таъминнокии саривақтӣ ҳангоми гузариш ба рушди устувори идоракунии иқтисодиёти минтақа |
| **Усул** | Инкишофи якхелаи ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъияти минтақа |

*Коркарди муаллиф.*

Инчунин, дар раванди истифода бурдани механизми идоракунии тараққиёти устувори иқтисодиёти минтақа омилҳои дохилии устувории низоми минтақавиро муайян кардан лозим аст (расми 1).

Дар баробари ин, мушкилоти иҷтимоию иқтисодие, ки ба тараққиёти минтақаҳо ва ноил шудан ба мақсади асосӣ - афзоиш додани саҳми ҳар як минтақа ба афзоиши иқтисодиёти миллӣ, боигарӣ ва беҳтар намудани шароит ва беҳтар шудани сифати ҳаёти ҷамъияти минтақа таъсир мерасонанд, сазовори диққати махсус мебошад.

Иқтисодшиноси ватанӣ И.С. Фасеҳзода сатҳи зиндагии аҳолиро ҳамчун бозгӯи вазъи некуаҳволӣ дарк мекунад. Тибқи андешаи иқтисодчии мазкур, онро дар асоси ҳадафҳои мансуб ба сиёсати давлатие метавон муайян сохт, ки ба қонеъ кардани ниёзҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра, баланд бардоштани некуаҳволии умумии аҳолӣ, нигоҳ доштани чунин шароите, ки инсон ва табиат метавонанд ҳамзистии алоқамандро ба роҳ монанд, нигаронида шудаанд [11, с. 83-84].




Расми **1**. - Омилҳои дохилии устувории низоми минтақавӣ
*Коркарди муаллиф.*

Профессор Ҳ.Р. Исайнов ин мафҳумро чунин шарҳ медиҳад, «Сатҳи зиндагӣ се унсури асосӣ дорад: рушди иқтисодӣ, баробарии иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист. Таъминоти сатҳи зиндагӣ яке аз принсипҳои унсури асосии иқтисодӣ буда, мувофиқи он вазъи некуаҳволии мардум бояд ба таври максималӣ баланд бардошта шавад, камбизоатӣ бо ёрии истифодаи оптималӣ ва оқилонаи захираҳои табиӣ кам гардад” [2, с. 255].

Бо назардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса баровард, ки самтҳои асосӣ барои такмили механизмҳои идоракунии иҷтимоию иқтисодии тараққиёти минтақа, танзими муносибатҳои байни худи унсурҳо системаи минтақавӣ ва ҳамкорӣ бо муҳити табиӣ инҳоянд:

- фароҳам овардани шароит барои рушди бемайлонаи ҳамаи зинаҳои низоми минтақавӣ;
- таҳия ва татбиқи маҷмуи чорабиниҳо оид ба дастгирии идоракунӣ ҳалли масъалаҳои ноил шудан ба рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ;

- такмил додани воситаҳои мониторинги рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа;

- ҳамоҳангсозии манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни раванди рушди устувори иқтисодии минтақа ва ғайра.

Ҳамин тариқ, омӯзиши низоми идоракунии рушди устувори иқтисодиёти минтақа ниҳоят зарур аст, зеро истифодаи имкониятҳои он метавонад устувории рушди инкишофи системаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии кишварро таъмин намояд.

**Адабиёт**


1. Булатов А.С. Экономика: Учебник / Под ред. А.С. Булатова. - М.: Из-во БЕК, 1995.
2. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ. /Ҳ.Р. Исайнов. Душанбе: Ирфон, 2018. – 255 с.
3. Каюмов Н.К. Глобализационные процессы и экономические проблемы Таджикистана / Н.К. Каюмов и другие // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2003. - №4. - С. 18-25.
4. Кодекси андози Ҷумхурии Точикистон, соли 2022. – Душанбе, 2022. – 340с.
5. Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №658.
6. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо» (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с. 1994, №23-24, мод. 448; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон с.1998, № 10, мод.113).
7. Ҳакимов А. Ташкили идораи иқтисоди миллӣ / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 2005. - 415 с.
8. Ҳакимов А.Ҳ. ва дигарон. Иқтисод ва идоракунии минтақа: Китоби дарсӣ / А.Ҳ. Ҳакимов ва дигарон. – Душанбе: Деваштич, 2002. - 267 с.
9. Ревайкин, А.С. Методологические проблемы мониторинга социально-экономического развития региона. / А.С. Ревайкин. - Хабаровск: Изд-во ун-та, 1993.
10. Смитиенко Б.М. Международные экономические отношения. Учебник / Б.М. Смитиенко. - Москва: Инфра-М, 2005. - 403 с.
11. Фасеҳзода И.С. Моҳияти механизми иқтисодии хоҷагидорӣ ва таҳаввулоти он дар рушди босуботи иқтисодӣ / И.С. Фасеҳзода, А.С.Назарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе. - 2020. - №7. – С. 83-89.


---

**УДК: 338.43+338.436.33**

## АРЗЁБИИ САТҲИ РАҚОБАТПАЗИРИИ КОРХОНАҲОИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

***Акимов Саидҷон Муродмадович*** *– ассистенти кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Телефон: (+992) 98 560 0955. E-mail: saidjon* 933208824@bk.ru.

*Дар мақола усулҳо ва системаи нишондиҳандаҳои гуногуни арзёбии рақобатпазирии корхона аз ҷониби муаллиф таҳия ва пешниҳод шудааст, ки дар амал татбиқ намудани онҳо барои таъмини сатҳи рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидории вилояти Хатлон нақши хеле муҳим доранд.*

*Барои арзёбии сатҳи рақобатпазирии бозори шири вилоят, муаллиф хоҷагиҳои ноҳияҳои минтақаи Вахши вилояти Хатлонро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Корхонаҳои КАС-и вилояти Хатлон дар истеҳсоли шири холис ва маҳсулоти саноатии ширӣ дар сатҳи пасти рақобатпазирӣ қарор доранд.*

*Муаллиф бар он ақида аст, ки ҳама он иқтидоре, ки вилояти Хатлон дар соҳаи кишоварзӣ дорад, дар сурати дар коркарди саноатӣ самаранок истифода бурдани онҳо метавонад вилоятро ба яке аз минтақаҳои рушдёфта табдил диҳад.*

***Калидвожаҳо:*** *рақобатпазирӣ, рақобатпазирии корхона, комплекси агросаноатӣ, арзёбӣ, кишоварзӣ, озуқаворӣ, саноат, саноати коркард, саноати хӯрокворӣ, корхонаҳои КАС, технология, истеҳсоли шир, маҳсулоти ширӣ.*

## ОЦЕНКА УРОВНЯ КОНКУРЕНТОСПОСОБНОСТИ ПРЕДПРИЯТИЙ АГРОПРОМЫШЛЕННОГО КОМПЛЕКСА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

***Акимов Саидджон Муродмадович*** *- ассистент кафедры экономического анализа Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, РТ, г. Душанбе, ул. Нахимова, 64/14. Телефон: (+992) 98 560 0955 E-mail: saidjon _933208824@bk.ru.*

*В статье автором разработаны и предложены различные методы и системы показателей оценки конкурентоспособности предприятия, внедрение которых играет очень важную роль в обеспечении уровня конкурентоспособности хозяйствующих субъектов Хатлонской области.*

*С целью оценки уровня конкурентоспособности рынка молока региона автором были исследованы хозяйства Вахшского района Хатлонской области. Предприятия КАС Хатлонской области находятся на низком уровне конкурентоспособности в производстве цельного молока и технической молочной продукции.*

*Автор считаетч, что весь потенциал, которым обладает Хатлонская область в сфере сельского хозяйства, при их эффективном использовании в промышленной переработке может превратить область в один из развитых регионов.*

***Ключевые слова:*** *конкурентоспособность, конкурентоспособность предприятия, агропромышленный комплекс, оценка, сельское хозяйство, пищевая промышленность, перерабатывающая промышленность, пищевая промышленность, предприятия КАС, технология, производство молока, молочные продукты.*

## ASSESSMENT OF THE LEVEL OF COMPETITIVENESS OF THE ENTERPRISES OF THE AGRO-INDUSTRIAL COMPLEX OF KHATLON REGION

***Akimov Saidjon Murodmadovich*** *- assistant of the Department of Economic Analysis of the Tajik State Financial and Economic University. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Nahimova 64\14. Tel: (+992) 98 560 0955. E-mail:saidjon_933208824@bk.ru.*

*In the article, the author has developed and proposed various methods and systems of indicators for assessing the competitiveness of the enterprise, the implementation of which plays a very important role in ensuring the level of competitiveness of economic entities of Khatlon region.*

*In order to assess the level of competitiveness of the region's milk market, the author investigated the farms of the Vakhsh region of Khatlon region. KAS enterprises of Khatlon region are at a low level of competitiveness in the production of pure milk and industrial dairy products.*

*The author has, all the potential that Khatlon region has in the field of agriculture, if they are effectively used in industrial processing, can turn the region into one of the developed regions.*

***Keywords:*** *competitiveness, enterprise competitiveness, agro-industrial complex, evaluation, agriculture, food, industry, processing industry, food industry, KAS enterprises, technology, milk production, dairy products.*

Дар моддаи 8-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ» салоҳияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии маҳаллӣ оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ возеҳ муқаррар карда шудааст. Онҳо ваколатҳои зеринро амалӣ мекунанд:

- «Татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҳудуди он бо назардошти хусусиятҳои маҳал;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои мақсадноки минтақавии амнияти озуқаворӣ;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатии таъмини амнияти озуқаворӣ дар вилоят, шаҳр, ноҳия» [2, с.17-20].

Вилояти Хатлон дар доираи ин ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тадбирҳои иқтисодӣ, ташкилӣ ва дигар чорабиниҳоро таҳия ва амалӣ менамояд, ки ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ, қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти ҳаётан муҳим дар дараҷаи меъёрҳои физиологии озуқа, инчунин, пешгирӣ намудани буҳронҳои озуқаворӣ нигаронида шудаанд.

Таҷрибаи байналмилалии таъмини амнияти озуқаворӣ сатҳи кофии онро барои шаҳрвандони ин ё он кишвар дар ҳаҷми 80% ё бештар аз маводи ғизои истеъмолмекардаашон асоснок мекунад, ки бояд худи соҳаҳои кишоварзии мамлакат истеҳсол кунанд, ки ин, дар ниҳояти кор, нишондиҳандаи дараҷаи зиндагонии аҳолӣ ва мувофиқан такрористеҳсолкунии онро ба сатҳи зарурӣ баланд мебардорад. Аз ин рӯ, ҳар як кишвар бояд барои таъмини дастрасии ҳамаи аҳолӣ – аз ҷиҳати ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ – ба ғизои мувофиқ ва серғизо, бо таваҷҷуҳи махсус ба таъмини дастрасии пурраи занон ва кӯдакон чораҳо андешад. Дар кишварҳои рушдкардаи ҷаҳон бо иштироки фаъолонаи давлат таъмини амнияти озуқаворӣ муҳимтарин авлавияти миллӣ ба шумор меравад. Амнияти озуқа ҷузъи муҳими амнияти миллӣ ба шумор меравад, зеро он истеҳсоли устувори маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва дастрасии онҳоро ба аҳолӣ таъмин намуда, ба фазои мусоиди иҷтимоии ҷомеа мусоидат мекунад.

Чӣ тавре ки маълумотҳои ҷадвали 1 шаҳодат медиҳанд, дар соли 2021 сатҳи худтаъминкунӣ бо ғалла дар ҷумҳурӣ 57,5%, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 94,3%, полезӣ 97,0% мева 89,9% ва равғани растанӣ бошад, 20,3% ташкил дод. Танҳо сатҳи худтаъминкунии шир ва маҳсулоти ширӣ 99,9% ва картошка 100% зиёд аст. Бинобар ин, ба ҷумҳурӣ барои қонеъ гардондани талаботи аҳолии мамлакат бо маҳсулоти озуқаворӣ воридот зиёд карда мешавад [1, с.17-20].

**Ҷадвали 1. - Сатҳи худтаъминкунӣ бо маҳсулоти асосии озуқаворӣ (бо %)**

| Маҳсулот | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ғалладонагиҳо | 61,3 | 53,1 | 60,4 | 62,0 | 57,5 |
| Картошка | 83,9 | 94,9 | 99,2 | 101,8 | 100,1 |
| Полезӣ | 94,6 | 101,0 | 105,1 | 102,6 | 97,0 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Мева | 113,8 | 118,4 | 118,6 | 103,4 | 89,8 |
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | 73,8 | 75,2 | 82,5 | 90,0 | 94,3 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 99,3 | 98,2 | 93,9 | 95,3 | 99,9 |
| Равғани растанӣ | 9,3 | 11,6 | 15,0 | 15,9 | 20,3 |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси: Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С.17-20.

Барои вилояти Хатлон ҳамчун яке аз истеҳсолкунандаи асосии маҳсулоти озуқаворӣ барои саҳм гузоштан дар ҳаҷми нисбии умумии маҳсулоти озуқаворӣ дар кишвар шароити мусоид мавҷуд аст. Барои ин бояд таъмини самаранокии фаъолияти комплекси агросаноатии ватанӣ ва бахшҳои асосии онро бо роҳҳои зерин зиёд кардан лозим аст:

- сафарбар намудани иқтидори истеҳсолоти агросаноатии худ, ки қодир аст таъмини боэътимоди аҳолии кишварро бо озуқаи ватанӣ таъмин намояд;
- ташаккули бозорҳои маҳсулоти рақобатпазир, фароҳам овардани заминаи ҳуқуқӣ ва зерсохтори институтсионалӣ барои рушди самараноки онҳо, ҳифзи истеҳсолкунандагони ватании кишоварзӣ аз шароити номусоиди бозорҳои ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзӣ, ашёи хом ва озуқаворӣ;
- таъмини беҳгардонии муносибатҳои байнисоҳавии иқтисодӣ барои ноил шудан ба чунин таносуби нархи маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ, ки афзоиши суръати такрористеҳсолкунии васеъ, пеш аз ҳама дар соҳаи кишоварзиро ҳавасманд мегардонад;
- такмил додани низоми қарздиҳии кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат ва махсусан дарозмуҳлат, дастрасии он барои қисмати асосии молистеҳсолкунандагони хоҷагии қишлоқ, фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ барои ҷалби сармоягузорӣ ва афзоиши фаъолнокии сармоягузорӣ дар истеҳсолоти агросаноатӣ;
- ташкили низоми кафолати сифати озуқавории ба бозори дохилӣ воридшаванда тавассути таъмини назорат аз болои технологияҳои дар тамоми занҷири озуқаворӣ истифодашаванда ва махсусан аз болои маҳсулоти воридотӣ;
- баланд бардоштани сатҳи технологии истеҳсолоти агросаноатӣ ва ҳавасманд гардондани субъектони хоҷагидорӣ ҷиҳати ҷорӣ намудани технологияи захирасарфакунанда ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ.

Мушкилоте, ки дар таъмини озуқаврии аҳолии кишвар ва минтақаҳо ҷамъ омадаанд, ҳалли мунтазам, таҳия ва татбиқи стратегияи дарозмуддати самараноки рушди бахши кишоварзии иқтисодиёт, ба таъмини рушди динамикӣ, самаранок ва устувор, таҳкими иқтидори истеҳсолии он бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои кишоварзиро тақозо менамояд.

Бояд зикр намуд, ки корхонаҳои КАС-и вилояти Хатлон дар истеҳсоли маҳсулоти гӯштӣ дар мамлакат рақобатпазир буда, аммо дар

истеҳсоли шири холис ва маҳсулоти саноати ширӣ дар сатҳи пасти рақобатпазирӣ қарор доранд. Ҳарчанд дар истеҳсоли шир вилоят дар мамлакат ҳиссаи хеле баландро дорад, чуноне ки рақамҳои ҷадвали 2 нишон медиҳанд, соли 2021 дар вилоят беш аз 50 фоизи истеҳсоли шири мамлакат рост меояд ва ин ҳисса дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 2,3 банди фоиз зиёд шуда, ҳаҷми истеҳсоли он бошад, 22,7% зиёд шудааст, ки сатҳи рушди он аз сатҳи рушди мамлакат баланд мебошад [3, с.191-192].

**Ҷадвали 2. - Вазъи истеҳсоли шир дар вилояти Хатлон (тонна)**

| Нишондиҳанда | 2015 | 2021 | С.2021 нисбат ба соли 2015, % |
|---|---|---|---|
| **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | 888960 | 1042612 | **117,3** |
| **Аз он ҷумла** | | | |
| **Вилояти Хатлон** | 431947 | 530019 | **122,7** |
| **Бо%** | **48,5** | **50,8** | **2,3 б/ф.** |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С.191-192.

Бинобар он, мо дар пояи таҳлили ин самт ба роҳҳои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти ширии вилоят таваҷҷуҳи ҷиддӣ медиҳем. Рақобатпазирӣ дар ҳамон ҳолат баланд мешавад, ки агар хоҷагиҳои чорводорӣ шири ба коркарди саноатии он ва, аз ин лиҳоз, ба сохтани арзиши иловагии минбаъдаи он аҳамият диҳанд. Умуман, рақобатпазирии маҳсулоти ширӣ ва корхонаҳои саноатии коркарди шир аз сатҳи истеҳсоли шир дар субъектҳои хоҷагидории кишоварзӣ ва рақобатпазирии онҳо вобастагӣ дорад. Мо барои арзёбии сатҳи рақобатпазирии бозори шири вилоят хоҷагиҳои ноҳияҳои минтақаи Вахши вилояти Хатлонро мавриди таҳқиқ қарор додем.

**Ҷадвали 3. - Вазъи истеҳсоли шир дар ноҳияҳои минтақаи Вахши вилояти Хатлон**

| Ноҳияҳо | 2015 | | 2021 | | Тағйироти соли 2021 ба с.2015 | | Ҷойгоҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Тонна | Дар % | Тонна | Дар % | тонн | %, банди фоизӣ | |
| **Вилояти Хатлон** | **431947** | **-** | **530019** | **-** | **98072** | | |
| **Аз он ҷумла** | | | | | | | |
| **Н. Кушониён** | 39164 | 16,9 | 48837 | 17,1 | 9673 | 0,2 | 1 |
| **Н. Вахш** | 16927 | 7,3 | 20917 | 7,3 | 3990 | - | 7 |
| **Н. Дӯстӣ** | 24487 | 10,6 | 30084 | 10,5 | 5597 | -0,1 | 4 |
| **Н. Н. Хусрав** | 9542 | 4,13 | 11712 | 4,1 | 2170 | -0,03 | 10 |
| **Н. Хуросон** | 13535 | 5,8 | 17283 | 6,1 | 3748 | 0,3 | 9 |
| **Н. Қубодиён** | 26792 | 11,6 | 33225 | 11,6 | 6433 | - | 3 |
| **Н. Ҷ. Балхӣ** | 29038 | 12,5 | 35326 | 12,4 | 6288 | -0,1 | 2 |
| **Н. Ҷайҳун** | 18282 | 7,8 | 22302 | 7,9 | 4020 | 0,1 | 6 |
| **Н. Панҷ** | 24052 | 10,4 | 29551 | 10,4 | 5499 | - | 5 |
| **Н. А. Ҷомӣ** | 16951 | 7,3 | 20199 | 7,1 | 3248 | -0,2 | 8 |

| Н. Шаҳритус | 12236 | 5,3 | 15056 | 5,3 | 2820 | - | 11 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ:** | 231006 | 100,0 | 284492 | 100,0 | 53486 | - | |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси: Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. - С. 250-253.

Чӣ тавре ки маълумоти ҷадвали 3 нишон медиҳад, дар ноҳияҳои минтақаи Вахши вилоят соли 2021 284492 тонна шир истеҳсол шудааст, ки нисбат ба соли 2015 дар ҳаҷми 53486 тонна ва ё 23,1% зиёд истеҳсол шудааст. Ноҳияҳои интихобшуда, дар умум, соли 2021 53,7 фоизи истеҳсоли шири вилоятро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда ба 0,3 банди фоиз зиёд шудааст [3, с.250-253].

Мутобиқи муносибати АВС-таҳлил ноҳияҳои минтақаи Вахши вилояти Хатлон вазъи бозори шири вилоятро муайян менамоянд, зеро ҳиссаи онҳо аз 50% баланд аст.

Дар дохили бозори шири минтақаи Вахши вилоят ҳиссаи хоҷагиҳои истеҳсолкунандаи шири ноҳияи Кушониён қимати баландтаринро доро мебошад, яъне 17,1 фоизи истеҳсоли шири ин минтақаро ташкил додааст.

Хоҷагиҳои ноҳияи Ҷ. Балхӣ бошад, аз рӯйи ин нишондиҳанда дар ҷойи дуюм қарор гирифтаанд: онҳо 12,5 фоизи истеҳсоли ширро ба уҳда доранд. Хоҷагиҳои ноҳияи Қубодиён беш аз 11,6 фоизи истеҳсоли ширро ташкил дода, дар ҷойи сеюм қарор доранд. Умуман, хоҷагиҳои истеҳсолгари шири ин се ноҳия 41,2 фоизи истеҳсоли ширро дар минтақаи Вахш ва ё бозори ин минтақа ташкил медиҳанд. Аз рӯйи нишондиҳандаи ҳиссаи онҳо дар истеҳсоли умумии шир дар минтақа хоҷагиҳои ноҳияҳои номбаршударо метавон ҳамчун хоҷагиҳои рақобатпазир ҳисобид. Аммо тамоюли тағйироти сохтории истеҳсоли шир аз рӯйи ноҳияҳо, ба ғайр аз ноҳияҳои Кушониён ва Ҷайҳун манфӣ мебошад, яъне ҳиссаи онҳо дар соли 2021 нисбат ба соли 2015 тамоюли пастравӣ гирифтааст. Бинобар он, барои таснифи сатҳи рақобатпазирии хоҷагиҳо ба таҳлили нишондиҳандаи сифатӣ – сатҳи ширдӯшӣ ба ҳар як модагов рӯ меорем.

**Ҷадвали 4. - Ҳисоби миёнаи ширдӯшӣ ба ҳар як модагов дар ноҳияҳои минтақаи Вахши вилояти Хатлон (кг)**

| **Ноҳияҳо** | **2015** | | **2021** | | **Тағйирот** | | **Ҷойгоҳ** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Кг** | **Нисбат ба қимати максималӣ** | **Кг** | **Нисбат ба қимати максималӣ** | **Кг** | **Коэф-фитсиент** | |
| **Вилояти Хатлдон** | **1477** | **0,62** | **1734** | **0,41** | **255** | **0,21** | |
| Аз он ҷумла | | | | | | | |
| Н. Кушониён | 943 | 0,40 | 1104 | 0,26 | 161 | -0,14 | 10 |
| Н. Вахш | 1474 | 0,62 | 1545 | 0,37 | 71 | -0.25 | 3 |
| Н. Дӯстӣ | 1316 | 0,56 | 1513 | 0,36 | 197 | -0,2 | 5 |
| Н. Н. Хусрав | 1092 | 0,46 | 1416 | 0,34 | 324 | -0,12 | 8 |
| Н. Хуросон | 2349 | 1,0 | 4174 | 1,00 | 1825 | - | 1 |
| Н. Қубодиён | 1229 | 0,52 | 1230 | 0,29 | 1 | -0,23 | 9 |
| Н. Ҷ. Балхӣ | 1452 | 0,61 | 1574 | 0,38 | 122 | -0,23 | 4 |
| Н. Ҷайҳун | 1492 | 0,63 | 1668 | 0,39 | 176 | -024 | 2 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Н. Панҷ | 1297 | 0,55 | 1831 | 0,43 | 534 | -0,12 | 6 |
| Н. А. Ҷомӣ | 1277 | 0,54 | 1556 | 0,37 | 279 | -017 | 7 |
| Н. Шаҳритус | 1032 | 0,44 | 1178 | 0,28 | 146 | -0,16 | 11 |
| **Ба ҳисоби миёна, кг** | 1359 | 0,58 | 1708 | 0,41 | 349 | -0,17 | |

**Сарчашма:** ҳисоби муаллиф дар асоси: Омори солонаи вилояти Хатлон дар солҳои 1991-2021. - Маҷмуаи оморӣ. - Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, 2022. – 157 с.

Чуноне ки рақамҳои ҷадвали 4 нишон медиҳанд, дар вилояти Хатлон соли 2021 ҳисоби миёнаи ширдӯшӣ ба ҳар як модагов 1732 килограммро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2015 дар сатҳи 255 кг ва ё 14,7% зиёд шудааст. Соли 2021 қимати миёнаи ширдӯшӣ ба ҳар як модагов дар хоҷагиҳои ноҳияҳои интихобшудаи минтақаи Вахши вилоят 1708 килограммро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2015 дар сатҳи 349 кг ва ё 20,4% зиёд шудааст.

Бо такя ба муносибати бечмаркинг, қимати миёнаи ширдӯшӣ ба ҳар як модагови ноҳияҳоро ба қимати максималӣ, ки хоҷагиҳои ноҳияи Хуросон ноил шудааст, муқоиса намуда, сатҳи рақобатпазирии ҳар як ноҳияро истифода аз методи фосила арзёбӣ намудем. Воқеан ҳам, ноҳияи Хуросон дар соли 2021 бузургии миёнаи ширдӯшӣ ба ҳар як модаговро ба 4174 килограмм расонид, ки нисбат ба соли 2015 дар сатҳи 1825 кг ва ё 43.7% зиёд шудааст. Ширдӯшӣ ба ҳар як модагов дар ин ноҳия ҳам дар соли 2015 ва ҳам дар соли 2021 баландтарин нишондиҳанда дар миёни дигар ноҳияҳои минтақаи Вахши вилоят мебошад. Чуноне ки аз ҷадвали 4 аён аст, хоҷагиҳои н. Ҷайҳун, Вахш ва Ҷ. Балхӣ нисбатан ба қимати максималӣ наздик мебошанд ва метавонанд дар оянда рақобатпазир бошанд. Аммо, зарур аст, ки хоҷагиҳои ноҳияҳои интихобшуда барои ноил шудан ба қимати максималӣ, яъне расонидани бузургии миёнаи ширдӯшӣ ба ҳар як модагов дар сатҳи 4174 кг корҳои зотпарвариро пайваста бо ҳамкорӣ бо корхонаҳои саноатии коркарди шир, муассисаҳои зотпарвар ва илмӣ-таҳқиқотӣ роҳандозӣ намоянд.

Дар минтақаи Вахши вилояти Хатлон асосан ду корхонаи саноати коркарди ширро мо мавриди таҳлил қарор додем, ки шири истеҳсолкардаи хоҷагиҳоро мехаранд ва коркард менамоянд. Агар ба нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии ҶСК «Комбинати шир»-и ш. Бохтар нигоҳ намоем, пас мебинем, ки он дар шаш соли охир тамоюли рушди устувор гирифтааст.

Соли 2021 ин корхона маҳсулоти шири холисро барои коркарди беш аз 176 тонна ба даст оварда, беш аз 164 тонна маҳсулоти ширӣ тайёр намудааст, ки нисбат ба соли 2016 мувофиқан 56,9% ва 62,2% зиёд мебошад. Сатҳи рушди истеҳсоли творог ва ҷурғот баландтар мебошад: мувофиқан дар давраи таҳлилӣ 4 маротиба ва 73,9% зиёд шудааст. Пайваста бо рушди истеҳсоли маҳсулоти ширӣ ҳаҷми фурӯши он низ аз 374,9 то 748,8 ҳазор сомонӣ ва ё 99,7% афзудааст [7].

Дар ин давраи таҳлилӣ нархи маҳсулоти ширӣ, дар умум, баланд шудааст, суръати баландшавии нарх аз суръати баландшавии арзиши

аслӣ болотар аст, ки ин тамоюл имкон додааст корхона даромад ва ё фоидаи муътадил гирад.

**Ҷадвали 5. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии ҶСК «Комбинати шир»-и ш. Бохтар (дар солҳои 2016-2021)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | **Соли 2021 нисбат ба соли 2016 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | |
| **Маҳсулоти шири холис барои коркард, тонна** | **112,6** | **132,4** | **159,2** | **167,1** | **169,9** | **176,7** | **156,9** |
| **Истеҳсоли солонаи маҳсулоти ширӣ, тонна** | **101,2** | **120,3** | **148,8** | **150,9** | **151,9** | **164,1** | **162,2** |
| Аз он ҷумла маҳсулоти мушаххас: | | | | | | | |
| Қаймок | 16,1 | 17,8 | 14,9 | 13,3 | 17,4 | 15,9 | 98,8 |
| Творог | 1,6 | 2,0 | 2,7 | 3,1 | 5,2 | 6,5 | 4,06 маротиба |
| Ҷурғот | 80,5 | 95,6 | 119,7 | 121,7 | 125,6 | 140 | 173,9 |
| Дӯғоб | 9,0 | 14,9 | 11,5 | 12,8 | 3,7 | 1,7 | -5,29 маротиба |
| **Ҳаҷми солонаи фурӯш, ҳазор сомонӣ** | **374,9** | **483,8** | **573,0** | **601,9** | **634,3** | **748,8** | **199,7** |
| Аз он ҷумла ,маҳсулоти мушаххас: | | | | | | | |
| Қаймоқ | 212,5 | 245,6 | 222,0 | 200,8 | 261,0 | 289,4 | 136,2 |
| Творог | 20,2 | 27 | 37,8 | 44,9 | 78,0 | 101,4 | 5,02 маротиба |
| Ҷурғот | 136,8 | 200,8 | 301,7 | 343,4 | 291,4 | 355,4 | 2,6 маротиба |
| Дӯғоб | 5,4 | 10,4 | 11,5 | 12,8 | 3,9 | 2,6 | -2,07 маротиба |
| **Нархи маҳсулоти ширӣ ва дигар маҳсулоти аз шир истеҳсолшуда** | | | | | | | |
| Қаймоқ | 13,2 | 13,8 | 14,9 | 15,1 | 16,2 | 18,2 | 137,9 |
| Творог | 12,6 | 13,5 | 14 | 14,5 | 15,0 | 15,6 | 123,8 |
| Ҷурғот | 1,7 | 2,1 | 2,5 | 2,8 | 2,3 | 2,5 | 147,1 |
| Дӯғоб | 0,6 | 0,7 | 0,9 | 1,0 | 1,1 | 1,5 | 2,5 маротиба |
| **Арзиши аслии 1 кг шир (сомонӣ)** | **5,6** | **5,8** | **6,2** | **6,4** | **7,6** | **7,8** | **139,3** |
| Арзиши аслии дигар маҳсулот: | | | | | | | |
| Қаймоқ | 11,6 | 12,8 | 14,0 | 14,1 | 15,2 | 16,2 | 139,7 |
| Творог | 11,5 | 12,5 | 13,7 | 13,8 | 14,0 | 14,6 | 127,0 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Чурғот | 1,2 | 1,6 | 2,1 | 2,2 | 2,0 | 2,1 | 175,0 |
| Дӯғоб | 0,5 | 0,6 | 0,8 | 0,8 | 1,0 | 1,1 | 2,2 маротиба |

**Сарчашма:** аз рӯйи ҳисоботи солҳои мувофиқи шуъбаи муҳосиботи ҶСК «Комбинати шир»- и ш. Бохтар ҳисоб карда шудааст.

Корхонаи саноатии дигари коркарди шир дар минтақаи Вахши вилоят ин Кооперативи тиҷоратии «Нуфузи Вахш»-и ноҳияи Вахш мебошад, ки иқтидори он дар сатҳи миёна қарор дорад. Ин корхона низ соли 2021 43,8 тонна маҳсулоти шири холис харида, дар ҳаҷми 34 тонна маҳсулоти ширӣ истеҳсол намудааст, ки нисбат ба соли 2016 мувофиқан 2,26 ва 2,43 маротиба зиёд мебошад. Ҳаҷми фурӯши он дар давраи таҳлилӣ аз 114,7 то 378,5 ҳазор сомонӣ расидааст, яъне беш аз 3,3 маротиба афзудааст [6]. Арзиши аслии маҳсулоти ширии ин корхона тамоюли болоравӣ дорад, аммо аз ҳисоби фурӯши панир даромади мувофиқ гирифта истодааст.

**Ҷадвали 6. - Динамикаи нишондиҳандаҳои асосии Кооперативи тиҷоратии «Нуфузи Вахш»-и ноҳияи Вахш (дар солҳои 2016-2021)**

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | **Соли 2021 нисбат ба соли 2016 бо %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | |
| **Маҳсулоти шири холис барои коркард, тонна** | **19,4** | **22,3** | **23,1** | **26,4** | **34,5** | **43,8** | **2,26 маротиба** |
| **Истеҳсоли солонаи маҳсулоти ширӣ, тонна** | **14,0** | **16,2** | **18,6** | **21,3** | **26,3** | **34,0** | **2,43 маротиба** |
| аз он ҷумла маҳсулоти мушаххас: | | | | | | | |
| Қаймоқ | 2,8 | 3,3 | 3,6 | 4,7 | 6,3 | 9,1 | 3,25 маротиба |
| Творог | 1,8 | 2,0 | 2,1 | 1,8 | 2 | 2,6 | 144,4 |
| Чурғот | 7,8 | 9,2 | 10,9 | 12,4 | 15,1 | 20,4 | 2,61 маротиба |
| Дӯғоб | 1,5 | 1,6 | 1,8 | 2,2 | 2,8 | 1,5 | 100,0 |
| Панир | 0,1 | 0,1 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,4 | 4 маротиба |
| **Ҳаҷми солонаи фурӯш, ҳазор сомонӣ** | **114,7** | **141,0** | **170,6** | **199,6** | **255,2** | **378,5** | **3,3 маротиба** |
| Аз он ҷумла, маҳсулоти мушаххас: | | | | | | | |
| Қаймоқ | 41,4 | 51,5 | 58,3 | 78,9 | 107,3 | 163,0 | 3,94 маротиба |
| Творог | 27 | 30,4 | 35,7 | 31,0 | 36,0 | 53,3 | 197,4 |
| Чурғот | 42,9 | 55,2 | 68,7 | 80,6 | 104,8 | 146,2 | 3,41 маротиба |
| Дӯғоб | 1,6 | 1,9 | 2,3 | 3,1 | 3,9 | 2,3 | 143,8 |
| Панир | 1,8 | 2,0 | 5,6 | 6,0 | 3,2 | 13,7 | 7,61 маротиба |

| Нархи маҳсулоти ширӣ ва дигар маҳсулоти аз шир истеҳсолшуда | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Қаймоқ | 14,8 | 15,6 | 16,2 | 16,8 | 17,0 | 17,9 | 120,9 |
| Творог | 15,0 | 15,2 | 17 | 17,2 | 18,0 | 20,5 | 136,7 |
| Ҷурғот | 5,5 | 6,0 | 6,3 | 6,5 | 6,9 | 7,2 | 130,9 |
| Дӯғоб | 1,1 | 1,2 | 1,3 | 1,4 | 1,4 | 1,5 | 136,4 |
| Панир | 18 | 20 | 28 | 30,0 | 32,1 | 34,2 | 190,0 |
| **Арзиши аслии 1 кг шир (сомонӣ)** | **5,6** | **5,8** | **6,2** | **6,4** | **7,6** | **7,8** | **139,3** |
| Арзиши аслии дигар маҳсулот | | | | | | | |
| Қаймоқ | 14,0 | 14,0 | 14,5 | 14,8 | 15,0 | 15,9 | 113,6 |
| Творог | 14,5 | 14,5 | 16,2 | 16,6 | 17,0 | 18,5 | 127,6 |
| Ҷурғот | 5,4 | 5,5 | 5,7 | 5,9 | 6,0 | 6,2 | 114,8 |
| Дӯғоб | 0,8 | 0,8 | 1,0 | 1,0 | 1,1 | 1,2 | 150,0 |
| Панир | 17 | 18 | 26 | 28,0 | 29,1 | 30,2 | 177,6 |

**Сарчашма: а**з рӯйи ҳисоботи солҳои мувофиқи шуъбаи муҳосиботи Кооперативи тиҷоратии «Нуфузи Вахш»-и ноҳияи Вахш ҳисоб карда шудааст.

Чӣ тавре ки таҳлилҳо нишон медиҳанд, ҶСК «Комбинати шир»-и ш. Бохтар дар вилоят яке аз рақобатпазиртарин, аммо дар минтақаи Вахши вилоят бошад, ҳатто вазъи монополӣ дорад ва сифати пешвогиро дар ташаккули нархи бозории маҳсулоти ширӣ мебозад. Аммо, вай ҳамагӣ 0,06 фоизи шири истеҳсолшудаи хоҷагиҳои минтақаи Вахши вилоятро коркард мекунаду халос, ҳарчанд иқтидори он хеле баланд аст. Бинобар он, ин корхона наметавонад ба вазъи бозори маҳсулоти ширии вилоят таъсири неруманд дошта бошад. Ҳамин тариқ, қисми зиёди истеҳсоли шир дар вилоят берун аз коркарди саноатӣ мемонад.

Аз ин рӯ, барои ташаккули сохторҳои муттаҳидшуда дар соҳаи истеҳсол ва коркарди шир, ки муҳимтарин омили баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот ва корхонаҳои ин соҳа мебошад, бо ҳамин на танҳо сатҳи худтаъминкунӣ ба 100% мерасад, балки содирот ҳам кардан мумкин аст.

Содироти ин маҳсулот дар ҳоле имконпазир аст, ки рақобатпазирии маҳсулоти ширӣ афзоиш ёбад. Баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ яке аз сифатҳои иқтисоди бозорӣ мебошад. Ба ибораи дигар, иқтисоди бозоргонии муосир дар назди субъектҳои соҳибкорӣ талаботи махсус мегузорад, ки онҳо бояд фаъолияти пурсамар ва устувори худро пайваста таъмин намоянд. Татбиқи чунин вазъ танҳо рақобатпазирии баланди он буда метавонад. Субъектҳои хоҷагидорӣ, корхонаю ташкилотҳо рақобатпазирии худро метавонанд таъмин намоянд, ки агар онҳо бо назардошти омилҳои дохилӣ ва берунӣ идоракунии мутаносиби тамоми равандҳои дар атрофи субъект баамаломадаро ташкил карда тавонанд. Умуман, рақобатпазирии корхонаро метавон ҳамчун раванде тасаввур кард, ки ба истифодаи самараноки захираҳои он барои ноил шудан ба

ҳадафҳо нигаронида шудааст, ки натиҷаи он ба даст овардани афзалиятҳои рақобатӣ мебошад.

Шароитҳое, ки дар онҳо корхона фаъолият мекунад, доимо бо дигаргуниҳо рӯ ба рӯ мешавад. Барои нигоҳ доштани мавҷудияти худ корхона бояд ба тағйироте, ки дар муҳити беруна ба амал меояд, мутобиқ намуда, муҳити дохилии худро ба онҳо мутобиқ созад. Аммо бо ин раванд қатъ намешавад, дар баробари ин, корхонаҳо ё субъектҳои хоҷагидор маҷбуранд, ки рақобатпазирии худро баланд бардоранд.

Маълум аст, ки рақобатпазирии корхона ҳамчун категорияи иқтисодӣ арзиши нисбӣ дошта, барои муайян кардани ҷанбаҳои фаъолияти худ дар фазои бозор онро бо дигар корхонаҳои ҳаммонанд муқоиса кардан лозим аст. Ва барои баланд бардоштани рақобатпазирии худ, корхона бояд дар бораи вазъи воқеии худ ва вазъи рақибон маълумоти боэътимод ва мукаммал дошта бошад. «Ҳангоми таҳияи амсилаи бисёрсоҳавӣ (тибқи арзёбии рақобатпазирӣ), ба ҷуз аз омилҳои техникӣ, технологӣ, кадрӣ, иқтисодӣ, бояд чунин омилҳо, аз қабили мавқеъ дар бозор, рақобатпазирии маҳсулот ва иқтидори идоракуниро низ дохил кард» [8, с.398- 402].

Рақобатпазирии корхона аз ҷузъҳои гуногун иборат буда, дар таҳлили он як қатор вазифаҳои асосие мавҷуданд, ки бояд ҳал карда шаванд. Инҳоро дар бар мегиранд:

- муайян кардани шакл ва тамоюлҳое, ки рақобатпазирии корхонаро беҳтар мекунанд;
- муайян кардани нишондиҳандаҳое, ки ба корхона таъсири манфӣ мерасонанд;
- аниқ кардани захираҳое, ки барои ба даст овардани бартариҳои рақобатӣ истифода бурдан мумкин аст.

Аҳамияти калонро арзёбии амалии рақобатпазирии корхонаҳо дорад. Дар адабиёти иқтисодӣ усулҳои гуногуни арзёбии рақобатпазирии субъекти хоҷагидорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, вале то ҳол методологияи ягона ва аз ҷониби умум қабулшуда вуҷуд надорад.

Ба ақидаи мо, истифодаи методологияи алоҳида аз вазъияте вобаста аст, ки корхонаи таҳлилшаванда дар он қарор дорад, вай кадом мақсадҳоро пеш гирифтааст ва ба кадом натиҷаҳо ноил шудан мехоҳад. Илова бар ин, методологияе, ки барои таҳлил истифода мешавад, метавонад субъективӣ бошад, зеро ин муҳаққиқи мушаххас аз ин методологияи мушаххас истифода мебарад, зеро аз нуқтаи назари ӯ, он нисбат ба дигарон бештар намояндагӣ ва амалӣ аст.

Ҷанбаи муҳими самаранок мутобиқшавӣ ба муҳити беруна, ки он бозор мебошад, ин гузаронидани таҳлили мунтазами мавқеи корхона дар бозор мебошад. Муҳлате, ки бояд барои арзёбии вазъи рақобатпазирии корхона фаро гирифта шавад, аз соҳае вобаста аст, ки корхона ба он тааллуқ дорад. Дар хусуси корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва коркард

бошад, ин гуна баҳодиҳӣ бояд камаш ҳар семоҳа, ғайр аз ин, бо усулҳои гуногун гузаронида шавад.

Дар баъзе усулҳое, ки аз ҷониби муаллифони гуногун пешниҳод шудаанд, онҳо кӯшиш мекунанд, ки ҳарчи бештар нишондиҳандаҳои тахминиро истифода баранд, то параметрҳоеро, ки бо онҳо метавон корхонаро таҳлил кард, ҳадди аксар ва муфассалтар кард. Албатта, чунин равиш метавонад ҷой дошта бошад, аммо ин меҳнатталаб ва гарон аст ва, муҳимтар аз ҳама, шумо метавон пайванди асосии паси тафсилотро, ки дар ин марҳила ё дар айни замон муайянкунанда ва афзалиятнок аст, аз даст диҳед.

Ба андешаи мо, интихоби усул аз якчанд омилҳо вобаста аст, аз ҷумла:

- аз соҳае, ки корхона фаъолият мекунад;
- муҳити бозор, ки ӯ бояд дар он амал кунад;
- захираҳое, ки ширкат дар ихтиёр дорад;
- вазъи рақибон, ки ӯ бояд бо онҳо ҳамкорӣ кунад.

Барои арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва коркард истифода бурдани методологияи муайян бо истифода аз нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии корхона хеле қулай аст. Ҷолибияти ин усул дар он аст, ки он аниқ аст. Барои иқтисодчӣ-таҷрибакор баҳо додан ба рақобатпазирии корхонаи худ душвор нахоҳад буд, зеро нишондиҳандаҳои пешниҳодшуда аз рӯйи нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва иқтисодии корхонаи онҳо асос ёфтаанд. Дигар корхонаҳо низ маҳз ҳамин гуна нишондиҳандаҳоро доранд. Нуқтаҳои маълумоти ибтидоӣ барои ҳама корхонаҳо яксонанд.

Амалӣ будани ин усул дар он аст, ки ба таҳлили ҳаматарафа самаранокии истифодаи захираҳо ва ташкили кори ҳамаи шуъбаҳо зерсохторҳо фаро гирифта мешавад. Дар натиҷа, низоми босифати арзёбии рақобатпазирии корхона асоси идоракунии самаранок мегардад.

Ҳангоми ба кор бурдани усули пешниҳодшуда, баҳодиҳии кори самараноки корхона ва зерсохторҳои он пешбинӣ карда мешавад, ки дар асоси таҳлили самаранокии истифодаи онҳо аз тамоми захираҳо бо истифода аз ҳафт нишондиҳанда ё меъёрҳои рақобатпазирӣ муайян карда шавад. Дар асоси нишондиҳандаҳои гурӯҳӣ нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии корхона муайян карда мешавад.

Корхонаҳои дигаре, ки дар ин бозор фаъолият мекунанд ва рақиб ҳастанд, аз рӯйи ҳамин нишондиҳандаҳо баҳо дода мешаванд. Дар натиҷа, корхонаҳо нишондиҳандаҳои муқоисашаванда мегиранд ва метавонанд муайян кунанд, дурусттараш, дар кадом мавкеъ карор доранд ва, дар навбати аввал, кадом чораҳоро дидан лозим аст.

Барои арзёбии рақобатпазирии корхона метавон аз системаи нишондиҳандаҳое истифода бурд, ки таҳия ва пешниҳод шудаанд. Ин усул 7 гурӯҳи нишондиҳандаҳои зеринро дар бар мегирад, ки инҳоянд:

1. Самаранокии фаъолияти истеҳсолии корхона. Бо ёрии гурӯҳи нишондиҳандаҳои пешниҳодшуда самаранокии хароҷот дар истеҳсоли маҳсулот, дараҷаи даромаднокии корхона арзёбӣ шуда, самаранокии истифодаи меҳнат муайян карда мешавад;

2. Вазъи базаи моддию техникӣ. Дар асоси гурӯҳи нишондиҳандаҳо ҳолати иқтидорҳои истеҳсолӣ тавсиф шуда, коэффитсиенти кор ва самаранокии истифодабарии фондҳои асосӣ муайян, ҳосилнокии асосӣ ва фондғунҷоиш ҳисоб карда мешавад.

3. Самаранокии фаъолияти идоракунӣ, системаи мавҷудаи идоракунии корхона, мавҷудияти ҳадафҳои стратегӣ, усулҳои ташкили равандҳои технологӣ баҳо дода шуда, иқтидори кадрии он муайян карда мешавад.

4. Рақобатпазирии маҳсулот – арзёбии муқоисавии маҳсулоти корхонаҳо аз рӯйи номгӯй, сифат ва нарх гузаронида мешавад.

5. Вазъи бахши молиявӣ. Вазъияти молиявии корхона бо номгӯи меъёрҳое тавсиф карда мешавад, ки мустақилияти корхонаро аз манбаъҳои қарзӣ, қобилияти корхона дар иҷрои уҳдадориҳои молиявии худ ва пешгирӣ аз муфлисшавӣ муқаррар мекунад, таркиби сифатии маблағҳоеро, ки манбаи пӯшонидани уҳдадориҳои ҷорӣ мебошанд, инъикос менамояд, самаранокии истифодаи маблағҳои муомилотиро муайян мекунад.

6. Иқтидори сармоягузорӣ ва инноватсионии корхона. Натиҷагирии истифодаи инноватсияҳо бо бузургии дороиҳои ғайримоддӣ дар арзиши умумии дороиҳо, ҳаҷми хароҷот барои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва конструкторию-таҷрибавӣ, ҳаҷми навъҳои нави маҳсулот дар ҳаҷми умумии маҳсулот муайян карда мешавад. Вазъияти сармояи инвеститсионии корхона аз рӯйи ҳаҷми маблағгузории асосӣ, ки барои пурра намудани фондҳои асосӣ равона карда шудааст, самаранокии маблағгузорӣ аз рӯйи фоидае, ки аз ҳар як сомонӣ сармоягузорӣ ба даст меояд, муайян карда мешавад.

7. Самаранокии фаъолияти маркетингӣ. Муваффақияти хадамоти маркетингӣ бо сатҳи даромаднокии корхона, аниқӣ ва дурустии муқаррар кардани нархҳои мол, ҳолати аз ҳад зиёд захира кардани маҳсулоти тайёр, сохтори фаъолияти расмии корхона ва натиҷагирии хадамоти фурӯш, фоидаи иқтисодӣ аз истифодаи таблиғот ва воситаҳои ҳавасмандгардонии фурӯш тавсиф дода мешаванд.

Пас аз муқаррар намудан ва аниқ кардани гурӯҳҳои нишондиҳандаҳо бо роҳи экспертӣ коэффитсиенти вазни ҳар як қисми таркибии рақобатпазир барои ҳар як корхона муайян карда мешавад. Дар нақши экспертон метавонанд сардорони шуъбаҳо, роҳбарони хадамоти гуногун, коршиносони мустақил, мутахассисони вазорату идораҳо, мутахассисони дорои таҷрибаи калон дар истеҳсолот баромад кунанд.

Дар асоси ин гурӯҳҳои нишондиҳандаҳо нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии корхона ҳисоб карда мешавад, ки онро бо формулаи зерин муайян кардан мумкин аст:

$$K = \sum_{i-I}^{N} W_i K_i$$

дар ин ҷо, К - нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирии корхона;

$K_i$ - нишондиҳандаҳои нисбии хусусии рақобатпазирии корхона;

$W_i$ - вазни омилҳои алоҳида.

Пеш аз гузаштан ба муайян кардани нишондиҳандаи интегралии рақобатпазирӣ бояд вазъи истеҳсолию иқтисодии саноати коркарди вилоят муайян карда шавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми истеҳсолот дар корхонаҳои интихобшуда тамоюли афзоиш дорад. Ҳаҷми бештари истеҳсолот ба ҶСК «Комбинати шир»-и ш. Бохтар хос аст, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ширии худро сол то сол беҳтар намуда, дар соли 2021 истеҳсоли маҳсулоташро ба 164,1 тонна расонид, ки нисбат ба соли 2016 62,2 % зиёд мебошад.

Рақобатпазирии корхона бевосита аз рақобатпазирии ҳайати кормандони он вобастагӣ дорад. Таҷрибаи корхонаҳои алоҳида нишон медиҳад, ки ҳатто дар сурати мавҷуд будани моли рақобатпазир ноил шудан ба рақобатпазирии баланди корхона мушкил аст. Барои ин ҳайати кормандони баландихтисос, аз ҷумла роҳбарӣ талаб карда мешавад.

Бояд гуфт, ки бар хилофи рақобатпазирии мол, рақобатпазирии корхона дар як муддати кӯтоҳ ба даст оварда намешавад. Рақобатпазирии корхона тавассути кори дарозмуддат ва бенуқсон дар бозор ба даст меояд. Аз ин лиҳоз, раванди ташкил намудани корхонаи рақобатпазир ва ба даст овардани бартариятҳои рақобатӣ бояд аз ташаккули кадрҳои рақобатпазир, ки қобилияти мустаҳкам гардонидан ва рушд додани мавқеи корхонаро доранд, оғоз шавад. Илова бар ин, баланд бардоштани рақобатпазирии корхона танҳо дар сурати самаранокии баланди мутақобила ва фаъолияти тамоми воҳидҳои он имконпазир аст, ки мавҷудияти системаи ягонаи идоракунии корхонаро пешбинӣ мекунад.

Маҷмуи воситаҳо барои ҳалли вазифаҳои стратегии баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ метавонад як равиши маҷмуии арзёбии ҳолати он ва вазъи муҳити бозорӣ, ки дар он корхона фаъолият мекунад, бошад.

**Адабиёт**

1. Кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. - Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – 178с.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти озуқаворӣ», (аз 16 декабри соли 2010, №105 ва бо тағйирот Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.11.2014 с. №1158, 04.04.2019 с. №1591.

3. Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – 456с

4. Мирсаидов А.Б. Механизмы формирования и развития инновационных региональных промышленных систем в Республике Таджикистан. Монография / А.Б. Мирсаидов, О.К. Муртазоев. - Душанбе: Шарки озод, 2019. - 184 с.
5. Мирсаидов С.А. Особенности региональной деятельности государственного сектора в области предоставления важных социальных благ / С.А. Мирсаидов, М.М. Азимова // Экономика Таджикистана. - Душанбе, 2021. - №4 (1). – С. 165-171.
6. Ҳисоботи шуъбаи муҳосиботи КТ «Нуфузи Вахш»-и ноҳияи Вахш дар солҳои 2016-2021.
7. Ҳисоботи шуъбаи муҳосиботи ҶСК «Комбинати шир»- и шаҳри Бохтар дар солҳои 2016-2021.
8. Пострелова, А. В. Оценка конкурентоспособности предприятия / А.В. Пострелова, М.С. Маркин // Молодой ученый. - 2013. - № 6. - С. 398-402.

---

**УДК: 338.514 (575.3)**

## АСОСҲОИ ИҚТИСОДИИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ

***Ҷиҳонов Сунатулло Абдураҳмонович,*** *ассистенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Нахимов 64/14. Тел.: 988717971. E-mail Sunat_200@mail.ru*

*Сиёсати пулию қарзӣ дар сатҳи иқтисодиёти ҳар як давлат яке қисматҳои таркибии сиёсати иқтисодии он ба ҳисоб рафта, аз қисмҳо ва унсурҳои ба худ хос иборат аст. Ғайр аз ин, дар сатҳи таҳаввулоти илмӣ сиёсати пулию қарзӣ, новобаста ба вазъияти иқтисодӣ ҳамчун масъалаи муҳим ва аввалиндараҷа боқӣ мемонад. Ин аст, ки заминаҳои бавуҷудоии сиёсати пулию қарзӣ ва дигар муносибатҳои бо пул ифодаёфта дар асарҳои олимон ва коршиносони соҳавӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Вобаста ба ин муҳиммиятҳо дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва хусусиятҳои бавуҷудоии ин сиёсат аз нуқтаи назараи олимону коршиносон таҳқиқ гардидааст. Илова бар ин, аз ҷониби муаллиф хусусиятҳои хоси ин сиёсат ҳамчун масъалаи муҳимми иқтисодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки ҳамчун падидаи нави илмӣ мебошад.*

***Калидвожаҳо:*** *таҳаввулот, сиёсат, меъёр, тағйирот, иқтисодиёт, буҳрон, таҷриба, назария, макроиқтисодиёт, қарз, сарчашма, раванд, бонки марказӣ, пул.*

## ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОЙ ПОЛИТИКИ

***Джихонов Сунатулло Абдурахмонович,*** *ассистент кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067. Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14. Тел: 988717971. Электронная почта Sunat_200@mail.ru*

*Денежно-кредитная политика на уровне экономики каждого государства считается одной из составляющих его экономической политики и состоит из своих частей и элементов. Кроме того, на уровне научных разработок денежно-кредитная политика не зависит от экономической ситуации как важный и первостепенный вопрос. Поэтому ученые и эксперты в этой области проанализировали и обсуждали в своих работах на основе различных предпосылок денежно-кредитной политики и других отношений, выраженных с деньгами. Исходя из этих значений, в данной статье рассматриваются теоретические аспекты и различные особенности этой политики с точки зрения ученых и специалистов. Кроме того, проанализированы особенности этой политики как важного экономического вопроса, являющегося новым научным явлением.*

***Ключевые слова:*** *эволюция, политика, курс, изменение, экономика, кризис, опыт, теория, макроэкономика, кредит, источник, процесс, центральный банк, деньги.*

**ECONOMIC FOUNDATIONS OF MONETARY POLICY**

***Jihonov Sunatullo Abdurakhmonovich****, assistant of the finance department of the Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067. Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Nakhimov village 64/14. Tel: 988717971. E-mail Sunat_200@mail.ru*

*Monetary policy at the level of the economy of each state is considered one of the components of its economic policy and consists of its parts and elements. In addition, at the level of scientific developments, monetary policy does not depend on the economic situation as an important and paramount issue. That is why scholars and experts in this field have been analyzed and discussed in papers based on various assumptions of monetary policy and other relationships expressed with money. Based on these values, this article discusses the theoretical aspects and various features of this policy from the point of view of scientists and specialists. In addition, the features of this policy as an important economic issue, which is a new scientific phenomenon, are analyzed.*

***Keywords:*** *development, policy, course, change, economics, crisis, experience, theory, macroeconomics, credit, source, process, central bank, money.*

Таҳаввулот дар сатҳи ҷомеа боис мегардад, ки дар самти равандҳои иқтисодӣ ва дигар меъёрҳое, ки ба он баробар мебошанд, тағйирот ворид гардида, равандҳои навро ба вуҷуд оварад. Дар баробари тамоми таҳаввулоти дар ҷомеа бавуҷудомада, пул ва сиёсати пулию қарзӣ низ аз нодиртарин унсурҳои ин таҳаввулот мебошад ва дар сатҳи иқтисодиёт ва пешбурди самтҳои он нақши калидӣ дорад. Таҷриба нишон медиҳад, ки иқтисодиёти ҷаҳон ҳамавақт оқибатҳои бухрони ҷаҳонии иқтисодиро аз сар мегузаронад ва дар заминаи он воқеияти нави иқтисодиро дар ҷомеа ташаккул медиҳад. Вобаста ба муҳиммияти ин масъала, иқтисоддонҳо ва сиёсатмадорон дар бораи пайомадҳои дарозмуддати иқтисодиёти ҷаҳон аз тарафи ҳукуматҳо сухан меронанд ва мамлакатҳое, ки ба вазъияти нави иқтисодӣ мутобиқ шудаанд, бо роҳи инкишоф додани равандҳои муътадилсозии макроиқтисодӣ пеш мераванд.

Вобаста ба ин масъала, назария ва андешаҳои гуногун ҷой доранд, ки равандҳои сиёсати пулию қарзиро бо назардошти унсурҳои бавуҷудоии он дар шаклҳои гуногун инъикос менамояд. Дар ҳақиқат, сиёсати монетарии (пулии) ҳозира боиси баҳсҳои шадид на танҳо дар ҷомеаи илмӣ, балки дар байни иқтисоддонҳо ва дигар институтҳои амалкунанда ва коршиносони молиявӣ гардидааст [12, с. 3-17]. Сарчашмаҳо нишон медиҳанд, ки давоми 30 соли охир сиёсати пулию қарзӣ ба як қатор дигаргуниҳои зиёд ноил гардида, дар заминаи истифодаи методу механизмҳои гуногун барои ба даст овардани натиҷаи бештар фишангҳои ба он вобаста такмил ёфтаанд. Ҳамин аст, ки дар сатҳи назарияи макроиқтисодӣ ва сиёсати пулию қарзӣ як занҷираи муайян ва алоқаи зич мавҷуд буда, дар ҳамаи давлатҳо рушди иқтисодиёт тавассути сиёсати оқилонаи пулию қарзӣ идора гардида, бо ин роҳ рушд дода мешавад.

Бинобар зарурати иқтисодии бештар доштани ин масъала дар сатҳи иқтисодиёти тамоми давлатҳо таҳаввулоти таърихӣ, назария ва таҳқиқоти

олимон ва коршиносон, мавҷудият ва шаклгирии онро дар сатҳ ва шаклҳои гуногун арзёбӣ намудаанд. Таърихи истилоҳи “сиёсати пулию қарзӣ” аз нимаи аввали асри 19 сарчашма мегирад. Ин вожаро ҳамчун падидаи илмӣ ва хосияти иқтисодидошта дар асарҳои худ иқтисодчиёни Англия ҳангоми ба муомилот баровардани фунт стерлинг дар бонки Англия вохӯрдан мумкин аст. Аз ҷумла, муҳаррири маҷаллаи Лондон ва мухолифи фаъоли Санади бонкӣ Роберт Пил Ҷон Тейлор (1781-1864) дар соли 1843 рисолаи “Сиёсати пулии Англия ва Амрико”-ро нашр кард, ки дар рисолаи мазкур Тейлор доираи васеи проблемаҳоеро, ки амалиётҳои бонки Англия дар бозори пул ва муомилоти пулҳои коғазӣ, гардиши тилло дар байни ду қитъа ва дигар масъалаҳои мубрами иқтисодиро нишон дода буданд, таҳқиқ намудааст [13]. Иқтисодшиноси машҳур Тейлор дар рисолаи худ ибораи “сиёсати пулию қарзии мамлакат”-ро истифода намуда, ба зиддиятҳои байни ҳукуматҳои Англия ва Штатҳои Муттаҳидаи Америка доир ба масъалаҳои барориши пул, конвертатсия ва шартҳои муомилоти пулҳои коғазӣ маълумот додааст.

Новобаста ба як қатор сарчашмаҳои муҳаққақ дар бештари адабиёти иқтисодӣ омадааст, ки асосгузори назарияи бонкдории марказӣ Уолтер Бучет (1826-1877) дар асари худ “Стрит Ломбард: Тавсифи бозори пул” аз соли 1873 ибораи “монетарӣ”-ро (монетарӣ) танҳо дар се контекст овардааст: қудрати пулӣ, буҳрони пулӣ ва ҷаҳони пул [2]. Аз нимаи дуюми асри 19 ибораи “сиёсати пулию қарзӣ” барои тавсифи фаъолияти бонкҳои марказӣ истифода мешавад ва хеле машҳур гардид.

Дар Федератсияи Россия аз солҳои 1880 инҷониб ибораи сиёсати пулию қарзиро дар саҳифаҳои мақолаҳои “Московские ведомости” ва дар нашрияҳои илмии бахшида ба муомилоти пулҳои коғазӣ дидан мумкин аст. Аз ҷумла, иқтисоддонҳои рус П.А. Николский (“Пули коғазӣ дар Россия” аз соли 1892) ва А.Н. Миклашевский (“Пул: Таҷрибаи омӯзиши муқаррароти асосии назарияи иқтисодии мактаби классикӣ дар робита бо таърихи масъалаи пул” аз соли 1895).

Яке аз барҷастатарин ва машҳуртарин олими соҳаи молия, профессор А.А. Соколов соли 1927 китоби “Принсипҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ”-ро нашр кард [9]. Китоби мазкур дар бораи сиёсати пулию қарзӣ дар ибтидои асри 20 маълумот медиҳад. Мақсади он нигоҳ доштани сатҳи доимии умумии нархҳо, яъне беқурбшавии сифр мебошад. Дар сурати мавҷуд набудани таваррум, бонки марказӣ метавонад пешниҳоди қарзро барои ҳавасмандгардонии истеҳсолот бидуни таваррум истифода барад. Ғайр аз ин, ташаккули пешниҳоди қарз бояд аз рӯйи нақшаи қарзи давлатӣ сурат гирад, ки он талабот ба қарз ва пешгӯии динамикаи онро ба назар гирифта, инчунин, ба тақсимоти оқилонаи маблағҳои қарзӣ мусоидат мекунад. А.А. Соколов чунин мешуморад, ки сиёсати қарзии бонки марказӣ бояд ба сиёсати умумии иқтисоди ҳукумат тобеъ бошад. Ба бонки марказӣ лозим аст, ки аз ҳукумат дар бораи тақсимоти қарзҳо дар хоҷагии халқ дастурҳо гирад. Чунин ақида дар иқтисодиёти шӯравӣ, ки

корхонаҳо миллӣ кунонида шудаанд, маъмул аст. Дастурҳо метавонанд танҳо ба ратсионализатсияи ҳаҷми қарз дахл дошта бошанд.

Илова бар назарияи Соколов ақидаи олимони ватанӣ А.Қ. Комилов ва Ш.М. Гулов дар масъалаи сиёсати пулию қарзӣ дигар буда, онҳо чунин мешуморанд, ки: "Маҷмуи чорабиниҳо оид ба танзими муомилоти пулию қарзӣ фаҳмида мешавад, ки ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба воситаи таъсиррасонӣ ба сатҳ ва динамикаи истеҳсолот, шуғл, таваррум ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ равона шудааст" [5]. Сиёсати пулию қарзӣ аз ҷониби бонки марказӣ амалӣ гардонида мешавад. Мақсади ниҳоии гузаронидани сиёсати пулию қарзӣ аз ҷониби бонки марказӣ ва институтҳои давлатӣ ташкил намудани муътадилии муомилоти пулӣ, рушди устувори иқтисодӣ, таъмини шуғли пурра ва мавҷуд набудани таваррум мебошад. Сиёсати пулию қарзӣ барои танзими арзаи пул истифода бурда мешавад. Дар ҳолати пастравии истеҳсолот барои ҳавасмандгардонӣ ва ҷуброни хароҷот арзаи пул зиёд ва дар ҳолати рушди иқтисодӣ ва таваррум миқдори пулҳо кам карда мешавад. Субъекти сиёсати пулию қарзӣ бонки марказӣ ба ҳисоб меравад, ки бо воситаи усулҳои муайян ба арзаю тақозо таъсир мерасонад. Бонки марказӣ ҳаҷми арзаи пулро дар мамлакат ба воситаи танзими андозаи изофавии захираи бонкҳои тиҷоратӣ тағйир медиҳад.

Дар дигар маврид, ба андешаи олими ватанӣ Ш.Ш. Қодиров, сиёсати монтарӣ ин: "Маҷмуи чорабиниҳои давлатиеро меноманд, ки дар бахши пулию қарзӣ ба хотири таъмини тараққиёти муътадили иқтисодӣ андешида мешаванд" [6, с. 94-97]. Ин гуна сиёсатро бонки марказӣ дар якҷоягӣ бо ҳукумат амалӣ менамоянд. Мақсади асосии сиёсати монетарӣ ин идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ, муътадил гардонидани дараҷаи нарх, бозсозии таркиби иқтисодиёт, мустаҳкам намудани қурби пул, таъмини шуғли пурра ва таъмини рушди иқтисодӣ мебошад. Новобаста ба пажуҳишҳои анҷомгардида, равандҳои сиёсати пулию қарзиро бо унсурҳои иқтисодӣ ва таъсири онҳо ҳамрадиф дониста, омилҳои танзими онро бо таъсири мусбат ба рушди иқтисодиёт коркард намудаанд. Новобаста ба ин, ҳар як иқтисодчӣ бо дарки масъалаҳои иқтисодӣ ва алоқамандии он бо сиёсати пулию қарзӣ нуқтаи назари худро баён намудаанд.

Илова бар ин назариёт, Х.Ҳ. Алишоев дар асари худ дар бораи масъалаи сиёсати пулию қарзӣ чунин ибрози ақида намудааст: "Сиёсати пулию қарзӣ ин кулли чорабиниҳои давлатиест, ки барои ба танзим даровардани ҳаҷми пули дар муомилотбуда, ҳаҷми қарз, андозаи нархҳо ва сатҳи фоизи қарзӣ равона карда шудааст" [1, с. 121-122]. Ӯ чунин мешуморад, ки мақсади асосии Бонки миллӣ ин нигоҳ доштани қобилияти харидории пул ба воситаи мубориза ба муқобили таваррум мебошад. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки дар масъалаи татбиқи сиёсати пулию қарзӣ дигар омилҳои таъсиррасон низ вуҷуд доранд, ки онро дар сатҳи васеъ дигар олимони хориҷӣ низ мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Илова бар ин, аввалин бор барандаи мукофоти нобелии Бонки марказии Шветсия Ян Тинберген асосҳои таҳлили робитаи байни мақсадҳои сиёсати иқтисодӣ ва инструментҳои онро таҳқиқ намуда, ӯ модели таносуби ҳадафҳо ва воситаҳои заруриро барои ноил шудан ба татбиқи ин масъала сохт. Тибқи назарияи ӯ, агар шумораи ҳадафҳо ба шумораи воситаҳо баробар бошад, мақомот метавонанд муайян кунанд, ки кадом воситаҳоро барои расидан ба ин ҳадафҳо истифода бурдан зарур аст. Агар шумораи воситаҳо аз шумораи ҳадафҳо зиёд бошад, пас барои ноил шудан ба ҳадафҳо якчанд варианти қобили истифода вуҷуд дорад. Ниҳоят, агар шумораи ҳадафҳо аз шумораи воситаҳо зиёд бошад, пас мақомот эҳтимолан, ҳамзамон, дар як вақт ба онҳо расида наметавонанд. Баррасии таҳлили Тинберген барои бонки марказӣ инро нишон медиҳад, ки вай наметавонад дар як вақт ба якчанд ҳадафҳо ноил шавад, хусусан агар онҳо ба ҳамдигар мухолиф бошанд (масалан, устувории нархҳо ва афзоиши ҳадди эҳтимолии иқтисодӣ ё бекории сифрӣ), бо маҷмуи маҳдуди воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ оварда мерасонад. Барои нигоҳ доштани тавозуни дурусти байни ҳадафҳо ва воситаҳо (бо номи “қоидаи Тинберген”) бонкҳои марказӣ як ҳадафи воқеӣ интихоб мекунанд ва барои ноил шудан ба он як ё якчанд воситаро интихоб мекунанд. Чунин шароит, ба андешаи мо, яктарафа будани масъаларо дар сатҳи маҳдуд бе назардошти воситаҳои дар иқтисодиёт вуҷуддошта инъикос менамояд.

Бо ин мазмун дар масъалаи сиёсати пулию қарзӣ олимони тоҷик А. Эргашев, Ҳ. Муҳадбердиев ва М. Эргашева чунин андеша доранд: “Сиёсати пулию қарзӣ ҷузъи муҳимтарини сиёсати макроиқтисодӣ буда, майл ба он дорад, ки сектори воқеии иқтисод на танҳо дар мояи истифодаи усули танзими монетарӣ (пулгароӣ), балки истифодаи фишангҳои муҳимтарини танзим ва истиқрори он низ қарор гирад. Сиёсати пулиро рамзан ҳамчун 365 рагу пайванди хунгузарии ҷомеа тасаввур кардан мумкин аст, ки бо воситаи он тамоми узвҳои дигар “бо хун таъмин” ва ба ҳаракат даровардa мешаванд. Вазъ ва ҳолати он дараҷаи конюктураи иқтисод (дараҷаи рушд, эътидолӣ, чандирӣ, мувозинӣ, амиқию устувории фаъолияти бурунмарзӣ...) истиқрору танзими онро, чӣ барои давраи ҳозира ва чӣ давраи оянда ва дурнамои он муайян менамояд” [10, с. 262-270]. Тибқи назарияи олимони мазкур, татбиқ ва пешбурди равандҳои сиёсати пулию қарзӣ ба назарияҳои пайдоиши пул ва шаклгирии онҳо марбут мебошад.

Назарияҳои пул ва қарз рӯз то рӯз инкишоф ёфта истодааст. Аввалин мактаби назариявие, ки дар таҳлили соҳаи пул ташаккул ёфта буд, ин назарияи миқдории пул буд, ки муқаррароти асосии он дар асарҳои намояндагони мактаби Саламон дар асри 16 ифода ёфт ва дар осори Д. Хйюм дар нимаи дуюми асри 18 инкишоф ёфтааст [7, с. 4]. Дар рафти инкишофи худ афкори иктисодӣ дар соҳаи омӯзиши пул ва қарз, ба тағйироти худи системаи пулию қарзӣ дучор шуд. Дар соҳаи пулию қарзӣ чунин дигаргуниҳои муҳим ба амал меоянд: ташкили бонкҳои марказӣ ҳамчун сохтори танзимкунанда, гузаштан аз пули молӣ ба пули коғазнок

ва ғайра. Бо вуҷуди ин, албатта, як қатор муқаррароти назарияҳои пул ва қарз ба низомҳои гуногуни пулии иқтисодиёти бозорӣ татбиқ мешаванд, ки ин ҳолат имкон медиҳад ба классикони илми иқтисодӣ, ки дар асрҳои 18-19 умр ба сар бурдаанд, такя намоем.

Академик Р.К. Раҳимов оид ба мавзуи сиёсати пулию қарзӣ тадқиқоти зиёд бурда, дар асарҳои худ чунин маълумотро дарҷ намудааст: "Дар муддати дароз байни иқтисодчиён оид ба муаммои аҳаммият ва нақши сиёсати пулию қарзӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ баҳсҳо ба назар мерасанд. Ин ҳолат бо ду муносибати гуногун бо назарияи пулҳо асос меёбад: назарияи нави кейнсӣ, аз як тараф, ва, тарафи дигар, монетаризми муосир. Ҳам кейнсиён ва ҳам монетаристон тасдиқ мекунанд, ки ҳолати соҳаи пулӣ ва тағйирот дар он бо воситаи сиёсати пулию қарзӣ ба миён омада, ба ҳолати иқтисодиёти миллӣ таъсир мерасонанд. Лекин онҳо аҳаммияти чунин таъсирот ва механизмҳои онро ба таври гуногун баҳо медиҳанд. Аз нуқтаи назари кейнсӣ, дар асоси сиёсати пулию қарзӣ бояд сатҳи муайяни мизони фоиз гузошта шавад. Аз нуқтаи назари монетаристон бошад, дар асоси сиёсати пулию қарзӣ талабот ва пешниҳоди пулҳо гузошта шудааст [8, с. 9]".

Илова бар ин, академик Р.К. Раҳимов оид ба муносибати кейнсионӣ ва монетарӣ таҳқиқот анҷом дода, як қатор назарияҳои баҳодиҳии мушаххасро пешниҳод намудааст:

1. Муносибати кейнсионӣ. Тарафдорони равияи кейнсионӣ тасдиқ мекунанд, ки иқтисодиёти бозорӣ бо худ низоми ноустуворро бо камбудиҳои зиёди дохилӣ ифода мекунад. Бинобар ин, давлат бояд фишангҳои гуногуни танзими иқтисодӣ, аз он ҷумла фишангҳои молиявӣ ва пулию қарзиро фаъолона истифода барад. Механизми танзими пулию қарзӣ бо чунин тарз амал мекунад. Тағйирёбии пешниҳоди пул сабаби баландшавӣ ва ё пастшавии мизони фоиз мегардад, ки дар навбати худ, ба тағйирёбии талаботи инвеститсионӣ оварда расонида, инвеститсияҳо ба тағйирёбии сатҳи истеҳсолоти миллӣ бо воситаи самараи мултипликатсионӣ таъсир мерасонанд. Кейнсчиён гумон доранд, ки танзими пулию қарзӣ нисбат ба фишангҳои фискалӣ ва ё сиёсати буҷетӣ воситаи на он қадар самараноки муътадилгардонии иқтисодиёт ба ҳисоб мераванд.

2. Муносибати монетарӣ. Хусусияти монетаризм дар он аст, ки он ба соҳаи пулию қарзӣ аҳаммияти махсус зоҳир мекунад. Ба ақидаи онҳо, "пулҳо қувваи асосии ҳаракатдиҳандаи иқтисодиёти бозорӣ мебошанд". Намояндаи машҳури монетаризм М. Фридман ба ҳисоб меравад. Дар корҳои ӯ ҳолатҳои асосии назарияи монетаризм баён карда шудааст, алалхусус:

- монетаристон маҳдудкунии дахолати давлатро ба иқтисодиёт бо танзими пулию қарзӣ дар назар доранд, ки бо ҳамроҳии бонки марказӣ амалӣ карда мешавад, зеро "ягон ҳукумат аз бозор дида оқилтар нест";

- монетаристон гумон доранд, ки коррелятсияи байни омили пулӣ ва ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ нисбати инвеститсияҳо ва маҳсулоти умумии дохилӣ зичтар мебошад [8, с.17].

Дар таҳқиқоти худ бо равишу паҳлуҳои дигар иқтисодчиён монетаризмро ҳамчун мактаби иқтисодие баҳо медиҳанд, ки тибқи он миқдори пули дар муомилотбуда омили асосии ташаккули вазъи муътадили иқтисодӣ ва рушднишондиҳандаҳои он мебошад. Дар ин назария, робитаи бевоситаи байни тағйирёбии миқдори пули дармуомилотбуда ва миқдори маҷмуи маҳсулоти дохилиро муайян менамояд. Ҳамзамон, бо ин гуфтан мумкин аст, ки монетаризм дар фаъолият ва сохти давлатдории ҳар як кишвар таърихи қадима дошта, он дар давлатҳои алоҳида дар заминаҳои гуногун пайдо гардидааст. Тибқи назари коршиносону олимон монетаризм дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар солҳои 1950 пайдо шудааст ва аввалан номи мактаби Чикагоро дошт, ки асосгузори мактаби монетаризм дар ҳамон давра М. Фридман буд.

Консепсияи М. Фридман дорои чунин унсурҳои асосӣ мебошад:

1) Назарияи миқдории пул ва назарияи монетарии даврахои иқтисодӣ дар асоси он қабул карда мешавад, ки мувофиқи он тағйироти асосии вазъи иқтисодӣ аз рӯйи тағйирёбии пештараи ҳаҷми муомилоти пул муайян карда мешавад.

2) Пул ба иқтисоди воқеӣ тавассути тағйирёбии сатҳи нархи молҳо таъсир мерасонад, на тавассути меъёри фоиз.

3) Қоидаи пули ҷорӣ карда мешавад, ки мувофиқи ин қоида ба таври автоматикӣ, сарфи назар аз вазъияти иқтисодиёт ва дигар омилҳо, ҳар сол 4-5 фоиз зиёд шудани ҳаҷми пулро дар муомилот талаб мекунад.

4) Системаи қурби шинокунандаи асъор барои ба таври худкор нигоҳ доштани мувозинат дар соҳаи иқтисоди берунӣ истифода карда мешавад.

5) Дар бораи бесамар будани тадбирҳои давлатии танзими иқтисодиёт аз сабаби мавҷуд будани қафомонӣ байни тағйироти нишондиҳандаҳои пулӣ ва омилҳои воқеии истеҳсолот рисола қабул карда шудааст [8, с. 13-28].

Аз солҳои 70-ум сар карда, дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон назарияи монетаризм дар амалия мавриди истифода қарор гирифт. Намояндагони асосии он А. Блиндер, К. Бруннер, Ф. Кейген, Д. Мейзелман, А. Мелсер, Д. Лейдлер, Р. Солоу, А. Швартс ва дигарон буданд.

Ҷ. Тобин нақши монетаристҳоро дар ташаккули назарияи пул тавсиф намуда, чунин қайд мекунад, ки дар назарияи онҳо пул ба унсури маркази системаи иқтисодӣ табдил ёфтааст, ки ҳолати вазъи иқтисодӣ ва тамоми рафти такрористеҳсолкуниро муайян мекунад.

Бисёре аз олимон ба назарияи монетаризм аз нуқтаи назари танқидӣ муносибат карданд. Масалан, П. Браунинг навишта буд: “Тааҷҷубовар аст, ки назарияе, ки гарчанде ҷаззобияти хоси сиёсӣ дошта бошад ҳам,

вале дар айни замон хеле камбудиҳои муайян дорад, дар барномаи ҳукумат ҷойи асосиро ишғол карда метавонад”.

П. Браунинг назарияи монетаризмро ба се соҳа ҷудо мекунад: мактабҳои неоклассикӣ, градуалистӣ ва прагматикӣ [2, с. 160].

В современных условиях роль иностранных инвестиций возрастает, что требует улучшения механизма их привлечения в Республику Таджикистан. Как известно, инвестиции являются драйвером развития инновационной деятельности во всех секторах экономики, будь то промышленность, образование или здравоохранение. Для того чтобы активизировать инновационные процессы в стране необходимо создавать благоприятный инвестиционно-инновационный климат, который является основой экономического роста.

В современных условиях в Республике Таджикистан, особое значение приобретает создание инновационного климата, мотивирующего на поиск и внедрение инноваций во все сферы экономики и, в первую очередь, в промышленное производство, так как из-за перенасыщения рынка высококонкурентной импортной продукцией страдают отечественные предприятия, которые в большинстве своем не используют инновационные разработки. В этих условиях для отечественных промышленных предприятий жизненно необходимо внедрять инновации, которые окажутся движущей силой. Инновации для предприятий играют решающую роль в плане завоевания устойчивой ниши на рынке в долгосрочной перспективе [4, с.6].

Для разработки и реализации инновационной деятельности предприятия, необходима координация осуществления инновационных процессов. При этом сами инновации, являются результатом активного инновационного процесса в так называемых инновационных предприятиях. Где инновационный процесс представляет собой процесс постепенного превращения идеи в продукт, проходящий этапы прикладных и фундаментальных исследований, маркетинга и т.д. [9, с.35].

Настоящее и будущее Республики Таджикистан неотделимы от развития науки и инновационных технологий, которые являются предпосылками формирования инновационной экономики, характеризующей развитием конкурентоспособных наукоёмких производств. Создание инновационной экономики должно стать стратегическим направлением развития нашей страны в ближайшей перспективе.

В настоящее время реализуется Национальная стратегия развития Республики Таджикистан до 2030 года, которая рассматривает в качестве возможных три основных сценария развития экономики страны: инерционный, индустриальный, индустриально-инновационный. При реализации индустриально-инновационного сценария, предполагается создание основ инновационного развития. Становление инновационной экономики – это сложный, многоаспектный и длительный процесс, требующий огромных инвестиционных вложений и использования ресурсного потенциала инновационной деятельности промышленных предприятий.

Быстрый рост новых технологий, углубление глобализации и связанное с ним усиление международной конкуренции в мировой экономике, предъявляет новые требования по повышению

конкурентоспособности для каждой отдельной страны. В этом аспекте создание новых перспективных сфер и отраслей в народном хозяйстве страны, обновление и модернизация производственных мощностей может выступать залогом успеха, что возможно посредством привлечения инвестиций.

Отечественная практика в годы приобретения суверенитета показала, что в вопросе создания благоприятного климата по привлечению и осуществлению инвестиционной деятельности имеются много проблем. В решение многих проблем развития производственного сектора важное значение имеет всестороннее теоретическое осмысление и изучение опыта других стран в аспекте создания благоприятных условий для привлечения инвестиций. [11, с.6].

Опыт стран, выбравших инновационный путь развития, подтверждает тот факт, что активизация инновационно-инвестиционной деятельности промышленных предприятий, мотивирует создание социально-экономических, научно-технических и организационно-хозяйственных предпосылок для формирования новых производств. Здесь, на первый план, выходят вопросы развития промышленных предприятий, с учетом особенностей использования инвестиционного потенциала промышленности страны.

Поэтому, прежде всего, необходимо обеспечить реализацию целей развития инновационной деятельности на основе формирования инвестиционного потенциала промышленных предприятий. Необходимо отметить, что по данным Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, приток прямых иностранных инвестиций показывает положительную динамику (Диаграмма 1.).

**Диаграмма 1. Приток прямых иностранных инвестиций в 2007-2021 гг. (в долл. США)**




**Источник: [Электронный ресурс] https://investcom.tj/uploads/docfiles/620b3ba05fa62.pdf (дата обращения 20.02.2023)**

Как видно из диаграммы 1. приток прямых иностранных инвестиций в 2007-2021 гг. в основном был осуществлен в энергетическом секторе - 598,3 млн. долл. США, коммуникациях - 527,9 млн. долл. США, строительстве - 396,6 млн. долл. США, финансовых услугах - 476,8 млн. долл. США, геологическом изучении и добычи полезных ископаемых - 1657,2 млн. долл. США, промышленности - 747,8 млн. долл. США, торговли - 55,3 млн. долл. США, пищевой промышленности - 12,4 млн. долл. США, дорожном строительстве - 14,3 млн. долл. США, здравоохранении - 5,1 млн. долларов США, сельском хозяйстве - 106,1 млн. долл. США, туризме - 39,4 млн. долл. США, образовании - 47,3 млн. долл. США, транспорте - 7,6 млн. долл. США, строительной отрасли - 16,2 млн. долл. США и других сферах - 132,2 млн. долл. США [8].

За последние 15 лет в основном, пик привлечения прямых инвестиций пришелся на 2015-2016 годы, объем которых по сравнению с 2007 годом увеличился в 1,8 - 2 раза. Данные диаграммы свидетельствуют о том, что приоритетными отраслями для иностранных инвесторов являются энергетический сектор, коммуникации, строительство, финансовые услуги, геологическое изучение и добыча полезных ископаемых, промышленность, дорожное строительство и.т.д.

В осуществлении структурных преобразований экономики Таджикистана иностранные инвестиции играют чрезвычайно важную роль, поскольку производственные мощности республики нуждаются в крупных капиталовложениях для модернизации и реконструкции, а внутренние источники финансирования инвестиций недостаточны. Поэтому привлечение в широких масштабах иностранных инвестиций преследует стратегические цели и является одним из важных направлений проводимой государственной политики [2, с.171].

Необходимо отметить, что потребность в инностранных инвестициях ощущается во всех секторах экономики Республики Таджикистан, как в основном источнике финансирования инновационной деятельности и является индикатором инновационного развития [10, с.108].

Для повышения эффективности притока инвестиций и для того, чтобы сделать национальную экономику еще более привлекательной, следует разработать и принять комплексную программу стимулирования внутренних и внешних вложений в реальный сектор экономики страны, в ходе реализации которой, следует обратить внимание на оказание господдержки частным инвестициям через предоставление доли при финансировании проектов инвестирования, которые отобраны по результатам конкурса и считаются высокоэффективными. [3, с.63].

В нашей стране в соответсвии с приоретатами развития национальной экономики необходимо сформировать механизмы регулирования инновационной деятельности, в результате чего появляется возможность поляризации инвестиционных ресурсов в наиболее значимых направлениях.

Для построения действенного механизма государственного регулирования инновационной деятельности нужно соблюдать ряд методологических правил [5, с.359]:

- механизм должен быть сопряженным. Проверка по нескольким критериям должна определить его системность. Во-первых, он должен включать в себя реализацию всей целостной совокупности экономических функций государства по отношению к инновационной деятельности. Во-вторых, все стадии воспроизводства инноваций ресурсы должны быть охвачены влиянием. В-третьих, он должен содержать в себе четкость согласованных форм и методов действий всех ветвей и уровней власти.

- механизм государственного регулирования должен не только приемлемо совмещаться с механизмом рыночной самоорганизации имеющихся субъектов научно-технической и инновационной деятельности, но и должен обладать способностью развивать и совершенствовать их регулирующие возможности;

- механизм государственного регулирования инновационной деятельности на региональном уровне должен полностью соответствовать целям, задачам и направлениям государственной инновационной политике.

Достижение эффективности финансовых вливаний зарубежных инвесторов требует, чтобы средства иностранных источников были получены только под определенной цели в рамках специальных проектов и в соответствии с важнейшими приоритетами, включенными в структурно-инвестиционную политику развитие регионов страны [2, с.144].

Как известно на текущем этапе реформ к четырем стратегическим задачам государства относятся:

- решение продовольственной безопасности;
- достижение энергетической независимости;
- обеспечение вывода из транспортного тупика;
- обеспечение ускоренной индустриализации. [7, с.13].

В настоящее время формирование инновационной политики является наиважнейшим условием выработки основ устойчивого развития на уровне предприятий и организаций, регионов и государства в целом. Инновации и инвестиции являются главными составляющими трансформации любой хозяйствующей системы. Неотъемлемым элементом инновационной деятельности хозяйствующей системы являются инвестиции. Инвестиционная деятельность в современных условиях хозяйствования сопровождается проблематикой в сфере инновационной деятельности. Среди множества общих проблем инновационной и инвестиционной деятельности особое значение должно отводиться мероприятиям по их сбалансированности [4, с.287].

Не менее значимая роль в решении данных инвестиционных проблем развития инновационной деятельности отводится внешним источникам инвестирования. Таким образом, для формирования эффективного

механизма привлечения внешних финансовых средств в инновационную сферу необходимо:

- на регулярной основе увеличить размер субсидий и субвенций;
-разработать и реализовать механизмы поэтапного финансирования инновационных проектов;
-стимулировать увеличение числа лизинговых компаний, участвующих в финансовом обеспечении инновационных структур;
-расширить кредитные продукты и совершенствовать условия их кредитного обеспечения;
-способствовать созданию и увеличению венчурных фондов.

Одним из аспектов общей проблемы привлечения инвестиций в инновации является круг вопросов, связанных с методологическим подходом к источникам инвестиционного обеспечения и оценкой инвестиционной привлекательности. В ходе такой оценки факторам риска и неопределенности должно уделяться не меньшее внимание, чем факторам, определяющим инновационное развитие и уровень эффективности тех или иных инвестиций в экономику.

Следует отметить, что на оживление инновационной деятельности промышленных предприятий в Республике Таджикистан, влияет ряд ключевых факторов:

- активное использование инновационных продуктов конкурентными предприятиями, в том числе на международном уровне;
- доступный кредитный капитал на льготных условиях кредитования;
- эффективность использования имеющихся ресурсов при производстве продукции;
- государственная поддержка малого и среднего бизнеса, налоговые льготы и т.д.

Таким образом, внешняя инновационная среда в большей мере влияет на промышленное предприятие и вынуждает его искать новые направления развития, обеспечивающие финансовую устойчивость, конкурентоспособность и повышение его деловой активности.

В современных условиях векторы развития промышленных предприятий кардинально меняются. Это обусловлено, прежде всего, развитием институциональных основ рынка инноваций, конкуренцией, активизацией инновационной деятельности и возрастающим спросом на инновационную продукцию. Отсюда, ключевым фактором, влияющим на экономическое развитие промышленных предприятий и их конкурентоспособности, становится организация инновационно - инвестиционной деятельности.

Главную роль в осуществлении инновационного прорыва и завоевания определенных рыночных позиций принадлежит организации инвестиционной деятельности и повышении эффективности использования инвестиционных вложений. Отсюда, вытекает необходимость формирования государственного инвестиционного курса по активизации инвестиционных процессов, институциональных предпосылок, финансовой поддержке, включая налоговые инструменты.

**Литература**

1. Данные Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан. [Электронный ресурс] URL: https://investcom.tj/uploads/docfiles/620b3ba05fa62.pdf: (дата обращения 15.03.2023)
2. Елизаветин М. Инвестиционный климат в странах СНГ. [Электронный ресурс] URL: http://www.sice.ru/cnts/1208.html; http://www.sice.ru/cnts/1209.html
3. Кандиерова Д.О. Инвестиционный климат Республики Таджикистан: теоретический аспект /Д.О. Кандиерова, Д.К. Ходжазода//Сборник материалов международной научно-практической конференции на тему "Таджикистан в системе современных международных финансово-кредитных отношений" ( ТГФЭУ, Душанбе, 26.11.2021г.). – 2022. - С.34-40.
4. Комилов С.Дж. Совершенствование управления инновационно-инвестиционной деятельностью промышленных предприятий. Монография/ С.Дж. Комилов, Е.Ш. Мирзоева. – Душанбе: ТГФЭУ, 2020. – 144с.
5. Мамаризоева Н.М. Роль и значение инновационно-инвестиционного климата в государственном регулировании регионального финансирования /Н.М. Мамаризоева // Сборник материалов международной научно-практической конференции на тему "Таджикистан в системе современных международных финансово-кредитных отношений"( ТГФЭУ, Душанбе, 26.11.2021г.). - С.243-251.
6. Мирзоева Е.Ш. Факторы и условия обеспечения инвестиционной привлекательности: проблемы и перспективы / Е.Ш. Мирзоева// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2013. - №2/1 (103). - С.169-173.
7. Пахомова Т.А. Роль инвестиций в инновационном процессе // Фундаментальные исследования. – 2013. – № 11-2. – С. 286-289; [электронный ресурс]: URL: https://fundamental-research.ru/ru/article/view?id=33115 (дата обращения: 15.05.2023).
8. Статистические данные Агентства по статистике при Президенте Республики Таджикистан, Душанбе, 2022г.
9. Файзуллоев М.К. Проблемы становления и развития инновационного предпринимательства в Республике Таджикистан: Монография /М.К. Файзуллоев, С.Дж. Комилов .- Душанбе: Ирфон, 2017. - 170с.
10. Худойбердиев, Д. М. Пути и проблемы индустриального развития Республики Таджикистан / Д. М. Худойбердиев // Endless Light in Science. – 2023. – № 3-3. – С. 106-110. – DOI 10.24412/2709-1201-2023-106-110.
11. Шарифзода М.М. Инвестиционный климат в системе факторов развития промышленности Таджикистана /М.М. Шарифзода, Т.Р. Ризокулов // Сборник статей международной научно-теоретической конференции, на тему «Формирование благоприятного инвестиционного климата в условиях ускоренной индустриализации страны», ТГУПБП, г.Худжанд, 27.05.2022. - С.5-12.


**УДК: 330.34**

# АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ СОҲИБКОРИИ ИННОВАТСИОНӢ


***Убайдуллозода Файзулло Убайдулло*** *- н.и.и., дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail: fk.2704@mail.ru. Телефон: (+992) 918-10-10-40.*

***Қурбонов Ҷаҳонгир Наврӯзович*** - *докторанти (PhD)-и кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17. E-mail: JDN@mail.ru. Телефон: (+992) 985-25-30-40.*

*Мақола ба асосҳои назариявии рушди соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки рушди соҳибкорӣ дар шароити рушди инноватсионии корхонаҳо дар давраи гузариш ба иқтисодиёти нав омӯхта шудааст. Омилҳое, ки зарурати роҳи инноватсионии рушди сохторҳои соҳибкориро муайян мекунанд, баррасӣ карда шудааст. Муаллифон дар мақола маҳакҳои асосии рушди соҳибкории инноватсионӣ, шакли асосии соҳибкории инноватсионӣ, функсияи соҳибкории «классикӣ» ва соҳибкории инноватсионӣ ва омилҳоеро, ки ба рушди соҳибкории инноватсионӣ мусоидат менамоянд, мавриди омӯзиш қарор додаанд. Оид ба рушди соҳибкории инноватсионӣ дар асоси ақидаҳои олимони ватанӣ, фикру андешаҳои мушаххас пешниҳод карда шудааст. Инчунин, дар мақола моделҳои соҳибкории инноватсионӣ дар шакли пурра шарҳ дода шудааст.*

***Калидвожа***: *иқтисодиёт, ташаккул, рушд, инноватсия, инфрасохтор, соҳибкорӣ, хусусият, корхона, пешниҳод, механизм.*

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ ИННОВАЦИОННОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

***Убайдуллозода Файзулло Убайдулло*** - *к.э.н., доцент, заведующий кафедрой финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета, Адрес: 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Нахимова, 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. Телефон: (+992) 918-10-10-40. E-mail: fk.2704@mail.ru.*

***Курбонов Джахонгир Наврузович*** - *докторант (PhD) кафедры менеджмента и маркетинга Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: (+992) 985-25-30-40. E-mail: JDN@mail.ru.*

*Статья посвящена теоретическим основам развития инновационного предпринимательства в Республике Таджикистан. Стоит отметить, что развитие предпринимательства исследовано в условиях инновационного развития предприятий в период перехода к новой экономике. Обсуждены факторы, определяющие необходимость инновационного пути развития бизнес-структур. В статье авторы изучили основные критерии развития инновационного предпринимательства, основные формы инновационного предпринимательства, функции «классического» предпринимательства и инновационного предпринимательства, а также факторы, способствующие развитию инновационного предпринимательства. По поводу развития инновационного предпринимательства на основе мнений отечественных ученых изложены конкретные мысли и мнения. Кроме того, в статье подробно объяснены инновационные бизнес-модели.*

***Ключевые слова***: *экономика, формирование, развитие, инновация, инфраструктура, предпринимательство, характеристики, предприятие, предложение, механизм.*

## THEORETICAL FOUNDATIONS FOR THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF INNOVATIVE ENTREPRENEURSHIP

***Ubaydullozoda Fayzullo Ubaydullo*** - *Candidate of Economics, Head of the Department of Finance, Tajik State Financial and Economic University, Address: 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov Street 64/14. tgfeu@tgfeu.tj. E-mail: fk.2704@mail.ru. Phone: (+992) 918-10-10-40*

***Kurbonov Jahongir Navruzovich -*** *doctoral (PhD) of the Department of Management and Marketing of the Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan. Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: JDN@mail.ru. Phone: (+992) 985-25-30-40*

*The article is devoted to the theoretical foundations for the development of innovative entrepreneurship in the Republic of Tajikistan. It should be noted that the development of entrepreneurship was studied in the context of innovative development of enterprises during the transition to a new economy. The factors that determine the need for an innovative way of developing business structures are discussed. In the article, the author studied the main criteria for the development of innovative entrepreneurship, the main forms of innovative entrepreneurship, the functions of "classic" entrepreneurship and innovative entrepreneurship, as well as factors contributing to the development of innovative entrepreneurship. Regarding the development of innovative entrepreneurship based on the opinions of domestic scientists, specific thoughts and opinions are presented. In addition, the article explains innovative business models in detail.*

***Key words****: economy, formation, development, innovation, infrastructure, entrepreneurship, characteristics, enterprise, proposal, mechanism.*

Махсусияти марҳилаи муосири рушди муносибатҳои бозоргонӣ дар Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба соҳибкорӣ вобаста мебошад, ки аз ҷониби қисми зиёди шаҳрвандон он ҳамчун фаъолияти доимии корӣ қабул гардидааст. Фаъолияти соҳибкорӣ аслан дар давоми рӯз марҳилаи ниҳоии корӣ ва вақти холӣ надорад. Дар рушди соҳибкорӣ, инчунин, давлат низ ҳавасманд аст, зеро фаъолияти соҳибкорӣ ҷойҳои иловагии кориро муҳайё сохта, барои ташаккул ва мустаҳкам намудани табақаи миёнаи коргарон мусоидат намуда, шиддатнокиро дар ҷомеа паст менамояд.

Соҳибкорӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ мавқеи махсус дошта, дар онҳо муносибат ва қабули қарорҳои ғайристандартӣ ва инноватсиониро инъикос менамояд. Маълум аст, ки на ҳама метавонанд ба соҳибкорӣ машғул бошанд. Зеро бизнеси мазкур аз соҳибкор хусусиятҳои хоси рафтор, ақидаронӣ, мавҷудияти малакаҳои муайянро талаб менамояд. Соҳибкори ҳақиқӣ ин шахси қавиирода мебошад, ки муҳити бизнесро бисёр хуб мефаҳмад ва барои қабули қарорҳои оперативӣ ва иқтисодӣ малака дорад.

Мафҳуми моҳияти соҳибкории хурд ба фаҳмиш ва тасаввурот дар бораи мақоми соҳибкор (мақоми муайяни ҳуқуқии шахсе, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ҳамчун субъекти соҳибкорӣ ба қайд гирифта шудааст, ҳуқуқ ва уҳдадориҳоеро соҳиб аст, ки дорои ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошад) асос ёфтааст.

Соҳибкориро метавон ҳамчун фаъолияти эҷодӣ арзёбӣ намуд, ки ба ҷустуҷӯи соҳаҳои нави маблағгузорӣ, ташкили маҳсулоти нав ва мукаммал намудани онҳо, истеҳсол, пешравии афзалиятҳои худӣ, истифодаи самараноки имкониятҳои гуногун барои гирифтани даромад равона гардидааст. Дар ин замина, соҳибкорӣ ҷалби ҳатмии лаҳзаи инноватсионӣ ё истеҳсоли молу маҳсулоти нав барои бозор бошад, ё ивази самти тахассусии фаъолият, ташкили корхона ё соҳаи навро дар бар мегирад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳама гуна фаъолияти инноватсионӣ соҳибкорӣ мебошад ва бо чунин маҳакҳо асос меёбад:

- ҷустуҷӯи идеяҳои нав (аз маҳсулоти нав то сохтори нав) ва баҳодиҳии онҳо;
- ҷустуҷӯи захираҳои зарурӣ;
- ташкил ва идоракунии корхона;
- гирифтани даромади пулӣ ва қаноатмандӣ аз натиҷаҳои бадастомада.

На ҳамаи соҳибкорӣ инноватсионӣ мебошад, танҳо он соҳибкорие инноватсионӣ ҳисобида мешавад, ки дар натиҷаи ба роҳ мондани истеҳсолот, истифода ва омезиши маҳсулоти инноватсионӣ барои гирифтани даромади соҳибкорӣ имконият медиҳад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар шароити имрӯза доир ба фаъолияти соҳибкорӣ миёни олимони ватанӣ корҳои илмии зиёде навишта шуда, пешниҳодҳои мухталиф карда шудаанд. Гурӯҳе аз муҳаққиқон қайд менамоянд, ки рушди фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии мақсадноки давлатиро ба иштирокчиёни соҳибкории инноватсионӣ талаб мекунад [5, с. 409]. Соҳибкориро метавон ҳамчун фаъолияти навоварона маънидод намуд, ки он ба ҷустуҷӯи роҳу равишҳои нави сармоягузорӣ, тавлиди маҳсулоти комилан нав, такмили раванди тағйирёбии сифати молҳои мавҷуда, рушди афзалиятҳои худӣ, истифодаи самаранокии иҷрои амалиёти сифатан нави истеҳсол ва фурӯши маҳсулот барои гирифтани фоида равона гардидааст [3, с. 90]. Гурӯҳи дигар ба он ақидаанд, ки соҳибкории инноватсионӣ ба навоварӣ дар сифати истеҳсоли маҳсулот ё пешниҳоди хизматрасониҳо асос ёфтааст, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои аҳолӣ бозори нави истеъмолиро ба вуҷуд меорад [8, с. 251].

Соҳибкории инноватсионӣ бо мақсади рушд ёфтан, парадигмаи бисёрҷанбаъ мебошад ва қобилияти таъмин намудани як қатор натиҷаҳои мусбати иҷтимоиву иқтисодиро дорад, ки барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди даромад, рушди малакаҳои касбии кормандон ва диверсификатсияи иқтисодиёт мусоидат мекунад [4, с. 170]. Ҳ.А. Сандалов дар кори худ қайд менамояд, ки дар рушди устувори равандҳои иқтисодиёти инноватсионии минтақа, муассисаҳои бонкӣ ва фаъолияти онҳо ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии рушди устувор ва нигоҳ доштани тавозуни динамикии муҳити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологӣ асос ёфтааст [7, с. 53]. Гурӯҳи дигари мутахассисон ба ин ақидаанд, ки рушди инфрасохтор низ ба инкишоф додани соҳибкории инноватсионӣ таъсиррасон ҳастанд, хусусан, инфрасохтори инноватсионии бозори минтақавӣ аз ду унсур иборат аст. Унсури аввал дохилӣ аст, ки дар он гардиши мустақими захираҳои иқтисодӣ, аз ҷумла инфрасохтори истеҳсолӣ, инноватсия, соҳибкорӣ ва молиявӣ амалӣ карда мешавад. Унсури дуюм берунӣ буда, захираҳоро дар бозор таъмин менамояд, инфрасохтори институтсионалӣ ва идоравӣ, инфрасохтори бозори меҳнат ва инфрасохтори экологиро дар бар мегирад [1, с. 133]. Яке аз

мутахассисони соҳа се шакли асосии соҳибкории инноватсиониро ҷудо намудааст, ки он дар расми якум оварда шудааст [2, с. 76].




**Расми 1. - Шакли асосии соҳибкории инноватсионӣ**
**Коркарди муаллифон.**

Қайд кардан ба маврид аст, ки маҳсулоти инноватсионӣ - раванди азнавнамоии иқтидори фурӯши корхона, зиёд шудани ҳаҷми даромад, васеъ гардидани саҳм дар бозор, нигоҳдории мизоҷон, мустаҳкам намудани мустақилият, муҳайё сохтани ҷойҳои нави кориро дар худ инъикос менамояд.

Инноватсияҳои технологӣ - раванди таҷдиди иқтидори истеҳсолие мебошад, ки ба баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва сарфи энергия, ашёи хом ва дигар захираҳо равона шудааст. Ин имконият медиҳад, ки ҳаҷми даромади ширкат зиёд шуда, техникаи бехатарӣ мукаммал ва чорабиниҳо оид ба ҳифзи муҳити зист амалӣ гарданд, системаи иттилоотии дохили ширкат самаранок истифода бурда шавад.

Инноватсияҳои иҷтимоӣ - раванди умумии ба таври мунназам беҳтаршавии самти хизматрасониҳои гуманитарии корхонаро инъикос менамояд. Истифодаи чунин инноватсия имкониятҳоро дар бозори қувваи меҳнат васеъ мегардонад, кормандони корхонаро барои ноилгардӣ ба мақсадҳои гузошташуда сафарбар мекунад, боварӣро оид ба иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоии корхона дар байни кормандон ва дар маҷмуъ, дар ҷомеа баланд мебардорад.

Соҳибкории инноватсионӣ дар як вақт дар худ ҳам зуҳуроти иқтисодӣ ва ҳам раванди иқтисодиро инъикос менамояд. Ба сифати зуҳуроти иқтисодӣ, соҳибкорӣ ҳамчун шакли муносибати истеҳсолӣ вобаста ба истеҳсолот ва фурӯши молу маҳсулоти мушаххас (кор, хизматрасониҳо) баромад мекунад. Ҳамчун зуҳуроти иқтисодӣ, вай тамоми системаи муносибатҳоро, ки вобаста ба муносибатҳои ҳамдигарӣ дар вақти фурӯши мол, бо таҳвилгарон, бо дигар субъектҳои хоҷагидор,

кормандони кироя ва ниҳоят бо мақомоти давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунӣ аз ҷониби соҳибкор ба амал меоянд, инъикос мекунад.

Чӣ хеле ки маълум аст, навовариҳо яке аз функсияи соҳибкорӣ мебошад ва мутаносибан, бояд дар фаъолияти соҳибкорӣ доимо мавҷуд бошад.

Аз рӯи ақидаи Й. Шумпетер «вазифаи соҳибкор аз такмилу таҷдид ва бартарияти усулҳои истеҳсолот бо роҳи ҷорӣ намудани ихтироъҳо, истифодаи технологияҳои нав барои истеҳсоли молу маҳсулоти нав ё молу маҳсулоти пештара мебошад. Вале ҳамаи ин бояд тавассути усулҳои нав, тавассути сарчашмаҳои нави ашёи хом ё бозори нави маҳсулот, ҳатто то таҷдиди соҳаи пешина ва ташкил намудани соҳаи нави саноат амалӣ карда шавад…». Ҳамин тариқ, Й. Шумпетер хулоса менамояд, ки навоварӣ ва навгонӣ ҷузъҳои таркибии соҳибкорӣ мебошанд.

Мутобиқи ақидаи асосгузори назарияи тағйироти инноватсионӣ Й. Шумпетер, заминаи захираҳо, маводҳои аввалия, ҷузъҳо ва имкониятҳои технологии таҳвили онҳо ба молу маҳсулот (хизматрасонӣ) мавҷуд аст. Маҳсулоти инноватсионӣ арзиши истеъмолиро инъикос менамояд, раванди инноватсия бошад, тарзи шакливазкунӣ ва истифодаи захираҳоро муайян мекунад. Аз нуқтаи назари истеъмолкунанда, рақобатнокии маҳсулоти инноватсионӣ асосан бо арзиш ва сатҳи самаранокии пешниҳодгардида, дар муқоиса бо талаботе, ки дар бозор аллакай вуҷуд дорад, муайян карда мешавад (усули қонеъ гардонидани талабот). Аммо аз нуқтаи назари истеҳсолкунанда, вазифаи дарпешгузошташуда бо мавҷуд будани фарқияти вақт байни қабули қарор оид ба истеҳсоли мол ва таҳвили он ба бозор мушкил мегардад. Ҳар қадар вақти ҷудошуда барои сикли ҳаётии маҳсулот зиёд бошад, ҳамон қадар хавфҳои соҳибкорие, ки бо ба вуҷуд омадани маводҳои нав, технология ва маҳсулоти рақобапазир алоқамананд, баланд мешаванд. Пешгӯии нодурусти болоравии талаботҳо ва арзиши онҳо низ хатари зиёдро ба вуҷуд меорад. Ҳамин тариқ, на танҳо таҳлили сатҳи технологии молу маҳсулоти оянда, балки инчунин, арзиши сикли ҳаётии он низ зарур аст.

Ба ғайр аз ин, соҳибкории инноватсионӣ дар як вақт зуҳуроти иқтисодӣ ва ҳам раванди иқтисодиро дар худ таҷассум менамояд. Ба сифати зуҳуроти иқтисодӣ, соҳибкорӣ ҳамчун шакли муносибатҳои истеҳсолӣ дар робита ба истеҳсолот ва фурӯши маҳсулоти мушаххаси сифатнок ба истеъмолгарон (кор ва хизматрасониҳо) ва ба даст овардани натиҷаҳои нақшавӣ баромад мекунад. Ҳамчун зуҳуроти иқтисодӣ, вай тамоми системаи муносибатҳоро, ки дар мавриди муносибатҳои тарафайни соҳибкор бо истеъмолгарон, дар раванди фурӯши молу маҳсулот (кор ва хизматрасониҳо), бо таҳвилгарон, дигар субъектҳои хоҷагидорӣ, кормандони кироя ва ниҳоят бо мақомоти давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунӣ ба амал меоянд, инъикос мекунад.

Бояд қайд намуд, ки ҳама гуна фаъолияти инноватсионӣ фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Зеро ки он дар ҷустуҷӯи идеяҳои нав (аз маҳсулоти нав сар карда, то сохтори нав) ва баҳодиҳии онҳо; ҷустуҷӯи захираҳои зарурӣ; ташкил ва идоракунии корхона; даромади пулӣ ва қаноатмандии шахсӣ нисбати натиҷаҳои бадастомада асос ёфтааст. Аммо на ҳамаи соҳибкорӣ инноватсионӣ мебошад. Танҳо он соҳибкорие инноватсионӣ арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷаи ташкил, истифодабарӣ ва омезиши маҳсулоти инноватсионӣ барои гирифтани даромади соҳибкорӣ имконият фароҳам меорад. Ба субъекти соҳибкории инноватсионӣ корхона ва ташкилотҳое дохил мешаванд, ки фаъолияти инноватсиониро амалӣ месозанд.

Вобаста ба ин, ду модели соҳибкорӣ вуҷуд дорад. Модели якум - соҳибкории классикӣ (маъмулӣ, репродуктивӣ ва кӯҳна), ки ба ташкил намудани фаъолият барои истифодаи максималии захираҳое, ки дар корхона мавҷуд мебошанд, равона гардидаанд. Маҳз дар доираи модели классикии соҳибкорӣ консепсияи идоракунии болоравии истеҳсолот ташаккул меёбад. Амалинамоии консепсияи мазкур вақт, маблағгузорӣ ва дастгирии давлатиро талаб менамояд. Ба ғайр аз ин, захираҳои дохилии ширкат барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он бояд фаъол гардонида шаванд.

Модели дуюм - соҳибкории инноватсионӣ, ҷустуҷӯи эҳтимолии роҳҳои нави рушди корхона.

Асоси модели инноватсионӣ навоварӣ аст. Дар ин ҷо ивазшавандагии маҳсулот, омода будан барои қонеъгардонии дархости ояндаи истифодабарандагон, тамоюл ба навовариҳо дар мадди аввал қарор мегирад. Барои чунин намуди ширкат на танҳо донишҳои назариявии инноватсия, балки фаъолнокии инноватсионии технологӣ, инчунин ташкил ва идоракунии ширкат низ зарур аст.

Соҳибкории инноватсионӣ пурра дар инноватсияҳо асос меёбад, аз ин лиҳоз, натиҷаи чунин фаъолият ё молу маҳсулоти нав, ё молу маҳсулот бо хусусиятҳои нав ё технологияҳои нав мебошад (расми 2.).

Чун қоида, таҷрибаи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳама гуна шакли он дар худ фарзияи инноватсионӣ, масалан, истифодаи усули нави ташкилии идоракунии истеҳсолот, идоракунии сифати маҳсулот ё ҷорӣ намудани усулҳои нави ташкили истеҳсолот ё технологияҳои навро дар бар мегирад. Истеҳсол ва ба бозор таҳвил додани молу маҳсулоти маъмулӣ метавонад бо истифодаи усул ё ҷузъҳои наве, ки бо ташкили истеҳсолот, ҷузъҳои техникии истеҳсолот ё тағйир ёфтани хусусиятҳои сифатии молу маҳсулоти истеҳсолшаванда вобастаанд, амалӣ карда шавад. Айни замон истеҳсоли молу маҳсулоти м

маъмулӣ тавассути қисман истифода намудани инноватсия ба роҳ монда шудааст.




**Расми 2. - Функсияи соҳибкории «классикӣ» ва соҳибкории инноватсионӣ**
Коркарди муаллиф.

Рушди соҳибкории инноватсионӣ аз дархости истеъмолгарон ба инноватсия, мавҷудияти иқтидори пешрафтаи илмӣ-техникии иқтисодиёти миллӣ, фаъолияти ширкатҳои венчурӣ ва сармоягузорон вобастагӣ дорад. Дар ҷадвали 1. омилхое нишон дода шудаанд, ки ба рушди соҳибкории инноватсионӣ мусоидат менамоянд.

**Ҷадвали 1. - Омилҳои ба рушди соҳибкории инноватсионӣ мусоидаткунанда**

| Гурӯҳи омилхо | Омилҳо |
|---|---|
| Иқтисодӣ, технологӣ | Мавҷудияти захираҳои воситаҳои молиявӣ-моддӣ-техникӣ, технологияҳои тараққикунанда, барномаҳои давлатии маблағгузории фаъолияти инноватсионӣ; ҳавасмандиҳои моддӣ нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ |
| Сиёсӣ, ҳуқуқӣ | Чораҳои қонунгузорӣ, ки фаъолияти инноватсиониро ҳавасманд мегардонанд, дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ |
| Ташкилӣ-идоракунӣ | Устувории сохтори ташкилӣ, тарзи демократии идоракунӣ, афзалиятнокии воридшавиҳои амудии иттилоот; худбанақшагирӣ; тасҳеҳот; ғайримуттамарказӣ, автономия, ташаккули гурӯҳҳои мушкилидошта ва мақсаднок, реинжиниринг |
| Иҷтимоӣ-равонӣ, маданӣ | Ҳавасмандии моддӣ, эътирофи ҷомеа; таъмини имконияти худамаликунӣ, меҳнати эҷодӣ. Фазои мусоиди равонӣ дар коллективи меҳнатӣ |

Коркарди муаллифон.

Чун қоида навовариҳо дар самти маҳсулот ва хизматрасониҳо асоси фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳанд, ки барои ташкил намудани бозори нав ва қонеъ гардонидани талаботи нав имконият фароҳам меоранд. Инноватсия воситаи махсуси соҳибкорӣ мебошад, гузашта аз ин, на инноватсия худ ба худ, балки ҷустуҷӯи мақсадноки навовариҳо чунин воситаҳоро ташкил менамоянд. Тавре П.Ф. Друкер қайд менамояд «…шакли инноватсионии ақидаронӣ ба соҳибкорон хос аст, фаъолияти инноватсионӣ бошад, воситаи махсуси соҳибкорӣ мебошад» [2, с. 79].

Соҳибкории инноватсионӣ ин раванди махсуси навоварии ташкили чизи нав, раванди хоҷагидорӣ ба шумор меравад, ки асоси онро ҷустуҷӯи доимии имкониятҳои нав, тамоюл ба инноватсия ташкил медиҳад. Вай ба омодагии соҳибкор оид ба дӯши худ гирифтани хавфи амалинамоии лоиҳаи нав ё беҳтар намудани лоиҳаи амалкунанда, инчунин, масъулиятҳои молиявӣ, моддӣ ва иҷтимоӣ алоқаманд мебошад. Умуман, соҳибкории инноватсиониро метавон ҳамчун раванди иқтисодӣ муайян намуд, ки ба ташкил намудани молҳо (маҳсулот, хизматрасониҳо) ва технология бо роҳи истифодаи амалии инноватсия (навовариҳо) оварда мерасонад.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ рушди соҳибкории инноватсионӣ аз талаботи истеъмолгарон ба инноватсия, мавҷудияти иқтидори пешрафтаи илмӣ-техникии иқтисодиёти миллӣ, фаъолияти ширкатҳои венчурӣ ва сармоягузорон, ки фаъолияти таваккалии инноватсиониро маблағгузорӣ менамоянд, вобаста аст.

Функсияи муҳими корхонаҳои инноватсионӣ аз миёнаравӣ байни соҳаҳои илмӣ-техникӣ ва истеҳсолӣ иборат мебошад. Корхонаи инноватсионӣ ба ғайр аз он ки натиҷаи фаъолияти илмӣ-техникиро то ҳолати имконпазири истифода дар истеҳсолот мерасонад, бояд шарикони тиҷоратиро ҷустуҷӯ намоянд. Ин шарикони тиҷоратӣ бояд маҳсулоти инноватсиониро дар истеҳсолот васеъ ҷорӣ кунанд.

Яке аз хусусиятҳои модели тиҷорати бозаргонӣ таъмин намудани ҳуқуқи фаъолияти соҳибкорӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба шахсони воқеӣ мебошад. Ин дар фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, таъсиси корхонаҳои хурд, миёна ва калон зоҳир мешавад. Дар натиҷа, институти соҳибкории хурд дар системаҳои иқтисодӣ ва институтсионалӣ ҳамчун шакл ва субъекти фаъолияти иқтисодӣ пайдо шуд. Рушди чунин соҳибкорӣ яке аз ҷузъҳои муҳимтарини моделҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодии кишварҳои дорои иқтисоди бозорӣ (бо тафовути муайян дар дараҷа, самт ва механизмҳои дастгирии давлатӣ) мебошад [6, с. 120].

Дар заминаи усули ташкили раванди инноватсионӣ дар корхона се модели соҳибкории инноватсионӣ ҷудо карда мешавад: (расми 3).




**Расми 3. - Моделҳои соҳибкории инноватсионӣ**
**Коркарди муаллифон.**

- Соҳибкории инноватсионии дохилӣ-инноватсия дар дохили ширкат аз ҷониби зерсохторҳои махсусгардонидашуда, дар заминаи банақшагирӣ ва мониторинги алоқамандиҳо вобаста ба лоиҳаи инноватсионӣ ташкил ва (ё) аз худ карда мешавад.
- Соҳибкории инноватсионии вобаста ба омилҳои беруна тавассути шартномаҳо - фармоиш барои ташкил ва (ё) азхудкунии инноватсия байни корхонаҳои беруна роҳандозӣ карда мешавад.
- Соҳибкории инноватсионии беруна тавассути венчурҳо - ширкат барои амалӣ намудани лоиҳаи инноватсионӣ ширкатҳои фаръии венчуриро таъсис медиҳад, ки онҳо воситаҳои иловагии берунаро ҷалб менамоянд.

Бештар модели дуюми соҳибкории инноватсионӣ истифода мешавад. Корхона барои коркарди навовариҳо фармоишро интишор намуда, онро бо қувваи худӣ иҷро менамояд.

Асоси тамоми шаклҳои соҳибкории инноватсиониро ташкил ва азхуднамоии молу маҳсулоти нав (мол ва хизматрасониҳо), омоданамоӣ, ташкил намудани ашё, арзишҳо ва неъматҳои моддӣ ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, соҳибкории инноватсионӣ ба истифодаи тамоми имкониятҳои потенсиалӣ, ҷустуҷӯи идеяи нав, истифодаи технологияи нав, ба вуҷуд овардани навъи нави маҳсулот, усули хизматрасонӣ нигаронида шуда, ба самтҳои нави фаъолият ворид шуда истодааст. Ҳамин тариқ, фароҳам овардани шароит барои рушди соҳибкории инноватсионӣ дар қаламрави кишвар аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Дар ҳалли ин масъала таҷрибаи ҷаҳонии навоварию тараққиётро ба назар гирифтан лозим аст.

## Адабиёт

1. Ашуров М.Н. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди инфрасохтори дастгирии соҳибкории инноватсионӣ дар минтақа /М.Н. Ашуров, Б. Исвалиев // Паёми молия ва иқтисод. - 2022. - №3(32). -С. 130-137.
2. Бозоров Ш.Ш. Соҳибкории инноватсионӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ /Ш.Ш. Бозоров, Б.Г. Сафаров, Б.Д. Юнусов – Душанбе, 2020. - 376 с.
3. Валиев Н.Ш. Рушди соҳибкории хурди инноватсионӣ ва аҳамияти таҳияи барномаи рушди он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон /Н.Ш. Валиев //Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2020. - №4-1(33). -С. 88-98.
4. Косимов Ф. Основы предпринимательской деятельности и организация инновационного процесса в Республике Таджикистан /Ф. Косимов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. - №7. -С. 167-173.
5. Мирзоева Е.Ш. Роль инновационной инфраструктуры в развитии инновационного предпринимательства/ Е. Мирзоева // Национальные экономические системы в контексте трансформации глобального экономического пространства. Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамановой. Симферополь, - 2023. - С. 407-410.
6. Ракитина И.С. Инструментарий реализации инновационного сценария развития экономики региона: дис. … канд. эконом. наук: 08.00.05 / И.С. Ракитина; Тамбовский государственный университет имени Г.Р. Державина. - Тамбов, - 2013. - 159 с.
7. Сандалов Х.А. Основные пути формирования потоков финансовых ресурсов в коммерческих банках Таджикистана / Х.А. Сандалов, Ф.А. Курбанова, А.Д. Зокиров, Н. Бобоев // Современная экономика: актуальные вопросы, достижения и инновации. Сборник статей XXIX Международной научно-практической конференции. - 2019. -С. 52-59.
8. Файзулло М.К., Оид ба масъалаи мазмун ва принсипҳои рушди соҳибкории инноватсионӣ дар соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.К. Файзулло, Б. М. Дӯстматов// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2021. - №3 (37). -С. 251-253.

**УДК: 338.5**

# МАСЪАЛАҲОИ АМАЛИГАРДОНИИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ВА ҲАДАФГИРИИ ТАВАРРУМ

***Қурбонова Фируза Алиҷоновна*** - *н.и.и., дотсенти кафедраи кори бонкии факултети иқтисодии МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”, Сурога: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. E-mail: firuza.1978@inbox.ru. Телефон: 92-701 -22 -65.*

***Зокиров Алиҷон Жумабоевич*** - *сармутахассиси шуъбаи таълими МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”. Сурога: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. E-mail: 1977alijon77@mail.ru. Телефон: 92-708 -41 -47.*

*Дар мақола масъалаи таҳлили равандҳои таваррум, татбиқи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои муомилоти пулӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудаанд. Тадбирҳои сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки ба муътадилсозии равандҳои таваррум равона шудаанд, бо динамикаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои муомилоти пулӣ асоснок гардидаанд. Амалиётҳои Бонки миллии Тоҷикистон ҳангоми муайян кардани меъёри бозтамвил, меъёри захираи ҳатмӣ ва амалиёт дар бозори кушод таҳқиқ гардида, таъсири он ба пардохтпазирии муассисаҳои қарзӣ ва*

*раванди ҳадафгирии таваррум баррасӣ шудааст. Муаллиф аз рӯйи таҳқиқу таҳлилҳо хулосаҳои назариявӣ бароварда, роҳҳои амалии ноил гардидан ба сатҳи муътадили таваррумро нишон додааст.*

**Калидвожаҳо:** *таваррум, сиёсати пулию қарзӣ, Бонки миллӣ, иқтисодиёт, нишондиҳандаҳои муомилоти пулӣ, пулҳои захиравӣ, бозтамвил.*

## ВОПРОСЫ РЕАЛИЗАЦИИ ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОЙ ПОЛИТИКИ НАЦИОНАЛЬНОГО БАНКА ТАДЖИКИСТАНА И ИНФЛЯЦИОННОГО ТАРГЕТИРОВАНИЯ

***Курбонова Фируза Алижоновна*** *- кандидат экономических наук, доцент кафедры банковское дело ГОУ «Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова». Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1.* ***Телефон:*** *927-01-22-65. E-mail: firuza.1978@inbox.ru.*

***Зокиров Алижон Жумабоевич*** *- ведущий специалист учебного отдела ГОУ «Худжандский государственный университет имени академика Б. Гафурова» Адрес: 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова 1.* ***Телефон:*** *92-708 - 41 -47. E-mail: 1977alijon77@mail.ru.*

*В статье проведен анализ инфляционных процессов, реализации денежно-кредитной политики Национального банка Таджикистана, показателей денежно-кредитных операций. Меры денежно-кредитной политики Национального банка Таджикистана, направленные на стабилизацию инфляционных процессов обосновываются динамикой изменения показателей денежных операций. Исследованы операции Национального банка Таджикистана по определению ставки рефинансирования, резервных требований и операций на открытом рынке, а также рассмотрено его влияние на ликвидность кредитных организаций и процесс таргетирования инфляции. На основе исследований и анализа авторы представили теоретические выводы и рекомендации по практическим путям достижения умеренного уровня инфляции.*

***Ключевые слова:*** *инфляция, денежно-кредитная политика, Национальный банк, экономика, показатели денежно-кредитных операций, резервные деньги, рефинансирование.*

## ISSUES OF IMPLEMENTING THE MONETARY POLICY OF THE NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN AND INFLATION TARGETING

***Kurbonova Firuza Alizhonovna*** *- Candidate of Economic Sciences, associate Professor of the Department of Banking. GOU "Khujand State University named after academician B. Gafurov". Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Avenue, 1. E-mail: firuza,1978@inbox.ru.* ***Phone:*** *927-01-22-65.*

***Zokirov Alizhon Zhumaboevich*** *- leading specialist of the educational department GOU "Khujand State University named after academician B. Gafurov". Address: 735700 Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Avenue, 1. E-mail: 1977alijon77@mail.ru. Phone: 92-708 - 41 - 47*

*The article analyzes inflationary processes, the implementation of the monetary policy of the National Bank of Tajikistan, indicators of monetary operations. Measures of the monetary policy of the National Bank of Tajikistan, aimed at stabilizing inflationary processes, are justified by the dynamics of changes in the indicators of monetary transactions. The operations of the National Bank of Tajikistan to determine the refinancing rate, reserve requirements and open market operations were studied, as well as its impact on the liquidity of credit institutions and the inflation targeting process. Based on research and analysis, the authors presented theoretical conclusions and recommendations on practical ways to achieve a moderate level of inflation.*

***Key words:*** *inflation, monetary policy, National Bank, economy, indicators of monetary operations, reserve money, refinancing.*

Раванди рушди иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври ногусастанӣ бо таваррум алоқаманд аст, ки сатҳи он имрӯз дар маҷмуъ аз меъёрҳои мақбул дар кишварҳои пешрафта ба таври назаррас зиёдтар аст.

Сатҳи баланди таваррум дар доираи васеи мушкилоти марбут ба коҳиши қобилияти харидории аҳолӣ, афзоиши хароҷоти истеҳсолкунандагон, афзоиши хавфҳо, бад шудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар ва интизориҳои манфии субъектҳои хоҷагидор нисбат ба инкишофи минбаъдаи раванди нархгузорӣ мушоҳида мегардад, ки барои ҳукумат ва вазорату идораҳо татбиқи сиёсати иқтисодиро душвор месозад.

Ноил гардидан ба сатҳи пасти таваррум, ки рушди устувори иқтисодиётро таъмин мекунад, имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардааст ва дар салоҳияти бонкҳои марказии шумораи зиёди давлатҳо қарор дорад. Дар баробари ин, масъалаи таҳлили равандҳои таваррум дар пасманзари нақшаҳои эълонкардаи Бонки миллии Тоҷикистон оид ба татбиқи стратегияи гузариш ба ҳадафгирии таваррум ҳамчун низоми нави сиёсати пулию қарзӣ дар солҳои наздик аҳамияти хосса пайдо кардааст.

Татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар самти назорати динамикаи равандҳои таваррум таҳлили ҳамаҷонибаи тамоми омилҳои бунёдии таваррум, инчунин, пешгӯии муносиби онро барои давраи кӯтоҳмуддат ва миёнамуҳлат тақозо менамояд. Ҳалли ин мушкилот бидуни гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи омории динамикаи сатҳи нархҳо дар якҷоягӣ бо дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ки дар байни онҳо нишондиҳандаҳои муомилоти пулӣ мавқеи муҳимро ишғол мекунанд, ғайриимкон ба назар мерасад. Соли ҳисоботии 2022 ҳаҷми пулҳои захиравӣ 38,4 млрд сомонӣ ва ҳаҷми пули нақд дар муомилот 32,5 млрд сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин санаи соли 2021 мутаносибан 52,9 фоиз ва 46,8 фоиз зиёд мебошанд, [5] ки дар диаграммаи 1 оварда шудааст.

Ин ҳолат аз он иборат аст, ки тадбирҳои сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, ки ба муътадилсозии равандҳои таваррум равона шудаанд, бо динамикаи омили пулию қарзӣ робитаи ногусастанӣ доранд.

Масалан, дар мамлакатҳои хориҷа сиёсати монетарӣ аз ҷониби Бонки марказӣ ташаккул ва амалӣ карда мешавад. Ҳадафҳои афзалиятноки давраи нақшавӣ дар Самтҳои асосии сиёсати ягонаи давлатии пулию қарзӣ инъикос ёфтаанд [4]. Бонки миллии Тоҷикистон устувор нигоҳ доштани нархҳо ва паст кардани сатҳи таваррумро то 6-7% ҳамасола ба яке аз ҳадафҳои асосӣ қарор додааст. Албатта, ин як раванди хеле мураккаб буда, баррасии ҳамаҷониба, пеш аз ҳама, муаммоҳо ва мушкилоти имконпазирро талаб мекунад.

**Диаграмма 1. - Раванди тағйирёбии пулҳои захиравӣ (млрд сомонӣ)**




***Сарчашма: Шарҳи таваррум (январ – июни соли 2022) [манбаи электронӣ] URL: https://nbt.tj/upload/iblock/306/9ykegrfbt1jdfn1z8cst2po7yxdacmw4/ shahri-tavarum.%202022_1.pdf (санаи муроҷиат: 18.04.2023 с.)***

Дар амалия ҳангоми таҳияи воситаҳои танзими муомилоти пулӣ диққати асосӣ ба агрегатҳои пулие дода мешаванд, ки муомилоти пул, мултипликатори пулро тавсиф мекунанд. Вобаста ба ин, воситаҳои асосии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон истифодашаванда муайян кардани меъёри бозтамвил, меъёри захираи ҳатмӣ ва амалиёти бозори озод мебошанд.

Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид аст, ки нишондиҳандаҳои унсурҳои пулӣ низ раванди муътадили рӯ ба афзоиш дошта, ҳаҷми пули нақди берун аз бонкҳо (М0) соли 2022 маблағи 29,6 млрд сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ 42,0 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми пули миллӣ (М3) 36,2 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 43,4 фоиз зиёд гардидааст [5], ки афзоиши он асосан аз ҳисоби нисбатан зиёдшавии пули нақди берун аз бонкҳо ва пасандозҳои муҳлатдор мебошад (нигаред ба диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2. - Саҳми нишондиҳандаҳои пулӣ дар пулҳои захиравӣ (бо %)**



***Сарчашма: Шарҳи таваррум (январ – июни соли 2022) [манбаи электронӣ] URL: [https://nbt.tj/upload/iblock/306/9ykegrfbt1jdfn1z8cst2po7yxdacmw4/ shahri-tavarum.%202022_1.pdf](https://nbt.tj/upload/iblock/306/9ykegrfbt1jdfn1z8cst2po7yxdacmw4/shahri-tavarum.%202022_1.pdf) (санаи муроҷиат: 18.04.2023 с.)***

Нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул (М4) бошад, 40,4 фоиз зиёд шуда, ба 39,9 млрд сомонӣ баробар мебошад.

**Диаграммаи 3. - Нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул**




***Сарчашма: Шарҳи таваррум (январ – июни соли 2022) [манбаи электронӣ] URL: [https://nbt.tj/upload/iblock/306/9ykegrfbt1jdfn1z8cst2po7yxdacmw4/ shahri-tavarum.%202022_1.pdf](https://nbt.tj/upload/iblock/306/9ykegrfbt1jdfn1z8cst2po7yxdacmw4/shahri-tavarum.%202022_1.pdf) (санаи муроҷиат: 18.04.2023 с.)***

Соли ҳисоботии 2022 сатҳи монетизатсия хамчун нишондиҳандаи таъминнокии иқтисодиёт бо пул 34,5 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 5,7 б.ф. зиёд мебошад [5].

Суръати гардиши пул (ММД нисбат ба М3) дар муқоиса ба интиҳои соли қаблӣ ба 3,2 баробар гардидааст. Коэффитсиенти мултипликатори ҳаҷми пул (М3), ки тағйир ёфтани таносуби М3 нисбат ба пулҳои захиравӣ, яъне талаботи пул нисбат ба таклифотро нишон медиҳад, соли 2022 ба 0,9 баробар мебошад [5].

Меъёри бозтамвил, ки фишанги калидӣ дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ баҳри анҷом додани амалиёти монетарӣ ба ҳисоб меравад, дар асоси дурнамои таъсири хавфҳои эҳтимолии дохилию берунӣ ба иқтисодиёт бо дарназардошти дар сатҳи ҳадафи муқарраргардида қарор доштани сатҳи таваррум ва нисбатан беҳтар шудани интизориҳои таваррумии аҳолӣ, охири соли 2022 0,5 б.ф. паст карда шуда, дар сатҳи 13,0 фоизи солона муқаррар гардидааст (диаграммаи 4).

**Диаграммаи 4. -Тағйирёбии меъёри бозтамвил (бо фоиз)**




***Сарчашма:* *Шарҳи таваррум (январ – июни соли 2022) [манбаи электронӣ] URL: https://nbt.tj/upload/iblock/306/9ykegrfbt1jdfn1z8cst2po7yxdacmw4/ shahri-tavarum.%202022_1.pdf (санаи муроҷиат: 18.04.2023 с.)***

Меъёри захираҳои хатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯйи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд дар соли 2022 бетағйир нигоҳ дошта шуда, бо пули миллӣ 3 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 9 фоизи солонаро ташкил медиҳад.

Мақсадҳои сиёсати пулию қарзии Бонки миллиро аз рӯйи меъёрҳои гуногун тасниф кардан мумкин аст. Аз рӯйи объекти таъсири иқтисодӣ (устувории нарх, афзоиши ММД, тавозуни пардохт, устувории қурби асъор, оптимизатсияи фаъолияти қарздиҳии бонкҳо ва ғайра) ва иҷтимоӣ (беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, шуғли пурра, сатҳи дастрасии давлатӣ, хизматрасонии бонкию молиявӣ) мақсадҳо ҷудо карда шудаанд.

Дар назар аст, ки устувории нархҳо ҳамчун ҳадафи ниҳоии сиёсати пулию қарзӣ дар гузариш ба ҳадафгирии таваррум муайян карда мешаванд, ки ҳадафҳои боқимонда миёнаравӣ ва амалиётӣ мебошанд.

Унсурҳои асосии таъсиррасон мутобиқи Қонун "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" меъёри фоизии амалиёти Бонки миллӣ, меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ, амалиёти бозори озод, бозтамвили ташкилотҳои қарзӣ ва интервенсияи асъорӣ мебошанд [2].

Барои он ки бонкҳои тиҷоратӣ маблағро бо дороиҳои молиявӣ ҷалб намоянд, Бонки миллӣ метавонад меъёри тахфифро тағйир диҳад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳолати меъёр кам гардидан, пул беқурб мешавад. Сиёсати фоизии Бонки миллӣ, инчунин, ба арзиши қарзҳои истифодашавандаи “овернайт” бештар таъсир мерасонад, яъне ба суратҳисоби муросилотии бонк барои анҷом додани пардохтҳо дар рӯзи ҷорӣ ва бозпардохти минбаъда дар рӯзи дигар ворид карда мешавад. Даромаднокии пасандозҳое, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар Бонки миллӣ гузоштаанд, низ ба тағйирёбии ин меъёр вобаста аст. Бояд қайд кард, ки дар амалияи хориҷӣ ин восита ба пардохтпазирии бахши бонкӣ бештар таъсир мерасонад ва нафақат барои танзими тактикӣ, балки барои танзими стратегӣ низ истифода мешавад.

Меъёрҳои захираҳои ҳатмӣ дар ибтидо барои танзими фаъолияти қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ пешбинӣ гардидаанд. Дар механизми классикии кори эмиссионӣ ин восита шаффоф буда, бонк пасандозҳоро ҷалб мекунад ва як қисми захираҳоро, тибқи муқаррарот, ба Бонки миллии Тоҷикистон месупорад (ё қисман онро дар суратҳисоби муросилотӣ мегузорад - тартиби миёна) ва маблағи боқимондаро дар шакли қарз медиҳад ё дигар маблағгузориҳои фоиданокро ба амал мебарорад. Бо зиёд шудани меъёр имкониятҳои қарздиҳӣ кам ё баръакс зиёд мешаванд. Таҷриба нишон медиҳад, ки захираҳои ҳатмӣ ба суратҳисобҳои махсус гузаронида намешаванд ва барои иҷрои уҳдадориҳо пешбинӣ шуда, бонкҳои тиҷоратӣ то барҳам додани бонк ба ин маблағҳо дастрасӣ надоранд.

Таҷрибаи хориҷӣ собит месозад, ки унсури мазкур дар ибтидо ҳамчун воситаи идоракунии пардохтпазирии низоми бонкӣ ва ташкилотҳои қарзии алоҳида мавриди амал қарор дода мешавад. Дар амалияи ватанӣ тағйир додани меъёри захираҳои ҳатмӣ ба пардохтпазирии бахши бонкӣ нисбат ба фаъолияти қарзии онҳо бештар таъсир мерасонад. Ин вазъият дар натиҷаи тағйир ёфтани худи механизми эмиссияи пул ба амал омадааст.

Тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ Бонки миллии Тоҷикистон амалиётҳоро дар бозори озод барои танзими ҳаҷми муомилоти пул фаъолона истифода мебарад. Ҳамчунин, Бонки миллӣ коғазҳои қиматнок мебарорад, мехарад, мефурӯшад ва бозпардохт мекунад. Дар умум, бозори коғазҳои киматнок, коғазҳои қиматноки корпоративӣ ва ҳам коғазҳои қиматноки давлатӣ дар кишвари мо инкишофи на он қадар фаъол доранд. Дар шароити муосири рушди иқтисодии кишвар эътимод, анъанаҳо, инфрасохтори пешрафтаи бозори молиявӣ нав ташаккул меёбанд. Танзими бозори молиявӣ ба рушди босуръати бозори коғазҳои қиматнок мусоидат менамояд ва дар навбати худ боиси истифодаи самараноки муқаррароти сиёсати пулию қарзӣ хоҳад шуд.

Бо мақсади танзими ҳаҷми пул дар муомилот, идоракунии сатҳи пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ ва ба ин васила, коҳиш додани фишорҳои қурбию таваррумӣ, инчунин, саҳмгузорӣ ба рушди бозори аввалияи коғазњои қиматнок дар соли 2022 103 музоядаи фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ба маблағи 9,6 млрд сомонӣ баргузор гардидааст, ки нисбат ба соли қаблӣ аз рӯйи шумора 19 адад ва аз рӯйи маблағ 21,6 фоиз зиёд буда, даромаднокии миёнавазни солонаи онҳо 12,2 фоиз мебошад [5].

Дар баробари ин, дар ин давра тавассути амалиёти амонатҳои шабонарӯзӣ маблағҳои озоди ташкилотҳои қарзӣ ҷалб карда шудааст, ки ба ҳисоби миёна дар як рӯз 682,0 млн сомониро ташкил медиҳад (диаграммаи 5).

**Диаграммаи 5. - Ҳаҷми фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон ва ҷалби амонатҳои шабонарӯзӣ дар соли 2022 (млрд сомонӣ)**




***Сарчашма: Шарҳи таваррум (январ – июни соли 2022) [манбаи электронӣ] URL: https://nbt.tj/upload/iblock/306/9ykegrfbt1jdfn1z8cst2po7yxdacmw4/ shahri-tavarum.%202022_1.pdf (санаи муроҷиат: 18.04.2023 с.)***

Ҳамзамон, Бонки миллии Тоҷикистон 6 музоядаи векселҳои давлатии хазинадории Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба маблағи 279,3 млн сомонӣ бо муҳлати гардиши 91 рӯз ва бо меъёри фоизи даромаднокии миёнавазни 0,99 фоиз баргузор намудааст (8 музояда ба маблағи 369,1 млн сомонӣ дар соли 2021) [5]. Бонки миллии Тоҷикистон барои татбиқи самараноки сиёсати пулию карзӣ тавассути воситаю механизмҳои мавҷуда ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи фишорҳо ба сатҳи таваррум чораҳои дахлдор андешидааст, ки қобили қайд мебошад.

Азнавмаблағгузории ташкилотҳои қарзӣ ва ташаккули захираҳои дарозмуддати бонкҳои тиҷоратӣ аз ҳисоби захираҳои мутамарказ таъмин карда мешавад. Чунин маблағҳо барои вусъат додани қарздиҳӣ ба соҳаҳои воќеии иқтисодиёт бояд равона гарданд. Бонки миллии Тоҷикистон ин унсури робитаро бо шумораи маҳдуди бонкҳои тиҷоратӣ мавриди истифода қарор медиҳад, ки пеш аз ҳама, инҳо бонкҳои тиҷоратии иштироккунанда дар барномаҳои давлатӣ мебошанд. Аксари бонкҳои тиҷоратӣ наметавонанд аз ин унсури низоми бозтамвил истифода баранд. Имрӯз олимони ватанӣ (маҳз дар истифодаи васеи низоми бозтамвил) имкони таъсири сиёсати пулию қарзиро барои рушди иқтисодӣ ба мушоҳида гирифтаанд. Бонки миллӣ дар шароити буҳронӣ маблағҳои дар суратҳисобҳои бонкҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла ҳисобҳои захираҳои ҳатмӣ, маблағҳои буҷетиро дар вақташ аз низоми бонкӣ ба хазина равона месозад. То ба наздикӣ Бонки миллӣ ин маблағҳоро танҳо дар шароити буҳронӣ истифода бурда, бозтамвили васеъ ва гузоштани маблағро дар пасандозҳои бонкҳои тиҷоратии алоҳида истифода менамуд. Ҳоло дар самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ бонки танзимкунанда истифодаи васеътари ин унсури сиёсати пулию қарзиро пешбинӣ менамояд.

Воситаи дигари таъсиррасонї интервенсияи асъории Бонки миллӣ мебошад, ки пеш аз ҳама, ба сохторҳои иқтисодиёти миллӣ вобаста аст. Даромади асъории воридшавандаи содироткунандагон ба асъори миллӣ (сомонӣ) табдил дода мешавад. Агар Бонки миллии Тоҷикистон дар савдои асъор фаъолона иштирок накунад, боиси тағйирёбии ҷиддии қурби пули миллӣ мегардад. Нигоҳ доштани суботи асъори миллӣ яке аз ҳадафҳои афзалиятноки Бонки миллӣ мебошад. Банақшагирӣ ва ҳадафмандии таваррум (inflation targeting) дахолати камтари танзимкунандаро барои танзими қурби асъор дар назар дорад. Як зумра олимон ва коршиносон бар ин назаранд, ки дар шароити дахолати маҳдуди Бонки миллӣ мушкилоти гузариш аз ҳадафгирии монетарӣ асосан ба таваррум, ба ноустувории баланди қурби асъори миллӣ (сомонӣ) вобаста аст. Масъалаи беқурбшавии эҳтимолии асъори миллӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ дар адабиёти иқтисодӣ фаъолона баррасӣ мешавад. Дар ҳамин ҳол, бисёре аз олимон бар ин назаранд, ки беқурбшавӣ самараи иқтисодӣ нахоҳад дод. Дар сиёсати ҳадафгирӣ ҳамчун мақсади ниҳоӣ муқаррар намудани меъёрҳои афзоиши муомилоти пул истифода мешавад. Ҳангоми гузаштан ба ҳадафгирии таваррум аҳамияти ин нишондодҳо коҳиш ёфта, ба сатҳи ҳадафҳои амалиётӣ фароварда мешавад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ як қатор кишварҳо аз назорати агрегатҳои муомилоти пул комилан даст кашидаанд, дар ҳоле ки дигар давлатҳо ин маълумотро ҳангоми таҳияи сиёсати пулию қарзӣ ҳамчун заминаи иловагии иттилоотӣ истифода мебаранд. Чунончи, дар мамлакатҳои ҳориҷа ба таври анъанавӣ ба динамикаи воҳиди M2 диққати зиёд дода мешавад [3]. Дар солҳои охир масъалаи ба мақсад мувофиқ будани истифодаи агрегатҳои пулӣ ва методологияи ҳисоби онҳо фаъолона муҳокима карда мешавад. Ба фикри мо, бо назардошти тағйири механизми эмиссияи пул ин нишондиҳандаҳоро ҳангоми таҳлили маълумотҳои таърихӣ ҳамчун баҳодиҳӣ истифода бурдан ба маврид аст. Барои идоракунӣ, пешгӯии муомилоти пул, истифодаи дигар нишондиҳандаҳо, ба монанди агрегатҳои кредитӣ зарур аст.

Ҳангоми муқаррар намудани стандартҳои ҳатмии иқтисодӣ маҳдудиятҳои мустақими миқдорӣ аз ҷониби Бонки миллӣ истифода мешаванд. Ин маҳдудиятҳо ба кифоягии сармоя, пардохтпазирӣ ва хавфҳо алоқаманданд. Илова бар ин, Бонки миллӣ метавонад дар асоси мониторинги фаъолияти ташкилотҳои қарзии алоҳида ба бонкҳои тиҷоратии алоҳида ва ҳам ба низоми бонкӣ нисбат ба таносуби тавозунӣ, даромаднокии амалиёти инфиродӣ ва ғайра талабот муқаррар намояд. Ҳамин тариқ, дар айни замон Бонки миллӣ, ки аз афзоиши қарзҳои истеъмолӣ ва пасандозҳои аҳолӣ нигарон аст, аксар вакт фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро дар сегменти бозори чаканаи молиявӣ фаъолиятро маҳдуд мекунад. Дар ин маврид Бонки миллии Тоҷикистон вомбаргҳои худро мебарорад, то ба ҳаҷми пул таъсир расонад, ки дар ин ҳолат афзоиши эмиссия боиси кам шудани муомилоти пул гардида, пардохтҳо баръакс зиёд мешаванд. Ин восита ба мисли амалиёт дар бозори озод амал карда, бинобар сабаби рушди сусти бозори молиявӣ дар маҷмуъ маҳдудиятҳои якхела дорад.

Ҳамин тавр, дар амалияи хориҷӣ амалиётҳо дар бозори озод хеле самаранок истифода гардида, меъёрҳои фоизӣ тағйир меёбанд. Меъёрҳои фоизӣ ва низоми бозтамвил ба таври амалӣ кор намекунанд. Мо ба ин ақидаи иқтисодшиносони муосир, ки маҳз сатҳи таваррум бояд ҳадафи ниҳоии сиёсати иқтисодии давлат бошад, шарик ҳастем. Барои рушди иқтисоди миллӣ дар муқоиса бо кишварҳои пешрафта, таваррум дар кишвари мо дар сатҳи баланд боқӣ мемонад, ки рақобатпазирии иқтисоди миллиро коҳиш медиҳад ва рушди онро суст мекунад. Таваррум нишондиҳандаи ҷудонашавандаест, ки вазъи иқтисодиро тавсиф мекунад.

Аммо, ба назари мо, якчанд мушкилоти асосӣ вуҷуд доранд, ки дар айни замон расидан ба ҳадафи ниҳоии сиёсати пулию қарзӣ душворӣ пеш меоранд. Аввалан, Бонки миллии Тоҷикистон ба кадом андоза қобилияти воқеан танзими таваррумро дорад, баҳо додан лозим аст. Барои идора кардани таваррум ба омилҳое бояд аҳамият дод, ки ба афзоиши нархҳо таъсири назаррас расонида тавонанд. Аксарияти мутахассисон ба ҳамин андешаанд, ки ба равандҳои таваррум дар мамлакати мо асосан омилҳои ғайримонетарӣ таъсир мерасонанд. Сохтори худи иқтисодиёт, омилҳои беруна, аз ҷумла таварруми воридотӣ, дараҷаи баланди монополизатсияи иқтисодиёт, махсусан аз рӯйи захираҳои энергетикӣ ва ғайра масъалаи ҳалношуда боқӣ мондааст. Бонки миллии Тоҷикистон тавассути сиёсати пулию қарзии худ наметавонад бевосита ба ин омилҳо таъсири назаррас расонад. Ин раванд метавонад барои низоми пулию қарзӣ ҷиҳати ноил шудан ба параметрҳои муқарраршудаи таваррум ҳангоми гузариш ба тағйирдиҳии таваррум мушкилот ба бор орад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҳарду ҳолат (ҳам бо ҳадафгирии монетарӣ ва ҳам бо таваррум) таъсири воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ ба оқибатҳои он нигаронида шудааст. Воқеан гузариш ба ҳадафгирии таваррум мақсади ниҳоии сиёсати пулию қарзиро аз Бонки миллӣ дур мебарад.

Дар ҷараёни омӯзиши мушкилоти мавҷуда мо ба хулосае омадем, ки онҳо ба нафаҳмидани динамикаи рушди шаклҳои пул, вазифаҳо ва мафҳумҳои асосии пулию қарзӣ асос ёфтаанд, ки сиёсати пулию қарзии давлат аз рӯи онҳост. Иқтисоддони англис Ҷон Мейнард Кейнс назарияи пулиро дар асоси он кор карда баромад, ки пул пурра дар иқтисодиёт амал мекунад [1]. Дар иқтисод пули нақд ҳукмфармо буд ва ҳаҷми онро мақомоти пулию қарзӣ ба осонӣ ба танзим медароварданд. Монетаристҳо назарияи пулро аз нуқтаи назари фаъолияти пулҳои кредитӣ асоснок карданд. Ҳаҷми пулҳои ғайринақдӣ аз ҳаҷми пули нақд хеле зиёд шудан гирифт. Афзоиши муомилоти пулро мақомоти ваколатдор пурра назорат накарданд, бинобар ин, диққати монетаристон ба таъсири микдори пул ба иқтисодиёт ва дар натиҷа, ба усулҳои танзими ҳаҷми муомилоти пул нигаронида шуд. Дар айни замон, маҳз сиёсати пулию қарзии давлат ҷузъи афзалиятноки сиёсати молиявӣ мегардад.

Таҳлили равишҳои муосири омӯзиши масъалаҳои сиёсати пулию қарзӣ мавҷуд набудани нуқтаи назари ягонаи ин мушкилотро нишон дод. Аксари вақт асосҳои нави назариявӣ ва методологии пешниҳодшудаи назарияи монетарӣ омезиши ду назарияи таърихӣ - кейнсианӣ ва монетаризм мебошанд.

Онҳо тафсилот ва навсозии назарияи монетаристӣ мебошанд, ки имрӯз амал мекунанд. Дар баробари ин, масъалаҳои тағйири шаклҳои пул (зуҳуроти берунии моҳияти онҳо, тағйир додани механизми каналҳои эмиссияи онҳо ва имкониятҳои мақомоти монетарӣ дар доираи моделҳои мавҷудаи танзими пулӣ) амалан берун аз доираи танзими пулию қарзӣ мемонанд.

Дар маҷмуъ, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои сиёсати пулию қарзӣ дар Ҷумҳурӣ дар шароити таваррум, пеш аз ҳама, таҳияи асосҳои нави назариявии худи назарияи монетарӣ бо дарназардошти табдили механизми эмиссияи пул зарур аст.

**Адабиёт:**


1. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег. Антология экономической классики в 2-х томах. Т.2.-М., Экономика. [Текст] / Дж.М. Кейнс. - 1993. – 953с.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” шаҳри Душанбе, №722 аз 28.06.2011.
3. Моисеев, С.Р. Трансмиссионный механизм денежно-кредитной политики / С. Р. Моисеев // Финансы и кредит. – 2002. –№ 18. – С. 38 – 51.
4. Никитин С. Инфляция и антиинфляционная политика: зарубежный и отечественный опыт / С. Никитин, М. Степанова // Мировая экономика и международные отношения. - 2008. - № 4. - С. 16 – 20.
5. Шарҳи таваррум (январ – июни соли 2022) [манбаи электронӣ] URL: https://nbt.tj/upload/iblock/306/9ykegrfbt1jdfn1z8cst2po7yxdacmw4/ shahri-tavarum.%202022_1.pdf (санаи муроҷиат: 18.04.2023 с.)
6. Шамхалов, Ф.И. Государство и экономика: основы взаимодействия: учебник для вузов [Текст] / Ф.И. Шамхалов. – М.: ОАО «НПО»; Изд-во «Экономика», 2000. – 382 с.
7. Шаршов, И.С. Новое качество экономического роста: сущность и факторы ускорения [Текст] / И.С. Шаршов. – Воронеж, 1990. – 179 с.
8. Шахнович, Р.М. Инфляция и антиинфляционная политика в переходной экономике/ Р.М. Шахнович. - М.: Книжный дом «Либроком», 2013. – 392 с.
9. Шумпетер Й.А. Теория экономического развития [Текст] / Й.А. Шумпетер. - М.: Прогресс, 1982. - 455с.
10. Ямпольский М.М. Об особенностях и проблемах денежно- кредитной политики /М.М. Ямпольский // Деньги и кредит. - 1997. - № 7. - С. 29 -34.



**УДК: 332. 142**


# САМТҲОИ АСОСИИ РУШДИ МУТАВОЗИНИ МЕХАНИЗМИ ТАШКИЛИЮ ИҚТИСОДИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН


***Холбобоев Раҷабалӣ Бозорович*** *- муаллими калони кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. Тел.: +992 918-62-52-21; E-mail: radj.ru01@mail.ru.*



*Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии рушди механизми ташкилию иқтисодии вилояти Хатлон таҳлил шудаанд. Инчунин, дар мақола дараҷаи таъсиррасонии фаъолияти ҷамъиятию хоҷагидорӣ ба муҳити табиӣ ва инкониятҳои захиравию экологии минтақа таҳлил шудаанд. Муаллиф мафҳуми «рушди мутавозини минтақа»-ро таҳлил намудааст. Дар он таркиб ва мазмуни унсурҳои сохтории механизми*

*ташкилию иқтисодии минтақа мавриди омӯзиш қарор дода шуда, пешниҳодҳо оид ба рушди мутавозини вилояти Хатлон пешниҳод гардидаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *рушди мутавозин, механизми ташкилию иқтисодӣ, рушди минтақа, дастгирии молиявӣ, амвол, таълим ва машварат, таъминоти демографӣ, низоми минтақавӣ, рушди устувор, агентҳои иқтисодӣ.*

## ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ СБАЛАНСИРОВАННОГО РАЗВИТИЯ ОРГАНИЗАЦИОННО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО МЕХАНИЗМА ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

***Холбобоев Раджабали Бозорович*** *– старший преподаватель кафедры менеджмента Таджикского государственного финансово-экономического университета. 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Нахимова 64/14 тел. +992 918-62-52-21; e-mail: radj.ru01@mail.ru.*

*В данной статье проанализированы основные направления развития организационно-хозяйственного механизма Хатлонской области. Также в статье анализируется степень влияния социально-экономической деятельности на природную среду и ресурсно-экологические возможности региона. Автор раскрыл понятие концепции «сбалансированное развитие региона». В ней изучены состав и содержание структурных элементов организационно-экономического механизма региона, представлены предложения по сбалансированному развитию Хатлонской области.*

***Ключевые слова:*** *сбалансированное развитие, организационно-экономический механизм, региональное развитие, финансовая поддержка, собственность, образование и консультирование, демографическая поддержка, региональная система, устойчивое развитие, экономические агенты.*

## MAIN DIRECTIONS OF BALANCED DEVELOPMENT OF THE ORGANIZATIONAL AND ECONOMIC MECHANISM OF KHATLON REGION

***Holboboev Rajabali Bozorovich*** *- Senior Lecturer of the Department of Management of the Tajik State University of Finance and Economics. Tel: (+992) 918-62-52-21. E-mail: radj.ru01@mail.ru*

*This article analyzes the main directions of development of the organizational and economic mechanism of the Khatlon region. The article also analyzes the degree of influence of socio-economic activities on the natural environment and resource and environmental opportunities of the region. The author revealed the concept of the concept of "Balanced development of the region". It studied the composition and content of the structural elements of the organizational and economic mechanism of the region, presented proposals for the balanced development of the Khatlon region.*

***Keywords:*** *balanced development, organizational and economic mechanism, regional development, financial support, property, education and counseling, demographic support, regional system, sustainable development, economic agents.*

Дар асарҳои ба рушди мутавозин бахшидашуда қайд мегардад, ки барои нигоҳдории сармояи инсонӣ ва табиӣ (шарти муҳими боқимонӣ ва рушди ҷамъият) дараҷаи таъсиррасонии фаъолияти ҷамъиятию хоҷагидорӣ ба муҳити табиӣ набояд аз имкониятҳои захиравию экологии минтақа, яъне иқтидори амалигардии он барзиёд бошад. Муҳити зист дорои «маҳдудият»-и муайяни устуворӣ буда, метавонад сатҳи муайяни сарбории хоҷагидориро ҷуброн кунад. Дар аксари тадқиқотҳо, бо мақсади муайян намудани сатҳи маҳдудияти имконпазири таъсиррасонӣ ба

муҳити зист, кӯшиши арзёбии иқтидори барои истифода имконпазири низомҳои минтақавӣ амалӣ карда мешавад. Ба андешаи мо, муносибати мазкур аз ҷиҳати назариявӣ асоснок аст, вале дар амал татбиқ кардани он душвор мебошад. Дараҷаи кунунии инкишофёбии омор, фанҳои табиатшиносӣ ва, пеш аз ҳама, ташхиси экологӣ имкон намедиҳад, ки ба иқтидори экологии минтақаҳо баҳои воқеӣ дода шавад. Бинобар ин, бар ивази усули болозикр муносибати дигаре лозим мебошад, ки нисбатан вақти камтарро талаб намуда, барои таъмини сифати маълумоти оморӣ зарур аст.

Мафҳуми «рушди мутавозини минтақа», ҳамзамон ҷанбаи иҷтимоиро низ дар бар мегирад, ки он бо ҷанбаи иқтисодӣ алоқамандии зич дорад. Равшан аст, ки афзоиши МММ ба ҳар сари аҳолӣ дар ниҳояти кор бояд боиси баланд гардидани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ гардад, яъне даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ бояд афзоиш ёбад. Агар чунин ҳолат ба амал наояд, пас чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки даромадҳо ё аз тарафи агентҳои иқтисодӣ пинҳон карда мешаванд ва ё ба минтақаҳои дигар равона карда шудаанд. Ҳар ду фарзия ҳам барои ҷомеа ва ҳам барои мақомот ҳокимияти ғайри матлаб мебошанд. Инчунин, фарзияи дигаре низ метавонад вуҷуд дошта бошад, ки тибқи он афзоиши МММ ба иқтисодиёти худи минтақа дубора мавриди сармоягузорӣ қарор дода мешавад, вале ин сенария бояд ба тағйирёбии мувофиқи нишондиҳандаҳои сармоягузорӣ ва истеҳсолӣ, навсозии сармояи асосӣ, беҳтаргардии нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва шароити зиндагӣ оварда расонад.

**$МММ_1$**

**Шумораи аҳолӣ  $Шумораи аҳолӣ_0$  Даромади воқеӣ!  $Даромади воқеӣ!_0$**

МММ  МММг  **Шумораи аҳолӣ  $Шумораи аҳолӣ_0$**

Агар дар муддати фосилаи тӯлонӣ афзоиши даромад ба таври назаррас аз афзоиши иқтисодӣ пешсафӣ дошта бошад, пас ин чунин маъноро дорад, ки минтақа унсури устувори маблағгиранда аст ва афзоиши даромад аз ҳисоби афзоиши интиқоли давлатӣ таъмин карда мешавад.

Ҳамин тариқ, дар фосилаи вақтии тӯлонӣ суръати афзоиши даромадҳо бояд бо суръати рушди иқтисодиёт андозаи яксон дошта бошад, дар акси ҳолат зуҳуроти иҷтимоию иқтисодии манфӣ мушоҳида хоҳад гардид. Критерияҳои рушди мутавозини иҷтимоию иқтисодии минтақаҳоро дар шакли зерин ифода намудан мумкин аст:

**$МММ_1$** (1)

**$Шумораи аҳолӣ_1$ /  $МММ_0$**

**$Шумораи аҳолӣ_0$ /  $Даромади воқеӣ_1$**

**$Шумораи аҳолӣ_1$** (2)

Ифодаи (2) – ро дар шакли мухтасар тасвир намудан мумкин аст:

Шумораи аҳолӣ Шумораи аҳолӣ
МММ + Даромади воқеӣ
**(3)**

**МММ** + ■ Даромади воқеӣ

Барои он ки қисми рости ифодаи (1) ва қисми чапи ифодаи (2) бо ҳам шабеҳ мебошанд, тартиб додани критерияҳои умумии мутавозинии рушди минтақа имконпазир мебошад.

Ноилшавӣ ба ин гуна баробарии суръати рушд, дар шароити воқеӣ, бешубҳа, мушкил мебошад, вале он ҳамчун нуқтаи ҳисоботӣ баромад мекунад, ки дар муносибат ба он динамикаи воқеии минтақаро арзёбӣ намудан ва андозагирӣ намудани мутавозинии рушди минтақа имконпазир мебошад.

Ҳангоми гузаронидани таҳлили рушди минтақавӣ ва арзёбии мутавозинии он ба назар гирифтани нишондиҳандаҳои гуногуни инъикоскунандаи ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии объекти тадқиқот зарур ҳисобида мешавад. Ба андешаи мо, ба ин гуна нишондиҳандаҳо МММ ба ҳар сари аҳолӣ ва самарабахшии экологию иқтисодии иқтисоди минтақавӣ, ки мушаххасоти он дар зербоби қаблӣ оварда шудааст, тааллуқ доранд. Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар сари аҳолӣ – нишондиҳандаи калидии рушди иқтисодӣ мебошад, ки он вазъияти макроиқтисодии минтақаро дар ифодаи миқдорӣ арзёбӣ менамояд. Самаранокии экологию иқтисодӣ МММ-ро бо хароҷоти экологии фаъолияти хоҷагидорӣ (истифодаи сармояи асосӣ ва гардон, ифлосшавии муҳити зист) муносиб гардонида, ҳамин тариқ, ҷанбаи сифатии рушди иқтисодиётро ифода мекунад.

Натиҷаи таҳлил чунин хулосаро имкон фароҳам меорад, ки тибқи он ба соҳаҳо ва бахшҳои муайяни минтақаи тадқиқшаванда омилҳои манфие таъсири худро мерасонанд, ки натиҷаи он аз рӯйи тамоюли манфӣ дар як қатор нишондиҳандаҳо зоҳир мегардад, аз ҷумла коҳишёбии шумораи аҳолӣ, кам гардидани тақсимоти воқеии даромади пулии аҳолии минтақа, коҳишёбии гардиши маҳсулот (хизматрасонӣ)-и аз ҷониби корхонаҳои хурд истеҳсолшаванда, паст гардидани шумораи ҷойҳои кории пурмаҳсул, суст гардидани суръати рушди сармоягузорӣ дар сармояи асосӣ, ки аз риоя нагардидани таносуб, яъне таносуби самарабахши сохторӣ дар иқтисодиёт ва номувофиқати рушди минтақа шаҳодат медиҳад.

Мушкилоти зикршуда хислати маҷмуӣ дошта, барои ҳалли онҳо кӯшиши кулли иштирокдорони рушди минтақа бояд ҳамоҳанг гардонида шавад, ки дар баробари ин, манфиатҳои тарафайн ва, ҳамчунин, шароити маҳдудиятнокии захираҳо низ бояд ба назар гирифта шавад. Аз ин лиҳоз, зарурати такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди минтақа ба миён меояд, ки ба назар гирифтани хусусияти бартарияти субъектҳои

алоҳидаи иқтисодӣ, соҳаҳои алоҳида ва намудҳои фаъолияти иқтисодиро имкон медиҳад.

Пешниҳод карда мешавад, ки таркиб ва мазмуни унсурҳои сохтории механизми ташкилию иқтисодӣ пешакӣ баррасӣ карда шаванд, чун ба сифати он дар фазои системаи иҷтимоию иқтисодии минтақа «бозигарон» баромад мекунанд. Оид ба масъалаи ба «бозингарон» киро нисбат додан нуқтаҳои назари гуногун мавҷуданд.

А.Г. Гранберг инҳоро ҷудо мекунад: системаи мақомоти идоракунии субъектҳо; системаи комплексҳои хоҷагидорӣ; "инсон - ҷамъият" [1].

Ҳамин гуна нуқтаи назарро Г.Б. Клейнер дастгирӣ менамояд [2, с.16]. Дар баробари ин, ӯ қайд менамояд, ки ҳам давлат, ҳам иқтисодиёт ва ҳам ҷамъият, дар ниҳояти кор, худро тавассути фаъолияти худи як шахс зоҳир мекунанд. Лекин фаъолияти шахс ба зоҳир намудани як ва ё якчанд сохторҳои зикршуда тасниф ва тааллуқ дониста мешавад.

Ю.И. Трешевский аз байни ин гуна «бозигарон» – мақомоти ҳокимияти давлатӣ; иштирокдорони фаъолияти иқтисодӣ; муҳити беруна дар шакли талабот, манфиат ва ҳадафҳои субъектҳои хоҷагидориро ҷудо намудааст [8]. Аз ин лиҳоз, моҳияти механизми танзими давлатии иқтисодиёт ҳамчун категорияи умумӣ дар худ муносибатҳои байни субъектҳои хоҷагидорӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатиро оид ба фаъолияти иқтисодӣ таҷассум мекунад. Ба андешаи мо, ин муносибат ба назар гирифтани манфиатҳои ҷамъиятро имкон намедиҳад, дар баробари ин афзалиятҳо на ба ҳалли мушкилоти аҳаммияти системавидошта, аз ҷумла масъалаҳои хислати иҷтимоидошта, балки маҳз ба ҳалли мушкилот ва масъалаҳои субъектҳои болозикр нигаронида мешаванд.

И.Е. Рисин ба субъектҳои ба рушди минтақа таъсири идоракунандадошта мансуб донистааст - мақомоти се шохаи ҳокимияти давлатӣ (иҷроия, судӣ); бонки марказии миллӣ; мақомоте, ки аз намояндагони ҳокимияти иҷроия, иттифоқҳои соҳибкорон ва касаба, кумитаҳои гуногун оид ба дастгирӣ ва рушди соҳаҳои алоҳида ва вилоят ташкил карда мешаванд [6, с. 28]. Мо ба ин нуқтаи назар шарик нестем, зеро ба рушди минтақа, ба ҷуз аз субъектҳои номбаршуда, инчунин, аз ҷониби намояндагони сохторҳои соҳибкорӣ, ташкилотҳои таълимӣ (бо роҳи ташаккули иқтидори кадрӣ ва илмии минтақа) ва ғайра таъсири идоракунӣ расонида мешавад. Чунин таъсиррасонӣ хислати ғайримустақим дорад, яъне субъектҳои мазкур наметавонанд бевосита қарор қабул кунанд ва идоракунии танзими рушди минтақаҳоро низ амалӣ намоянд, вале дар баробари ин, вазъи дохилии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа аз карорҳои дар сатҳи микро қабулнамудаи онҳо вобаста мебошад.

Мавқеи муҳим аз он иборат аст, ки сохтор ва мазмуни унсурҳои низоми минтақавии аз ҷониби олимони гуногун пешниҳодшуда, ки дар рушди минтақа ширкат меварзанд, мукаммал нест, зеро таносуби манфиатҳои субъектҳои дигари минтақа, ки муҳаррикҳои рушди

минтақавӣ мебошанд, пурра риоя карда намешавад, аз ҷумла: муассисаҳои молиявӣ, ташкилотҳои соҳаи маориф, илм ва тадқиқот, инчунин муассисаҳои рушди инноватсионӣ. Бо дарназардошти маълумоти болозикр ҳайати зерини унсурҳои механизми ташкилию иқтисодии рушди минтақа пешниҳод карда мешавад, ки он дар бар гирифтааст:

– мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи мақомоти ҳокимияти давлатии минтақа;

– сохторҳои тиҷоратие, ки ба сифати онҳо ташкилотҳо, корхонаҳои ҳамаи соҳаҳо ва шаклҳои моликият баромад намуда, дар ҳудуди муайян фаъолияти хоҷагидорӣ ва фаъолиятҳои дигари худро амалӣ менамоянд;

– ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва иттиҳодияҳое, ки манфиатҳои субъектҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла хоҷагиҳои хонаводагиро ифода мекунанд, ба монанди шуроҳои ҷамъиятии назди мақомоти ҳокимияти давлатӣ, палатаҳои савдо ва саноат, иттиҳодияҳои истеҳсолгарон ва соҳибкорон, иттиҳодияҳои минтақавии корфармоён ва ғайра;

– ташкилотҳои соҳаҳои маориф, илмӣ ва тадқиқотӣ, ки ба онҳо муассисаҳои таълимӣ, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, КХИ (корхонаҳои хурди инноватсионие, ки дар назди мактабҳои олӣ ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ташкил карда шуда, фаъолияти онҳо ба гузаронидани тадқиқот ва татбиқи натиҷаҳои коркардҳои худӣ ва ғайра нигаронида шудааст);

– муассисаҳои рушди инноватсионӣ, ки пешбарандаи сиёсати давлатии дастгирии фаъолияти инноватсионӣ буда, дар доираи барномаҳои маҷмуии мақсаднок ба фаъолияти инноватсионии вилоят дастгирии молиявӣ, амволӣ, таълимӣ ва машваратӣ мерасонанд. Муассисаҳои рушди инноватсионӣ қисми системаи инноватсионии минтақавӣ мебошанд;

– муассисаҳои молиявӣ (бонкҳо, фондҳои гуногуни дастгирикунанда, объектҳои тиҷоратӣ ва ғайра).

Субъектҳои асосии низоми минтақавиро ба инобат гирифта, муайян намудани мазмуни инструменталии таъсири мутақобилаи онҳо дар раванди иҷрои вазифаҳои ба рушди минтақа нигаронидашуда пешниҳод карда шаванд. Инчунин, барои таъмини мутавозинии механизми ташкилию иқтисодии рушди минтақа муайян кардани на танҳо муносибатҳои мавҷудаи субъектҳои дар боло зикршуда, балки, ҳамчунин, муқаррар намудани таъсиррасонӣ бо дарназардошти таъсири мутақобилаи болозикр ба рафтори тамоми низомии минтақавӣ, на ин ки унсурҳои алоҳидаи он, зарур ҳисобида мешавад. Модели графикии дар расми 1 овардашуда барои ба таври схематикӣ тасвир намудани таъсири мутақобилаи унсурҳои сохтории механизми ташкилию иқтисодӣ метавонад мусоидат намояд.

Нишондодҳое, ки ҳангоми таҳияи модели механизми мутаносиби ташкилию иқтисодии рушди минтақа қабул карда шудаанд:

**МТИРМ** – механизми ташкилию иқтисодии рушди минтақа;

1. Вазифаи ошкор намудани имкониятҳо ва таҳдидҳо;
2. Вазифаи банақшагирии рушд;
3. Вазифаи ташкили фаъолияти мутақобила; вазифаи мониторинг;
4. Вазифаи назорат.




**Расми 1. Модели механизми мутавозини ташкилию иқтисодии рушди минтақа**

Коркарди муаллиф.

Ташкил ва назорати иҷрои лоиҳаҳои тадбирҳои барномаҳои давлатии вилояти Хатлон бо роҳи муқоисаи натиҷаҳои ба нақша гирифташуда ва ба даст овардашуда вазифаи функсионалии шуъбаи назоратии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон мебошад, ки дар доираи он оид ба риоя накардани талаботи меъёрҳои

ҳуқуқӣ маълумот ҷамъоварӣ карда мешавад. Муҳлатҳои татбиқи лоиҳаҳо, тағйир додани арзиши лоиҳаҳои рушд (бештар аз ҳаҷми маблағҳои буҷетӣ барои ноил шудан ба онҳо аз рӯйи шартҳои мазкур) ба даст наомадани натиҷаҳои муқарраршуда (аз рӯйи ҳаҷм ва (ё) сифат) ва ғайра.

Маълумотҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки ҷиҳати пешгирии мушкилоти ошкоршуда ва бартараф намудани қонунвайронкуниҳои эҳтимолӣ чораҳои фаврӣ андешида шуда, инчунин шахсони масъул доир ба иҷрои номатлуби вазифаҳои ба зиммадошта оид ба татбиқи лоиҳаҳо дар доираи татбиқи чорабиниҳо муайян карда шавад.

Гузаронидани таҳлили стратегӣ дар сатҳи микро муайян намудани вазъи умумӣ ва тамоюлҳои рушди бозори молу хизматрасониҳои шабеҳро дар бар мегирад. Маълумоти бадастомада имкон медиҳанд, ки стратегияи рушди корхона дар сатҳи баланди воқеъиятнокӣ таҳия карда шавад. Дар баробари ин, бояд як қатор омилҳое ба назар гирифта шаванд, ки ба рушди бозор таъсир мерасонанд, аз ҷумла:

- дастгирии давлатии соҳаи саноат (дар шароити мутобиқат кардан ба афзалиятҳои рушд);
- навгонии молу хизматрасонӣ ва технологияҳои пешниҳодшаванда, ки дар бозори тахминшуда ҳамчун татбиқи навоварӣ баромал мекунанд;
- таҷрибаи муваффақи фурӯш аз ҷониби ширкати пешниҳодкунандаи молу хизматрасонӣ ва технологияҳо дар минтақаҳо ва кишварҳои дигар;
- қонеъ намудани талаботи гурӯҳи мақсадноки истеъмолкунандагон дар шароити рақобат ва маҳдудиятнокии захираҳои молиявӣ, ҳаҷми фурӯш ва ғайра. Дар ин ҷо бояд қарори мавҷудаи шабеҳ ва афзалиятноки рақобаткунандагон ба инобат гирифта шуда, ба бартарияти техникии ташкилот тақвият бахшида шавад.
- Амалигардонии вазифаҳои дар боло зикршуда ба коркарди минбаъдаи сиёсати минтақавии вилояти Хатлон ҷиҳати таъмини рушди босамари минтақа мусоидат хоҳад кард. Дар чунин маврид, мақомоти ҳокимияти давлатии минтақа дар ин механизм ҳамчун ниҳоди ҳамоҳангсозе фаъолият менамояд, ки он ниёзҳои «бозигарон»-и дигари низоми минтақавиро дар рафти ташаккули барномаву лоиҳаҳои давлатии рушди минтақа ба назар мегирад.
- Дар ин ҷо сухан дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ намеравад, зеро мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Хатлон асосан ба қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти буҷетӣ, бидуни ба инобат гирифтани манфиатҳои тарафҳои дигар дар рафти банақшагирии буҷет – сохторҳои тиҷоратӣ, муассисаҳои молиявӣ ва ғайра, ки дар навбати худ барои бадастоварии манфиатҳои худ нигаронида шудаанд, ба танзим даровarda шудаанд. Дар чунин маврид бояд қайд кард, ки унсурҳои пешниҳодшудаи механизми мутавозини ташкилию иқтисодӣ махсусгардонидашуда буда, ҳадафи асосии ҳамкории онҳо аз муайян намудани нуқтаҳои бархӯрд, ҷустуҷӯи якҷояи роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷорӣ ва ғайра бо назардошти манфиатҳои тарафҳо, ки мутавозинии механизмро муайян мекунад,

иборат мебошад. Аксар вакт, ҳангоми ба миён омадани масъалаи ҳукмронӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, новобаста аз он ки мақсади ҳамоҳангсозии амалиёти тамоми низомро дорад, манфиатҳои бозигарони дигар мақоми дуюмро касб мекунад.

- Барои ҳалли мушкилоти болозикр ва, ҳамчунин, барои пешгирии таҳрифи сохторӣ ва функсионалӣ дар идоракунии рушди вилояти Хатлон, бояд унсурҳои сохтории механизми мутавозини ташкилию иқтисодиро ҳамчун унсурҳои новобаста ва мустақил баррасӣ намоем, зеро онҳо ҳамчун унсурҳои рушди минтақа баромад намуда, дар баробари ин, барои расидан ба мақсадҳои дар пеш гузоштаи онҳо, бо истифода аз иқтидори ҳудудӣ, кадрию захиравӣ ва иқтидорҳои дигари минтақа шароит муҳайё менамоянд.

- Барои оғози фаъолияти механизми мутаносиби ташкилию иқтисодии рушди минтақа ва идома ёфтани он зарурати таъминоти иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, кадрӣ, моддию техникӣ, молиявӣ ва ғайра ҷой дорад, ки яке аз шартҳои асосии фаъолияти он мебошад. Ин гуна таъминот низоми алоҳидаеро ташкил медиҳад, ки таркиб ва мундариҷаи он дар расми 2 оварда шудааст.




**Расми 2. Низоми таъминоти фаъолияти механизми мутавозини ташкилию иқтисодии рушди минтақаи Хатлон**

Коркарди муаллиф.

Таҳти таъмини иттилоотӣ мафҳуми истифодаи таҷрибаи ҷамъшуда дар татбиқи сиёсати рушди босамари минтақа ва ташаккули фазои ягонаи иттилоотӣ барои татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳо дарк карда мешавад, ки онҳо ба рушди минтақа равона карда шудаанд.

Таъминоти ҳуқуқӣ маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар бар мегирад, ки муносибатҳои дар ҷараёни фаъолияти механизми мутавозини ташкилию иқтисодии рушди минтақа бавуҷудомадаро танзим мекунанд.

Таъминоти кадрӣ мавҷудияти кадрҳои баландихтисоси роҳбарикунанда, тадқиқотӣ, муҳандисӣ ва ғайра дар ҳама соҳаҳо ва, ҳамчунин, ба ҳайси мураббӣ амалкунандаро низ дар назар дорад. Таъминоти мазкур амалигардонии банақшагирии эҳтиёҷоти кадрӣ, интихоб ва ҷалби онҳо, такмил ва тарбияи кадрҳо, инчунин, истифодаи мутаносиби сармояи инсониро дар назар дорад.

Таъминоти моддӣ ба таъмини захираҳои моддӣ, яъне воситаҳои татбиқи механизми мутавозини ташкилию иқтисодии рушди вилояти Хатлон нигаронида шудааст.

Таъмини техникӣ маҷмуи қоидаҳо, усулҳо, роҳҳо, равандҳо, тартибҳо, услубҳои муайяне фаҳмида мешавад, ки ҳангоми татбиқи сиёсати рушди самараноки минтақа бо истифода аз системаҳои автоматикунонидашудаи идоракунӣ истифода бурда мешаванд.

Дастгирии молиявӣ мавҷудияти воситаҳои пулиро ҷиҳати амалӣ намудани чорабиниҳое, ки ба рушди минтақа нигаронида шудаанд, дар назар дорад.

Таъминоти зеҳнӣ мавҷудияти сармояи зеҳнӣ, ҷамъияти илмию коршиносӣ ва, инчунин, мавҷудияти маҳсулоти зеҳниро дар минтақа дар бар мегирад.

Таъмини демографӣ ҳамчун мавҷудияти аҳолии бартаридоштаи қобили меҳнат, пешрафта ва таҳсилдидаи минтақа фаҳмида мешавад, ки онҳо қодиранд ба таҳдидҳои нобудшавии умумияти дар заминаи таърихию фарҳангӣ бавуҷудомадаи қаламрави худ тоб оваранд. Ҳамчунин, таъминоти демографӣ пешбурди маҷмуи амалҳо, аз ҷумла фароҳам овардани шароити иҷтимоию иқтисодиро барои таҳкими иқтидори минтақа, танзими муҳоҷират, дастгирии оила ва модар ва ғайраро дар бар мегирад.

Дар натиҷа, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки такмили механизми ташкилию иқтисодии рушди вилояти Хатлон, пеш аз ҳама, ба муайян намудани ҳайати иштирокдороне, ки онҳо ба вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақа таъсир мерасонанд, бо мақсади муттаҳидсозии ҷидду ҷаҳди минбаъдаи онҳо дар ҳалли масъалаҳои аз ҷиҳати системавӣ муҳим нигаронида шудааст. Дар баробари ин, муносибатҳои байни унсурҳои механизми ташкилию иқтисодӣ аз нуқтаи назари воситаҳои истифодашаванда, ки аз ҷумла ба амалигардонии вазифаҳои асосӣ нигаронида шудаанд, мушаххас ва муайян карда шудаанд Инчунин, бояд қайд кард, ки механизм ба шарикии баробарҳуқуқ, манфиати мутақобила ва ноил гардидан ба масъалаҳо аз ҷониби иштирокчиёни низоми минтақавӣ асос ёфтааст.

**Адабиёт**

1. Гранберг, А.Г. Основы региональной экономики: учебник для вузов / А.Г. Гранберг. - Москва: ГУ ВШЭ, 2000. – 495 с.

2. Клейнер, Г.Б. Проблемы стратегического государственного планирования и управления в современной России / Г.Б. Клейнер // Материалы научного семинара. - Москва: Научный эксперт. - 2011. - № 5 (43). - С. 16.

3. Михайлов, А.М. Реализация экономических и институциональных интересов в процессе глобализации мировой экономики: монография / А.М. Михайлов. - Самара: Изд-во Самар. гос. ун-та, 2008. - 184 с.

4. Пчелинцев, О.С. Региональная экономика в системе устойчивого развития / О.С. Пчелинцев. Институт народнохозяйственного прогнозирования РАН. - М.: Наука, 2004. – 258 с.

5. Рахимов, Р.К. Отраслевые и межотраслевые пропорции в экономике Республики Таджикистан / Р.К. Рахимов // Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2015. -№2/2 (161). - С.252-261.

6. Рисин, И.Е. Основные направления, задачи и механизм пространственного регионов / И.Е. Рисин // Регион: системы, экономика, управление. – Воронеж, 2019. - №45/2 (161). - С.25-30.

7. Садриддинов, М.И. Анализ современного состояния экономики стран Центральной Азии на современном этапе / М.И. Садриддинов // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. – Симферополь, 2019. – С. 381-385.

8. Трещевский, Ю.И. Механизм государственного регулирования российской экономики: методология исследования, особенности формирования и повышение эффективности: автореф. дис. ... д-ра экон. наук / Ю.И. Трещевский. - Воронеж, 1999. – 36 с.

9. Токарев, А.А. Эволюция понятия: «Сбалансированное развитие экономической системы» / А.А. Токарев // Проблемы менеджмента, маркетинга и финансов: сборник материалов Международной научно-практической конференции. – Воронеж, 2015. - С. 180-183.

10. Ускова, Т.В. Управление устойчивым развитием региона / Т.В. Ускова. - Вологда: ИСЭРТ РАН, 2009. - С. 25-30.

**УДК: 330.322.01**

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИИ ХОРИҶӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ БОЗОР

***Давлатзода Дилшод Шералӣ*** *- докторанти курси 2-юми кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Сурога: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. E-mail:dalshod97@inbox.ru. Телефон: (+992) 907-78-32-79.*

*Дар мақола масъалаҳои назариявии ҷалби сармоягузории хориҷӣ баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки ҷалби сармояи хориҷӣ дар шароити кунунӣ барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол омили муҳими таъмини рушди босуботи иқтисодӣ арзёбӣ гашта, барои афзоиши дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ заминаи устувори молиявию инфрасохторӣ мегузорад.*

*Диққати асосӣ ба ошкор намудани масъалаҳои назариявии сармоягузории хориҷӣ, хусусияти ташаккуёбии он дар шароити бозор, механизмҳо, усулҳо, қоидаҳо ва истифодаи самараноки сармоя дар фаъолияти хоҷагидории кишвар дода шудааст. Инчунин, дар мақола ошкор гардидааст, ки намояндагони мактабҳои мухталифи иқтисодӣ оид ба сармоягузории хориҷӣ ақидаҳои гуногун дошта, нақши онро дар иқтисодиёт ҳамчун сарчашмаи иловагӣ ва омили рушди иқтисоди миллӣ маънидод кардаанд.*

*Исбот гардидаст, ки рушд ва афзоиши сармоягузорӣ бояд барои ба вуҷуд овардани фондҳои нави истеҳсолӣ маблаггузорӣ шаванд, то ки ҳосилнокии меҳнат зиёд карда шуда, бисёртар корхонаҳои баландсифат таъсис шаванд. Чунин иқдом боиси кам шудани камбизоатӣ ва беҳтар шудани сифати ҳаёти шаҳрвандон мегардад.*

***Калидвожаҳо:*** *сармоягузории хориҷӣ, иқтисодиёти миллӣ, ҳамкориҳои мутақобилан судманд, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, иқтисодиёти бозоргонӣ, сармояи мустақими хориҷӣ, маблаггузорӣ, муносибатҳои молиявӣ, ММД, иқтисодиёти ҷаҳон, ҳамгироии иқтисодӣ ва таъмини рушди иқтисодӣ.*

## НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В УСЛОВИЯХ РАЗВИТИЯ РЫНКА

***Давлатзода Дилшод Шерали*** *- докторант 2-го курса кафедры финансов Таджикского государственного финансово-экономического университета. Адрес: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе. улица Нахимова, 64/14, Электронная почта: dalshod97@inbox.ru. Телефон: (+992) 907-78-32-79.*

*В статье рассматриваются теоретические вопросы привлечения иностранных инвестиций. Отмечается, что привлечение иностранного капитала в современных условиях является важным фактором обеспечения стабильного экономического развития любой независимой страны и закладывает стабильную финансовую и инфраструктурную основу для роста других макроэкономических показателей.*

*Основное внимание уделено раскрытию теоретических вопросов иностранного инвестирования, характера его формирования в рыночных условиях, механизмов, методов, правил и эффективного использования капитала в экономической деятельности страны. Выявлено, что представители экономических школ по-разному определяют иностранные инвестиции, трактуя их в экономике как дополнительный источник и фактор развития народного хозяйства.*

*Доказано, что развитие и рост инвестиций следует вкладывать в создание новых производственных фондов с целью повышения производительности труда и создания более качественных предприятий. Такие шаги позволят сократить бедность и улучшить качество жизни населения страны.*

***Ключевые слова:*** *иностранные инвестиции, национальная экономика, взаимовыгодное сотрудничество, внешнеэкономическая деятельность, рыночная экономика, прямые иностранные инвестиции, финансирование, финансовые отношения, ВВП, мировая экономика, экономическая интеграция и обеспечение экономического роста.*

## SOME THEORETICAL ISSUES OF ATTRACTION OF FOREIGN INVESTMENTS IN CONDITIONS OF MARKET DEVELOPMENT

***Davlatzoda Dilshod Sherali*** *- 2nd year doctoral student of the Faculty of Finance, Tajik State University of Finance and Economics. Address: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe. Nakhimova street, 64/14, E-mail: dalshod97@inbox.ru. Phone: (+992) 907-78-32-79.*

*The article deals with theoretical issues of attracting foreign investment. It is noted that attracting foreign capital in modern conditions is an important factor in ensuring the stable economic development of any independent country and lays a stable financial and infrastructural basis for the growth of other macroeconomic indicators.*

*The main attention is paid to the disclosure of theoretical issues of foreign investment, the nature of its formation in market conditions, mechanisms, methods, rules and effective use of capital in the economic activity of the country. It was revealed that representatives of different economic schools define foreign investments differently, interpreting them in the economy as an additional source and factor in the development of the national economy.*

*It has been proven that the development and growth of investments should be invested in the creation of new production assets in order to increase labor productivity and create better*

*enterprises. Such steps will reduce poverty and improve the quality of life of the country's population.*

***Key words:*** *foreign investment, national economy, mutually beneficial cooperation, foreign economic activity, market economy, foreign direct investment, financing, financial relations, GDP, world economy, economic integration and economic growth.*

Дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ яке аз қувваҳои ҳаракатдиҳандаи фаъолияти хоҷагидории кишвар ва таҳкими муносибатҳои иқтисодиёти байналмилалӣ ҷалби сармояи хориҷӣ ба шумор меравад. Ҷалби сармояи хориҷӣ дар шароити кунунӣ барои ҳар як кишвари соҳибистиқлол омили муҳими таъмини рушди босуботи иқтисодӣ арзёбӣ гашта, барои афзоиши дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ заминаи устувори молиявию инфрасохторӣ мегузорад. Аз ин лиҳоз, барои илми иқтисодиёт ва таҷрибаи хоҷагидории кишвар масъалаҳои таъсиси фазои мусоиди сармоягузорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар маҳсуб меёбад.

Барои аҳамияти сармоягузории хориҷиро муайян намудан, пеш аз ҳама, ба масъалаҳои ташаккулёбии моҳияти сармоягузории хориҷӣ дар марҳилаҳои гуногуни тараққиёт диққат додан лозим меояд. Аз назарияи сармоягузории хориҷӣ бармеояд, ки сармоягузории хориҷӣ ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ва таҳкими муносибатҳои судманди фаъолияти хоҷагидории кишвар дар мактабҳои гуногуни иқтисодӣ мавриди таҳлилҳои бисёртарафа қарор гирифтааст.

Қайд кардан зарур аст, ки назарияи сармоягузории хориҷӣ мавзуи таҳқиқоте ба ҳисоб меравад, ки механизмҳо, усулҳо, қоидаҳо ва ҷараёни ҷалб ва истифодаи маблағҳоро дар бозорҳои молиявию пулии хориҷӣ меомӯзад. Он, инчунин, омилҳоеро, ба монанди таъмини рушди иқтисодӣ, шароити сиёсӣ, танзими бозори молиявӣ ва тағйирёбии қурби асъор, ки ба стратегияи сармоягузории хориҷӣ таъсир мерасонанд, таҳлил мекунад.

Оид ба сармоягузорӣ намояндагони мактабҳои мухталифи иқтисодӣ ақидаҳои гуногун дошта, нақши онро дар иқтисодиёт ҳамчун сарчашмаи иловагӣ ва омили рушди иқтисоди миллӣ маънидод кардаанд. Инвеститсия аз калимаи лотинии «invest ire» ва олмонӣ «investition» гирифта шуда, маънояш маблағгузории дарозмуҳлат ба ин ё он корхона бо мақсади гирифтани фоида мебошад [4, с.14].

Сармоягузорӣ дар асрҳои XIII – XV дар Италиё ва дигар марказҳои калони тиҷоратӣ ба шакли заёмҳо барои маблағгузории экспедитсия, лоиҳаҳои калони сохтмонӣ, хариди маҳсулот ва ба даст овардани асари санъат истифода мешуданд. Бо баробари рушди ҷомеа сармоягузорӣ барои рушди ин ё он шакли фаъолият дар шакли қарзи буҷавӣ, субсидия, имтиёзҳо яъне дар шаклҳои гуногуни дастгирии молиявӣ истифода мешуд[5, с.9].

Бояд қайд кард, ки аз аввали пайдоиши муносибатҳои молиявӣ сармоягузорӣ ба миён омада, дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисодӣ мазмун ва моҳияти иқтисодии он васеъ гашт. Вобаста ба тавсеаи

фаъолияти хоҷагидорӣ мазмуни сармоягузории хориҷӣ низ сифатҳои навро касб карда, дар адабиёти гуногун ҳар хел маънидод шудааст.

Масалан, дар "Луғати калони иқтисодӣ" дар зери таҳрири А.Н. Азрилиано ба сармоягузорӣ воситаҳои пулӣ, амонатҳои мақсадноки бонкӣ, саҳм ва дигар коғазҳои қиматнок, технология, мошинҳо, таҷҳизот, иҷозатнома, аз ҷумла барои нишонаҳои мол, кредитҳо, ҳар кадом амволи дигар ё ҳуқуқи амвол, арзишҳои зеҳнӣ, ки барои объектҳои соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолият бо мақсади дарёфти фоида (даромад) ё самараи мусбати иҷтимоӣ марбут дониста мешаванд[1, с.157].

Муаллифони луғати мазкур таҳти худи мафҳуми сармоягузории хориҷӣ ҳамаи афзоиши амволию зеҳниро дарк мекунанд, ки аз ҷониби сармоягузорони хориҷӣ барои объектҳои соҳибкорӣ ва дигар намудҳои фаъолият ба мақсади гардиши фоида (даромад) ҷудо карда мешаванд.

Дар "Энсиклопедияи калони иқтисодӣ" бошад, мафҳуми инвеститсия ҳамчун маҷмуи хароҷот дар шакли маблағгузории дарозмуҳлат ба соҳаи саноат, хоҷагии қишлоқ, нақлиёт ва дигар соҳаҳои хоҷагидорӣ маънидод мешавад.

Дарк кардан муҳим аст, ки назарияи сармоягузорӣ як соҳаи васеъ, соҳаи омӯзишиест, ки тамоми шаклҳои гуногуни сармоягузорӣ, аз ҷумла усулҳо, хусусиятҳо, рафтор, хавфҳо, манфиатҳо ва идоракунии онҳоро дар бар мегирад. Ғояҳои асосӣ таҳлили ҷараёни ҷалби сармоягузорӣ ва идораи муосири хавфҳо ва даромадҳои сармоягузорӣ, инчунин арзёбии воситаҳои сармоягузорӣ ва қабули қарорҳоро дар бар мегиранд.

Яке аз мактаби аввалини иқтисодӣ, ки аҳамияти назариявии сармояро муқаррар кардааст, мактаби меркантелистҳо буд. Пайравони ин мактаб соҳаи муомилотро омили муҳими рушди иқтисодӣ, ки дар натиҷаи сармоягузорӣ ташаккул меёбад, ҳисоб мекарданд. Дар баробари ин, сарчашмаи афзоиши сармоягузориро меркантелистон ба сармоягузории хориҷӣ мансуб донистаанд. Намояндагони ин мактаб Т. Ман, Д. Юм, Ҷ. Ло, Ж. Колбер танзими давлатии инвеститсиониро шарти муҳим арзёбӣ кардаанд.

Асосгузори мактаби марксизм К.Маркс сармояро дар китоби машҳури худ "Капитал" махсус ҷой кардааст. Ба ақидаи К. Маркс, сармоягузорӣ аз андозаи фоида вобастагӣ дорад. Марксизм моҳияти сармоягузориро дар соҳаи саноат ва баъдан дар соҳаи ғайриистеҳсолӣ маънидод менамояд.

Марксизм қайд мекунад, ки рушд ва афзоиши сармоягузорӣ бояд барои ба вуҷуд овардани фондҳои нави истеҳсолӣ маблағгузорӣ шавад, то ки ҳосилнокии меҳнат зиёд карда, бисёртар корхонаҳои баландсифат таъсис шаванд. Чунин иқдом боиси кам шудани камбизоатӣ ва беҳтар шудани сатҳи ҳаёти шаҳрвандон мегардад.

Инчунин, дар ташаккулёбии назарияи сармоягузории хориҷӣ мактаби классикӣ ва пайравони мактаби неоклассикҳо саҳми калон гузоштаанд. Пайравони мактаби неоклассикҳо аз ҷумла, А.Маршалл проблемаи муайян намудани шароитҳои сармоягузориро аз рӯи муқоисаи

хароҷот ва натиҷа баррасӣ намудаанд. Механизми фаъолияти бозори сармояро омӯхта, А.Маршалл аҳамияти махсусро ба таҳлили омилҳои ташаккулёбии талабот ба сармоя медиҳад.

А.Маршалл ба сармоягузорӣ ҳамаи хароҷотҳои сармояро ки дар оянда ба соҳиби худ фоида меовард, маънидод мекард. Ба онҳо хароҷотҳои сармояи тиҷоративу саноатӣ, фабрикаҳо, мошинҳо, ашёи хом, биноҳои истиқоматӣ, либос, маҳсулоти хӯрока, қарз ва дигар шаклҳои назорати бозори пулӣ дохил мешуданд[8, с.143].

Вобаста ба таҳлили зикргардида қайд кардан муҳим аст, ки сармоягузории хориҷӣ ҷараёни ҷалби сармояест, ки интиқоли молҳо, хизматрасониҳо, қувваи корӣ ва технологияро дар бар мегирад, ки аз кишварҳои хориҷӣ барои фаъол гардонидани рушди кишварҳои қабулкунанда ба шумор меравад. Пайдоиши сармояи хориҷӣ метавонад бо таваҷҷуҳи сармоягузорони хориҷӣ ба тараққиёти тиҷорат дар иқтисоди рушдёбанда, пешниҳоди имтиёзҳо дар шакли дастгирии давлатӣ ба мисоли мукаммалсозии қонунгузории андоз ва дигар воситаҳои дастгирии молиявии сармоягузорони хориҷӣ сурат гирад.

Аз ин лиҳоз, ҳаммаслаки А. Смит ва дар як вақт, муқаррризи фаъоли он Д. Роналдо сармояро ҳамчун маҷмуи воситаҳои истеҳсолот, "қисми бойигарии мамлакат тасвир мекунанд, ки дар истеҳсолот истифода шуда, аз хӯрок, либос, асбобу анҷом, ашёи хом, мошин ва хонаҳо иборат аст ва ҷиҳати ҳаракат даровардани меҳнат зарур дониста мешавад"[9, с.137].

Бояд қайд кард, ки гарчанде дар мактабҳои мухталифи иқтисодӣ оид ба масъалаҳои сармоягузории хориҷӣ ақидаҳои гуногун мавҷуд бошанд ҳам, дар умум онҳо як чизро ифода мекунанд, ки даромади иловагии молиявӣ, афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва таъмини рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар ифода мегардад.

Масалан, тибқи ақидаи иқтисоддони фаронса Ф. Бастиан, сармоя аз асбобу анҷом, масолеҳ, захираҳо иборат аст, ки бе онҳо ягон кас на дар танҳоӣ ва на дар ҷомеа бе ҳеҷ ваҷҳ ба иҷрои ягон кор шуруъ карда наметавонад. Дар ҷое, ки истеҳсолот ҳаст, сармоя, ба фикри Бастиа, вуҷуд дорад ва аз ин лиҳоз, Робинзон ҳам дар ҷазираи беодам "олот, масолеҳ, захираҳоро сармояи худ меномад" [2, с.20].

Яъне, Ф. Бастиан, аз як тараф, сармояро омили муҳими истеҳсолот меномад ва аз тарафи дигар бошад, маҳз истеҳсолот шарти муҳими сармоягузорӣ баромад мекунад.

Инчунин, дар назарияи сармояи хориҷӣ саҳми олими машҳури англис Ҷ.М. Кейнс бисёр калон аст. Ҷ.М. Кейнс, пеш аз ҳама, таҳлили сармоягузориро аз доираи фаъолияти хоҷагиҳои хонагӣ ба сатҳи макроиқтисод баровварда, зуҳуроти иқтисодиро тавассути андозаҳои тағирёбандаи зерин ифода кардааст: самаранокии ниҳоии сармоя; майли сармоягузорӣ; талаботи сармоягузорӣ; фазои сармоягузорӣ ва ҳоказо;

Ва баъдан, мултипликатори шуғли иқтисоддони англис Р.Ф. Канро ба мултипликатори сармоягузорӣ мукаммал намуд, ки тибқи он маҷмуи

даромаду талаботи ҷомеа ба маблағи умумии сармоягузорӣ, яъне ба хароҷоти истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ вобастагии муайян дорад. “Афзоиши даромад ба афзоиши маҷмуи умумии сармоягузорӣ зарби мултипликатор баробар аст”, менависад Кейнс [6, с.23].

Ҳамин тариқ, олимони гуногуни хориҷӣ бо пажӯҳишҳои мухталиф ишора карда, ҷанбаҳои илмии сармоягузории хориҷиро ба дастрасии бозор, диверсификатсияи активҳо, бартариҳои сармоягузории стратегӣ ва омилҳои бартарият алоқаманд менамоянд.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ ҳамчун омили асосии рушди сармоягузории хориҷӣ муҳайё шуда, қабули қонуни ҶТ дар соҳаи сармоягузорӣ барои тараққиёти минбаъдаи ин соҳаи муҳим заминаи устувори ҳуқуқӣ гузошт. Дар Қонуни ҶТ “Дар бораи сармоягузорӣ” ба сармоягузори хориҷӣ - давлати хориҷӣ, шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ташкилоти хориҷӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, шаҳрванди хориҷӣ, инчунин ташкилоти байналмилалӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории кишвари будубоши худ сармоягузорӣ менамояд [8].

Дар қонуни баъдии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15-уми марти соли 2016 “Дар бораи сармоягузорӣ” сармоягузорӣ аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гузоштани фоида баррасӣ шудааст[11, с.281].

Бояд қайд кард, ки асоси илмии сармоягузорӣ раванди таҳия ва татбиқи назарияҳо ва усулҳои таҳлили сармоягузорӣ барои баланд бардоштани даромаднокии сармоягузорӣ мебошад. Ба инҳо таҳқиқоти бозор, диверсификатсияи сармоягузорӣ, идоракунии хавфҳо, интихоби механизми сармоягузорӣ ва ғайра дохил мешаванд. Бинобар ин, дар корҳои олимони ватанӣ таҳқиқоти васеи масъалаҳои ҷалби сармоягузории хориҷӣ дида мешавад.

Умуман, сармоягузорӣ дар Тоҷикистон дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти бозоргонӣ ташаккул ёфта, барои таҳкими самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт ҷудо шуда истодааст. Бояд қайд кард, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ба ҳайси сармоягузорон метавонанд истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон, таъминкунандагон, кишвар ё дигарон баромад кунанд. Мақсади сармоягузорӣ, аз як тараф, агар ба даст овардани фоида бошад, аз тарафи дигар, омили таъмини рушд ба шумор меравад. Аз ин рӯ, дар кишвар ҷараёни ҷалби сармоягузорӣ самти муҳим ба ҳисоб рафта, дар фаъолияти хоҷагидорӣ ва дар корҳои илмӣ мунтазам мукаммал мешавад.

Дар айни замон дар корҳои олимони рус, инчунин, дар фаъолияти амалӣ, ҳам сармоягузорӣ ва ҳам раванди сармоягузорӣ ба таври васеъ шарҳ дода мешаванд. Масалан, В.В. Бочаров ва Р. Попова чунин мешуморанд, ки сармоягузорӣ ҳама намуди моликият ва арзишҳои зеҳниро ифода мекунад, ки дар натиҷа ҳам фоида (даромад) ва самараи иҷтимоӣ ба даст меояд[3, с.34].

Дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимони мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки назарияи сармоягузорӣ ғояҳо ва усулҳои гуногунест, ки барои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти воқеӣ, коғазҳои қиматнок, воситаҳои пардохт ва дигар дороиҳои арзишманд истифода мешаванд. Он одатан барои ноил шудан ба ҳадафҳои сармоягузории дарозмуддат истифода мешавад. Он як воситаи умумиро барои қабули қарорҳои сармоягузорӣ пешниҳод мекунад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти олимон мафҳуми сармоягузориро ҳамчун сармояи дарозмуддат ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт бо мақсади нигоҳ доштан ва афзун намудани он мешуморанд. Аз назарияи сармоягузорӣ бармеояд, ки сармоягузорӣ аз рӯи шакл, намуд, усул ва дигар хусусиятҳои хос ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо мешавад.

**Ҷадвали 1. - Таснифоти сармоягузорӣ аз рӯи унсурҳои бозор**

| Меъёр | Таснифот |
|---|---|
| Аз рӯи моликият | Давлатӣ, маҳаллӣ, хусусӣ ва омехта |
| Аз рӯи объект | Моддӣ, воқеӣ ва зеҳнӣ |
| Аз рӯи сарчашма | Манбаъҳои худӣ ва қарзӣ |
| Аз рӯи вақт | Кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат |
| Аз рӯи таваккал | Хавфи баланд, хатари миёна, кафолатнок ва сармояи венчурӣ |
| Аз рӯи танзим ва назорат | Мустақим, стратегӣ ва молиявӣ |
| Аз рӯи ҳадаф | Спекулятивӣ ва муқаррари нарх |
| Аз рӯи кишвар | Дохилӣ, хориҷӣ |
| Аз рӯи воситаҳо ва оқибатҳои ҳуқуқӣ | Бо таъсиси шахси ҳуқуқии нав ва шартномавӣ |

*Сарчашма: Таҳияи муаллиф дар асоси Кондратюк, К. В. Экономическое содержание и сущность инвестиций в условиях рыночной экономики: теоретический аспект / К. В. Кондратюк // Проблемы развития современного общества: Сборник научных статей 5-й Всероссийской научно-практической конференции, Курск, 23–24 января 2020 года. - С. 283-285.*

Аз ҷадвали 1 мушоҳида мешавад, ки сармоягузорӣ ҳамчун шакли фаъолияти иқтисодӣ аз рӯи меъёрҳои гуногун ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо шуда, дар айни замон сифатҳои навро касб кардааст. Ин сифатҳо, пеш аз ҳама, дар таъмини рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодии кишвар ифода мегарданд. Аз ин лиҳоз, дар адабиёти кишварҳои хориҷӣ доир ба масъалаҳои таъсиси фазои мусоиди сармоягузорӣ ва ҷалби сармоя таҳлилҳои бисёр ба назар мерасанд.

Агар сухан дар бораи адабиёти иқтисодии Тоҷикистон равад, пас дар ин самт бояд гуфт, ки дар кишвар низ олимони зиёд оид ба ҷалби сармоягузорӣ  корҳои зиёдро ба анҷом расонидаанд. Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон бинобар сабаби инкишофи ғайрикофии бозори фондӣ дар корҳои олимон бисёртар сухан дар бораи сармоягузории мустақим меравад.

Мувофиқи ақидаи профессор Л.Ҳ. Саидмуродов, сармоягузории хориҷӣ ҳамчун омили интернатсионализатсия ва ҷаҳонишавии иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад.

Ӯ бар он андеша аст, ки ҷалби сармояи мустақим ба иқтисоди Тоҷикистон далели мусоид аст. Баръакси сармоягузориҳои портфелӣ ва дигар сармоягузориҳо, ки маблағҳои таъхирнопазир, баргардонидашаванда ва пардохташаванда мебошанд, бештар ба рушди бахши воқеии иқтисодиёт, технологияҳои пешқадам ва истифодаи усулҳои муосири менеҷмент ва маркетинг иртибот доранд [10, с.39].

Аз ин лиҳоз, дар Тоҷикистон ба масъалаҳои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва дар заминаи он таъмини рушди иқтисодӣ, вусъат додани иқтидори содиротии иқтисодиёти миллӣ диққати асосӣ дода мешавад.

Ба ақидаи М.С. Содиқов ва А. Сафаров моҳияти иқтисодии сармоягузорӣ дар он ифода меёбад, ки иштирокчиёни фаъолияти сармоягузорӣ (шахсони ҳуқуқиву воқеӣ, ташкилотҳои тиҷоративу ғайритиҷоратӣ) соҳаҳои мухталифи хоҷагидориро бо мақсади гирифтани фоида маблағгузорӣ намуда, барои рушди минбаъдаи кишвар ва соҳибкориву тиҷорат саҳм мегузоранд [12, с.17].

Ҳамин тавр, назарияи гуногуни мактабҳои иқтисодӣ ва пайравони онҳоро оид ба моҳият ва мазмуни сармоягузории хориҷӣ омӯхта, ба хулосае омадан мумкин аст, ки сармоягузорӣ як шакли фаъолияти иқтисодие мебошад, ки дар натиҷаи он на фақат фоида оварда мешавад, балки натиҷаи самараноки иҷтимоӣ низ ба даст овардан мумкин аст.

Бояд қайд кард, ки сармоягузорӣ маблағҳоеро дар бар мегирад, ки барои ноил шудан ба ҳадафҳои дарозмуддат сарф мешаванд. Натиҷаи сармоягузорӣ афзоиши даромади эҳтимолӣ ва дараҷаи баланди муҳофизат аз ҳолатҳои ногувори иқтисодӣ, ба монанди таваррум мебошад. Дар кишварҳои тараққикарда сармоягузории маъмулӣ саҳмияҳо, вомбаргҳо ва суратҳисобҳои пасандозиро дар бар мегирад.

Сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок аксар вақт тавассути брокер анҷом дода мешавад ва сармоягузор хавфи баландро ба уҳда мегирад, то имкониятҳои бештар барои фоида ба даст орад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавре дар боло қайд карда будем, сармоягузории портфелӣ бинобар сабаби дар марҳилаи аввали тараққиёт қарор доштани бозори коғазҳои қиматнок ба ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ниёз бештар мушоҳида мешавад.

Сармоягузориҳои хориҷӣ ҳадафҳои ба даст овардани даромад (фоида), самараи иҷтимоӣ аз маблағҳои гузошташуда, идоракунӣ ва назорати ин захираҳои гузошташударо доранд. Ҳамин тавр, сармоягузории хориҷӣ дорои хусусиятҳои хосест, ки ба вазъи иқтисоди миллӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодии он таъсир мерасонад. Аммо сармоягузориҳои хориҷӣ ҷузъи сармояи кишвари дигар буда, ба онҳо қонунҳои умумии ҷараёни сармоягузорӣ таъсир расонида, дар бозори

ҷаҳонӣ бо принсипҳои умумии сармоягузории байналмилалӣ рӯ ба рӯ мешаванд [13, с.9].

Таҳлили корҳои илмии олимон дар бораи сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ба мо имконияти муайян намудани иқтидори сармоягузориро дар кишвар, бартариҳои иқтисодии он, имтиёзҳо барои сармоягузорон ва қоидаҳои сармоягузориро медиҳад.

Аҳамияти назариявии сармоягузорӣ маънои арзиши тахминии гардиши пули нақдро, ки аз сармоягузорӣ ба даст меоянд, ифода мекунад. Он сармояи гузошташуда, инчунин, фоизҳо ва фоизҳои ҷамъшударо инъикос мекунад. Арзиши тахминии сармоягузорӣ метавонад тағйирёбии нархи сармоягузориро дар як давраи муайян инъикос кунад.

Бояд қайд кард, ки марҳилаҳои маъмули рушд ва ташаккулёбии сармоягузории хориҷӣ аз таъсиси фазои мусоид, ташкил ва таъсиси равандҳо, эҷоди инфрасохтор барои сармоягузориҳои хориҷӣ, дастгирии сармоягузорони хориҷӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ, муҳайё намудани шароити имконпазири сармоягузорон, ҷалби сармояи хориҷӣ ва монанди инҳо иборат аст. Чунин иқдомҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳила ба марҳила мувофиқи барномаҳои рушди иқтисодӣ татбиқ гашта истодаанд.

Сиёсати сармоягузории Тоҷикистон тадбирҳои зиёдеро барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар дар бар мегирад. Ҳукумати Тоҷикистон омода аст, ки аз сармоягузорон, бахусус хориҷӣ, пазироӣ кунад ва ба онҳо зерсохтор ва хидматрасониҳои заруриро пешниҳод намояд. Барои ҷалби сармоя дар кишвар ба сармоягузорон шароити мусоид, аз ҷумла имтиёзҳои гумрукӣ, меъёрҳои ҷолибтарини андоз фароҳам оварда шудаанд. Ҳукумат барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба бахшҳои технологияҳои иттилоотӣ, сайёҳӣ, истеҳсолот ва сохтмон тамоми талошҳоро ба харҷ дода истодааст.

Умуман, сармоягузорӣ дар Тоҷикистон аз аввали солҳои 2000-ум пас аз ислоҳот ва бозсозии иқтисодиёт пайдо шуд. Аз соли 2009, пас аз қабули барномаҳои нави кишвар ва ислоҳоти ҷараёндошта ҳаҷми савдои хориҷиро тадриҷан афзоиш дода, заминаҳои сармоягузориро беҳтар намуданд. Дар натиҷа, барномаҳои сармоягузорие, ки ҷалби сармояи хориҷӣ ва рушди иқтисодиётро ба вуҷуд меоранд, таъсис дода шуданд. Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир аз Федератсияи Россия, Эрон, Озарбойҷон, Чин, Туркия, Арабистони Саудӣ, Амрико ва дигар кишварҳо сармояро ҷалб мекунад.

Ҳамин тариқ, дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда оид ба масъалаҳои назариявии сармоягузории хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки ҳадафи асосии назарияи сармоягузорӣ ин баланд бардоштани сатҳи накуаҳволӣ дар қабули қарорҳои беҳтари сармоягузорӣ мебошад. Назарияи сармоягузорӣ ба сармоягузорон воситаҳои таҳлил ва пешгӯии нархҳо ва хатарҳои бозорро фароҳам меорад, ки ба онҳо имкон медиҳад стратегияи сармоягузории худро пайгирӣ ва мувофиқи замон тағйир диҳанд. Консепсияи мактабҳои иқтисодӣ дар бораи сармоягузорӣ равиши

муосирро ба сармоягузорӣ тавсиф мекунад, ки ба истифодаи усулҳои муосир барои ноил шудан ба даромади сармоягузорӣ равона гардидааст. Он барои дарёфт ва истифодаи воситаҳои иттилоотӣ ва сармоягузорӣ ҷиҳати таъмини натиҷаҳои беҳтарини молиявӣ нигаронида шудааст.

Таҳлили масъалаҳои назариявии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар кишвар воситаҳои асосии рушди сармоягузориро самаранок истифода бурда, дар қаламрав фазои мусоиди сармоягузориро дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва инноватсия муҳайё созем. Аз ин лиҳоз, барои татбиқи манфиатҳои стратегии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ҷалби сармоягузорӣ яке самтҳои афзалиятноки сиёсати дохиливу берунии кишвар арзёбӣ мегардад.

**Адабиёт**


1. Азрилияна А.Н. Большой экономический словарь/ Под ред. А.Н. Азрилияна. – М.: Фонд «Правовая культура», 1994. – 525с.
2. Бастиа Ф. Экономические гармонии /Ф.Бастиа. – М.:Дело, 2000. – 229с.
3. Бочаров В.В. Инвестиции: учебник для вузов. – 2-е изд. /В.В. Бочаров– СПб.: Питер, 2008. – 384с.
4. Вахрин П. И. Инвестиции : Учебник / П. И. Вахрин. - 2-е изд., перераб. и доп. - М. : Дашков и К, 2004. - 384с.
5. Инаметдинова И.Р. Иностранные инвестиции: привлечение и использование в условиях современной экономики России: дисс…к.э.н..08.00.05. /И.Р. Инаметдинова. - Москва, 2001. – 168с.
6. Кейнс Дж.М. Общая теория занятости, процента и денег. // Антология экономический классики. Т2. /Дж.М. Кейнс. - М.; Эконов-Ключ, 1993. – 953с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» аз 10 феврали соли 2016, № 357
8. Маршалл А. Принципы экономической науки / А. Маршалл. - М: Прогресс, 1993. - Т. 2. – 326с.
9. Рикардо Д. Начало политичесчкой экономии налогообложения. // Антология экономической классики: Петти, Смит, Рикардо. - Т. 1 М.: Эконов – ключ, 1993. - 437с.
10. Саидмуродов Л.Х. Теоретические вопросы развития малой открытой экономики в условиях переходного периода: дисс… д.э.н. по специальности 08.00.01. /Л .Х.Саидмуродов. - Душанбе, 2005. – 239с.
11. Саидмуродова М.А. Свободные экономические зоны как инструмент привлечения инвестиций (на примере СЭЗ «Согд») /М.А. Саидмуродова, К.Н. Курбоналиев// Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - Душанбе, 2015. - №2/3 - С. 281.
12. Содиқов М.С. Сармоягузории мустақими хориҷӣ ҳамчун омили рушди иқтисодиёти Тоҷикистон. Монография / М.С. Содиқов, А.Сафаров. - Душанбе, 2022. – 137с.
13. Солиев А.А. Теоретические и практические проблемы привлечения иностранных инвестиций в развитие малой открытой экономики (на примере Республики Таджикистан): диссер… к.э.н. по специальности 08.00.01. /А.А. Солиев. – Душанбе, 2004. – 164с.

**УДК: 336.1**

# ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИДОРАКУНИИ НИЗОМИ ХАЗИНАДОРӢ

***Акбарова Насиба Абдураҳимовна*** *– докторанти PhD, ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд.* ***Суроға:*** *735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, кӯчаи И.Сомонӣ, 226.* ***E-mail***: nasiba-abdurahimovna @mail.ru

*Хазинадорӣ инструменти асосии молия буда, чун аппарати асосӣ дар иҷроиши буҷет баромад мекунад. Он тамоми уҳдадориҳои молияviро иҷро намуда, шаффофияти захираҳои молиявӣ ва самаранокии иҷроиши уҳдадориҳои давлатро таъмин менамояд. Айни замон ислоҳоти гуногуни иқтисодӣ ба фаъолияти хазинадорӣ таъсири худро расонида, муаммоҳои зиёдеро ба вуҷуд овардаанд, ки ин онҳо ба тамоми сохтори молияи мамлакат таъсири манфии худро расонида истодаанд. Бинобар ин, самти рушд, такмил ва иҷроиши сатҳи самаранокии низоми хазинадорӣ дар ин чорчӯба хеле масъалаи актуалӣ ба ҳисоб меравад.*

*Дар мақолаи мазкур нақши хазинадорӣ дар сохтори молияи ҳар як давлат муайян шуда, вобаста аз фаъолияти он такмил ёфтани самти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ исбот карда шудааст. Инчунин, нақш, мақом, сохтор, ваколат ва уҳдадориҳои низоми хазинадорӣ дар мамлакатҳои хориҷа муайян карда шуда, хусусиятҳои фарқкунандаи он шарҳ дода шудаанд. Омилҳое, ки барои такмил ва шафоффияти ҷараёни иҷроиши фаъолияти хазинадории Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошанд, вобаста ба таҷрибаҳои хазинадорӣ пешниҳод шудаанд.*

***Калидвожаҳо****: низоми хазинадорӣ, захираҳои молиявӣ, буҷет, иҷроиши хазинавии буҷет, ваколати хазинадорӣ, сохтор, уҳдадорӣ, оптимизатсия, суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ, модернизатсия, автоматизатсия.*

# МЕЖДУНАРОДНЫЙ ОПЫТ УПРАВЛЕНИЯ КАЗНАЧЕЙСКОЙ СИСТЕМОЙ

***Акбарова Насиба Абдурахимовна*** *– доктарант PhD, ассистент кафедры финансы и кредита Худжандского политехнического института Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими.* ***Адрес:*** *735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, ул. И. Сомони, 226.* ***E-mail***: nasiba-abdurahimovna @mail.ru

*Казначейство является основным бюджетным инструментом и выступает как главный аппарат в процессе государственных финансов. Он выполняет все финансовые обязательства и обеспечивает прозрачность финансовых ресурсов и эффективность выполнения государственных обязательств.*

*Поэтому направление, развития, совершенствования и оптимальное выполнение ее обязательств, считается очень актуальным вопросом.*

*В данной статье определяется роль казначейства в финансовой структуре каждого государства и доказывается зависимость совершенствования экономической, социальной и политической направленности от ее деятельности. Также определяются роль, статус, структура, полномочия и обязанности казначейской системы в зарубежных странах и объясняются ее отличительные черты. Предложены факторы, являющиеся основой совершенствования и прозрачности процесса осуществления казначейской деятельности Республики Таджикистан в зависимости от казначейской практики.*

***Ключевые слова:*** *казначейская система, финансовые ресурсы, бюджет, казначейское исполнение бюджета, казначейские полномочия, структура, обязанность, оптимизация, Единый казначейский счет, модернизация, автоматизация.*

## INTERNATIONAL EXPERIENCE IN THE MANAGEMENT OF THE TREASURY SYSTEM

***Akbarova Nasiba Abdurahimovna*** *– PhD doctoral student, assistant of the Department of Finance and Credit, Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after academician M.S. Osimi,* ***Address:*** *735700, Republic of Tajikistan, Khujand, st. I. Somoni, 226.* ***E-mail:*** *nasiba-abdurahimovna @mail.ru*

*The Treasury is the main budgetary instrument and acts as the main apparatus in the process of public finance. It carries out the financial fulfillment of all obligations of public financial instruments as a public finance committee and directly ensures the transparency of financial resources and the efficiency of fulfillment of financial obligations. Therefore, the direction, development, improvement and optimal fulfillment of its obligations is considered a very topical issue.*

*This article defines the role of the treasury in the financial structure of each state and proves the dependence of improving the economic, social and political orientation on the direction of its activities. The role, status, structure, powers and responsibilities of the treasury system in foreign countries are also determined and its distinctive features are explained. Factors are proposed that are the basis for improving and transparency of the process of implementing treasury activities of the Republic of Tajikistan, depending on treasury practice.*

**Key words:** *treasury system, financial resources, budget, treasury budget execution, treasury function, treasury powers, structure, obligation, asset, liability, optimization, single treasury account, modernization, automation*

Низоми хазинадорӣ яке аз низоми пурсамари молиявиест, ки аз тарафи ҳар як давлат барои самаранок идора кардани буҷет ва ташкили он, баҳисобгирӣ, мутамарказонидани тақсимоти хароҷоти давлатӣ ва додани маълумоти фаврӣ оид ба иҷроиши буҷет ташкил карда шудааст. Ин низом дар ҳар як давлат чун кумитаи асосии молиявӣ тамоми уҳдадориҳои молиявиро дар иҷроиши буҷет иҷро намуда, барои рушд ва пешрафти иқтисодиёт, баланд гардидани сатҳи пардохтпазирии давлат ва устувор гардидани сиёсати он мусоидат мекунад.

Айни замон вобаста ба таъсири омилҳои гуногуни иқтисодӣ ва сиёсӣ вазифаҳои асосии ҳар як давлат ин сатҳи баланди баҳисобгирӣ ва назорати ҷиддӣ доир ба даромад ва хароҷоти захираҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Зеро он проблемаҳое, ки дар ин чорчӯба ба вуҷуд меоянд, бевосита таъсири манфии худро ба тамоми самт расонида истодаанд. Ягона механизм ва инструменти молиявие, ки ҷараёни тақсимоти хароҷоти давлатиро таъмин менамояд, ин низоми хазинадорӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, рушд ва мукаммал намудани механизми иқтисодии низоми хазинадорӣ дар миқёси ин омилҳои иқтисодӣ хеле масъалаи актуалӣ ба шумор меравад.

Мақсади асосии мақолаи илмӣ ин омӯзиши механизм, сохтор, ваколат ва барномаҳои махсуси илмӣ - тадқиқотии таҷрибаҳои давлатҳои гуногуне, ки барои баланд гардидани самаранокии низоми хазинадорӣ мусоидат менамояд, ба ҳисоб меравад.

Доир ба таҷриба ва амалиётҳои низоми хазинадорӣ дар мамлакатҳои хориҷа як қатор олимон, ба монанди В.В. Бессонов, Е.А. Тамахина, Т.Н.

Толстих, М.И. Махонина, С.М. Омирбаев, О.И. Дроздов, Н.И. Бикова ва Ю.А. Егорова фаъолият бурдаанд.

Моҳияти асосии хазинадорӣ дар тамоми давлатҳо дар идоракунии оптималии захираҳои молиявӣ инъикос мегардад, ки он тамоми муассисаҳои буҷетиро бо воситаҳои пулӣ барои иҷроиши таъйиноташон таъмин менамояд. Дар асл модели ягонаи сохтор, ваколат ва раванди хазинадорӣ мавҷуд нест, зеро низоми хазинадорӣ дар ҳар як давлат вобаста ба сохтори буҷетӣ ташкил карда мешавад. Буҷети ҳар як давлат бошад, хусусияти миллии худро дорад ва аз дараҷаи инкишофи иҷтимоию иқтисодии давлат, сохти маъмурию ҳудудии он, принсипҳои амалкарди системаҳои иқтисодӣ ва омилҳои дигар вобаста мебошад, ки он исботи набудани методика ва усули ягонаи идоракунии фаъолияти хазинадорӣ мебошад. Инчунин, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки шумораи шуъбаҳо, тарзи идоракунӣ ва вазифаҳои мушаххаси хазинадорӣ дар мамлакатҳои гуногун вобаста ба сохтори буҷет, хусусиятҳои хоси давлат, тақсимоти маҳалливу хоҷагӣ, сатҳи рушди иқтисодиёт ва категорияҳои он ташкил карда шуда, бо таъсири омилҳои гуногун метавонад сохтори худро тағйир диҳад.

Масалан, олим *Б.Б. Бессонов* тарафдори ин самт буда, қайд намудааст, ки дар ҳамаи давлатҳои дунё гарчанде ки мафҳуми низоми хазинадорӣ якхела бошад ҳам, аммо вазифа ва ваколатҳои он байни якдигар фарққунанда мебошанд [2, с.77], ки ин фикри исботшудаи ӯро бисёр олимони чаҳон дастгирӣ кардаанд. М.И. Махонина ӯ дар тадқиқоти худ қайд намудааст, ки тамоми вазифа ва ваколатҳои хазинадорӣ дар ҳар як давлат вобаста ба диапазоне, ки барои идора кардани молияи давлатӣ лозим аст, амалӣ карда мешавад [10, с.190].

Низоми хазинадорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сохтори ҷудонашавандаи молия ба шумор рафта, самаранокӣ ва шаффофияти молияи мамлакат аз фаъолияти он вобастагӣ дорад. Гарчанде ки ин низом дар қаламрав баъд аз соҳибистиқлолии мамлакат ташкил карда шуда бошад ҳам (1996), бо суръати тез рушд карда, ваколат ва уҳдадориҳои он такмил ёфта истодаанд. Вобаста ба рушд ва такмилёбӣ дар низоми хазинадорӣ як қатор проблемаҳо мавҷуданд, ба монанди:

1) таъмин нагардидани иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ ва барзиёд будани хароҷоти буҷет [3, с.220];
2) паст будани сатҳи ликвиднокии (бозоргирии) Суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ;
3) воридкунии сусти маълумот ба SGB.net;
4) тез коркард нагардидани ахборот ва паст будани сифати идоракунии амалиётҳои фаврии технологияҳои информатсионӣ;
5) дар сатҳи паст қарор доштани механизми технологии хазинадорӣ ва ташкили иқтисодии он;
6) ҷорӣ нагардидани низомҳои иттилоотии муосири хазинавии буҷет;

7) паст будани сатҳи самаранокии иҷроиши буҷет;
8) сари вақт амалӣ нагардидани мақсадҳои стратегӣ ва ҷорӣ.

Сарчашмаи мавҷудияти проблемаҳои зикршуда аз таъсири омилҳои берунӣ, ба монанди буҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ ва вобаста ба он, баланд гардидани сатҳи таваррум, кам гардидани сатҳи содироту воридот ва заиф гардидани иқтисодиёти мамлакатҳои абарқудрат ба ҳисоб меравад.

Аз ин лиҳоз, омӯзиш ва муқаррар намудани сохтор, нақш, моҳият, уҳдадорӣ ва иҷроиши низоми хазинадорӣ дар мамлакатҳои хориҷа ва муайян намудани бартариятҳои таҷрибаи байналмилалӣ, ки тавассути барномаҳои илмию тадқиқотӣ ба қуллаҳои баланди механизми иҷроиши хазинадорӣ ноил гаштаанд, вазифаи асосии мақолаи илмӣ муайян шудааст.

***Нақш ва сохтори хазинадорӣ дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ***

Низоми хазинадорӣ дар ***Ҷумҳурии Қазоқистон*** соли 1994 ташкил шуда, аз Хазинадории марказӣ ва шуъбаҳои он дар шаҳру вилоятҳо иборат мебошад. Ҳамаи амалиётҳои хазинадорӣ дар асоси принсипи Суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ амалӣ карда мешаванд, ки он соли 1996 дар Бонки миллии ҷумҳурӣ кушода шудааст. Сохтор ва вазифаҳои он ба низоми хазинадории Ҷумҳурии Тоҷикистон монанд буда, фарқияти нисбатан кам дорад. Аз соли 2006 то инҷониб ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо, ба монанди мутобиқ намудани моҳияти хазинадорӣ ба таҷриба ва таҳлили мамалакатҳои хориҷӣ, дохил кардани технологияҳои инноватсионӣ дар ҳудуди идоракунии хазинадорӣ, автоматизатсиякунонии низом, мукаммалкунии система, истифодаи нақшҳо ва асосҳо, системаи хазинадории мамлакат мунтазам рушд ёфта, сол аз сол самаранокӣ ва натиҷанокии он баланд шуда истодааст, ки натиҷаи он ба баланд гардидани пардохтпазирии давлат ва суръати бовусъати рушди иқтисодиёт оварда истодааст.

Сохтори хазинадорӣ дар ***Ҷумҳурии Узбекистон*** системаи ягонаи марказонидашудаи мамлакатро ташкил менамояд ва ба таркиби Вазорати молияи Узбекистон дохил мешавад. Сохтори кумитаи хазинадорӣ дар Узбекистон сесатҳа мебошад (расми 1).




**Расми 1. Сохтори низоми хазинадорӣ дар Ҷумҳурии Узбекистон**

Мақсади асосии хазинадорӣ дар Ҷумҳурии Узбекистон ин пурзӯр кардани назорат бо истифода бурдани технологияҳои муосири инноватсионӣ оид ба пурра хароҷотгузории воситаҳои буҷет ва баланд

кардани сатҳи самаранокии ҳамаи самтҳои даромад ва хароҷоти буҷет ба ҳисоб меравад.

Сохтори хазинадорӣ дар ***Ҷумҳурии Қирғизистон*** қисми ҷудонашавандаи Вазорати молия ба шумор меравад, ки он аз Хазинадории марказӣ ва идораҳои минтақавии он дар шаҳри Бишкек, вилоятҳо ва ноҳияҳо иборат мебошад. Хазинадорӣ дар мамлакат шаффофият ва ҳисоботдиҳии ҳамаи амалиётҳои молиявии давлатро таъмин менамояд. Хазинадорӣ шакли фонди маҷмуии Ҷумҳурии Қирғизистонро ташкил менамояд, ки ба ин фонд ҳамаи даромадҳо ва воридоти кумитаҳои ҳокимияти давлатӣ ва маҳаллӣ фиристода мешаванд. Инчунин, ҳамаи амалиётҳои ҳисоббаробаркунии ташкилотҳои давлатӣ ва маҳаллӣ тариқи Фонди маҷмуӣ иҷро карда мешаванд. Захираҳои пулии Фонди маҷмуӣ дар як суратҳисоби ҷории Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистон ҷойгир аст, ки ин суратҳисоб суратҳисоби хазинадорӣ ном дорад.

Дар ҷадвали 1 фарқияти низоми хазинадории давлатҳои Осиёи Марказӣ тавсиф дода шудааст.

**Ҷадвали 1. – Тавсифи фарқияти низоми хазинадорӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ**

| Аломатҳои фарқкунанда | Узбекистон | Қазоқистон | Қирғизистон |
|---|---|---|---|
| 1.Вобаста ба вазифаи таъминотӣ | Таъмини назорати амалии нигоҳдории интизоми пардохт | Пурра пешгӯӣ намудани андозаҳои молияи давлатӣ | Ҷамъи ҳамаи воридоти пули буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ дар асъори миллӣ ва хориҷӣ |
| 2.Вобаста ба вазифаи ташкилӣ | Ташкил ва навсозии базаи маълумоти харидҳои давлатӣ, назорати ҷараёни нархгузории харидҳои давлатӣ | Ҷамъ, коркард ва таҳлили иттилоот оид ба ҳолати молиявии давлат ва истифодаи онҳо дар идоракунии фаврӣ | Коркард ва гурӯҳбандии буҷетҳо ва суратҳисобҳо мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ |
| 3.Вобаста ба вазифаи танзимотӣ | Танзими ҳисоботи системавии ҳамаи намуди воридот дар Ҷумҳурии Узбекистон, ёрии гуманитарӣ ва воситаҳои пешравии техникӣ | Танзими корҳои ташкилӣ ва харидҳои давлатӣ | Танзими низоми бонкии Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон ва назорат оид ба ҳамаи суратҳисобҳои бонкӣ |

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст

Аз тавсифи ҷадвал бармеояд, ки ваколатҳои низоми хазинадорӣ дар давлатҳои Осиёи Марказӣ аз ваколатҳои низоми хазинадории Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқияти ҷиддӣ доранд, зеро ваколатҳое, ки кумитаи

хазинадории давлатҳои Осиёи Марказӣ доранд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ваколати Вазорати молия ва қисме аз онҳо дар ваколати Бонки миллӣ қарор доранд.

*Ин боз исботи он аст, ки вазифа, сохтор ва уҳдадориҳои хазинадорӣ гуногун буда, ваколатҳои он вобаста ба сохтори молия ва идоракунии он муайян карда мешавад.*

Инчунин, *Е.А Тамахина* ва *Т.Н. Толстих* дар мақолаи худ исбот кардаанд, ки агар низоми хазинадорӣ захираҳои молиявиро танҳо вобаста ба лоиҳаи тасдиқшудаи буҷет тақсим намояд, он гоҳ мақоми хазинадорӣ дар ин давлат пассивӣ аст. Агар низоми хазинадорӣ ҳуқуқи муайян кардани меъёри уҳдадорӣ ва пардохти хароҷотро дар асоси чорчӯбаи муайяншуда тасдиқ ва иваз намояд, он гоҳ мақоми хазинадорӣ дар ин давлат активӣ мебошад [15].

*Аз ин ҷо бармеояд, ки хазинадорӣ вобаста ба иҷроиши уҳдадорӣ ва ваколатҳои худ метавонад дар сохтори давлат нақши "активӣ" ва "пассивӣ"-ро ишғол намояд.*

Вобаста ба мақоми активӣ ва пассивӣ доштан, низоми хазинадории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави мамлакат мавқеи пассивиро дорад, зеро ваколати асосии ин мақомот иҷроиши хазинавии тамоми уҳдадории молияи давлатӣ, ки аз тарафи Вазорати молия тасдиқ шудааст, ба ҳисоб меравад. Аммо баъд аз қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хазинадорӣ" дар таҳрири нав нақш ва ваколатҳои хазинадорӣ нисбати соли аввали ташкилӣ қисман ба самти активӣ гаштани мақоми он дар сохтори молияи мамлакат нигаронда шудааст.

***Нақш ва сохтори хазинадорӣ дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ***

***Фаронса*** яке аз давлатҳои пешрафта ба ҳисоб меравад, ки низоми буҷети мамлакат гуногунсатҳ буда, фаъолияти хазинадорӣ байни Хазинадорӣ ва Дирексияи генералии ҳисоботи давлатӣ тақсим шудааст, ки он бо сифати баланди системаи маълумоти молиявӣ фарқкунанда аст. Ҳамаи захираҳои молиявӣ дар Фаронса тариқи Суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ амалӣ мешаванд. Аммо хазинадорӣ дар масъалаҳои иҷроиши амалиётҳои даромад иштирок намекунад.

Аз соли 2008 то инҷониб мақомоти хазинадорӣ дар Фаронса ҳангоми муттаҳидкунӣ бо кумитаи андоз як қатор вазифаҳои андозро низ иҷро менамояд. Инчунин, иҷроиши хароҷот, бурдани ҳисоботи молиявии ташкилотҳои давлатиро дар уҳда дорад ва молу мулки давлатро идора намуда, хизматрасониҳои экспертиро оид ба масъалаҳои иқтисодӣ пешниҳод менамояд. Айни замон дар Фаронса низоми иттилоотии молиявии давлатӣ коркард шуда, то ҳол чун системаи боэътимод ҳисобида мешавад ва дар ин система таҳияи буҷет, сабти ҳуҷҷатҳои буҷетӣ, нашри буҷетӣ ва иҷроиши буҷетӣ амалӣ карда мешаванд.

Низоми хазинадорӣ дар ***Австралия*** ҳамчун Департаменти (шуъбаи) хазинадорӣ маълум аст ва вазифаи асосии он ҷамъи даромадҳо (ғайр аз даромади беруна, зеро онро Хадамоти гумрук ҷамъ менамояд) ва сиёсати

макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, хазинадорӣ бароришн коғазҳои қиматнокро низ назорат менамояд.

Маблағҳои давлатии кишвар дар суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ марказонида шудаанд. Омода кардани буҷет, иҷроиши он, бақайдгирӣ ва баҳисобгирии даромадҳои ҷамъгардида дар Австралия ба воситаи системаи информатсионии молияи давлатӣ амалӣ мешавад, ки ин система бо истифодаи технологияҳои нав бо шуъбаи молия ва дигар шуъбаҳои давлат алоқаманд аст. Ин алоқамандӣ ва истифодабарии технологияҳои нав имконият медиҳанд, ки захираҳои давлатӣ фавран хулосабардорӣ карда шаванд. Дар қисми Департаменти хазинадорӣ Идораи андоз мавҷуд аст, ки низоми хазинадорӣ бо андозсупоранда бевосита робита намуда, тамоми пардохтҳои андозиро ҷамъ менамояд [2, с.78].

Низоми хазинадорӣ дар ***Канада*** яке аз системаҳои асосии мамлакат ба ҳисоб меравад, ки фаъолияти он мутобиқи ухдадориҳои молиявӣ ва иқтисодии мамлакат муайян карда шудааст, ба монанди ҷорӣ кардани назорати самаранокии лоиҳаҳои инвеститсионии давлатӣ; коркарди дастурҳои методӣ оид ба ҳисоботҳои федералӣ, вобаста ба нишондиҳандаҳои молиявӣ баҳогузорӣ намудани самаранокии барномаҳо ва ғайраҳо ба ҳисоб меравад.

Дар ***ИМА*** Вазорати молия, яъне хазинадорӣ қисми таркибӣ буда, қисми зиёди вазифаҳои иқтисодӣ ва молиявиро иҷро менамояд. Вазорати молия (хазинадорӣ) ҳамаи даромад ва пардохтҳоро дар суратҳисоби асосии худ назорат мебарад. Барои ҷамъи даромадҳо системаи бонкӣ истифода бурда мешавад. Вазорати молия ҳамчун иҷрокунандаи вазифаҳои хазинадорӣ доир ба барориш ва бурдани ҳисоботҳои коғазҳои қиматноки давлатӣ назорат мебарад ва масъалаҳои ҳаҷми барориш, муҳлат ва сохтори ҷойгиркуниро доир ба музоядаҳо ҳал менамояд. Яке аз хусусияти фарқкунандаи амалишавии пардохтҳо дар хазинадории ИМА ин доштани афзалият доир ба пардохти ғайринақдии маблағҳо мебошад. Бинобар ин, бо ин мақсад дар Бонки захираҳои федериалӣ, дар хазинадорӣ ва шуъбаҳо системаҳои ҳисобҳои электронии гуногун ва пардохтҳо ҷорӣ карда шудаанд. Паҳншавии масштаби ин намуди система дар гузариши маблағҳои буҷет имконияти мутамарказӣ ва оптимизатсияонии ҷараёнҳои пулӣ ва ниҳоятан кам сарфа гардидани вақти гузариши маблағҳоро таъмин менамояд.

Хазинадорӣ дар сиёсати молияи давлат ва иқтисодиёт мавқеи асосиро ишғол намуда, масъулияти аввалиндараҷаи он ташкил ва иҷроиши буҷет ба ҳисоб меравад. Инчунин, ин низом усули бурдани ҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботро мустақилона дар зиммаи худ дорад [15, с.85].

Яке аз ваколатҳои асосии хазинадорӣ дар ***Британияи Кабир*** ин пурра пешгӯӣ намудани ҳолати молиявии давлат ва пешгӯии иҷроиши буҷет ба ҳисоб меравад. Зеро хазинадорӣ доимо аз вазорату идораҳо доир ба ҳаҷми маблағҳои давлатӣ ва банақшагирии хароҷотҳо дар як моҳ ва

тафсили самти онҳо маълумот мегирад. Вобаста ба таҳлили ин маълумотҳои актуалӣ хазинадорӣ метавонад оид ба мустаҳкам ва ташкили истифодаи самараноки молияи давлат баҳогузорӣ намояд. Инчунин, ба воситаи он бо суръати тез норасоиҳоро, ки дар нақша ба назар гирифта нашудаанд, зоҳир намуда, барои ҳалли ин норасоиҳо вобаста ба сохтори иҷроиши буҷет чораҳо меандешад [8, с.256].

Ин низом бо мақсади дар ҳолати мувозинатӣ нигоҳ доштани даромад ва хароҷоти хазинадорӣ ҳар моҳ нақшаи молиявӣ таҳия ва тасдиқ менамояд, ки он бо дархости муайяни талабот вобаста ба сармоягузории кӯтоҳмуддат истифода мешавад. Инчунин, хазинадорӣ дар ин мамлакат усули бурдани баҳисобгирии муҳосибиро муқаррар намуда, ҳисоботҳои моҳона, солона ва дастурамалҳои муассисаҳои буҷетиро таҳия ва тасдиқ менамояд.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки кумитаи хазинадории Канада, Австралия, Фаронса, ИМА ва Британияи Кабир вазифаҳои асосиро иҷро мекунанд ва умуман, аз вазифаҳои хазинадории Тоҷикистон фарқияти куллӣ доранд. Низоми хазинадории давлатҳои қайдшуда ҳамчун низоми абарқудрат амалӣ гардида, тамоми молияи ин давлатҳо аз фаъолияти он вобастагӣ дорад. Зеро ин кумита пурра ба пардохпазирӣ ва шаффофияти захираҳои молиявии онҳоро таъмин менамояд.

Дар ҷадвали зерин фарқияти низоми хазинадории давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон тавсиф дода шудааст.

**Ҷадвали 2. - Аломатҳои фарқкунандаи низоми хазинадорӣ дар мамлакатҳои пешрафтаи ҷаҳон**

| № | Аломатҳои фарқкунанда | Фаронса | ИМА | Британия Кабир | Австралия | Канада |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Нақшаи иҷроиши вазифаҳои хазинадорӣ | Хазинадорӣ қисми Вазорати молия буда, фаъолияти он байни Хазинадорӣ ва Дирексияи генералии ҳисоботи давлатӣ тақсим шудааст. | Хазинадорӣ – ин Вазорати молияи давлат буда, тобеи Президент ба шумор меравад. | Хазинадорӣ – ин Вазорати молия буда, вазифаҳои он байни Департаментҳо, яъне шуъбаҳои вазорат тақсим шудааст | Хазинадорӣ ҳамчун Департаменти хазинадорӣ маълум буда, унвони вазоратро сазовор мебошад. | Қисми Вазорати молия буда, таҳти роҳбарии Президент қарор дорад |
| 2 | Мавқеи хазинадорӣ | Активӣ | Пассивӣ | Активӣ | Пассивӣ | Активӣ |
| 3 | Фаъолияти хазинадорӣ | Иҷроиши хароҷоти буҷет, бурдани ҳисоботи амалиётҳои молияи давлатӣ, коркарди | Ҷамъи даромадҳо, иҷроиши хароҷоти буҷет, бурдани ҳисоботи молиявии давлат, | Таҳияи сиёсати давлатӣ, танзими меъёрҳои ҳуқуқии соҳаи буҷет, ташкили ҳисоботи | Вазифаи асосии он ҷамъи даромад ва сиёсати макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад. | Иҷроиши хазинавии қисми буҷет ва коркарди тамоми сиёсатҳои идоракунӣ дар |

| № | Аломатҳои фарққунанда | Фаронса | ИМА | Британия Кабир | Австралия | Канада |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | актҳои ҳуқуқӣ ва меъёрии андоз, бурдани назорати корӣ дар ташкилотҳо и давлатӣ | таҳияи дастурҳои давлатӣ | молиявӣ, пешниҳоди консепсияҳо оид ба рушди бозори молиявӣ. | | идораҳои давлатӣ |
| 4 | Усули иҷроиши буҷет | Марказонид ашуда | Ғайримарказ онидашуда | Марказонида шуда | Ғайримарказонид ашуда | Марказонид ашуда |
| 5 | Иҷроиши буҷет-хароҷотҳо | Мутобиқи супоришном аҳои пардохтӣ, ки тавассути интиқолҳои электронӣ бо истифодаба рии техникаю технологияҳ ои нав иҷро мешаванд | Мутобиқи дархости буҷетгиранда гон, дар сифати пардохт, чек ва интиқолҳои электронӣ истифода бурда мешавад | Мутобиқи супориши Департаментҳ о тавассути интиқолҳои электронӣ пардохт менамояд. | Мутобиқи дархости буҷетгиранда, тавассути меъёри ҳуқуқӣ оид ба қабули ӯҳдадорӣ ва роҳҳои санҷиши истифодабарии он | Мутобиқи супоришҳои пардохтӣ, ки бо сифати баланди интиқоли электронӣ пардохт мешавад |

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст

Аз ин ҷо бармеояд, ки хазинадорӣ дар давлатҳои пешрафта чун мақомоти молиявӣ ҳамаи ваколатҳои молиявии давлатиро иҷро менамояд. Яъне, ин мақомот дар ин давлатҳо ҳамчун низоми чандир эътирофшудаест, ки бевосита амалиётҳои дар ҷараёни иҷроиши уҳдадорӣ бавуҷудомадаро фавран коркард намуда, бевосита пардохтпазирии давлатро таъмин менамояд.

Дар ҳамаи ин давлатҳои омӯхташуда иҷроиши тамоми хароҷотҳои молиявии давлат тариқи Суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ, фондҳои мақсадноки маҷмуӣ ва дигар суратҳисобҳои махсус ташкилшуда амалӣ мешаванд.

Дар ҷадвали 3 низоми гурӯҳбандии мутамарказонидашудаи воситаҳои молиявии давлатӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 3. - Низоми мутамарказонидани воситаҳо дар хазинадории мамлакатҳои хориҷа**

| № | Номи давлатҳо | Мутамарказонидани маблағҳо дар: |
|---|---|---|
| 1 | Қазоқистон | Суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ |
| 2 | Узбекистон | Суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ |
| 3 | Қирғизистон | Фонди маҷмуӣ |
| 4 | Фаронса | Суратҳисоби ягона, суратҳисоби минтақавӣ |
| 5 | Австралия | Суратҳисоби ягона |
| 6 | Канада | Суратҳисоби ягона |

| | | |
|---|---|---|
| 7 | ИМА | Суратҳисоби ягонаи хазинадорӣ, андозӣ ва ҳисобҳои қарзӣ |
| 8 | Британияи Кабир | Суратҳисоби ягона |

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст

Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи байналмилалии идоракунии низоми хазинадорӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтор, нақш, вазифа, уҳдадорӣ ва ваколатҳои хазинадорӣ гуногун буда, иҷроиши амалиётҳои он вобаста ба сохтори молияи давлатҳо муайян ва ташкил карда шудааст. Низоми иҷроиши хазинавии ин мамлакатҳои омӯхташуда гуногун буда, аз методикаи хоси молиявии махсус ташкилшудаи худ истифода мебаранд. Вобаста ба ин, ҳангоми таҳлил ва омӯзиши таҷрибаи байналмилалии низоми хазинадорӣ самтҳои асосии рушд ва такмили низоми хазинадории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шуд, ки он дар ҷадвали зерин инъикос карда шудааст.

**Ҷадвали 4. - Самтҳои асосии пешрафти низоми хазинадории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси таҷрибаи байналмилалии идоракунии низоми хазинадорӣ**

| Самтҳои асосии пешрафт | Таҷрибаи хоси пешниҳодшудаи вобаста аз мамлакатҳои омӯхташуда | Моҳияти асосии консепсияи пешниҳодшуда |
|---|---|---|
| Вобаста ба низоми модернизатсия ва автоматизатсия | Қазоқистон | Ҳангоми пурра модернизатсия ва автоматикунонии низом, хазинадории ин мамлакат бо ҷараёни прогрессӣ рушд карда истодааст. |
| Доир ба ҷамъи даромади буҷетӣ | Австралия | Низоми хазинадории ин мамлакат бевосита бо андозсупорандагон робита дорад, ки ин робита сари вақт мутобиқи нақша ҷамъ гардидани даромад ва иҷро намудани хароҷоти буҷетиро таъмин менамояд. Дар низоми хазинадории ҶТ ин уҳдадорӣ ба зиммаи Кумитаи андоз аст. |
| Вобаста ба таҳлили низоми иттилоотӣ | Фаронса | Ҳангоми таҳияи низоми махсуси иттилоотӣ ин мамлакат ба натиҷаи баланди коркарди маълумот ноил гаштааст, зеро коркард ва гирифтани маълумот оид ба амалиёт байни соҳаҳои молиявӣ – як рӯзро дар бар мегирад. Маълумоти муфассал бошад, дар муддати ҳафта дастрас карда мешавад. |
| Вобаста ба қабул ва иҷроиши нақша ва дастурамал | Британия Кабир | Низоми хазинадории ин малакат ҳар моҳ нақшаи молиявӣ таҳия ва баррасӣ менамояд, ки иҷроиши он аз сармоягузории кӯтоҳмуддат иборат буда, вобаста ба талаботи муайян истифода бурда мешавад. |

| | | |
|---|---|---|
| Вобаста ба такмил ва устувории фаъолияти хазинадорӣ | ИМА | Фаъолияти хазинадорӣ дар ин мамлакат гуногун буда, тамоми вазифаҳои иқтисодӣ ва молиявиро сари вақт мутобиқи нақша иҷро менамояд. Он чун сохтори асосӣ қисми зиёди сохторҳои молиявиро ҳамчун зертобеъ идора мекунад. Ба монанди Идораи андоз ва Гумрук, ки як қисми сохтори хазинадорӣ ҳисобида мешаванд. |
| Вобаста ба иҷроиши буҷет | Британияи Кабир | Низоми хазинадории ин мамлакат мустақилона бе дахолати молия тамоми вазифа ва уҳдадориҳои буҷетиро иҷро менамояд, яъне аз қабули кадрҳо то зинаи иҷроиши буҷет |
| Вобаста ба усули ҷорӣ кардани баҳисобгирии муҳосибӣ | Британияи Кабир ва ИМА | Низоми хазинадории ин мамлакатҳо пурра усули баҳисобгирии муҳосибиро муайян ва иҷро намуда, ҳисоботи моҳона, солона, ва дастурамалҳои муассисаҳои буҷетиро таҳия намуда, нашри онҳоро ба зимма дорад. Инчунин, ведомостҳои солонаро таҳлил намуда, натиҷаҳои муайяни ноилшударо пешниҳод менамояд. |

Сарчашма: Аз тарафи муаллиф тартиб дода шудааст

Ҳамин тариқ, ин омилҳои пешниҳодшуда метавонанд проблемаҳое, ки дар низоми хазинадории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуданд, ҳал намуда, барои такмил ва пешрафти фаъолияти хазинадории мамлакат ва баланд гардидани сатҳи иҷроиш ва шаффофияти он замина гузоранд.

## АДАБИЁТ

1. Беспалов М. В. Система контроллинга в органах Федерального казначейства: понятия, виды контроля, механизм проведения контрольных мероприятий / М.В. Беспалов // Бухгалтерский учет в бюджетных и некоммерческих организациях. - 2013. - №20. - С.23-32.
2. Бессонов В.В. Опыт организации казначейского исполнения бюджетов в зарубежных странах // Финансы и кредит. - 2005. - №31 (199). - С.77-84. [электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/opyt-organizatsii-kaznacheyskogo-ispolneniya-byudzhetov-v-zarubezhnyh-stranah (дата обращения: 23.09.2022).
3. Бобоев М.У. Ҳолати муосир ва дурнамои рушди низоми хазинадории Ҷумҳурии Тоҷикистон /М.У. Бобоев, Н.А. Акбарова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - №8. - С.217-224.
4. Богославцева Л.В. Стратегические цели развития казначейства: объективная необходимость, преимущества и проблемы их реализации // Финансы и кредит. - 2013. - №41 (569). - С.33-41 [электронный ресурс].URL: https://cyberleninka.ru/article/n/strategicheskie-tseli-razvitiya-kaznacheystva-obektivnaya-neobhodimost-preimuschestva-i-problemy-ih-realizatsii-1 (дата обращения: 20.09.2022).

5. Бурцева А.Г. Роль органов Федерального казначейства в повышении качества управления расходными обязательствами публично-правовых образований /А.Г. Бурцева // Финансовые исследования. - 2015. - №2 (47). - С.82-87.
6. Быкова, Н.Н. Казначейское дело: электронное учебное пособие / Н.Н. Быкова. – Тольятти: Изд-во ТГУ, 2017. – 112с.
7. Дроздов О.И. Международный опыт казначейского управления государственными финансовыми ресурсами // Финансы и кредит. - 2007. - №38 - (278). - С.79-82 [электронный ресурс]URL: https://cyberleninka.ru/article/n/mezhdunarodnyy-opyt-kaznacheyskogo-upravleniya-gosudarstvennymi-finansovymi-resursami (дата обращения: 20.09.2022).
8. Егорова Ю.А. Модели организации казначейской системы исполнения бюджета в зарубежных странах // Вестник БГУ. - 2012. - №3 (2). - С.255-259. [электронный ресурс]URL: https://cyberleninka.ru/article/n/modeli-organizatsii-kaznacheyskoy-sistemy-ispolneniya-byudzheta-v-zarubezhnyh-stranah (дата обращения: 25.08.2022).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хазинадорӣ” аз 2 январи соли 2020, № 1674
10. Махонина И.Н. Новые приоритеты развития финансово-контрольной системы социально-экономической сферы государства: экономико-правовой аспект /И.Н. Махонина, Р.В. Махонин // Вестник ТГУ. - 2013. - №4 (120). - С. 189-196.
11. Нақшаи стратегии Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (СРХМ ВМ ҶТ) барои солҳои 2011-2016 [манбаи электронӣ]. – URL: http//minfin.tj/index.php?do=static&page=reform (санаи муроҷиат: 12.04.2022)
12. Низомномаи Сарраёсати хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии он аз 14 августи соли 2008, № 61
13. Саранцев В.Н. Казначейская система исполнения бюджетов: организационная модель и перспективы /В.Н. Саранцев // Вестник Московского университета имени С.Ю. Витте. Серия 1: Экономика и управление. - 2016. - №3 (18). - С.15-19.
14. Стецюнич Ю.Н. Роль казначейства в бюджетной системе региона // Экономика нового мира. - 2017. - №1 (5). - С.83-99 [электронный ресурс]URL: https://cyberleninka.ru/article/n/rol-kaznacheystva-v-byudzhetnoy-sisteme-regiona (дата обращения: 28.06.2022).
15. Тамахина Е.А., Толстых Т.Н. Модели организации казначейств в ведущих странах мира // Вестник ТГУ. - 2008. - №2. - С.1-6 [электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/modeli-organizatsii-kaznacheystv-v-veduschih-stranah-mira (дата обращения: 22.07.2022).
16. Федорова А.Ю., Степичева О.А. Казначейский контроль: проблемы и перспективы развития // Социально-экономические явления и процессы. - 2011. - №10. - С.195-205 [электронный ресурс]. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/kaznacheyskiy-kontrol-problemy-i-perspektivy-razvitiya (дата обращения: 25.07.2022).

**УДК: 338.2**

# РУШДИ РАВАНДҲОИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАЪСИРРАСОНИИ ОН БА БОЗОРИ МЕҲНАТ

***Шералии Саидалӣ*** *– ассистенти кафедраи фаъолияти биржавии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14. E-mail: sheralii-19922@mail.ru. Тел.: (992) 98-762-63-62.*

***Соҳибова Шаҳноза Бурҳоновна*** *- ассистенти кафедраи менеҷменти соҳавии Коллеҷи кӯҳӣ-металлургии ба номи С. Юсупова дар назди Донишкадаи куҳӣ-металлургии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Сурога: 734036, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 52/1. E-mail: loruanfa@mail.ru. Тел.: (992) 93-444-41-42.*

